# ШАХСИЯТИ МУСУЛМОН



Муҳаммад Алӣ
ал-Ҳошимӣ

Муҳаммад Алӣ ал - Ҳошимӣ

# ШАХСИЯТИ МУСУЛМОН

## дар асоси Қуръон ва суннат

*Шӯрои илмию машваратии*
*Кумитаи оид ба корҳои дини назди*
*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ба чоп тавсия кардааст*

Китоби мазкур ба қалами олими машҳури араб Муҳаммад Алӣ ал - Ҳошимӣ таъаллуқ дошта, бори аввал ба шахсияти воқеии мӯътақидони дини мубини ислом дар такя бар «Қуръони Шариф» ва ҳадисҳои пайғамбари Худо Муҳаммад (с) барои хонанда пешкаш мегардад.

Китоб ба доираи васеъи хонандагон пешкаш мешавад.

**Номи китоб:** Шахсияти мусулмон.
**Муаллиф:** Муҳаммад Алӣ ал - Ҳошимӣ.
**Муҳаррир ва масъули чоп:** Фахриддини Холбек.
**Саҳифабанд:** Фатҳиддини Ҷумъа.
**Ҳуруфчин:** Аслиддини Ҷумъа.
**Макони чоп:** шаҳри Душанбе, нашриёти «Нодир».
**Соли чоп:** 2003.
**Теъдоди нашр:** 500 нусха.

© Нашриёти «Нодир»

*Ба номи Аллоҳи Бахшандаю Меҳрубон!*

**Ё Аллоҳ, Туро ҳамду сано мегӯям, аз Ту ёрӣ металабам ва дуо мекунам, ки Ту маро ба роҳи рост ҳидоят намоӣ ва аз Ту талаб дорам, ки Расули акрами Худро, хонадони ӯро, саҳобагони ӯро ва ҳамаи касонеро, ки то Рӯзи Қиёмат пайрави онҳо буданду ҳастанд, баракат диҳию дуруд фиристӣ!**

# САРСУХАН

Инак, зиёда аз даҳ сол мешавад, ки ҳушу ёди маро масъалаи рӯшанӣ андохтан ба шахсияти мусалмон аз нуқтаи назари ислом ба худ машғул медорад. Ин хоҳиш дар ман вақте пайдо шуд, ки дар коре беэҳтиётӣ зоҳир намудан ва дар коре ба хато роҳ додани мусулмонони зиёдеро мушоҳида кардам. Ба дигар маънӣ, пай бурдам, ки эшон ба як чиз бештар эътибор дода, нисбат ба чизи дигар аз ҳад зиёд саҳлангорӣ мекунанд. Масалан, мебинӣ, ки шахсе ба Аллоҳ итоаткориву тобеъият зоҳир менамояд, вале барои нигоҳ доштани пайванди хешутаборӣ бо наздикони худ камтар эътибор медиҳад. Ё шоҳид мешавӣ, ки ӯ ба тоату ибодат машғул буда, ба дониш андӯхтан саъю талош дорад, аммо ба кори тарбияти фарзандонаш ба таври бояду шояд эътибор намедиҳад, барои вай чӣ хондан ва бо кӣ дӯстӣ доштани фарзандонаш аҳамият надорад. Ё шахсе ба тарбияти онҳо машғул аст, лекин нисбат ба волидонаш беитоатӣ ва хунукназарӣ зоҳир мекунад. Ё мебинӣ, ки фармонбардори волидонаш аст, аммо ҳамсари худро озор медиҳад, бо ӯ муомилаи бад дорад. Ё вай бо ҳамсарашу фарзандонаш хуб муносибат мекунад, вале муносибати ӯ бо ҳамсоягонаш ончунон нест, ки хуб гуфта тавонӣ. Ё ин шахс он қадар ба кору бори худ ва ба он чӣ ки маҳз ӯро манфиат мебахшад, банд аст, ки барои робита пайдо кардан бо ҷамъият фурсат намеёбад, ӯро зиндагии мусалмонон заррае ба ташвиш намеоварад. Ва ниҳоят, шоҳид мешавӣ, ки ӯ ба дини худ эътиқоди қатъӣ дорад, вале нишондодҳои исломро вобаста ба одоби салом, хӯрдану ошомидан, муносибату муомила ду-

руст риоя намекунад ва ҳоказо.

Хоҳиши ман барои нишон додани шахсияти мусалмон аз нуқтаи назари ислом маро водор сохт, то ба талқини навиштаҷоте машғул бошам, ки дар роҳнамоӣ ба ташаккули инсон бахшида шудаанд. Мақсади ман ин аст, ки тадқиқоти ҳамаҷонибаю ҳамафарогирандеро барои мусалмонон пешкаш намоям. Тадқиқотеро, ки ба мусалмонон чигунагии ин шахсиятро тавонад исбот кунад ва хислатҳои хос, одатҳо ва ахлоқу одоби ӯро махсус қайд намояд. Чунин тадқиқот барои шахсоне, ки дар баъзе масъалаҳо ба хато роҳ медиҳанд, метавонад роҳнамои хубе бошад, онҳо тавассути ин раҳнамо метавонанд, қуллаҳои баландро фатҳ намоянд, қуллаҳоеро, ки эшонро ба он ҷо диншон ҳидоят мекунад.

Маро ба даҳшат овард он чиз, ки миёни он чӣ ислом ба мусалмонон мехоҳад ва он чӣ онҳо барои худ мехоҳанд, ба истиснои баъзе нуктаҳо, тавофути басо бузургест. Ин истисноии андак, онҳое мебошанд, ки нуқтаи назари дуруст доранд, исломро ба таври бояду шояд тарғиб мекунанд, соҳиби дилу ният поку рӯҳи баланд мебошанд, ба дини худ садоқату ихлос ва муҳаббати ҳақиқӣ доранд ва барои он талош варзида, аз дигарон фарқ мекунанд. Онҳо ташнагии худро аз чашмаи софи ин дин шикаста, ҳар рӯз аз дастуроти наҷиби он ягон чизи нав ба худ мегиранд.

Ҳар шахсе, ки имконият дорад бо он чӣ, ки Аллоҳ ва Расули Ӯ (салаллоху алайхи васаллам) мардумро тибқи Китоби Аллоҳ ва ҳадисҳои Расулаш роҳнамоӣ мекунанд, шинос шавад, аз пурмазмунии ин дастурот, ҳамчунин аз он каму беше, ки ин дастурот дар худ ғунҷоиш дода, инсонро ба Парвардигораш, бо рӯҳаш ва бо одамони атрофаш мепайванданд, дар тааҷҷуб мемонад. Ва ин ҳама шахсияти мусалмонро бо тамоми гуногунии зуҳуроташ муайян мекунад, ташаккул медиҳад ва ба вуҷуд меорад, ӯро барои он ки зиндагии шахсию ҷамъиятиаш намунавор бигзарад, омода мекунад. Дар ин фармоишот инсони мӯътақиди ислом буда, ҳамчун узви қуллаҳои баланди камолоташро фатҳнамудаи ҷамъият қарор мегирад. Онҳо ӯро маҳз бо ҳамин чиз раҳнамоӣ мекунанд. Тору пуди инсон он гоҳ аз хислатҳои ҳамидае иборат хоҳад шуд, ки дар оятҳои Қуръони Маҷид ва ҳадисҳои поки суннати

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) зикр карда шудаанд. Ояту ҳадисҳо ин хислатҳои наҷибро зебу зинати худ қарор дода, динеро ба вуҷуд овардаанд, ки барои ба он дин расидан инсонро ба кӯшишу талош кардан водор месозанд ва бо шарофати ин дин инсон ба муҳокимаи Парвардигори худ метавонад умедвор бошад.

Ман ин фармоишотро аз Китоби Аллоҳу суннатҳои Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҷамъ оварда, ба бобҳою мавзӯъҳо ҷудо намудам ва чун ин кор ба анҷом расид, роҳҳои асосии ин тадқиқот муайян шуданд. Онҳоро ман чунин қисмат кардам:

1. **Мусалмон бо Парвардигори худ.**
2. **Мусалмон бо худии худ.**
3. **Мусалмон бо волидонаш.**
4. **Мусалмон бо ҳамсари худ.**
5. **Мусалмон бо фарзандони худ.**
6. **Мусалмон бо хешовандону наздикони худ.**
7. **Мусалмон бо ҳамсояҳои худ.**
8. **Мусалмон бо бародарон ва дӯстони худ.**
9. **Мусалмон бо ҷамъияти худ.**

Ҳангоми омӯхтани ин матнҳо ва андеша кардан аз хусуси наҷибию дуруст будани фармоишоте, ки ин матнҳо фаро гирифтаанд, ман боварӣ ҳосил кардам, ки марҳамати нисбат ба бандагонаш зоҳиркунандаи Аллоҳ дар ҳақиқат зиёд аст, зеро Ӯ бандагонашро аз вартаи гумроҳӣ берун оварда, ба роҳи рост ҳидоят намудааст. Ба ғайр аз ин, Вай ба назди онҳо расулони Худро фиристода, амру қонунҳояшро нозил намудааст, то мардум пайваста дар роҳи рост бошанду гумроҳ намонанд ва дар торикӣ сарсон нашаванду дар ҷаҳолат вомонда набошанд.

Ман боварӣ ҳосил кардам, ки инсон ба нишондоди дуруcту тарбия ниёз дорад, то мувофиқи табиати инсонии худ амал карда тавонад, то тибқи барномаи бузург, ки барои ӯ Аллоҳ тартиб додааст, амал карда тавонад. Оне, ки аз ин дастуроти наҷиби ба роҳи рост раҳнамокунанда маҳрум аст, хоҳ ноҳоҳ гаштаву баргашта дар лойдони худхоҳӣ, худбинӣ ва зарар расонидан ба мардум вомонда, дар ботлохи кинаю адовати ниҳонӣ, нафрат, дигаронро ба манфиати ғаразноки худ истифода бурдан, ҳукм-

ронӣ бар онҳо, фишороварӣ ва ҳамин гуна одатҳои баду ахлоқи пурнуқсон овора мешаванд.

Исботи ин гуфтаҳо кори кӯдаке мисол шуда метавонад, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад то ба волидонаш ҳақ будану дурустии рафтору бартарии худро дар баробари бародаронаш исбот кунад. Вай бо тамоми қувва кӯшиш мекунад, ки аз ин ҳама сифатҳо маҳрум будани бародарашро нишон диҳаду ба худ хос будани ин сифатҳоро исбот намояд. Кӯдак бо ин рафтораш бартарии худро собит кардан мехоҳад ва ба исбот мерасонад, ки табиатан ба он ки дар ҳама чиз бар бародари худ бартарӣ дорад, мутаваҷҷеҳ аст.

Хуллас, ин хислат инсонро аз азал хос аст ва бо шарофати он вай дар зиндагӣ устувор шуда, дар ин ҷаҳон комёбиҳо ба даст меорад, ба шарте ки ин хислат аз ҳадди худ нагузарад. Ин чунин маънӣ дорад, ки хислат инсонро барои зоҳир намудани асрори ниҳонии худ ва хубу хайри беҳтарине, ки соҳиб аст, водор месозад. Азбаски ин хубию хайр бо моҳияти аслии инсон алоқаманд мебошад, инсон эҳсоси қаноатмандӣ мекунад ва ин эҳсос қалби ӯро лабрез намуда, барои онро ба дигарон бештар бахшидан раҳнамун месозад.

Аммо агар хислати мазкур дар ин масъала аз ҳад ифрот кунад, ба як нуқсони хатарнок табдил меёбад. Дар натиҷа инсони ба ин дард мубтало гардида, худхоҳу сохтаном мешавад ва дар назди одамони мисли худ худнамоию такаббур карда, аз хислатҳо ва хидматҳое маҳрум шуда, дур мемонад, ки барои онҳо талош меварзад.

Дар ин гуна мавридҳо арзишҳои динӣ, тарбияту ахлоқи ҳамида ҳамчун воситаи пешгирикунӣ аз ин маризӣ, афзудани шӯҳратпарастӣ зуҳур намуда, ӯро ба қаноатмандӣ, ақлу фаросат ва хоксорӣ раҳнамо мешаванд.

Дин сарчашмаи пуробест, ки аз он ҳама гуна хислати накӯ дар ин зиндагӣ баҳравар мешавад. Арзишҳои аслӣ, одатҳои хуб ва тарзу тариқи амал кардан мазмуни қоидаҳои тарбиятро дар бар гирифта, моҳияти ҳама чизе мебошанд, ки асосҳои ахлоқ ба онҳо ишора мекунанд ва аз қаъри асрҳо гузашта то ба одамон расонида шудаанд. Онҳо аз ин сарчашмаи пуроби илоҳӣ ибтидо гирифтаанд.

Тарзи зиндагии одамон возеҳ нишон медиҳад, ки онҳо бештар ба афтодану фиреб кардан наздиктаранд, на ба боло рафтану бемайлон роҳ паймудан, зеро афтодан назар ба боло баромадан ва фирор кардан назар ба чизеро белағзиш устувор нигоҳ доштан ҳамеша осонтар аст. Маҳз аз ин сабаб вақте қалбҳои одамон хоболуд мешаванду аз роҳи рост берун мераванд, ҳатман зарурат ба як чизе пеш меояд, ки бароящон ҳар гоҳ омил буда тавонад.

Аз ин рӯ, мутафаккирон ва ашхоси соҳибқаламро зарур аст, то аз хусуси арзишҳои волои дин бештар нависанд ва бо одамон аз ин хусус дар шакли дастрасу оддӣ қисса кунанд, ба онҳо фаҳмонанд, ки Аллоҳ ба онҳо дарки чӣ гуна як ахлоқи олию покро дар ин зиндагӣ таманно кардааст, то зиндагиашон зебою фараҳбахшу гуворо бошад.

Ҳар оина, Аллоҳ ин динро, ки аз ҳафт қабати осмон болотар мебошад, барои он нозил накардааст, ки ба назария табдил ёфта, муҳокимааш ақлҳоро ҳаловат бахшад ва барои он низ нозил накард, ки вай маҷмӯи калимоти муқаддас бошаду одамон ба чӣ ҳидоят кардани онро нафаҳмида, моҳияти онро дарнаёфта, бо мақсади фотиҳа гирифтан ба забон оваранд. Аллоҳ онро фақат барои он нозил кард, ки тавассути ин дин зиндагии ҳар як инсонро идора кунад, зиндагии оиларо ба тартиб оварад ва ҳаёти ҷамъиятро роҳнамою роҳбар бошад, ҳамчунин ин дин чароғе бошад, ки роҳи одамонро равшан карда, онҳоро аз торикӣ ба рӯшноӣ барорад:

﴿قَدْ جَآءَكُم مِّنَ ٱللَّهِ نُورٌ وَكِتَٰبٌ مُّبِينٌ ﴿١٥﴾ يَهْدِى بِهِ ٱللَّهُ مَنِ ٱتَّبَعَ رِضْوَٰنَهُۥ سُبُلَ ٱلسَّلَٰمِ وَيُخْرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ بِإِذْنِهِۦ وَيَهْدِيهِمْ إِلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ﴾

*﴿... аз ҷониби Аллоҳ нуре ва китобе сареҳу ошкор бар шумо нозил шудааст, то Аллоҳ ба он ҳар касро, ки дар паи хушнудии Ӯст, ба роҳҳои саломат ҳидоят кунад ва ба фармони худ аз торикӣ ба рӯшноияшон бубарад ва ононро ба роҳи рост ҳидоят кунад.﴾*

**"Моида", 15-16.**

Дар паноҳи ин гуна дастур зиндагӣ зебою гуворо шуда, ба одамон ҳаловат мебахшад, аммо қадами аввал дар чунин зиндагӣ ташаккул ёфтани шахсияти мусалмон бояд бошад, ки дар он манзараи дурахшони ислом таҷассум ёфта тавонад. Ин чиз ба одамон имконият хоҳад дод, ки аз хусуси моҳияти аслии ислом ҳукм кунанд ва ба шарофати он имони эшон қавӣ шуда, ин динро писанданд.

Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи васаллам) дар оғози даъвати худ маҳз ҳамин корро кард, қадами аввали ӯ дар роҳи тӯлонии ислом тарбияти мардуме буд, ки худ тимсоли зиндаи ин дин ҳисоб меёфтанд. Ва он мардум пероҳани зиндаи Қуръоне буданд, ки дар рӯи замин қадам зада, дар ҳама ҷой онро густариш медоданд. Дигарон дар симои онҳо тимсоли бемислу монанди тарзи зиндагии дурусти инсониро медиданд. Онҳо дар мӯъмини воқеъӣ таҷассум ёфтани ин чизро дида, гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ дохил мешуданд.

Имрӯз инсоният, қабл аз ҳама мусулмонон, барои эҳёи чунин тарзи зиндагии намунавӣ ниёз доранд, зеро фақат ҳамин чиз метавонад, ки ин зиндагиро гуворо созад, фақат бо шарофати мавҷуд будани ҳамин чиз арзишҳои аслии инсонӣ бартарӣ меёбанд ва фақат дар он моҳияти аслии ислом таҷассуми худро дармеёбад.

Намунаи нотакрору бемонанди инсон аз чӣ чиз иборат аст? Ба ин суол хонанда дар саҳифаҳои ин китоб ҷавоб пайдо хоҳад кард.

Ва ман аз Аллоҳ таманно мекунам, ки Ӯ ин заҳмати маро, ки фақат барои дарёфтани ризоияти Вай эҷод шудааст, қабул фармояд, онро барои манфиати мардум мавриди истифода қарор бидиҳад ва дар Рӯзи Қиёмат, дар Рӯзе, ки на сарват, на фарзандон, ба ҷуз онҳое, ки дар баробари Аллоҳ бо қалби пок қарор мегиранд, манфиат намебахшанд, ин заҳматро барои ман навишта гардонад.

*Риёз, 27 моҳи ҷимоюдилохири 1401 ҳ.қ.*
*соли 1 маи с. 1981 мелодӣ*
**МУҲАММАД АЛӢ АЛ-ҲОШИМӢ**

# 1

# МУСАЛМОН БО ПАРВАРДИГОРИ ХУД

## Мӯъмини бофаросат

Ислом аз мусалмон қабл аз ҳама талаб мекунад, ки вай соҳиби имони ҳақиқӣ бошад, бо Аллоҳ ҳамеша робитаи қавӣ бигирад, пайваста Ӯро ёд кунад ва аз Ӯ умедвор бошад, аз Ӯ мадад пурсаду воситаҳои ба мақсад расиданро мустақилона пайдо намояд, аммо дар айни замон дар қаъри дил эҳсос кунад, ки ҳар қадар нерӯи худро ба харҷ надиҳад ва аз чӣ воситаҳое истифода накунад, боз ҳам ба қудрату кӯмаку дастгирии Аллоҳ ниёз дорад.

Қалби мусалмони содиқ зинда мемонад ва шуураш равшан аст. Вай ҳашамати он чиро, ки Аллоҳ дар Коинот офаридааст, пай мебарад ва боварии худро нисбати он ки Аллоҳ ҷараёни ҳодисотро дар ҳама олам пинҳонӣ дуруст ва амали инсонҳоро идора мекунад, аз даст намедиҳад. Аз ин сабаб, ӯ Аллоҳро пайваста ёд карда, дар ҳар зуҳуроти ин зиндагӣ ва дар ҳар ҳодисаи рӯзгор нақши бемаҳдуду бузурги Ӯро мебинад ва дар натиҷа ба Аллоҳ боз бештар имон меовараду бештар ба Ӯ умед мебандад.

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ ﴿١٩٠﴾ الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللَّهَ قِيَامًا وَقُعُودًا وَعَلَىٰ جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ رَبَّنَا مَا خَلَقْتَ هَٰذَا بَاطِلًا سُبْحَانَكَ فَقِنَا عَذَابَ النَّارِ . . .﴾

***﴿Ба дурустӣ, ки аз офарида шудани осмонҳову замин ва бадал шудани рӯзу шаб хирадмандон ибрат мегиранд, онҳое, ки Худоро истодаву нишаста ва ба паҳлӯ хуфта ёд мекунанд, аз хусуси офарида шудани осмонҳо ва замин меандешанд (ва мегӯянд): "Эй Парвардигори мо, Ту ин ҷаҳонро беҳуда наофаридаӣ! Ту муназзаҳӣ! Моро аз азоби оташи дӯзах нигаҳ дор!﴾***

**"Оли Имрон", 190 – 191.**

## Вай ба фармудаи Парвардигори
## худ итоат мекунад

Мусалмони ҳақиқӣ ба тамоми амру фармоишоти Аллоҳ ҳатман бояд итоат кунад, фармонбардору мувофиқ бошад, аҳкоми Ӯро ҳаргиз вайрон накунад, ба амри Ӯ тобеъ бошад, агарчӣ онҳо бо хоҳишҳои вай мувофиқ набошанд ва ба нишондоди Ӯ мутеъ гардад, агарчӣ онҳо бо ҳолати вай мувофиқ намеоянд. Чунин аст расми фармонбардориву итоат ба иродаи Аллоҳ ва расули Ӯ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ки дар ҳар амали хурду бузург бечунучаро ва шарту шароит ба ҷо оварда мешавад. Ҳудуди имони мусалмон низ ҳамин аст. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«لا يُؤْمِنُ أحَدُكُمْ حتى يكونَ هَواهُ تَبَعاً لِما جِئْتُ به»

***"Ҳеҷ кадом аз шумо, то замоне, ки хоҳишҳояш бо он чӣ (рисолате), ки бо он ман омадаам, мувофиқ наояд, имон намеоварад."***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – Арбаин**

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا﴾

***﴿Не, савганд ба Парвардигорат, ки онҳо то замоне, ки туро барои издиҳом миёни худ довар қарор надиҳанд, имон намеоваранд ва баъд, аз ҳукме, ки ту медиҳӣ, онҳо нохушнуд намешаванд ва саросар таслим мегарданд.﴾***

**"Нисо", 65.**

Ин ҷо сухан аз хусуси пурра ва комилан итоат кардан ба ҳукми Аллоҳ ва Фиристодаи Ӯ (салаллоҳу алайҳи васаллам) меравад, зеро бе ин чиз на имон хоҳад буд, на ислом. Бино бар ин дар зиндагии мусалмони ҳақиқӣ ба чунин чизҳо, мисли дур рафтан аз фармоишоти Аллоҳ ва калавидан дар иҷрои дастуроти Расули Ӯ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҷой нест, новобаста аз он ки ин ба худи мусалмон ё аҳли оилаи ӯ ва дигар одамон, ки вай бояд раҳнамоӣ кунад ва барои онҳо масъулияте ба зимма дорад, ё ба онҳое низ, ки ба ину он баҳона зердастони ӯ ҳисоб меёбанд, дахл дорад ё надорад.

## Вай дар назди ҳамқавмони худ масъулият эҳсос мекунад

Ин сухан чунин тафсир карда мешавад, ки агар ягон узви хонадони мусалмон нисбат ба иродаи Аллоҳ ва расули Ӯ (салаллоҳу алайҳи васаллам) хатое содир кунад, масъулияти ин хато бар дӯши сардори хонадон вогузошта мешавад, зеро Расули Аллоҳ гуфтааст:

«كُلُّكُمْ راعٍ ، وكُلُّكُمْ مَسْؤُولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ. . .»

***"Ҳар кадоми шумо шӯбон мебошед ва ҳар кадоми шумо барои рамаи худ ҷавоб мегӯед..."***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим**

Ҳангоме ки ягон узви хонадони мусалмони асил гуноҳе содир мекунад, масъулияте, ки ӯ - сардори хонавода эҳсос менамояд, ӯро водор месозад, ки дар вуҷуди худ як дарди ҷонкоҳ дарк намояд ва ин дард онҷунон тоқатнопазир хоҳад буд, ки ӯ ҳамоно барои барҳам задани сабабҳои зуҳури он гуноҳ мешитобад. Аммо он кас, ки аз чизи бо ин масъулият алоқаманд сарфи назар мекунад ва хомӯшӣ ихтиёр менамояд, имону динаш заиф буда, ҷасорат надорад.

## Вай аз қазову қадари Аллоҳ розӣ мебошад

Мусалмони асил аз қазову қадари Аллоҳ ҳамеша розӣ мебошад ва ҳадисеро фаромӯш намекунад, ки дар он фиристодаи Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«عَجَباً لأمْرِ المُسْلِمِ! إنَّ أمْرَهُ كُلَّهُ خَيْرٌ، إنْ أصابَتْهُ سَرَّاءُ شَكَرَ، فكانَ خَيْراً لَهُ، وإنْ أصابَتْهُ ضَرَّاءُ صَبَرَ فكانَ خَيْراً لَهُ»

***"Аҷиб аст ҳолати мусалмон! Дар ҳақиқат, ҳама чиз барои вай манфиатбахш мебошад, зеро агар бо вай ягон хушнудӣ рух диҳад, шукри Аллоҳро ба ҷо меоварад ва ин ба ӯ манфиат мебахшад, агар мусибате бар сараш ояд, ҳамчунин сабр мекунад ва ин ҳам барои вай ба манфиат табдил меёбад".***

**Ал – Бухорӣ**

Ризоияти мусалмони асил дар боварии комил доштани ӯ ба қазову қадари Аллоҳ, ки яке аз аҳкоми имон маҳсуб мешавад,

ифода меёбад ва ӯ бовар дорад, ки аз он чӣ дар ин зиндагӣ ба сараш меояд, ҷои гурез нест, зеро ин қаблан тақдир шуда буд ва аз ин сабаб вай наметавонист онро дур афканад. Ҳамчунин вай бовар дорад, ки ба қазову қадари Аллоҳ розӣ буданаш сабаб мешавад, то Аллоҳ ӯро саховатмандона бо мукофоте сарфароз гардонад ва ӯро дар қатори бандагони содиқу сазовори худ қайд намояд.

Ана барои чӣ дар вазъияти чунин мусулмон ҳама чиз манфиатбахш метавонад бошад, зеро агар бо ӯ ягон хушнудӣ рух диҳад, забонаш бетанаффус Парвардигори карими худро, ки Рӯзидиҳанда ва Меҳрубон аст, шукр мегузорад ва агар бар сараш мусибате биёяд, ба амри Аллоҳ мутеъ шуда, сабр пеша мекунад, аз қазову қадари Ӯ розӣ мешавад, дар натиҷа ҳам ину ҳам он ба манфиат мубаддал мегарданд.

## Тавбагар

Бо вуҷуди ин чунин низ воқеъ мешавад, ки гоҳо рӯҳи мӯъминро ғубори беэҳтиётӣ фаро мегираду дар натиҷа ӯ ба хатое роҳ медиҳад ё гуноҳе содир мекунад. Ин чиз ба мӯъмини бофаросату итоаткору ботавозӯъ хос нест. Вале вай ба зудӣ ақлу ҳушашро ғундошта, худро ба даст мегирад ва аз вуҷуди худ ин беэҳтиётиро берун афканда, хатоҳои содир намудаашро дур месозад, пас дуо карда, барои ин гуноҳҳо омӯрзиш металабад ва ба ҷониби макони бехатару таъиннамудаи Парвардигори хеш бармегардад. Вай дар як вақт тобеъият низ ошкор мекунад, пушаймон шуда,омӯрзиш металабад.

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ إِذَا مَسَّهُمْ طَٰٓئِفٌ مِّنَ ٱلشَّيْطَٰنِ تَذَكَّرُوا۟ فَإِذَا هُم مُّبْصِرُونَ﴾

﴾*Ҳар оина, вақте ки парҳезгоронро васвасае аз шайтон мерасад.* **(Худоро)** *ёд мекунанд ва* **(ҳамоно)** *мефаҳманд.*﴿

**"Аъроф", 201.**

Дар назар дошта шудааст, ки вақте мардумони парҳезгор зери таъвири васвасаи шайтон ягон гуноҳе содир мекунанд, ҳамон

замон инро пай мебаранд ва тавассути тавбаву тазарруъ ба Аллоҳ бармегарданд.

Саҳлангорӣ дили парҳезгореро, ки муҳаббати Аллоҳро эҳсос менамояд, наметавонад фаро бигирад, аммо вай дилеро, ки аз Ӯ ва аз дастури Ӯ берун шуда бошад, забт мекунад. Вобаста ба қалби мусулмони асил метавон гуфт, ки вай барои омӯрзиш талабидан, пушаймон шуда ва барои баргаштан ба сӯи Парвардигори худ тавассути дуо ҳамеша омода аст ва ин дил ҳамеша накҳати бандагӣ, дар роҳи рост будан, парҳезгорӣ ва ризоиятро эҳсос мекунад.

## Вай мекӯшад то Парвардигори худро мақбул бошад

Мусалмони асил ҳар корро барои Аллоҳ анҷом медиҳад. Вай мекӯшад, то ҳар қадам ва ҳар амалаш ба Парвардигораш, аммо на ба одамон мақбул ояд. Бар замми ин ҳангоме ки ӯ кореро анҷом медиҳаду мекӯшад, ки ба Парвардигори худ писанд ояд, гоҳо ғазаби одамонро бармеангезад. Вай чунин рафтор карда, мувофиқи суханони ҳазрати Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) амал менамояд, ки гуфтааст:

«مَنِ الْتَمَسَ رِضَاءَ اللَّهِ بِسَخَطِ النَّاسِ كَفَاهُ اللَّهُ مُؤْنَةَ النَّاسِ، وَمَنِ الْتَمَسَ رِضَاءَ النَّاسِ بِسَخَطِ اللَّهِ وَكَلَهُ اللَّهُ إِلَى النَّاسِ»

***"Касе, ки кӯшиш мекунад илтифоти Аллоҳро бо хашмгин намудани одамон нисбати худ соҳиб гардад, Аллоҳ ӯро аз зараре, ки одамон метавонанд ба ӯ бирасонанд, халос мекунад, ҳамин тавр, касе, ки кӯшиш мекунад мардумро писанд ояд он ҷо ки ғазаби Худост, Худо ӯро ба ихтиёри одамон бигзорад, касе, ки кӯшиш мекунад ғазаби Аллоҳро ба худ кашад, то ба одамон писанд ояд, Аллоҳ ӯро ба ихтиёри одамон месупорад."***

**Ат-Тирмизӣ, ал-Қудоъӣ ва Ибни Асокир**

Инро асос карда, вай корҳои худро аз нуқтаи назари чӣ қадар мақбули Аллоҳи Қодиру Бузург буданашон, баҳо медиҳад ва агар ин ё он кор барои Ӯ мақбул бошад, чунин инсон онро барои худ қабулу интихоб мекунад ва агар он кор мақбул набошад, вай аз он кор даст кашида, дурӣ меҷӯяд. Ба шарофати ин мусалмон ҳамеша меъёрҳои ҳаққониро мебинад ва марҳалаҳои

дилхоҳи роҳу равиши дурустро муайян менамояд. Вай ба зиддиятҳои хандаовару аблаҳона гирифтор намешавад, агар ту ӯро дар ҳолати итоат ба Аллоҳ барои чизе ва беитоатӣ ба Вай дар ягон чизи дигар ва ё дар кори барои ягон сол иҷозат додашуда, аммо дар соли дигар мамнӯъ эълоншуда бубинӣ, ин ҷо зиддияте нахоҳад буд, зеро ибтидои роҳ дуруст мебошад ва роҳ муайян асту меъёрҳо боварибахшанд.

Агар ту одамонеро дучор оӣ, ки дар масҷид итоаткорона ибодат мекунанд, аммо баъд хоҳӣ дид, ки дар бозор ба рибохӯрӣ машғуланд, ё бубинӣ, ки дар хона, дар кӯча, мактабу фароғатгоҳ тибқи муқаррароти шариат амал намекунанд ва нисбат ба занону фарзандон ва ба тамоми онҳое, ки зердасташон мебошанд, аз ин муқаррарот истифода намебаранд, бидон, ки ин аз ноқисии фаҳми онон дарак медиҳад ва сабаби тасаввуроти нодуруст доштани онҳо аз хусуси моҳияти ҳақиқии чунин дини мукаммал мебошад. Ин моҳият аз он иборат аст, ки мусулмон ба ҳар коре машғул гардад, ки ӯро ҳамеша ба арзишҳои воло ҳидоят мекунаду дарёфтани лутфу марҳамати Аллоҳ аст ва ӯро водор месозад, ки ҳама корро бояд аз нуқтаи назари он ки оё ин кор ба Аллоҳ мақбул хоҳад буд, ё на баҳо диҳад. Ҳамин тавр, агар ту чунин одамонро бубинӣ, дар назарат онҳо ниммусулмон менамоянд, зеро онҳо ба ислом фақат дар сухан алоқаманд мебошанд. Ин гуна ашхос аз ҷумлаи фоҷиаҳои хатарноке мебошанд, ки дар замони мо мусулмононро дар шигифт афкандааст.

## ВАЙ НА ФАҚАТ АҲКОМИ ШАРИАТРО БА ҶО МЕОВАРАД ВА АРКОНИ ОНРО РИОЯ МЕКУНАД, БАЛКИ КОРИ АЗ ИН ЗИЁДТАРЕРО АНҶОМ МЕДИҲАД

Мусалмони асил тамоми аҳкоми шариатро ба ҷо меоварад ва ҳамаи асосҳои (ё аркони) ин динро собитқадамона, ба чизе беэътиноӣ накарда, сустӣ зоҳир нанамуда ва чизеро сарфи назар накарда, риоя менамояд.

Вай панҷ вақт намози худро дар соати муқаррар кардашуда анҷом медиҳад, зеро намоз сутуни дин ҳисоб меёбад. Касе ки ин сутунро мустаҳкам месозад, худи динро низ мустаҳкам менамояд.[1] Ҳамин тавр, намоз кори басо заруру сазовор ба шу-

мор меравад, чунонки дар яке аз ҳадисҳо аз забони Ибни Масъуд (р) чунин нақл карда шудааст:

سـألتُ رسـولَ الله ﷺ: أيُّ الأعْمالِ أفضـلُ؟ قال: «الصَّـلاةُ على وَقْتِها»، قلتُ: ثم أيّ؟ قالَ: «بِرُّ الوالِدَيْنِ»، قلتُ: ثُمَّ أيّ؟ قالَ: «الجهادُ في سَبيلِ اللّهِ»

*"Боре ман аз расули Аллоҳ (с), пурсидам: "Кадом амал зиёдтар аз ҳама сазовор мебошад?" Вай ҷавоб дод: "Гузоштани намоз дар вақташ." Ман пурсидам: "Баъд аз ин чӣ?" Гуфт: "Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Сухан дар сари он аст, ки намоз ҳаққест пайвандгар миёни бандаву Парвардигор. Банда ба намоз истода, аз кору бори рӯзгор даст мекашад ва ба тамоми вуҷуди худ ба Парвардигори худ мутаваҷҷеҳ мешавад, аз Ӯ ҳидояту кӯмак мепурсад, ҳамчунин дуо мекунад, ки Аллоҳ ӯро дар роҳи рост устувор созад.

Ҷои тааҷҷуб нест, ки намоз як амали зарууртарину сазовортарин ба эътибор гирифта мешавад, зеро он чашмаи серобе ба ҳисоб меравад, ки аз он мусалмон тақводориро меомӯзад ва дар оби тозаву гувори ин чашма гуноҳони худро мешӯяд.

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра (р) гуфт: "Ман шунидам, ки чӣ тавр расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) (одамонро) пурсид:

«أرأيْتُم لَوْ أنَّ نَهراً ببابِ أحَدِكمْ يَغْتَسِـلُ مِنْهُ كُـلَّ يَوْمٍ خمسَ مَـرَّاتٍ، هَلْ يَبْقى مِنْ دَرَنِـهِ شَيْءٌ؟» قالـوا: لا يَبْقى مِنْ دَرَنِه، قـالَ: «فـذلـكَ مثـلُ الصَّلواتِ الخَمْسِ يَمْحُو اللّهُ بِهِنَّ الخَطايا»

*"Шумо чӣ ақида доред, агар аз пеши дари кадоме аз шумо дарёе ҷорӣ бошад ва ӯ ҳамарӯза панҷ бор дар ин об шустушӯ кунад, оё дар ӯ ягон зарра чирк мемонад?" Одамон гуфтанд: "Дар ӯ ҳеҷ гуна чирк намемонад." Он гоҳ расул (с) гуфт: "Ин шабеҳи панҷ вақт намоз аст, ки тавассути он Аллоҳ гуноҳҳоро тоза мекунад."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки Ҷобир (р) гуфт:

«مَثَـلُ الصَّلواتِ الخَمْسِ كَمَثَلِ نَهرٍ غَمْرٍ جارٍ على بـابِ أحَدِكمْ، يَغْتَسِـلُ مِنْهُ كُـلَّ يومٍ خمسَ مَرّاتٍ»

***"Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: "Панҷ вақт намоз шабеҳи дарёи пуроб аст, ки аз дари хонаи ҳамон касе аз шумо ҷорӣ мешавад, ки ӯ ҳамарӯза дар оби он панҷ маротиба шустушӯ мекунад."***

**Муслим**

Абу Ҳурайра (р), нақл кардааст, ки расули Аллоҳ гуфт:

«الصَّلواتُ الخَمْسُ، والجُمُعَةُ إلى الجُمُعَةِ، كَفَّارَةٌ لِما بَيْنَهنَّ ما لَمْ تُغْشَ الكَبائِرُ»

***"Панҷ вақт намоз (-и ҳаррӯза) ва (иштирок доштан дар) намози ҷумъа каффора аст (чун байнашон) аз гуноҳҳои кабира набошанд."***

**Муслим**

Дар хабар ҳаст, ки Усмон ибни Аффон (р), гуфтааст:
"Ман шунидаам, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«ما مِن امْرِئٍ مُسْلمٍ تحضُرُهُ صَلاةٌ مَكْتوبَةٌ فَيُحْسِنُ وُضوءَها، وخُشوعَها، ورُكُوعَها، إلاّ كانَتْ كَفَّارةً لِمَا قبلَها مِنَ الذُّنوبِ، ما لمْ تُؤْتَ كبيرةٌ، وذلك الدَّهْرَ كُلَّهُ»

***"Кадом мусалмон вақти фаро расидани намоз вузӯашро хуб бикунад ва намозашро бо хушуъ ва рукуъ пурра ба ҷо орад, албатта ин каффорати гуноҳони пеш содиршудаи ӯ мешавад, агар ӯ гуноҳи кабира содир накарда бошад ва ҳамин тавр ҳамеша хоҳад буд!"***

**Муслим**

Ҳадису хабари гуногун басо зиёд маълуманд, ки дар онҳо эътибори намоз, зарурати он ва манфиате, ки вай намозгузоронро медиҳад, шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Ҳамаи ин ҳадисҳоро ин ҷо овардан имконнопазир мебошад.

Мусалмони парҳезгор кӯшиш мекунад, ки ба қадри тавон дар масҷид дар сафи аввалинҳо бошад, зеро Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) фармудааст:

«صلاةُ الجَماعَةِ أفضلُ من صَلاةِ الفَذِّ بِسَبْعٍ وعِشْرينَ دَرَجَةً»

***"Намози бо ҷамоат аз намози танҳогузор бисту ҳафт зина бартарӣ дорад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба мо гуфтааст, ки ***"агар (мусулмон):***

«إذا تَوَضَّأَ فأَحْسَنَ الوُضوءَ، ثُمَّ خَرَجَ الى المَسْجِدِ، لا يُخْرِجُهُ إلاَّ الصَّلاةُ، لَمْ يَخْطُ خُطْوَةً إلاَّ رُفِعَتْ لهُ بها دَرَجَةٌ، وحُطَّ عَنْهُ بِهَا خَطِيئَةٌ، فإذا صلّى لم تَزَلِ المَلائِكَةُ تُصَلِّي عَلَيْهِ ما دامَ في مُصَلاّهُ مَا لَمْ يُحْدِثْ: اللّهُمَّ صَلِّ عَلَيْهِ، اللّهُمَّ ارْحَمْهُ، ولا يَزالُ في صَلاةٍ ما انتظرَ الصَّلاةَ»

*таҳорати худро аз суннат дуруст кунад, баъд ба масҷид равона гардаду (хонаи худро) ба хотири намоз гузоридан тарк созад, он гоҳ барои ҳар қадаме, ки ӯ мегузорад, ҳатман як мартаба баланд бардошта хоҳад шуд ва як гуноҳ аз ӯ гирифта хоҳад шуд, вақте ки ӯ ба ибодат машғул мешавад, то замоне ки ӯ дар ҷое, ки намоз мегузорад, хоҳад буд ва то даме, ки ӯ бенамоз нест, фариштаҳо дар ин муддат аз дуо кардан барои вай қарор намегиранд, "Ё Аллоҳ, ӯро баракат деҳ! Ё Аллоҳ ӯро биёмурз!" мегӯянд ва ӯ то оғоз ёфтани намоз ҳар қадаре ки мунтазир хоҳад буд, намозгузор ҳисоб меёбад".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ҳазрати пайғамбар аз хусуси намозгузоре, ки ҳар субҳ ва ҳар шом кӯшиш ба харҷ медиҳад, то дар намози ҷамоа иштирок кунад, муждае аз биҳишт расонида гуфтааст:

«مَنْ غَدا إلى المَسْجِدِ أو راحَ أعدَّ اللّهُ لهُ في الجنَّةِ نُزُلاً، كُلّما غدا أو راحَ»

***"Барои оне, ки ба масҷид меравад ё (аз он ҷо) бармегардад, ҳар дафъае, ки ӯ ин корро анҷом медиҳад, Аллоҳ дар биҳишт барои ӯ ҷое омода месозад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Маҳз аз ҳамин сабаб саҳобаҳо (р), кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар намози ҷамоат ҳозир бошанд ва аз ин хусус Абдуллоҳ ибни Масъуд (р), чунин мегӯяд:

***"Бигузор нафаре аз шумо, ки фардо Аллоҳро аз пешвоз гирифтан ҳамчун мусулмон шодмонӣ мекунад, ин намозҳоро дар он ҷо ки эълон менамоянд, русуми роҳи дурустро нишон додааст ва барҳақ, ин намозҳо ба ҷумлаи русуми роҳи дуруст таъаллуқ доранд. Агар шумо дар хонаҳои худ намоз гузоред, чунонки инро онҳо мекунанд, ки аз суннатҳои пайғамбари худ рӯ гардонидаанд ва агар шумо аз суннатҳои пайғамбари худ рӯ гардондед, бе ҳеҷ шакку шубҳа бероҳа хоҳед шуд. Он чӣ ки ба мо таъаллуқ дорад, ин аст, ки ҳеҷ кадоми мо намози ҷамоаро тарк накардааст, магар мунофиқон, ки бо мунофиқии хеш машҳуранд ва чунин низ шудааст, ки инсонро ба намоз ду нафари дигар овардаанд, то ӯро ба ҷои***

*худ дар саф*(-и намозгузорон) *қарор бидиҳанд."*

**Муслим**

Ва Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба намози ҷамоа он қадар эътибор медод, ки дар ӯ ҳатто хоҳише пайдо шуда буд то хонаҳои онҳоеро, ки намози ҷамоаро бе сабабҳои узрнок тарк менамуданд, оташ занад. Дар ин хусус чунин гуфтааст:

«والّذي نفسي بيدِهِ لقد هممتُ أنْ آمرَ بحطبٍ، فيُحتَطَبَ، ثمّ آمرَ بالصّلاةِ فيؤذّنَ لها، ثمّ آمرَ رجُلاً فيؤمَّ النّاسَ، ثمّ أُخالِفَ إلى رجالٍ فأحرّقَ عليهمْ بيوتَهمْ»

***"Қасам ба Оне, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, қасд доштам то ҳезум бичинанд, баъд мефармудам то ба намоз даъват кунанд ва сонӣ ба ягон кас мефармудам, ки одамонро пешнамоз шавад ва худ ба назди он[4] одамон мерафтам ва хонаҳояшонро оташ мезадам!»***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Баъд аз ин хабари Саъид ибни Мусаййаб (р), аз хусуси он ки дар тӯли сӣ сол ягон маротиба дар масҷид пушти сари дигар намозгузорро надидааст, боиси тааҷҷуб намешавад, зеро вай то лаҳзаи баланд шудани садои азон аллакай дар сафи пеш меистод. Ба ин монанд мисолҳое, ки дар таърихи ислом ҷо доранд, кам нестанд.

Дар айни замон дур будани хонаҳо аз масҷид ба саҳобаҳои содиқ халал намерасонд, ки садои даъватро шунидан замон ба намози ҷамоа ҳозир бошанд. Ин чунин маънӣ дошт, ки онҳо ба ин гуна намозҳо зиёд эътибор медоданд. Баръакс, дур будани хонаҳояшон аз масҷид онҳоро хурсанд мекард, зеро онҳо мехостанд, ки ин қадар роҳро тай намуданашон қайд карда хоҳад шуд ва шумори қадамҳои гузоштаашон миқдори амалҳои некашонро бештар хоҳад сохт.

Дар хабар ҳаст, ки Убай ибни Каъб (р), гуфтааст:

*"Миёни ансориён шахсе буд. Ман каси дигареро намедонам, ки аз масҷид дуртар аз ӯ зиндагӣ мекарди бошад. Бо вуҷуди ин вай ягон намози ҷамоаро тарк намекард. Боре кадоме ба ӯ гуфт: "Маркабе барои худ мехаридӣ, то дар торикиву дар гармои шадид савори он мебудӣ!" Вай чунин ҷавоб дод: "Агар хонаи ман дар шафати масҷид ҳам мебуд, ин маро хурсанд намекард! Дар асл, ман мехоҳам, ки ба масҷид омадану ба хона рафтанам ба ҳисоб гирифта шавад!" Он гоҳ Расули Аллоҳ* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *гуфт:*

«قَدْ جَمَعَ اللَّهُ لَكَ ذلك كُلَّهُ» *"Аллоҳ барои ту ин ҳамаро гирд овардааст!"*

**Муслим**

Маълум аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба саҳобаҳои худ, ки аз масҷид дур мезистанд, маслиҳат медод, то барои истиқомат дар наздиктар ба он ҷо талош накунанд ва онҳоро бовар мекунонид, ки изи пои онҳо дар роҳи масҷид дар дафтари аъмолашон навишта ва ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки қадамҳои беҳисоби онҳо ба сӯи масҷид барабас нахоҳад рафт.

Дар хабар аст, ки Ҷобир (р), гуфтааст:

«خَلَتِ البِقَاعُ حولَ المَسْجِدِ، فأرادَ بَنو سَلِمَةَ أنْ يَنْتَقِلوا قُرْبَ المَسْجِدِ، فَبَلَغَ ذلكَ النبيَّ ﷺ فقالَ لهمْ: «بَلَغَني أَنَّكُمْ تُريدونَ أنْ تَنْتَقِلوا قُرْبَ المَسْجِدِ؟» قالوا: نَعَمْ يا رسولَ الله، قَدْ أَرَدْنا ذلكَ، فقال: «بَني سَلِمَةَ دِيارَكُمْ تُكْتَبْ آثارُكُمْ، دِيارَكُمْ تُكْتَبْ آثارُكُمْ» فقالوا: ما يَسُرُّنا أنّا كُنّا تَحَوَّلْنا»

*"Дар замони худ замини атрофи масҷидҳо холӣ буданд ва одамони бани Салим хостанд, ки ба он ҷо наздиктар кӯчанд. Вақте ки ин хабар ба Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) расид, вай ба онҳо гуфт:* ***"Ба ман хабар расид, ки шумо мехоҳед барои истиқомат ба масҷид наздиктар кӯчед."*** *Онҳо гуфтанд: "Оре, эй расули Аллоҳ, мо чунин кардан мехоҳем." Он гоҳ вай чунин гуфт:* ***"Эй бани Салим, дар хонаҳои худ истед, зеро изҳои шумо қайд карда мешаванд!"*** *Ва онҳо гуфтанд: "Кӯчидани мо ба мо шодмонӣ нахоҳад овард!"*[5]

Дар хабар аст, ки Абу Мӯсо (р) гуфт: *"Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«إنَّ أعْظَمَ النّاسِ أجراً في الصَّلاةِ أبْعَدُهُمْ إليها مَمْشىً فأبْعَدُهُمْ، والَّذي يَنْتَظِرُ الصَّلاةَ حتى يُصَلِّيَها مَعَ الإمامِ أعظمُ أجراً مِنَ الذي يُصَلِّيها ثم يَنام»

***"Барҳақ, беш аз ҳама барои ибодат ҳамон каси шумо савоб хоҳад гирифт, ки ӯро лозим меояд масофаи дуртареро барои намоз тай намояд, то дар он ширкат варзида тавонад, аммо касе, ки намоз (-и дигар-)ро мунтазир мешавад, то онро якҷоя бо имом анҷом диҳад, нисбат ба касе, ки намоз гузорида баъд хоб мекунад, савоби зиёдтар мегирад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Водор кардан барои иштирок намудан дар намози ҷамоаи бомдоду хуфтан дар як қатор ҳадисҳо қайд карда шудааст. Дар ин ҳадисҳо хабар дода мешавад, ки Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ишора

ба он намудааст, ки ҳамаи онҳоеро, ки дар ин намозҳо иштирок менамоянд савоби зиёде дар пеш аст. Ду ҳадисро аз ин ҷумла барои намуна меоварам.

## ЯКУМ

Дар хабар аст, ки Усмон ибни Аффон, (р), гуфтааст:

*"Ман шунидам, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«مَنْ صَلَّى العِشاءَ في جَماعَةٍ فكأنَّما قامَ نِصْفَ اللَّيْلِ ، ومَنْ صَلَّى الصُّبْحَ في جَماعَةٍ فكأنَّما صَلَّى اللَّيْلَ كُلَّهُ»

***"Касе, ки намози хуфтанро якҷоя бо ҷамоат гузоридааст, мисли касест, ки нисф аз шабро бо ибодат гузаронидааст, касе, ки намози бомдодро якҷоя бо ҷамоат гузорида, мисли касест, ки тамоми шабро бо ибодат гузаронидааст"***

**Муслим**

## ДУЮМ

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра, (р), гуфтааст:

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ليسَ صَلاةٌ أثقلَ على المُنافِقينَ مِنْ صَلاةِ الفَجْرِ والعِشاءِ، ولَوْ يَعْلَمونَ ما فيهما لأتَوْهُما ولَوْ حَبْواً»

***"Барои мунофиқон аз намози бомдод ва хуфтан вазнинтар чизе нест, аммо онҳо агар медонистанд, ки дар ин намозҳо[6] чӣ (асроре) нуҳуфтааст, бедиранг дар онҳо ҳозир мешуданд, агарчи онҳоро гавак кашида ҳозир шудан лозим меомад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони парҳезкор, ки барои зиндагонии абадӣ талош меварзад, ҳаргиз набояд фаромӯш созад, ки ба қадри тавону имконият намозҳои иловагӣ (нафл) низ бигузорад ва худро ба ин кор ҳам шабу ҳам рӯз водор намояд. Зарурати ин кор чунин маънидод карда мешавад, ки намозҳои иловагии ихтиёриро бештар гузоридан бандаро ба Парвардигори худаш наздиктар месозад, мартабаи ӯ он қадар баландтар хоҳад шуд, ки Парвардигор чунин бандаро зиёдтар меписандад ва нисбати ӯ илтифоти худро зоҳир менамояд. Барҳақ, ин мартабаи баланду сазоворист, зеро агар инсон он мартабаро сазовор гардад, Аллоҳ нисбати ӯ му-

ҳаббати худро зоҳир намуда, ӯро нерӯи бузург мебахшад ва самъи ӯ мешавад, ки тавассути он вай хоҳад шунид, дидаи ӯ хоҳад шуд, ки тавассути он вай хоҳад дид ва дасти ӯ мешавад, ки бо он дасти вай зарбаҳо хоҳад зад. Мазмуни ҳадисе, ки дар он суханони Аллоҳи Таъоло оварда мешавад, ба ин чиз ишора мекунад:

«ما زالَ عَبْدي يَتَقرَّبُ إليَّ بالنَّوافِلِ حتَّى أُحِبَّهُ، فإذا أَحْبَبْتُهُ كنتُ سَمْعَهُ الَّذي يَسْمَعُ بِهِ، وَبَصَرَهُ الَّذي يُبْصِرُ بِهِ، وَيَدَهُ الَّتي يَبْطِشُ بِها، ورجلَه الَّتي يَمشي بها، ولَئِنْ سَأَلَني لأعْطِيَنَّهُ، ولَئِنْ استعاذني لأعيذَنَّهُ»

***"Ва бандаи Ман тавассути (намозҳои) иловагӣ гузоридан ба Ман наздиктар мешавад, то Ман ӯро дӯст медорам, вақте, ки Ман ӯро дӯст доштам, он гоҳ гӯши ӯ хоҳам шуд, ки тавассути он хоҳад шунид ва чашми ӯ, ки тавассути он вай хоҳад дид, дасти ӯ, ки он (даст) зарбаҳо хоҳад зад ва пои ӯ, ки ба ӯ имконият медиҳад, то ҳаракат намояд ва агар ӯ аз Ман чизе талаб кунад, Ман бетаъхир ба ӯ инро ме[illegible]шам, агар ӯ ба паноҳи Ман шитобад, Ман албатта ӯро дар паноҳи Худ мегирам!"***

**Ал-Бухорӣ**

Оқибати муҳаббати Аллоҳ ба банда он хоҳад шуд, ки ӯро сокинони осмонҳову замин ба дӯст доштан мепардозанд. Исботи ин суханон мазмуни ҳадисест, ки аз забони Абу Ҳурайра (р), нақл мешавад: Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«إنَّ اللَّهَ إذا أحبَّ عَبْداً دَعا جِبْرِيلَ فقالَ: إني أُحِبُّ فُلاناً فأَحِبَّهُ، قالَ: فَيُحِبُّهُ جِبْرِيلُ، ثمَّ يُنادي في السَّماء فيقولُ: إنَّ الله يحبُّ فلاناً فأَحِبُّوه، فيحبُّه أهلُ السماء، قال: ثمَّ يُوضَعُ لَهُ القَبولُ في الأرْضِ. وإذا أَبْغَضَ عَبْداً دَعا جِبريلَ فيقولُ: إنّي أُبغِضُ فُلاناً فأَبْغِضْهُ، قال: فيُبْغِضُهُ جِبْريلُ، ثمّ يُنادي في أَهْلِ السَّماءِ إنّ الله يُبغِضُ فُلاناً فأَبْغِضوهُ، قال: فيُبْغِضونَهُ، ثمّ تُوضَعُ لَهُ البَغْضاءُ في الأرْضِ»

*"Барҳақ, агар Аллоҳ ба ягон нафар аз бандагонаш эҳсоси муҳаббати Худро огоз менамояд, Вай Ҷабраилро даъват намуда, мегӯяд:* **"Ҳар оина, Ман нафареро дӯст медорам, ту низ ӯро дӯст дор!"** *Ва Ҷабраил низ ба ӯ эҳсоси муҳаббат огоз мекунад ва баъд ӯ ба сокинони осмонҳо муроҷиат*

***карда мегӯяд: "Ҳар оина, Аллоҳ нафареро дӯст медорад, шумо низ ӯро дӯст доред!"***

Вай гуфт:

***"Баъд аз ин ӯро дар замин низ хуб истиқбол хоҳанд гирифт. Агар Аллоҳ ба нафаре аз бандагон эҳсоси нафрат огоз намояд, вай ба назди Худ Ҷабраилро даъват карда, мегӯяд:* "Барҳақ, Ман ба нафаре нафрат дорам, ту низ ӯро нафрат бикун!"**

Вай гуфт:

***"Ва Ҷабраил низ нисбати ӯ эҳсоси нафрат огоз мекунад, аммо баъд ӯ ба сокинони осмонҳо бо чунин суханон муроҷиат менамояд: "Барҳақ, Аллоҳ нафареро нафрат кардааст, шумо низ ӯро нафрат кунед!"- ва онҳо низ ӯро нафрат мекунанд, аммо баъд ба ӯ сокинони замин нафрат талқин менамоянд".***

**Муслим**

Ана барои чӣ Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) шабҳо ин қадар зиёд намоз мегузорид, ки пошнаи пойҳояш мекафиданд ва ҳангоме, ки модари мӯъминон ҳазрати Оиша (р) ӯро ...рсид, ки *"Эй Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чаро ту чунин мекунӣ, охир Аллоҳ гуноҳони собиқ ва гуноҳони туро, ки фардо хоҳанд буд, омурзидааст?"*, вай ба ӯ ҷавоб гуфт, ки:

**«أَفَلا أَكونُ عَبْداً شَكوراً؟»**

***"Магар ман бандаи шукргузор набошам?"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусалмони асил кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамаи шартҳои заруриро ба ҷо оварда, тамоми намозҳои худро дуруст бигузорад, на бархезаду бишинаду дигар ҳаракатҳои ҷисмониро ба иҷро расонад.

Намозро гузорида, вай дарҳол дур намеравад, то ҳамоно ба маҷрои пурталотуми рӯзгор ғарқ гардад. Баъд аз намоз вай ба Аллоҳ бо дуои мағфирати гуноҳҳо муроҷиат менамояд, ба суннати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) пайравӣ карда, Аллоҳро ёд менамояд ва сано мегӯяд. Ба ғайр аз ин, баъд аз намоз ва ба Аллоҳи Азза ва Ҷалла бо дуову тавозӯъ, ки аз қаъри дилаш берун меояд, муроҷиат намуда, аз Ӯ дар ин ҷаҳон ва ҷаҳони боқӣ барои худ хайру манфиат ва ба роҳи дуруст равона карданро талаб мекунад. Тавассути ин ҳама намоз вазифаи худро адо менамояд. Ин вазифа аз покиза кардани ҷисму рӯҳ ва ба дили инсон меҳрубонӣ бах-

шидан иборат мебошад. Маҳз аз ин рӯ Расули-Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳар гоҳ мегуфт: «وجُعِلَتْ قُرَّةُ عَينِي فِي الصَّلاةِ»

***“... аммо манбаи хушиҳову хотирҷамъии ман намоз шуда буд.”***

**Аҳмад ва ан-Нисоӣ**

Аз ин ҷо бармеояд, ки одамоне, ки дар намозҳои худ самимӣ ва итоаткоранд, ҳангоме онҳоро мусибате бар сар меояд, ошуфтахотир намешаванд ва агар ба онҳо неъматҳо насибу рӯзӣ гарданд, аз дигарон низ дареғ намедоранд ва дар ҳимояву паноҳи Аллоҳ комилан хоҳанд буд.

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ خُلِقَ هَلُوعًا ﴿١٩﴾ إِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ جَزُوعًا ﴿٢٠﴾ وَإِذَا مَسَّهُ ٱلْخَيْرُ مَنُوعًا ﴿٢١﴾ إِلَّا ٱلْمُصَلِّينَ. . .﴾

***Ҳар оина одамиро ҳарису ношикебо офаридаанд. Чун [illegible]рре ба ӯ расад, беқарорӣ кунад ва чун [illegible]ле ба дасташ афтад, бухл варзад, магар намозгузорандагон.***

**“ал-Маъориҷ”, 19-22.**

Чунин инсон закот мепардозад, ки агар андозаи дороии ӯ ин чизро мувофиқ бошад ва ӯ саҳеҳу бовиҷдон ҳисоб мекунад, ки чӣ миқдор бояд закот пардозад. Ин вазифаро адо намуда, онро тибқи муқарраროти шариат сарф мекунад, агарчи маблағе, ки аз ҷониби ӯ пардохта хоҳад шуд, бо ҳазорҳо ё миллионҳо дакка мехӯрад. Дар айни замон дар дили ӯ фикри он, ки аз пардохтани лоақал як қисмати он чӣ ки бояд супорад, саркашӣ кунад, пайдо нашавад.

Ин аз он сабаб аст, ки закот супоридан вазифаи ҷиддии муайяни динӣ ҳисоб меёбад ва ба масоили моликият марбут аст. Аз ин рӯ, мусулмони воқеӣ наметавонад, ки мувофиқи муқарраროти шариат нисбати дар ҳаҷми пурра пардохтани он беэътиноӣ зоҳир кунад. Пардохтани закотро фақат ҳамон мусулмон ба таъхир меандозад, ки эҳсоси динияш тира гардидааст, сангдил ва ахлоқаш аз бутунӣ басо дур мебошад. То ҳанӯз суханони Абу Бакри Сиддиқ (р) шаҳодатдиҳанда аз ҳашамати ин дин, ки дину диёнатро ба ҳам мепайвандад, зарурияти худро дар хусуси аз динбаргаштагон гум накардаанд: ***“Ба Аллоҳ қасам, ки***

***ман ба касе, ки намозу закотро аз ҳам ҷудо медонад, ҳатман мубориза мебарам."*** Ин қасами Абу Бакр гувоҳи дарки амиқи табиати ин дини комилу бутун ва робитаи ҷудонопазири намозу закот дар кори бунёд гузоштани бинои он мебошад, зеро ӯ медид, ки бисёр оятҳои дунболи ҳам омада ва бо якдигар алоқаманд будаи Қуръон намозу закотро бо ҳам якҷо пайвастаанд.

Масалан, Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ﴾

***﴿... онҳо, ки намоз мегузоранд ва закот месупоранд...﴾***
**"Моида", 55.**

﴿وَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ﴾

***﴿Ва намоз бигузоред ва закот супоред...﴾***
**"Бақара", 43.**

﴿وَأَقَامُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتَوُا۟ ٱلزَّكَوٰةَ﴾

***﴿...ва намоз гузориданд ва закот доданд...﴾***
**"Бақара", 277.**

Мусалмони воқеӣ дар моҳи рамазон бо имону умед барои мукофоти Аллоҳ рӯза медорад ва дар дили ӯ умед зинда аст, зеро ки «مَنْ صامَ رمضانَ إيمانًا واحتِسابًا غُفِرَ لَهُ ما تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ»

***"...барои касе, ки дар моҳи рамазон бо имону умед барои мукофоти Аллоҳ рӯза доштааст, гуноҳони гузаштаи ӯ омурзида хоҳанд шуд."***[7]
**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ӯ медонад, ки дар вақти рӯзадор будан ӯро зарур аст, ки забону чашм ва дигар аъзои тани худро аз ҳама гуна хатояш боздорад, ки метавонанд ба рӯзаи ӯ зарар расонанд ё барои рафтораш ӯро аз мукофоти Аллоҳ маҳрум созанд.

Дар хабар аст, ки Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا كانَ يَوْمُ صَوْمِ أحَدِكُمْ فلا يَرْفُثْ ولا يَصْخَبْ، فإنْ سابَّهُ أحَدٌ أو قاتَلَهُ فَلْيَقُلْ: إنّي صائِمٌ»

***"Бигузор ягон нафари шумо дар рӯзи рамазон бадгӯӣ ва овоз баланд накунад, аммо агар касе ӯро дашном бидиҳад ё бо ӯ баҳс оғоз намояд, бигузор гӯед: "Бар ҳақ, ман рӯзадорам!"***
**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) инчунин гуфтааст:

«مَنْ لَمْ يَدَعْ قَوْلَ الزُّورِ والعَمَلَ بِهِ فَلَيسَ لِلَّهِ حاجَةٌ في أَنْ يَدَعَ طَعامَهُ وشَرابَهُ»

***"Агар инсон аз дурӯғ гуфтан худдорӣ накунад ва бо роҳи дурӯғ равона гардад, Аллоҳ ба нахӯрдану нанӯшидани ӯ ниёз надорад!"***

**Ал-Бухорӣ**

Мусалмони воқеӣ аз мадди назар набояд дур созад, ки ин моҳ на он тавр зиндагӣ кунад, чун дар дигар моҳҳо. Дар ҳақиқат, ин моҳи рамазон аст ва рамазон моҳи Аллоҳ мебошад. Аллоҳ ӯро бо мукофоти Худ сарфароз мегардонад. Аммо он чӣ ба мукофоти Аллоҳ, ки Ғанист, Меҳрубону Бахшанда аст, тааллуқ дорад, ин мукофот зиёдтар ва пурратар аз он аст, ки ба худ тасаввур менамоӣ.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«كُلُّ عَمَلِ ابنِ آدمَ يُضاعَفُ، الحَسَنَةُ بِعَشْرِ أَمْثالِها إلى سَبْعِمئةِ ضِعْفٍ. قال الله تعالى: إلاّ الصومَ فإنَّهُ لي وأنا أَجْزِي به، يَدَعُ شَهْوَتَهُ وطعامَهُ مِنْ أَجْلي، للصَّائِمِ فَرْحَتانِ: فَرْحَةٌ عِنْدَ فِطرِه، وفَرْحَةٌ عِنْدَ لِقاءِ رَبِّهِ. ولَخُلُوفُ فِيهِ أَطْيَبُ عندَ اللَّهِ مِنْ ريحِ المِسْكِ»

***"Ҳама гуна кори* (накӯи) *инсон зиёда мегардад ва хурдтарин подош барои некӣ даҳчанд мешавад ва то ҳафтод маротиба меафзояд. Аллоҳи Таъоло гуфтааст: "Ба ҷуз рамазон, зеро ҳар оина рамазон моҳи Ман аст, Ман барои ин моҳ касеро, ки аз иҷрои хоҳишҳои хеш, аз хӯрдану нӯшидан барои Ман даст кашидааст, тақдир мекунам!" Рӯзадорро ду хушнудӣ нигарон аст: яке ҳангоми рӯза кушодан, дигаре ҳангоми вохӯрданаш бо Парвардигораш ва ҳар оина, бӯи даҳони рӯзадор барои Аллоҳ аз накҳати мушк гуворотар мебошад!"***

**Ал - Бухорӣ ва Муслим**

Табиист, ки мусулмони ҳушманд ва бофаросат ҳар лаҳзаи ин моҳи муборакро бояд истифода карда, ба парҳезгорӣ бигзаронад, рӯзҳои онро бо рӯзаву намозу қироати Қуръон, хайру садақа кардан ва дигар амали нек, шабҳоро бошад, бо намозҳои нафл хондану бо дуо ба Аллоҳ муроҷиат кардан бояд паси сар намояд, зеро пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«مَنْ قامَ رَمَضانَ إيماناً واحْتِساباً غُفِرَ لَهُ ما تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ»

***"Гуноҳҳои гузаштаи касе, ки ҳангоми рамазон шабҳоро барои Аллоҳ бо имону умед ба гирифтани ҷазои нек намоз гузорида, рӯза медорад, омурзида мешавад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Маълум аст, ки дар моҳи рамазон Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) назар ба ҳар моҳи дигар бештар амали некӯ зоҳир намудааст, ки бахусус ба даҳаи охири рӯза бештар дахл дорад.

Дар хабар аст, ки Оиша (р) гуфтааст:

«كان رسـول الله ﷺ يجتهـد في رَمضـانَ مـا لا يَجْتَهِـدُ في غَيْـرِهِ، وفي العَشْـرِ الأَواخِـرِ مِنْـهُ مـا لا يَجْتَهِــدُ في غَيْرِهِ»

***"Дар моҳи рамазон расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) назар ба ҳар моҳи дигар бештар ҷидду ҷаҳд зоҳир менамуд, аммо дар тӯли даҳаи охири рамазон назар ба рӯзҳои гузаштаи ин моҳ бештар ҷидду ҷаҳд зоҳир менамуд."***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки Оиша (р) ҳамчунин гуфтааст:

«كانَ رسولُ الله ﷺ إذا دَخَلَ العَشْرُ الأَواخِرُ مِنْ رَمَضانَ أَحْيا اللَّيْلَ كُلَّهُ، وأَيْقَظَ أَهْلَهُ، وجَدَّ، وشَدَّ المِئْزَرَ»

***"Вақте ки даҳаи охири рамазон фаро мерасид, Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тамоми шабҳо пайваста бедор мебуд, занони худро бедор мекард, ҷаҳду талоши махсус зоҳир менамуд ва камари эзори худро мебаст."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ӯ ба одамон мефармуд, ки фаро расидани шаби Қадрро мунтазир бошанд ва талқин менамуд, ки онҳо ин шабро бо намоз бигзаронанд. Ҳамчунин, Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«تَحَرَّوْا ليلةَ القَدْرِ في العَشْرِ الأَواخِرِ مِنْ رَمضانَ»

***"Фаро расидани шаби Қадрро дар даҳаи охири рамазон мунтазир бошед."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вай (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфт:

«تَحَرَّوْا ليلةَ القَدْرِ في الوَتْرِ مِنَ العَشْرِ الأَواخِرِ مِنْ رَمضانَ»

***"Фаро расидани шаби Қадрро дар яке аз шабҳои тоқи даҳаи охири рамазон мунтазир бошед".***

**Ал-Бухорӣ**

Вай (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфт:

«مَنْ قامَ لَيلَةَ القَدْرِ إيماناً واحْتِساباً غُفِرَ لَهُ ما تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ»

***“Касеро, ки шаби Қадрро барои Аллоҳ бо имону умед дар намоз мегузаронад, гуноҳони гузаштаи вай омурзида мешаванд.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, тамоми ин моҳи муборак моҳи тоату ибодат ҳисоб меёбад. Аз ин сабаб мусулмони боғайрат дар моҳи рамазон наметавонад, ки шабҳоро дар гуфтугӯи зиёду беҳуда гузаронад, ки баъд аз он ҳангоми субҳдам, ӯро хоб ғалаба кунад ва таъоми худро мехӯрад, ба ҷойгаҳ медарояду чунон хоби сахт меравад, ки ҳатто барои адо кардани намози бомдод қудрати чашм кушодан намеёбад.

Мусалмони воқеӣ, вақте ки нишондодҳои дини худро ёд мегирад, баъд аз адои намози таровеҳ дар моҳи рамазон ба хонаи худ баргашта зудтар ба хоб меравад, зеро ба зудӣ, чанд соат пас ӯро бархестан зарур меояд, то намозҳои нафлашро бигузорад, таъоми субҳ бихӯрад ва барои адои намози бомдод ба масҷид равад.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) фармудааст, ки таъомро қабл аз субҳ тановул кунанд, зеро ин бештар нафъ мебахшад. Вай гуфтааст:

«تَسَحَّرُوا، فإنَّ في السَّحورِ بَرَكَةً»

***“Таъомро қабл аз дамидани субҳ бихӯред, зеро дар ин баракат аст.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин чунин тафсир карда мешавад, ки бархостан барои тановули таъоми субҳ ибодати шабҳангомро ба хотир меорад ва барои ба масҷид рафта, намози бомдодро бо ҷамоат гузоридан рӯҳро омода месозад, ҳол он ки ин чиз барои минбаъд риоя кардани одоби рӯзадорӣ ҷисмро низ нерӯманд мекунад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) маҳз ҳамин тавр худ амал менамуд ва ба саҳобагонаш низ ҳаминро таълим медод.

Дар хабар аст, ки боре Зайнаб бинти Собит (р) гуфт: *“Мо таъоми зуҳрро якҷо бо расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) тановул кардем, аммо баъд ба намоз истодем.”* Ӯро пурсиданд: *“Вале миёни таоми зуҳр ва оғози намоз чӣ қадар фурсат гузашт?”* Вай (салаллоху алайҳи васаллам) ҷавоб дод: ***“Ин кифоя буд барои қироати панҷоҳ ояти Қуръон.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин, мусулмони парҳезгор ва ҳушманд дар рӯзаи

фарзи моҳи рамазон имконияти рӯзаи нафл доштанро низ аз даст намедиҳад. Масалан, рӯзаи Рӯзи Арафот, ҳамчунин рӯзаи рӯзи даҳуми ошӯро, рӯзи нӯҳуми моҳи муҳаррам, ки риояи ин рӯзаҳо дар шумори амалҳои сазовор қарор доранд ва онҳо барои омурзида шудани гуноҳон хидмат мекунанд. Дар ин хусус пайғамбари Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба мо фармудааст.

Дар хабар аст, ки Абу Қатода(р) гуфтааст:

سُئِلَ رسـول الله ﷺ عن صيـام يـوم عاشوراء فقال: «يُكَفِّرُ السَّنَةَ الماضِيَةَ»

*"Боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) - ро аз хусуси риояи рӯза дар рӯзи Арафот пурсиданд ва ӯ гуфт:* ***"(Дар ин рӯз рӯза доштан) мағфирати гуноҳҳои солҳои гузашта ва оянда мешавад".***

**Муслим**

Ибни Аббос (р), аз забони дигарон нақл кардааст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) худ рӯзаи рӯзи ошӯроро риоя мекард ва ба ин чиз дигаронро низ мефармуд.

Абу Қатода (р) нақл кардааст, ки:

سُئِلَ رسـول الله ﷺ عن صيـام يـوم عاشوراء فقال: «يُكَرُّ السَّنَةَ الماضِيَةَ»

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар ҷавоби суоле аз хусуси риояи рӯза дар рӯзи ошӯро гуфт: ***"Вай боиси мағфирати (гуноҳҳои) соли гузашта мешавад".***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки боре Ибни Аббос (р) гуфт:

*"Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«لَئِنْ بَقِيتُ إلى قابِلٍ لأَصُومَنَّ التاسِعَ»

***"Дар ҳақиқат агар, ман то соли дигар саломат бирасам, он гоҳ ҳатман дар рӯзи нӯҳум рӯза мегирам![10]"***

**Муслим.**

Ҳамин чиз барои риояи рӯза дар шаш рӯзи моҳи шаввол дахл дорад, ки дар хусуси он ҳазрати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин мегӯяд:

«مَنْ صامَ رَمضانَ، ثُمَّ أَتْبَعَهُ سِتّاً مِنْ شَوّالٍ كانَ كصلمِ الدَّهْرِ»

***"Рӯзае, ки кас дар моҳи рамазон доштааст, бо илова кардан ба он шаш*** **(рӯзи)** ***шаввол, мисли рӯзаи бетанаффус мебошад"***

**Муслим**

Ба ғайр аз ин ҳар моҳ се рӯз рӯза зарур аст, ки аз ин хусус

Абу Ҳурайра (р) чунин гуфтааст:

***"Дӯсти азизи ман** салаллоҳу алайҳи васаллам **маро ба се чиз васият кардааст: рӯза доштан се рӯз дар ҳар моҳ, ду ракъат вақти чошт намоз гузоридан[11] ва витр[12] хондан қабл аз хоб кардан.***

**Ал- Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки Абу Дардо (р) гуфтааст:

***"Азизи ман Пайғамбар** салаллоҳу алайҳи васаллам **маро бо се чиз васият кардааст, ки то зинда ҳастам аз онҳо ҳаргиз даст намекашам: ҳар моҳ се рӯз рӯза доштан, пагоҳӣ намоз гузоридан[13] ва витрро нахонда хоб накардан".***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) гуфтааст: *«Расули Аллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

«صَوْمُ ثَلاثَةِ أَيَّامٍ مِنْ كُلِّ شَهْرٍ صَوْمُ الدَّهْرِ كُلِّهِ»

***"Ҳар моҳ се рӯз рӯза доштан ба рӯзадории бетанаффус баробар аст".***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим**

Дар баъзе ахбор қайд гардидааст, ки ин рӯзҳои сездаҳ, чордаҳ ва понздаҳуми ҳар моҳи қамарӣ мебошад, аммо худи ин моҳо *"муборак"*[14] гирифта мешаванд. Дар дигар хабарҳо гуфта мешавад, ки Расули Акрам салаллоҳу алайҳи васаллам ҳар моҳе се рӯз ҳамеша рӯза мегирифт, аммо ин рӯзҳои муайян набуданд.

Дар хабар аст, ки дар замони худ Муъоза ал- Адавия Оишаро (р) мепурсад: оё Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ҳар моҳ се рӯз рӯза медошт? Дар ҷавоб ӯ мегӯяд: *"Оре!"*

Мӯъоза гуфтааст: *"Ман пурсидам: "Аз кадом рӯзи моҳ ӯ рӯза доштанро оғоз мекард?" Вай гуфт:* ***"Вай** салаллоҳу алайҳи васаллам **ба ин чиз махсус эътибор намедод."***

**Муслим**

Мусулмоне, ки ба чӣ ҳидоят кардани динашро ҳамеша дар ёд дорад, аз хотир фаромӯш намесозад, ки вай ба хонаи Аллоҳ бояд ҳаҷ кунад. Аммо қабл аз равона шудан ба ҷойҳои муқаддас, вай муқарраротн исломро вобаста ба ҳаҷ бо тамоми ҷузъиёташ бояд омӯзад, ягон чизи хурду бузургро сарфи назар накунад. Бо шарофати ин, вақте ки ӯ маросимҳои ҳаҷро адо мекунад ва ҳикмати ин вазифаи бузурги диниро мефаҳмад, дарк мекунад, ки чӣ гуна осоише рӯҳи ӯро фаро гирифта, бо худ имон овардааст ва ҳис мекунад, ки хушнудии ба ислом мутааллиқ

будан тамоми вуҷуди ӯро пур месозад, он гоҳ ҳаҷҷи ӯ дуруст мукаммал мешавад. Аммо баъди анҷом додани чунин ҳаҷ вай ба кишвари худ, ба оилаи худ аз гуноҳҳо он қадар пок шуда бармегардад, ки модараш ӯро чунин ба дунё оварда буд. Рӯҳи ӯ аз имон ба бузургии ин дин, ки намояндагони ҳамаи халқҳои заминро дар атрофи Каъба ҷамъ оварда буд, лабрез мегардад. Ҳамин тавр, ҳаҷ ба як навъ анҷумани байналхалқӣ табдил меёбад, ки ҷаҳон фақат дар рӯзҳои маросими чунин зиёрат шоҳиди он мешавад ва тамоми ҳоҷиён, новобаста аз ранги пӯст, халқияту забон Парвардигори Ягонаву Бузургро ҳамду сано хонда, калимоти талбия ва шаҳодатро ба забон меоранд.

## Вай таҷассумгари ақидаҳои ибодати Аллоҳ мебошад

Мусулмон боварии комил дорад, ки ҳама чиз дар ин ҳаёт ба ҷуз ибодат ба Парвардигори худ нест. Аллоҳи Таоло гуфтааст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

***﴿Ва Ман ҷинҳову одамонро фақат барои ибодат офаридам.﴾***

**"Зориёт", 56.**

Ба Аллоҳ ибодат кардан метавонад дар ҳар амали неку санҷидаи инсон, ки барои татбиқи суханони Аллоҳ дар замин ва амалӣ гардонидани нақшаҳои Ӯ дар ҳаёт, барои бунёди рӯзгори некӯ равона шудаанд, таҷассум ёбад. Ба ғайр аз ин он инчунин метавонад, ки дар худи дарки далели парастидани Аллоҳи Ягонаву Ҳамадон, ки дар жарфнои қалби мусулмон тасдиқ ёфта, маҳаки тамоми амалҳои ӯ мешавад, таҷассуми худро ёбад, зеро, ин амалҳоро ӯ ба хотири Аллоҳ анҷом медиҳад. Ба шарофати ин амалҳои мусулмон ибодат ба шумор меравад, ба он андоза ки маросимҳои динӣ ба ин мартаба сазовор шудаанд, ба шарте анҷом додани ин омол дар худ нияти дар роҳи Аллоҳ ба субут расиданро нуҳуфта бошанд.

Мусулмони воқеӣ, агар барои расидан ба мақсади бузурге, ки маҳз ба хотири он Аллоҳ ҷинҳову инсонҳоро офаридааст, кӯшиши дигаре ба харҷ надиҳад, ҳамеша эҳсос менамояд, ки

парастиданаш нокомил мебошад. Ин мақсад ба ҷуз дар замин ба суханони Аллоҳ арҷ гузоштан чизи дигаре нест, зеро маҳз бо шарофати ин ибодати одамон ба Аллоҳ амалӣ мегардад ва Ӯ фармудааст:

﴿وَمَا خَلَقۡتُ ٱلۡجِنَّ وَٱلۡإِنسَ إِلَّا لِيَعۡبُدُونِ﴾

***﴿Ва Ман ҷинҳову инсонҳоро танҳо барои он офаридам, ки Маро ибодат кунанд.﴾***

**«Зориёт», 56.**

Фақат тавассути ҳамин дар зиндагии воқеӣ маънии суханони зерин таҷассуми худро меёбанд:

***"Нест Худое ҷуз Аллоҳ, Муҳаммад – расули Аллоҳ".***

Мусулмоне, ки ӯро чунин ҷаҳонбинии дуруст ва тасаввуроти бошуурона аз хусуси ҳақиқати парастидан дар ислом хос мебошад, дар ин ҳаёт наметавонад, ки мӯътақиди чунин ақида набошад: дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ қабули қарор фақат дар ихтиёри Аллоҳ бояд бошад, вале агар дар дили ӯ ин амри Парвардигор мавҷуд набошад, исломи ӯ мукаммал нахоҳад шуд. Аммо он чӣ ки ба Аллоҳро парастидани ӯ мутааллиқ мебошад, ин аст, ки чунин парастишро ӯ фақат тавассути амали ҷиддӣ, аз сидқи дил ва суботкорона барои татбиқи ин ақида дар шароити зиндагонии воқеӣ равоншуда, ба амал баровардa метавонад. Ин ақида ба мусулмон имкон медиҳад, ки ӯ дар ҳақиқат ба ислом марбут буданашро эҳсос кунад ва фақат ин чиз ба ӯ ҳуқуқ медиҳад, ки худро мусулмони воқеӣ шуморад. Бо шарофати ин сухан зиндагонии заминӣ барои ӯ маънӣ пайдо мекунад, ки ба ғояҳои ҷойнишин будани вай дар замин мувофиқ мебошад, зеро ин ба ӯ сабаби чаро маҳз ӯро аз миёни онҳое, ки Вай офарид, баргузиданашро гуфтааст:

﴿وَلَقَدۡ كَرَّمۡنَا بَنِيٓ ءَادَمَ وَحَمَلۡنَٰهُمۡ فِي ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِ وَرَزَقۡنَٰهُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَفَضَّلۡنَٰهُمۡ عَلَىٰ كَثِيرٖ مِّمَّنۡ خَلَقۡنَا تَفۡضِيلٗا﴾

***﴿Ва Мо икром кардем писарони Одамро ва онҳоро бо хушкиву баҳрҳо бурдем ва ба онҳо неъматҳо расондем ва онҳоро дар баробари бештарини онҳое, ки Мо офаридем, баръалоина бартарӣ додем.﴾***

**"Исро" 70.**

Мусулмон бо ин ақида чун ба фарорасии баҳор бояд муносибат намояд, барои он ҳар чиро ки дар худ дорад, бидиҳад, барои тантанаи он тамоми вақту нерӯву маблағҳои худро қурбон кунад. Зеро вай аломати зиндагонии махсуси ӯ, маънии олии мавҷудияти ӯ ва рамзи наздикии ӯ ба Аллоҳ ҳисоб меёбад. Бе ин чиз зиндагонии ӯ, мавҷудияташ бемаънӣ хоҳад шуд. Фақат дар амал татбиқ намудани ин ақида тавассути амали бетанаффусу суботкорона дар ӯ боварӣ ба он, ки ӯ метавонад раҳмати Аллоҳро дарёбад, манзил мегирад.

Ҳамин тавр, дар амал татбиқ намудани ақидаи дар фавқ зикр шуда нишонаи муҳимтарини парастиш аз ҷониби мусулмони парҳезгори воқеӣ ба шумор меравад. Бо шарофати ҳамин чиз ӯ ба Аллоҳ наздик мешавад ва раҳмати Ӯро дармеёбад. Дар баробари ин мусулмони боақлу ҳуш барои ба ҳама расонидани ин оят ва амалӣ гардонидани мақсади бузурги он дар ин зиндагонӣ, пайваста заҳмат мекашад ва фақат ба вай садоқати худро нигоҳ медорад, фақат парчами онро баланд мебардорад ва ҳамон гуна эътиқодҳоро дастгирӣ менамояд, ки дар ягон чиз бо он ҷудоӣ намепазиранд.

## Ӯ Қуръонро зиёд мехонад

Ба хотири расидан ба ин қуллаи баланду дурахшон мусулмон ҳамеша дар сояи беҳудуду муаттари Қуръон қарор мегирад ва он ҷо насими тозаи дастуроти Парвардигори худро эҳсос карда, ба пешомадҳои неъмат назар меафканад, ки дар пешорӯяш оятҳои китоби Аллоҳ боз менамоянд. Вай бо андешамандӣ ва тавозӯъ онро зиёд мехонад, муқаррар мекунад ва ҳангоме ки суханони Ӯро мехонад, мазмуни онҳо ба ҷонаш асар мекунад, ӯро пок месозад, ба ақли ӯ таъсир мегузорад, ӯро ташаккул медиҳад, бо дили ӯ омехта мешавад, ба он бовариву осоиш изофа мекунад:

﴿أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ﴾

***Магар бо ёди Аллоҳ дилҳо осоиш намеёбанд?***

**"Раъд", 28.**

Мусулмони тақводору ҳушмандро кифоя аст, ки ба тимсоли зебову асаркунандаи инсоне назар андозад, ки Қуръон мехо-

над. Чунин инсонро ҳазрати пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) басо оличаноб тасвир намудааст, то инсон низ шабҳову рӯзҳои хешро бо қироати Қуръон пур карда, аз маънии баланду муборaку мусаффои он худро баҳраманд созад.

Дар хабар аст, ки ҳазрати расул (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَثَلُ المُؤْمِنِ الَّذي يَقْرَأُ القُرْآنَ مَثَلُ الأُتْرُجَّةِ ، رِيحُهَا طَيِّبٌ وطَعْمُها طَيِّبٌ، ومَثَلُ المُؤْمِنِ الَّذي لا يَقْرَأُ القُرْآنَ كَمثَلِ التَّمْرَةِ، لا ريحَ لَها، وطَعْمُها حُلْوٌ، ومَثَلُ المُنافِقِ الَّذي يَقْرَأُ القُرْآنَ مَثَلُ الرَّيْحانَةِ، ريحُها طَيِّبٌ وطَعْمُها مُرٌّ، ومَثَلُ المُنافِقِ الَّذي لا يَقْرَأُ القُرْآنَ كَمَثَلِ الحَنْظَلَةِ ليسَ لها ريحٌ وطَعْمُها مُرٌّ»

***“Мӯъмине, ки Қуръон мехонад, лимӯи ширинро мемонад, ки бӯю лаззати гуворо дорад, аммо мӯъмине, ки Қуръонро намехонад, ба хурмое монанд аст, ки бӯй надорад, аммо ба лаззат ширин аст. Мунофиқе, ки Қуръон мехонад, ба райҳон[15] монанд аст, ки бӯи хуш паҳн мекунад ва ба лаззат талх мебошад, вале мунофиқе, ки Қуръон намехонад, ба ҳанзалаи шабеҳ аст, ки бӯй надорад ва ба лаззат талх аст.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«اِقْرَأُوا القُـرْآنَ، فإنَّـهُ يَـأْتي يـومَ القِيـامَـةِ شَفيعـاً لأَصْحابِهِ»

***“Қуръон хонед, зеро, дар ҳақиқат, дар Растохез вай барои хонандааш ҳимоятгар мешавад!”***

**Муслим**

Вай (салаллоху алайхи васаллам) ҳамчунин гуфт:

«الَّذي يَقْرَأُ القُرْآنَ وهُوَ ماهِرٌ بِهِ مَعَ السَّفَرَةِ الكِرامِ البَرَرَةِ، والَّذي يَقْرَأُ القُرْآنَ ويَتَتَعْتَعُ فيهِ، وهُوَ عليهِ شاقٌّ، لَهُ أَجْرانِ»

***“Касе, ки Қуръон мехонад ва дар ин кор моҳир аст, чун нависандагони муборaку парҳезгор мавқеъ дорад, аммо касеро, ки Қуръонро мехонад ва дар он душворӣ мекашад, мукофоти дучанд дар пеш аст.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, мусулмони воқеӣ оё метавонад, ки баъди ин қироати Қуръонро ба таъхир андозад ва андеша карданро дар сари мазмуни он ба баъд бигзорад?!

Чунин мебошад мусулмони воқеӣ нисбати Парвардигори худ.

Вай соҳиби имони амиқу самимист, пайваста ба кори некӯ машғул аст, ҳамеша барои дарёфтани раҳмати Аллоҳ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ибодати худро нисбати Вай тасдиқ менамояд ва мақсади мавҷуд будани худро дар ин ҳаёт ба исбот мерасонад, ки Парвардигори Мутаъол муқаррар намудааст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

*﴿Ва Ман ҷинҳову инсонҳоро фақат барои он офаридам, ки онҳо Маро ибодат кунанд.﴾*

"Зориёт",56.

## Шарҳҳо барои боби 2.

**1. Нигаред: "Эҳё ъулум-ад-дин", 1,147.**

**2. Аз ин сабаб Абдуллоҳ ибни Умар (р) чун ба масҷид мерафт, ҳамеша оҳиста қадам мегузошт. Бо ин амал ӯ мехост, ки шумори қадамҳояш ва дар айни замон миқдори корҳои савобе, ки барои ӯ навишта хоҳанд шуд, афзун гардад.**

**3. Дар назар дошта шудааст, ки худи инсон аз бемадорӣ қудрати ҷунбидан надошт.**

**4. Яъне, ба назди онҳое, ки ба намози ҷамоа ҳозир намешаванд.**

**5. Ал-Бухорӣ ин ҳадисро аз суханони Анас овардааст.**

**6. Яъне, агар онҳо медонистанд, ки чӣ баракате онҳо меоварданд.**

**7. Ба ҷуз гуноҳони кабира, ки тавба карданро тақозо доранд.**

**8. Яъне: аз занони худ дур мешуд.**

**9. Дар назар аст, онҳое риоя кунанд, ки ҳаҷ намегузоранд.**

**10. Яъне, дар рӯзи нӯҳуми моҳи муҳаррам.**

**11. Намози нафл дар назар дошта шудааст, ки баъд аз баланд шудани офтоб ба қадри найза аз уфуқ гузорида мешавад.**

**12. Витр намози иловагие, ки баъд аз намози хуфтан дар се ракъат гузорида мешавад.**

**13. Нигаред ба шарҳи 11.**

**14. Азбаски онҳо ба давраи пурра шудани қамар рост меоянд.**

**15. Райҳон - рустании хушбӯй.**

**16. Фариштаҳое дар назар дошта шудаанд, ки амалҳои одамонро менависанд.**

# 2
# МУСАЛМОН БО ХУДИИ ХУД

## Муқаддима

Мақсади ислом аз он иборат мебошад, ки мусулмонон дар миёни ҳамаи дигар одамон бояд мисли холе (дар рухсора - *мутарҷим*) бошанд – бо сару либос, зоҳиру одоб ва аъмоли худ тавофут бикунанд. Тавассути ҳамин чиз онҳо метавонанд намунаи ибрат бошанд, то тавонанд фармоишоти заруриро ба одамон расонанд. Дар ҳадисе, ки аз суханони саҳобаи машҳур ибни Ҳанзалӣ (р) нақл шудааст, хабар дода мешавад, вақте расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо саҳобаҳои худ аз як ҷиҳод ба назди бародарони хеш бармегашт, ба онҳо гуфт:

«إنكم قادمون على إخوانكم، فأصلحوا رحالكم، وأحسنوا لباسكم، حتى تكونوا كأنكم شامة في الناس؛ فإن الله لا يحب الفحش ولا التفحش» .

***"Ҳар оина, шумо ба назди бародарони хеш мерасед, рахти худро ба тартиб биоваред ва либоси дурусттар ба бар бикунед, то миёни одамон ба холе монанд шавед[1] , зеро, ҳар оина, Аллоҳ на беадабонро дӯст медорад, на кӯшишеро ба ношоистагӣ!"***

**Абу Довуд ва ал-Ҳаким дар "Ал-Мустадрак"**

Зери мафҳуми рахт ҳамаи он чизҳое дар назар дошта шудаанд, ки ба уштур бор карда мешаванд, инчунин зину банд. Беадабӣ бошад, ин ҷо ҳама чизи нафратовар ва бетартибии беҳад аст. Ҳамин тавр, Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳар чизи баду зоҳири ҳузнангез ва беэҳтиётӣ нисбат ба он чизро, ки инсонро ҳувайдо намояд, чӣ пӯшад ва ҳайвони савории худро чӣ гуна зину банд мекунаду ба он менишинад, чунин меҳисобид, ки ба ягон амали нолоиқ содир намудан баробар мебошад ва ин ба он чизҳо низ таaллуқ дорад, ки исломи асил рад ва манъ кардааст.

Мусулмони воқеӣ ба худ беҳурматӣ зоҳир наменамояд ва худ-

ро фаромӯш намесозад, дар баробари ин ҳамаи вазифаҳои олии худро низ адо менамояд, ки дар ин зиндагонӣ бар дӯши ӯ гузошта шудаанд, зеро дар тасаввури ӯ зоҳири инсон аз маънии ботини ӯ ҷудонопазир мебошад. Охир, ҳар оина, либоси хубу ботартиб қабл аз ҳама ба ҷавҳаре дуруст меояд, ки пурмаънӣ ва некӯахлоқ аст. Мусулмони ба ҷониби Аллоҳ даъватшаванда маҳз аз ҳамин чизҳо иборат мебошад. Мусулмони асил, бешууру беақл миёни ҷисми худ ва ақлу рӯҳи худ мувозинатро нигоҳ медорад ва ба ин чиз дуруст эътибор медиҳад, якеро аз дигаре ҷудо намекунад. Дар як вақт вай фармудаҳои мубораки расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) сармашқи кори худ меҳисобад.

Ба ин гуфтаҳо суханони Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р), мисол шуда метавонанд, ки гуфтааст: *вақте пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар ёфт, ки ӯ ба парастиш аз ҳад зиёд эътибор медиҳад, ба вай гуфт:*

«ألَمْ أُخبَرْ أنَّكَ تصومُ النَّهارَ وتقُمْ اللَّيلَ؟ قال: بلى يا رسول الله. قال:
«فلا تَفعَلْ، صُمْ وأفطِرْ، ونَمْ وقُمْ، فإنَّ لِجَسَدِكَ عليكَ حقًّا، وإنَّ لِعَيْنَيْكَ
عليكَ حقًّا، وإنَّ لِزَوْجِكَ عليكَ حقًّا، وإنَّ لِزَوْرِكَ عليكَ حقًّا...»

***"Ба ман хабар доданд, ки ту (ҳар рӯз) рӯза медорӣ ва (ҳар) шабро ба намоз мегузаронӣ."*** *Вай гуфт: "Оре, эй Расули Аллоҳ!" Он гоҳ вай гуфт:* ***"Чунин макун, рӯза бигир ва ифтор кун, хоб кун ва бедорӣ кун, зеро ҳар оина, дар ҷисми ту ҳаққест бар ту ва дар чашмони ту ҳаққест бар ту ва дар занони ту ҳаққест бар ту ва дар меҳмонони ту ҳаққест бар ту!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аммо бо кадом тарз мусулмон миёни ҷисми худ ва ақлу рӯҳи худ чунин мувозинатро нигоҳ дошта метавонад?

## А – Ҷисми ӯ

### Вай дар хӯрдану нӯшидан ҳадди эътидолро риоя мекунад

Мусулмон мекӯшад, ки ҷисми нерӯманд ва сиҳатии худро нигоҳ дорад ва аз ин сабаб дар хӯрдану нӯшидан ҳадди эътидолро риоя мекунад. Вай ба таъом бо гушначашмӣ дарнамеафтад, балки ҳамон қадар мегирад, ки ин миқдор барои нигоҳ дош-

тани сиҳативу нерӯ ва ҳаракат кардан кифоя бошад. Дар ин боб ин суханони Аллоҳ Таъолоро ба эътибор мегирад:

﴿وَكُلُوا وَاشْرَبُوا وَلَا تُسْرِفُوا إِنَّهُ لَا يُحِبُّ الْمُسْرِفِينَ﴾

*﴿Ва бихӯред ва исроф накунед, зеро ҳар оина Худо исрофкоронро дӯст намедорад.﴾*

**"Аъроф", 21.**

Вай суханони Расули Акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро низ аз хусуси ҳадди эътидоли хӯрдану нӯшидан ба эътибор мегирад:

«ما مَلأ آدميٌّ وِعاءً شَرّاً مِنْ بَطْنِهِ، فإذا كانَ لا مَحالَةَ فاعِلاً، فَثُلُثٌ لِطَعامِهِ، وثُلُثٌ لِشَرابِهِ، وثُلُثٌ لِنَفَسِه»

***"Инсон ҳаргиз зарферо ба бадӣ пур накардааст, ки бо шиками хеш мекунад, аммо агар ба ӯ лозим ояд, ки чунин корро бикунад, бигузор аз се як ҳиссааш барои хӯрок, аз се як ҳиссаи дигараш барои нӯшидан ва аз се як ҳиссааш барои нафас кашидан бошад".***

**Аҳмад, ат-Тирмизӣ ва дигарон**

Дар хабар аст, ки Умар, (р), гуфтааст:

***"Аз пур кардани меъдаи худ бо хӯрданиву нӯшиданӣ худдорӣ кунед, зеро ин ба тан зарар мерасонад, ба маризиҳо мебарад ва хоҳиши намоз гузориданро нобуд мекунад. Шуморо лозим аст, ки ба камтар хӯрдану ошомидан риоя кунед, зеро ин чиз барои тан бештар мувофиқ меояд ва аз исрофкорӣ дур мебарад. Ҳар оина, Аллоҳи Таъоло аҳли китобро, ки фарбеҳ мебошанд, бад мебинад ва ҳар оина, инсон то даме, ки хоҳишҳои худро аз дини худ бартар намеҳисобад, нобуд намешавад."***

**Ал-Канз, 8/47.**

## Тану либоси ӯ тоза аст

Мусулмоне, ки ислом ӯро барои одамон намуна дидан мехоҳад, ҳамеша тозагиашро наззора мекунад. Тибқи фармудаҳои пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) амал мекунад, ки одамонро ба ғуслу хушбӯй кардан (мушку анбар), хоса дар рӯзҳои ҷумъа даъват менамояд:

Масалан вай гуфтааст:

«إغْتَسِلُوا يومَ الجُمُعَةِ، واغْسِلوا رُؤوسَكُمْ، وإنْ لم تكونوا جُنُباً، وأصِيبُوا مِنَ الطِّيب»

*“Дар рӯзи ҷумъа ғусл кунед, сари худро шӯед, ҳатто агар чанде ҷуnуб нашуда бошед ва хушбӯӣ кунед.*

**Ал-Бухорӣ**

Ва ӯ одамонро ба нигоҳ доштани тозагӣ тавассути шустушӯ ончунон даъват менамуд, ки баъзе аз имомҳо ҳатто тасдиқ менамуданд, ки ғусл крдан барои намози ҷумъа воҷиб аст.

Аз забони Абу Ҳурайра, (р), нақл мекунанд, ки пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам гуфтааст:

«حَقٌّ على كُلِّ مُسْلِمٍ أنْ يَغْتَسِلَ في كُلِّ سَبْعَةِ أيَّامٍ يَوماً. يَغْسِلُ فيهِ رأسَهُ وجَسَدَهُ»

*“Ҳар мусулмон вазифадор аст, ки ҳар ҳафта як рӯз як маротиба ғусл кунад, сару тани худро шӯяд.”*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин, пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам даъват менамуд, ки одамон ба тозагии даҳону дандони худ эътибор диҳанд.

Модари мӯъминон ҳазрати Оиша (р), хабар медиҳад, ки Расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам ҳаргиз шабона ё рӯзона хоб намекард, то бедор шуда, қабл аз таҳорат дандонҳои худро тоза наменамуд.

**Аҳмад ва Абу Довуд**

Эътиборе, ки Расули Акрам салаллоху алайҳи васаллам барои тозагии даҳони худ медод, ба дараҷае расид, ки ӯро водор менамуд, то бигӯяд:

«لَوْلا أنْ أشُقَّ على أُمَّتي لأَمَرْتُهُمْ بالسِّواكِ عندَ كُلِّ صَلاةٍ»

*“Агар ин чиз барои қавми ман душвор намебуд, ман, албатта, ба эшон мефармудам, ки қабл аз гузоридани ҳар намоз мисвок бикунанд”.*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Боре ҳазрати Оишаро (р) аз ин хусус пурсиданд, ки Расули Акрам салаллоху алайҳи васаллам вақте ба хона меомад, аз кадом чиз шурӯъ мекард, чунин ҷавоб дод: *“Аз тоза кардани дандонҳо”.*

**Муслим**

Машҳур аст, ки пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам барои мусулмонон ба танг овардани ҳамдигарро бо ҳама гуна бӯи нохуш манъ карда буд.

Мисоли ин суханони зерини расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам метавонанд бошанд:

«مَنْ أكَلَ البَصَلَ والثُّومَ والكُرَّاثَ فَلا يَقْرَبَنَّ مَسْجِدَنا، فَإنَّ المَلائِكَةَ تَتَأذَّى مِمَّا يَتَأذَّى مِنهُ بَنو آدَمَ»

***“Бигузор касе, ки пиёзу сир ё пиёзу кабуд хӯрдааст, ягон маврид ба масҷидҳои мо наздик наояд, зеро фариштаҳо азият меёбанд аз он чизе, ки одамӣ азият меёбад.***

**Муслим**

Ба ғайр аз ин пайғамбар салаллоху алайхи васаллам одамонро даъват менамуд, ки ба тозагии либоси хеш эътибор диҳанд.

Дар хабар аст, ки Ҷобир (р), гуфтааст:

*“Боре Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам, ки ба аёдати мо омада, кадом як одамро дар либоси чиркин дида буд, гуфт:*

«ما كانَ يَجِدُ هذا ما يَغْسِلُ بهِ ثَوْبَهُ؟!»

***“Наход ӯ чизеро пайдо карда натавонист, то либоси худро бишӯяд?!”***

**Имом Аҳмад ва ан-Насаъ**

Ҳамин тавр, Расули Акрам салаллоху алайхи васаллам дар ҳузури одамон дар либоси чиркин пайдо шудани одамиро намеписандид, зеро ки он одам натавонист либоси худро бишӯяд ё тоза кунад. Бо ин ӯ ба ҳар мусулмон мефаҳмонид, ки либоси ӯ ҳамеша тоза ва зоҳири ӯ хубу дилкаш бояд бошад.

Дар хабар аст, ки расул салаллоху алайхи васаллам ҳар замон мегуфт:

«ما على أَحَدِكُمْ إنْ وَجَدَ أَنْ يَتَّخِذَ ثَوْبَيْنِ لِيَوْمِ الجُمُعَةِ سِوَى ثَوْبَيْ مِهْنَتِهِ»

***“Ҳар кадоми шуморо лозим аст, ки ба қадри имкон дар рӯзҳои ҷумъа ду либосе ба бар кунад, (аммо) на аз ҷумлаи онҳое, ки дар кор мепӯшад”.***

**Абу Довуд ва Ибни Моҷа**

Ин ҷо пайғамбар салаллоху алайхи васаллам одамонро даъват мекунад дар намозҳои ҷумъа ҳар қадар либоси беҳтарро ба бар кунанд. Зикр карда шудани ду хел либос ба он алоқаманд аст, ки баъзе аз саҳобагон басо нодор буданд ва фақат як шалвор ё як китфпӯшак доштанд.

Ҳамин тавр, ислом ҳамаи пайравони худро барои нигоҳ доштани тозагӣ даъват мекунад. Дар ин хусус дар бисёр оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо гуфта шудааст. Ин чунин маънӣ дорад, ки яке аз вазифаҳои вай аз он иборат мебошад, ки мусулмонон пайваста ба тозагии хеш назорат бубаранд, либосҳояшонро накҳати гуворо пахш созанд ва худашон бӯи хуши ҷисми тоза дошта

бошанд. Ин ҳама ба Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) хос буд: дар ин хусус дар ҳадисе, ки аз имом Муслим (р), хабар дода мешавад, ки вай аз забони Анас ибни Молик (р), овардааст:

«ما شممتُ عَنبراً قطُّ، ولا مِسكاً، ولا شيئاً أطيبَ مِنْ ريح رسول الله ﷺ».

*«Ман ҳаргиз нашамидам амбарро ва на мушкро ва чизи дигареро, ки аз бӯи пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) хушбӯйтар бошад.»*

Бисёр ҳадисҳо ва ахборе машҳуранд, ки дар онҳо аз хусуси поккизагии ҷисм ва либоси вай, ҳамчунин аз гуворо будани накҳате, ки аз бадани ӯ паҳн мешуд ва аз таровати араќи ӯ хабар дода мешавад. Масалан, дар яке аз онҳо гуфта мешавад, ки агар пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) дасти нафареро мефишурд, баъд аз ин он шахс тамоми рӯз бӯи хушеро мешамид, ки аз дасташ бармеомад. Дар дигар хабар гуфта мешавад, ки агар ӯ (салаллоху алайҳи васаллам) дасти худро бар сари ягон кӯдак мениҳод, баъд аз ин он кӯдакро дар миёни дигар кӯдакон аз бӯи хушаш шинохтан мумкин буд. Он чӣ ки ба ал-Бухорӣ мансуб мебошад, ин аст, ки ӯ суханони Ҷобирро (р) аз он хусус қайд менамояд, ки вақте пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) аз роҳ мегузашт, ҳар касе баъдтар аз паи ӯ меомад, дар ин бора аз бӯи гуворояш мефаҳмид, ки бояд аз ӯ боқӣ мемонд.

Дар дигар хабар гуфта мешавад, ки вақте пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) баъди тановул кардани таъоми чошт дар хонаи Анас (р), барои фароғат паҳлӯ заду хоб рафт ва арақшор шуд, модари Анас (Умм Сулайм, модари Анас хеши наздики пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) буд) зулфе оварду ба ғундоштани қатраҳои арақи ӯ пардохт. Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) бедор шуд ва пурсид: ***"Ту чӣ кор мекунӣ, эй Умми Сулайм?".*** Вай ҷавоб дод: *"Ин арақи туст. Мо онро ба хушбӯии хеш изофа мекунем, зеро вай аз он бештар хушбӯтар мешавад!".*

**Муслим**

Ҳамин тавр, магар мусалмонон ба истифодаи дастуроти ин Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) бештар аз ҳама (чизи дигар) ниёз надоранд?!

Ба ҷумлаи дастуроти вай (салаллоху алайҳи васаллам) амр кардан ба нигоҳубини мӯи сар, онро ба тартиб овардан ва чунон оро додан, ки тибқи шариати ислом бошад, низ дахл дорад. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки Абу Довуд (р), аз суханони Абу Ҳурайра, (р), овардааст, гуфта шудааст, ки хабар медиҳад: вай гуфт:

Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: «مَنْ كانَ لَهُ شَعْرٌ فَلْيُكْرِمْهُ»:

***“Бигузор ҳар касе, ки мӯи сар дорад, онро эҳтиром кунад”.***

Зеро мафҳуми зоҳир намудани эҳтиром ба мӯи сар дар ислом онро покиза нигоҳ доштан, шона задан, хушбӯй гардонидан ва ба он намуди зебо додан дар назар дошта шудааст.

Вақте ки касе ба мӯи сари худ эътибор намедод ва дар натиҷа он титу парешону пахмоқ мешуду худи одам ба аҷузае монанд мегардид, пайғамбар(салаллоху алайҳи васаллам)ро писанд намеомад. Вай инсонеро, ки бо чунин намуди бетартиб рӯй менамуд, ҳатто ба шайтон баробар медонист. Дар ин хусус дар ҳадис гуфта шудааст, ки имом Молик, (р), дар “Ал – Мутта” аз суханони Ато ибни Ёсар, (р), овардааст, гуфта мешавад, ки:

*“Боре, чун Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) дар масҷид буд, ба он ҷо як одам ворид шуд, ки мӯй ва риши парешон дошт ва расул ба ӯ бо даст гӯё амр намуд, то ӯ мӯи сару риши худро ба тартиб оварад. Ва ӯ ин корро кард, баъд дубора омад ва он гоҳ пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:*

«أليس هذا خيراً منْ أنْ يأتيَ أحدُكمْ وهو ثائرُ الرأسِ كأنّهُ شيطانٌ؟!»

***«Магар ин аз он ки ҳар кадоме аз шумо бо мӯи сари парешон дар ҳузури одамон пайдо гардад, гӯё ӯ шайтон бошад”.***

Азбаски Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) одами мӯи сараш титу парешонро ба шайтон муқоиса кардааст, маълум аст, ки ислом ба намуди зоҳири хуб ва шамоили зебо эътибори калон медиҳад ва бетартибиву бемаънигиро рад месозад.

Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) он чиро ки ба намуди зоҳирии одамон дахл дорад, ҳаргиз бе эътибор намегузошт ва агар одами бетартиб либос пӯшида ва мӯи сари худро шонаназадаеро медид, ӯро барои он ки ба худ эътибор намедиҳад, ҳатман мазаммат менамуд.

Имом Аҳмад ва ан-Нисоӣ (р) аз суханони Ҷобир (р), ҳадисе меоваранд, ки дар он хабар дода мешавад, ки вай гуфт:

*“Боре расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба аёдати мо омада, як шахсеро бо мӯи сари титу парешон дида, гуфт:*

«ما كان يَجِدُ هذا ما يُسَكِّنُ به رأسَهُ؟!»

***“Магар ӯ чизе пайдо карда натавонистааст, ки сари худро ба тартиб оварад?!”***

## Намуди зоҳири хуб

Мусулмони асил ба либоси худ эътибор медиҳад ва аз ин сабаб ӯ ҳамеша хуб ба назар мерасад, агарчӣ ба ягон исрофкорӣ роҳ надодааст. Намуди ӯ ба чашми одамон гуворо мерасад ва бар вуҷуди онҳо ҳусни таваҷҷӯҳ мебахшад. Чунин инсон дар байни мардум бо либоси бетартибу дарида ҳаргиз пайдо намешавад ва қабл аз хона берун рафтан ҳамеша либоси худро зинат медиҳад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) қабл аз вохӯрӣ бо саҳобагонаш ҳамеша худро ҳамин тавр зинат мебахшид, чӣ ҷои сухан, ки вай ин корро қабл аз вохӯрдан бо занонаш анҷом медод.

Ал-Куртубӣ (р) чунин суханони Аллоҳи Таъолоро:

﴿قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ ٱللَّهِ ٱلَّتِىٓ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِۦ وَٱلطَّيِّبَٰتِ مِنَ ٱلرِّزْقِ﴾

***﴿Бигӯ: чӣ касе зинатҳоеро, ки Худо барои бандагонаш падид оварда ва хӯрданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?﴾***
**"Аъроф", 32.**

тафсир карда, гуфтааст:

"Макҳул хабар додааст, ки Оиша (р), гуфт: ***"Боре як гурӯҳ саҳобагони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ӯро дар пеши дар мунтазир буданд ва ӯ ба назди эшон баромад. Дар девори хона бошад, обгина буд ва ӯ ба акси худ дар он об нигариста ришу мӯи саравро ба тартиб оварл".***

Оиша гуфт: *"Ва ман аз ӯ пурсидам: "Эй Расули Аллоҳ, ту низ ин корро мекунӣ?!"*

*Дар ҷавоб ӯ гуфт:*

«نعم، إذا خرج الرّجلُ إلى إخوانِه، فَلْيُهَيِّئ مِنْ نَفْسِه، فإنّ اللّه جميلٌ يُحِبُّ الجمالَ»

***"Оре, агар инсон ба назди бародарони худ мебарояд, бигузор худро ба тартиб оварад, зеро, ҳар оина, Аллоҳ зебост ва Ӯ зебоиро дӯст медорад!"***

Ва мусулмон ин ҳамаро мувофиқ бо таълимоти ислом, аз хусуси зарурати нигоҳ доштани ҳадди эътидол дар ҳама чиз анҷом медиҳад, вагарна таълимоти зарурати нигоҳ доштани эътидол на исрофкориро қабул дорад, на сарфи назар карданро.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَٱلَّذِينَ إِذَآ أَنفَقُوا۟ لَمْ يُسْرِفُوا۟ وَلَمْ يَقْتُرُوا۟ وَكَانَ بَيْنَ ذَٰلِكَ قَوَامًا﴾

***﴿...Ва онон, ки чун сарф мекунанд, исроф намекунанд ва хиссат наметварзанд, балки миёни ин ду роҳи эътидолеро мегиранд.﴾***

**"Фурқон", 67.**

Ислом пайравони худ, махсусан онҳоеро, ки ба кори даъват ба ислом банданд, водор месозад, ки дар баёни одамон мисли холи зебо (-и рухсора), ки диққатҷалбкунанда мебошад, пайдо шуда, муомила кунанд, на бо шамоили худ ҳазару нафрати дигаронро барангезанд. Ахлоқи одаме, ки ба зоҳири худ хеле кам эътибор медиҳад, намудҳои нафратангез ба худ мегирад. Ин чиз одатан ба нишони тарки дунё кардан ба фурӯтанӣ анҷом дода мешавад, ки бо ислом ҳеҷ умумияте надорад. Масалан, Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки худ сарвари тарки дунёкардагон ва фурӯтанон буд, либоси хуб мепӯшид ва худро барои асҳобаш ва азвоҷаш озода мекард, зеро ӯ чунин меҳисобид, ки инсон ҳамин тавр амал карда, дар айни замон ба дигарон нишон медиҳад, ки Аллоҳ ба ӯ илтифоти Худро ато фармудааст.

«إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ أَنْ يَرَى أَثَرَ نِعْمَتِهِ على عَبْدِهِ»

***"Ҳар оина, Аллоҳ дӯст медорад, вақте дар бандаи Худ асари неъматашро бинад."***

**Ат-Тирмизӣ ва ал-Ҳаким**

Дар "Табақот" (4/346), Ибни Саъд (р), ҳадисе меоварад, ки дар он хабар дода шудааст, ки Ҷундуб ибни Моқис (р), гуфт:

«كان رسولُ الله ﷺ إذا قَدِمَ الوفدُ لَبِسَ أحسنَ ثيابِه وأمَرَ عِلْيَةَ أصْحابِه بذلك، فلقد رأيتُ رسولَ الله ﷺ يومَ قَدِمَ وفدُ كِنْدَةَ، وعليه حُلّةٌ يَمانِيَةٌ، وعلى أبي بكر وعمرَ رضي الله عنهما مثلُ ذلك»

***"Вақте ки ба назди Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) вакилон*** **(аз кадом қабила)** ***ҳозир мешуданд, ӯ либосҳои беҳтарини худро ба бар мекард ва аз саҳобагони наздиктарини худ низ талаб енамуд, ки чунин рафтор намоянд. Ва ман дидам, ки дар он рӯз, чун ба назди Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) вакилони қабилаи Кинд омаданд, дар бари ӯ либоси яманӣ буд, ҳамин гуна Абубакр (р) ва Умар (р) либос ба бар карда буданд",***

Ибни Муборак (р), ат-Табаронӣ, (р), ал-Ҳаким (р), ал-Байҳақӣ (р), ва дигар муҳаддисон ҳадисеро меоваранд, ки дар он хабар

дода мешавад, ки Умар (р), гуфт:

«رأيتُ رسولَ اللهِ ﷺ دعا بثيابٍ جُدُدٍ، فلبسَها، فلمّا بلغَتْ تراقِيَهُ قال: الحمدُ للهِ الذي كَساني ما أُواري به عَورَتي وأتجمَّلُ به في حياتي»

*"Ман дидам, ки чӣ тавр Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) боре фармуд, ки барояш либоси тоза диҳанд ва онҳоро ба бар кард ва вақте ба сари чашмае расиданд, ӯ гуфт:* ***"Шукри Аллоҳе, ки маро бо он чӣ пӯшонид, ки ман тавонистам бараҳнагии худро пӯшам ва бо он худро дар умри хеш зинат бахшам."***

**"Ат-тарғиб ва-т-тарҳиб", 3/93, "Китоби пӯшок ва зиннат"**

*Дар хабар аст, ки Абдурраҳмон ибни Авф[2], (р) хилъат (ё либос)-еро дар бар дошт ба қимати панҷсад ё чаҳорсад[3].*

**"Табақот"-и Ибн Саъд, 3/131.**

Машҳур аст, ки дар замони худ Ибни Аббос (р), барои худ ба ҳазор дирам либосе харида буд ва онро ба бар мекард.

Ва то он даме ки ҳанӯз кӯшиши худро зинат бахшидан ба ба карруфари исрофкорона таъдил намеёбад, чунин ороишот дар қатори зинатҳои хайре дохил хоҳанд буд, ки Аллоҳ ба бандагони Худ иҷозат додааст онҳоро бипӯшанд, балки водор ҳам мекунад, ки онҳоро ба бар кунанд.

Аллоҳ Таъоло гуфт:

﴿يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ خُذُواْ زِينَتَكُمۡ عِندَ كُلِّ مَسۡجِدٖ وَكُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ وَلَا تُسۡرِفُوٓاْۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُسۡرِفِينَ ٣١ قُلۡ مَنۡ حَرَّمَ زِينَةَ ٱللَّهِ ٱلَّتِيٓ أَخۡرَجَ لِعِبَادِهِۦ وَٱلطَّيِّبَٰتِ مِنَ ٱلرِّزۡقِۚ قُلۡ هِيَ لِلَّذِينَ ءَامَنُواْ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا خَالِصَةٗ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۗ كَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ لِقَوۡمٖ يَعۡلَمُونَ﴾

***﴿Эй фарзандони Одам! Худро зиннат диҳед дар назди ҳар масҷид. Ва бихӯреду биёшомед, вале исроф макунед, зеро ин ки Ӯ (Худо) исрофкоронро дӯст намедорад. Бигӯ: "Чӣ касе зиннатҳое, ки Худо барои бандагонаш падид оварда ва тайиботро аз ризқ ҳаром кардааст?" Бигӯ: "Ин чизҳо дар ин дунё барои касонест, ки имон овардаанд ва дар рӯзи қиёмат низ хоси онҳо бошад"[4] Оёти Худро барои доноён инчунин ботафсил баён мекунем.﴾***

**"Аъроф", 31-32.**

Дар "Саҳеҳ"-и Муслим ҳадисе аз забони Масъуд (р), оварда

шудааст: *боре расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

لا يَدْخُلُ الجَنَّةَ مَنْ كان في قَلْبِهِ مِثْقالُ ذَرَّةٍ مِنْ كِبْرٍ، فقالَ رجلٌ: إنَّ الرَّجُلَ يُحِبُّ أنْ يكونَ ثَوْبُه حَسَناً ونَعلُه حَسَنَةً؟ ـ يعني: أَيُعَدُّ هذا مِنَ الكِبْرِ؟ ـ قال النبيُّ ﷺ: «إنَّ اللّهَ جميلٌ يُحِبُّ الجَمالَ. الكِبْرُ بَطَرُ الحَقِّ، وغَمْطُ النّاسِ»

***“Ба биҳишт оне дохил намешавад, ки дар дили ӯ ҳатто ба андозаи вазни як донаи арзан такаббур бошад”.*** (Инро шунида) кадом як шахс гуфт: *“Аммо одам мехоҳад, ки либоси ӯ ва попӯшҳояш зебо бошанд!”*[5] Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***“Ҳар оина, Аллоҳ зебост ва Ӯ зеборо дӯст медорад, он чӣ ки ба такаббур тааллуқ дорад, ин инкори ҳақиқат[6] ва нисбат ба одамон беҳурматист”.***

Саҳобагони муборак инро маҳз чунин мефаҳмиданд ва ононе, ки онҳоро бо дилҳои соф пайравӣ менамуданд, маҳз ҳаминро риъоя менамуданд. Маҳз аз ин сабаб имом Абу Ҳанифа (р), бо намуди зоҳири хубаш фарқ мекард, либоси зебо ба бар менамуд, хушбӯиҳо мепошид ва ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, то дар либос пӯшидан ба пурхарҷиву дабдаба роҳ надиҳад. Дар айни замон кӯшиши ӯ барои зиннат додан ва намуди зоҳири худ он қадар пурқувват буд, ки ӯ дигаронро ба ин чиз водор месохт ва гоҳо дар ин кор зиёд истодагарӣ менамуд. Масалан, вай чун дид, ки яке аз мусоҳибонаш либоси кӯҳна (ё дарида) ба бар кардааст, ӯро бо худ дар хилват бурд ва ҳазор дирам пешниҳод намуд, то бо ин маблағ ӯ худро ба тартиб оварад. Ин шахс ба ӯ гуфт: *“Дар ҳақиқат ба ин пулҳо ниёз надорам!”* Он гоҳ Абу Ҳанифа ӯро сарзаниш карда гуфт: *“Оё туро ҳадисе маълум нест, ки дар он гуфта шудааст:*

«إنَّ اللّهَ يُحِبُّ أنْ يُرَى أَثَرُ نِعْمَتِهِ على عَبْدِهِ؟»

***“Ҳар оина, Аллоҳ дӯст медорад, вақте дар бандаи худ асари неъматашро бинад?!” Маҳз аз ин сабаб туро лозим аст, ки намуди зоҳири худро тағйир диҳӣ, то дӯсти ту аз барои ту ғамгин нагардад!”***

Ба ғайр аз ин пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба одамон маслиҳат додааст, ки қоидаҳои муайяни тозагии худро риоя кунанд! Ӯ гуфтааст:

«خَمْسٌ مِنَ الفِطْرَة: الخِتانُ، وحَلْقُ العانَةِ، ونَتْفُ الإبْطِ، وتَقْليمُ الأظافِرِ، وقَصُّ الشارِبِ»

***“Панҷ чиз аз фитрат аст: хатна кардан, тарошидани мӯи зери ноф, нохун гирифтан, дур афкандани мӯи зери бағал ва кӯтоҳ қайчӣ задани мӯйлаб”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба забони табиии инсонӣ эътибор додан аз ҷумлаи ҳамон чизҳост, ки ин дин муҳаббат талқин мекунад ва дар ҳар касе, ки табиати оличаноб ва завқи солим дорад, хоҳиш пайдо менамояд.

Вале чунин эътибор доданҳо мусулмони асил ва содиқро ба дараҷаи аз ҳад зиёд орову торо додан ва дабдабагии барзиёдатӣ намерасонад, то он мувозинате, ки ислом дар дастурамалҳои худ асоснок кардааст, халал напазиранд. Мусулмони бофаросат дар ҳама чиз ҳамеша ҳадди эътидолро риоя менамояд, зеро дар зиндагии худ вай ба ягон каси дигар зарар намерасонад.

Вай намуди зоҳирии худро зиннат дода, дар он ҷое, ки намоз мегузорад, эътибор дода, дар ягон маврид набояд фаромӯш созад, ки ислом дар баробари он, ки одамонро ба зинат додани худ водор месозад, дар айни замон онҳоро аз исрофкорӣ дар зинат бахшидан ҳушдор медиҳад, зеро ин чиз дар зиндагӣ метавонад инсонро асири худ кунад ва ба хоҳиши асосиву ҳамешагии ӯ ва талвосаи бузург табдил ёбад. Дар ин бора ҳадиси муборакe шаҳодат медиҳад, ки дар он хабар дода шудааст: пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«تَعِسَ عَبْدُ الدِّينَارِ والدِّرْهَمِ والقَطِيفَةِ الخَمِيصَةِ ، إنْ أُعْطِيَ رَضِيَ، وإنْ لَمْ يُعْطَ لَمْ يَرْضَ»

***“Фақир шуд ғуломи динор ва дирҳам, қатиф ва ҳамис: агар ин чиз ба ӯ ато карда шавад, ӯ розӣ аст, аммо агар не, он гоҳ ӯ розӣ нест.***

**Ал-Бухорӣ**

## Б – Шуури ӯ

### Мусалмон донишро вазифаву шараф мешуморад

Мусалмон мӯътақид мебошад, ки азму талоши шуур барои дониш андӯхтан ва донишро барои дарёфтани раҳмати Аллоҳ, ки дар зиндагонӣ нуҳуфтааст, истифода кардан қарз аст, зеро чунонки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«طَلَبُ العِلْمِ فَرِيضَةٌ على كُلِّ مُسْلِمٍ»

*“Талаб кардани дониш фарз аст ба ҳар мусулмон.”*

**Ибни Моҷа**

Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки вай вазифадор аст ҳамеша ба талоши шуури худ барои илм омӯхтану донистан итоат намояд ва то даме, ки нафас мекашаду дар рагҳои ӯ хун ҷорӣ мебошад, аз ин чиз даст накашад.

Омили кифоя барои ноил шудани мусулмон ба дониш бояд ин чиз бошад, ки Аллоҳи Раҳмону Раҳим мартабаи донишмандонро баланд бардошта қайд кардааст, ки фақат онҳо аз Аллоҳ метарсанд. Ин чунин маъно дорад, ки нисбат ба дигар одамон танҳо онҳо бо иродаи Вай сазовори инчунин шараф мегарданд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст: إِنَّمَا يَخْشَى اللَّهَ مِنْ عِبَادِهِ الْعُلَمَاءُ

***“Ҳар ойина аз Аллоҳ бандагони донишманди Ӯ метарсанд.”***

**“Фотир”, 28.**

Ҳамин тавр, аз Аллоҳ фақат ҳамон одамон дар ҳақиқат метарсанд, ки ақлу ҳуши эшон бо чизе тира гардонида нашудааст ва онҳое (низ метарсанд), ки қудрату бузургии Аллоҳро, ки дар офарида шудани Коинот, ҳаёту мавҷудоти зоҳиршаванда аст, баръалоина рӯшан мебинанд. Охир, онҳо донишманданд.

Ба ғайр аз ин, Аллоҳи Таъоло эшонро дар пеши онҳое, ки дониш надоранд, бартарӣ дода гуфтааст:

﴿...قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُوا الْأَلْبَابِ﴾

***﴿...Бигӯ: “оё онҳое, ки медонанд бо онҳое, ки намедонанд, баробаранд?” Танҳо хирадмандон панд мепазиранд.﴾***

**«Зумар», 9.**

Дар хабар аст, ки боре Сафван ибни Ассая ал – Муродӣ, (р), дар ҳузури пайғамбар ҳозир шуд, ки дар масҷид буд ва ба ӯ гуфт: *“Эй Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), ҳар оина, ман барои дарёфти дониш омадам”.* Дар ҷавоб ӯ гуфт:

«مَرْحَباً بطالِبِ العِلْمِ ، إنَّ طَالِبَ العِلْمِ تَحُفُّهُ المَلائِكَةُ بأَجْنِحَتِهَا ، ثم يركبُ بعضُهمْ بعضاً حتى يَبْلُغوا السَّماءَ الدُّنْيا مِنْ محبَّتِهِمْ لما يَطْلُبُ»

***“Марҳабо ба толибилм! Ҳароина, талабкунандаи донишро фариштагон бо болҳои хеш фаро мегиранд ва баъд онҳо яке бар дигаре қарор мегиранд, то даме, ки аз муҳаббат ба он чизе ки ӯ металабад, ба осмони поинтарин нарасанд!”***

**Ат-Табаронӣ, Ибн Ҳаббон ва ал-Ҳаким**

Ҳамчунин ояту ҳадису дастуроти зиёде мавҷуданд, ки аз хусуси мартабаи дониш ва водор кардани одамон ба ҷустуҷӯи он далолат мекунанд, маҳз аз ин сабаб мусулмони асил ҳамеша ё донишманд, ё дар пайи ба даст овардани дониш бояд бошад, роҳи сеюм буда наметавонад.

## ҶУСТУҶӮИ ДОНИШ ТО МАРГ ҚАТЪ НАМЕГАРДАД

Моҳияти омӯзиши ҳақиқӣ аз он иборат нест, ки гувоҳномаи бонуфузе бигирӣ, то ба ту ҳуқуқи ба даргоҳи (сарчашмаи) неъматҳои адонашавандаи моддӣ ворид шуданро бидиҳад ва зиндагонии гуворою бениёзеро таъмин намояд, баъд аз он туро лозим нахоҳад омад, ки барои гирифтани чизи бештар аз хазинаи маърифат кӯшиш ба харҷ диҳӣ. Не, моҳияти омӯхтани воқеӣ аз он иборат аст, ки ту пайваста омӯзишро давом бидиҳӣ, то ягон чизи наверо ҳамарӯза аз худ намоӣ, чунонки Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَقُل رَّبِّ زِدْنِي عِلْمًا﴾

***﴾...ва бигӯ: “Парвардигори ман, маро дониш афзой!﴿***

**“Тоҳо”, 114**

Парҳезгорони пешгузаштаи мо новобаста аз он ки дар соҳаи илм ба чӣ гуна қуллаҳо расида буданд, то лаҳзаи охирини ҳаёти худ омӯхтанро давом бахшида, ба донишҳои нав ба даст овардан бозиастода буданд, зеро онҳо чунин мешумориданд, ки дониш пеш меравад ва ба шарофати давом бахшидан афзун ва дар натиҷаи бозистодану канда шудан бетаровату хушк мегардад. Дар ин мавзӯъ гуфтаҳои зебои зиёде ба онҳо тааллуқ дорад, ки аз хусуси чӣ андоза қадр карданашон донишро гувоҳӣ медиҳад ва онҳо чӣ хел бо даргоҳи зиндаи он пайваста роҳ ёфта, суботкорона талош меварзанд. Ба ҷумлаи чунин гуфтаҳои ҷолиб суханони Ибни Абу Ҳасан марбут аст: чунонки имом Ибни Абд ал-Бар хабар медиҳад, ӯ гуфтааст:

***“ Ту то ҳамон лаҳза донишманд ҳисоб хоҳӣ ёфт, ки омӯхтанро қатъ насозӣ, вале чун ту ба ин чиз зарурат доштанро бозмегузорӣ, ба ҷоҳил табдил меёбӣ”.***

Имом Малик (р), гуфтааст:

***“Ҳеҷ кадоме аз донишмандон набояд омӯхтанро қатъ кунад”.***

Дар хабар аст, ки боре имом Абдуллоҳ ибни Муборакро пурсидаанд: ***“То кадом вақт ту дониш хоҳӣ ҷуст?” Дар ҷавоб ӯ гуфт: “То худи марг, зеро эҳтимол дорад ман он суханеро, ки маро манфиат мебахшад, ҳанӯз нанавиштаам!”***

Вақте имом Абу Амр ибни Ъалоро мепурсанд, ки ***“Инсонро то кадом вақт омӯхтан муносиб аст?”*** вай ҷавоб дод: ***“ То даме, ки ӯро зистан муносиб хоҳад буд.”***

Ҷавобе, ки имом Суфиён ибни Уйайна ба суоли ***“Кадоме аз одамон ба дониш ҷустан бештар аз ҳама ниёз дорад?”*** чӣ гуна ҷавоби зебо додааст! Вай ба ин суол гуфтааст: ***“ Касе, ки бештар дониш дорад.”*** Ӯро пурсиданд: ***“Чаро охир?”*** Ӯ гуфт: ***“Аз он сабаб ки хатое, ки ӯ роҳ м...ҳад, бештар нафратангез мешавад.”***

Ин ҷо аз имом Фахриддини Розӣ, ки муфассири бузурги Қуръон, муаллифи мақолоти зиёдест ва аз имомони маъруфтарини замони худ буд, метавон ёд кард. Дар бораи ӯ муаррихи бомаърифат Ёқути Ҳамавӣ дар рисолаи худ “Мӯъҷам ул-удабо” хабар додааст. Ӯ навиштааст:

***Азизуддин*** (яке аз шогирдони Имом Розӣ) ба ман чунин гуфт:

*“Имом Фахриддини Розӣ, ки мартабаи басо баланд дошту соҳиби шӯҳрати беандоза буд ва чунон эътибори зиёд дошт, ки касеро ба хаёл намеомад, то суханони ӯро мавриди санҷиш қарор бидиҳад ва касе аз сабаби (зӯрии) эҳтиром ба ӯ ҷуръат наменамуд озод нафас бикашад, то ба Марв омад. Ман назди ӯ ҳозир шудам, вале баъд муттасил меомадам, то аз ӯ илм омӯзам. Боре ӯ ба ман гуфт: Мехоҳам дар бораи насабшиносии (генеалогия) толибон китоби хубе тартиб бидиҳӣ, то ман аз он тавонам, ки муқоиса намоям, зеро ман намехоҳам, ки вобаста ба ин чиз дар ноогоҳӣ бозмонам.” Ман ӯро пурсидам: “Ту мехоҳӣ, ки ман онро дар шакли шаҷара тартиб диҳам ё бо насри оддӣ нависам?” Ӯ гуфт: “Он чӣ дар шакли шаҷаранома тартиб дода мешавад, барои ба хотир гирифтан мувофиқ намебошад, ман мехоҳам ки як чизе дошта бошам, ки ба хотир гирифта тавонам!” Ман гуфтам: “ Ба чашм!” Ва рафтам, барои ӯ чунин китобе тартиб додам ва “Ал-Фахр” унвон бахшидам, баъд онро барои ӯ овардам. Вақте ӯ бо китоб шинос шуд, аз кӯрпачаи худ бархест ва дар*

*рӯи бурё нишаста, маро гуфт: "Дар ин кӯрпача биншин!" Ин чиз барои ман аз ҳад зиёд намуд ва ман ба ӯ гуфтам: "Ман ҳамагӣ як хидматгори ту ҳастам!" Вале ӯ ба ман дод заду гуфт: " Бишин чун ба ту гуфтам!" Аллоҳ шоҳид аст, ки маро аз ӯ чунон тарсе фаро гирифт, ки ба ҷуз нишастан дар он ҷое, ки ӯ фармуд чораи дигар намонд. Баъд ӯ бо кӯмаки ман ба омӯхтани ин китоб пардохт, дар рӯ ба рӯи ман нишаст ва ҳар чиро ки барояш номафҳум буд, пурсидан гирифт, то ба охири китоб расид. Омӯхтани китобро ба поён расонда, ба ман гуфт: "Ҳоло бишин дар ҳар куҷо ки мехоҳӣ, зеро дар ҳақиқат дар ин илм ту устоди ман ҳастӣ. Ман аз ин чиз манфиат гирифтам ва дар назди ту омӯхтам, шогирдро бошад, ба ҷуз дар назди устод нишастан, дар ҷои дигар ҷоиз нест!" Ва ман аз ҷои худ бархестаму вай гойи худро ишгол кард. Баъд аз ин ман дар ҷое, ки навакак ӯ нишаста буд, нишастам ва ба омӯхтан аз ӯ пардохтам."*

Ёқут ин хабарро оварда гуфтааст: *" Ана ин аст намунаи риояи одоб, бахусус бо назардошти он ки вақте сухан аз хусуси шахси дорои чунин мақом меравад."*

Дар ҳақиқат, қалби чунин уламо донишро аз чизи дигар бештар меписандад, ҷони онҳо ба он эҳтироми амиқ зоҳир мекунад ва барои эшон аз дониш қимматтар чизе дигар нест ва ҷойгузинон бештар аз ҳама ба он ниёз доранд, ки ба гузаштагон ҳамшабеҳ бошанд.

## ЧИ ЧИЗРО МУСАЛМОН БОЯД, КИ ХУБ БИКУНАД

Мусалмони бофаросат бояд дар ёд бигирад, ки дар ҳама гуна шароит рамзи ислом хоҳад буд ва кӯшиш ба харҷ диҳад, ки барои дигарон намуна бошад – ба ин муносибат Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфтааст: "إن الله يحب إذا عمل أحدكم عملا أن يتقنه"

***"Барҳақ, Аллоҳ дӯст медорад, ки ҳар кадоми шумо ҳар кореро, ки бо он машғул ҳастед, комилан аз худ намояд."***

Агар мусалмон дар соҳаи яке аз улуми шариат тайёр шуда бошад, ӯро лозим аст, ки ҳама неруи худро сафарбар созад, то улуми динии дигари мухталифро низ, бахусус хондану тафсир кардани Китоби Аллоҳи Таъолоро аз худ намояд, дигар улумеро, ки бо омӯхтани ҳадис муносибат дорад, сарфаҳм равад, таърихро хонад ва ҳоказо, аммо бештар ба илми шариат, ки барои ӯ баргузида шудааст, эътибори махсус диҳад. Вай забони арабиро бояд накӯ донад ва ба қадри тавон инчунин як забони хо-

ричии дигарро ёд бигирад, ки барои дар амал татбиқ намудани даъват (-и дигарон) ба дини ӯ барои шиносонидани одамон бо он ё ҳимояи он ӯро зарур аст.

Вақте ки мусалмон дар соҳаи яке аз илмҳои дунявӣ тайёр мешавад, он гоҳ ӯро зарур аст лоақал асосҳои дини худро донад. Ин чунин маъно дорад, ки аз улуми шариат, ки предмети он омӯзиши дин, ибодат ва меъёрҳои ахлоқи ислом мебошад, ӯ он қадар огоҳӣ дорад, то барои дуруст муътақид кардани (дигарон) бо дини хеш барои ӯ кифоя бошад. Аммо ҷузъиёти ин улуми шариат фақат ба донандагони шариат дастрас аст, мо аллакай фаҳмонидем, ки ин ба доираи вазифаҳои намояндагони гурӯҳи аввал (яъне, онҳое, ки дар омухтани улуми шариат тайёр карда мешаванд), дохил мешавад.

Ҳамчунин, ӯро лозим аст, ки дар ин соҳаи донишҳо на фақат мавқеи худро дуруст муайян созад, балки барои ин чиз тамоми нерӯи худро сафарбар намояд ва ба қадри имкон кӯшиш кунад, ки аз сарчашмаҳо маълу---т бигирад. Дар баробари ин ӯ бояд ҳар қадар хубтар талош варзад, то ягон забони хориҷиро беҳтар аз худ намуда, аз рӯи маҷаллаҳои нав, китобҳо ва дигар манбаъҳо инкишофи ҳамон улумеро назорат бибарад, ки ихтисосаш мебошад.

Ин ҳамаро иҷро кардан ба он асос зарур мебошад, ки ислом одамонро на фақат ба ҷустуҷӯи донишҳо ва ба андешидани аз он чизҳо, ки дар осмонҳову дар замин ва дар худи инсон офаридааст, водор месозад, балки ҳамчунин инро воситаи ба Аллоҳ наздик расидан эълом доштааст.

Бо шарофати ин чиз мусулмон дар ҳама ҷо метавонад ҳамеша намунаи ҷолиби ислому мусулмонӣ ва инсоне бошад, ки ҳам дини худ, ҳам ҳаёти заминии худро медонад ва метавонад, ки дар назари одамон муҳаббату эҳтиром пайдо намояд. Ин чиз дар навбати худ барои муваффақиятҳои ӯ ҳангоми даъват кардан(-и дигарон ба ислом) мусоидат мекунад ва ба он низ оварда мерасонад, ки одамон бо ӯ ҳамовоз шаванд.

Маҳз ин чиз ба уламои тақводори гузаштаи мо хос буд: онҳо тамоми нерӯи худро ба илмҳои дунявӣ ё шариатӣ харҷ менамуданд ва инро ба он чиз алоқаманд медонистанд, ки ба Аллоҳи тавонову бузург мақбул мебошад ва онҳо ба хотири ободии замину интишори неъматҳо суботкорона кӯшиш мекарданд.

## В – Рӯҳи ӯ

Мусулмони асил, ки барои рӯҳи худ ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ба инкишофи ҷисмониву ақлии худ эътибор медиҳад, фаромӯш намекунад, ки вай на фақат аз ақлу тан иборат мебошад? Вай ҳамчунин мефаҳмад, ки соҳиби қалби бузург, рӯҳи ташна, ҷони пурэҳсос, мақсадҳои наҷиб аст, ки ба хотири ба даст овардани саодати комил , ки инро фақат Аллоҳ бахшида метавонад ва аз тарси ҷазои ӯ ва ҷаҳаннами ӯ , ки ӯро ба бартар будану дар олами ибодат ғӯтавар шудан водор месозанд.

### Ӯ ТАВАССУТИ ИБОДАТ РӮҲИ ХУДРО САЙҚАЛ МЕДИҲАД

Аз он ҳама чиз, ки дар боло қайд шуданд, бармеояд, ки мусулмон ба рӯҳи худ тавассути Аллоҳи Азза ва Ҷалла ва тарсу ҳарос дар назди ӯ, ки ҳам шабу ҳам рӯз эҳсос мекунад, бояд эътибор диҳад ва онро ба ҳамон тарз сайқал диҳад. Дар натиҷаи ин вай пайваста ҳушёр мемонад ва аз васвасаи шайтон ҳазар мекунад. Агар дар ягон лаҳзаи ба инсон хос васвасаи шайтон ба ҳар ҳол ӯро дахолат мекунад, ба ӯ хотирааш таъсири худро мегузорад – вай аз нав хоҳад дид, ки барояш ҳушёрӣ бармегардад ва ҳамоно бо ибодату саҷда кардан ба Аллоҳ муроҷиат намуда, омурзиш металабад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوْا۟ إِذَا مَسَّهُمْ طَٰٓئِفٌ مِّنَ ٱلشَّيْطَٰنِ تَذَكَّرُوا۟ فَإِذَا هُم مُّبْصِرُونَ﴾

***﴿Дар ҳақиқат худотарсҳоро агар васвасаи шайтон бирасад, он гоҳ онҳо ба хотир меоваранд ва дар ҳол дарк мекунанд.﴾***

**"Аъроф", 201.**

Дар назар дошта шудааст, ки вақте худотарсон зери таъсири васвасаи шайтон бозмонда, ягон гуноҳ содир мекунанд, ҳамон замон инро ҳис карда, тавассути ибодат ба Аллоҳ бармегарданд.

Ана ба чӣ сабаб Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба саҳобагони худ ҳар замон мегуфт: ***"Имони худро нав кунед!"*** , вале чун ӯро пурсиданд, ки: ***"Эй Расули Аллоҳ, мо имони худро чӣ тур нав карда метавонем? -,***

Вай ҷавоб дод: «أكثروا من قول لا إله إلا الله» "Ҳар замон калимаи «Нест Худое ҷуз Аллоҳ!» -ро ба забон оваред".

**Имом Аҳмад**

Барои мустаҳкам намудани рӯҳ ва беҳтар кардани ҳолати ҷони худ мусалмоне, ки итоаткорӣ зоҳир менамояд, барои Аллоҳ ҳар гуна ибодатҳоро ба иҷро мерасонад. Масалан, сабру таҳаммул пеша карда, Қуръон мехонад, дар сари маъниҳои он меандешад ва бо тавозӯъ Аллоҳро дар қалби худ ёд мекунад, бо риояи тамоми талаботе, ки барои ибодат пешниҳод шудааст, ақлу ҳушашро ғундошта, намоз мегузорад ва ба дигар заруроти бандагию омодагии рӯҳӣ машғул мешавад. Ҳамин тавр, вай худро барои иҷрои ин масъулиятҳои динӣ омода месозад ва кӯшиш мекунад, ки онҳо ба одат, расму оин ва ба як қисмати ҷудонопазири мавҷудияти худи ӯ табдил ёбанд. Бо шарофати ҳамин чиз вай рӯҳу эҳсосоти худро бештар асос мекунад, ҳиссиёташ зӯртар мешавад ва ӯ ботадриҷ ҳунари дар беш..рини мавридҳо нигоҳ доштани ҳушёриро соҳиб мегардаду диққаташ парешон намешавад, аз Аллоҳ дар ботин ва баръалоина метарсад ва ин тарси худро ҳангоми муомила кардан бо мардумон фаромӯш намесозад, то ҳаргиз касеро фишор наоварад ду аз ҳақиқат рӯ нагардонад ва аз роҳи дуруст берун наравад.

## Вай бо рафиқони парҳезгор ҳамеша муомила мекунад ва дар мулоқоти мӯъминон ширкат меварзад

Ба ғайр аз ин барои фатҳ намудани ин қуллаи мушкилписанд мусулмон ба кӯмаку дастгирии рафиқи парҳезгоре мешитобад, ки ҳамеша маслиҳат медиҳад, то ҳақиқатро аз даст надиҳад ва ҳар ду ба якдигар низ маслиҳат медиҳанд, ки сабур бошанду зуд-зуд дар мулоқоти маърифатии мӯъминон иштирок намоянд, зеро он ҷо ҳамеша Аллоҳро ёд карда, одамон аз хусуси ислом, аз хусуси нақши бузурги он дар кори тарбияи шахси алоҳида, оила ва ҷамъият сӯҳбатҳо мероянд. Аҳли чунин ҷамъомадҳо дар бораи Аллоҳи Акбару Муқтадир, ки барояш чизи ношудание дар замину дар осмонҳо нест, гуфтугӯ карда, ба офаридаҳои

ҳайратангез дар мисоли Кайҳон, ҳаёт ва инсон, назар меафкананд. Дар ҷараёни чунин мулоқотҳо рӯҳи одам ташаккул ва ҷонаш сайқал меёбад, қалбаш тоза мегардад ва вуҷуди инсонро фараҳмандии имон фаро мегирад.

Аз ҳамин сабаб Абдуллоҳ ибни Равоҳ, вақте ки бо нафаре аз саҳобагони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) вомехӯрд, ҳамеша ба ӯ мегуфт: ***"Биё, то чанд муддат имон ба Парвардигори худ бубахшем!"*** Ва ин сухан чун ба гӯши пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) расид, ӯ гуфт:

«يَرْحَمُ اللّهُ ابنَ رَواحَةَ، إنَّهُ يُحِبُّ المجالسَ التي تَباهى بها الملائِكَةُ»

***"Аллоҳ Ибн Равоҳро тараҳҳум кунад!" Барҳақ, ӯ ҳамон анҷуманеро дӯст медорад, ки фариштагон бо он ҷо будан ифтихор мекунанд!"***

**Имом Аҳмад**

Дар хабар аст, ки халифаи парҳезгор ва ҳазрати мо Умар ал –Форуқ (р), зуд-зуд аз корҳову вазифаҳои идоракунии хилофат берун мешуду аз дасти як ё ду нафар гирифта, мегуфт: ***"биё бо мо, то имонамонро изофа кунем!"*** ва баъд ҳама якҷоя Аллоҳро ёд мекарданд.

**"Зиндагонии саҳобагон" 3-329.**

Ҳамин тавр, ҳатто Умар (р), ки бо парҳезгорию тақводорӣ машҳур буд, ба кори ибодат ба таври бояду шояд машғул мешуд, зуд-зуд тоза кардани рӯҳи худро эҳсос менамуд ва аз корҳои мухталифи дунявӣ вақт медуздид, то онро барои сабук гардонидани қалбу сайқал додани рӯҳу тоза кардани ҷони хеш сарф намояд.

Муъоз ибни Ҷабал (р), низ чунин рафтор менамуд. Вай ҳангоми дар роҳ будан ба ҳамсафарони худ ҳар замон мегуфт:

***"Мешинему чанд муддатеро ба имони худ мебахшем!"***

**"Зиндагонии саҳобагон", 3-329.**

Дар ҳақиқат мусулмон барои мустаҳкам кардани қалб, тоза кардани рӯҳ, барои водор сохтани он то ҳамеша ба боло нигаронида шуда бошад ва ба пастӣ барнагардад, масъулият дорад.

Аллоҳи Таъоло гуфт:

﴿وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّىٰهَا ﴿٧﴾ فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَىٰهَا ﴿٨﴾ قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّىٰهَا ﴿٩﴾ وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّىٰهَا﴾

*﴿Савганд ба нафсу он ки некӯяш биёфарида ва баъд бадиҳову парҳезгорҳояшро ба ӯ илҳом карда, ки ҳар кӣ дар покии он кӯшид, растагор шуд ва ҳар кӣ дар палидиаш фурӯ пӯшид, навмед гардид.﴾*

**"аш-Шамс", 7-10.**

Маҳз аз ин сабаб мусулмонро лозим аст, ки ҳангоми интихоби дӯстон ва он ҷойҳо, ки ӯ ҳозир мешавад, эҳтиёткор бошад, то дар натиҷаи чунин интихоб имони ӯ, тақвою парҳезгорӣ ва фаҳмишаш фақат афзун гардад. Ӯро зарур аст аз рафиқони баду бало, ки аз ҷумлаи шайтонон дар либоси одамиянд ва аз он ҷойҳо, ки ҳар гуна ношоистагиву гуноҳ содир шуда, рӯҳ торику қалб зангзада мешавад, худро канор бигирад.

Аллоҳи Азимушшаън гуфтааст:

﴿وَٱصْبِرْ نَفْسَكَ مَعَ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِٱلْغَدَوٰةِ وَٱلْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُۥ وَلَا تَعْدُ عَيْنَاكَ عَنْهُمْ تُرِيدُ زِينَةَ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا ۖ وَلَا تُطِعْ مَنْ أَغْفَلْنَا قَلْبَهُۥ عَن ذِكْرِنَا وَٱتَّبَعَ هَوَىٰهُ وَكَانَ أَمْرُهُۥ فُرُطًا﴾

*﴿Қарор бигиред бо ҳамроҳи касоне, ки ҳар субҳу шом ба сӯи Парвардигори худ даъват мекунанд ва барои хушнудии Вай талош меварзанд ва барои ёфтани пирояҳои зиндагии дунявӣ чашми худро аз эшон магир. Ва ба оне мутеъ машав, ки қалби ӯро Мо аз зарурати Моро ёд кардан беэътино гардонидаем ва аз паи ҳавои нафси худ то ба ҳадди ниҳоӣ расидааст.﴾*

**"Қаҳф", 28.**

## Ӯ ҲАР ЗАМОН СУХАНОНУ ДУОИ ПАЙҒАМБАР (салаллоҳу алайҳи васаллам)-РО ТАКРОР МЕКУНАД

Мусулмон барои қавӣ гардонидани рӯҳ ва нигоҳ доштани робитаи қалби худ бо Аллоҳ миёни чизҳои дигар аз такрори суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) истифода мекунад, ки чуноне дар хабар аст, вай дар ину он ҳолат ба Аллоҳ муроҷиат менамуд. Масалан, ба хона ворид шуда ва аз хона берун рафта, одамонро ба сафар гуселонида ва онҳоро пешвоз гирифта, либоси нав ба бар карда, ба ҷойгоҳ барои хуфтан даромада ва аз хоб бедор шуда вай ба таври муайян ба Аллоҳ муроҷиат менамуд. Мета-

вон гуфт, ки расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам), ба чӣ коре машғул намешуд, ба тарзи муайян ба Аллоҳ муроҷиат менамуд, ба (худои) Азимушшаън ба дуое дар он хусус муроҷиат менамуд, ки Ӯ ба вай нияти дурустеро талқин кунад ва аз хато дур созад, ба ӯ раҳим бошад ва хушиву хайрият насибу рӯзӣ гардонад. Дар маҷмӯаҳо аҳодиси саҳеҳ аз ин хусус зиёд мавҷуд аст, ки дар онҳо суханони расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам)[14] оварда шудаанд. Ва ӯ саҳобагони некӯхислати худро бо инчунин суханон дуо кардан ва ёд намудани Аллоҳро меомӯзонд, онҳоро водор мекард, ки ин ҳамаро дар лаҳзаи зарурӣ ба забон оранд.

Мусалмони тақводору бофаросат кӯшиш ба харҷ медиҳад то суханони наҷиби чунин муроҷиатҳо ва ёд карданҳоро дар мисоли расули муборак ва саҳобагони ҳакими ӯ аз бар намуда, дар ҳолатҳои агар барои вай чунин имконият бошад, мувофиқ пайваста такрор кунад. Бо шарофати ин чиз қалби ӯ бо Аллоҳи Қодиру Акбар пайваста робита хоҳад гирифт, шавқу завқаш дигар, рӯҳаш баланд ва эҳсосоташ нозук хоҳад шуд.

Тавассути чунин машқҳои рӯҳии Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) насли аввали саҳобагони олиқадру муборакро тайёр ва рӯҳи онҳоро сайқал додааст, ки дар натиҷаи ин онҳо нурониву тозаву бошукӯҳ шуданд ва дар онҳо на тирагие монда буд, на ғубор ва на нуқсон. Ин одамон тимсоли мӯъҷизаи олитарини ислом шуда буданд, ки моҳияти он аз бунёд кардани насли одамони хушмаърифат, ташаккулёфта ва ягона дар ислом иборат буд ва ҳамин насл тавонист, ки дар тӯли чанд соли бешумор кори наҷиби зиёдеро анҷом диҳанд.

## Эзоҳ барои боби 2

1. Холе дар назар дошта шудааст, ки ҳусни рухсори инсон аст.

2. Яке аз наздиктарин саҳобагони пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам).

3. Дирам дар назар аст.

4. Яъне, дар куҷое шумо намоз нагузоред, дар он дар либоси тоза, ба қадри имкон зебо, ба қадри зарурӣ шуморо пӯшидадоранда бошед.

5. Ҳамин тавр, дар зиндагии заминӣ аз неъматҳое, ки барои таъмини ҳаматарафаи мӯъмин пешбинӣ шудааст, чизе низ ба беимонон мерасад, аммо дар зиндагонии абадӣ онҳо чизеро аз онҳо намебинанд.

6. Ба дигар тарз, инсон мехост бипурсад, ки инчунин хоҳиш оё аз такаббур дахолат мекунад.

7. Яъне, инкор ва номақбул.

8. Нигаред: "Аъроф", 32.

9. Либосе аз матоъи патдор, мисли махмал.

10. Навъи либос аз матоъи шоҳӣ.

11. Дар он ҷо ки ӯ ҳангоми дарс гуфтан бо шогирдон менишаст.

12. Яъне, касе, ки қалби худро тоза накарда, дар паноҳи гуноҳони гунагун пинҳон медорад.

13. Дараҷаи ниҳоии беэҳтиётӣ ба фармоишоти Аллоҳ дар натиҷаи ҷаҳолат дар назар аст.

14. Нигаред, масалан "Китоб-ул-азкор", ан-Набавӣ ва "Ал-Маъсурот"-и Ҳасан ал-Банно.

# 3
# МУСАЛМОН БО ВОЛИДОНАШ

## Вай нисбат ба онҳо эҳтиром зоҳир менамояд

Яке аз аломатҳои бештар маълуми мусалмони асил ба волидонаш эҳтиром доштан ва муносибати хуби ӯ бо онҳо мебошад. Сабаби ин чиз он аст, ки эҳтиром доштан ба волидон дар шумори амалҳои зарурии ба ислом водор кардани одамон қарор дорад. Бисёр оятҳо ва ҳадисҳо ба ин чиз бешак ва муайян ишора мекунанд. Барои мусулмони бофаросат, ки ин амрҳо дар Китоби Аллоҳ, ҳамчунин дар суннатҳои расули Ӯ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҷо дошта ва он амрҳоеро, ки ӯро барои ба волидон эҳтирому муносибати хуб зоҳир намудан даъват менамоянд, иҷро мекунад, эҳтиром наметавонад, ки яке аз хусусиятҳои ҷудонопазиру барҷастаи табиати ӯ набошад.

## Вай медонад, ки онҳо чӣ мақом ва нисбат ба ӯ чӣ масъулияте бар ӯҳда доранд

Ислом мақоми волидонро он қадар баланд бардоштааст, ки то зуҳури ин дин амсолашро инсоният ёд надорад, зеро дар ислом нисбат ба волидон муносибати хубу эҳтиром доштан чунон мақоме муқаррар гардидааст, ки аз ҷиҳати бартарӣ фақат баъд аз имон овардан ба Аллоҳ саҷда кардан ба Ӯ қарор мегирад.

Дар як қатор оятҳое, ки ҳамсадои якдигаранд, тамаллуқ кардан ба волидон баъд аз тамаллуқ кардан ба Аллоҳ дар ҷои дуюм қарор гирифтааст ва муносибати хуб нисбат ба онҳо шарафи бузург дониста мешавад, ки аз рӯи зарураташ фақат ба шарафи имон доштан ба Аллоҳ гузашт мекунад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا﴾

***﴿Ва Аллоҳро бипарастед ва на чизи дигареро, дар бароба-ри Ӯ ва ба волидонатон некӯӣ* (кунед)…**﴾**

**“Нисо”, 36.**

Дар натиҷаи ин мусулмони асилу бофаросат волидони худ-ро назар ба ҳар кадом инсони дигар бештар эҳтиром мекунад.

Қуръони Маҷид барои волидон мартабаи баланд муқаррар кар-да, усули ахлоқи муомила бо эшонро басо батафсил шарҳ дода-аст, ки мусулмон бояд риоя намояд. Агар яке аз онҳо, ё дуяшон пир шаванд, фартут ва бемадор гарданд, дар ин низ Қуръони маҷид ба ҳадде расидааст, ки аҳли башарро то он вақте ки офто-би ин дин дар рӯи замин дурахшон нашуд, дастрас набуд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓا۟ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَـٰنًا ۚ إِمَّا يَبْلُغَنَّ عِندَكَ ٱلْكِبَرَ أَحَدُهُمَآ أَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُل لَّهُمَآ أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ﴿٢٣﴾ وَٱخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ ٱلذُّلِّ مِنَ ٱلرَّحْمَةِ وَقُل رَّبِّ ٱرْحَمْهُمَا كَمَا رَبَّيَانِى صَغِيرًا﴾

***﴿Ва ҳукм кард Парвардигори ту, то ибодат накунӣ ба ҷуз ӯро ва ба волидон хуб муносибат намоед. Ва агар яке аз онҳо ё ҳардуи эшон пир шаванд, он гоҳ ту ба онҳо “Уф!” – магӯ ва ба онҳо дод мазан, ба онҳо сухани муносиб бигӯ. Ва нисбати эшон аз сари шафқат ҳалимӣ зоҳир намову бигӯ: “Парварди-гори ман, онҳоро магфират намо, зеро онҳо маро вақте ки хурдсол будам, тарбият додаанд.﴾***

**«Исроъ», 23-24.**

Ин ба ҷуз амри ҷовидонаи Парвардигор ба мусулмон нест, ки дар шакли ҳукми бебаҳс ифода ёфта, тағйирнопазир мебо-шад: ***“Ва ҳукм кард Парвардигори ту, то ибодат накунӣ, ба ҷуз ӯро, аммо ба волидон хуб муносибат намоед”***. Дар ин су-ханон робитаи ҷудонопазир миёни парастидани Аллоҳ ва ба во-лидон эҳтиром зоҳир намудан инъикоси худро ёфтааст, дар айни замон мақоми волидон ба чунон мартабае баланд карда шуда-аст, ки қаблан ба он на ҳакимон, на ислоҳотгарони иҷтимоӣ, на уламои масоили ахлоқро таҳиякунанда расида натавониста бу-данд.

Вале дар ояти мазкур на танҳо тарзу тариқи эҳтиром зоҳир кардан ба волидон ифода ёфтааст. Дар баробари ин мазмуни

оят дар қалби фарзандон эҳсоси раҳму шафқат, хайрхоҳӣ ва ҳурмату эҳтиромро бедор месозад, чунки ин ҷо суханони дилнишин, гарм ва хубу хуше, ки инсонро ба тараҳҳум ва хушмуомила будан водор мекунанд, истифода шудаанд: ***"Ва агар яке аз онҳо ё ҳар дуи эшон пир шаванд..."***. Ин чунин маънӣ дорад, ки онҳо дар ин ҳолат ба ғамхории ту, ба ҳимоя ва сарпарастии ту қарор мегиранд, зеро онҳо метавонанд, ки ба пирони фартуту заиф табдил ёбанд. Дар чунин ҳолатҳо худро аз овоз баланд кардан бар онҳо, то эътироз ё асабонияти худро ифода намоӣ, барҳазар бош ва боз ҳам барҳазар бош: ***"...ба онҳо– Уф! – магӯ!"*** ва ба онҳо дод мазан...". Баръакс ту бояд бештар аз ин хусус бияндешӣ, ки боз чӣ сухани хуб бигӯӣ ба онҳо, то эшонро хуш ояд ва хушнуд гарданд: ***"...ба онҳо сухани муносиб бигӯ..."***. Бигузор бо онҳо дар як ҷо будани ту ба он чиз ки эҳтироми амиқу баҳои баланд тақозо менамояд, мухолифат накунад, зеро ин чиз ба ҳалимиву фармонбардорӣ бештар аз ҳама мувофиқат мекунад. ***«Ва нисбати эшон аз сари шафқат ҳалимӣ зоҳир намо..."*** Ва бигузор забони ту аз гуфтани дуо барои онҳо ки эшон ҳамеша ба ту дасти мадад дароз кардаанд ва туро вақти хурдсолу бепаноҳу бемадор будӣ, тарбият намудаанд, хаста набошад.

Мусулмоне, ки ба ӯ дили васеъ ва ақли рӯшан бахшида шудааст, ин набзи илоҳии дар оятҳои зиёди муайяни Қуръон эҳсосшавандаро пайваста дарк мекунад ва дар натиҷа волидонашро ба бештар иззату эҳтиром кардан мепардозад.

Аллоҳи Таъоло гуфтаст:

﴿وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا﴾

***﴿Ва Аллоҳро ибодат кунед ва на чизи дигарро дар баробари Ӯ ва ба волидонатон накӯӣ...﴾***

**"Нисо", 36.**

﴿وَوَصَّيۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيۡهِ حُسۡنٗاۖ﴾

***﴿Ба одамӣ васият кардем, ки ба падару модари худ некӣ кунад...﴾***

**"Анкабут", 8.**

﴿وَوَصَّيۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيۡهِ حَمَلَتۡهُ أُمُّهُۥ وَهۡنًا عَلَىٰ وَهۡنٖ﴾

*﴿Одамиро дар бораи падару модараш васият кардем. Модараш ҳамл карда нотавонтар гардид…﴾*

**"Луқмон", 14.**

Таҳқиқгари зираки ин амр, ки ба эҳтироми волидон мутаалик аст, дармеёбад, ки ин ҷо оятҳои Қуръонро ҳадисҳои муборак пурратар мегардонанд, онҳо мақоми сазовор зоҳир намудани эҳтиром ба волидонро тасдиқ намуда, одамонро аз фармонпазирӣ нисбати онҳо ё онҳоро озор додан новобаста аз он ки чӣ сабабҳо эшонро ба ин корҳо водор месозанд, ҳушдор медиҳанд.

Дар хабар аст, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд, (р), гуфт:

سألتُ النبيَّ ﷺ: أيُّ العَمَلِ أحَبُّ إلى اللهِ؟ قالَ: «الصَّلاةُ على وَقْتِها»، قلتُ: ثُمَّ أيّ؟ قـالَ: «بِرُّ الوالِدَيْنِ»، قلتُ: ثُمَّ أيّ؟ قالَ: «الجِهادُ في سبيلِ اللهِ»

*"Боре ман пайғамбар(салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро пурсидам: "Кадом корро Аллоҳ бештар аз ҳама иеписандад?" Вай гуфт:* ***"Дар айни вақт намоз гузориданро".*** *Ман пурсидам: "Баъд аз ин чӣ?" Вай гуфт:* ***"Ба волидон эҳтиром зоҳир намуданро".*** *Ман пурсидам: "Баъд аз ин чӣ?" Вай гуфт:* ***"Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳро".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, расул, ки мураббии бузург мебошад,эҳтироми волидонро дар миёни ду кори аз нигоҳи ислом зарур: намоз гузоридан дар вақташ ва ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, ҷо додааст. Маълум, ки намоз сутуни дин асту ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ сарҳади ниҳоии ислом. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба волидон чӣ мартабаи баланд муқаррар намудааст!

Дар хабар аст, ки боре ба назди Расули Акрам кадом як шахс меояд ва барои соҳиб шудан ба мукофоти Аллоҳ ӯ қасам ёд мекунад, ки ҳиҷрат[1] ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод хоҳад кард. Вале пайғамбар(салаллоҳу алайҳи васаллам), шитоб накард ва ӯро пурсид: «فهَلْ مِنْ والِدَيْكَ أحَدٌ حَيٌّ؟» ***"Аз волидони ту кадоме барҳаёт ҳастанд?"*** Ин шахс ҷавоб дод: ***"Дуяшон барҳаётанд".*** Расули Акрам гуфт: «فتَبْتَغي الأجْرَ مِنَ اللهِ تَعالى؟» ***"Ва ту мехоҳӣ, ки аҷрро аз Аллоҳи Таъоло соҳиб шавӣ?"*** Ин шахс гуфт: ***"Оре!"*** Он гоҳ расули ҳаким ва меҳрубон гуфт:

«فَارْجِعْ إلى وَالِدَيْكَ فَأَحْسِنْ صُحْبَتَهُمَا» *“Ба назди волидонат баргард ва ба онҳо муомилаи хуш намо!”*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ривояти дигари ҳамин ҳадис, ки низ Ал-Бухорӣ ва Муслим овардаанд, хабар дода мешавад, ки ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) кадом як шахс меояд ва иҷозати ӯро мепурсад, то дар ҷиҳод ширкат варзад. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) мепурсад:

«أَحَيٌّ وَالِدَاكَ؟» قال: نعم، قال: «فَفِيهِمَا فَجَاهِدْ»

***“Оё волидонат барҳаётанд?”*** Ин шахс ҷавоб дод: ***”Оре”*** Он гоҳ ӯ гуфт: ***“Ин тавр бошад, ҳама неруи худро барои онҳо харҷ намо!***[2] ***“***

Нақл мекунанд, ки модари Саъд ибни Абу Ваққос (р), розӣ набуд, то писараш исломро қабул намояд ва гуфт: *“Ё ту аз исломи худ бармегардӣ, ё ман аз хӯрдан даст кашида, гушнагӣ ихтиёр мекунам то даме ки намирам, он гоҳ ту миёни арабҳо шарманда хоҳӣ шуд, ки хоҳанд гуфт: “Ӯ модари худро куштааст!”* Саъд ба ӯ чунин ҷавоб дод: *“Ту медонӣ, ки агар туро сад ҷон бошаду ҳама туро аз паи якдигар тарк созанд ҳам, ман аз исломи худ рӯ нахоҳам гардонид!”* Он гоҳ модари ӯ як рӯз, ду рӯз гуруснанишинӣ кард, вале рӯзи сеюм тоқат наоварда, боз ҳам ба хӯрдан пардохт, баъд аз ин Аллоҳи Азимушшаън оятҳоеро нозил намуд, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) барои мусулмонон хонд. Дар ин оятҳо Саъдро Вай барои инчунин сахт ба модари хеш ҷавоб гардониданаш маломат намуд:

﴿وَإِن جَٰهَدَاكَ عَلَىٰٓ أَن تُشْرِكَ بِى مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ فَلَا تُطِعْهُمَا وَصَاحِبْهُمَا فِى ٱلدُّنْيَا مَعْرُوفًا﴾

***﴿Агар онҳо (волидон) туро водор созанд, то дар баробари Ман ба чизе ки ту аз он илм надорӣ, ибодат кунӣ (яъне ба ман ширк оварӣ), ба онҳо итоат накун, вале бо онҳо дар кори дунё муомилаи хуб намо…﴾***

**“Луқмон”, 15.**

Дар ривояте дар бораи Ҷурайҷа, ки ба Аллоҳ саҷда оварда буд, басо муҳим будани фармудаи муносибати эҳтиромона доштан ба волидон ва бечунучаро ба онҳо тобеъ будан, нақл карда мешавад. Дар ин ривоят хабар дода мешавад, ки боре чун ӯ

намоз мегузорид, модараш ба вай мурочиат намуд, вай ба худ гуфт: *“Эй Худои ман, модарам ё намозам?”*-ва намозро интихоб кард. Модар ба ӯ дубора мурочиат намуд, аммо ӯ боз ҳам ҷавоб надод ва намози худро давом бахшид. Он гоҳ модар бори сеюм ба вай мурочиат карду ӯ боз ҳам ҷавоб надод ва модар ӯро нафрин хонду ба Аллоҳ бо дуое мурочиат намуд, ки ҷони ӯро (писарашро) то вақте наситонад, ки Вай аз ӯ (писараш) чеҳраи фосиқеро нишон надиҳад. Баъд аз ин яке аз фоҳишаҳо бо чӯпоне зинокорӣ намуд ва ҳомиладор шуд, аммо чун ба ҳарос афтод, ки ошкор мешавад, ин чӯпон ба ӯ гуфт: *“Агар туро аз хусуси падари кӯдак пурсанд, бигӯ: Ин Ҷурайҷаест, ки Худоро саҷда мекунад”*. Фоҳиша ҳамин тавр ҳам кард. Он гоҳ одамон ба кулбаи Ҷурайҷа ҳамлавар шуданд, то онро харобу валангор созанд ва қозӣ Ҷурайҷаро ба майдон бурд. Вақте ки ӯро ба майдон мебурданд, вай нафрати модари худро ба хотир оварда, табассум намуд, вақте ки ӯро барои ҷазо додан оварданд, вай барои чанд лаҳза ҷавоб пурсид, то ду ракаат намоз бигзорад. Баъд ӯ хоҳиш кард, ки барояш кӯдакро биёваранд ва дар гӯши ӯ пичирос зада, гуфт: *“Падарат кист?”* Кӯдак ҷавоб дод: *“Падари ман фалон чӯпон аст.”* Он гоҳ одамон бо нидоҳои *“Нест худое ҷуз Аллоҳ”* ва *“Аллоҳу Акбар”* ба Ҷурайҷа гуфтанд: *“Мо барои ту аз симу зар кулбаи дигаре бино хоҳем кард!”* Аммо ӯ ба онҳо эътироз намуд: *“Не, кулбаро чун пештар аз хоку гил бино кунед!”* Ва дар ин ҳадис, ки Ал-Бухорӣ нақл кардааст, ҳамчунин суханони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) оварда шудаанд: ***“Агар Ҷурайҷа фақеҳе мебуд, медонист, ки ба ҷои намозро давом додан ба модари худ ҷавоб доданаш зарууртар буд!”***

Аз ин ҷо, фақеҳон чунин мешуморанд, ки агар шахс намози нафл мегузораду кадоме аз волидонаш даъват мекунад, ӯро лозим аст, ки намозро бурида, ҷавоб гардонад.

## Ӯ ОНҲОРО ЭҲТИРОМ МЕКУНАД, АГАРЧӢ МУСАЛМОН ҲАМ НАБОШАНД

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба одамон дастурамалҳои муборaки худро дода, дини бузурги исломро то ба дараҷаи аълои башардӯстӣ баланд мебардорад, зеро ӯ одамонро васият мекунад, ки воли-

дони худро эҳтиром намоянд ва ба онҳо хушмуомила бошанд, ҳатто агар онҳо мусулмон ҳам набошанд. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки аз суханони Асмо бинти Абу Бакри Сиддиқ (р), оварда шудааст, нақл мешавад:

*"Дар замоне ба назди ман модарам ташриф овард, ки дар зиндагии Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ӯ бисёрхудопараст буд. Ман қарор додам, ки аз Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маслиҳат пурсам ва ба ӯ гуфтам: "Ба назди ман модарам ташриф овардааст, ки чизеро мехоҳад[5], оё маро лозим аст, бо ӯ муомила бикунам?" Вай ҷавоб дод:* ***"Оре, туро лозим аст, ки чунин бикунӣ!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони воқеӣ, ки фармоишоти наҷиби Қуръон ва дастуроти муборaки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро аз бар кардааст, пеш аз ҳама ба волидонаш бо эҳтироми бузург муносибат ва ба ҳар қадоме аз онҳо ба таври ибратбахш муомила мекунад.

Саҳобагони пайғамбар (р) ва онҳое, ки бо дили соф аз паи онҳо мерафтанд, маҳз чунин амал менамуданд. Масалан, дар хабар аст, ки як шахс ба Саид ибни Мусаййаб, (р), гуфт: *"Ман ҳамаи оятҳоеро, ки дар хусуси эҳтиром ба волидон гуфта шудааст, фаҳмидам, магар ки чунин суханони Аллоҳ Таъолоро:* ﴿وَقُلْ لَهُمَا قَوْلاً كَرِيماً﴾

***﴾...ба онҳо суханони муносиб бигӯ...﴿*** **"Исро", 23.**

Ин суханони муносиб чӣ гуна бошанд? Саид ба ӯ ҷавоб дод: *"Ин чунин маъно дорад, ки ту ба онҳо чунон муроҷиат намой, ки ғулом ба хоҷаи худ".* Ибни Сирин, (р), бошад, ба модари худ ҳамеша чунон бо овози паст сухан мекард, ки гӯё ин овози беморе буд, вай ин корро аз ғояти иззату икром ба ӯ мекард.

## Вай сахт метарсад, ки саркашӣ аз онҳо кунад

Агар мо ин саҳифаи муборaку дурахшонро, ки ба водор кардани одамон барои эҳтиром зоҳир намудан ба волидон бахшида шудааст, баргардонем ва ба саҳифаи муқобили он назар афканем, он гоҳ хоҳем дид, ки он саҳифае сиёҳу торику дағал буда ба қалби сангиншудаи фарзандони гапнодаро таъсири сахте мегузорад ва онҳоро то ба мағзи ҷонашон ба ларза меоварад.

Дар ин саҳифа ба ҳар касе, ки волидони худро беитоат мебошад, рӯирост гуфта шудааст, ки инчунин саркашӣ бо бисёрху-

дой робита дорад, зеро эҳтиром зоҳир намудан ба волидон бо имон доштан ба Аллоҳ алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, беитоатӣ ба волидон ҷинояти вазнину нафратоваре мебошад, ки мусулмони асил аз содир кардани он сахт метарсад ва ӯ дар андешаҳои худ бо он муросо карда наметавонад. Дар ҳақиқат, ин гуноҳи кабиру вазнинест!

Дар ахбор аст, ки Абӯ Бакри Нуфай бин ал- Ҳорис, (р), гуфтааст:

"Боре расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам пурсид:

«ألا أُنَبِّئُكُمْ بِأكْبَرِ الكَبَائِرِ؟» ثلاثاً. قُلْنا: بَلى يا رسولَ اللّهِ، قالَ: «الإِشْـراكُ باللهِ، وعُقُـوقُ الوالِدَيْنِ»

***"Мехоҳед ба шумо гӯям, ки вазнинтарини гуноҳон кадомҳоянд?" – ва суоли худро се маротиба такрор кард. Мо гуфтем, ки: "Албатта, эй Расули Аллоҳ!" Он гоҳ ӯ гуфт: "Ин бисёрхудоист ва беитоатӣ ба волидон!".***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим.**

## Вай қабл аз ҳама нисбат ба модари худ эҳтиром зоҳир менамояд ва баъд нисбат ба падари худ

Барои он ки фарзандон мувозинатро дар зоҳир намудани эҳтиром ва ба яке аз волидон риоя карда, ин мувозинатро аз ҳисоби дигаре вайрон накунанд, ислом ба одамон дастуре медиҳад, ки ҳам ба дуяшон ва ҳам ба ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ тааллуқ дорад.

Масалан, қаблан мо хотиррасон намудем, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам шахсеро, ки ба назди вай омада буд, то қасам ёд карда, дар ҷиҳод иштирок намояд, пурсид: «فَهَلْ مِنْ والِدَيْكَ أَحَدٌ حَيٌّ؟» ***"Оё аз волидонат яке барҳаёт ҳастанд?"*** Ин суханони Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам ба ҷуз қароре аз хусуси ҳатмӣ будани эҳтироми баробар нисбат ба ҳар кадоме аз волидон намебошад. Мо ҳамчунин шоҳид будем, ки дар ҳадисе, ки аз забони Асмо (р), оварда шуд, хабар дода мешавад, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ӯро фармуд то бо модари мушрикаш ҳамчунон дар муомила бошад. Дар хабар аст, ки шахсе аз пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам пурсид:

يا رسول الله، مَنْ أَحَقُّ النَّاسِ بِحُسْنِ صَحابتي؟ قال: «أُمُّكَ».
قال: ثُمَّ مَنْ؟ قال: «أُمُّكَ». قال: ثم مَنْ؟ قال: «أُمُّكَ». قال: ثم مَنْ؟
قال: «أَبُوكَ»

*“Эй Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) кадом шахс сазовортар аст, то ман бо ӯ хушмуомила бошам?”* Вай гуфт: ***“Модари ту”.*** Ин шахс пурсид: *“Баъд кист?”* Вай гуфт: ***“Модари ту”.*** Он шахс боз ҳам пурсид: *“Баъд кист?”* ва он гоҳ вай ба ӯ гуфт: ***“Падари ту”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ин ҳадис Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) тасдиқ мекунад, ки эҳтиром бо модар бартар аст нисбат ба эҳтиром намудан ба падар. Қуръон дар қалби фарзандон эҳсоси эҳтирому миннатдориро нисбат ба волидон бедор сохт, дастур медиҳад ва хидматҳои модарро зикр мекунад, ки кӯдакро нӯҳ моҳ гирифта мегардад ва шир медиҳад. Аз хусуси мушкилоте, ки дар ин ду давра ӯ тоқат меоварад, дар Қуръон бо ифодаҳои нарми нозук ёд карда мешаванд. Ин чиз инсонро ба омодагии наҷиб барои ҷоннисорӣ, меҳрубонии мутлақ ва ҳусни таваҷҷӯҳ водор месозад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَوَصَّيْنَا ٱلْإِنسَٰنَ بِوَٰلِدَيْهِ حَمَلَتْهُ أُمُّهُۥ وَهْنًا عَلَىٰ وَهْنٍ وَفِصَٰلُهُۥ فِى عَامَيْنِ أَنِ ٱشْكُرْ لِى وَلِوَٰلِدَيْكَ إِلَىَّ ٱلْمَصِيرُ﴾

***﴿Ва мо васият намудем инсонро нисбати волидонаш. Модари ӯ, ки қувва сарф карду ӯро дар батнаш мегардонд ва дар дусолагиаш аз шир додан ҷудояш кард. Бад ин ту ба ман шукргузор бошу ба волидонат низ[6].﴾***

**«Луқмон», 14.**

Чӣ тарбияти олиҷаноб, чӣ қадар башардӯстӣ ва дастури меҳрубонӣ! ﴿أَنِ اشْكُرْ لِي وَلِوَالِدَيْكَ﴾ ***«Ба ман шукргузор бошу ба волидонат низ”.*** Ин ҷо сипосгузорӣ ба волидон барои он некие, ки кӯдак оварданд, баъд аз изҳори сипос ба Аллоҳ, ки асоси ҳама эътибору некиҳост, дар мавқеи дуввум вогузошта мешавад. Ин дин барои волидон чӣ мақоми баланду шоистае муқаррар намудааст!

Чунин ҳам воқеъ мегардад, ки ин дунё ба инсон саховати худро эҳдо менамояд ва ӯ серу пур зиндагӣ хоҳад кард. Ӯ соҳиби пули зиёд шуда, ба зану фарзандонаш то дараҷае машғул мегардад, ки волидонашро фаромӯш месозад, ба хотир намеоварад, ки падар чӣ чизҳое барои ӯ сарф накардааст. Нисбат ба падар хасисӣ зоҳир карда, оқибат ғазаби Аллоҳро бар сари худ меоварад.

Вале мусулмони ҳақиқиву самимиро чунин хатар таҳдид надорад, зеро ӯ аз чашмаи сероби баланду пурҳикмату раҳнамои роҳи дурусти дастуроти ислом робитаи худро намеканад. Бар ҳақ, вай ҳамеша овози Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам)-ро мешунавад, ки ба ӯ мегӯяд: ***"Ту ва он чӣ ту дорӣ, моликияти падари туст".***

Ин ҳадисро бо санади хубе имом Аҳмад, Абу Довуд ва Ибни Моҷа овардаанд. Мазмуни он чунин аст:

"Боре ба назди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) чӣ гуна як шахс омаду гуфт: ***"Эй Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ман соҳиби сарвату фарзандон ҳастам, аммо дар ҳақиқат падарам мехоҳад, ки пулҳои маро нобуд созад!"*** Ба ин чиз пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: ***"Ту ва ҳар чизе, ки ту дорӣ, моли падарат ҳастед. Барҳақ, фарзандони шумо дар шумори беҳтарин чизҳои ба даст овардаи шумо маҳсуб мешаванд, шумо аз он чизҳо хӯред, ки фарзандонатон пайдо кардаанд!"***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки имом Аҳмад овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: ***"Инро барои сиҳатии худ хӯред!"***

Ин ҳадисро Имом ал-Хаттоб чунин шарҳ додааст: "Суханони ***"пулҳои маро нобуд мекунад..."*** маънои ***"онҳоро бе бақия, томаман харҷ кардан"***-ро дорад. Эҳтимол он шахс тавассути ин суол мехост фаҳмонад, ки падараш барои худ басо зиёд харҷ мекунад ва аз пулҳои ӯ чизе боқӣ намемонад. Аммо пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ӯро ҷонибдорӣ накард ва иҷозат надод, ки ӯ аз харҷ (шудани пулҳояш) рӯ гардонад, балки ба ӯ гуфт: ***"Ту ва он чӣ ту дорӣ моликияти падарат мебошед".*** Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) дар назар дошт, ки агар падарат ба пулҳои ту ниёз дорад, он гоҳ метавонад аз онҳо он қадар бигирад, ки мехоҳад, гӯё ӯ чизеро аз маблағҳои худаш мегирад. Агар ту пуле надорӣ, аммо ту кор карда метавонӣ туро

зарур аст, ки маблағ пайдо карда, онро барои ӯ сарф намоӣ”.

Тамоми вуҷуди инсон зери таъсири усулҳои таълими пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) кушода мегардад ва дар натиҷаи ин ба дигарон эҳтирому эътибору муҳаббат изҳор менамояд. Тавассути ҳамин чиз инсон аз гуноҳ эмин монда, он тавр мешавад, ки ӯро расули ислом ҳамин тавр дидан мехосту гуфта буд: ӯ ва ҳар чизе, ки ӯ дорад, моли падараш аст.

## Вай онҳоро низ эҳтиром мекунад, ки онҳоро волидонаш дӯст медоранд

Вале фармоишоти ин дини яккахудоӣ бо эҳтиром кардани волидон маҳдуд нашуда, доираи онҳоеро низ фаро мегирад, ки эшонро эҳтиром кардан зарур мебошад ва онҳоро (волидон) дӯст медоранд. Аз суханони Умар (р), нақл мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«أبَرُّ البِرِّ أنْ يَصِلَ الرَّجُلُ وُدَّ أبيهِ». وفي رواية: «إنَّ مِنْ أبَرِّ البِرِّ صِلَةَ الرَّجُلِ وُدَّ أبيه بَعدَ أنْ يُوَلِّي»

***“Изҳори олии эҳтиром аз он иборат мебошад, ки инсон ба онҳое, ки падараш эшонро дӯст медорад, робита намояд.”***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: ***“Дар ҳақиқат, изҳори олии эҳтиром ин аст, ки инсон баъд аз сари падараш бо онҳое низ робита кунад, ки эшонро падараш дӯст медошт.”***

**Муслим**

Нақл мешавад, ки боре Абдуллоҳ ибни Умар (р), дӯсти падари худ Умарро (р) тасодуфан вохӯрда, ба ӯ ҳар гуна нишонаҳои таваҷҷӯҳ зоҳир намуд, то эҳтироми худро ошкор созад ва баъд яке аз шахсоне, ки бо ӯ буд, гуфт: “Оё ду дираме, ки вай аз ту гирифт барояш кам буд?” Ба ин суол Ибни Умар (р), гуфт: “Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфтааст: «إحْفَظْ وُدَّ أبيكَ، لا تَقْطَعْهُ فَيُطْفِئَ اللَّهُ نُورَكَ» ***“Бо касе, ки ӯро падари ту дӯст медошт, дар робита бош ва мабур, вагарна Аллоҳ нури туро хомӯш мекунад!”***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки кадом як шахс пайғамбар(саллаллоҳу алайҳи васаллам)-ро пурсид:

يا رسولَ الله، هَلْ بَقِيَ مِنْ بِرِّ أَبَوَيَّ شَيْءٌ بعدَ مَوْتِهما أَبَرُّهما؟ قالَ: «نَعَمْ، خِصالٌ أَرْبَعٌ: الدُّعاءُ لَهُما، والاستِغْفارُ لهما، وإِنْفاذُ عَهْدِهما، وإكرامُ صَدِيقِهما، وصِلَةُ الرَّحِمِ التي لا رَحِمَ لكَ إلاّ مِنْ قِبَلِهما»

*"Эй Расули Аллоҳ, оё метавонам, ки ба ягон тарз нисбат ба волидони худ баъд аз вафоти онҳо эҳтиром зоҳир намоям?"* Вай гуфт: ***"Оре, ба чор восита: ба Аллоҳ бо дуо барои эшон муроҷиат намудан, ки мағфират кунад, васияти онҳоро ба иҷро расонидан, дӯстони онҳоро гиромӣ доштан ва бо онҳое, ки тавассути ӯ (падар) алоқаманд мебошӣ, робитаи хешу табории худро нигоҳ доштан."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад".**

Ҳамин тавр, бо дӯстони волидон дар замони зинда будани эшон ва баъд аз маргашон робита доштани фарзандон дараҷаи олии изҳори муҳаббату садоқат, эҳтиром ва гиромӣ доштани онҳо мебошад. Мусулмони ҳақиқӣ ва асил бо ашхосе, ки волидонаш онҳоро дӯст медорад, алоқаҳои муҳаббату дӯстиро ҳамеша нигоҳ медорад, онҳоро баъд аз сари волидонаш низ дӯст хоҳад дошту эҳтиром хоҳад кард. Вай ин муҳаббати қадимиро фаромӯш намесозад ва бо чунин алоқаҳои наҷиби инсонӣ, ки волидонаш асос гузоштаанд, беэътино намешавад. Ин гуна ҳиссиёти баланди инсонӣ ва муҳаббати поку наҷиб зеби ин зиндагист, вай одамиро хушбахт мегардонад ва ин ҳама ба арзи вуҷуд кардани мусулмони асил дар ин ҳаёт муносибат дорад.

Дар он кишварҳое, ки ислом доман нагустурдааст, фарзандоне, ки ба камол мерасанд, аз волидонашон ҷудо мешаванд ва ин чиз ба канда шудани робита миёни волидону фарзандон мегардад. Дар натиҷа ҳар замон онҳо ҳатто бо модарону падарони худ вонамехӯранд, ба онҳо на таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд ва на раҳму шафқат. Ҷавонон бо роҳи худ мераванд, ҳатто аксар вақт аз ин хусус намеандешанд, ки бояд баргарданд ва барои намояндагони насли калонсолон баъд аз сарф кардани нерӯи худ барои фарзандони ба ҳаёт қадам гузоштаашон дар ҳолати ногувор мондаанд, ягон хубӣ кунанд ё бо ягон роҳ муҳаббати худро изҳор намоянд. Оё метавон ин гуна беэҳтиромӣ, шайтони-

гарӣ ва хунукназарии фарзандонро нисбат ба волидони худ, ки дар мамолики қаблан зикршуда зоҳир мешавад, бо эҳтиром, муҳаббат, садоқат ва ҳар гуна таваҷҷӯҳи мусулмони поктинат, ки дар зиндагӣ ва баъд аз марг нисбат ба волидонаш изҳор менамуда, инчунин бо ашхосе, ки эшон онҳоро дӯст медоштанд муносибаташро гум накарда, алоқаашро намеканад, муқоиса кард?! Ин ҳама ба шарофати ислом, усулҳои беҳамтои тарбияи рӯҳӣ ва миёни одамон барқарор кардани муносибатҳои инсонӣ мебошад, ки ягон низом ва ягон қонунгузорӣ муваффақ шуда натавонистааст.

# Эзоҳи боби 3

1. Яъне, ба Мадина ба назди мусулмонон кӯчида омадан.

2. "*Ҷаҳид*". Ин феъл аз решаи калимае таркиб ёфтааст, ки "ҷиҳод".

3. Яъне, оё намедонӣ, ки ин баробар аст бо Ман.

4. Ин кӯдак аз шумори он се тифлест, ки ҳанӯз дар гаҳвора сухан гуфтааст. Дуи дигар Исои писари Марям ва боз тифле, [illegible] ба хандақи пуроташ ҳамроҳи модараш ва дигар одамон афканда буданд. Аз ин хусус дар яке аз ҳадисҳои пайғамбар, (с), хабар дода мешавад.

5. Яъне, мехоҳад аз он чизе, ки ман дар ихтиёри худ дорам, чизе бигирад ва аз ин хусус маро хоҳиш мекунад.

6. Ба Аллоҳ, ки дар Рӯзи Растохез тақдири инсонро абадулабад қазоват мекунад.

# 4
# МУСАЛМОН БО ҲАМСАРИ ХУД

## Муносибати ислом бо никоҳ ва зан

Никоҳ дар ислом ҳамчун воситаи хотирҷамъии рӯҳ ва фароғати қалб баҳо дода мешавад. Ин зиндагии якҷояи марду зан аст, ки ҳамдигарро дӯст медоранд ва ҷонсӯз ҳастанд, қоидаҳои муованат, самимият ва таҳаммул карданро риоя менамоянд, то дар муҳити меҳру навозишу хушбахтии оилавӣ фарзандон ба воя расонанд ва хонадони хушбахти мусулмонӣ ташкил бидиҳанд.

Қуръони маҷид чунин муносибати табиии миёни марду занро басо ҷолиб ва нозук шарҳ дода, дар манзарае, ки пеши назари мо қарор гирифтааст, гӯё оромиву бехатариро тасвир менамояд, ҳол он ки вай худ накҳати ишқу якдигарфаҳмӣ ва шафқатро паҳн мекунад.

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَمِنْ ءَايَٰتِهِۦٓ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَٰجًا لِّتَسْكُنُوٓا۟ إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً﴾

***﴾Аз мӯъҷизаҳои Худованд он аст, ки барои шумо ҳамсарони шуморо офарид, то ки онҳо дар оромиву осоиш бошанд ва байни шумоён муҳаббату раҳмдилиро қоим намуд.﴿***

**«Рум, 21.»**

Дар ҳақиқат, ин ба ҷуз алоқаи мустаҳкамтарини миёни ду қалб нест, ки Аллоҳ барқарор месозад, то онҳо дар хонадони занушавҳарии писандидаашон, ки алоқамандии соф ва ҳамдардии нозуки якдигарфаҳмӣ маскан гирифтааст, аз фароғат баҳра бурда тавонанд.

Дар ислом зани порсо яке аз ҳаловатҳои ин ҳаёт ва меҳрубонии бузургтарини Аллоҳ барои мард баҳо дода мешавад, зеро мард дар ӯ аз фалокатҳои зиндагӣ, меҳнати хастакунанда ва ази-

ятҳо фароғат меёбад. Ҳамчунин вай ба мард истироҳату тасалло ва ҳаловате мебахшад, ки ягон ҳаловати дигар ба он баробар шуда наметавонад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) барҳақ гуфтааст:

«الدُّنيا مَتاعٌ، وخَيْرُ مَتاعِها المَرْأةُ الصَّالِحَةُ»

***“Ин ҷаҳон барои истифодаи муваққатӣ дода мешавад, вале беҳтарини он чизҳо, ки барои истифода метавон дар ин дунё гирифт, зани порсо мебошад”.***

**Муслим.**

Чунин аст нуқтаи назари ислом дар шакли оливу поки он ва чунин аст муносибати вай ба зане, ки латофати ӯ ба тариқи сазовор зоҳир мегардад.

## Зане, ки мусалмон ҷустуҷӯ мекунад

Тибқи инчунин ақидаи олӣ ба никоҳ ва зан амал карда, мусулмони асил ба чизҳои беҳудаи зоҳирӣ, ки баъзе занони имрӯза худро зери он мепӯшонанд, фирефта намешавад. Аммо ӯро шахсияти мусулмондухтар метавонад ба худ ҷалб кунад ва аз ин сабаб вай дар интихоби ҳамсар саросема нашуда, чунин духтареро ҷустуҷӯ менамояд, ки худро бо сифатҳои наҷиби исломӣ зинат медиҳад ва ӯро зиндагии мӯътадилу гуворои занушавҳарӣ мебахшад. Дар натиҷаи ин вай бо зебоиву латофату дигар чизҳои ба ин монанд, ки фақат наврасони сабукандешро хос аст, қаноатманд нашуда, дар як вақт мехоҳад духтари интихоб намудааш соҳиби исломи асил, ақли солим бошад ва бо ахлоқи хубаш тафовут намояд. Дар ин кор ӯ дастури муборaки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам)-ро ба эътибор мегирад, ки фармудааст:

«تُنْكَحُ المَرْأةُ لأرْبَعٍ : لِمَالِهـا، ولِحَسَبِها، ولجمـالِها، ولِـدِينها، فَـاظْفَرْ بِذاتِ الدِّينِ، تَرِبَتْ يَداكَ»

***“Ба чаҳор чиз ҳамсар ихтиёр мекунанд: аз барои сарваташ, ё аз барои насабаш, ё аз барои ҳуснаш ё аз барои дини вай, ҳамонеро пайдо бикун, ки (аҳкоми) динро соҳиб аст ва бошад, ки комёб гардӣ!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аммо он чӣ ки Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ҷавонони мусулмонро

фармудааст, то ҳамсаре пайдо кунанд, ки аҳкоми исломро риоя намояд, чунин маъно надорад, ки ба орзуи ҳамсари ба зоҳир зебо ҳеҷ гуна эътибор надиҳанд, зеро Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба ин чиз низ даъват намудааст, ки то бастани ақди никоҳ домод арӯси худро шиносад ва минбаъд низ бо ӯ бо муҳаббату муросо зиндагӣ ба сар барад.

Дар хабар аст, ки Муғира ибни Шӯъба (р), гуфтааст:

خطبتُ امرأةً على عهد رسول الله ﷺ، فقال النبيّ ﷺ: «أنَظَرْتَ إلَيْها؟» قلتُ: لا، قال: «فانظُرْ إليها، فإنّهُ أجْدَرُ أنْ يُؤدَمَ بينَكُما»

*“Дар зиндагии Расули Аллоҳ вақте ки ман ба зане хостгор шудам, ӯ маро пурсид: **“Ту ӯро оё дидаӣ?”** Ман ҷавоб додам: **“Не”.** Он гоҳ ӯ гуфт:*
***“Ӯро бубин, зеро хуб аст агар миёни шумо муҳаббату ризоият бошад!”***

**Ан-Нисоӣ**

Ҳамчунин хабар дода мешавад, ки боре ба назди пайғамбар яке аз ансориёни ба зане хостгоршуда омад ва Расули ак[illegible]

(салаллоху алайхи васаллам) ӯро пурсид: «هَلْ نَظَرْتَ إليها؟» قال: لا، فأمره أن ينظر إليها

***“Ту ӯро дидаӣ” Вай ҷавоб дод: “Не”, ва он гоҳ фармудаш то вайро бубинад.***

**Ан-Насаъ ва Ибн Моҷа**

Дар аксар ҳадисҳо хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) қайд кардааст: зебоӣ ба ҷумлаи сифатҳои асосие мансуб мебошад, ки дар қатори дигар сифатҳои наҷиби муҳим мард диданашро дар зани порсо умед дорад, яъне яке зарур будани дигареро инкор намекунад.

Аз ин сабаб пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба Ибни Аббос (р), гуфт:

«ألا أخبرُكَ بخيرِ ما يَكنِزُ المرءُ؟ المرأةُ الصّالحةُ. إذا نظرَ إليها سَرّتْهُ، وإذا أمَرَها أطاعَتْهُ، وإذا غابَ عَنْها حَفِظَتْهُ»

***“Ба ту аз хусуси он чӣ ки мард барои худ бояд эҳтиёт намояд, хабар диҳам? Ин зани порсост. Агар ӯ бо вай нигарад, ин ба ӯ хушнудӣ меоварад, агар ба вай чизе фармояд, ба ӯ итоат мекунад, агар ӯро (ба муддате) тарк созад, вайро эҳтиёт менамояд”***[1,2]

**Ал-Ҳаким**

Аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл мекунанд, ки вақте аз

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) пурсид:

أيُّ النِّساءِ خيرٌ؟ فقال: «التي تَسُرُّهُ إذا نَظَرَ، وتُطِيعُهُ إذا أَمَرَ، ولا تُخالِفُهُ فيما يَكْرَهُ في نَفْسِها ومالِهِ»

*"Кадом зан беҳтарин мебошад?",-* ӯ ҷавоб дод: ***"Ҳамоне, ки шавҳари худро хушнуд мекунад, вақте ба ӯ (шавҳар) нигоҳ менамояд, ба ӯ итоат мекунад, вақте ба ӯ чизе мефармояд, бо мард муросо мекунад, вақте дар ӯ (зан) чизе ба шавҳар ё он чӣ ба моликияти шавҳар тааллуқ дорад, писанд намеояд[3]».***

**Имом Аҳмад.**

Чунин аст нуқтаи назари дурусти пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба он чӣ ки шахсияти зан, аз он иборат бошад, ишорат намудааст – зане, ки метавонад ба мард бахту фарзандону осоишу оромӣ бахшад ва хонадони ӯро аз муҳаббату осудагиву қаноатмандӣ пур созад, зеро ба шарофати он зан метавонад мураббии насли наврас гардаду дар тарбияи қаҳрамонони ояндаву ашхоси бузург ҳисса гузорад. Дар ҳақиқат, Расули акрами ислом мехост, ки никоҳ дар пояи мустаҳкаму мутаносиб бунёд ёбад. Ба тарзи дигар гӯем, ақди никоҳро бо ба ҳисоб гирифтани талаботи ҷисму ақлу рӯҳу ҳис бояд бубаст, то вай мустаҳкам бошаду мувофиқ наомадани хислатҳо онро калавонда натавонад ё ҳавову ҳаваси қалб вайрон накунад. Ана барои чи мусулмони асил, ки ҳар амали худро бо шариати Аллоҳ месанҷад, ба ҳеҷ гуна зӯрӣ тан намедиҳад.

## Дар ҳаёти оилавии худ вай ҳамеша фармоишоти исломро иҷро мекунад

Мусулмони асил ва содиқ чун ақди никоҳ мебандад, ҳама гуна дастурамалҳои аслии исломро, ки ба муомилаву муносибати байниҳамдигарии ӯ ва занаш дахл доранд, риоя менамояд. Агар мо ба моҳияти ин дастуроти воло, ки мусулмонро ба эҳтиром кардану муомилаи хуб намудан бо ҳамсараш водор месозанд, сарфаҳм равем, чизҳои (наҷиби) ҳайратнагез бароямон ошкор мегарданд.

Ҳамин тавр, ислом таълим медиҳад, ки бо зан бояд хушмуомила буд ва ӯро чунон мақоми баланд муқаррар намудааст, ки

ӯ чунин мақомро дар ягон дини дигар соҳиб нагардидааст. Дар хабар аст, ки масалан, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба мардон бо даъват муроҷиат намуда, гуфтааст:

«اسْتَوْصُوا بالنِّساءِ خَيْراً، فإنَّ المَرْأَةَ خُلِقَتْ مِنْ ضِلَعٍ، وإنَّ أعْوَجَ ما في الضِّلَعِ أعْلاهُ، فإنْ ذهبتَ تُقيمُه كسَرْتَه، وإن تركتَه لم يزلْ أعْوَجَ، فاسْتَوْصُوا بالنِّساءِ»

***"Бо занон ҳамеша хушмуомила бошед, зеро, дар ҳақиқат, зан аз қабурға (-и мард) офарида шудааст ва бештар аз ҳама қисмати болои он хамзадатар мебошад. Агар ту кӯшиш намоӣ, ки онро рост бикунӣ, онро мешиканӣ, аммо агар онро ба ҳоли худ бигузорӣ, ҳамин тавр хамзада мемонад. Маҳз аз ин сабаб ҳамеша ба занон хушмуомила бошед!".***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки дар ҳар ду нусхаи "Саҳеҳ" оварда шудааст, хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«المَرْأَةُ كالضِّلَعِ: إنْ أقَمْتَها كَسَرْتَها، وإنِ اسْتَمْتَعْتَ بِها اسْتَمْتَعْتَ بها، وفيها عَوَجٌ»

***"Зан ба қабурға шабоҳат дорад: агар онро рост кардан хоҳӣ, мешиканӣ, аммо агар аз ӯ баҳра бардоштан хоҳӣ, баҳра бубар – ба каҷии он эътибор надеҳ".***

Дар он нусхаи ҳадис, ки Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар гуфт:

«إنَّ المَرْأَةَ خُلِقَتْ مِنْ ضِلَعٍ، لَنْ تَسْتَقيمَ لَكَ على طَرِيقَةٍ، فإنِ اسْتَمْتَعْتَ بها، اسْتَمْتَعْتَ بِها وفيها عَوَجٌ، وإنْ ذَهَبْتَ تُقِيمُها كَسَرْتَها، وكَسْرُها طَلاقُها»

***"Дар ҳақиқат зан аз қабурға офарида шуда буд ва ӯ ҳаргиз ва дар ягон маврид барои ту рост нахоҳад шуд. Агар ту аз вай баҳра бурдан хоҳӣ, новобаста аз каҷии ӯ баҳра бардор, аммо агар кӯшиш намоӣ, ки ӯро рост намоӣ, он гоҳ онро хоҳӣ шикаст, ӯро шикастан бошад, маънии аз ӯ ҷудо шуданро дорад".***

Дар ин мисоли рӯшан, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) овардааст, моҳияти зан ва таърифи оличанобии табиати он ифода ёфтааст. Яъне,

зан наметавонад, ки бетағйир рост буданро нигоҳ дорад, чунонки инро шавҳари ӯ мехоҳад. Мусулмони оиладор бояд бидонад, ки ин хосияти азалии зан аст ва мувофиқи он тасаввуре, ки дар назари ӯ дурусту комил менамояд, барои ислоҳ кардан ҳаргиз кӯшиш набояд ба харҷ дод. Ӯро лозим аст, ки махсусияти завқи занонаро ба эътибор бигирад ва занро ҳамон тавре, ки Аллоҳ офаридааст, қабул намояд. Ба дигар маънӣ, мард бояд ба назар бигирад, ки ба сабаби хамзадагии худ дар баъзе корҳо ӯ аз он чӣ ки мард мехоҳад, рӯ метобад. Аммо агар мард бихоҳад занро ҳатман ба хоҳишҳои худ мувофиқ созад, он гоҳ ӯ ба шахсе монанд хоҳад шуд, ки ба ҳар восита қабурғаеро рост карданӣ мешаваду аммо он дар дастонаш мешиканад. Агар инро ба зан нисбат диҳем, шикастани ӯ ҷудо шудан аз ӯст.

Вақте ки дар қалби мусулмони оиладори асил ин насиҳатҳои наҷиби пайғамбар салаллоху алайхи васаллам, ки бо дарки рӯҳиву хислати зан асоснок шудаанд, тасдиқ мешаванд, он гоҳ ӯ ба ғалату хатоҳои ҳамсари худ бо эҳтиёту нармдилӣ эътибор медиҳад ва хусусияти азалии ин ҷинси латифро ба назар гирифта, бисёр майда чуйдаҳоро нодида гирифтанро афзал медонад. Дар натиҷаи ин бар хонадони зану шавҳар сулҳу салоҳ осудагиву бахт ҳукмфармо ва дар он на ҷанҷол ва на баҳс пайдо мешавад.

Касе, ки ҳадисро бо диққат аз назар мегузаронад, ҳатман пай мебарад, ки Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам бо суханони: ***"Ҳамеша бо занон хушмуомила бошед..."***- оғоз бахшида, баъд тавсифи шахсияти вай, сухани худро боз бо ҳамон калимот ба поён расонида, бори дигар мегӯяд: ***"... аз ин сабаб ҳамеша бо занон хушмуомила бошед."*** Расули акрам салаллоху алайхи васаллам, ба масъалаи занон чӣ қадар зиёд эътибор додааст! Чӣ қадар амиқ дарк кардааст ӯ рӯҳияи занонро! Чи хел сахт дастгирӣ зоҳир намудааст ба занон! Оё мусулмони асил метавонад, ки агар ӯ оиладор бошад, чунин насиҳатҳои олиҷанобро риоя ва бо эшон дар ҳама гуна ҳолат тибқи ин дастурот рафтор кунад?

Эътиборе, ки Расули акрам салаллоху алайхи васаллам, ба занон медод, он қадар бузург буд, ки ҳатто ҳангоми анҷом додани ҳаҷи охирини худ ба одамон муроҷиат намуда, зарурати муомилаи хуш намуданро бо занон таъкид намуд. Дар ин хутба вай муҳимтарин чизеро

аз ҷумла он чизеро ки ба мусулмонон гуфтанаш зарур буд ёдовар шуд, зеро ҳис мекард, ки ин вохӯрӣ бо эшон охирин аст. Дар вақти гуфтани ин вазъи машҳур, ки одами зиёде ҳузур дошт, вай фаромӯш накард, ки зарурати муомилаи хуш намуданро бо занон таъкид созад. Вай суханро аз хусуси онҳо оғоз бахшид, ки аз эътибори бузурги ӯ ба эшон далолат медиҳад:

«ألا واستَوْصُوا بالنِّساءِ خَيْراً، فإنَّهُنَّ عَوَانٍ عندَكُمْ ليسَ تَمْلِكونَ منهنَّ
شَيْئاً غيرَ ذلكَ، إلاّ أنْ يأتِينَ بفاحِشَةٍ مُبَيِّنَةٍ، فإنْ فَعَلْنَ فاهْجُروهُنَّ في
المَضاجِعِ، واضْرِبوهُنَّ ضَرْباً غيرَ مُبَرِّحٍ، فإنْ أطَعْنَكُمْ فلا تَبْغُوا عليهنَّ سَبيلاً،
ألا إنَّ لكمْ على نِسائِكُمْ حَقّاً، ولِنِسائِكُمْ عليكمْ حَقّاً، فحقُّكُمْ عليهنَّ ألاّ
يُوطِئْنَ فُرُشَكُمْ مَنْ تَكْرَهونَ، ولا يَأذَنَّ في بُيوتِكُمْ لِمَنْ تَكْرَهونَ، ألا وحَقُّهُنَّ
عليكمْ أنْ تُحسِنوا إليهنَّ في كِسْوَتِهِنَّ وطَعامِهِنَّ»

***“Ҳамеша бо занон хушмуомила бошед, зеро дар ҳақиқат, онҳо ба шумо бовар карда шудаанд ва зиёда аз ин шумо ба онҳо молик нестед, магар ки кирдори ношоиста анҷом диҳанд. Агар онҳо хатое аз ин қабил содир кунанд, пас аз онҳо дӯрӣ биҷӯед ва эшонро бизанед, аммо сахт не. Аммо агар онҳо ба амри шумо сар фуроранд, пас алайҳи онҳо ягон амале анҷом надиҳед. Дар ҳақиқат, шуморо ба занонатон ҳақе ҳаст ва занонатонро низ ба шумо ҳақе ҳаст. Шумо ҳуқуқ доред, аз онҳо талаб кунед, ки онҳо ҷуръат накунанд ба он ҷое нишинанд, ки он ҷо шумо хоб меравед, бо касе нишинад, ки шуморо писанд нест ва ӯро иҷозат надодаед, ки ба хонаатон дарояд, зеро шумо ӯро дидан намехоҳед. Ва он чӣ ба занонатон тааллуқ дорад: онҳо ҳақ доранд аз шумо талаб намоянд, ки эшонро хуб пӯшонед ва хӯронед”***[4]

**Ат-Тирмизӣ**

Дар ҳақиқат, ба ин панд ҳар мусулмони оиладор, агар ӯ инсони асил ва баҳуш бошад, гӯш медиҳад. Дар ин ҳидояти накӯи пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) вай ҳуқуқу вазифаҳои мушаххасгардидаи шавҳарону занонро мебинад. Чаҳорчӯбаи (ҳошияи) ин ҳидоят шафқат нисбат ба занон, дастгирӣ ва накӯкорӣ кардан ба онҳо мебошад, ки вай ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеорад, ки онҳоро ба танг орад ё ба эшон зарар расонад.

Дастури Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) вобаста ба зарурати муносиба-

ти хуб намудан ба занон басо зиёд мебошад ва бархе аз онҳо шавҳаронеро, ки бо занони хеш хушмуомила мебошанд, узви беҳтарини ин қавм эълон мекунанд. Масалан, дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أكملُ المؤمنين إيماناً أحسنُهم خُلُقاً، وخيارُكم خيارُكم لنسائهم»

***"Имони комилтарро ҳамоне аз мӯъмин соҳиб аст, ки ахлоқи накӯтар дорад, аммо беҳтарини шумо ҳамон аст, ки беҳтар аз дигарон бо занони худ муносибат мекунад"[5].***

**Ат-Тирмизӣ**

Ҳамчунин дар хабар аст, ки боре ба ҳузури занони расули акрам (як гурӯҳ) занон омада, аз шавҳарони худ шикоят карданд ва баъд аз ин Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба эътибори шавҳарон чунин (суханонро) расонид:

«لَقَدْ أطافَ بآلِ مُحَمَّدٍ نِسَاءٌ كَثيرٌ يَشْكُونَ أزواجَهنَّ، ليسَ أولئكَ بخيارِكُمْ»

***"Занони зиёде ба назди занони Муҳаммад ҳозир шуда, аз шавҳарони худ, ки аз ҷумлаи беҳтарини шумоён нестанд, шикоят мекарданд."[6]***

**Ат-Тирмизӣ**

Исломи асил ба ҳамсар фармоиш медиҳад, ки вай ба зани худ муносибати хуб дошта бошад, агарчӣ ҳатто аз чизе ба ӯ маъқул нест ва водор месозад, ки адолатро риоя кунад ва нисбат ба зан боэҳтиром бошад. Зан ин чизро то зуҳури ислом ҳаргиз дар хотир надошт.

Аллоҳи Таъоло дар Китоби Худ мефармояд:

﴿وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُواْ شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا﴾

***﴿Ва бо онон бо некӯӣ зиндагонӣ кунед, аммо агар онҳо ба шумо хуш наомаданд, зеро мумкин аст, ки чизе ба шумо хуш намеояд, Аллоҳ хайри касире дар он ниҳода бошад.﴾***

**"Нисо", 19.**

Дар ҳақиқат, ин ояти муборак мағз-мағзи ҷони мусулмони содиқро таъсир гузошта, оташи ғазаби ӯро пасанда ва норизо-

гии ӯро ба занаш кам мекунад. Ислом ҳамин тавр ақди никоҳро аз канда шудан эҳтиёт менамояд, ки дидаҳои муборакро аз таъсири ҳавою ҳавас, ки сабабаш ноустувории эҳсосоту майлу рағбат аст, ҳифз мекунад. Чӣ зебоянд суханони Умар ибни Хаттоб (р), ба марде, ки хост зани худро ба сабаби он ки дӯст намедорад, талоқ диҳад. Умар ба вай гуфт: ***“Вой бар ҳолат магар хонаҳо фақат бо як муҳаббат бунёд карда намешаванд?! Куҷост эътибору номус?”***

Ақди никоҳ дар ислом аз оташаки шарораҳои эҳсосот бештар ва аз таъсири зуҳури хоҳишҳои нафсонӣ бартар мебошад. Сухан дар сари он аст, ки мусулмони асил ба таври кифоя соҳиби ҷасорату ҷавонмардиву сабр, қалби васеъ ва сифатҳои олии ахлоқӣ мебошад, то дар муносибат бо ҳамсари худ, агар чизе аз ӯ ба вай писанд наояд, ҳар қадар имкон дорад аз ҷаҳли ҳайвонӣ, ҳирси тоҷирона ва пастии одами берӯҳ дуртар равад.

Зиёда аз ин, мусулмони асил амри Парвардигори худро иҷро накарда наметавонад ва аз ин сабаб бо ҳамсари худ хушмуомила мебошад, ҳатто агар чизе аз ӯ ба вай маъқул набошад. Ин чиз чунин маънидод карда мешавад, ки вай дар сари суханони Парвардигори Донои худ, ки Ӯро бисёр чизе ки ошкор аст, инро маълум нест, андеша меронад, зеро чунин низ шуданаш мумкин аст, ки чизе ӯро писанд намеояд, вай ба ин чиз нафрат эҳсос мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, то аз он дур равад, ҳол он ки ин чиз метавонад бо накӯӣ фаро гирифта шуда ва аз баракат лабрез бошад. Аз ин рӯ мусулмони бофаросат медонад, ки чӣ тур дӯст дорад ва ё чӣ хел нафрат кунад, вай ба шавқу ҳаваси кӯркӯрона, ҳамчунин ба нафрати кӯркӯрона дода намешавад, аммо ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ҳадди эътидолу адолатро риоя намояд.

Расули акрам мефаҳмонад, ки ҳатто агар шавҳар ба зани худ, ки мӯъмину мусулмон аст, нафрат эҳсос кунад, бо вуҷуди ин зан боз ҳам соҳиби сифоти наҷиб хоҳад буд, ки ин мард аз он қаноатманд хоҳад шуд. Ин чунин маъно дорад, ки он чиро ба мард аз зан маъқул нест, ба эътибор нагирифта, ба ин тараф (-и масъала) набояд аҳамият дод, зеро пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфтааст:

«لا يَفْرَكْ مُؤْمِنٌ مُؤْمِنَةً ، إنْ كَرِهَ منها خُلُقاً رَضِيَ منها آخر»

*“Мӯъмин набояд ба мӯъминзан нафрат кунад, зеро агар ба вай ягон хислати ӯ маъқул набошад, аз хислатҳои дигари ӯ қаноатманд мемонад.”*

**Муслим**

## Мусалмони асил шавҳари намунавӣ мебошад

Мусалмони асил нисбат ба ин фармоишоти саҳеҳу муайян, ки тибқи он ӯро лозим аст, то ба зани худ бо адолату хубӣ муомила намояд, мавқеи муайянеро ишғол менамояд. Дар натиҷаи ин вай наметавонад шавҳари намунавӣ набошад, то ҳамсараш ҳар қадаре ки якҷоя зиндагӣ менамоянд, аз муносибат кардан бо ӯ, аз нармиву ҳалимии ӯ ҳаловат бубарад.

Вай ба хона қадам гузошта, ба назди зану фарзандонаш меояд ва бо табассум, аввалин шуда ба онҳо бо саломи мубораку хайрият муроҷиат мекунад, чунонки Аллоҳи Азимушшаън инро ба ӯ фармуда, муроҷиати махсуси исломро таъин намудааст:

﴿فَإِذَا دَخَلْتُم بُيُوتًا فَسَلِّمُوا عَلَىٰ أَنفُسِكُمْ تَحِيَّةً مِّنْ عِندِ اللَّهِ مُبَارَكَةً طَيِّبَةً﴾

***﴿Ва чун ба хонае ворид шудед, аз ҷониби Аллоҳ ба якдигар саломи мубораку хайрият кунед.﴾***

**“Нур”, 61.**

Истифодаи ин саломро Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ба одамон талқин намудааст, ки ба Анас (р), мегӯяд:

«يـا بُنَيَّ إذا دَخَلْتَ على أهْلِكَ فَسَلِّمْ يَكُنْ بَرَكَـةً عَليـكَ وعلى أهْـلِ بَيْتِكَ»

***“Эй писар, чун ба хонаи худ ворид мешавӣ, салом бигӯ, аз ин ҳам ба ту ва ҳам ба хонадони ту баракат мешавад”.*** [7]

**Ат-Тирмизӣ**

Дар ҳақиқат ин хайру баракат аст. Хайру баракат гуфта ин чиз дар назар дошта шудааст, ки шахс аҳли байти худро бо таманнои сулҳу осоиш истиқбол мегирад, пайдо шудани ӯ дар миёни аъзои оилааш фаро расидани баҳоронро мемонад, зеро вай ба зиндагии эшон хушнудиву хандаву хушбахтӣ ва дар хона муҳити якдигарфаҳмӣ, шавқату ризоият фароҳам меоварад. Вай ба ҳамсари худ, агар бубинад, ки ӯ бо ин чиз эҳтиёҷ дорад, дасти мадад дароз мекунад, агар ӯ аз хастагӣ, дилгир шудан ё эҳтиёҷмандӣ шикоят намояд, бо нармӣ ором мекунад ва ӯ им-

конният медиҳад, то дарк созад, ки ӯ таҳти ҳимояи шавҳари неруманд, накӯкор ва олиҳиммат қарор дорад, ин шавҳар ӯро ҳамеша эҳтиёт хоҳад кард, ғамхорӣ зоҳир менамояд, аз корубори ӯ мепурсад ва ба қадри тавону имкониятӣ хеш ӯро ба он чизҳо, ки ӯ ба онҳо қонунан ҳуқуқ дорад, таъмин мекунад. Вай худро барои ӯ, ба қадре ки шариат иҷозат додааст, зинат мебахшад, як ҳиссаи вақти худро барояш (ҳамеша) ба кору бору машғулияту дӯстони худ нобанд нашуда, ҷудо мекунад. Ислом дар масъалаи муносибатҳои ҷинсӣ низ ҳуқуқи занонро кафолат медиҳад ва ин кафолат он қадар қавӣ мебошад, ки ин дин ба марди оиладор ҳатто иҷозати тамоми вақти худро ба ибодат, ки кори басо заруру пурифтихор ҳисоб меёбад, сарф сохтан нադодааст, то мувозинати дақиқи дар бунёди ин дини бузург ҷойдошта халал напазирад. Исботи ин чизро мо дар ҳадисе дармеёбем, ки аз суханони Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р), нақл шудааст: ӯ хабар медиҳад, ки вақте пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар ёфт, ки Абдуллоҳ бо кори ибодати Аллоҳ басо зиёд вақт сарф менамояд, ба вай гуфт:

«ألَمْ أُخبَرْ أنَّكَ تَصومُ النَّهارَ وتقومُ اللَّيلَ؟»، قالَ: بلى يا رسولَ الله. قال: «فلا تفعلْ، صُمْ وأفطِرْ، ونَمْ وقُمْ، فإنَّ لِجَسَدِكَ عليكَ حَقّاً، وإنَّ لِعَيْنَيْكَ عَلَيْكَ حَقّاً، وإنَّ لِزَوْجِكَ عليكَ حَقّاً، وإن لِزَوْرِكَ عليكَ حَقّاً...»

***"Ба ман хабар доданд, ки ту рӯзона рӯза мегирӣ ва шабҳо ба ибодат машғул мешавӣ. Оё чунин аст?"*** Абдулло ҷавоб дод: *"Оре, эй Расули Аллоҳ"*. Вай гуфт: ***" Ин корро накун, рӯза бигир, аммо танаффус бикун, бихоб ва фароғат намо, зеро дар ҳақиқат бадани туро бар ту ҳақе ҳаст, чашмони туро бар ту ҳақе ҳаст ва зани туро бар ту ҳақе ҳаст ва меҳмони туро бар ту ҳақе ҳаст…"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки боре Ҳавла бинти Ҳаким, зани Усмон ибни Мазъун (р), бо намуди бад ва сарулибоси фарсуда ба назди занони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) омад. Онҳо ӯро пурсиданд, ки: ***"Туро чӣ шуд?"*** Дар ҷавоб ӯ аз хусуси шавҳари худ чунин хабар дод: ***"Шабро бо ибодат мегузаронад ва рӯзона рӯзадор аст".*** Ва занҳо суханони ӯро ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) расониданд, чун пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)

бо Усмон ибни Мазъун вохӯрд, барои ин (кораш) сарзаниш кард ва гуфт: ***"Оё туро лозим нест, ки аз ман ибрат бигирӣ?!"*** Усмон ҷавоб дод: ***"Албатта, Аллоҳ маро аз барои ту фидо намояд!"*** Баъд зани ӯ дубора ба назди онҳо омад, вале ин дафъа вай хуб ба назар мерасид.

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ба ӯ гуфт:

**«يا عثمان، إن الرهبانية لم تُكْتَبْ علينا، أفمالكَ فيَّ أسوةٌ؟ فواللّهِ إنَّ أخْشاكمْ وأحفظَكم لِحدودِه لأنا»**

***"Эй Усмон, моро касе нафармудааст, то роҳиб бошем. Оё туро лозим нест, ки аз ман ибрат бигирӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки ман аз ҳамаи шумоён бештар метарсам то муқаррароти Аллоҳро вайрон намоям ва беҳтар аз ҳама онҳоро риоя мекунам!"***[8]

Расули акрам дастуроти худро миёни саҳобагонаш паҳн карда, онҳоро даъват намуд, то дар кори ибодат ва ҳамчунин зиндагии оилавӣ ҳадди эътидолеро риоя кунанд. Дар ниҳояти кор ин эътидол як ҷузъи табиати эшон шуду онҳо ба якдигар ба маслиҳат додан пардохтанд ва ҳамдигарро ба ин чиз водор менамуданд. Онҳо, дар ҳолатҳое, ки яке аз саҳобагон аз ин дастурот ба сабаби беэътидолӣ аз дунё ва кори ибодат даст мекашид, Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) муроҷиат менамуданд.

Имом Бухорӣ ҳадисе меоварад, ки дар он хабар дода мешавад: Абу Мухайфа (р), гуфт:

**«آخى النبي ﷺ بين سَلْمان وأبي الدَّرْدَاء رضي الله عنهما، فزار سلمان أبا الدرداء، فرأى أم الدرداء متبذِّلة، فقال لها: ما شأنُكِ؟ قالت: أخوك أبو الدرداء ليس له حاجة في الدنيا، فجاء أبو الدرداء فصنع له طعاماً فقال: كل، فإني صائم. قال سلمان: ما أنا بآكل حتى تأكل، فأكل. فلما كان الليل ذهب أبو الدرداء يقوم الليل، قال سلمان: نم، فنام، ثم ذهب يقوم، فقال: نم. فلما كان من آخر الليل قال سلمان: قم الآن. فصلّيا، فقال له سلمان: إنَّ لِرَبِّكَ عليك حقّاً، ولِنَفسِكَ عليكَ حقّاً، ولأهلِكَ عليك حقّاً، فأَعْطِ كُلَّ ذي حقٍّ حقَّهُ، فأتى النبيَّ فذَكرَ ذلك له، فقال النبي ﷺ: صَدَقَ سَلْمانُ»**

*"Дар замони худ Салмон ва Абу Дардо (р), бо шарофати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо якдигар бародархонд шуданд. Пас аз чанд муддат Салмон ба зиёрати Абу Дардо рафт ва дид, ки Умм ад-Дардо (ҳамсари Абу Дардо) либоси фарсудае ба бар дорад. Ӯ варо пурсид: "Чӣ шуд туро?" Вай гуфт: "Бародари ту Абу Дардо ба ин ҷаҳон таваҷҷӯҳ надорад!" Баъд худи Абу Дардо омад, барои Салмон таъом муҳайё сохт ва гуфт: "Бихӯр! Аммо ман дар ҳақиқат рӯзадорам!" Салмон гуфт: "Ман нахоҳам хӯрд, то ту нахӯрӣ" Абу Дардо бихӯрд ва чун шаб фаро расид, Абу Дардо ба намоз истод. Салмон ба вай гуфт: "Бихоб!" Ва ӯ хоб кард, вале пас аз чанд вақт дубора барои намоз бархест. Салмон бори дигар бар ӯ гуфт: "Хоб кун!" Чун шаб ба поён мерасид, Салмон бар ӯ гуфт: "Акнун бархез!" Ва онҳо намоз гузориданд. Баъд (аз намоз) Салмон бар ӯ гуфт: "Дар ҳақиқат, Парвардигори туро бар ту ҳақе ҳаст, ту низ бар худ ҳақе дорӣ ва зани ту бар ту ҳақе дорад, ҳақи ҳар кадомеро ба он чӣ ки ҳақ дорад, риоя бикун!" Пас ӯ ба ҳузури пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) омад ва аз ин хусус ҳамаро нақл кард ва пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Салмон ҳақиқатро гуфтааст!"***

Мусалмони парҳезгор набояд фурсати тавассути ба зиндагии якнавохту кӯҳнапарастона омезиш додани қатраҳои тозаи шӯхиҳоро аз даст бидиҳад, ки бо ин роҳ ҳар гоҳ ҳамсари худро хушнуд гардонида зиндагии ӯро саҳлу осон мегардонад. Ҳамчунон ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар ҳама ҷо ва ҳама кор дар мақоми олӣ қарор дошт. Охир ба ҳама маълум аст, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳои алоқаманд ба бунёдгузории асосҳои дини ислом умамати мусалмонро таъсис дод, дастаҳои муҷоҳидонро барои ҷиҳод мефиристод ва ба дигар корҳо машғул мешуд, вале ҳамаи ин барои шавҳари намунавӣ буданаш назди азвоҷаш халал намерасонид ва ҳама вақт дар муносибат хушмуомила, олиҳиммату ҷавонмард ва кушодачеҳра буд. Имконияти шӯхӣ карда, ба дигарон хушнудӣ бахшиданро ҳаргиз аз даст намедод. Намунаи ин чиз хабари ҳазрати Оиша (р), буда метавонад, ки гуфтааст:

«أتيت النبي ﷺ بخَريرَة قد طبختها له، فقلت لسَوْدَة رضي الله عنها، والنبيّ ﷺ بيني وبينها: كُلي، فأبَتْ، فقلتُ: لَتَأكُلِنَّ، أو لألَطِّخَنَّ وجهَكِ، فأبَتْ فوضعتُ يدي في الخَريرة، فطليتُ وجهَها، فضحك النبي ﷺ، فوضَع بيده لها، وقال لها: الطخي وجهها. . . وفي رواية: فخفض لها ركبته لتَسْتَقيدَ مني، فتناولَتْ من الصحفة شيئاً، فمَسَحَتْ به وجهي، ورسولُ اللهِ ﷺ يضحكُ»

*"Боре барои пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ордоба пӯхта овардам ва ба Сауда (р), гуфтам, ки: "Бихӯр". Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам дар миёни мо буд. Сауда рад кард. Он гоҳ ман гуфтам: "Ту ҳатман мехӯрӣ, вагарна ба рӯят мемолам (ин ордобаро)!" Вале ӯ боз ҳам рад кард ва он гоҳ ман даст ба ордоба зада, ба рӯи Сауда бурдам. Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам хандид, ба Сауда даст расонида гуфт:* ***"Ту ҳам (ба рӯи ӯ) бимол!"***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар аст, ки Оиша (р), гуфт:

*" Ва ӯ дар назди вай (Сауда) тавре ба зону нишаст, ки ман дар ихтиёраш шудам, он гоҳ вай (Сауда) андаке аз коса (ордоба) гирифту ба рӯи ман молид. Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам бошад (ба ин ҳама нигариста), хандид".*[9]

Аз хусуси ин хислати хуш, ҷавонмардиву қалби саховатманде, ки дар шӯхӣ ва муомилаи хуш бо ҳамсар зоҳир шудааст ва ҳадафаш хушнуд гардонидани ӯст, боз чӣ ҳам метавон гуфт?

Ҳазрати Оиша (р), ҳамчунин нақл кардааст, ки ҳангоми яке аз сафарҳо бо Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам вай бо ӯ дар мусобиқаи давидан зӯрозмоӣ карда, пеш гузаштааст, аммо баъд, вақте ки ӯ фарбеҳтар ва гаронбортар шуду боз ҳам бо вай мусобиқа намуд, пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ин дафъа аз ӯ пештар гузашт ва пас аз ин гуфт: ***"Ин ба ту барои ҳамон дафъа!"***

**Имом Аҳмад ва Абу Довуд**

Қалби олиҳиммати пайғамбар салаллоху алайхи васаллам басо бузург буд, то ба ҳамсари ҷавону дӯстдоштаи худ хурсандии зиёдтар бахшад, вай ӯро ба машғулияти мамнӯънашуда даъват намуд, то тавонад, ки ин ба вай ҳаловат диҳад.

Дар хабар аст, ки ҳазрати Оиша (р), гуфтааст:

*"Ба Аллоҳ қасам, ман шоҳид будам, ки пайғамбар салаллоху алайхи васаллам дар пеши хонаи ман меистод ва дар ин вақт* (чанд) *ҳабаш дар масҷид машқи* (бозии) *найзазанӣ мекарданд. Ва Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам маро бо ҷомаи худ пинҳон медошт, то аз фосилаи байни гӯшу китфи ӯ бозии онҳоро тамошо карда тавонам. Баъд вай бархест, то ман биравам. Охир бифаҳмед, талоши зани ҷавон ба* (чунин) *саргармиҳо чӣ қадар буд!"*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусалмони асиле, ки аз саргузашти Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам мисоли фаровони бо занони худ муносибати хуб, ҳазлу шӯхӣ ва муомилаи озод кардани ӯро медонад, худ низ бо ҳамсараш фақат муносибати хуб менамояд, ӯро аз ҳар ҷиҳат ҳимоя ва нарм-

дилӣ, олиҳимматӣ ва саховатмандӣ зоҳир менамояд, аммо ба шарте ки ин ҳама аз доираи муқарраршудаи ҳаловат бурдану саргармиҳо берун наравад.

Мусулмонзани парҳезгор ва боақл ба ҳар баҳонаи ночиз, ки шавҳарони ҷоҳилро ба ғазаб меорад, асабӣ намешавад, агар онҳо ҳамаро чаппаву роста кунанд, фақат ба иллати он ки онҳо (яъне занон) хӯрокро тарзе тайёр накардаанд, ки эшон мехостанд, ё таъомро дар вақти муайяншуда надодаанд ва ё бо ягон сабаби дигари ба ин монанд, ки ба хусумату душмании миёни зану шавҳар оварда мерасонад. Рафтори мусулмони асиле, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ахлоқи ҳамидаи чунин инсони бузург - Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам)-ро дар худ касб кунад, ин гуна шарҳ дода мешавад, ки ӯ ин сифатҳои накӯро пайваста ба хотир меоварад, онҳо ӯро олиҳиммату фурӯтан гардонида, ба сабру илтифот зоҳир намудан омода мекунанд.

Аз хислатҳои Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) мусулмон ба хотир меоварад, ки: «ما عابَ طَعاماً قطُّ : إنِ اشْتَهاهُ أَكَلَهُ، وإن كَرِهَهُ تَرَكَهُ»

***"Ӯ ба таом ҳаргиз айб намегузошт: агар онро мехост, мехӯрд, аммо агар ба ӯ писанд намеомад, онро мегузошт."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони асил фақат бо эҳтиром кардану муносибати хуб намудан бо ҳамсари худ маҳдуд нашуда, ба Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) тақлидкунон айнан ҳамин тавр бо дугонаҳои (дӯстони) сазовори ӯ низ муносибат мекунад. Ривоят мекунанд, ки ҳазрати Оиша (р), гуфт:

*"Ба назди расул (салаллоху алайхи васаллам) ҳар замон зани солхӯрдае меомад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ӯро ҳамеша хуш истиқбол мегирифт ва таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд ва мепурсид:* ***"Шумо чӣ ҳол доред? Корҳоятон чӣ тавранд? Баъд аз мо чӣ хел зиндагӣ кардед?"-****, он зан ба ӯ ҷавоб медод, ки: "Хуб, падару модари ман фидои туянд, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам)"*

Ва боре, чун ӯ рафт, Оиша пурсид: *"Аз чӣ сабаб ту ӯро ин гуна истиқбол мегирӣ? Дар ҳақиқат, ту барои вай он чиро мекунӣ, ки барои каси дигар намекунӣ!"* Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба ӯ ҷавоб дод, ки:

«إنّها كانَتْ تأتِينا عندَ خديجة، أما علمتِ أنّ كرمَ الوُدِّ من الإيمان»

***"Дар ҳақиқат, вай ба назди мо ҳангоми зиндагии Хадиҷа меомад! Оё ту намедонӣ, онеро, ки дӯст медоранд, эҳтиром кардан аз имон мебошад?"***

**Ал-Ҳаким**

Чунин ҳам воқеъ мешавад, ки ғазаб ҷонро ба ҳукми худ мегирад ва ӯ зери таъсири асабоният монда, аз шавҳари хеш дур меравад, то ба ӯ бифаҳмонад, ки ранҷидааст. Дар ин маврид мусулмони оиладор дониши амиқи худро аз хусуси моҳияти аслии табиату хислати зан нишон дода, нисбат ба зани худ бояд сабру таҳаммул зоҳир намояд, чунонки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар мавриде, ки занонаш аз ӯ меранҷиданд ё вақте яке аз онҳо аз ӯ то бегоҳ худро канор мекашид, ҳамин тавр рафтор мекард.

Дар хабар аст, ки Умар ибни Хаттоб (р), гуфт:

***"Мо, Қурайшиён одат карда будем, ки бар зан болодаст бошем, аммо чун ба Мадина омадем, дидем, ки он ҷо баъзе занон бар шавҳарон ҳукмфармоӣ мекунанд ва занони мо инро аз онҳо касб карданд".***

Умар гуфт:

***"Хонаи ман дар миёни хонаҳои бани Умайя бин Зайд[11] дар ал-Авал[12] воқеъ буд".***

Умар гуфт:

***"Ва боре зани ман аз ман ранҷидахотир шуд ва баъд баҳс кард. Ин чиз ба ман маъқул нашуд, он гоҳ ӯ гуфт: "Чаро ба ту маъқул нест, ки ман бо ту баҳс мекунам? Қасам ба Аллоҳ, ки ҳатто занони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо ӯ баҳс мекунанд, баъзе аз онҳо ӯро тамоми рӯз то худи бегоҳ тарк менамоянд!"***

Умар гуфт:

***"Ва ман аз хона берун рафта, ба (хонаи) Ҳафса рафта ӯро пурсидам: "Ту дар ҳақиқат бо Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) баҳс мекунӣ?" Вай ҷавод дод, ки: "Оре". Ман пурсидам: "Чунин ҳам (воқеъ) мешавад, ки яке аз шумоён ӯро тамоми рӯз, то худи бегоҳ тарк мекунад?" Вай ҷавоб дод: "Оре." Он гоҳ ман гуфтам: "Касе, ки аз шумо ин корро кард, дар зарар вомонда, зиён овардааст! Оё яке аз шумо метавонад боварӣ кунад, ки Аллоҳ барои расули ӯро хашмгин кардан бар вай ғазаб намегирад?! Агар чунин шавад, вай (зан) нобуд мешавад! Бо Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) баҳс макун ва аз ӯ чизе напурс, вале фикре чун бар сарат ояд, аз ман хоҳиш намо!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим, ат-Тирмизӣ ва ан-Нисоӣ**

Баъд Умар (р), ба назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳозир шуда, мӯҳта-

вои гуфтугӯи худро бо Ҳафса қисса кард. Аммо Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам фақат табассум намуд.

Ҳар як мусулмон дар он чӣ ки ба шаъну эътибор, хислатҳои табиӣ ва корубори ӯ дахл дорад, аз рафтори Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам пайравӣ намояд ва бояд кӯшиш кунад, ки ба чунин сабру таҳаммули бузург бирасонад. Ҳамин тавр рафтор карда, вай ба манфиати он ки ислом дар ҳақиқат дини зиндагии иҷтимоии мутараққӣ мебошад, далел меоварад, аммо сабаби ҷудоиву фалокат, саросемагӣ ва ҳама гуна бетартибии баъзе одамон, оила ва ҷамъиятро сироят карда, ин аст, ки одамон аз он арзишҳои баланди ислом фармуда дур рафтаанд, дар ин бобат ҷаҳолат доранд ва аз хусуси ин арзишҳо тасаввуроти нодуруст касб кардаанд. Ҳол он ки он чизҳо дар ҳақиқат арзишҳои олии ахлоқӣ ҳисоб мешаванд ва агар шавҳарон онҳоро барои худ касб кунанд, дар зиндагии оилавияшон ба ҳар гуна баҳсу нифоқ ҷой намемонад, дар хонаҳо бахту оромиву мӯътадилӣ ва хайру баракат ҳукмфармоӣ хоҳад кард.

## Вай ҳамсари худро дарк мекунад

Мусалмоне, ки сарвари ҳақиқии оила буда фаросат дорад, ин тавр рафтор мекунад:

1. Мусалмон ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои ба ҷой овардани раҳмати Худои Таъоло асрори хонаводагӣ ва ҳамаи он чиро, ки ҳамсараш ба ӯ ифшо месозад, басо махфӣ нигоҳ дорад, зеро ин чизро низоми шариат тақозо менамояд. Ба ғайр аз ин вай тавре рафтор мекунад, ки бо зани худ муносибати накӯро мустаҳкамтар созад ва ба ҳурмату эҳтироми атрофиён сазовор гардад.

2. Мусалмон (чунин) мешуморад, ки ҳамсари худро дар назди одамон дар вазъи ногувор нагузорад, агар зарурат пеш бувад то ӯро сарзаниш кунад ё вобаста ба одоби ӯ эроде гирад ё хатои ӯро ислоҳ кунад, кӯшиш мекунад то барои ин кор вақту макони мувофиқ пайдо намояд.

3. Бар замми ин вай кӯшиш мекунад, ки аз ҳар гуна озор расонидан ба аъзои оила ва хешовандони ҳамсари худ худдорӣ намояд, зеро агар чунин ҳодиса воқеъ гардад, вай ҳамсари худ-

ро дар вазъи ногувор гузошта, ба иззати нафсаш мерасад ва минбаъд ҳамсараш низ метавонад нисбат ба ӯ чунин амалро раво бубинад.

4. Яке аз лаҳзаҳои нозуке, ки мусулмонро лозим аст то ҳамеша дар мадди назар гирифта бошад, ба он алоқаманд аст, ки аз як тараф ҳамсари худро қаноатманд намуда, аз тарафи дигар, нисбат ба волидони худ эҳтиром зоҳир намояд, зеро онҳо сарвару сарпарасти ҳамсараш ҳисоб меёбанд ва шариат ба ӯ мефармояд, ки волидони худро эҳтиром карда, фармонбардорашон бошад. Ана аз чӣ сабаб мусулмон тамоми усулҳои мақбул кардаи шариатро истифода мебарад, то нисбат ба волидонаш эҳтиром дошта, ҳуқуқҳои зани худро дар ягон чиз поймол накунад. То замоне, ки ӯ парҳезгору хушахлоқ аст, Аллоҳ барои ин кор ӯро қудрат мебахшад.

## ВАЙ БА ДАРАҶАИ ЗАРУРӢ БАРОИ ҲАМСАРИ ХУД ҒАМХОРӢ ЗОҲИР МЕКУНАД

Бо шарофати соҳиб шудан ба ахлоқи ҳамидаи олӣ ва муомилаи хуш дили зани худро ба даст меоварад ва ҳамсараш алорағми иродаи ӯ коре намекунад. Ин ба вай имконият медиҳад, тавассути истифодаи чунин ахлоқе, ки ӯро ин дин зинат бахшидааст, бо арзишҳое, ки ӯро роҳнамоӣ кардааст ва бо он муқарроти қонунгузориҳое, ки бар ӯҳдаи ӯ гузоштааст, ғамхориву ҳимояи худро дар амал татбиқ намояд.

Аллоҳи Азимушшаън фармудааст:

﴿ٱلرِّجَالُ قَوَّٰمُونَ عَلَى ٱلنِّسَآءِ بِمَا فَضَّلَ ٱللَّهُ بَعْضَهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ وَبِمَآ أَنفَقُوا۟ مِنْ أَمْوَٰلِهِمْ﴾

***﴿Мардон бар занон ҳомиянд, зеро Аллоҳ якеро бар дигаре бартарӣ додааст ва ҳамчунин аз он сабаб ки онҳо аз моли худ сарф мекунанд.﴾***

**“Нисо”, 34.**

Чунин ҳомигӣ (сарпарастӣ) бар ӯҳдаи мард масъулиятҳои муайянеро мегузорад. Ба дигар маънӣ, мард барои зани худ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«كُلُّكُمْ راعٍ ، وكُلُّكُمْ مَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، الإمامُ راعٍ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، والرَّجُلُ راعٍ في أَهْلِهِ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، والمَرْأَةُ راعِيَةٌ في بَيْتِ زَوْجِها ومَسْؤولَةٌ عَنْ رَعِيَّتِها، والخادِمُ راعٍ في مالِ سَيِّدِهِ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، فكُلُّكُمْ راعٍ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ»

***"Ҳар кадоми шумо чӯпоне мебошад ва ҳар кадоми шумо барои қавми худ масъулияте дорад. Ҳоким чӯпоне мебошад ва барои қавми худ масъулият дорад, мард барои хонаводаи худ чӯпон аст ва барои қавми худ масъулияте дорад, зан дар хонаи шавҳари худ чӯпонест ва барои қавми худ масъулият дорад, хидматгор ба молу сарвати хӯҷаини худ чӯпон аст ва барои қавми худ масъулият дорад. Ҳамин тавр, ҳар кадоми шумо чӯпоне мебошед ва барои қавми худ масъулият доред."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин аст он масъулияте, ки ҳар узви ҷамъияти мусулмонон эҳсос мекунад ва ҳатто одамеро пайдо кардан душвор аст, ки барои ин ё он тарафи зиндагии ҷамъият масъулият бар дӯш надошта бошад. Сухан сари он аст, ки аз нуқтаи назари ислом зиндагӣ як навъ заҳмат кашидану бунёд кардан аст. Ин ба он маъност, ки ҳар узви ин ҷамъият бояд инсони бомасъулият буда, ҳамаро ба ҳазлу шӯхӣ ё машғулияти беҳуда табдил надиҳад.

Ислом на танҳо даъват менамояд, ки бо зан хушмуомила бояд буд ва мақоми ӯро баланд бардошт, ба зан низ амр мекунад, ки хусуси нақши худ дар зиндагӣ биандешад ва аз доираи маҳдудиятҳои барои ӯ муайян намудаи шариат берун набарояд, то тавонад, ки вазифаҳои бар зимма доштаашро ба иҷро расонад ва нақши худро ба таври олӣ анҷом диҳад – бо шавҳари худ ба тарбияи насли наврас машғул бошад ва ҳаётро бо ҳаловату бахту зебоӣ зинат бахшад.

Ислом аз мард тақозо мекунад, ки ба зан хушмуомила бошад, вале дар айни замон ба зан низ амр мекунад, ки ба шавҳараш дар доираи муқаррароту адолат фармонбардор бошад. Дар ислом зарурати чунин фармонбардорӣ басо боисрор қайд карда мешавад. Ба ин чиз суханони зерини пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) далолат мекунад:

«لَوْ كُنْتُ آمِراً أَحَداً أَنْ يَسْجُدَ لِأَحَدٍ، لَأَمَرْتُ الْمَرْأَةَ أَنْ تَسْجُدَ لِزَوجِها»

***"Агар маро лозим меомад, ки шахсеро аз мардумон фармоям то ба дигарон таъзим намояд, он гоҳ ман, албатта, мефармудам, ки зан ба шавҳари хеш таъзим кунад!"[13]***

**Ат-Тирмизӣ**

Зиёда аз ин пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ишора мекунад, ки қаноатманд будани мард аз занаш метавонад сабаби ба биҳишт дохил гардидани зан шавад. Дар хабар аст, ки вай гуфт:

«أَيُّما امْرَأَةٍ ماتَتْ وزَوْجُها عَنْهَا راضٍ دَخَلَتِ الجَنَّةَ»

***"Ҳар кадом зани фавтидае, ки шавҳараш аз ӯ ризо буд, ба биҳишт дохил мешавад.[14]"***

**Ибни Моҷа ва ал-Ҳаким**

Аммо зани якраве, ки бо шавҳари худ бад муомила мекунад, то даме ки ба худ омада, бо шавҳари худ сулҳу салоҳ накунад, аз ҷониби фариштагон нафратборон мешавад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا باتَتِ المَرْأَةُ هَاجِرَةً فِرَاشَ زَوْجِها لَعَنَتْها المَلائِكَةُ حتَّى تُصْبِحَ»

***"Агар зан шаберо дар ҷойгаҳи шавҳари худ нагузаронд, фариштагон то худи субҳ ӯро лаънат мехонанд."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Кӯшиши ислом ба хотири тасдиқ намудани фармудаҳои худ аз хусуси он ки мард бояд ҳомии зан бошад ва зан ҳатман ба шавҳари худ бояд итоат кунад ва маъқул бошад, ба дараҷае мерасад, ки ислом ба зан фақат бо иҷозати шавҳари худ рӯза доштанро мефармояд, албатта, агар сухан дар сари рӯзаи фарзи моҳи рамазон набошад ва ҳамчунин мефармояд, ки зан фақат бо иҷозати шавҳараш ҳама гуна меҳмонро қабул фармояд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا يَحِلُّ لِلْمَرْأَةِ أَنْ تَصومَ وزَوْجُها شاهِدٌ إلاّ بِإِذْنِهِ، ولا تَأْذَنَ في بَيْتِهِ إلا بِإِذْنِهِ»

***"Ба зан иҷозат дода намешавад, ки дар ҳозир будани шавҳараш агар ба ин чиз ӯ розӣ набошад, рӯза надорад ва ҳамчунин иҷозат дода намешавад, ки агар ба ин чиз ризоияти шавҳараш набошад, ба хонаи ӯ касеро роҳ надиҳад."***

**Ал-Бухорӣ**

Ислом ҳуқуқи ҳомии зан буданро бар мард барои он муқаррар кардааст, ки вай ҳуқуқи мард буданро доро бошад ва донад, ки киштии зиндагонии оилавии худро бо роҳи дурусту ақли солим ба соҳили бехатар расонад. Аммо ислом ҳамаи мардонро аз хатари ба васвасаи занон афтодан огоҳ кардааст, зеро ин васваса метавонад, ки онҳоро кӯр созад, иродаашонро заиф ва диношонро ноустувор гардонад. Дар натиҷа эшон аввал аз роҳи дурусти шариат берун рафтани занонро нодида мегиранд, баъд инони идора карданро батамом аз дасти худ медиҳанд. Ниҳоят зан аз роҳи рост берун мешавад, дар хона фармонфармоӣ мекунад, он гоҳ наметавонӣ эътироз бикунӣ, ё дар коре ҷавоби рад бидиҳӣ. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз ҳақиқат сухан карда, ин чизро васвасаи бештар зарароваре номидааст, ки мардонро зид баромадан лозим меояд.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ما تركتُ بَعْدي فِتْنَةً هيَ أضرُّ على الرِّجالِ مِنَ النِّساءِ»

***“Ман баъд аз худ барои мардон зарарноктар аз занон васвасае боқӣ нагузоштаам”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вале мусулмони оиладор ҷавонмарде мебошад, ки дар баробари васвасаҳое, ки ба аз роҳи дуруст берун рафтани ҳамсараш алоқаманд аст, ҳар қадар ки онҳо пурзӯр набошанд, суст намеояд ва ӯ кӯшиш мекунад, ки то ҳадди имкон бо хушӣ ва нармӣ ба вай фаҳмонад: агарчи ӯ зани худро дӯст медорад, вале бештар аз ин он чизро дӯст медорад, ки Аллоҳро писанд аст ва (дар ҳақиқат) мард агарчӣ зани худро ҳар қадар дӯст медорад, лекин муҳаббати ӯ ба Аллоҳ ва расули Ӯ бештар аст.

Аллоҳи Азимушшаън фармудааст:

﴿قُلْ إِن كَانَ ءَابَآؤُكُمْ وَأَبْنَآؤُكُمْ وَإِخْوَٰنُكُمْ وَأَزْوَٰجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَٰلٌ ٱقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَٰرَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَٰكِنُ تَرْضَوْنَهَآ أَحَبَّ إِلَيْكُم مِّنَ ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَجِهَادٍ فِى سَبِيلِهِۦ فَتَرَبَّصُواْ حَتَّىٰ يَأْتِىَ ٱللَّهُ بِأَمْرِهِۦ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلْفَٰسِقِينَ﴾

*﴿Бигӯ: “Агар падаронатону фарзандонатон ва бародарона-*

*тону занонатон ва хешовандонатону амволе, ки андӯхтаед ва тиҷорате, ки аз касоди он бим доред ва хонаҳое, ки бад-он дилхуш ҳастед, барои шумо аз Худову паёмбараш ва ҷиҳод кардан дар роҳи Ӯ дӯстдоштанитар аст, мунтазир бошед, то Худо фармони хеш биёварад." Ва Худо нофармононро ҳидоят нахоҳад кард!»*

**"Тавба", 24.**

Ана барои чӣ дар ҳаёти мусулмони асил ва содиқ ба рафтори ношоями занона, ки дар бисёр хонаҳои ба мусулмонон мутааллиқ буда, роҳ дода мешавад, ҷой нест.

Дар ҳақиқат, марде, ки ба чашми худ дар кӯча нимурён, сари луч, бо дасту синаи кушода пайдо шудани зану духтару хоҳари худро мебинад, вале ҳамоно аз паи ислоҳи чунин (амали) аз роҳи Аллоҳ берун рафтан ва вайрон кардани шарти одоби ислом муайяннамуда намешавад, ҳомигии худро, ки бар ӯҳдааш нисбат ба онҳо ислом гузоштааст, нахоҳад кард. Аз ин варта ӯро фақат тавбаи самимона, ки қалби ӯро ба тапидан медарорад ва такони сахт, ки ба ӯ шаъни мардонаашро баргардонида, дубора ба роҳи рост равона месозад, наҷот дода метавонад.

Ин чунин маънӣ дорад, ки марде, ки ҳомии зану духтарони хеш аст, ба онҳо бояд бифаҳмонад, ки ислом барои зан қоидаҳои муайяни ахлоқро муқаррар намудааст ва низ фармудааст, ки ба чӣ гуна либос ба кӯҷо баромадани ӯ дуруст аст ё дар назди мардоне, ки аз ҷумлаи хешовандони наздики вай нестанд, номаҳраманд, чӣ гуна либос ба бар ҳозир шавад. Чунин либос ҳиҷоб аст, ки шариат қонунӣ гардонидааст. Зане, ки ба ислом эътиқод дорад, аз чашмаи софи он нӯши ҷон кардааст ва дар сояи муборaки он парвариш ёфтааст, ин ҳиҷобро бо камоли мамнуният ва дил соф ба бар карда, ба зарурати он ҳамчун ба амри дини Аллоҳи Таъолову Бузург, на чун ба иродаи мард ё қаноатмандии худбинонаи шавҳарон, имон меоварад.

Ал-Бухорӣ ҳадисе овардааст, ки дар он хабар дода мешавад: модари мӯъминон Оиша (р), гуфтааст:

«يَرْحَمُ اللَّهُ نِساءَ الْمُهاجِرَاتِ الأُوَل. لما أنزلَ اللَّهُ ﴿وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ على جُيوبِهِنَّ﴾ شَقَقْنَ مُروطَهنَّ، فَاخْتَمَرْنَ بِها»

*"Аллоҳ занонеро, ки нахустин шуда ҳиҷрат кардаанд, биёмурзад! Вақте ки Аллоҳ ояти* **"... бигзор онҳо бо рӯймолҳои худ гирebонҳои (кушодаи) худро пӯшида доранд..."** "Нур", 31, *- нозил кард, онҳо аз қабои худ пораҳоеро буриданд ва бо он сару гиребонҳои худро пинҳон намуданд."*

Дар дигар нусхаи ин ҳадис, ки аз суханони Сафия бинти Шайба нақл мешавад, оварда шудааст, ки: вай гуфт:

«أُزُرَهُنَّ، فَشَقَقْنَهَا مِنْ قِبَلِ الحَوَاشِي فَاخْتَمَرْنَ بِهَا أَخَذْنَ»

*"Боре чун мо дар ҳузури Оиша (р) будем, вай занони қурайшӣ ва шаъну эътибори онҳоро ба хотир оварда, гуфт: "Дар ҳақиқат, занони қурайшӣ соҳиби шаъну эътибори баланд мебошанд, вале қасам ба Аллоҳ, ки ман касеро эътиборноктар аз занони ансорӣ ва касеро, ки имонаш ба Китоби Аллоҳ ва он чӣ аз он нозил шуда, устувор бошад, надидаам! Вақте сураи "Нур", ки дар он гуфта мешавад:* **"... бигузор онҳо бо рӯймолҳои худ гиребонҳои худро пӯшида доранд..."** *-нозил шуд, шавҳаронашон ба назди онҳо омада, он чиро ки Аллоҳ дар ин сура барояшон ба нозил кард, хонданд. Ҳар мард ба зану духтару хоҳари хеши худ инро хонд ва ягон зан набуд, ки баъд аз ин ҷомаи дар шакли зинҳо мунаққаш кардашудаи худро гирифта, дар он (худро) напечида бошад, то имони худро ба он чӣ ки Аллоҳ дар Китоби худ нозил кард, исбот намояд ва онҳо ба ҷомаҳояшон дар паси Расули Худо* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *истода* (ба назар чунин мерасид, ки) *гӯё дар сари онҳо зогҳо нишаста буданд."*[17]

Аллоҳ занони ансориёнро биёмурзад, чӣ қадар мустаҳкам буд имони онҳо! Чӣ қадар софдилона ба ислом эътиқод доштанд! Чӣ хел ба исломи атошуда бечунучаро итоат мекарданд! Дар ҳақиқат, ҳар зане, ки аз сидқи дил ба Аллоҳ ва расули Ӯ имон меоварад, наметавонад ба занони ансориён пайравӣ накунад ва либосеро, ки ислом барои зан қонунӣ гардонидааст, новобаста аз он ки дигарон урён мегарданд ё нимурёнанд, ба бар мекунад. Ҳамӯн мусулмондухтаракеро, ки ба суоли чӣ тур ӯ метавонад ҳиҷобро дар чунин ҳавои гарми тобистон бар сар бигирад, ҷавоб додааст, ки:

﴿قُلْ نَارُ جَهَنَّمَ أَشَدُّ حَرًّا﴾

**﴾Бигӯ: "Оташи дӯзах сӯзандатарин мебошад!﴿**

"Тавба", 81.

Вале масъулияти шавҳар барои зан танҳо бо масъулияте, ки бар зоҳири ӯ дахл дорад, тамом намешавад, ин чиз муҳити ибодату тарзи зиндагии ӯро низ фаро мегирад. Масалан, шавҳар ҳангоме ки зан вазифаҳои динии худро бад ба анҷом мерасонад ё дар коре ба Аллоҳ итоат намекунад, ҷавобгар хоҳад буд. Вай барои ахлоқ ва иҷрои дигар вазифаҳои зан низ ҷавобгар аст, зеро ҳама гуна сахлангорӣ дар ин бобат ба шаъни мардии ӯ ва ба исломи ӯ зарар мерасонад, ба вазифаи ҳомигии ӯ, ки Аллоҳи Таъоло лоиқ донистааст, доғ меоварад.

Ин чунин маъно дорад, ки ислом занро шахсе офаридааст, ки ба дасти мард барои эҳтиёт кардан бо боварӣ супурда мешавад, зеро дар аксар мавридҳо зан ба ҳамон дин эътиқод мекунад, ки шавҳараш ба он дин эътиқод дорад ва аз ин рӯ шавҳар занро бо худ ё ба биҳишт мебарад, ё ба ҷаҳаннам. Ана барои чӣ ба мӯъминон фармудааст, ки ҳам худ ва ҳам аъзои оилаи худро аз оташ эҳтиёт намоянд ва манзараи даҳшатангез ва дилро ба воҳима оварандаеро тасвир намудааст, ки оқибат онҳоеро дар пеш хоҳад буд, ки ба занону хешовандони худ ба дараҷаи даркорӣ эътибор намедиҳанд ва онҳоро маҷбур намекунанд, ки дар пеши ҳақиқат сар хам намоянд.

Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ عَلَيۡهَا مَلَٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ﴾

***﴿Эй касоне, ки имон овардаед! Худро ва хонаводаи худро аз оташе нигоҳ доред, ки ҳезумаш сангҳо мебошад ва бар он (оташ) фариштагони дуруштгуфтору сахтгир мутаваккаланд, иродаи Аллоҳро нофармон нестанд ва фармудаҳояшро иҷрокунанда мебошанд.﴾***

**"Таҳрим", 6.**

Мард ҳомигии худро бар зан фақат ҳамон вақт тибқи муқаррароти ислом амалӣ гардонида метавонад, ки агар ӯ бар хонаи худу аҳли байти худ бомуваффақият сарварӣ карда тавонад. Мусулмони оиладор тавассути дағалӣ, дуруштӣ, бераҳмӣ, қувва ва бадгапӣ, ки дар замони ҷоҳилият ҷавонмардӣ ҳисоб меёфт, ҳамчун мард дурустии худро ба исбот намерасонад. Ҷавонмардӣ

дар ислом чизи тамоман дигар аст. Ҷавонмарди ҳақиқӣ дар ислом нерӯманду ҷолиб буда, шахсияти ӯ муҳаббати дигаронро ба худ бедор мекунад, вай соҳиби завқи баланду наҷиб аст, бо мусолиҳакорӣ ва саҳву хатои андакро бахшида тавонистани худ фарқ мекунад. Чунин мард тамоми фармудаҳои Аллоҳро қатъиян риоя мекунад ва муқаррароти ба ҳамаи аъзои оилааш дахл доштаи ӯро дар амал татбиқ менамояд. Вай ба онҳо моҳирона сарварӣ мекунад, онҳоро ба накӯкорӣ роҳнамун мешавад, молу маблаги худро бе исрофкорӣ саховатмандона сарф мекунад, вай соҳиби ақлу фаросат ва ҳисси амиқи масъулиятест, ки ба корҳои диниву дунявӣ алоқаманд мебошанд, хуб мефаҳмад, ки оилаи мусулмоне, ки роҳи ростро интихоб намуда, дар кадом ҳолати беҳтарин бояд қарор дошта бошад. Чунин аст сифатҳои мусулмони асил, ки ислом дар ӯ ин ҳамаро дидан мехоҳад.

## Эзоҳот ба боби 4.

**1. Яъне, агар мард занро ба танҳоӣ гузошта, худ биравад, зан аз хусуси нигоҳ доштани шаъну эътибори ӯ меандешад.**

**2. Ал-Ҳоким гуфт: *"Ҳадиси саҳеҳ аст»,* ки ба тамоми шартҳои ал-Бухорӣ ва Муслим мувофиқ меояд.**

**3. Чӣ тавр харҷ шудани маблағҳои ӯ дар назар дошта шудааст.**

**4. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб аст."***

**5. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб аст."***

**6. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб аст."***

**7. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб аст."***

**8. Нигаред" "Ал-ҳилйа", 1/316; "Табақот" 4/393; "Ал-Канз", 8/305;**

**9. Нигаред: Ал-Хайсамӣ, 4/316; "Ал-Мунтахаб", 4/393; "Канз-ал-уммол", 7/302; Ал-Хайсамӣ гуфтааст: "Ин ҳадисро Абу Аъло меоварад ва ҳамаи ровиёнаш онро дар «Саҳеҳ» ҳадиси хуб гуфтаанд, ба истиснои Муҳаммад Амр ибни Алқамӣ.**

**10. Ин ҳадисро дар "Ал-Мустадрак" ал-Ҳаким оварда, гуфтааст: "Ин ҳадис саҳеҳ буда, ба шартҳои ҳар ду шайхон ҷавобгӯст."**

**11. Номи як авсоди ансориён.**

**12. Номи як маҳаллаи Мадина.**

**13. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хуби саҳеҳ аст."***

**14. Ал-Ҳоким гуфтааст: *"Далели он саҳеҳ аст."***

**15. Яъне, то даме ки Аллоҳ шуморо ҷазо надиҳад.**

**16. Чунин ашхос дар назар мебошанд, ки ба иродаи Аллоҳ тобеъ нестанд.**

**17. Нигаред "Фатҳу-л-бори", шарҳ бар "Саҳеҳ"-и ал-Бухорӣ.**

# 5

# МУСАЛМОН БО ФАРЗАНДОНАШ

## Сарсухан

Фарзандон хурсандии инсон дар ин зиндагианд, онҳо ҳаётро гуворо мекунанд ва бо шарофати эшон хайру баракат насибу рӯзӣ мешавад, меҳру шафқат зоҳир ва аҷру мукофот фаровон мегардад.

Вале ин ҳама бо тарбияи хуби фарзандон ва аз онҳо ба воя расонидани насли парҳезгор бевосита алоқаманд аст, то онҳо тавонанд, ки як ҷузъи хайру некӣ, далели парҳезгорӣ ва сарчашмаи хушбахтӣ бошанд. Чун ин ҳамаро инсон дар фарзандони худ дармеёбад, онҳо зинати ҳақиқии умри ӯ хоҳанд шуд. Дар ин хусус Аллоҳи Таъолову Бузург фармудааст:

﴿ٱلْمَالُ وَٱلْبَنُونَ زِينَةُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا﴾

***﴿Сарвату фарзандон зинати ин ҳаётанд.﴾***

**"Каҳф", 46.**

Ана аз чӣ сабаб, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) барои онҳое, ки эшонро дӯст медошт, аз Аллоҳ зиёдии сарвату бисёрии фарзандонро талаб менамуд. Анас (р), нақл кардааст, ки боре ҳамроҳи модару холааш ба назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) меояд ва пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамроҳи эшон намоз гузорида, ба Аллоҳ бо дуо муроҷиат намудааст, то хайру баракати зиёд ирсол намояд. Модари Анас мегӯяд: *"Эй Расули Худо, бо дуое аз Аллоҳ барои каминаи камтарин муроҷиат бикун!"* Ва пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) барои ӯ хушию хайрият дархост намуда, дар анҷом мегӯяд: «اللَّهُمَّ أَكْثِرْ مَالَهُ وَوَلَدَهُ وَبَارِكْ لَهُ»

***"Эй Аллоҳ, давлати ӯро зиёда гардон ва барояш чанд фарзанд бидеҳ ва баракат ато намо!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Агар волидон барои тарбияти фарзандон дуруст эътибор надиҳанд, онҳо оқибат ба бадбахтиву мусибат, ранҷу озор, ташвиши доимӣ табдил меёбанд, ки на шабҳо хобидан мегузоранд, на рӯзҳо ором.

## Вай масъулияти худро дар баробари фарзандон эҳсос мекунад

Мусулмони боақлу асил мефаҳмад, ки дар баробари фарзандони ба дунё овардааш масъулияти азиме эҳсос менамояд, зеро вай ҳамеша садои Қуръонро мешунавад, ки бар ӯ гуфтааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ﴾

***﴿Эй касоне, ки имон овардаед! Худрову хонаводаи худро аз оташе нигоҳ доред, ки ҳезумаш одамону сангҳо мебошанд ва бар он (оташ) фариштагони дурушттуфтору сахтгир мутаваккаланд ва иродаи Аллоҳро нофармон нестанд ва фармудаҳояшро иҷрокунанда мебошанд.﴾***

**"Таҳрим", 6.**

Ва ӯ овози Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам)-ро мешунавад, ки аз хусуси масъулияти дар зиндагӣ доштаи мард хотиррасон мекунад:

«كُلُّكُمْ راعٍ، وكُلُّكُمْ مَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، الإمامُ راعٍ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، والرَّجُلُ راعٍ في أَهْلِهِ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، والمَرْأَةُ راعِيَةٌ في بَيْتِ زَوْجِها ومَسْؤولَةٌ عَنْ رَعِيَّتِها، والخادِمُ راعٍ في مالِ سَيِّدِهِ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ، فكُلُّكُمْ راعٍ ومَسْؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ»

***"Ҳар кадоми шумо чӯпоне мебошед ва ҳар кадоми шумо барои қавми худ масъулият доред. Имом чӯпоне мебошад ва барои қавми худ масъулият дорад, мард барои хонаводаи худ чӯпонест ва барои қавми худ масъулият дорад, зан дар хонаи шавҳари худ чӯпон аст ва барои қавми худ масъулият дорад, хидматгор ба молу сарвати хӯҷаини худ чӯпон аст ва барои қавми худ масъулият дорад ва ҳар кадоми шумо чӯпоне мебошед ва барои қавме худ масъулият доред."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳақиқат ин масъулиятест ҳамаро фарогиранда ва ислом онро бечуну чаро бар ӯҳдаи ҳар кас мегузорад. Мутобиқи ҳамин чиз вай волидонро барои тарбияи фарзандонашон, ки дархӯри рӯҳ ислом аст ва бо ахлоқи арзанда асоснок гардидааст, ҷавобгар медонад. Дар ин хусус Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) нақл намудааст, яъне ӯ барои он фиристода шудааст, ки ахлоқи ҳамидаро аз ҳар ҷиҳат мукаммал гардонида, миёни одамон тарғиб кунад:

«إنما بُعِثْتُ لأتَمِّمَ صَالِحَ الأخلاقِ»

***"Дар ҳақиқат, ман фақат барои он фиристода шудаам, ки хушахлоқиро мукаммал гардонам"[2]***

Оид ба масъулияти бузурги волидон дар баробари фарзандон ва тарбияи эшон ба хотири фармонбардории Аллоҳ ва расули Ӯ будан, беҳтарин дастур хулосаи олимон мебошад, ки гуфта шудааст:

***"Дар ҳақиқат, ҳар оилае, ки он ҷо чунин суханони Расули акрам*** салаллоҳу алайҳи васаллам***-ро шунидаанд:***

«مُرُوا أولادَكُم بالصَّلاةِ، وهمْ أبْنَاءُ سَبْعِ سِنِينَ، واضْرِبُوهُمْ عليهـا، وهمْ أبناءُ عَشْرٍ...»

***"Фарзандони худро фармоед, ки намоз хонанд аз ҳафтсолагӣ ва барои ин чиз[3] онҳоро аз даҳсолагӣ бизанед..."***

**Аҳмад ва Абу Довуд**

***Ҳамин тавр, ҳар оилае, ки ин ҳадисро шунидааст, вале фарзандони худро чун ба ҳафтсолагӣ расиданд, ба намоз хондан маҷбур накарда, онҳоро барои ин чиз баъди ба даҳсолагӣ расиданашон назадааст, ба хато роҳ дода, саҳлангорӣ кардааст. Чунин волидон гуноҳ кардаанд ва барои чунин хатою саҳлангорӣ дар ҳузури Аллоҳ ҷавоб медиҳанд.***

Сухан дар сари он аст, ки оила лонаест, ки он ҷо чӯҷаҳо болу пар мекушоянд, нахустин муҳити сукунатест, ки ба воя мерасанд ва шароитест, ки он ҷо шавқи рағбат, хислату шахсияташон шакл мегиранд. Ҳамин тавр, маълум ки волидон барои парвариши ин ғунчаҳои вонашуда, барои онҳоро бо ғизои некӯ таъмин кардан ва дуруст раҳнамун шудан нақши бузург мебозанд. Ин чиз имконият медиҳад, ки ҷисму ақлу рӯҳи онҳо мутаносиб инкишоф ёбанд.

## Вай барои тарбияи онҳо беҳтарин усулҳоро истифода мекунад

Волидайни боақли мусулмон махсусиятҳои рӯҳии фарзандони худро медонанд ва метавонанд, ки ба эшон бо эҳтиёт наздик шуда, ба қалби поку бегуноҳашон роҳ ёбанд ва барои ташаккул

додану роҳнамой карданашон усулҳои беҳтаринро истифода мебаранд.

Онҳо муҳаббати фарзандонро бо ҳар восита соҳиб мешаванд, барои наздикӣ ҷустан кӯшиш мекунанд, ки дараҷаи инкишофу синну соли онҳоро ба эътибор бигиранд, бо онҳо бозӣ ва шӯхӣ мекунанд, таъриф карда, суханони саршор аз муҳаббат ва рӯҳбаландкунанда мегӯянд. Аз ин чизҳо қалби фарзандон ба шавқу шӯр меояд ва низ волидонро дӯст хоҳанд дошт. Дар натиҷа, онҳо аз дилу ҷон розӣ мешаванд, ки панди волидонро бишнаванд ва ба онҳо бовар кунанд, зеро хоҳиши гӯш фаро додану фармонбардорӣ кардан аз қалб сар мезанад. Вале миёни фармонбардорие, ки бунёдаш аз муҳаббат мебошад, эҳтирому баҳои баланду боварӣ ва фармонбардорие, ки бунёдаш аз бераҳмиву зӯриву фишор оварда, ҳар гуна манъ карданҳо иборат мебошад, тафовути бузург аст. Дар мавриди якум, сухан аз фармонбардории доимиву тағйирнопазир асту дар мавриди дуюм, аз хусуси фармонбардории муваққативу зудшикан, зеро ҳамоно пас аз пурра ё қисман барҳам хӯрдани сахтгирӣ ва бардошта шудани чораҳои манъкунанда фармонбарии дуюм нест мешавад.

Баъзеҳо метавонанд чунин биандешанд, ки муомилаи оддӣ ва робитаи волид бо фарзандон шаъни ӯро дар назари фарзандон паст мекунад ва ӯро ба сифати мураббӣ беқадр мегардонад. Ин ақида билкул ғалат аст. Дар асл зоҳир шудани ин гуна ахлоқи наҷиб нисбат ба фарзандон хирадмандӣ ва усули беҳтарини тарбия мебошад, зеро илми таълими имрӯза низ ба истифодаи ин чиз даъват менамояд. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бошад, ҳанӯз понздаҳ аср қабл бо қавлу амали хеш даъват кардааст. Масалан, дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) писарони Аббос Абдуллоҳ, Убайдуллоҳ ва Қусаййирро (р) ба саф оварда, гуфт:

«مَنْ سَبَقَ إلَيَّ فلَهُ كذا وكـذا، فَيَسْتَبِقُونَ إلَيْـه فيقَعـونَ على ظَهْـرِهِ وصَدْرِهِ فَيُقَبِّلُهُمْ»

***“Ҳар кадоме то ба (назди) ман пештар медавад, фалону фалон мукофот мегирад!”***- баъд аз ин онҳо ба ҷониби ӯ давиданд ва ба тахтапушту қафаси синааш часпиданд. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) онҳоро бӯсид.[4]

Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад" ва ат-Табаронӣ аз суханони Абу Ҳурайра (р) ҳадисе меоранд, ки дар он хабар дода мешавад: боре пайғамбар салаллоху алайхи васаллам аз дасти Ҳасан (ё Ҳусайн) гирифту сари по гузошту фармуд: ***"Бархез!"***

Вале руҳи расул ҳамчун муаллими бузург бештар аз ҳама дар меҳрубониву навозиши ӯ нисбат ба Ҳасан (ё Ҳусайн) дар он маврид зоҳир шуд, ки ӯ ба (қомати) расул салаллоху алайхи васаллам часпида боло баромад. Ин чиз барои падарону бобоён дар ҳамаи замонҳо намунаи ибрат буд ва ба он ишора менамуд, ки ин падарону бобоён новобаста аз он ки чӣ мақоми баландеро ишғол кардаанд ва аз ҷониби дигарон чӣ ҳурмату эҳтиромро соҳиб гардидаанд, нисбат ба ин ниҳолакони камқувват бояд ҳимматбаландӣ зоҳир намоянд. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки Аҳмад ва ан-Насоъӣ аз суханони Шаддод (р) нақл намудаанд, оварда шудааст:

***"Боре пайғамбар салаллоху алайхи васаллам бар рӯи даст Ҳасан (ё ... Ҳусайн) аз хона берун омад. Вай пешта[illegible]фту ӯро ба замин гузошт ва баъд "Аллоҳу акбар!"- гуфта, намоз гузорид ва дурудароз саҷда намуд. Чун сар бардошт, ман дидам, ки писарак ба тахтапушти ӯ баромада буд. Он гоҳ ман дубора саҷда кардам ва чун вай намозро тамом кард, одамон гуфтанд: "Эй Расули Аллоҳ, дар ҳақиқат, ту ин корро кашол додӣ!" Дар ҷавоб ба онҳо гуфт:***

«إِنَّ ابْنِي ارْتَحَلَنِي فَكَرِهْتُ أَنْ أُعْجِلَهُ حَتَّى يَقْضِيَ حَاجَتَهُ»

***"Писари ман бар ман нишаста буд ва ман нахостам, ки ӯро саросема кунам, то вай ҳар чиро ки мехост, ҳамонро анҷом дод!"***

**Аҳмад ва ан-Нисоӣ**

Хуллас, мусулмон бо фарзандони худ бояд ҳамин тавр рафтор кунад, чун ба онҳо мурочиат мекунад, меҳрубону нармдил бошад, бо эшон шӯхӣ карданро фаромӯш накунад ва ба қадри тавону мавҷуд будани вақти холӣ онҳоро хушбахту хурсанд гардонад.

## Фарзандонро имкон медиҳад дарк созанд, ки ӯ дӯстдору ғамхорашон мебошад

Яке аз вазифаҳои асосии волидон иборат аз он аст, ки фарзандонро имкон диҳад, то дарк созанд, ки ӯ раҳми эшонро мехӯрад, дилсӯзашон аст ва дӯсташон медорад. Мақсади ин кор ба

вуҷуд овардани як муҳити хуби рӯҳӣ мебошад, то қалби фарзандон боварӣ ва рӯҳашон осоишро эҳсос кунад ва онҳо ба фардо назари нек андохта тавонанд.

Шафқат, ки сифати ҷудонапазири ислом мебошад, яке аз хислатҳои махсуси ахлоқӣ ва басо арзандаи Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ба шумор мерафт. Дар ин хусус мазмуни ҳадисе далолат мекунад, ки аз забони Анас (р) нақл карда мешавад:

***"Ман касеро вонахӯрдаам, ки нисбат ба фарзандон бештар аз Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) шафқат зоҳир карда тавонад."***

Анас гуфт:

***"Дар замони худ ба Иброҳим[5] дояе аз ал-Авал[6] пайдо карданд ва пайғамбар ҳамроҳи мо ҳар замон ба он ҷо мерафт, ӯро ба даст гирифта мебӯсид ва баъд бармегардонд."***

**Муслим**

Меҳру шафқати расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ҳатто вақте ҳам ба кӯдакон насиб мешуд, ки онҳо бо якдигар машғули бозӣ буданд. Дар чунин мавридҳо ҳам вай ба эшон меҳрубонӣ зоҳир менамуд. Анас (р), хабар медиҳад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба кӯдакон табассум менамуд ва ҳар гоҳ аз наздики эшон мегузашт, салом мегуфт.

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Чунин суханон низ аз ҷумлаи нишондодҳои тағйирнопазири пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) оид ба тарбият мебошанд:

«لَيْسَ مِنَّا مَنْ لَمْ يَرْحَمْ صَغِيرَنَا، وَيَعْرِفْ حَقَّ كَبِيرِنَا»

***"«Дар миёни мо касе, ки ба хурдсол раҳм намекунад ва ҳуқуқи пиропиро риоя наменамояд, аз мо нест."***

**Аҳмад ва ал-Ҳаким**

Абу Ҳурайра (р), хабар медиҳад, ки вақте пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) Ҳасан ибни Алиро дар ҳузури Акраъа ибни Ҳабис бӯсид, ӯ гуфт: ***"Дар ҳақиқат, ман даҳ писар дорам, вале ҳаргиз ягонтои онҳоро набӯсидаам!"*** Ба ин сухан Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: «مَنْ لا يَرْحَمْ لا يُرْحَمْ»

***"Оне, ки ба дигарон раҳм надорад, бахшида намешавад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) омӯзгори бузург буд, ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, то қалбҳои одамонро тавре шакл бидиҳад, ки ба

онҳо калиди раҳму шафқат роҳ ёбад ва сифатҳои инсонӣ мисли муҳаббату тараҳҳум аз қаъри дилашон бархезанд.

Дар хабар аст, ки боре ба назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) кадом як бодиянишине омад ва гуфт: ***"Оё шумо фарзандони худро мебӯсед? Мо онҳоро намебӯсем"***, ба ин сухан пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أَوَ أَمْلِكُ لَكَ أَنْ نَزَعَ اللَّهُ مِنْ قَلْبِكَ الرَّحْمَةَ؟»

***"Чун Аллоҳ дили туро аз меҳру шафқат холӣ гардонидааст, бароят чӣ ҳам карда метавонам?"***

**Ал-Бухорӣ**

Дар хабар аст, ки модари мӯъминон ҳазрати Оиша (р), гуфтааст: ***"Вақте ки Фотима ба назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) медаромад, вай ҳамеша ба пешвози ӯ бармехест, салом мегуфт ва ӯро мебӯсид, дар ҷои худ мешинонид, вале чун пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба назди ӯ*** **(Фотима)** ***меомад, ба истиқболи вай аз ҷой бармехест, аз дасташ гирифта дуруд мефиристод, мебӯсид ва дар ҷои худ мешинонд. Барҳақ, чун Фотима дар лаҳзаи ҳамон беморие, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо он ҷон дод, омад, вай ҳамчунин дуруд фиристод ва ӯро бибӯсид."***

**Муслим**

Мусулмони содиқ чунин панди олии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро дониста, аллакай наметавонад, ки фарзандони худро рӯй турш карда пешвоз бигирад, дар муомила бо онҳо сард бошад, сухани дағал гӯяд, ҳатто агар табиатан инсони бадқавоқ ҳисоб ёбаду дар хислаташ дағалӣ ҷо дошта бошад. Гап дар сари он ки нишондоди ин дил қалби инсонро нарм сохта, дар он чашмаи раҳму шафқатро ошкор мекунад ва оташи муҳаббатро аланга мезанонад. Фарзандон, чунонки шоире дар бораи онҳо гуфтааст, заррачаҳои қалбанд, ки дар рӯи замин мегарданд:

***Бешубҳа, фарзандони мо дар миёни мо***
***заррачаҳои қалби моянд, ки дар замин мегарданд,***
***ва чун боде бар кадоме аз онҳо бивазад,***
***чашм наметавонад мижа бизанад!***

Ҳамин тавр, волидон ҳамеша саропо муҳаббату ғамхорӣ ва эътиборанд ва ҳамеша ба ҷоннисорӣ омодаанд.

## **Вай сарвати худро барои онҳо саховатмандона сарф мекунад ва аз ин мамнун мешавад**

Вале ислом фақат бо таъкид кардани муҳаббати самимонаи волидон ва меҳрубонии онҳо нисбат ба фарзандон маҳдуд намешавад. Гап дар сари он ки дар зиндагӣ чунин ҳодисаҳое рух доданаш мумкин аст, ки диққати калонсолонро аз кӯдакон дур барад ва волидон ё яке аз онҳоро водор созад, ки дороии дунявии худро барои ӯ нисор накунад. Ё метавонад чунин ҳодиса рух диҳад, ки зиндагӣ душвор мегардаду одамонро мӯҳтоҷӣ азоб медиҳад ва дар натиҷаи ин волидон ё яке аз онҳо аз гаронии чунин бор ва харҷҳои миёншикан ташвиш мекашад. Ин ҳамаро ба назари эътибор гирифта, ислом ба муҳаббати табиии волидон дастгирӣ зоҳир менамояд, зеро ин дин таълим медиҳад, ки барои онҳо мукофоти бузурге муҳайё карда шудааст ва он ҳама ҷоннисорӣ, азият, ғаму андӯҳ ва маҳрумиятҳо дар муқоиса бо он мукофот басо ночизанд.

Дар хабар аст, ки Умм Салама (р) гуфтааст:

قُلْتُ: يا رسولَ الله، هَلْ لي أَجْرٌ في بَني سَلَمَةَ أَنْ أُنْفِقَ عليهِمْ، ولستُ بِتارِكَتِهِمْ هكذا وهكذا؟ إنَّما هُمْ بَنِيَّ، فقالَ: «نَعَمْ لَكِ أَجْرُ ما أَنْفَقْتِ عليهِمْ»

*"Боре ман пурсидам: "Эй Расули Аллоҳ, бар ивази он харҷе ки ман барои фарзандони Абу Салама мекунам, то онҳоро дар ҳолати чунину чунон нагузорам,*[7] *зеро онҳо фарзандони ман низ мебошанд, оё маро мукофоте дода хоҳад шуд?" Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Оре барои он харҷе, ки ба онҳо мекунӣ, туро мукофоте интизор аст."***

**Ал - Бухорӣ ва Муслим**

Абу Масъуд ал-Бадр, нақл кардааст, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا أَنْفَقَ الرَّجُلُ على أَهْلِهِ نَفَقَةً، يَحْتَسِبُها، فهيَ لهُ صَدَقَةٌ»

***"Агар инсон чизеро ба хотири наздикӣ ҷустан ба Аллоҳ барои оилааш сарф кунад, ин бар ӯ баробар бо садақа ҳисоб карда мешавад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Зиёда аз ин ислом харҷеро, ки барои оилаву фарзандон карда мешавад, беҳтарин тарзи харҷи маблағ меҳисобад. Барои ин кор мукофоти бештар дода хоҳад шуд. Исботи ин фикр мазмуни ҳадисест, ки аз забони Абу Ҳурайра (р), Абу Муслим (р), овардааст. Ӯ мегӯяд: "Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«دينارٌ أَنْفَقْتَهُ في سبيل اللّهِ، ودينارٌ أَنْفَقْتَـهُ في رَقَبَةٍ، وديـنـارٌ تَصَدَّقْتَ بِـهِ على مِسْكِينٍ، وديـنـارٌ أَنْفَقْتَـه على أَهْلِكَ، أعـظمُهـا أَجْـراً الـذي أَنْفَقْتَـهُ على أَهْلِكَ»

***"Агар ту диноре дар роҳи Аллоҳ ва диноре барои озод кардани ғулом ва диноре барои садақаи бечора ва диноре барои оилаи худ сарф кунӣ, ту мукофоти зиёдтареро барои ҳамон динор хоҳӣ гирифт, ки барои оилаи худ харҷ карда будӣ."***

Дар нусхаи дигари ҳамин ҳадис, ки низ Муслим нақл кардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أَفضَـلُ دينارٍ يُنْفِقُـهُ الرَّجُـلُ دينارٌ يُنْفِقُـهُ على عِيَالِهِ، ودينارٌ يُنْفِقُهُ على دابَّتِـهِ في سَبيلِ اللّهِ، ودينـارٌ يُنْفِقُهُ على أَصْحـابِهِ في سَبيلِ اللّهِ»

***"Беҳтарин диноре, ки инсон харҷ мекунад, ҳамон динор аст, ки ӯ барои фарзандони худ сарф мекунад ва ҳамон динор аст, ки барои ҳайвони савории худ дар роҳи Аллоҳ сарф кардааст[9] ва ҳамон динор аст, ки ӯ барои рафиқони худ дар роҳи Аллоҳ харҷ мекунад."***

Аз ин сабаб қалби мусулмони асилу содиқ аз он чиз қаноатманду хурсанд аст, ки ӯ маблағҳои худро барои фарзандонаш сарф мекунад, зеро вай хуб медонад, ки барои ҳама гуна харҷе, ки мусулмон ба фарзандон ё ба шахси дигар ба хотири наздикӣ ҷустан ба Аллоҳ кардааст, Аллоҳ ҳатман мукофоти бузурге хоҳад дод, чунин мукофот ба мард ҳатто барои ҳамон луқмае, ки вай бо муҳаббат ва бо шӯхӣ ба даҳони ҳамсари худ мебарад, низ дода мешавад.

Мазмуни ҳадисе, ки аз забони Саъд ибни Абу Ваққос (р), нақл мешавад, барои исботи ин фикр хидмат хоҳад кард. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«وإِنَّكَ لَنْ تُنْفِق نَفَقَةً تَبْتَغي بها وَجْهَ اللّهِ إِلاّ أُجِـرْتَ بِها، حَتَّى مـا تَجْعَلُ في في امْرَأَتِكَ»

***"Дар ҳақиқат, ба хотири наздикӣ ҷустан ба Аллоҳ ҳар харҷе, ки ту мекунӣ аз ҷумла барои луқмае, ки бар даҳони ҳамсари худ мегузорӣ[10], ҳатман ба мукофоте сарфароз гардонида хоҳӣ шуд.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони асил наметавонад фарзандони худро ба ҳукми ниёзмандӣ ва марг вогузошта, тарк кунад, зеро вай оҳанги таҳдиддоштаи садои расули акрамро ба шавҳаре, ки вазифаҳои худро нисбат ба оилааш адо намекунад, мешунавад ва ӯ аз оқибати ногувори ин чиз огоҳ кардааст, ки чунин амалҳо ба ҷумлаи гуноҳони вазнинтарин дохил буда, аз паси худ ҷазои мудҳишеро хоҳанд овард:

«كَفَى بِالْمَرْءِ إِثْماً أَنْ يُضَيِّعَ مَنْ يَقُوتُ»

*"Гуноҳ ба ҳамон марде басанда аст, ки агар ӯ онҳоеро нобуд созад, ки саробону ғизодиҳандаи онҳост."*

**Муслим, Абу Довуд ва дигар муҳаддисон**

## Миёни писарону духтаронаш фарқ нагузошта, нисбати онҳо меҳрубонӣ зоҳир менамояд ва дороии худро харҷ мекунад

Баъзе ашхос фарзанди духтар доштан намехоҳанд, орзу мекунанд, ки Аллоҳ онҳоро фақат писар бидиҳад. Вале онҳо хабар надоранд, ки Аллоҳ барои волидоне, ки духтар додааст ва онҳо нисбати эшон ботаҳаммуланду онҳоро ба таври бояду шояд тарбият медиҳанд ва бо онҳо меҳрубонанд, чӣ мукофоте тайёр кардааст. Агар онҳо медонистанд, ки мӯъминро, падари ғамхору мушфиқро чӣ мукофоте дар пеш аст, он гоҳ онҳо ба ӯ ҳасад бурда, барои худ низ ҳаминро (фарзанди духтарро) таманно менамуданд.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфтааст:

«مَنْ كَانَ لَهُ ثَلاثُ بَنَاتٍ، فَصَبَرَ عَلَيهِنَّ، وَأَطْعَمَهُنَّ وَسَقَاهُنَّ وَكَسَاهُنَّ مِن جِدَتِهِ، كُنَّ لَهُ حِجَاباً مِنَ النَّارِ يَوْمَ القِيَامَةِ»

*"Ӯро, ки соҳиби се духтар буду нисбат ба онҳо таҳаммул кард ва аз дороии худ хӯронд, нӯшонд ва пӯшонд, дар Растохез онҳо ӯро аз оташ ҳифз мекунанд."*[11]

**Имом Аҳмад**

Дар нусхаи дигари ҳамин ҳадис хабар дода мешавад, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنْ كان لَـهُ ثلاثُ بنـاتٍ يُؤْويهنَّ ، ويَكفيهنَّ ، ويَرْحَمُهنَّ، فَقَدْ وجَبَتْ لَهُ الجنَّةُ البَتَّةَ، فقالَ رجلٌ مِنْ بعضِ القَوْمِ : واثْنَتَيْنِ يا رسولَ الله؟ قالَ: «واثْنَتَيْنِ»

***"Касе, ки соҳиби се духтар буду онҳоро паноҳ дод, таъмин кард ва бо эшон дилсӯз буд, ҳатман ба биҳишт дохил мешавад."*** Яке аз ҳозирон пурсид: ***"Агар онҳо ду нафар бошанд чӣ?"*** Вай гуфт: ***"Агар ду нафар бошанд ҳам***".

Кадом падар аз хусуси чӣ мукофот ва чӣ ҳаловате барои ӯ муҳайё кардани Аллоҳро шунида, аз тарбияи духтарон ва барои онҳо харҷ кардани маблағҳои худ шодӣ намекунад?!

Ислом, ки дини зиндагӣ мебошад ва бо вазъияти воқеъии одамон, бо масоили зарурии онҳо дар ҳама гуна макону замон сарукор мегирад, инро низ аз мадди назар дур намесозад, ки духтар метавонад талоқ гирифта, ба хонаи падари хеш баргардад, дар ҳоле, ки падар ба сабаби даромади ночизу фарзанди зиёд доштан дар ҳолати маҳдудӣ қар... дошта бошад. Вале ислом дар ин гуна мавридба захмҳои ӯ марҳам молида, аз ташвишу гаронию азият раҳоӣ мебахшад, зеро ин дин ба падари саробони хонадон мефаҳмонад, ки харҷҳои барои фарзанди духтар кардааш чун баргардонида мешаванд, яке аз намудҳои асоситарини садақа ва воситаи беҳтарини ба Аллоҳ расидан мебошад.

Дар хабар аст, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба Сурока ибни Молик ибни Ҷуъшум (р) гуфт:

«ألا أدُلُّـكَ على أعْـظَمِ الصَّـدَقَةِ، أو مِنْ أعْـظَمِ الصَّدَقَـةِ؟» قال: بلَى، يـا رسولَ الله! قـالَ: «ابنتُـكَ مَرْدودَةٌ إليكَ، ليسَ لَها كاسِبٌ غَيْرُكَ»

***"Барои ту бигӯям, ки кадом шахс сазовори хайру садақа мебошад?"*** Ӯ гуфт: ***"Оре, эй Расули Аллоҳ!"*** Он гоҳ вай гуфт: ***"Ин духтари туст, ки ба ту баргардониданд ва касе нест ба ҷуз ту ӯро таъмин кунад."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Оё ин муҳити гарму рӯҳпарвареро, ки фарзандонро дар ҷаҳони ислом фаро гирифтааст, бо дурустии ҷаҳони моддӣ, ки фарзандон дар мамолики ғайримусулмонӣ сар ба сар меоянд, метавон муқоиса кард?! Он ҷо писарону духтарони навакак ба синни ҳабдаҳ расидаро лозим меояд, ки хонаи гарму нарми па-

дариро тарк намуда, ба ҷаҳони дурушту дағали муносибатҳои моддӣ ворид гарданд ва фақат аз он хусус андешанд, ки чӣ гуна худро таъмин намоянд. Ҳол он ки онҳо ҳанӯз пухта нарасидаанд ва ба ҳамдардӣ ниёз доранд. Ин ҳамаро онҳо фақат дар оила гирифта метавонанд!

Дар ҳақиқат, миёни қонунҳои Аллоҳ, ки барои хушбахтии инсон дода шудаанд ва қонунҳои номукаммали худи одамон муқаррар намуда, ки ба инсон фақат азият меоваранд, тафовут басо бузург аст! Ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, ки дар натиҷаи амали чунин қонунҳои моддигироёна дар мамолики ғайримусулмон лашкари наврасони бесару гумроҳ ва анбӯҳи модарони бешавҳарро метавон вохӯрд. Шумораи ҳам ину ҳам он бо мурури замон бемайлон меафзояд.

## Вай ҳар чиро, ки барои ташаккулу тавҷеҳи онҳо зарур аст, ба эътибор мегирад

Падари хушманд, ки мӯътақиди ислом аст, ҳар тағйиротеро, ки бо фарзандонаш рух медиҳад, (баръалоина) мебинад. Вай огоҳ аст, ки онҳо чӣ мехонанду чӣ менависанд ва бо чӣ кор машғул мешаванд, чӣ чиз диққати онҳоро ба худ кашида, чунон таъсир мегузорад, ки худи онҳо пай намебаранд. Падар (ё модар) рафиқони ӯро, яъне онҳоеро, ки фарзандашон аз эшон ҷудо нест ё бештарини вақти худро бо онҳо мегузаронад, хуб мешиносад. Ҳамчунин он ҷойҳоеро низ медонад, ки онҳо дар вақти буданашон ҳозир мешаванд. Аммо дар айни замон фарзандон ҳатто ба хотир ҳам оварда наметавонанд, ки аз паси онҳо назорат мебаранд. Вале чун ӯ ягон тағйиротеро дар хондану машғулияти онҳо пай мебарад, ё дигаргунии бо сабаби муносибат доштанашон бо рафиқони бад ё ташрифашон ба ҷойҳои шубҳанок дар онҳо пайдо шударо ҳис мекунад ва ин тағйирот бо одатҳои бад, аз ҷумлаи тамокукашӣ, ё бозиҳои номатлубу мамнӯъ, ки ба сарфи беҳудаи вақту қувва оварда мерасонад ва ҷавононро ба беҳуда вақт гузаронидану беҳудагӯӣ одат мекунонанд, алоқаманд аст. Хулласи калом, чун яке аз волидон дар рафтори фарзанди худ ин гуна дигаргуниро пай мебарад, бо мулоиматӣ ва боақлона, аммо дар айни замон қатъӣ ӯро ба роҳи ҳақиқӣ бар-

мегардонад, ба ҷониби дилхоҳ устокорона ва босубот равона месозад.

Гап дар сари он аст, ки инсон дар ҳолати табии худ ба дунё меояд, баъд аз ӯ волидон яҳудиву насрониву оташпараст месозанд. Аз ин хусус дар ҳадиси саҳеҳе, ки ал-Бухорӣ овардааст, нақл карда мешавад.

Чун барои ташаккул ёфтани кӯдак, шахсият шудани ӯ ва тарбияти вай, тамоми омилҳои дар боло зикршударо, ки ба кӯдак таъсир мегузоранд, ба назари эътибор мегирем, чӣ масъулияти бузургеро бар дӯш доштани волидон маълум мегардад.

Пас чунин бармеояд, китобе, ки кӯдакон мехонанд, бояд ақли онҳоро инкишоф диҳад, дар эшон хислатҳои олии маънавиро тарбият кунад ва дар худ барои тақлид намудан намунаҳои беҳтаринро ҷо дода бошад, на истеъдоди фитрии онҳоро нобуд кунад ва он чиро ки аз оғоз эшонро хос буд, барбод диҳад, дар қалби онҳо шарораи не[illegible]ро хомӯш гардонад.

Машғулият дар қалби онҳо хайру некӣ на бадиро инкишоф диҳад, дар дили эшон шамъи ҳақиқат, на дурӯғро барафрӯзад, тандурустӣ, на завқи пасту беҳударо омӯзад.

Шарики кӯдак кӯдакро ба биҳишт бубарад, на ба ҷаҳаннам, ӯро ба сӯи ҳақиқат раҳнамун шавад, на ба сӯи дурӯғ, ба ӯ роҳи дуруст, роҳи иртифоъ, муваффақияту парҳезгориро нишон диҳад, на роҳи гумроҳ шудану афтодану нокомиву гарданшахиро. Вале чӣ қадар одамоне ҳастанд, ки рафиқонашонро чун онҳоро волидонашон беназорат мегузорад аз паси худ ба бадахлоқиву бадӣ ва нуқсон мебаранд. Адий ибни Зайд ал-Ибоди шоир дар васфи рафиқу дӯст чӣ хуб гуфтааст:

**Агар бо одамон сарукор бигирӣ, бо беҳтарини эшон дӯстӣ бикун, бо нашудон ошно машав, зеро ту бо инчунинҳо мемирӣ!**

**Аз хусуси одам мапурс, дӯсти ӯро бипурс, зеро ҳар кӣ бо чизе унс бигирад, онро акс хоҳад кард!**

Ана барои чӣ мусулмони бофаросате, ки ба тарбияти фарзандони хеш банд аст, китобҳо, маҷаллаҳо, рафиқон, машғулият, мактаб, устодон, клуб, воситаҳои ахбори умум ва ягон омили дигареро, ки ба ташаккул ёфтани шахсият, шуур, қалб ва

ҷаҳонбинии фарзандонаш таъсир мегузорад, аз маддӣ назар дур намесозад. Дар сурати зарур шудан, ба хотири пешгирӣ кардани мушкилоте дар ҷараёни минбаъдаи тарбия ва воқеъ нагардидани ҳар гуна дудилагӣ, бемориӣ ё таҳриф вай дахолат карда, ину он чизро манъ ё маъқул мешуморад.

Гуфтаҳои қаблан ёд шударо ба эътибор гирифта, метавон шарҳ дод, ки ҷаро дар кори тарбияи фарзандон як оиларо муваффақият ёр асту дигар оила дар ин ҷабҳа ҳамеша шикаст мехӯрад. Дар мавриди аввал оила дар баробари фарзандон масъулият эҳсос мекунад, ба онҳо эътибор медиҳад ва дар натиҷа фарзандон барои эшон, ҷамъият ва одамон манфиатбахшу нек ба воя мерасанд. Оилаи дигар бошад, чунин масъулиятро эҳсос намекунад, нисбат ба фарзандонаш беэътиноӣ зоҳир менамояд ва дар натиҷа онҳо барои эшон, ҷамъият ва одамон ба «дарди сар»-и доимӣ табдил меёбанд.

## Вай бо ҳамаи фарзандонаш як хел муносибат мекунад

Як ҳикмати усули тарбия ин аст, ки ба тамоми фарзандони худ як хел муносибат бикунӣ, бо ҳеҷ кадоми онҳо нисбат ба дигарашон набояд бартарӣ дод, зеро кӯдаке, ки худро дар миёни мардумони баробарҳуқуқ баробар эҳсос мекунад, рӯҳан солим ба воя мерасад, аз ҷамъи нуқсонҳо орӣ мешавад, ба бародарони худ нафрат эҳсос намекунад ва дар дилаш низ ба рашку ҳасад ҷо намемонад, баръакс, дар қалби ӯ хайрхоҳӣ, нармӣ, эҳтирому муҳаббат ба дигарон пайдо мешавад, ки ӯро ба ин ислом даъват мекунад ва волидонро низ даъват менамояд то фарзандонро ба ин ахлоқи ҳамида водор созанд.

Ал-Бухорӣ ва Муслим ҳадисеро аз суханони Нӯъмон ибни Башир (р) овардаанд, ки хабар дода мешавад: боре ӯро падараш ба назди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) овард ва гуфт:

إني نَحَلْتُ ابني هذا غلاماً كان لي. فقال رسولُ الله ﷺ:
«أكُلَّ وَلدِكَ نَحَلْتَهُ مثلَ هذا؟» فقال: لا، فقال رسولُ الله ﷺ: «فارْجِعْهُ»

***“Ман ба писари худ ғуломеро тӯҳфа кардам, ки ба ман таъаллуқ дошт”.*** Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) пурсид: ***“Ту ба ҳар фарзанди худ чунин тӯҳфа кардӣ?”*** Ӯ ҷавоб дод, ки: ***“Не”.*** Он гоҳ Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: ***“Дар ин сурат ӯро (ғуломро) дубора бигир!”***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки ***“Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) пурсид:***

«أَفَعَلْتَ هذا بولدِكَ كُلِّهِمْ؟ قال: لا، قـال: «اتَّقوا اللّهَ واعـدِلوا في أَوْلادِكُمْ»، فـرجعَ أبـي فـردَّ تلك الصدقـة.

***“Ту ҳамин корро нисбат ба ҳар як фарзандат анҷом додӣ?” Вай ҷавоб дод, ки: “Не”. Он гоҳ ӯ гуфт: “Аз Аллоҳ тарсед ва нисбати фарзандонатон боадолат бошед!” Баъд аз ин падарам ба хона баргашт ва тӯҳфаи худро баргирифт.”***

Дар нусхаи сеюми ин ҳадис хабар дода мешавад, ки: ***“Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) пурсид:***

«يا بِشْرُ، أَلَكَ وَلَدٌ سِوى هذا؟»، قال: نعم، قال: «أَكُلَّهُمْ وَهَبْتَ لَهُ مِثْلَ هذا؟» قـال: لا، قال: «فـلا تُشْهِدْني إذاً، فـإنّي لا أَشْهَدُ على جَوْرٍ»، ثم قـال: «أَيَسُرُّكَ أنْ يكـونوا لَـكَ في البِرِّ سَـواءً؟» قال: بلى، قال: «فلا إذاً»

***“Эй Башир, оё боз фарзанди дигар дорӣ?” Вай гуфт: “Бале!” Вай дубора пурсид: “Ва ту ба ҳар кадоме чунин тӯҳфа кардӣ?” Ӯ гуфт: “Не”. Он гоҳ вай гуфт: “Пас маро шоҳиди ин кор макун, зеро ман намехоҳам, ки шоҳиди беадолатӣ бошам!” Ва баъд ӯ пурсид: “Ту хурсанд мешавӣ агар онҳо як хел эҳтиром бикунанд?” Ӯ гуфт: “Албатта!” Он гоҳ пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: “Пас чунин рафтор макун!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ана барои чӣ мусулмони парҳезгор ба тамоми фарзандони худ як хел, бо адолат муносибат мекунад ва вобаста ба тӯҳфаҳову харҷҳову муносибатҳо якеро нисбат ба дигар бартар намегузорад. Аз ин сабаб дили фарзандон нисбат ба ӯ муҳаббат парварида, қалбашон моломоли эҳтирому икром мешавад ва ҳама ба Аллоҳ барои ӯ дуо мекунанд.

## Вай фарзандонро ба хислатҳои олии ахлоқӣ одат мекунонад

Ба қалбҳои аз шодиву хайрхоҳӣ, қаноатмандиву эҳтиром моломол сарукор гирифта, падар метавонад, ки фарзандони худро барои соҳиб шудан ба шарафи баланди инсонӣ раҳнамун созад ва ба онҳо хислатҳои олии ахлоқиро, аз ҷумла муҳаббат доштан ба дигар одамон, одати ба заифон ёрӣ расондан ва бо хешовандон робита доштан, эҳтироми калонсолон, шафқат зоҳир намудан ба хурдон, эҳсоси хурсандӣ аз кори некӯ кардан, кӯшиши нисбат ба одамон боадолат будан ва ҳоказо, одат кунонад. Ин чунин маънӣ дорад, ки некӣ аз қалбе бармехезад, ки бо некӣ парварида шуда бошад, маҳрумшуда аз ин наметавонад онро ба дигарон диҳад. Он ки гуфтааст: ***"Ҳидоят аз Аллоҳу тарбият аз волидон аст"***[13] ҳақ асту рост!

Падари боақлу мусулмон медонад, ки ба қалби фарзандони худ чӣ тавр роҳ ёбад ва онҳоро ба хирадмандиву хислати хуби ахлоқӣ одат кунонад. Барои ин кор усулҳои маъқули тарбиявиро истифода мебарад, ки амсолаш инҳоянд: ибрати хуби шахсӣ, дар муносибату муомила бо фарзандон меҳрубону хоксор будан, нисбат ба онҳо ғамхорӣ, шафқат, хушгуфторӣ, муҳаббат зоҳир намудан, ба онҳо эътибор додану онҳоро ҳавасманд кардан, адолатнок будан, муносибати самимона, роҳбаладӣ тавассути нармгуфторӣ, ки ба заифӣ тамоман монандӣ надорад ва сахтгирӣ, ки бо дағалӣ омехта нахоҳад шуд, кӯшиши ба роҳи дуруст даровардани онҳо. Бо шарофати ҳамин чизҳо фарзандони ӯ дар муҳити муҳаббату эътибору меҳрубонӣ ба воя мерасанд ва бегуфтугӯ ба одамони парҳезгор, боимон, мӯъмин, аз ҳар ҷиҳат инкишофёфта, солимақл, сахӣ ва масъул табдил меёбанд. Ин ҳама барои ҳар оилае, ки дар асоси қонунҳои ислом ва муқарраротӣ Қуръон тарбият ёфтааст, худ аз худ фаҳмост. Аллоҳи Азимушшаън ҳақ гуфтааст, ки:

﴿صِبْغَةَ اللَّهِ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ اللَّهِ صِبْغَةً ؟﴾

***﴿Ранги Аллоҳро пайравӣ кунед. Оё ранги чӣ касе аз ранги Аллоҳ беҳтар аст?***[14]***﴾***

**"Бақара", 138.**

# Эзоҳ барои боби 5

1. Анас (р) муддати тӯлонӣ дар хидмати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) буд.

2. Ин ҳадисро ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад", имом Малик дар "Ал-Муватта" ва имом Аҳмад дар "Ал-Муснад" зикр кардаанд.

3. Барои намоз нагузоридан.

4. Ал-Ҳофиз дар "Ат-таҳзиб" қайд кардааст, ки санади ҳадис хуб аст.

5. Писари пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки дар бачагӣ фавтидааст.

6. Номи маҳаллаи Мадина.

7. Умм Салама зани Абу Салама буд. Пас аз фавтидани Абу Салама Умм Салама ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), ба шавҳар баромад ва фарзандоне, ки дар бораи онҳо сухан меравад, фарзандони ӯ буданд.

8. Ин чунин маъно дорад, ки вай барои ин ҳамон гуна мукофот мегирад, ки садақае ба бечорае дода бошад.

9. Дар замони ҳозир ин суханон барои воситаҳои нақлиёт низ истифода мешаванд.

10. Ҳолате дар назар дошта шудааст, ки шавҳар ба даҳони ҳамсараш луқмае бо шӯхӣ гузошта, ҳамин тавр муносибати неки худро изҳор менамояд.

11. Ин ҳадиси санади саҳеҳдоштаро Аҳмад дар "Муснад"-и худ овардааст.

12. Дар назар талоқ гирифта будани ӯст.

13. Ниг: "Ал-адабу-л-муфрад"-и ал-Бухорӣ.

14. "Сибға" – рӯшноӣ; ранг, ҷило. Ифодаи маҷозии ислом, ки рангро ба он чизе, ки мемоланду он ба худ меҷабад, монанд кардааст.

# 6

# МУСАЛМОН БО ХЕШУ АҚРАБОИ ХУД

## Ақрабо

Мусалмон фақат бо зоҳир кардани меҳрубонӣ нисбат ба волидону зану фарзандон маҳдуд нашуда, вай бо хешовандонаш низ маҳз ҳамин тавр робитаи қавӣ барқарор намуда, муносибат мекунад. Ин ҷо хешовандони ҳамхун, новобаста аз он ки онҳо меросхӯрони шахс ҳастанд ё не, дар назар дошта шудаанд.

## Эҳтироме, ки дар ислом ба хешовандони ҳамхун карда мешавад

Мо аз ин хусус ба он сабаб гуфтугӯ мекунем, ки ислом хешовандонро чунон иззату икром муқаррар намудааст, ки ягона дини дигар, сохтор ё қонунгузорӣ дар таърихи инсоният бо эшон инро раво надидааст. Ислом даъват мекунад, ки бо онҳо робита дошта бошем ва ба онҳое, ки ин робитаро мекананд, бо ҷазоҳои сахттарин таҳдид намудааст.

Аз ин манзараи ҷолиб, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам маҷозан тасвир намудааст, аз хусуси эҳтироми ислом нибат ба робитаҳои хешовандӣ чизи дигар ин қадар бовáрибахш гувоҳӣ дода наметавонад. Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам нақл кардааст, ки чӣ тавр ин робитаҳо дар назди Аллоҳ, дар ҳудуди беканори Коинот, ки Худаш офаридааст, қарор гирифтаанд ва ба Ӯ барои ҳимоя кардан аз ҳар гуна кандашуданҳо муроҷиат намуданд ва Аллоҳи Қодиру Бузург ба таваллои онҳо ҷавоб гуфт, қавл дод, ки онҳоеро, ки робитаҳоро барқарор медоранд, бепаноҳ намегузорад ва аз онҳое, ки ин робитаҳоро мекананд, робитаи Худро хоҳанд канд. Аз ин хусус дар ҳадиси саҳеҳе, ки аз забони Абу Ҳурайра (р) омадааст, хабар дода мешавад: *Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:*

«إنَّ اللَّهَ تَعالَى خَلَقَ الخَلْقَ، حتَّى إذا فَرَغَ مِنْهُمْ، قامَتِ الرَّحِمُ فقالَتْ: هـذا مَقامُ العـائِـذِ بِـكَ مِنَ القَـطيعَـةِ. قـالَ: نعَمْ، أمـا تَـرْضَيْنَ أنْ أَصِـلَ مَنْ وَصَلَكِ، وأَقْـطَعَ مَنْ قَـطَعَـكِ؟ قـالَتْ: بَلَى، قـالَ: فـذلِـكِ لَـكِ»، ثم قـالَ رسـولُ الله ﷺ: «اقْرَأوا إنْ شِئْتُمْ: ﴿فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِن تَوَلَّيْتُمْ أَن تُفْسِدُوا فِي الْأَرْضِ وَتُقَطِّعُوا أَرْحَامَكُمْ ﴿٢٢﴾ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ لَعَنَهُمُ اللَّهُ فَأَصَمَّهُمْ وَأَعْمَىٰ أَبْصَارَهُمْ﴾

*“Дар ҳақиқат, Аллоҳи Таъоло ҳама чизро офарид, вақте ки Ӯ ин корро анҷом дод, робитаҳои хешутаборӣ аз ҷои худ бархестанд ва гуфтанд: “Ин ҷои ҳамон (кас) аст, ки аз ҷудоӣ бар Ту паноҳ мебарад.” Ба ин Аллоҳ гуфт: “Оре, агар шуморо ин чиз қаноатманд медорад, мукофот медиҳам ва аз касе, ки аз шумо канда мешавад (робитаи худро) меканам?” Ва онҳо гуфтанд: “Оре.” Он гоҳ Ӯ гуфт: “Ин ба шумо бахшида мешавад!”* “Пас аз ин Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт: *“Агар мехоҳед, бихонед: “Оё агар ба ҳукумате расидед, мехоҳед дар замин[1] фасод кунед ва пайванди хешовандиятонро буред?” Инҳоро Аллоҳ лаънат кардааст ва гӯшҳояшонро кару чашмонашонро кӯр сохтааст.”*

**“Муҳаммад”, 22-23.**

Оятҳои зиёди Қуръон ба мақоми баланд доштани робитаҳои хешутаборӣ дар ислом ишорат карда, қайд менамоянд, ки хешовандонро некӣ кардан зарур аст, ба таври бояду шояд водор месозанд ва аз вайрон карда шудани ҳуқуқҳои хешовандон, ки дар фишор овардан ба онҳо ва ранҷониданашон ифода меёбад, ҳушдор медиҳанд. Масалан, дар як ояти муборак Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَاتَّقُوا اللَّهَ الَّذِي تَسَاءَلُونَ بِهِ وَالْأَرْحَامَ﴾

*﴿Ва битарсед аз Аллоҳе, ки* **(бо номи ӯ)** *аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред...﴾*

**“Нисо”, 1.**

Ҳамин тавр, Аллоҳ фармудааст, ки аз Ӯ битарсем, Вай хешутабориро васф карда, тасдиқ намудааст, ки бо эшон бо эҳтиром муносибат намуда, ҳамеша дастгирӣ бояд кард.

Мусулмони содиқро, барои он ки ба хешутаборӣ эътибори бештар дода тавонад, ин чиз кифоя аст, ки амри хешутабориро

риоя кардан дар бисёри оятҳои Қуръони Маҷид пас аз амри ба Аллоҳ имон овардан ва волидонро эҳтиром кардан омадааст.

Маслан, Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓا۟ إِلَّآ إِيَّاهُ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا﴾

***﴿Ва Парвардигори ту фармуд, ки ту ба ҷуз Ӯ ба каси дигар саҷда накунӣ, аммо волидонро некӣ бикун.﴾***

***"Исро", 23.***

Баъдтар Ӯ чунин гуфтааст:

﴿وَءَاتِ ذَا ٱلْقُرْبَىٰ حَقَّهُۥ وَٱلْمِسْكِينَ وَٱبْنَ ٱلسَّبِيلِ وَلَا تُبَذِّرْ تَبْذِيرًا﴾

***﴿Ба хешони худ, бечора ва роҳгузар он чиро ки мумкин аст, бидеҳ, аммо ба ифроткорӣ роҳ надеҳ.﴾***

**"Исро", 26.**

Аллоҳи Таъоло ҳамчунин гуфтааст:

﴿وَٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ وَلَا تُشْرِكُوا۟ بِهِۦ شَيْـًٔا ۖ وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا وَبِذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْيَتَٰمَىٰ وَٱلْمَسَٰكِينِ وَٱلْجَارِ ذِى ٱلْقُرْبَىٰ وَٱلْجَارِ ٱلْجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلْجَنۢبِ وَٱبْنِ ٱلسَّبِيلِ...﴾

***﴿Худойро бипарастед ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ масозед ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва бенавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири роҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед...﴾***

***"Нисо", 36.***

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки меҳрубонӣ зоҳир намудан ба хешовандон дар рӯихати робитаҳои инсонӣ пас аз зоҳир намудани меҳрубонӣ ба волидон дар Қуръони Маҷид дар мақоми дуввум қарор дорад ва баъд таъсири ин муқаррарот васеътар шуда, ба тамоми ниёзмандон дар байни мардум мерасад. Ин чиз ба табиати рӯҳии инсон, ки барои меҳру муҳаббат зоҳир намудан пеш аз ҳама нисбат ба наздикон як андоза мутаваҷҷеҳ мебошад, пурра мувофиқат мекунад ва низ бо муносибатҳои ислом нисбат ба қоидаҳои ташкилоти ҷамъияти исломӣ мувофиқанд, зеро ислом чунин мешуморад, ки асосҳои ҳамфикрии иҷтимоӣ дар оила гузошта шуда, баъд дар доираи хешовандони шахс паҳн

мешавад ва ниҳоят тамоми ҷамъиятро куллан фаро мегирад.

Риояи одоби хешутаборӣ аз ҷумлаи қоидаҳои асоситарини ислом ва асосҳои муҳимтарини он мебошад. Ин дин аз рӯзҳои нахустини мавҷудияти худ, вақте ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ба одамон муроҷиат намуда, даъват ба амал овард, ба онҳо фаҳмонид, ки асоси ин даъват аз чӣ чиз иборат мебошад ва сифатҳои хоси ин дин кадомҳоянд, ин қоидаҳову асосҳоро ба олам эълон кард. Ҳамин тавр, амри риояи одоби хешутаборӣ дар қонунгузории ин дин яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Аз ин хусус ҳадиси мукаммал шаҳодат медиҳад, ки аз забони Абу Суфён нақл шудааст. Вай аз хусуси вохӯрдани худ бо Ҳиракл[4] ҳикоят мекунад. Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки ӯ Абӯ Суфёнро пурсид: "Шуморо пайғамбаратон чӣ мефармояд?". Ӯ ҷавоб дод, ки: *"Вай мегӯяд:*

«اعْبُدوا اللَّهَ وحدَهُ، ولا تُشْرِكوا به شيئاً، واترُكوا ما يقولُ آباؤُكمْ، ويأمُرنا بالصَّلاةِ، والصِّدْقِ، والعَفافِ، والصِّلةِ» .

***"Фақат ба худи Аллоҳ саҷда кунед, ба Ӯ чизеро шарик наоред ва он чиро ки падарони шумо дар бораи ба Худо шарик овардан гӯянд, тарк кунед, ӯ мефармояд, ки мо намоз гузорем, ҳақгӯ бошем, аз ҳар чизи бад худдорӣ кунем ва робитаҳои хешутабориро барқарор дорем".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, риояи одоби хешутаборӣ дар баробари саҷда кардан фақат ба Аллоҳ, намоз гузоридан, ҳақиқатгӯ будан ва аз кори бад даст кашидан, аз ҷумлаи қоидаҳои асосии ин дини яккахудоӣ ҳисоб меёбад, ки аз ин хусус ба ҳамаи онҳое, ки бори аввал дар бораи ин дин суол мекунанд, чун дар бораи хусусиятҳои хосу муҳимтарини ислом хабар дода мешавад.

Дигар ҳадиси мукаммал, ки аз забони Амр ибни Аббос, (р), нақл карда мешавад, дар худ як қатор асосу қоидаҳои исломро ғунҷонидааст. Вай мегӯяд:

دخلتُ على النبي ﷺ بمكة، يعني في أول النبوّة، فقلتُ له: ما أنتَ؟ قالَ: «نبيٌّ؟ فقلتُ: وما نبيٌّ؟ قالَ: «أرسَلَني اللَّهُ»، فقلتُ: بأيِّ شيءٍ أرسَلَكَ؟ قالَ: «أرسَلَني بصِلَةِ الأرْحامِ، وكَسْرِ الأوْثانِ، وأنْ يُوَحَّدَ اللَّهُ لا يُشْرَكَ بهِ شَيْءٌ...»

*"Боре дар Макка ман ба назди паёмбар (салаллоху алайхи васаллам) даромадам ва ӯро пурсидам: "Ту кистӣ?". Вай ҷавоб дод:* ***"Пайғамбар".*** *Ман пурсидам: "Пайғамбар кист?". Вай ҷавоб дод:* ***"Маро Аллоҳ фиристода".*** *Ман пурсидам: "Бо чӣ (кор) Ӯ туро фиристод?" Вай гуфт:* ***"Ӯ маро (бо фармоише) фиристод, то робитаи хешутаборӣ барқарор гардад, бутҳо шикаста шаванд ва фақат ба Аллоҳ саҷда бояд кард, на ба ягон каси дигар дар баробари Ӯ..."***

**Муслим**

Ҳамин тавр, мо дидем, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар шарҳи кӯтоҳ худ аз хусуси асосҳо ва қоидаҳои ислом дар ҷои аввал барқарор доштани робитаҳои хешутабориро гузошта, онро қабл аз дигар чизҳо номбар кардааст. Ин аз мақоми баланд доштани ин масъала дар нишондодҳои пешакии ин дини аз ҷониби Аллоҳ барои оламиён ҳамчун меҳрубонӣ нозил гардида, гувоҳӣ медиҳад.

Фармоишоти бешуморе, ки аз як тараф бо риояи одоби хешутаборӣ ҳавасманд мегардонанд ва одамонро ба ин чиз водор месозанд, аз тарафи дигар, канда шудани ин алоқаҳоро пешгирӣ менамоянд ва барои ин чиз бо ҷазоҳои сахттарин таҳдид мекунанд, низ ҳамин тавр маънидод карда мешаванд.

فعن أبـي أيوب الأنصاري أن رجـلاً قالَ: يـا رسـولَ الله، أَخْبـِرْني بعمل يُدْخِلُني الجنّةَ، فقال النبـيُّ ﷺ: «تَعْبُدُ الله ولا تُشْرِكُ بِهِ شَيْئاً، وتُقِيمُ الصَّلاةَ، وتُؤْتِي الزَّكاةَ، وتَصِلُ الرَّحِمَ»

Аз забони Абу Аюб ал-Ансорӣ (р) нақл мекунанд, ки шахсе ба пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: *"Эй Расули Аллоҳ, барои ман бигӯ, ки ман чӣ кор бояд кунам, то ба биҳишт дохил шавам?"* Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) дар ҷавоб гуфт: ***"Фақат ба Аллоҳ саҷда бикун, на бо ягон каси дигар, дар баробари Ӯ, намоз бигузор, закот бидеҳ ва алоқаи хешутабориро канда макун".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин ҷо риояи одоби хешутаборӣ бо яккахудоӣ, намоз гузоридан ва закот супоридан дар як саф гузошта шудааст. Маълум мешавад, ки ин чиз аз ҷумлаи корҳои муҳимтарини накӯ буда, соҳиби худро ба биҳишт мерасонад ва аз оташи дӯзах наҷот медиҳад.

Аз Анас (р) нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«مَنْ أَحَبَّ أَنْ يُبْسَطَ لَهُ فِي رِزْقِهِ، وَيُنْسَأَ لَهُ فِي أَثَرِهِ، فَلْيَصِلْ رَحِمَهُ»

***"Касе, ки мехоҳад насибааш зиёда гардад, умраш дароз бошад, робитаашро аз хешутабори худ наканад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, риояи одоби хешутаборӣ барои ризқу рӯзӣ ва умри кас манфиат мебахшад, зеро вай ба афзудани дороии инсон ва дароз шудани умри ӯ мусоидат карда, зиндагониро муборaку пурнеъмат мегардонад.

Нақл мекунанд, ки Ибн Умар (р) ҳар замон мегуфт:

«مَنِ اتَّقَى رَبَّهُ، وَوَصَلَ رَحِمَهُ نُسِيءَ فِي أَجَلِهِ، وَثَرَى مَالُهُ، وَأَحَبَّهُ أَهْلُهُ»

***"Мӯҳлати умри касе, ки аз Парвардигори худ метарсад ва бо хешовандонаш робита мекунад, дароз мешавад, давлаташ афзун мегардад ва наздиконаш ӯро дӯст хоҳанд дошт."***[6]

Хуллас, мо дидем, ки риояи одоби хешутаборӣ мӯҷиби баракати ризқу умри инсон, меҳрубонии Аллоҳ дар ҳар ду ҷаҳон мешавад ва муҳаббати одамонро ба ӯ бедор мекунад, онҳоро водор месозад, ки дар ҳаққи ӯ суханони некӯ бигӯянд. Қатъ кардани алоқаҳои хешовандӣ бошад, бар сари одам бадбахтӣ ва мусибат меоварад. Аллоҳ ва одамон нисбат ба ӯ нафрат мепароранд, ин кор ӯро абадан аз биҳишт маҳрум месозад.

Барои инсоне, ки робитаи худро аз хешовандонаш баркандааст, мисоли рӯшани хато будани ин амалаш суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) буда метавонанд, ки маҳз барои ӯ гуфта шудааст:

«لا يَدْخُلُ الْجَنَّةَ قَاطِعُ رَحِمٍ»

***"Аз хешовандон буридашуда ба биҳишт намедарояд!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мазмуни ҳадиси дигар ба чунин шахс бояд гумроҳиву бадбахтии ӯро барои кори анҷом додааш нишон диҳад, зеро раҳмати Аллоҳ на фақат ба худи ӯ, балки ба ҳамаи онҳо низ намерасад, ки дар атрофи инсони робитаи худро аз хешовандонаш қатъ намуда қарор доранд.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إِنَّ الرَّحْمَةَ لا تَتَنَزَّلُ على قَوْمٍ فيهِمْ قاطِعُ رَحِمٍ»

***"Дар ҳақиқат, раҳмат(-и Аллоҳ) ба онҳое намерасад, ки дар миёни ишон шахсе қарор дорад, ки бо хешовандони худ робита надорад."*** [7]

**Ал-Байҳақӣ**

Маҳз аз ин сабаб Абу Ҳурайра (р), ки яке аз саҳобагони машҳуртарини пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) буд, дӯст намедошт дар ҷамъияти одамоне бо дуо ба Аллоҳ муроҷиат кунад, ки дар он (ҷамъият) шахсе ҳозир аст, ки бо хешовандонаш робита надорад, зеро бо сабаби ҳозир будани ӯ ба ин дуо аз ҷониби Аллоҳ ҷавоб намеояд ва раҳмати Аллоҳ ба дигарон намерасад.

Дар хабар аст, ки боре бегоҳирӯзи панҷшанбе вай бо одамон вохӯрда, гуфт: ***"Ман исрор мекунам, ки ҳар касе бо хешовандонаш муносибате надорад, моро тарк кунад!"*** Аммо то даме ки ӯ ин суханро се маротиба такрор накард, ҳеҷ кадоме аз ҳозирон аз ҷо нахест. Баъд аз ин як ҷавон ба назди аммааш рафт, ки ду сол инҷониб равуо надошт. Вақте ки ӯ ба хонаи аммааш расид, вай пурсид: ***"Эй писари бародари ман, чӣ шуд, ки ту ба аёдати ман омадӣ?"*** Вай гуфт: ***"Ман шунидам, ки Абу Ҳурайра ин тавр ва ин тавр гуфт."*** Он гоҳ аммааш гуфт: ***"Бирав ва ӯро бипурс, ки чаро чунин гуфт."*** Ва Абу Ҳурайра (р) гуфт:

«إِنَّ أَعْمالَ بَني آدَمَ تُعْرَضُ على اللهِ تبارَكَ وتعالَى عَشِيَّةَ كُلِّ يَوْمِ خَميسٍ لَيْلَةَ الجُمُعَةِ، فَلا يُقْبَلُ عَمَلُ قاطِعِ رَحِمٍ»

*"Ман шунидам, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Дар ҳақиқат, кори (дуои) одамон бегоҳирӯзи ҳар панҷшанбе, дар арафаи шаби ҷумъа ба Аллоҳи Рӯзирасону Азимушшаън мерасад, кори онҳое, ки аз хешовандони худ робитаашонро қатъ кардаанд, қабул намешавад."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад", ҳамчунин Аҳмад дар "Муснад"**

Дар ҳақиқат, ин нишондод бо мусулмоне, ки соҳиби эҳсосоти нозук буда, барои соҳиб шудан ба раҳмати Парвардигор талош меварзад ва дар зиндагӣ аз ҳама гуна чизи бад дурӣ меҷӯяд, то мағз-мағзи ҷонаш таъсир мегузорад, зеро дар ин нишондод муқаррар шудааст, ки қатъ шудани равобити хешутаборӣ барои хайру эҳсон монеъа шуда, сабаби беҷавоб мондани дуои одамон (аз ҷониби Аллоҳ) мегардад ва дар натиҷа кору кӯшиши инсон

барабас меравад. Вақте ки мурочиати инсон ба Аллоҳ рад карда мешаваду дуояш бенатиҷа мемонад ва чун раҳмати Аллоҳро талаб карда аз он бенасиб мегардад, мусибати бузург ҳисоб меёбад. Аз ин сабаб ҳаргиз наметавон тасаввур кард, ки мусулмони асил ягон вақт аз хешовандони худ робитаро барканад.

Қатъ шудани муносибатҳои хешутаборӣ чунин гуноҳе ба шумор меравад, ки мусулмон, агар дили ӯ аз дастуроти ислом равшан ва қалбаш ба Аллоҳ таслим ва ба раҳмати Парвардигор мӯҳтоҷ шуда бошад, ҳаргиз ин корро содир намекунад, зеро ин гуноҳ аз ҷумлаи амалҳои нодурусте мебошад, ки Аллоҳ ҳамоно ҷазо медиҳад. Зиёда аз ин маҳз ҳамин гуноҳ содиркунандаи худро аллакай дар ин ҷаҳон осӣ мегардонад. Дар як ҳадиси муборак хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ما مِنْ ذَنْبٍ أَحْرَى أنْ يُعَجِّلَ اللّهُ لِصاحِبِهِ العُقُوبَةَ في الدُّنْيا – مَعَ ما يَدَّخِرُ لَهُ في الآخِرَةِ – مِنْ قَطِيعَةِ الرَّحِمِ والبَغْيِ»

***"Дар ин ҷаҳон ҷазои бетаъхирро дар баробари он (ҷазое), ки Ӯ дар дунёи боқӣ барои одамӣ муқаррар намудааст, бештар аз ҳама гуноҳи қатъ кардани алоқаи хешутаборӣ ва (зоҳир кардани) беадолатӣ мебошад."***

**Аҳмад, Абу Довуд, ат-Тирмизӣ ва Ибни Моҷа**

Ҳамин тавр, қатъ кардани робитаҳои хешутаборӣ ва беадолатӣ монанди дугоникҳо мебошанд ва Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз аз ин сабаб онҳоро овардааст. Аз ин хусус дар ҳадиси зикршуда ишора рафт. Ин чунин маъно дорад, ки сабаби қатъ шудани робитаҳои хешутаборӣ беадолатӣ мебошад. Дар ҳақиқат ҳам оё аз қатъ шудани риштаи хешовандиву муҳаббат чизе беадолатонатар метавонад бошад?!

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) беадолатиро, ки дар натиҷаи қатъ шудани алоқаҳои хешутаборӣ расонида мешавад, маҷозан тасвир намуда, гуфтааст:

«إنَّ الرَّحِمَ شِجْنَةٌ مِنَ الرَّحْمنِ، تَقُولُ: يا رَبِّ، إنِّي ظُلِمْتُ، يا رَبِّ، إنِّي قُطِعْتُ، يا رَبِّ، إنِّي... فَيُجِيبُها: ألا تَرْضَيْنَ أنْ أَقْطَعَ مَنْ قَطَعَكِ وأَصِلَ مَنْ وَصَلَكِ؟»

***"Дар ҳақиқат, робитаҳои хешовандӣ ба (Парвардигори) Бахшоян-***

***да басо қаринанд ва онҳо мегӯянд: “Эй Парвардигор, дар ҳақиқат нисбати мо беадолатӣ (зоҳир) карданд, эй Парвардигор, дар ҳақиқат моро қатъ карданд!” Ӯ ба онҳо ҷавоб медиҳад, ки: “Оё ин чиз шуморо ризо кард, ки Ман бо касе, ки шуморо қатъ кард, қатъ мекунам ва онҳоеро, ки шуморо нигоҳ медоранд, нигоҳ медорам?”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”**

Аллоҳ низ мақоми хешутабориро баланд карда ***(ар-раҳиму),*** ба номи ***“бахшоянда” (ар - раҳмон)*** наздик кардааст ва аз он сабаб ин робитаҳоро гиромӣ доштааст, ки ин калима аз номи ӯ пайдо шудааст.

Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) овардааст, ки Аллоҳи Таъоло гуфт:

**«أنا الرَّحمنُ، وأنا خَلَقْتُ الرَّحِمَ واشْتَقَقْتُ لها مِن اسْمي. فَمَنْ وَصَلَها وَصَلْتُهُ، ومَنْ قَطَعَها بَتَتُّهُ»**

***“Ман бахшоянда*** **(ар – Раҳмон)** ***ҳастам ва Ман робитаҳои хешутабориро*** **(ар-раҳим)** ***аз номи Худ офаридам ва Ман онеро, ки онҳоро гиромӣ медорад, мукофот медиҳам, вале касеро, ки инро (муносибатҳоро) қатъ мекунад, дур мекунам!”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал – адабу-л- муфрад”,**
**ҳамчунин Имом Аҳмад, Абудовуд ва ат – Тирмизӣ.**

Ин суханон ба мусалмоне, ки соҳиби эҳсososоти нозук мебошад, нишон медиҳад, ки инсон агар робитаҳои хешутабориро барқарор дорад, дар сояи анбӯҳи гуворои лутфи Аллоҳ ҳаловат бурда, сазовори мукофот ва ифтихор мегардад, аммо оне, ки ин робитаҳоро қатъ мекунад, аз ин соя дур афканда шуда, дар ҷудоӣ, бадбахтӣ ва хориву золимӣ мемонад.

## Мусулмон одоби хешутабориро тибқи дастуроти ислом риоя мекунад

Назар ба он чӣ дар боло қайд кардем, мусулмони парҳезгору боақлу ҳуш робитаҳои худро бо хешовандонаш нигоҳ медорад ва на дунё, на сарват, на занӯ фарзандон наметавонанд, ки ӯро аз ғамхориву меҳрубонӣ зоҳир намудан ба хешовандону наздикон ва онҳоро эҳтиром кардану ба ишон кӯмак расонидан, дур созанд. Вай дар ин кор ҳамеша нишондодҳои исломро ба эътибор мегирад, ки робитаҳои хешутабориро аз дараҷаи заруррату наздикиашон ба низом даровардa, бо тартиби муайян ҷо

ба ҷо гузоштааст. Дар мақоми аввал модар аст, баъд падар, пас мувофиқи наздик буданашон дигарон қарор доранд. Дар хабар аст, ки боре ба назди пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) шахсе омада, пурсид:

يا رسول الله، مَنْ أحقُّ بحُسْنِ الصُّحْبَةِ؟ قال: «أُمُّكَ، ثم أُمُّكَ، ثم أُمُّكَ، ثم أبوكَ، ثمَّ أدْناكَ أدْناكَ»

*"Эй Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) аз одамон кадоме бештар сазовори муомилаи хуб мебошад?"* Вай ҷавоб дод, ки: ***"Модари ту, баъд модари ту, боз модарат, пас падарат, пас мувофиқи наздик буданашон бо ту*** **(дигарон)".**

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳақиқат, мусулмоне, ки барои хешовандони худ некӣ мекунад, сазовори ду мукофот мебошад: яке барои нигоҳ доштани робитаҳои хешутаборӣ, дигаре барои некиву садақа. Ин чиз ӯро водор месозад, ки ба хешовандони худ, агар онҳо ба пул ниёз доранд, чизе бидиҳад, зеро бо шарофати ҳамин кораш ӯ аз Аллоҳ ду мукофот мегирад ва дили хешовандону наздиконаш аз муҳаббаташ нисбат ба ӯ лабрез мегардад. Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) маҳз ба ҳамин чиз даъват менамуд, ки мазмуни ҳадиси аз суханони зани Абдуллоҳ ибни Масъуд - Зайнаб ас-Сақафӣ (р) нақл карда шуда, низ ба ҳамин нукта ишора мекунад. Ӯ гуфтааст: *"Боре расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:*

«تَصَدَّقْنَ يا مَعْشَرَ النِّساءِ ولَوْ مِنْ حُلِيِّكُنَّ»

***"Эй занон, хайру садақа кунед, агарчи барои ин (кор) аз ороишоти худ маҳрум шуданатон лозим меояд."***

Зайнаб гуфтааст: *"Баъд аз ин*[9] *ман ба назди Абдулло ибни Масъуд рафта гуфтам: "Ту одами сарватманд нестӣ, аммо Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) фармуд, ки садақа кунем. Бирав ба назди ӯ ва бипурс, ки оё барои ман ин кифоя мебошад, вагарна ман инро барои дигарон харҷ хоҳам кард." Абдуллоҳ гуфт: "Не, ба назди ӯ худат бирав". Ва ман рафтам. Дар назди дари* (хонаи) *Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) занеро аз ансориён вохӯрдам, ки он чӣ ман оварда будам, ӯ низ оварда буд. Аммо Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба одамон тарсе аз эҳтиром* (салобат) *дошт*[10], (баъд) *ба назди мо Билол баромад ва мо ӯро бирав ва бигӯ, ки ду зани дар пеши дар истода аз ӯ мепурсанд, ки оё он чи ки барои шавҳаронашон ва он ятимоне, ки сарпарасташон ҳастанд, сарф мекунанд, кифоят накунад, то* (онро) *садақа шуморӣ. Аммо нагӯ, ки мо кистем." Ва Билол ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) рафт ва ба ӯ ин*

*суолро дод. Расули Аллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *пурсид:*

«مَنْ هُما؟ قالَ: امرأةٌ من الأنصار وزَيْنَبُ. فقالَ رسولُ الله ﷺ: «أيُّ الزَّيانِبِ هِيَ؟» قالَ: امرأةُ عبد الله، فقالَ رسولُ الله ﷺ: «لَهُما أَجْرانِ، أجْرُ القَرابةِ وأجْرُ الصَّدَقَةِ»

***“Ин занҳо кистанд?”*** (Билол)*гуфт: “Як зан аз ансориён ва Зайнаб”. Расули Аллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *пурсид:* ***“Кадом Зайнаб?”*** *Ӯ ҷавоб дод: “Зани Абдуллоҳ”. Он гоҳ Расули Аллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *гуфт:* **“(Барои ин чиз)** ***онҳоро ду мукофот аст: яке барои*** **(нигоҳ доштани)** ***робитаҳои хешовандӣ, дигаре барои садақа*** **(хайрот).”**

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин, дар хабар аст, ки расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«الصَّدَقَةُ على المِسْكينِ صَدَقَةٌ، وعلى ذي الرَّحِمِ ثِنْتانِ: صَدَقَةٌ وصِلَةٌ»

***“Садақа ба бечора ин фақат садақа мебошад, аммо*** **(кӯмак расондан)** ***ба хешованд ин ду чиз аст – садақа ва дастгирӣ*** **(робитаи хешовандӣ).”**

**Ат-Тирмизӣ**

Ва Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар ҳар мавриди муносиб гаштаву баргашта ба иззату эҳтиром зоҳир намудан нисбат ба хешовандон ишора мекард. Масалан, вақте ки ояти зерин нозил шуд:

﴿لَن تَنَالُواْ ٱلْبِرَّ حَتَّىٰ تُنفِقُواْ مِمَّا تُحِبُّونَ﴾

***﴾Некиро дарнахоҳед ёфт, то он гоҳ, ки аз он чӣ дӯст медоред, харҷ намекунед.﴿***

**“Оли Имрон”, 92.**

Абу Талҳа (р) ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) омада, гуфт:

«يا رسول الله، إن الله تبارك وتعالى يقول: ﴿لَنْ تَنالوا البِرَّ حتّى تُنْفِقوا مِمّا تُحِبّونَ﴾. وإنَّ أحبَّ مالي إليَّ بَيْرَحاءُ، وإنّها صَدَقَةٌ لله تعالى أرْجو بِرَّها وذُخْرَها عندَ الله، فضَعْها يا رسول الله حيثُ أراكَ اللّهُ». فقالَ رسولُ الله ﷺ: «بَخٍ، ذلكَ مالٌ رابِحٌ، ذلكَ مالٌ رابِحٌ! وقد سمعتُ ما قلتَ، وإني أرى أنْ تَجْعَلَها في الأقْرَبِينَ»، فقال أبو طَلْحَة: «أفْعَلُ يا رسولَ الله»، فقَسَمَها أبو طَلْحَة في أقاربه وبَني عَمِّه»

*“Эй Расули Аллоҳ, дар ҳақиқат Аллоҳи Табораку Таъоло гуфт:* ***“Некиро дарнахоҳед ёфт, то он гоҳ ки аз он чӣ дӯст медоред, харҷ намекунед”****,-аммо ман, дар ҳақиқат бештар аз ҳама Байраҳро (номи нахлистон) дӯст медорам. Бигузор ин чиз садақаи ман барои Аллоҳ бошад, бо шарофати он чиз умед дорам, ки некӣ дарёфта, дар Аллоҳ захира кардан мехоҳам. Инро чи хеле Аллоҳ мефармояд истифода бубар, расули Аллоҳ!”* Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***“Хуб! Ин маблағ манфиат меоварад, ин маблағ манфиат меоварад! Ман шунидам, ки ту чӣ гуфтӣ ва чунин мешуморам, ки ту онро ба хешовандонат бидиҳӣ.”*** Абу Талҳа гуфт: *“Ҳамин тавр ҳам мекунам, Расули Аллоҳ!”* Баъд аз ин вай онро миёни хешовандону писарони амаки худ тақсим намуд.”

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба оянда низ дида дӯхта, фармудааст, то бо хешовандоне, ки баъд аз чандин аср зиндагӣ хоҳанд кард, муносибати хуб доштан зарур аст. Дар ҳадисе, ки Муслим нақл кардааст, аз ин хусус сухан меравад, ки бо мисриён муносибати хуб бояд кард. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«سَتَفْتَحـونَ مِصْرَ، فـإذا فَتَحْتُموهـا فأحْسِنـوا إلى أهْلِهـا، فـإنَّ لَهُمْ ذِمَّـةً ورَحِماً، أو قالَ: ذِمَّةً وصِهْراً»

***“Шумо Мисрро забт мекунед ва чун онро забт мекунед, бо одамоне, ки дар ин кишвар зиндагӣ доранд, хуб муносибат кунед, зеро онҳо соҳиби ҳуқуқҳои хеш ҳастанд, ки бояд риоя кард ва онҳо хешовандони ҳамхунанд (ё ... хешовандон модарианд)”.***

Уламое, ки ин ҳадисро тафсир кардаанд, ишора намудаанд, ки онҳо аз он сабаб хешовандони ҳамхун номида шудаанд, ки модари Исмоил, Ҳоҷар мисрӣ буд. Хешовандӣ аз тарафи зан гуфта, ин чӣ дар назар дошта шудааст, ки Марям, модари Иброҳим, писари Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мисрӣ буд.

Чӣ фидокорӣ, чӣ пархезгорӣ, чӣ олиҳимматии инсонворона, ки таъсираш то ба асрҳову замонҳо ва ба наслҳои ин ду халқи ба ҳам қарини муборак расидааст!

Аз ин сабаб ҷои таааҷҷуб нест, ки мусулмони тақводору бофаросат ба хешутабори худ ин қадар сахт эътибор медиҳад ва дар тӯли умри худ ба онҳо ин хел саховатмандона хайру эҳсон мекунад.

## Вай аз хешовандони худ, ҳатто агар онҳо ғайримусулмон бошанд ҳам, робитаашро қатъ намекунад

Ислом бо олиҳиммативу башардӯстии худ фарқ мекунад, зеро ин дин мефармояд, ки бо хешовандон ҳатто онҳо агар мусулмон набошанд ҳам, бояд робитаро барқарор дошт. Масалан, дар ҳадисе, ки аз забони Абдуллоҳ ибни Амр (р), оварда шудааст, хабар дода мешавад, ки ӯ гуфт:

*"Ман шунидам, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ошкоро, на пинҳонӣ, гуфт:*

«إنَّ آلَ أبي فُلانٍ لَيْسُوا بأوْليائي، إنَّما وليِّيَ اللهُ وصالِحُ المُؤْمِنينَ، ولكنْ لهمْ رَحِمٌ أبُلُّها بِبلالِها»

***"Дар ҳақиқат, аҳли байти фалон хонавода барои ман наздик нестанд, зеро наздикони ман Аллоҳ ва мӯъминони парҳезгор мебошанд, вале маро бо онҳо пайванди хешутаборӣ дар миён аст ва ман онро ба тавре ки зарур аст, барқарор медорам."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вале чун суханони Аллоҳи Таъоло нозил шудаанд, ки:

﴿وَأَنذِرْ عَشِيرَتَكَ ٱلْأَقْرَبِينَ﴾

***﴿Хешовандони худро панд деҳ (битарсон)!﴾***

**"Шуъаро", 214.**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) қурайшиёнро даъват кард ва чун онҳо ҷамъ омаданд, ӯ ба ҳамаи ҳозирон ва ба баъзе дар алоҳидагӣ рӯ оварда гуфт:

«يا بني عَبْدِ شَمْسٍ، يا بَني كَعْبِ بنِ لُؤَيٍّ، أنْقِذوا أنفسَكمْ من النّار، يا بَني مُرَّةَ بنِ كعْبٍ أنقِذوا أنفسَكمْ من النّار، يا بَني عَبْدِ مَنافٍ أنْقِذوا أنفسَكُمْ مِنَ النّار، يا بَني هاشِمٍ أنْقِذُوا أنفسَكمْ مِنَ النّار، يا بني عَبْدِ المُطَّلِبِ أنْقِذُوا أنفسَكمْ مِنَ النّار، يا فاطمةُ أنْقذي نفسَكِ من النّار؛ فإنّي لا أمْلِكُ لكمْ مِنَ اللهِ شَيْئاً، غيرَ أنّ لكمْ رَحِماً سأبُلُّها ببلالِها»

***"Эй бани Абд Шамс[13], эй бани Каъб ибни Луайй, аз оташ барҳазар***

***бошед! Эй бани Мурра ибни Каъб, аз оташ барҳазар бошед! Эй бани Абдуманоф, аз оташ барҳазар бошед! Эй бани Ҳошим, аз оташ барҳазар бошед! Эй бани Абдулмуталлиб, аз оташ барҳазар бошед! Эй Фотима, аз оташ барҳазар бош! Дар ҳақиқат, ман наметавонам, ки шуморо аз Аллоҳ ҳифз кунам, вале маро ба шумо пайванди хешутаборӣ ҳаст ва ман инро ба таври бояду шояд риоя мекунам!"***

**Муслим**

Дар ҳақиқат, намии ҷонбахшои рӯҳияи инсон аз дили мусулмон ҳаргиз гум намешавад, балки дар шакли хайру саховат кардан ба хешовандон, ҳатто агар онҳо пайравони ислом набошанд ҳам, зоҳир шуда, ба атроф паҳн мешавад. Ана барои чӣ суханони Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ***"... вале маро бо шумо пайванди хешутаборӣ дар миён аст ва ман инро ба таври бояду шояд риоя мекунам!"*** аз ҷумлаи намунаҳои фасоҳати забони арабӣ шудааст. Вай пайванди хешутабориро ба замин ташбеҳ додааст, ки ба сабаби нигоҳубин намнок шуда, муҳаббату самимият тавлид мекунад, вале ба сабаби ҷудоӣ хушкида, нафрату дилсардӣ меоварад. Аз ин рӯ мусалмони асил нисбат ба дигарон рӯҳияи дӯстӣ зоҳир менамояд ва нисбат ба худ низ дар дигарон ҳамин чизро пайдо мекунонад ва ҳама ӯро дӯст медоранд, зеро онҳо мебинанд, ки ӯ тимсоли зиндаи ахлоқи ҳамида аст.

Маҳз аз ин сабаб Умар (р) либосеро, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам барои ӯ фиристода буд, ба бародари мушрики худ тӯҳфа кард ва ин корро нанг надонист.

**Ал-Бухорӣ**

Қаблан мо қайд кардем, ки ислом одамонро водор месозад то ба волидони худ некӣ кунанд, агарчи онҳо мушрик бошанд ҳам. Ин ҷо мо шоҳид шудем, ки он дин водор месозад, то ба хешовандон низ агар онҳо мусулмон набошанд ҳам, некӣ кард. Ин ба олиҳиммативу инсондӯстии ислом ишорат мекунад, вале дар дин навигарӣ ҳисоб намеёбад, зеро маълум аст, ки Аллоҳ ба расули худ муроҷиат карда фармуда буд:

﴿وَمَآ أَرْسَلْنَٰكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَٰلَمِينَ﴾

***﴿Ва Мо туро ҷуз барои некӣ кардан ба мардуми ҷаҳон нафиристодаем.﴾*** **"Анбиё", 107,** - *Расули Аллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *бошад, гуфта-*

аст: «إنَّما بُعِثْتُ لِأُتَمِّمَ حُسْنَ الأَخلاقِ»

*"Дар ҳақиқат ман барои он фиристода шудаам, ки ахлоқи некро такмил кунам."*

**Имом Молик дар "Ал-Муватто"**

## Вай пайванди хешутабориро ба маънои васеъи ин сухан дарк мекунад

Мусулмони асилу боҳуш нигоҳ доштани пайванди хешутабориро амри дини худ қабул мекунад ва чунин меҳисобад, ки зери ин мафҳум фақат кӯмаки моддӣ расонидан дар назар дошта нашудааст. Ин як чизи фарогир ва васеътар мебошад. Вай ҳам дар кӯмаки пулӣ расонидан ба хешовандони бечора, ҳам дар аёдатҳо, ки пайванди хешутабориро мустаҳкамтар мекунаду муҳаббатро меафзояд, руҳияи якдигарфаҳмию ҳамдардиро пурзӯр менамояд. Ин мафҳум ба маслиҳатҳои дӯстона кӯшидан, дастгирӣ ва адолат кардан дар гуфтани суханони хубу нигоҳ доштани ифодаи хушҳолонаи чеҳра, хуш қабул намудан, табассум кардан дигар корҳои некӯро дар худ таҷассум менамояд. Ин ҳама дар дилҳо тухми муҳаббат кошта, барои ба вуҷуд овардани рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдардӣ ва якдилии миёни хешовандон мусоидат мекунад. Маҳз аз ин сабаб дастуроти муборaки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) водор месозанд, ки пайванди хешутабориро ҳатто тавассути гуноҳи оддитарин, ки ҳеҷ гуна кӯшиши зиёдатиро талаб намекунанд, нигоҳ дорем. Масалан, вай гуфтааст: «بُلُّوا أَرْحامَكُمْ وَلَوْ بِالسَّلامِ»

*"Пайвандҳои хешутабориро лоақал тавассути салом гуфтан шодоб[15] кунед."*

**Ал-Баззор аз суханони ибни Аббос (р) овардааст.**

## Вай пайванди хешутабориро нигоҳ медорад, ҳатто агар хешовандонаш ин корро накунанд

Мусулмони асил, агар хешовандонаш барои нигоҳ доштани пайванди хешутаборӣ кӯшиш накунанд ҳам, ин пайвандро бо онҳо нигоҳ медорад. Ин чунин маъно дорад, ки инсоне, ки ба

хотири раҳмати Аллоҳи Таборак ва Таъолоро дарёфтан ва хислатҳои наҷиби ахлоқи исломиро соҳиб шудан мехоҳад, пайванди хешутабориро нигоҳ медорад ва мунтазир намешавад, ки ба ӯ низ ҳамин гуна ҷавоб гардонанд. Вай новобаста аз он ки бо ӯ хешовандонаш робита мекунанд ё не, пайванди хешутабории худро нигоҳ медорад. Чунин рафтор карда, ба дигарон ибрат нишон медиҳад, ки ислом инсонро ба чӣ гуна хислатҳои наҷиби ахлоқӣ ташаккул медиҳад, то ӯро водор созад, ки нисбат ба хешовандонаш ҳамеша муносибати хубу хуш дошта бошад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тасдиқ кардааст, ки мусулмони асилу парҳезгор соҳиби чунин ахлоқ мебошад. Ӯ гуфтааст:

**«لَيسَ الـواصلُ بـالمُكـافِىء، ولكنّ الـواصِـلَ الّـذي إذا قَـطَعَتْ رَحِمُـهُ وَصَلَها»**

***“На касе (пайванди хешутабориро) нигоҳ медорад, ки ҳамин гуна ҷавоб мегардонад,[16] (дар асл) ин пайвандонро касе нигоҳ медорад, ки (хешовандонаш) ин пайвандро баркандаанд.”***

**Ал-Бухорӣ**

Дастури муборaки ҳазрати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) барои мустаҳкам кардани хислатҳои фурӯтанӣ, сабурӣ, бахшида тавонистан ва саҳлгирӣ бар қалби инсоне равона шудааст, ки пайванди хешутабориро дар лаҳзаи аз ҷониби хешовандон канда шуданаш ва бо ӯ хунсарду бад муомила кардани онҳо ҳам, худ нигоҳ медорад, зеро гуфта шуда буд, ки Аллоҳ бо онҳоест, ки кӯшиш мекунанд пайванди хешутабориро новобаста аз он ки хешовандон ба ин ҷавоби мувофиқ намедиҳанд, нигоҳ доранд. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) манзараи даҳшатангези гуноҳеро, ки шахсони хунсард ба таври бояду шояд рафтор накарда, робитаи хешутабориро қатъ намуда, содир кардаанд, тасвир намудааст. Дар хабар аст, ки боре ба назди Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) шахсе омаду гуфт: *“Ё Расули Аллоҳ, ман хешовандоне дорам, ки бо онҳо робита мекунам, аммо онҳо робитаро мекананд, ман ба онҳо некӣ мекунам, онҳо бошанд, ба ман зарар мерасонанд, ман ба онҳо нармдилам, аммо онҳо нисбат ба ман мисли ҷоҳилон рафтор мекунанд!”* - Ба ин ӯ гуфт:

**«لَئِنْ كُنْتَ كمـا قُلْتَ، فكَأنّمـا تُسِفُّهُمُ المَلَّ ، ولا يَـزالُ مَعَـكَ مِنَ اللهِ ظَهِيرٌ عَلَيْهِمْ ما دُمْتَ على ذلِكَ»**

***“Ба дурустӣ, ки агар кор чунон аст, ки ту гуфтӣ, ин чунин маъно дорад, ки ту гӯё даҳони онҳоро бо ишқори сӯзон пур мекунӣ ва то даме, ки ту аз чунин рафтор кардан даст намекашӣ, аз ҷониби Аллоҳ туро дастгире алорағми онҳо хоҳад буд!”***

**Муслим**

Оё мебинӣ, ки Аллоҳ на касеро, ки бо хешовандони худ робитаашро нигоҳ медорад ва дағалии эшонро вобаста ба қатъ кардани пайванди хешутаборӣ таҳаммул менамояд, аз ҷониби Хеш чи хел дастгире фиристода, дили ӯро аз сабр лабрез мегардонад, то ӯ ба ранҷу алами онҳо тоқат оварда тавонад ва хислатҳои олии инсонияш мустаҳкамтар шаванд? Ва бубин, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) азоби одамонеро, ки мутакаббирию бадӣ эҷод мекунанд, чӣ хел бо азияти одаме, ки ба сифати ҷазо ишқори ҷӯшонро фурӯ мебарад, монанд кардааст. Ва ин ҷазоест ба онҳо барои беэътиноӣ нисбат ба вазифаи худ, барои бадкорӣ ва дағалӣ нисбат ба шахсе, ки бо эшон муомилаи хуб намуда, накӯкор асту муҳаббат парваридааст!

Ана барои чӣ мусулмони асил дар ҳама ҳолат робитаҳои хешутабории худро қатъ намекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо ҷаҳолату бадӣ, ки гоҳо хешовандонаш медиҳанд, болотар қарор бигирад ва ба чизҳои пасту беаҳамият, ки ба ашхоси муҷмал зуд таъсир карда, дар вуҷудашон хашму ғазаб ба амал меоварад, эътибор намедиҳад. Мусулмони парҳезгору бофаросат аз кори аҳамият додан ба ин чизҳо то ба дараҷаи болотар меистад, ки ба пайванди хешутаборӣ ва муносибати хубаш ба онҳо таъсире нарасонанд. Вай ба суханони расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) гӯш медиҳад, ки фармудааст:

«الرَّحِمُ مُعَلَّقَةٌ بِالْعَرْشِ تَقُولُ: مَنْ وَصَلَنِي وَصَلَهُ اللَّهُ، وَمَنْ قَطَعَنِي قَطَعَهُ اللَّهُ»

***“Пайвандҳои хешутаборӣ дар тахт қарор гирифтаанд ва мегӯянд: “Аллоҳ дар пайванд нигоҳ медорад касеро, ки моро дар пайванд (устувор) нигоҳ медорад ва онеро ҷудо мекунад, ки моро қатъ мекунад!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

# Эзоҳ ба боби 6.

[1] Яъне, бо якдигар мисли беимонон ҷангидан.

[2] Эҳсоси шунавоӣ ва биноии руҳӣ (ботинӣ) дар назар аст.

[3] Масалан, ба касе, ки ҳангоми сафарҳо шарик мебошад, бо одам дар як ҷо мехонад ё кор мекунад ва ҳоказо.

[4] Сухан аз хусуси як императори Византия меравад.

[5] Амр аз хусуси ҳодисае нақл мекунад, ки дар оғози пайғамбарӣ рух дода буд.

[6] Ин хабарро ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад" овардааст.

[7] Ин ҳадисро ал-Байҳақӣ дар "Шӯъбу-л-имон" овардааст.

[8] Яъне, аз раҳмати Худо маҳрум мекунам.

[9] Зайнаб он чизро дар назар дошт, ки барои фарзандхондаҳо ва ҳамчунин шавҳараш сарф кардааст.

[10] Зайнаб мехост бигӯяд, ки аз ин сабаб ба назди ӯ даромада наметавонистанд.

[11] Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хуб."*

[12] Номи буттаи хурмо.

[13] Ин ҷо ва баъд номи авлодҳои қабилаи қурайш ба забон оварда шудааст.

[14] Айпан: ва ман онҳоро бо номиашон обшор хоҳам кард.

[15] Яъне, нигоҳ доред.

[16] Яъне, касе, ки ҳамин тавр ба муомилаи хуби хешовандонаш ҷавоб мегардонад.

7

# МУСАЛМОН БО ҲАМСОЯГОНИ ХУД

## Вай нисбат ба ҳамаи дигар одамон бо ҳамсоягони худ хубтар муносибат мекунад

Мусалмони боақл, ки муқарраароти дини худро дар ёд дорад, бо ҳамсоягони худ аз ҳамаи одамон беҳтар муносибат мекунад, ба онҳо бештар меҳрубонӣ зоҳир намуда, бештар кӯмак мерасонад.

## Он чиро ки ислом водор месозад, то ба ҳамсояи худ некӣ бикунӣ, вай нек медонад

Ин чунин маъно дорад, ки вай фармоишоту дастуроти исломро вобаста ба ҳамсоягон ва он мақоми баландеро, ки ин дин муносибатҳои ҳамсоягонро дар ҷадвали муносибатҳои инсонӣ муқаррар намудааст, (доим) дар хотир дорад. Дар ҳақиқат, то пайдоиши ислом ва на баъд аз пайдоиши он ягон қонунгузорӣ ва ягон сохтор ба ин чиз ҳатто наздик наомадааст.

Масалан, Аллоҳи Азимушшаън дар Китоби Худ некӣ карданро ба ҳамсояи худ фармуда гуфтааст:

﴿وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا وَبِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡجَارِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡجَارِ ٱلۡجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلۡجَنۢبِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡ...﴾

***﴾Худойро бипарастед ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ масозед ва ба волидону хешовандон, ятимону мӯҳтоҷон, ҳамсоягони хешу ҳамсоягони бегона, дӯсту раҳгузару бандагони (хидматгорон) некӣ кунед.﴿*** [1]

**"Нисо", 36**

Ба ҳамсояе, ки хеши ту ҳисоб меёбад, туро на фақат муносиба-

тҳои ҳамсоядорӣ, инчунин пайванди хешутаборӣ ё дини умумӣ муттаҳид менамояд, бо ҳамсояе, ки хеши ту нест, бо насаб ва дин низ робитае надорӣ, бо "дӯст"-и дар ин оят зикр ёфта, чунин маъно дорад, ки ту бо ҳамроҳии ӯ кори накӯе анҷом медиҳӣ.

Ҳамин тавр, ҳар касе ки дар ҳамсоягии ту зиндагӣ мекунад, бар ту ҳуқуқҳои муайяне дорад, агарчӣ хеши ту нест ва ҳамдин низ намебошед. Ин чунин маъно дорад, ки ислом водор месозад, то эҳтироми ҳамсояро баланд бардорем, ба дигар маънӣ, ин чиз гувоҳӣ медиҳад, ки ба ҳамсоя дар шариати поку башардӯстонаи исломӣ мақоми баланд дода шудааст.

Ана аз чӣ сабаб дар бисёр ҳадисҳо хабар дода мешавад, ки Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) одамонро даъват менамуд, новобаста аз он ки ҳамсояҳо хешованд ё ҳамдин ҳастанд ё не, бо ҳамаи онон хуб муносибат кардан зарур аст ва дар айни замон зарурати муносибатҳои миёни ҳамсоягонро дар ислом таъкид менамуд. Масалан, дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَا زَالَ جِبْرِيلُ يُوصِينِي بِالْجَارِ حَتَّى ظَنَنْتُ أَنَّهُ سَيُوَرِّثُهُ»

***"Ҷабраил аз хусуси зарур будани муносибати хуб бо ҳамсоя дастур дод, ки ман, ҳатто фикр кардам, ки вай ӯро ба қатори меросхӯрон (меросхӯрони ман) дохил мекунад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Дар ҳақиқат ин мақоми баланду сазоворе мебошад, ки ислом тавассути Руҳуламин Ҷабраил ҳамсояро муайян кардааст ва ӯ он суханонро барои Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) он қадар зиёд такрор намудааст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ҳатто фикр кард: мақоми ҳамсоя он қадар баланд бардошта хоҳад шуд, ки ба мақоми хешовандон мерасад ва ӯ низ мисли хешованд меросхӯр хоҳад шуд.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ин дастурамалро аз Ҷабраил гирифта, дар навбати худ одамонро пайваста даъват менамуд, то эҳтироми ҳамсоягонро ба ҷо оваранд ва барои онҳо некӣ кунанд. Вай ҳамеша дар васияти таърихии худ ҳангоми ҳаҷҷи вопасинаш чун ба мусулмонон бори дигар аз хусуси чизҳои бештар муҳимтарин, ки гуфтанашон зарур буд, ёдовар шуда ба масъалаи ҳамсоягон зиёд эътибор дод. Ин чиз диққати яке аз саҳобагони машҳур Абу Умомаро (р) ба худ ҷалб намуд ва ӯ низ андешида буд, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам), ҳамсояро ба

шумори меросхӯрон дохил мекунад. Ӯ гуфтааст:

*"Ман шунидам, ки чӣ тавр Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам), ки савори уштуре бо лақаби ал-Ҷадъа буд, ҳангоми ҳаҷҷи вопасини худ гуфт:*

«أُوصيكُمْ بالجار حتّى أكثَر، فقلتُ: إنه يُوَرِّثُه»

***"Ман амр мекунам шуморо ба хуб муносибат кардан бо ҳамсоя!" – ва ӯ инро он қадар зиёд такрор кард, ки ман гуфтам: "Ба дурустӣ, ки ӯро меросхӯр низ эълон мекунад!"***

**Ат-Табаронӣ**

Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ба фармоишоти зарурати хуб муносибат намудан бо ҳамсоя зиёд аҳамият медод. Ба ҳамсоя некӣ кардан ва ягон хел озор нарасонидан яке аз нишонаҳои имон ба Аллоҳу ба рӯзи қиёмат эълон шудааст ва беҳтарин исботи таъсири ин имон ба инсон ҳисоб меёбад. Масалан, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنْ كانَ يُؤْمِنُ بالله واليَوْمِ الآخِرِ فَلْيُحْسِنْ إلى جارِهِ، ومَنْ كانَ يُؤْمِنُ بالله واليَوْمِ الآخِرِ فَلْيُكْرِمْ ضَيْفَهُ، ومَنْ كانَ يُؤْمِنُ بالله واليَوْمِ الآخِرِ فَلْيَقُلْ خَيْراً أوْ لِيَسْكُتْ»

***"Бигузор касе, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи қиёмат имон дорад, ба ҳамсояи худ некӣ кунад ва бигузор касе, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи қиёмат имон дорад, меҳмони худро хуш қабул намояд ва бигузор оне, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи қиёмат имон дорад, сухани хайр гӯяд ё хомӯш бошад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аммо дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки ал-Бухорӣ овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنْ كانَ يُؤْمِنُ بالله واليَوْمِ الآخِرِ فلا يُؤْذِ جارَهُ...»

***"Бигузор касе, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи қиёмат имон дорад, ҳамсояи худро наранҷонад..."***

## Мусулмони ҳақиқӣ нисбат ба ҳамсояи худ олиҳиммат мебошад

Бо ба назари эътибор гирифтани ин ҳама ҷои тааҷҷуб нест, ки мусулмони асили дилу ақлаш бо нишондоди ин дин равшан гардида, нисбат ба ҳамсояи худ олиҳиммат мебошад, дар ҳаки ӯ ғамхорӣ

мекунад ва бо ӯ ҳамеша муносибати хуб зоҳир менамояд. Вай бо ҳамсоя чизе даркор шавад, халал намерасонад, то аз хонаи ӯ истифода бубарад. Мусулмон суханони зерини Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ҳангоми амали худ ба эътибор мегирад, ки гуфтааст:

«لا يَمْنَعْ جارٌ جارَهُ أَنْ يَغْرِزَ خَشَبَةً في جِدارِهِ»

***"Бигузор, ки ҳамсояро ҳамсоя монеъ нашавад (агар ӯро ин чиз зарур бошад), то дар девори (хонаи) ӯ тахта гузорид."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

## Вай ба ҳамсоя ҳамонро мехоҳад, ки ба худ мехоҳад

Мусулмоне, ки маърифатнок шудааст ва тавассути чароғи дини худ ба роҳи рост баромада, соҳиби қалби нозук ва эҳсосоти баланд гардидааст, ба ҳамсояи худ ҳамеша ҳамдард аст. Ӯро ҳар чиз ки ҳамсояро шод мекунад, хурсанд мегардонад, аз ғами ҳамсоя андӯҳгин мешавад ва ӯ ба ҳамсояаш ҳамонро мехоҳад, ки ба худ мехоҳад. Вай (дар ин кор) суханони Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ба хотир меоварад, ки гуфтааст:

«لا يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حَتَّى يُحِبَّ لأَخِيهِ ما يُحِبُّ لِنَفْسِهِ»

***"Имон намеоварад ҳеҷ кадоми шумо (воқеан), то даме, ки наметавонад ба бародари худ он чиро бихоҳад, ки ба худ мехоҳад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки аз забони Анас (р), Муслим (р), овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«والـذي نَفْسي بِيَـدِهِ لا يُؤْمِنُ عبدٌ حَتَّى يُحِبَّ لِجَارِهِ، أَو قالَ: لِأَخِيهِ، ما يحبُّ لِنَفْسِهِ»

***"Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, банда имон намеоварад, то он даме, ки ба ҳамсояи худ (ё бародари худ) ҳамон чизро хоста натавонад, ки онро ба худ мехоҳад"***

Вай имконияти бо ҳамсояи худ, ки дар вазъияти ногувор вомондааст, ғамхорӣ зоҳир намуданро ҳаргиз аз даст намедиҳад ва ҳар гоҳ дар хонаи худ чизе мепазанд, аз он ба ҳамсояаш низ ҳамеша медиҳад. Чунки вай ба душворӣ тасаввур мекунад, ки бӯи таъоме,

ки аз хонаи ӯ ба берун паҳн мешавад, чӣ хел иштиҳои ҳамсояи бечораи ӯро бедор мекунад, ҳол он ки онҳо худ чизе ба даст оварда наметавонанд, зиёда аз ин, миёни онҳо метавонад кӯдаки бепаноҳ, ятими бадбахт, беваи камбағал ё пири барҷомондае бошад. Гап дар сари он ки мусулмони асил ҳамеша рӯҳияи муттафиқии иҷтимоиро, ки дар қалби ӯ Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) парваридааст, дар хотир нигоҳ медорад.

Масалан, дар хабар аст, ки боре ӯ ба Абу Зарр (р), гуфт:

«يا أبا ذَرّ، إذا طَبَخْتَ مَرَقَةً فأَكْثِرْ ماءَها، وتَعاهَدْ جيرانَك»

***" Ё Абу Зарр, агар шӯрбо пӯхтан мехоҳӣ, каме дигар об бирезу ба ҳамсояи худ низ гамхор бош. "***

**Муслим.**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا طَبَخْتَ مَرَقاً فأَكْثِرْ ماءَهُ، ثم انْظُرْ أَهْلَ بَيْتٍ مِنْ جيرانِكَ فأَصِبْهُمْ مِنْها بِمَعْرُوفٍ»

***"Агар шӯрбо пӯхтан мехоҳӣ, бештар об бирез ва баъд ба (хонаи) ҳамсояи худ назар андоз ва ба онҳо, чӣ хеле ки маълум аст, инъом кун"***

**Муслим.**

Дар ҳақиқат, вуҷуди нозуки мусулмони асил имкон намедиҳад, ки аз тамоми неъматҳои зиндагӣ баҳраманд бошад, ба мушкилоту ниёзмандиҳои ҳамсояи худ бепарво нигоҳ кунад ва касе, ки қалбаш аз таъсири ислом мунаввар гардидааст, чун ин суханони Расули акрам(салаллоху алайҳи васаллам)-ро мешунавад, чи тавр ба ин чиз тоқат меоварад?!

«ما آمَنَ بي مَنْ باتَ شَبْعانَ، وجارُهُ جائِعٌ إلى جَنْبِهِ، وهُوَ يَعْلَمُ»

***"Ба ман имон наовардааст касе, ки сер шуда хоб рафтааст, вале медонад, ки ҳамсояаш гурусна мебошад".***

**Ат – Табаронӣ ва ал – Баззар**

Ҳамчунин суханони дигари ӯ:

«لَيْسَ المُؤْمِنُ الَّذي يَشْبَعُ، وجارُهُ جائِعٌ»

***"Мӯъмин нест касе, ки вақте ҳамсояаш гурусна аст, ӯ сер мебошад".***

**Ат – Табаронӣ ва Абу Ало.**

## Сабаби фақри инсоният набудани мусалмони хушахлоқ аст

Аз ин ҷо маълум шуд, ки сабаби бечорагиву фақри инсон аз саҳни зиндагӣ гум шудани мусулмон ва тавассути қонунҳои нуқсондору сохтаву бофтаи одамон (аз зиндагӣ) ба як тараф танг карда шудани қонунҳои боадолату башардӯстонаи ислом мебошад. Ин чиз одамонро ба мусибату маҳрумияту гуруснагиву ҷабру зулм мерасонад.

Изҳороти Созмони байналмилалии маводи озуқаи кишоварзӣ дар назди СММ, ки соли 1975 интишор шуда, барои ин фикр метавонад далел бошад. Дар ин изҳорот қайд карда шудааст, ки алҳол дар Африқо ва Осиё марг аз гуруснагӣ 20 – 100 милён одамро таҳдид мекунад. Агар вазъият тағйир наёбад, минбаъд аз гуруснагӣ ҳар ҳафта се милён одам хоҳад мурд.

Ин ҳама дар замоне сурат мегирад, ки як гурӯҳи маҳдуди мамолики мутараққӣ бо теъдоди 2[illegible] аҳолии замин 80% сарватҳои ҷаҳонро соҳиб шудаанд.

Аммо аз ин зиёдтар боз чунин ҳолат аламангезтар аст, ки баъзе аз ин мамолик фақат ба хотири он ки нархҳоро ба дараҷаи баланд нигоҳ доранд, маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро нобуд мекунанд. Масалан, дар баъзе мамлакатҳо ҳазор-ҳазор тонна қаҳва сӯзонда мешавад ё даҳҳо ҳазор сар гӯсола фақат ба хотири дар бозори ҷаҳонӣ нархро нигоҳ доштан кушта ва ба замин гӯр карда мешаванд. Дар баъзе мамлакатҳо ҳазорҳо тонна ғалладона ё дигар зироат ба баҳру уқёнусҳо чун ғизои моҳиён рехта мешаванд, ҳол он ки миллионҳо одамон аз гуруснагӣ нобуд мешаванд.

Дар ҳақиқат, масъулияти мусулмоне, ки вазифадор мебошад то чароғи рӯшанкунандаи ақлу дилро бо худ бубарад бузург аст, тавассути ин (рӯшноӣ) инсоният метавонад солим фикр кардан омӯзад, оқилона сарварӣ кунад ва ба бехатариву накӯкорӣ соҳиб шавад.

## Мусалмон ба ҳамсоягони худ ба қадри тавонаш накӯӣ мекунад

Мусалмони боақл бар асари фармоишоти дини худ ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ба қадри тавон ҳамсоягони худро некӣ намояд. Дар

айни замон вай аз хайру эҳсони андак кардан ба ҳамсояи худ ҳазар намекунад, чунонки баъзе ҷоҳилон ин гуна хайр карданро ночиз ҳисобида, аз он даст мекашанд ва дар натиҷа ҳам худ ва ҳам ҳамсояро аз хайру баракат маҳрум месозанд. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз ба ҳамин чиз, ки бештар занонро дахл дорад, эътибор додааст, зеро онҳо одатан аз хайру саховати андак кардан барои ҳамсоягонашон шарм медоранд. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«يا نِساءَ المُسْلماتِ، لا تَحْقِرَنَّ جارَةٌ لِجارَتِها ولَوْ فِرْسِنَ شاةٍ»

*"Ё занони мусулмон, бигузор ягон ҳамсоя (аз некӣ кардан) ба ҳамсояи худ беэътино набошад, ҳатто агар сухан дар сари суми гӯсфанде қарор бигирад!"*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Ҳамин тавр, сухан аз хусуси ягон чизи назарногир аст, аммо ин чунин маъно дорад, ки агар сухан аз хусуси хайру саховат кардан ба ҳамсоя бошад, зан набояд аз чизе беэътино шавад, зеро ин (чизе бахшидан) аз ҳеҷ чиз (набахшидан) беҳтар аст. Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُ﴾

***﴿Ва ҳар кас ба қадри заррае хайр карда бошад, онро мебинад.﴾***

**"Зилзол", 8**

аммо Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст: «اتَّقُوا النارَ ولَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ»

*"Худро аз оташ лоақал бо ними хурмо ҳифз кунед!"*

**Ал-Бухорӣ.**

Вале имкон дорад, ки мазмуни ҳадиси муборакн дар боло зикршударо метавон ба таври худ манъ кардани беэътиноӣ нисбат ба чизе, ки ҳамсоя ба ту ҳақ хоҳад дод, фаҳмид. Он гоҳ онро чунин бояд қабул кард[2] : ягон ҳамсоя набояд нисбати он хайру саховате, ки ҳамсояаш ба ӯ мекунад, беэътиноӣ зоҳир намояд, ҳатто агар ин чиз басо хурд, мисли почаи хайр кардашудаи гӯсфанде бошад ҳам. Не, ҳамсоя ба ҳамсоя барои ин чиз бояд миннатдорӣ изҳор намояд, зеро дар ҷавоби хайру саховат минатдорӣ изҳор кардан ба якдигар ҳусни таваҷҷӯҳ, миёни ҳамсоягон муҳаббат пайдо мекунонад ва онҳоро водор месозад, ки ба якдигар меҳру шавқат зоҳир намоянд:

дар асл ҳам сипосгузор будан дар ҷавоби некӣ яке аз хислатҳои наҷибу махсуси ахлоқи исломӣ ба шумор меравад. Суханони Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) низ, ки одамонро ба сипосгузор будан даъват мекунад, ба ин чиз махсус ишорат менамоянд:

**«لا يَشْكُرُ اللَّهَ مَنْ لا يَشْكُرُ النَّاسَ»**

***"Касе, ки одамонро сипосгузор нест, сипоси Аллоҳро ба ҷо наовардааст."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

## Вай ба ҳамсоягони мусулмон ҳамчунин ғайримусулмони худ некӣ мекунад

Мусулмони бофаросат бо хайру эҳсон кардан фақат ба ҳамсоягони хешованд ё мусулмони худ маҳдуд нашуда, маҳз ҳамин тавр бо ҳамсоягони ғайримусулмони худ рафтор мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки олиҳимматии мусулмон то ба дараҷаест, ки ҳамаи одамонро новобаста аз гуногунии динҳое ба онҳо гаравидаанд, фаро мегирад. Дар хабар аст, ки боре барои яке аз саҳобагони машҳури пайғамбар Абдуллоҳ ибни Амр чун гӯсфандеро забҳ карданд, вай хидматгори худро пурсид:

*"Ту оё ба ҳамсояи яҳудамон чизе додӣ? Ту оё ба ҳамсояи яҳудамон чизе додӣ? Ба дурустӣ, ки ман шунидам Расули Аллоҳ гуфт:*

**«ما زالَ جِبْريلُ يُوصيني بالجارِ حتّى ظَنَنْتُ أنَّهُ سَيُوَرِّثُهُ»**

***"Ҷабраил аз хусуси зарурати муносибати хуб доштан ба ҳамсоя он қадар зиёд дастур дод, ки ман ҳатто фикр кардам, ки вай ӯро ба қатори меросхӯрон дохил мекунад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Маҳз аз ин сабаб яҳудону насрониён аз ҳимояи мусулмонон ҳамеша истифода мекарданд, онҳо аз ҳаёту номусу молу мулк ва озодии дин ҳаргиз хавотир надоштанд, аз пуштибонӣ, муомилаи хуб ва озодии виҷдон, ҳаловат мебурданд. Ҳанӯз дар давраҳои аввали зуҳури ислом мавҷуд будани калисоҳои онҳо дар баландии кӯҳҳои деҳоти мусулмоннишин исботи ин фикр мебошад. Дар атрофи онҳо ҳазорон мусулмонон зиндагӣ мекарданд, ки нисбат ба ҳамсоягони худ, аз ҷумла аҳли Тавроту Инҷил, ғамхорӣ зоҳир менамуданд, зери

ҳимояи худ мегирифтанд, ба онҳо хайру эҳсон мекарданд, нисбат ба онҳо чунонки дар Қуръон фармуда шудааст, одил буданд:

﴿لَا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمْ يُقَٰتِلُوكُمْ فِى ٱلدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوٓا۟ إِلَيْهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ﴾

***﴿Аллоҳ шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан бо онон бо шумо дар дин наҷангидаанд ва аз сарзаминатон берун нарондаанд, бознамедорад. Ба дурустӣ, ки Аллоҳ одилонро дӯст медорад.﴾***

**"Мумтаҳана", 8.**

## Вай қабл аз ҳама ба оне некӣ мекунад, ки дар наздики ӯ зиндагӣ дорад

Мусулмони доно аз мадди назар он чизро дур намекунад, ки дар ислом тартиби некӣ кардан ба ҳамсоягон айнан муайян шудааст. Ин дин мефармояд, ки дар навбати аввал барои онҳое некӣ бояд кард, ки ба инсон наздиктар зиндагӣ доранд. Вай ин ҷо робитаҳои мустаҳкамро ба назари эътибор гирифтааст, ки одамон паҳлӯи ҳамдигар зиста, миёни худ барқарор намудаанд ва низ эҳтироми ҳиссиётеро дар назар дорад, ки дар одамон одатан нисбат ба якдигар пайдо шуда, миёни онҳо ҳусни таваҷҷӯҳ, муҳаббат ва ҳамфикриро нигоҳ медорад.

Дар хабар аст, ки Оиша (р) гуфт:

قلتُ: يا رسولَ اللهِ، إنّ لي جارَيْنِ فإلى أيِّهما أُهدي؟ قال: «إلى أقرَبِهما مِنكِ باباً»

*"Боре ман пурсидам: "Ё Расули Аллоҳ, ман ду ҳамсоя дорам, ба кадоме аз онҳо тӯҳфае бубахшам? Вай ҷавоб дод, ки:* ***"Ба ҳамоне ки дараш ба ту наздиктар аст."***

**Ал-Бухорӣ**

Саҳобагони мӯҳтарам ҳангоми муносибат кардан бо ҳамсоягони худ дастури пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ба эътибор гирифта, қабл аз ҳамсоягони наздики худ, ба ягон ҳамсояи дуртари аз худашон зиндагӣ дошта эътибор надодаанд. Ба ин чиз Абу Ҳурайра (р), низ ишора намуда гуфтааст:

***“Набояд қабл аз ҳамсояи наздики худ аз ҳамсояи дур огоз кард, бояд аз ҳамсояи наздик огоз карда, баъд ба дуртар гузашт.”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”**

Вале чунин таснифоти некӣ расонидан ба ҳамсоягон чунин маънӣ надорад, ки мусулмон ба ҳамсоягони худ, ки аз хонааш дуртар зиндагӣ мекунанд, эътибор нахоҳад дод, зеро ҳар касе, ки нисбатан наздиктар зиндагӣ дорад, аз ҷумлаи онҳоест, ки зери сарпарастии ӯ қарор доранд ва бар ӯ ҳамчун ҳамсоя ҳуқуқҳои муайянеро соҳиб ҳастанд. Аммо он таснифот оид ба он ки қабл аз ҳама ҳамсояеро некӣ бояд кард, ки аз ҳама наздиктар зиндагӣ дорад, хусусияти ташкилӣ дорад. Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамсоягонро ин тавр тасниф намуда, рӯҳияи ҳамсоягони дар ба дар зиндагӣ дошта ва алоқаву робитаи доимии миёни онҳо мавҷудбударо дар назар доштааст.

## Мусулмони асил ҳамсояи беҳтарин мебошад

Зарурати некӣ кардан ҳамсоягонро чизест, ки дар шуури мусулмони асил басо чуқур реша гирифтааст ва ин чиз яке аз хислатҳои намоёнтарини ӯ дар пеши Аллоҳу одамон ҳисоб меёбад. Яъне, мусулмони асилу бофаросате, ки бо шири ислом парварида шудааст ва дили ӯ бо дастуроти он ошно гардидааст, наметавонад, ки рафиқи хубу ҳамсояи беҳтарин набошад. Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) маҳз ҳамин гуна ҳамсояро дар назар дошта, гуфтааст:

**«خَيْرُ الأَصْحابِ عِندَ اللهِ خَيْرُهُمْ لِصاحِبِهِ، وخَيْرُ الجيرانِ عِندَ الله خَيْرُهم لِجارِهِ»**

***“Беҳтарин рафиқ дар назди Аллоҳ беҳтарини онҳо барои рафиқи худ ва беҳтарин ҳамсоя дар назди Аллоҳ беҳтарини онҳо барои ҳамсояаш мебошад.”***

**Ат-Тирмизӣ**

Маҳз аз ин сабаб ислом ҳамсояи тақводору одилро ба ҷумлаи ташкилдиҳандагони хушбахтии мусулмон мутааллиқ дониста, ишора намудааст, ки ҳамсоягии ӯ ба ҳамсояаш хушнудӣ мебахшад ва манбаи бахту саодат, бехатарӣ ва хотири ҷамъ мебошад. Аз хусуси мақоми баланд доштани ҳамсояи тақводор суханони Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба дараҷаи кофӣ далолат медиҳанд, ки ӯро дар ҳаёти мусулмон яке аз сабабҳои хушбахтӣ ҳисоб кардааст:

«مِنْ سَعادَةِ المَرْءِ المُسْلِم في الدنيا الجارُ الصَّالِحُ، والمَنْزِلُ الواسِعُ والمركبُ الهَنِيءُ»

***“Ҳамсояи парҳезгор, манзили васеъ ва ҳайвони савории хуб аз ҷумлаи он чизҳое мебошанд, ки мусулмонро дар ин дунё хушбахт мегардонанд.”***

**Аҳмад ва ал-Ҳаким**

Ниёгони мо ҳамсояи тақводорро он қадар қадр кардаанд, ки ҳамсоягиро бо ӯ неъмате арзишноктар аз пул ҳисобидаанд ва дар ин ҷаҳон ҳеҷ чизи дигареро бо доштани ҳамсоя муқоиса наметавон кард. Дар ин хусус ахбори зиёде ҳаст. Масалан, нақл мекунанд, ки боре ҳамсояи Саид ибни Ос бо кадоме аз хусуси савдои хонааш ба маблағи сад ҳазор дирҳам гуфтугӯ кардааст ва баъд ба харидор гуфтааст: “Ин нархи хона аст. Ҳамсоягиро бо Саид ба чанд пул мехарӣ?”. Чун аз ин гап худи Саид огоҳ шуд, ба вай ин сад ҳазорро фиристода, хоҳиш кард, ки биистад (накӯчад).

Чунин метавон гуфт аз мақоми ҳамсоя дар ислом ва аз хислати ҳамсояи мусулмони тақводор. Ин буд саҳифаи рӯшани мо!

Дар бораи ҳамсояи бад чӣ метавон гуфт?

## ҲАМСОЯИ БАД ИН ОДАМЕСТ, КИ
## АЗ ХАЙРИЯТИ ИМОН МАҲРУМ ШУДААСТ

Ба дурустӣ, ки ин одам аз хайрияти имон, ки бузургтарин лутфи Раҳмон буда, ба одамон мебахшад, маҳрум аст. Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бе ягон саҳлгирӣ ва нармдилӣ тасдиқ намудааст, ки ҳамсояи бад аз чунин лутф маҳрум гардонида шудааст. Дар хабар аст, ки боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хитоб кард:

«واللهِ لا يُؤمِنُ، واللهِ لا يُؤمِنُ، واللهِ لا يُؤمِنُ»، قِيلَ: مَنْ يا رسولَ اللهِ؟ قالَ: «الَّذي لا يَأْمَنُ جارُهُ بَوائِقَهُ»

***“Ба Аллоҳ қасам, ки имон намеоварад, ба Аллоҳ қасам, ки имон намеоварад, ба Аллоҳ қасам, ки имон намеоварад!” Одамон пурсиданд, ки: “Кӣ ё Расулаллоҳ?” Вай ҷавоб дод: “Одаме, ки ҳамсояаш аз шарри ӯ дар амон нест.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لَا يَدْخُلُ الْجَنَّةَ مَنْ لَا يَأْمَنُ جَارُهُ بَوَائِقَهُ»

*“Одаме, ки ҳамсояаш аз шарри ӯ амон нест, ба биҳишт дохил намешавад.”*

Ҷинояти ҳамсояи бад, вақте ки ба ҳамсояи худ зарар мерасонад, чун аз лутфи имон ва аз имконияти ба биҳишт дохил шудан маҳрум мегардад, чӣ қадар вазнин будааст!

Ба дурустӣ, ки мусулмони бофаросату боақл ба ин фармоишот бо дили софу ақли рӯшан диққат медиҳад ва аз ин сабаб дар сари ӯ фикри бо ҳамсоягони худ душманӣ варзидан, алорағми онҳо чорае андешидан ё кори дигари ба инҳо монанд кардан ҳатто пайдо намешавад, зеро ин чиз имони онҳоро нобуд ва худашонро дар ин дунё ба марг маҳкум мекунад! Оё талафоти имону маҳрум шудан аз ҳаловату ҳузури дунёи боқиро, ки дили мусулмони тақводор аз он ин қадар сахт метарсад ва аъзои баданаш аз ин фикр ба ларза меояд, бо ягон талафоти дигар метавон муқоиса намуд?

## ҲАМСОЯИ БАД ОДАМЕСТ, КИ КОРҲОИ ВАЙ БАРАБАСРАФТА МЕБОШАНД

Баъд аз ин ҳама гуфтаҳо, ҷои тааҷҷуб нест, чун дар Қуръон ва суннатҳо фармоишоте аз он хусус ки корҳои ҳамсояи бад барор нахоҳанд гирифт, ҷо доранд ва низ гуфта мешавад, ки аз ҷониби ӯ ба ҷо оварда шудани вазифаҳои динияш барояш ҳеҷ манфиат намебахшад, зеро ягон кори савоби ӯ ба ҳисоб гирифта намешавад. Ин чунин маънидод карда мешавад. Ҳамсояи бад, чунонки дар боло дар ҳадисе ишора шуд, аз имон маҳрум карда шудааст. Ҳамин тавр, маълум, ки Аллоҳ аз ҷониби ӯ ягон кори савобро қабул намекунад, балки ин ҳамаро агар барои анҷом додани ин кор шаб ва рӯз ҳам заҳмат кашида бошад, нобуд месозад! Дар хабар аст, ки боре ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтанд:

يا رسـول الله ، إن فلانـةً تقومُ الليـل ، وتصومُ النهـار ، وتفعلُ ، وتَصَدَّقُ ، وتُؤْذِي جيرانَها بلسانها . فقال رسول الله ﷺ : «لا خَيْرَ فيها ، هِيَ مِنْ أَهْـلِ النَّارِ» . قـالوا : وفـلانةٌ تُصلِّي المَكتـوبَـةَ ، وتَصَـدَّقُ بـأَثـوار ، ولا تُؤْذِي أحداً ، فقال رسولُ الله ﷺ : «هيَ مِنْ أَهْلِ الجَنَّةِ»

*"Ё Расулаллоҳ зане шабҳоро бо намоз мегузаронад, рӯзҳо рӯза медорад ва кори савоб мекунад, садақа медиҳад, аммо дар айни замон ҳамсоягони худро сухаҳоне мегӯяд, ки малоли хотирашон мегарданд."* Расулаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам гуфт: ***"Нест дар ӯ савобе ва ӯ аз онҳоест, ки дар оташ месӯзанд!"*** Одамон гуфтанд: *"Аммо зане (фақат) намозҳои фарз шударо мегузорад ва ба бечорагон фақат шири хушк медиҳад, вале касеро намеранҷонад."* Расулаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам гуфт: ***"Ӯ аз ҷумлаи биҳиштиён аст."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Ҳамсояи бад аз ҷумлаи одамони аз савоб маҳрумшуда мебошад, ки Расулаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам дар бораи онҳо гуфтааст:

**«ثَلاثَةٌ مِنَ العَواقِرِ: إمامٌ إنْ أحسَنْتَ لَمْ يَشْكُرْ، وإنْ أسَأْتَ لم يَغْفِرْ، وجارُ سوءٍ إنْ رَأى خَيْراً دَفَنَهُ، وإنْ رَأى شَرّاً أذاعَهُ، وامْرَأةٌ إنْ حَضَرْتَ آذَتْكَ، وإنْ غِبْتَ عنْها خانَتْكَ»**.

***"Се тан аз ҷумлаи маҳрумшудагон аз савобанд: ҳокиме, ки чун ту некӣ мекунӣ, сипосгузор нест ва чун ту гуноҳе мекунӣ, намебахшад, ҳамсояи бад, ки некиро дида хомӯшӣ ихтиёр мекунад ва бадиро[3] овоза менамояд ва зане, ки дар ҳозир будани ту туро азият мебахшад ва дар ғоиб буданат ба ту хиёнат мекунад."***

**Ат-Табаронӣ**

Дар натиҷаи ин дар тасаввури мусулмони худотарсу бофаросат тимсоли нафратовари ҳамсояи бад, чунонки ӯро Расулаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам, тасвир намудааст, пайдо мешавад ва ӯ (мусулмон) аз ин чиз (абадӣ) худро то метавонад дуртар мегирад.

## Мусулмони асил шарафу номуси ҳамсояи худро ҳимоя мекунад

Мусулмони асил кӯшиш мекунад, ки бо ҳамсояи худ муносибати дуруст дошта бошад. Вай аз содир кардани гуноҳҳое, ки ҳуқуқи ҳамсояи худро поймол мекунанд, бештар метарсад, зеро ҳар яке аз ин гуноҳҳо аз дунболи худ оқибатҳои бештар ногувор меоваранд ва нисбат ба он ҷиноят, ки бар зидди дигар кас содир шудаанд, вазнинтар ба ҳисоб меравconfigurand. Суханони Расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам исботи ин гуфтаҳо шуда метавонанд. Дар хабар аст, ки боре вай саҳобагони худро пурсид: зинокорӣ чист? Онҳо ҷавоб доданд, ки *"Ин чи-*

*зест, ки Аллоҳ ва расули Ӯ манъ кардаанд."*

Пас ӯ гуфт:

«لَأَنْ يَزْنِيَ الرَّجُلُ بِعَشْرِ نِسْوَةٍ أَيْسَرُ عَلَيْهِ مِنْ أَنْ يَزْنِيَ بِامْرَأَةِ جَارِهِ». وسَأَلَهُمْ عَنِ السَّرِقَةِ، فقالوا: حرامٌ، حرَّمها الله عزّ وجلّ ورسولُه، فقال: «لَأَنْ يَسْرِقَ مِنْ عَشَرَةِ أَهْلِ أَبْيَاتٍ أَيْسَرُ عَلَيْهِ مِنْ أَنْ يَسْرِقَ مِنْ بَيْتِ جَارِهِ»

***"Ба дурустӣ, ки агар кас ба даҳ зан зино кунад, барои вай ин он қадар оқибати нохуш надорад, ки бо зани ҳамсояи худ зино мекунад!"*** Баъд аз ин вай ба онҳо аз хусуси дуздӣ пурсид ва онҳо гуфтанд: *"Ин он чиз аст, ки Аллоҳи Акбару Таволо ва расули Ӯ манъ кардаанд."* Он гоҳ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***"Ба дурустӣ, агар инсон даҳ хонаро ғорат кунад, ин барои вай он қадар оқибати нохуш надорад, ки дар хонаи ҳамсояи худ дуздӣ содир мекунад."***

**Аҳмад**

Дар ҳақиқат, дахлнопазирии ҳамсоя дар ислом ба дараҷае баланд бардошта шудааст, ки қаблан ягон ахлоқ, ягон қонуни муқаррарнамудаи худи одамон ин дараҷаро соҳиб нашуда буд. Баръакс ин меъёрҳо ва қонунҳои аз ҷониби одамон сохташуда аксар вақт принсипи дахлнопазирии шахсият ва номуси мусулмонро вайрон мекунанд, зеро имконияти ҳар гуна қонуншиканиро дар ин маврид ба осонӣ роҳ медиҳанд, нисбати дигар мавориде, ки ба одамони дигар дахл дорад. Мо бошем, баъди он ки хислатҳои хоси инсонӣ ба мисли шуҷоъату имонро аз даст додем, дар муҳитамон сурудҳое паҳн шудаанд, ки маҳз ба ҳамсоягон дахл доранд. Ба ин моро он чиз гирифтор намуд, ки дар торикии тақлидкорӣ бозмондем, моро як навъ мавҷи ҳуҷуми ғояҳо ва маданияте фаро гирифт, ки дар натиҷаи он наврасони ночизу беандеша ба сурудани сурудҳое дар васфи ҳамсоягон пардохтанд ва шеърҳо гуфтанд, агарчӣ арабҳо ин чизро дар давраи ҷоҳилият низ ёд надоштанд, вагарна шоирони мо боандеша буда, роҳ намедоданд то шаъну шарафи дигар одамон таҳқир гардад. Онҳо чун бо ҳамсояи худ рӯ ба рӯ меомаданд, мегуфтанд:

*Ман чашми худро мепӯшам, чун дар рӯ ба рӯям зани ҳамсояи худро мебинам,*
*Чашми худро нахоҳам кушод, то замоне ки паноҳгоҳе ӯро дар паноҳи худ нагирад.*[4]

Шоир Мискин ад-Дарим, ки дар замони Уммавиҳо зиндагонӣ карда буд, чунин шеър гуфтааст:

*Оташи ману оташи ҳамсоя як оташанд,*
*Ва ба ӯ коса (-и ман) –ро нисбат ба ман аввалтар мебаранд.*
*Ҳамсояи ман ба ҳамсоям зарар намерасонад,*
*Ҳатто агар бар дари ӯ парда набошад.*
*Ман аз чашм маҳрум хоҳам шуд чун ҳамсоязанро мебинам,*
*Ва чашм ба ман вақте дубора бармегардад, ки ӯро парда паноҳ диҳад.*

Ислом дар мо ин хислати оличаноби инсониро бештар инкишоф дод, зеро ин дин фармоишоти зиёде дорад, ки ба ҳамсоя бояд ғамхорӣ зоҳир намуд, номусу шарафи ӯро ҳимоя бояд кард, айби ӯро пӯшида бояд дошт, талаби ӯро қонеъ намуда, аз зану духтарони ӯ чашми тамаъ бояд пӯшид, тамоми он чизеро, ки дар ҳамсоя нобоварӣ пайдо мекунаду ба ӯ зарар мерасонад, бояд дур кард.

Ҳамин тавр, чои тааҷҷуб нест, ки мусулмони асилу парҳезгор беҳтарин ҳамсояе мебошад, ки ҷамъияти инсонӣ мислашро ягон вақт ёд надошт.

Мусулмони шахсияти худро шинохта, соҳиби эҳсосоти баланд ва қоидаҳои ахлоқи ҳамидаву дастуроти олии дини худро аз худ намуда, қабл аз он ки бо ҳамсояи худ душманӣ варзад ва баҳс кунад, новобаста аз он ки ба ин кор ӯро чӣ водор сохтааст, ҳазор маротиба андеша мекунад, зеро ӯ суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ҳаргиз аз хотир намебарорад, ки одамонро аз баҳсу ҷанҷол кардан бо ҳамсояи худ пешакӣ хабар додааст:

«أَوَّلُ خَصْمَيْنِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ جَارَانِ»

***"Дар Рӯзи қиёмат (аз ҳама) пештар ду ҳамсояи бо якдигар баҳс карда (ба суолу ҷавоб) меистанд"*[5]**

**Аҳмад ва ат-Тирмизӣ**

## ВАЙ НЕКӢ КАРДА, БА ХАТОЕ РОҲ НАМЕДИҲАД

Мусулмоне, ки пайрави ҳақиқии дини худ аст, барои некӣ кардан ба ҳамсояи худ қувваи худро дареғ намедорад. Вай дар рӯ ба рӯи ҳамсояи худ дари эътибори муҳаббату эҳтиромро во карда аз хунукназарӣ зоҳир намудан ҳатто нисбат ба як вазифаи худ дар

ҳаққи шахсе, ки дар ҳамсоягиаш зиндагӣ мекунад, метарсад, то мабодо яке аз сангиндилон, хасисон ва кам некикунандагоне бошад, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар ҳақи эшон чунин гуфтааст:

«كَمْ مِنْ جارٍ مُتَعَلِّقٍ بجارِهِ يومَ القِيَامَـة، يقولُ: يـا رَبِّ، هذا أَغْلَقَ بـابَهُ دُوني، فمنَعَ مَعْروفَهُ»

***“Чӣ қадар зиёданд ҳамсоягоне, ки мӯҳтоҷи ҳамсоягони худ мебошанд, (онҳо) дар Рӯзи қиёмат мегӯянд: “Ё Парвардигор, ин (шахс) дарро ба рӯи ман пӯшида буд ва вақте ки ба ман чизе даркор буд, рад карда буд!”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”**

Чӣ қадар ногувор аст ин ҳолат ва оне, ки аз хасисӣ ба ҳамсояи худ некӣ накардааст, дар Рӯзи қиёмат чӣ шармандагӣ эҳсос хоҳад кард!

Ислом мусулмононро ба биное монанд кардааст, ки ҳар қисмати он ба якдигар сахт марбут мебошанд. Ҳар як хишти ин бино як узви ин ҷамъият буда, бо хишти дигари ин бино сахту мустаҳкам пайванд бояд бошад, то биноро мустаҳкамиву бақо бахшад, вагарна вай бечо шуда, фурӯ меравад.

Ана барои чӣ ислом ҳар кадоми ин хиштҳоро бо якдигар сахт пайванд мекунад. Ин пайванд ризои рӯҳист, ки тавассути он пайванд кафшер ба амал баровarda мешавад, то бинои мусулмонон пойдор бошаду онро ягон тасодуф, боду бӯрон бечо карда натавонад.

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз хусуси муттаҳидӣ, ҳамфикрӣ ва дастгирии якдигарии мусулмонон ҳарф зада, чӣ гуна мисоли оличаноб овардааст: «المُؤْمِنُ لِلمُؤْمِن كالْبُنْيانِ المَرْصُوصِ، يَشُدُّ بَعْضُهُ بَعْضاً»

***“Мӯъминон(нисбат) бо ҳамдигар биноеро мемонанд, ки ҳар як қисмати он якдигареро мустаҳкам медорад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфтааст:

«مَثَلُ المُؤْمِنِينَ في تَوادِّهِمْ وتَراحُمِهِمْ وتَعاطُفِهِمْ كَمَثَلِ الجَسَدِ الـواحد، إذا اشتَكى منهُ عُضْوٌ تَداعَى لَهُ سائرُ الجَسَدِ بالسَّهَرِ والحُمَّى»

***“Дар муҳаббату саховату дилсӯзӣ ба якдигар мӯъминон ҷисми бутунеро мемонанд: вақте ки ягон узвро маризие ба дард меоварад, пороҳатӣ ҳамаи ҷисмро фаро мегирад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Маълум аст, ки дине, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад, то пайравони он ба ин тарзи наҷиб бо ҳамдигар алоқаманд бошанд, миёни ҳамсоягон робитаҳоро мустаҳкам мекунад ва мекӯшад, ки он дар асоси муҳаббату меҳрубониву ягонагиву муомилаи хуб барқарор гардад.

## Вай ба нохушиҳои хурду ночиз ва озоре, ки ҳамсояаш ба ӯ мерасонад, тоқат мекунад

Ба сабаби ҳама гуфтаҳои дар боло қайдшуда, мусулмоне, ки дил аз фармоишоти динаш мунаввар кардааст, нисбат ба ҳамсояаш сабру таҳаммул зоҳир мекунад.

Агар ҳамсоя бо ӯ нохушиҳои хурду ночиз расонад, вай ба ғазаб намеояд, агар ҳамсоя хатое ё саҳве содир кунад, вай эрод намегирад. Вай аз гуноҳи ҳамсоя мегузарад, барои ин кораш Аллоҳ ӯро мукофот медиҳад. Ҳамчунин вай бовар дорад, ки гуноҳи ҳамсояро бахшиданаш аз назари Аллоҳ пинҳон намондааст ва ин чиз кӯмак мерасонад, то ӯ раҳмату муҳаббати Аллоҳро дарёбад. Дар ин хусус ҳадисе гувоҳӣ медиҳад, ки Абу Зарр, (р) аз вохӯрии худ бо Мутарриф ибни Абдуллоҳ нақл кардааст. Мутарриф ибни Абдуллоҳ гуфтааст: *"Ё Абу Зарр, ман шунидам, ки ту ҳадисе медонӣ, аз ин сабаб ман дар сароғи ту будам."* Вай гуфт: *"Ту маро вохӯрдӣ."* Мутарриф гуфт: *"Ман шунидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ту гуфтааст:*

«إنّ الله عزّ وجلّ يُحِبُّ ثـلاثةً ويُبْغِضُ ثـلاثةً»

***"Ба дурустӣ, Аллоҳи Азза ва Ҷалла се нафарро дӯст медорад ва се нафарро бад мебинад."*** Вай гуфт: *"Оре, ман ба Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо дурӯғе тӯҳмат намезанам."*

Мутарриф гуфт: *"Ин се нафаре, ки Аллоҳи Азза ва Ҷалла дӯст медорад, кадомҳоянд?"* Вай гуфт:

«رجلٌ غَزا في سَبيلِ الله صابِراً مُحْتَسِباً، فقاتلَ حتى قُتِلَ، وأنتمْ تجدونَه عندكم في كتاب الله عزّ وجلّ، ثم تلا: ﴿إنّ الله يُحِبُّ الذين يُقاتِلونَ في سبيلهِ صَفّاً كأنّهمْ بُنْيانٌ مَرْصُوصٌ﴾، قلتُ: ومَنْ؟ قال: «رجلٌ كانَ لَهُ جارُ سُوءٍ يُؤْذيه، فصَبَرَ على أذاهُ حتّى يَكفِيَهُ اللّهُ إيّاهُ بِحياةٍ أو مَوْتٍ...»

*"Ин инсоне, ки дар роҳи Аллоҳ ба ҷиҳод баромада, сабр пеша кардааст ва кӯшиш мекунад, ки ба Аллоҳ наздик шавад ва то кушта шудан ҷангидааст ва шумо аз ин хусус дар Китоби Аллоҳи Азза ва Ҷалла метавонед қайдеро пайдо кунед."* Баъд аз ин оятеро хонд: ***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳ онҳоеро, ки дар роҳи Ӯ ҳаммонанди девори мустаҳкам сохташуда саф кашида меҷанганд, дӯст медорад".***

**"Саф", 4.**

Мутарриф пурсид: *"Боз кӣ?"* Вай гуфт: *"Одамеро, ки ҳамсояи баде дорад, ки ба ӯ озор мерасонад ва ӯ ин озоррро то замоне таҳаммул мекунад, ки Аллоҳ ӯро аз вай (ҳамсояи бад) дар ҳангоми барҳаёт будан ё баъд аз марг халосӣ набахшад..."*

**Аҳмад ва ат-Табаронӣ**

## Вай ба ҳамсояи худ барои бадӣ бо бадӣ ҷавоб намегӯяд

Яке аз нишондодҳои ин дин, ки Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) барои саҳобагонаш расонидааст, аз он иборат мебошад, ки ҳамсоя ба бадии ҳамсоя набояд бо бадӣ ҷавоб гӯяд, вай бояд ба озоре, ки ҳамсояаш мерасонад, ба умеде, ки ҳамсояаш рӯзе инро фаҳмида, яъне вақте мебинад, ки ӯ бо вай ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб намегардонад, баръакс сабру ҳилму худдорӣ зоҳир менамояд, ислоҳ мешавад ва озурданро бас мекунад. Дар ҳақиқат, ин яке аз хислатҳои барҷаста ва сифати некест, дар айни замон яке аз пуртаъсиртарин усули тарбия мебошад, ки барои барҳам додани бадиҳои дар баъзе қалбҳо ҷо гирифта, мусоидат менамояд.

Дар хабар аст, ки боре Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бин Салом (р) ба назди пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ҳозир шуд ва гуфт:

*"Маро ҳамсоям ранҷонид!"* Вай гуфт: ***"Сабр кун."*** Пас аз чанд муддат Муҳаммад дубора ба назди вай омад ва гуфт: *"Маро ҳамсоям ранҷонид!"* Вай боз ҳам гуфт: ***"Сабр кун."*** Аммо вақте ки Муҳаммад бори сеюм омаду гуфт: *"Маро ҳамсоям ранҷонид!"*, - пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: ***"Бирав ва анҷомҳои худро ба рӯи роҳ афкан, агар касе ба назди ту ояд, бигӯ: Маро ҳамсоям ранҷонид", он гоҳ ӯ лаънат карда мешавад! Бигузор, касе, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи қиёмат имон дорад, ҳамсояи худро ҳурмат кунад..."***

**"Зиндагонии саҳобагон" 3/50**

# Эзоҳ ба боби 7

1. Ғуломон дар назар дошта шудаанд.
2. Ин суханони пайғамбарро метавон ба ду маънӣ фаҳмид.
3. Яъне, аз корҳои неки ту ҳамӯш истода аз бадиву хатое, ки ту содир мекунӣ, ба ҳама мегӯяд.
4. Ин байт бо қалами шоири тоисломӣ Антара ибни Шаддод тааллуқ дорад.
5. Яъне, аз ҷумлаи онҳое мебошанд, ки нахустин шуда ҷазо мебинанд.

# 8
# МУСАЛМОН БО БАРОДАРОНУ ДӮСТОНИ ХУД

## Вай онҳоро барои Аллоҳ дӯст медорад

Дар ҳақиқат яке аз хислатҳои хосу барҷастаи мусулмони содиқ ин аст, ки ба бародарону дӯстони худ эҳсоси муҳаббати баланд дорад. Ин эҳсос бо ягон манфиати ғаразнок алоқаманд нест, ягон ҳадафро аз дунболи худ медорад ва аз ҳама гуна олоишот озод мебошад. Ин муҳаббати бародарона буда, тавассути ваҳйе, ки ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) омадааст ва дастуроти худи ӯ, ки дар муносибатҳои инсонӣ мақоми махсус дорад ва таъсираш ба ахлоқи мусулмон дар таърихи муносибатҳои миёни одамон бо ягон чизи дигар муқоисашаванда нест, покизагӣ ва ҷазояш нигоҳ дошта мешавад.

Ин чунин маъно дорад, ки робитае, ки мусулмонро бо бародаронаш новобаста аз миллату ранги пӯсту забон пайваст мекунад, робитаи имон аст, зеро Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ إِخۡوَةٞ﴾

﴿*Мӯъминон бародаронанд.*﴾

**"Ҳуҷурот", 10**

Бародарӣ бо имон бештар аз ҳар чизи дигар қалбу дилҳоро ба якдигар мепайвандад ва беҳтарин ҳалқаи пайвандгар мебошад, ки ақлу рӯҳи инсонҳоро ба ҳам меоварад.

Аз ин рӯ ҷои тааҷҷуб нест, ки ин тарзи аҷиби бародарӣ шакли махсуси муҳаббатеро ба вуҷуд меоварад, ки бо олӣ будан, тозагӣ, амиқӣ ва давомнокии худ бартарӣ дорад. Ислом ин муҳаббатро "муҳаббати Аллоҳ" номгузорӣ кардааст. Мусулмони содиқ бошад, ба шарофати ҳамин муҳаббат лаззати имонро мечашад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ثلاثٌ مَنْ كُنَّ فيهِ وَجَدَ حَلاَوَةَ الإيمانِ: أن يكونَ اللَّهُ ورسولُهُ أَحَبَّ إِلَيْهِ مِمَّا سِواهُمَا، وأنْ يُحِبَّ المَرْءَ لا يُحِبُّهُ إلاَّ لله، وأنْ يَكْرَهَ أنْ يَعُودَ فِي الكُفْرِ بَعْدَ أنْ أَنْقَذَهُ اللَّهُ مِنْهُ كما يَكْرَهُ أنْ يُقْذَفَ فِي النَّارِ»

*"Лаззати имонро ҳамоне мечашад, ки се хислат дорад: оне, ки Аллоҳ ва расули Ӯро аз ҳар чизи дигар бештар дӯст медорад ва агар инсонеро дӯст дорад, ӯро фақат барои Аллоҳ дӯст медорад, чун Аллоҳ ӯро аз беимонӣ наҷот дод, ӯ ба беимонӣ барнамегардад, зеро намехоҳад, ки ба оташ афканда шавад."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Ҷои бародарон дар назди Аллоҳ

Бисёр ҳадисҳои табаррук ва машҳур ҳастанд, ки ба мақоми баланд доштани онҳое, ки ҳамдигарро барои Аллоҳ дӯст медоранд, ишора намудаанд. Дар ин ҳадисҳо гуфта мешавад, ки Аллоҳ барои эшон дар биҳишт мақоми олӣ муҳайё кардааст ва Рӯзе, ки одамон дар баробари Парвардигори оламиён қарор хоҳанд гирифт, Аллоҳ барои онҳо шарафи бузург хоҳад дод.

Аз ин ҷумла ҳадисест, ки дар он аз хусуси ҳафт нафаре нақл шудааст, ки дар Растохез чун ягон сояи дигар намемонад Аллоҳ онҳоро дар паноҳи сояи Худ мегирад. Ин ҳафт нафар инҳо мебошанд:

«إمامٌ عادلٌ، وشابٌ نَشَأَ في عِبادَةِ الله عَزَّ وجَلَّ، ورجلٌ قَلْبُهُ مُعَلَّقٌ بالمَساجِد، ورَجُلانِ تَحابّا في الله، اجْتَمَعا عَلَيهِ وتَفَرَّقا علَيْهِ، ورجلٌ دَعَتْهُ امْرأةٌ ذاتُ حُسْنٍ وجمالٍ فقالَ: إنّي أخافُ الله، ورجلٌ تَصَدَّقَ بصَدَقَةٍ فأخْفاها حتّى لا تعلمُ شِمالُهُ ما تُنْفِقُ يَمينُه، ورجلٌ ذَكَرَ اللّهَ خالِياً ففاضَتْ عَيْناه»

***Имоми одил, наврасе, ки дар кори ибодати Аллоҳи Азза ва Ҷалла ба воя расидааст, одаме, ки дилаш[1] бар масҷидҳо овехта (банд) шудааст, дуи дигар, онҳое, ки ҳамдигарро барои Аллоҳ дӯст доштаанд ва бо ин муҳаббат воҳӯрдаанду бо он ҷудо шудаанд,[2] инсоне, ки ба назди худ зани машҳуру зебоеро даъват карда, ба ӯ гуфтааст: "Ба дурустӣ, ки ман аз Аллоҳ метарсам!", одаме, ки пинҳонӣ садақа кардааст ва дасти чапаш хабар надорад, ки дасти росташ чӣ қадар сарф кард, ҳамчунин одаме, ки вақте дар танҳоӣ[3] Аллоҳи Таъолоро ёд кард, чашмонаш аз ашк пур шуданд***".

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Ин суханони ошкоро ба он чиз ишорат мекунанд, ки одамоне, ки якдигарро барои Аллоҳ дӯст медоранд, аз ҷумлаи он ҳафт нафар баргузидашудагон ва беҳтариноне ҳастанд, ки Аллоҳ дар паноҳи сояи Худ мегирад ва раҳмату муҳаббаташро дареғ намедорад. Ин

нисбат ба онҳо дараҷаи олии зоҳир шудани эҳтироми Аллоҳ аст!

Оид ба шарафе, ки Парвардигор мушарраф мегардонад онҳоеро, ки якдигарро дӯст медоранд, кифоя аст ҳамин қадар гӯем, ки Рӯзи қиёмат чун одамон ба як ҷо ҷамъ мешаванд, Аллоҳ маҳз ба онҳо эътибор дода мегӯяд:

«أَيْنَ الْمُتَحَابُّونَ بِجَلَالِي؟ الْيَوْمَ أُظِلُّهُمْ فِي ظِلِّي يَوْمَ لَا ظِلَّ إِلَّا ظِلِّي»

***"Куҷоянд онҳое, ки якдигарро ба хотири Ман дӯст доштаанд? Ҳоло дар* (ин) *Рӯз ман онҳоро ба сояи Худ мепӯшам, чун сояи дигаре ба ғайр аз сояи Ман нест!"***

**Муслим.**

Оё аз хусуси ифтихоре аз ин зиёдтар метавон ҳарф зад?! Оё метавон барои худ мукофотеро баландтар аз мукофоте тасаввур намуд, ки одамон барои якдигарро ба хотири Аллоҳ самимона дӯст доштан дар Рӯзи мусибат (қиёмат), даҳшат ва андӯҳи бузургтарин сазовор мешаванд?

Ин чунин маънидод карда мешавад, ки дар ин ҳаёт ба дӯстии Аллоҳ чизи дигаре омехта карда намешавад ва ин муҳаббати пур аз орзуву завку хоҳишҳо қуллаи мулкилписандест, ки онро фақат соҳибони қалби софу рӯҳи баланд ва онҳое, ки ин дунёро дар баробари имконияти раҳмати Аллоҳро ба даст овардан басо ночиз меҳисобанд, фатҳ карда метавонанд. Ана аз чӣ сабаб ҷои тааҷҷуб нест чун Аллоҳ барои ин гуна одамон чунон мақом ва чунон ҳаловат муҳайё месозад, ки сазовору муносиби хидматҳои онҳо дар ин дунё мебошад. Дар ин хусус дар ҳадиси аз суханони Муъозо (р) нақл карда шуда, хабар дода мешавад. Вай гуфтааст: боре шунид, ки чӣ тавр Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мегуфт:

«قَالَ اللَّهُ عَزَّ وَجَلَّ: الْمُتَحَابُّونَ فِي جَلَالِي لَهُمْ مَنَابِرُ مِنْ نُورٍ، يَغْبِطُهُمُ النَّبِيُّونَ وَالشُّهَدَاءُ»

***"Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуфт: "Барои онҳое, ки якдигарро ба хотири бузургии Ман дӯст медоранд, минбаре аз нур дуруст мекунам, ки пайғамбарон ва шаҳидон ба онҳо ҳасад мебаранд"***

**Ат-Тирмизӣ.**

Ҷои тааҷҷуб нест, ки Аллоҳ ба он бандагонаш, ки ҳамдигарро барои Ӯ дӯст медоранд, аз ҳар чизи дигар бузургтару баландтар, муҳаббати бебаҳои Худро медиҳад. Барои ин муҳаббат ҷони худро нисор кардан низ меарзад ва ниҳояти таманно(-и инсон) ҳисоб ме-

ёбад. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки аз суханони Абу Ҳурайра (р) нақл карда шудааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар салаллоху алайхи васаллам гуфт:

«أنَّ رَجُلاً زارَ أخاً له في قَرْيَةٍ أخرى، فأرْصَدَ اللّٰهُ تَعالَى على مَدْرَجَتِهِ مَلَكاً، فلمّا أتَى عليهِ قالَ: أينَ تُرِيدُ؟ قال: أُرِيدُ أخاً لي في هذه القَرْيَةِ، قالَ: هَلْ لَكَ عَلَيْهِ مِنْ نِعْمَةٍ تَرُبُّها عَلَيْهِ؟ قالَ: لا، غيرَ أنّي أُحْبَبْتُهُ في اللّٰهِ تَعالَى، قالَ: فإنّي رسولُ اللّٰهِ إليكَ بأنَّ اللّٰهَ قَدْ أحبَّكَ كما أحْبَبْتَهُ فيه»

“**(Боре)** ***як шахс*** **(хост, ки)** ***бародари*** **(мӯъмини)** ***худро аз дигар деҳа зиёрат кунад ва Аллоҳи Таъоло ба он роҳе, ки он шахс мерафт, фариштаеро фиристод. Фаришта вақте, ки он шахс ба ӯ наздик омад, пурсид: “Куҷо меравӣ?” Вай гуфт: “Ман бародари худро зиёрат карданмехоҳам, ки дар ин деҳа зиндагӣ мекунад.” Фаришта пурсид: “Шояд ӯ ба ту ягон хайру садақа кардаист ё чизе додаисту ту онро гирифтан мехоҳӣ?” Ин шахс ҷавоб дод, ки: “Не, ба дурустӣ, ки ман ӯро аз барои Аллоҳи Таъоло дӯст доштаам!” Он гоҳ фаришта гуфт: “Маро, ба дурустӣ, ки ба назди ту Аллоҳ фиристод, то бигӯям, ки чун ту ӯро барои Аллоҳ дӯст доштӣ, Аллоҳ туро низ дӯст дошт!”***

**Муслим.**

Чӣ қадар зарур аст ин муҳаббате, ки инсонро то ба ин дараҷа баланд мебардорад. Худи Аллоҳ ӯро дӯст хоҳад дошт ва нисбат ба ӯ хайру баракати Худро дареғ намедорад.

Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ба бештар аз ин мақому покизагӣ ноил шуда тавонистани мусулмонро таъкид карда, изҳор намудааст, ки аз ду бародаре, ки ҳамдигарро барои Аллоҳ дӯст медоранд, ҳамоне сазовортар мебошад, ки бародаришро сахттар дӯст дорад. Аз ин хусус вай салаллоху алайхи васаллам чунин гуфтааст:

«ما تَحابَّ الرَّجُلانِ إلاّ كانَ أفضَلَهما أشَدُّهما حُبّاً لِصاحِبِهِ»

***“Вақте ду шахс ҳамдигарро дӯст медоранд, беҳтарини онҳо ҳатман ҳамоне хоҳад буд, ки бо рафиқи худ бештар муҳаббат эҳсос мекунад.”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”**

Вале вай бо ин ҳам қаноатманд нашуда, дуртар меравад, то ин муҳаббатро дар ҷамъияти мусалмонон, ки бо роҳи рост равона аст, тарғиб кунад ва аз мусулмоне, ки бародари худро дӯст доштааст, талаб мекунад, ки муҳаббати худ ба вай хабар диҳад. Аз ин хусус пайғамбар салаллоху алайхи васаллам чунин мегӯяд:

«إذا أَحَبَّ الرَّجُلُ أخاهُ فَلْيُخْبِرْهُ أنّهُ يُحبُّهُ»

***“Агар инсон бародари худро дӯст доштааст, бигузор ба ӯ аз ин ху-*** сус хабар диіад”[6]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

Расули акрам (с) мефаҳмид, ки барои ташаккул ёфтани ҷамъияти инсонӣ ин муҳаббати софу қавӣ чӣ нақше метавонад гузорад ва аз ин сабаб ӯ ягон имконияти бо муҳаббати мутақобила даъват намудани мусулмононро аз даст намедод. Вай амр мекард, то онҳо аз он ки ҳамдигарро дӯст медоранд, ба якдигар хабар диҳанд ва тавассути ин чиз дилҳо кушода ва миёни одамон муҳаббати дуҷонибаву самимият паҳн гардад.

Аз суханони Анас (р) нақл мекунанд, ки боре дар ҷамъияти пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) шахсе ҳозир буд ва чун аз назди шахси дигаре гузашт, вай гуфт:

يا رسولَ اللهِ، إنّي لَأُحِبُّ هذا، فقـالَ له النبيُّ ﷺ: «أأَعْلَمْتَـهُ؟» قالَ: لا، قالَ: أَعْلِمْهُ»، فَلَحِقَهُ فقال: إنّي لَأُحِبُّكَ في اللهِ، فقالَ: أَحَبَّكَ اللهُ الّذي أَحْبَبْتَني لَهُ»

***“Ё расулаллоҳ, ба дурустӣ, ки ман инро (одамро) дӯст медорам!” Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) пурсид: “Аз ин хусус ту ба вай гуфтӣ?” Вай ҷавоб дод: “не.” Вай гуфт: “Бигӯ!” Ва ин шахс ба ӯ расиду гуфт: “Ба дурустӣ, ки туро барои Аллоҳ дӯст медорам!” Он шахс ҷавоб дод, ки: “Туро Аллоҳ дӯст дорад, ки барои Ӯ ту маро дӯст доштаӣ!”***

**Абу Довуд**

Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба мусулмонон чӣ тавр сохтани ҷамъияти бунёдаш дар муҳаббати якдигар, тартибу низом ва бародарӣ қарор-гирифтаро омӯзонида, худ низ ҳамин тавр рафтор мекард. Намунаи чунин рафтор метавонад, ҳодисае бошад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) боре аз дасти Муъоз (р) дошта, гуфт:

«يـا مُعاذُ، واللهِ إنّي لَأُحِبُّـكَ، ثم أُوصيكَ يـا مُعاذُ: لا تَـدَعَنَّ في دُبُرِ كـلِّ صَـلاةٍ تقـولُ: اللّهمَّ أعِنّي على ذِكْرِكَ وشُكْرِكَ وحُسْنِ عِبادَتِكَ»

***“Ё Муъоз, ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ки ман туро дӯст медорам ва насиҳат мекунам, ё Муъоз баъди ҳар як намоз чунин гуфтанро фаромӯш накунӣ: «Парвардигоро, моро ёрӣ кун, то Туро зикр кунем ва сипосгу-***

***зор бошем ва туро беҳтар ибодат кунем."***

**Имом Аҳмад.**

***"Аллоҳума, аъиннийалла зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибодатика."***

Ва Муъоз тавассути расонидани суханони Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар бораи муҳаббат ва мукофоти омоданамудаи Аллоҳ ба онҳое, ки ҳамдигарро ба хотири Офаридгори худ дӯст медоранд, миёни мусулмонони мамлакатҳои гуногун интишор намуд. Дар «Ал-Муватта» имом Малик ҳадисеро аз гуфтаи Абу Идрис ал- Хавлонӣ, хабар додааст:

*"Боре ба масҷиди Димишқ даромада, ҷавонмардеро дидам, ки дандонҳои сафеди дурахшон дошт[7] ва дар иҳотаи одамоне буд, ки агар дар фикре хилоф мекарданд ва ӯ муроҷиат менамуданд ва минбаъд ба он чизе, ки ӯ дуруст мешуморид, такя мекарданд. Ман дар бораи вай пурсидам, гуфтанд, ки: "Муъоз ибни Ҷабал, (р)." Рӯзи дигар ман ба масҷид барвақттар рафтам. Аммо маълум шуд, ки вай маро пешдастӣ кардааст ва аллакай намоз хондааст[8] ва ман сабр кардам. Ҷун намозро ба поён расонд, ман аз рӯ ба рӯ наздик омада, салом дода гуфтам: "Ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ба дурустӣ, ки туро аз барои Вай дӯст медорам!" Вай пурсид: "Барои Аллоҳ қасам хӯрдӣ?" Ман ҷавоб додам, ки: "Қасам мехӯрам, ки барои Аллоҳ!" Вай бори дигар пурсид: "Қасам мехӯрӣ, ки барои Аллоҳ?" Ва ман дубора ҷавоб додам, ки: "Қасам мехӯрам!" Он гоҳ вай аз бари ҷомаи ман дошта, ба тарафи худ кашид ва гуфт: "Хурсанд бош, зеро, ба дурустӣ, ки ман шунидам Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:*

**«قالَ اللّهُ تعالى: وَجَبَت مَحَبَّتي لِلْمُتَحابِّينَ فِيَّ، والمُجالِسينَ فِيَّ، والمُتَزاوِرِينَ فِيَّ، والمُتَباذِلين فِيَّ»**

***"Аллоҳи Таъоло гуфт: "Онҳоеро, ки якдигарро барои Ман дӯст медоранд, бо якдигар барои Ман вомехӯранд, ба хотири Ман ба аёдати якдигар мераванд ва барои Ман чизе дарег намедоранд, Ман албатта, дӯст медорам!"***

## Таъсири муҳаббат ба Аллоҳ дар ҳаёти мусулмон

Дар ҳадиси дигаре Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) тасдиқ мекунад, ки чунин муҳаббат миёни мӯъминон яке аз шартҳои муҳимтарини имон мебошад, ба шарофати риояи он инсон ба биҳишт дохил мешавад.

Дар ҳадиси зерин ки аз суханони Абу Ҳурайра (р) нақл мешавад, хабар дода шудааст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«والـذي نَفْسي بيَدِهِ لا تَـدْخُلوا الجَنَّةَ حتّى تُؤْمِنـوا، ولا تُؤْمِنـوا حتّى تَحابُّوا، أَوَلا أَدُلُّكُمْ على شَيْءٍ إذا فَعَلْتُموهُ تحابَبْتُمْ؟ أَفْشُوا السَّلامَ بَيْنَكُمْ»

***"Ба номи зоте, ки ҷони Муҳаммад дар кафи Ӯ мебошад, қасам, ки ба биҳишт дохил нашавед, то даме, ки имон намеоваред, имон наоваред то замоне, ки якдигарро дӯст дошта натавонед. Оё нагӯям, ки шуморо чӣ чиз ба муҳаббати тарафайн мерасонад, чун инро хоҳед кард? Миёни ҳамдигар саломро ифшо кунед!"***

**Муслим.**

Дурандешии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки аз баракати нишондодҳои Аллоҳ аст, имкон додааст то ӯ бифаҳмад, ки фақат тавассути бародарии содиқона ва олӣ қалбҳои одамонро аз нафрат, рӯҳашонро аз ҳарифиву ҳасад ба якдигар метавонад тоза кард, зеро агар ин муносибатҳои содиқонаи бародарӣ роҳнамои зиндагии мусулмонон гарданд, бунёди ин зиндагӣ аз муҳаббату ҳусни таваҷҷуҳу софдилӣ ва якдигарфаҳмӣ иборат хоҳад шуд ва дар он барои дасисаву бадӣ, ҳасаду торикӣ ва якдигарбадбинӣ ҷой намемонад. Ана барои чӣ ӯ даъват менамуд, ки ба якдигар салом гӯед ва ин корро калиде созед, то кушодани қулфи дили муҳаббат осон гардад ва дилҳоро ба ҳам васл кунад.

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин чизро борҳо ба саҳобагони хеш гуфтааст, то дар дили эшон тухми муҳаббат кошта тавонад ва баъд ин киштаро он қадар нигоҳубин мекард, то ҳосиле биёварад, яъне ҳамон муҳаббати софу бузург, ки ислом мехоҳад дар мусулмонон тарбият диҳад, дар одамон нисбат ба ҳамдигар пайдо шавад.

Тавассути ин муҳаббати пок Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) насли аввали исломро ба камол расонид. Онҳо дар навбати худ даъвати осмониро дар замин паҳн намуданд ва ин чиз асоси мустаҳкам гардида бинои муҳташами исломро барои одамон барҷо нигоҳ дошт.

Бо шарофати ҳамин муҳаббати самимона ва наҷиб Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тавонист, ки ҷамъияти мӯъминонро ташкил диҳад. Амсоли ин ҷамъият дар таърихи инсоният вуҷуд надошт. Муттаҳидии ҳайратангези ин ҷамъиятро ӯ чунин тасвир намудааст:

«المُؤْمِنُ لِلْمُؤْمِنِ كالْبُنْيانِ يَشُدُّ بَعْضُهُ بَعْضاً»

***“(Нисбат) ба ҳамдигар мӯъминон биноеро мемонанд, ки қисматҳои алоҳидаи онро бо якдигар мустаҳкам намудаанд”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз ин хусус боз гуфтааст:

«مَثَلُ المُؤْمِنِينَ فِي تَوادِّهِمْ وتَراحُمِهِم وتَعاطُفِهِمْ مَثَلُ الجَسَدِ، إذا اشْتَكَى مِنهُ عُضوٌ تَداعَى لَهُ سائِرُ الْجَسَدِ بِالسَّهَرِ والْحُمَّى»

***“Дар муҳаббат, меҳрубонӣ ва ғамхорӣ ба якдигар мӯъминон мисли як тананд, чун яке аз узвҳоро дард фаро мегирад, он гоҳ ҳамаи ҷисм бо табу бедорхобӣ ба он чиз ҷавоб мегардонад”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аз ин хусус ҳамчунин гуфтааст:

«المُسْلِمونَ كَرَجُلٍ واحِدٍ، إنِ اشْتَكَتْ عَيْنُهُ اشْتَكَى كُلُّهُ، وإنِ اشْتَكَى رَأْسُهُ اشْتَكَى كُلُّهُ»

***“Мусулмонон як одамеро мемонанд (монанди як одаме ҳастанд), ки чашми ӯро дард гирад, ин чунин маъно дорад, ки тамоми ҷисми ӯ дард мекунад, агар сари ӯро дард фаро бигирад, ин чунин маъно дорад, ки ҳамаи ҷисмаш дардманд аст”***

**Муслим.**

Қалби мусулмони бофаросату содиқ чун ин дастуроти пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро медонад, ба бародарону дӯстонаш муҳаббати сахт эҳсос накарда наметавонад, ба онҳое, ки мусулмонро қалбу эҳсосоташ наздик мебарад ва бо шарофати ин вай дар ин дунё ба як ҷузъи некӣ, ягонагиву бунёдкорӣ мубаддал мегардад, дар зиндагии абадӣ бошад, метавонад ба муҳаббату раҳмати Парвардигори худ сазовор гардад.

## Вай аз бародарони исломии худ ҷудо намешавад ва онҳоро тарк намекунад

Мусалмони асил, ки муқаррароти исломро аз бар кардааст, хуб медонад, ки ислом ба муҳаббат, ба пайванди ҳамдигарӣ ва ҳамдардӣ даъват намуда, ба одамон нафрат кардан, робитаҳоро барқандан, бо якдигар қатъ намудани муносибатҳоро манъ кардааст. Ислом инро чунин шарҳ додааст: ду нафареро, ки ҳамдигарро аз

сидқ дӯст медоранд, нохушиҳои ночизи тасодуфӣ наметавонанд ҷудо созанд, зеро пайванди муҳаббат аз ҷонибе бо Аллоҳ мустаҳкам аст ва бо хатои ночиз, ки аз ҷониби яке аз онҳо содир мегардад, қатъ намешавад. Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«ما تَوادَّ اثْنـان في اللهِ جَلَّ وعَـزَّ، أَوْ في الإسلامِ ، فَيُفَـرِّقُ بَيْنَهُما أَوَّلُ ذَنْبٍ يُحْدِثُهُ أَحَدُهُما»

***“Агар гуноҳи нахустини яке аз ашхоси ба ҳам дӯст содир намуда, онҳоро ҷудо созад, пас онҳо якдигарро барои Аллоҳ Азза ва Ҷалла ё барои ислом дӯст надошта будаанд.”***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”.**

Вале ислом табиати қалби инсониро низ аз мадди назар дур накардааст, ки дар лаҳзаҳои заифӣ бо оташи ғазаб ва калавидани кайфият фаро гирифта, мешавад. Вай муддати муайяне муқаррар кардааст, ки дар ин муддат оташи ғазаб хомӯш ва ҳаяҷон пасанда хоҳад шуд. Бо мурури ин муддати муқарраршуда яке аз онҳое, ки ба мунокиша даромада буд ё ҳарду, тибқи муқаррароти ислом, аллакай вазифадор ҳастанд, ки барои оштӣ шудан ва ризоияти ҳамдигарро ҷустан қадам бигузоранд. Дар ин хусус Расулаллоҳ, салаллоҳу алайҳи васаллам гуфтааст:

«لا يَحِلُّ لِمُسْلِمٍ أَنْ يَهْجُرَ أَخاهُ فَوْقَ ثَلاثَةِ أَيّامٍ ، يَلْتَقِيانِ، فَيُعْرِضُ هذا، ويُعْرِضُ هذا، وخَيْرُهُما الّذي يَبْدَأُ بالسَّلامِ »

***“Мусулмонро мумкин нест, ки бо бародари худ зиёда аз се рӯз қаҳрӣ бошад, онҳо ба якдигар вонахӯранд, аз якдигар рӯ битобанд. Аммо беҳтарини ин ду нафар ҳамонест, ки дӯсташро аввал шуда салом мегӯяд.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Мусулмони содиқу бофаросате, ки дар сари ин амри бемислу монанд андеша меронад, бо бародари худ новобаста аз сабабҳои мавҷудааш наметавонад ҷудо буданро таҳаммул кунад, баръакс, мешитобад, ки нисбат ба ӯ муносибати дӯстона зоҳир намуда, салом гӯяд, зеро аз беҳтарини онҳо ҳамонест, ки аввалин шуда ба дигаре салом мегӯяд. Агар дигаре ба ин салом ҷавоб гӯяд, он гоҳ ҳарду барои оштӣ шудан мукофот мегиранд, аммо агар ӯ ҷавобе надиҳад, он гоҳ шахси саломгуфта аз масъулияти гуноҳи қатъ карда шудани муомилаву ҷудоӣ озод мегардад. Тамоми бори гарони

гуноҳ бар души шахсе, ки (ба салом) ҷавоб нагуфт, меафтад. Ин маънӣ дар ҳадисе, ки аз суханони Абуҳурайра (р), нақл карда шудааст, шарҳи худро ёфтааст. Ӯ гуфтааст: *"Ман шунидам, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:*

«لا يَحِلُّ لِرَجُلٍ أَنْ يَهْجُرَ مُؤْمِناً فوقَ ثَلاثَةِ أَيَّامٍ ، فإذا مَرَّتْ ثَلاثَةُ أَيَّامٍ فَلْيَلْقَهُ فَلْيُسَلِّمْ عَلَيْهِ، فإِنْ ردَّ عليْهِ السَّلامَ فقد اشْتَرَكا في الأَجْرِ، وإِنْ لَمْ يَرُدَّ عليْهِ فقَدْ بَرِئَ المُسَلِّمُ مِنَ الهِجْرَة»

***"Ба касе иҷозат дода намешавад, ки бо мӯъмине зиёда аз се рӯз қаҳрӣ бошад, аммо чун ин се рӯз гузаранд, бигузор ӯ бо он шахс вохӯрда, салом гӯяд. Агар он шахс ба саломи ӯ ҷавоб гардонад, ҳар ду мукофот мегиранд, аммо агар ҷавоб нагардонад, оне ки бо салом муроҷиат намуда буд, аз ҷавоб гуфтан ба гуноҳ барои ҷудоӣ озод мебошад".***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад".**

Чун мӯҳлати қатъ карда шудани қаҳригӣ ва ҷудоӣ ҳар қадар дароэтар гардад, бори гуноҳ он қадар вазнинтар мешавад ва барои он ду нафаре, ки баҳс карда, аз якдигар ҷудо шудаанд, ин (аҳвол) оқибатҳои нохуш дорад. Дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«مَنْ هَجَرَ اخاهُ سَنَةً فَهُوَ كسَفْكِ دَمِهِ»

***"Бародарро як сол тарк кардан, мисли хуни ӯро рехтан мебошад"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад".**

Дар ҳақиқат, барои тарбияи рӯҳ ислом услуби муҳаббати тарафайн, наздикӣ ҷустан ва ҳамдигарфаҳмиро асос мешуморад. Аз ин сабаб дар зиндагии мусулмони содиқ ба нафрат, ҳасад ва бадбинӣ ҷой нест ва ин пастиву ночизиҳо чӣ гуна буда ҳам метавонанд, вақте бо шарофати ҳамон пешгӯиҳо ба ӯ маълум гардид, ки чӣ тавр хислатҳои наҷибу ахлоқии инсоният ягон вақт, дар тӯли мавҷудияти худ дар ёд надоштаро соҳиб шавад. Зеро пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«لا تَقَاطَعُوا، ولا تَدابَرُوا ولا تَباغَضُوا، ولا تَحاسَدُوا، وكُونوا إِخْواناً كما أَمَرَكُمُ اللهُ»

***"Аз ҳамдигар канда нашавед, ба якдигар пушт нагардонед, ба ҳамдигар нафрат наварзед, ба якдигар ҳасад набаред ва бародар бошед, чунон ки Аллоҳ ба шумо фармуда!"***

**Муслим.**

Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфтааст:

«إيّاكُمْ والظّنَّ، فإنَّ الظّنَّ أكْذَبُ الحَدِيثِ، ولا تَحَسَّسُوا ، ولا تَجَسَّسُوا، ولا تَنافَسُوا، ولا تَحاسَدوا، ولا تَباغَضُوا، ولا تَدابَرُوا، وكُونُوا عِبادَ اللهِ إخوانًا»

***"Аз фикри бад (дар бораи одамон) худдорӣ кунед, зеро ба дурустӣ, ки гумони бад сухани дурӯғи бадтарин аст, нафаҳмед[10], ҷосусӣ накунед, бо якдигар мусобиқа накунед, ба якдигар ҳасад набаред, аз нафрат ба ҳамдигар даст кашед, ба якдигар пушт нагардонед, бандагони Аллоҳ ва бародарон бошед!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфтааст:

«لا تَحاسَدُوا، ولا تَناجَشُوا ، ولا تَباغَضُوا ، ولا تَدابَرُوا، ولا يَبِعْ بَعْضُكُمْ على بَيْعِ بَعْضٍ ، وكُونُوا عِبادَ اللهِ إخوانًا، المُسْلِمُ أخو المُسْلِمِ، لا يَظْلِمُهُ، ولا يَخْذُلُه، ولا يَحْقِرُهُ، التَّقوى هَهُنا ـ ويُشيرُ إلى صَدْرِهِ ثلاثَ مَرَّاتٍ ـ بِحَسْبِ امْرِئٍ مِنَ الشَّرِّ أنْ يَحْقِرَ أخاهُ المُسْلِمَ، كُلُّ المُسْلِمِ على المُسْلِمِ حَرامٌ، دَمُهُ ومالُهُ وعِرْضُهُ»

***"Ба ҳамдигар ҳасад набаред, нархро баланд набардоред,[11] аз нафрат ҳазар кунед, ба якдигар пушт нагардонед,[12] ба савдои якдигар халал нарасонед[13] ва бародарон бошед, эй бандагони Аллоҳ, зеро мусулмон бародари мусулмон аст ва аз ин сабаб ягон мусулмон дигареро бояд танг накунад, ӯро бе дастгирӣ нагузорад, ӯро таҳқир накунад, худотарсӣ[14] ин ҷо нуҳуфтааст!"*** (Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) се маротиба ба синаи худ бо даст ишора намуд ва баъд боз гуфт)***: "Касеро, ки бародари исломии худро таҳқир мекунад, зарари зиёде хоҳад буд ва барои ҳар мусулмон ҳаёт, дороӣ ва номусу шарафи мусулмонони дигар бояд мамнӯъ бошад!"***

**Муслим.**

Дар ҳақиқат, мусулмоне, ки дар сари ин насиҳатҳои пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) андеша меронад ва соҳиби ахлоқи ҳамида, аз ҷумла, муҳаббати мутақобила, ҳамдардӣ ва бародарӣ мебошад, хашму ғазабро дар худ фақат ҳамон вақт дошта метавонад, ки агар дили ӯ дардманд ва худаш табиатан хунсарду хушк, ҳамчунин аз азал ӯро ноустуворӣ хос бошад.

Ана барои чӣ ба унвони чунин ашхоси калаванда ва дағал, ки аз

қонунҳои ахлоқи исломӣ рӯ метобанд, аз лутфу марҳамату шафқати ин дин ҷудо шудаанд ва аз барқарор кардани муносибатҳо (-и қатъ кардашуда) қатъиян даст мекашанд, таҳдидҳои мудҳиш фармуда, шудаанд. Мазмуни ин таҳдидҳо чунин аст, ки эшонро дар дунёи боқӣ азоби алим мунтазир мебошад, онҳо аз раҳмату мағфирати Аллоҳ маҳрум хоҳанд шуд ва дарҳои биҳишт ба рӯяшон баста мешаванд.

Ва ба ин чиз суханони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) низ ишорат мекунанд:

«تُفتَحُ أَبوابُ الجَنَّةِ يومَ الاثْنَينِ ويومَ الخميسِ ، فَيُغفَرُ لِكُلِّ عَبْدٍ لا يُشْرِكُ بِاللّهِ شَيْئاً، إلاّ رَجُلاً كانتْ بَيْنَهُ وبينَ أخيهِ شَحْناءُ، فيُقالُ: أنْظِرُوا هذَيْنِ حتى يَصْطَلِحا، أنْظِروا هذَيْنِ حتى يَصْطَلِحا، أنْظِروا هذَيْنِ حتى يَصْطَلِحا»

***"Дарҳои биҳишт рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе боз ва гуноҳони ҳар бандае мағфират мешаванд, ки ба ҷуз Аллоҳ ба чизи дигаре саҷда накардааст, ба ҷуз онҳое, ки эшонро кафорат аз бародаронашон ҷудо кардааст. Он гоҳ ин суханон гуфта хоҳанд шуд: "Бо ин ду нафар сабр кунед, то онҳо бо якдигар оштӣ гарданд, бо ин ду нафар сабр кунед, то онҳо бо якдигар оштӣ шаванд, бо ин ду нафар сабр кунед, то онҳо бо якдигар оштӣ шаванд!"***

**Муслим.**

Абу Дардо (р), ки яке аз саҳобагони машҳури ҳазрати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) буд, гуфтааст:

***"Оё нагӯям ба шумо ки аз садақа додан ва рӯза гирифтан беҳтар чист? Ин миёни шумо сулҳу оштӣ кардан аст, зеро, ба дурустӣ, ки нафрат мукофотро нобуд мекунад!"***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Дар ҳақиқат, нигоҳи ин саҳобаи машҳур, ки барои ақли солиму фаросаташ сазовори боварии ҳазрати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) шуда буд, ба мағз-мағзи ҷони ин дини бо бародариву муҳаббат асос ёфта, фурӯ рафтааст, зеро ӯ чунин ҳисоб кардааст, ки нафрат ба ҳамдигар боиси барабас рафтани корҳои одамон мешавад, онҳоро аз мукофот маҳрум ва амалҳои некашонро нобуд мекунад. Аз ин сабаб барои мусулмоне, ки бо бародари худ қаҳрист, оштӣ шудан аз садақа кардану рӯза гирифтан беҳтар мебошад, чунки агар ин дурӣ ва нафрати мутақобила боқӣ монад, боиси нобуд шудани ҳамон савобҳое хоҳад шуд, ки тавассути ибодат кардан ба даст оварда мешаванд.

## Вай гуноҳи бародарашро мебахшад ва нисбат ба онҳо олиҳиммат аст

Мусулмони асил чун ба бародари худ хашм мегирад, вай барои фурӯ нишондани ин ғазаби худ қувва меёбад. Вай дар кори гузаштан аз гуноҳи бародари худ, ягон чизи бад намебинад, балки хатои бародараш содирнамударо ба эътибор намегирад. Аз гуноҳи бародараш гузашта, худро таҳқиршудаву шарманда эҳсос нахоҳад кард, баръакс, ӯ ин корро савоб мешуморад. Савобе, ки ӯро ба Аллоҳ басо наздик мебарад ва имкон медиҳад муҳаббати Аллоҳро, ки фақат бандагони некӯкорашро насиб мебинад, соҳиб гардад. Аллоҳи Азимушшаън фармудааст:

﴿وَٱلْكَـٰظِمِينَ ٱلْغَيْظَ وَٱلْعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِ ۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلْمُحْسِنِينَ﴾

***﴿...ва онҳое, ки хашмашонро фурӯ мебаранд ва аз хатои мардум дармегузаранд. Аллоҳ некӯкоронро дӯст медорад.﴾***

**"Оли Имрон", 134**

Аммо чунин ҳам воқеъ мегардад, ки инсон метавонад хашми худро фурӯ нишонад, аммо адовати ниҳонӣ дар синаи ӯ пайваста ҷӯш мезанад, оташи ғазаб ба кӯрдуди нафрат табдил меёбад ва хашми ошкоро адовати ниҳонӣ мешавад. Ин чиз бештар аз ғазаби ошкорост!

Аммо мусулмони асил, ки қалбаш аз нишондодҳои ин дин баҳра бардоштааст, нафрату бадбинӣ надорад, чун ӯро лозим меояд, ғазаби худро фурӯ менишонад ва авф низ мекунад, ки ин чиз имкон медиҳад то ӯ яке аз некӯкорон бошад.

Ба дурустӣ, ғазабе, ки одатан лозим меояд дар қалб фурӯ нишонӣ, барои он як бори вазнин шуда, ба оташе табдил меёбад ва дили инсонро фаро гирифта, бо дуди худ мепечонад. Аммо чун рӯҳ авф мекунаду дил нарм мешавад, аз бори гароне, ки дар боло қайд намудем, озод гардида, ба рӯшноӣ мерасӣ, дил ҳаловат мебараду осоиши ботинӣ фаро мерасад. Ин чиз имкон медиҳад, ки мусулмони бо бародари худ олиҳимматӣ зоҳир карда, лаззати некӯкориро дар лаҳзаи авф намудан бичашад.

Мусулмони асил ҳамеша тайёр аст, ки чунин олиҳимматӣ зоҳир намояд ва бародари худро бубахшад. Вай узр пурсида, барои Аллоҳ ӯро авф мекунад, то Худованд мартабаашро баланд бардорад.

Ба ин чиз Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) низ ишора кардааст:

«ما زادَ اللّهُ عَبداً بِعَفْوٍ إلاّ عِزّاً، وما تَواضَعَ أحَدٌ لله إلاّ رَفَعَهُ اللّهُ»

***"Агар банда авф кунад, Аллоҳ албатта, шӯҳрати ӯро афзун мегардонад, аммо вақте касе барои Аллоҳ шикастанафс мешавад, Аллоҳ, албатта, мартабаи ӯро баланд мекунад."***

**Муслим.**

Шӯҳрату мартабаи баланде, ки Аллоҳ мебахшад, муттаҳид шуда, ба беғаразиву покдилӣ табдил меёбанд, ин чиз чун олиҳиммативу авф карда тавонистани мусулмон тавсиф мешавад ва бо шарофати он мусулмон бандаи некӯкори писандидаи Аллоҳ ва дӯстдоштаи одамон мегардад.

Дар дили мусулмони бофаросат ба нафрат ҷой нест, зеро ӯ дастурамали дини худро омӯхта, ба умқи маънии он расидааст, зеро вай мефаҳмад, ки ҳунари авф карда тавонистан ва покният будан чӣ қадар метавонад имкон диҳад, ки Аллоҳ ӯро низ авф кунад. Дар ин хусус Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) фармудааст:

«ثَلاثٌ مَنْ لَمْ يَكُنَّ فيهِ غُفِرَ لهُ ما سِواهُ لِمَنْ شاءَ: مَنْ مَاتَ لا يُشْرِكُ باللهِ شَيْئاً، ولمْ يَكُنْ ساحِراً يَتَّبِعُ السَّحَرَةَ، ولمْ يَحْقِدْ على أخيهِ»

***"Аллоҳ касеро хоҳад бо ҳама гуноҳон авф мекунад, агар одам се кор накарда бошад: касе, ки бимурд ва ба ҷуз Аллоҳ ба чизи дигар саҷда наоварда, худ ҷодугар набуд ва аз паи ҷодугарон нарафт ва нисбат ба бародари худ нафрат надошт."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

## Вай бародарону дӯстонашро бо чеҳраи кушода пешвоз мегирад

Баъд аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки мусулмонеро, ки қалби рӯшан ва дили соф дораду дар чеҳрааш ифодаи хушнудӣ ҳувайдост, беҳтар аст бародарони худро фақат бо табассум пешвоз бигирад. Ин чизро Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), низ талаб менамуд. Ӯ гуфтааст:

«لا تَحْقِرَنَّ مِنَ المَعْروفِ شَيْئاً ولَوْ أنْ تَلْقَى أخاكَ بِوَجْهٍ طَلِيقٍ»

***"Ҳаргиз ба ягон чизи қабул намуда (-и шариат), ҳатто ба он ки***

***бародари худро бо чеҳраи кушода бояд пешвоз бигирӣ, беэътиноӣ макун."***

**Муслим**

Одати чеҳракушода будан хислати хубе мебошад, ки ба ин чиз ислом одамонро даъват менамояд ва онро аз ҷумлаи амалҳои нек ҳисоб карда таъкид менамояд, ки барои ин чиз ба инсон мукофоти бузурге дода хоҳад шуд. Ин чунин маъно дорад, ки чеҳраи хуш ва кушода оинаи қалби пок аст ва чунин тозагии зоҳириву ботинӣ аз ҷумлаи ҳамон аломатҳои ислом мебошанд, ки дар мусулмонони содиқ ифода меёбанд.

Ана барои чи Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам фармудааст:

«تَبَسُّمُكَ فِي وَجْهِ أَخِيكَ صَدَقَةٌ»

***"Агар ту ба бародари худ табассум кунӣ, ин садақаеро мемонад"***[15]

**Ат-Тирмизӣ**

Худи Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам бошад, нисбат ба саҳобагони худ ҳамеша лутфу меҳрубонӣ зоҳир менамуд, чун яке аз онҳоро медид, ҳамоно табассум мекард. Аз ин хусус ҳадисе гувоҳӣ медиҳад, ки аз суханони яке аз саҳобагони машҳур Ҷарир ибни Абдуллоҳ ал-Баҷал (р), нақл шудааст:

«ما رآني رسولُ الله ﷺ منذُ أسلمتُ إلاّ تبسَّمَ في وَجْهي»

***" Аз он замон, ки ман исломро қабул кардам, чунин нашудааст, ки расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ба ман ҳнгоми қабул ва дидор табассум накарда бошад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аз ҳазрати Алӣ (р), бошад, дар хабар аст, ки гуфт:

***"Агар ду мусулмон бо якдигар рӯ ба рӯ биёянду Аллоҳро ёд кунанд, Аллоҳ ҳамонеро мебахшад, ки кушодачеҳра бошад."***

Ана барои чӣ саҳобагони мӯҳтарам, ки дастуроти Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам-ро ҳаргиз аз қалбашон дур намекарданд, ҳангоми вохӯрдан дасти якдигарро мефишурданд ва чун аз сафару ғазавот бармегаштанд, якдигарро ба оғӯш мегирифтанд. Ин чиз мусоидат менамуд, то миёни бародароне, ки бо ҳамдигар вохӯрдаанд, муҳаббат ва ҳусни таваҷҷӯҳ барқарор гардад. Ибни Саъд дар "Табақот" хабареро аз аш-Шаъб (р), меоварад, ки гуфтааст:

***"Вақте ки Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам аз юриши Хайбар***[17] ***баргашт, ӯро Ҷаъ-***

***фар ибни Абу Толиб (р), пешвоз гирифт ва Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ӯро ба оғӯш гирифт, аз миёни чашмонаш бӯсид ва гуфт: "Ман намедонам аз чӣ бештар хушнудӣ кунам аз омадан ба назди Ҷаъфар ё фатҳи Хайбар!"***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис суханони зерин низ илова шудаанд: ***"... ва ӯро ба тарафи худ кашиду ба оғӯш гирифт."***

Ислом ҳамеша талқин мекард, ки одамон ба якдигар салом гӯянду даст диҳанд ва ҳамдигарро ба оғӯш бикашанд, то укдаҳои муҳаббати дилҳошон суст нагарданд ва робитаҳои миёни мӯъминон мустаҳкамтар шавад. Бо шарофати ҳамин чиз ҷамъияти мусулмонон исломи худро метавонад нигоҳ дорад ва фармоишоти ин динро дар ҳаёт татбиқ намоянд.

## Вай бо бародарону дӯстонаш самимист

Мусулмони асил дар муносибат ба Аллоҳ, ба Китоби Ӯ, Расули Аллоҳ, бо сарварони мусулмонон, умуман нисбат ба ҳамаи мусулмонон самимият зоҳир менамояд. Аз ин хусус ҳадисе ҳаст. Дар хабар аст, ки боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«الـدِّينُ النَّصِيحَةُ» قُلْنَـا: لِمَنْ؟ قَـالَ: «لله ولِكتَـابِهِ ولِرَسُـولِه ولأَئِمَّـةِ الْمُسْلِمِينَ وعَـامَّتِهِمْ»

***"Дин ин садоқат*** **(самимият)** ***доштан мебошад."***[18] ***Одамон пурсиданд, ки: "Нисбат ба кӣ?"*** **Вай ҷавоб дод:** ***"Нисбат ба Аллоҳ, Китоби Вай, расули Вай, ба сарварони мусулмонон ва умуман ба ҳамаи мусулмонон".***

**Муслим.**

Аз ин сабаб ҷои тааҷҷуб нест, ки мусулмон бо бародарони худ самимона муносибат мекунад ва онҳоро ҳаргиз фиреб намедиҳад.

Чунин садоқати мусулмони бофаросат, яке аз асосҳои муҳимтарини ислом ҳисоб меёбад ва мусулмонони аввалин ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) қасам мехӯрданд, ки ин асосро ҳамеша ба эътибор мегиранд. Барои исботи ин сухан ҳадисе метавонад хидмат кунад, ки аз забони Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р), оварда шудааст:

«بـايَعْتُ رسـول الله ﷺ على إقـامِ الصَّـلاةِ، وإيتـاءِ الزَّكاةِ، والنُّصْحِ لِكُلِّ مُسْلِمٍ»

***"Ман ба Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам қасам меҳӯрам, ки намоз мегузорам, закот медиҳам ва бо ҳар як мусулмон аз сидқи дил муомила мекунам."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аз ҳадиси пештар овардашуда маълум мешавад, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам динро бо як калима муайян намуд -***"насиҳат",*** то нишон диҳад, ки муносибати самимонаву софдилона такягоҳи табиӣ ва бунёди мустаҳками ин дин мебошад, зеро бе ин имони инсон ҳақиқӣ намешавад ва ба ислом ба таври бояду шояд иқрор шуда ҳам наметавонад. Ба ин чиз суханони Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам гувоҳ мебошанд: «لا يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حَتَّى يُحِبَّ لأخيهِ ما يُحِبُّ لِنَفْسِهِ»

***"Ҳеҷ кадоми шумо дар ҳақиқат имон намеоварад, то замоне, ки ба бародари худ ҳамон чизро нахоҳад, ки ба худ мехоҳад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Аммо ӯ ҳамон вақт ба бародари худ чизеро, ки худ мехоҳад, ба ӯ низ хоста метавонад, ки ӯро самимона дӯст дорад.

Ба бародари худ он чиро хостан, ки ба худ мехоҳӣ, кори басо мушкил аст. Ба ин чиз мушарраф шудан мумкин аст, агар дар шуури инсон эҳсоси он ки ба бародари худ хостани он чӣ ки ба худ мехоҳӣ яке аз шартҳои муҳими имони асил ба ҳисоб меравад ва дин изҳори садоқат мебошад, мустаҳкам ҷой бигирад. Зиёда аз ин чунин чиз бояд ҷузъи табиии ахлоқи мусулмони асил, ки дилаш аз лутфу марҳамати ислом лабрез гардидааст. дар таърихи кӯҳан ва нави мо метавон бисёр мисолҳоеро пайдо кард, ки аз хусуси мусулмони асил ба худ он чиро ки мехост ба бародари худ хост шаҳодат медиҳанд.

Ба ин муносибат ба хотири ман суханони пирамардони ҳанӯз зиндае мерасад, ки ба насли гузашта мансуб буда, аз хусуси савдогарони Шом нақл мекунанд. Онҳо дар бозорҳои кӯҳнаи болопӯшида, аз қабили бозорҳои махсусгардонидашудаи савдогарони атторӣ, рангубор, дӯзанда ва ҳоказо менишастанд. Мӯйсафедон нақл мекарданд, ки агар ба назди ягон нафар аз ин фурӯшандагон харидоре омада, чизе мегирифт ва баъд харидори дигар меомад, дар айни замон ҳамсояи ӯ чизе нафурӯхта бошад, ин фурӯшанда ба он харидор ба нармӣ мегуфт: *"Ба назди ҳамсоям бирав ва туро ҳар чӣ даркор аст аз ӯ бихар, зеро ман аллакай ягон чиз фурӯхтам, аммо вай ҳанӯз не."*

Ё Аллоҳ, зиндагӣ чӣ қадар зебою ширин мешавад, чун ин гуна

бародариву ҳамдардӣ эҳсос карда мешавад! Одамон чӣ хел хушбахт мешаванд, чун миёни онҳо рӯҳи ислом паҳн шуда, дар муносибатҳояшон арзишҳои он нақши асосиро мебозанд! Дар чунин мавридҳо онҳо дар қуллаи баланде зиндагӣ хоҳанд кард. Инсон ин қулларо фақат дар ҳимояи ин дин қарор гирифта, фатҳ намуда метавонад. Ин дин бошад, ба ӯ таълим медиҳад, ки дин садоқат аст ва ӯ то даме ки ба бародари худ он чиро, ки ба худ мехоҳад, хоста натавонад, имони ҳақиқӣ оварда наметавонад.

Барои саҳобаи машҳур Абӯҳурайра (р), маҳз ҳамин қонунҳои олии муҳаббат муносибатҳои самимона нуқтаи асосӣ ҳисоб мееёфтанд. Абӯҳурайра ҳар замон мегуфт:

***"Мӯъмин оинаи бародари худ аст, агар ӯ дар он ягон нуқсоне бубинад, ислоҳ мекунад."***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л-муфрад".**

Абӯҳурайра (р), чунин гуфта, нишондодҳои расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро, ҳамеша дар хотир мегирифт. Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«المُؤْمِنُ مِـرْآةُ أخِيـهِ، والمُؤْمِنُ أخــو المُؤْمِنِ، يَكُفُّ عليْـهِ ضَيْعَتَـهُ ويَحوطُهُ مِنْ ورائِهِ»

***"Мӯъмин оинаи бародари худ аст ва мӯъмин бародари мӯъмин мебошад: вай роҳ намедиҳад то ӯ нобуд шавад, ӯро аз пас паноҳ мешавад."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Табиист, ки мусулмони воқеӣ ва содиқ бо бародарони худ маҳз аз ҳамин мавқеи оливу баланд муносибат мекунад. Дигар хел муносибат ҳам карда наметавонад, ҳатто агар инро хоҳад ҳам, зеро инсоне, ки дар ин гуна ҷаҳони (маънавии) оливу рӯшан зиндагӣ мекунад, аллакай наметавонад, ки то ба дараҷаи худбинӣ, худпарастӣ ва қонеъ гардонидани танҳо манфиатҳои шахсӣ поин билағжад, зеро аз зарф ҳамон чиз хоҳад таровад, ки дар зарф буд, гулҳо ба атроф ба ҷуз накҳати хуш чизи дигаре паҳн намекунанд, дар замини хуб ҷуз гиёҳе хуш намерӯяд.

Шоир хуб гуфтааст:

**Магар гиёҳро чизи дигар ба ҷуз пайванди авлодӣ метавонад кӯмак кунад, ки бисабзад,**
**Магар дарахти хурморо ба ҷуз он ҷо ки хоҳад сабзид, дар ҷои дигар мешинонанд?**

**Зуҳайр ибни Абу Сулма**

Дар ҳақиқат ислом пайравони худро таълим медиҳад, ки бо дӯстонашон садоқатманду накӯкор бошанд. Ин чиз ба дӯстони волидон низ тааллуқ дорад, ки дар боби "Мусулмон бо волидон" қайд гардид. Мусулмон аз он сабаб чунин рафтор мекунад, ки манзалати садоқатмандиро басо қадр менамояд ва нигоҳ доштани робитаи бародариву дӯстиро кори басо муҳим меҳисобад. Дар китобҳое, ки ба мероси таърихии мо бахшида шудаанд, аз ҳаёти ниёгонамон оид ба зоҳир карда шудани накӯкорӣ ва садоқатмандӣ мисолҳои фаровон оварда шудаанд, ки ин дар ҳақиқат ҷамъияти беҳтарини барои одамон сохташуда ба ҳисоб меравад.

Ҳадиси зерин, ки имом Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ аз суханони Ибни Умар (р), овардааст, ба ин мавзӯъ дахл дорад. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: «إنَّ أبَرَّ البِرِّ أنْ يَصِلَ الرَّجُلُ وُدَّ أبيهِ»

***"Ба дурустӣ, ки дараҷаи олии эҳтиром робита доштани инсон бо онҳое мебошад, ки падараш дӯст медошт."***

Абдуллоҳ ибни Динор нақл кардааст, ки боре шахсе аз бадавиён бо Абдуллоҳ ибни Умар (р), дар роҳи Макка вохӯрд. Абдуллоҳ ибни Умар салом гуфт ва ӯро дар маркаби худ нишонд ва саллаи худро аз сараш гирифта ба ӯ тӯҳфа кард.

Ибни Динор гуфт:

*"Пас мо ба ӯ гуфтем, ки: "Аллоҳ корҳои туро дуруст кунад! Охир ин бадавист, ки ба ӯ андакаш ҳам кифоят мекунад!" Абдуллоҳ ибни Умар дар ҷавоб гуфт: "Дар ҳақиқат Умар ибни Хаттоб[19] (р), падари ин шахсро дӯст медошт. Ман шунидам, ки расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:*

«إنَّ أبَرَّ البِرِّ صِلَةُ الرَّجُلِ أهْلَ وُدِّ أبيهِ»

***"Ба дурустӣ, ки дараҷаи олии эҳтиром, ин робита доштани одам бо аҳли оилаи онҳое мебошад, ки падараш онҳоро дӯст медошт."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) аз хусуси қалби мусулмонон ҳамеша ғамхорӣ менамуд ва кӯшиш мекард, ки дар лаҳзаи муносиб, чун бо фармоишоту дастуроти худ ба онҳо мурочиат кардан лозим меомад, дар дилҳои ишон тухми садоқат бикорад.

Дар хабар аст, ки боре ба назди ӯ аз қабилаи бани Салам шахсе омад ва пурсид:

يا رسول الله هل بقي من برّ أبويّ شيءٌ أبرّهما به بعد موتهما؟ فقال:

«نَعَمْ، الصَّلاةُ عليهما ، والاستِغفارُ لهما، وإنْفاذُ عَهْدِهما مِنْ بَعْدِهما، وصِلَةُ الرَّحِمِ التي لا تُوصَلُ إلاّ بهما، وإكرامُ صَدِيقِهما»

*"Ё расулаллоҳ, ман метавонам, ки нисбат ба волидонам баъд аз маргашон низ эҳтироми худро як навъ зоҳир намоям?" Ӯ ҷавоб дод:* ***«Бале, агар барои ишон дуое, бикунӣ[20], мағфирати (гуноҳони) онҳоро талабӣ, пиёзу нияти онҳоро баъд аз даргузашти онҳо ба иҷро расонӣ, бо онҳое, ки ту фақат бо воситаи волидонат робита доштӣ, муносибат кунӣ ва дӯстони онҳоро эҳтиром намоӣ."***

**Абу Довуд ва Ибни Моҷа, ҳамчунин Ибни Ҳаббон дар "Саҳеҳ"-и худ.**

Аммо Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба дӯстӣ он қадар содиқ буд, ки ин чиз гоҳо модари мӯъминон Оишаро (р), озурда мекард, зеро Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) нисбат ба дугонаҳои Хадича низ меҳрубонӣ зоҳир менамуд ва Оиша рашк мебурд. Аз ин хусус худи ҳазрати Оиша нақл кардааст:

***"Ман ба ягон нафар аз занони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин қадар рашк намебурдам, магар ба Хадиҷа (р), ки дар умрам ягон маротиба надидаам! Вале пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ӯро ҳар замон ба ёд меовард. Гоҳо чунин воқеъ мешуд, ки вай гӯсфандеро сар зада, ба ҳиссаҳо ҷудо менамуд ва баъд онро барои дугонаҳои Хадиҷа мефиристод. Ман ба вай мегуфтам, ки: "Метавон чунин фикр кард, ки ба ҷуз Хадиҷа дар олам зане набуд!" Аммо ӯ дар ҷавоб ба ман мегуфт:***

«إنّها كانَتْ وكانَتْ، وكانَ لي مِنْها وَلَدٌ»

***"Ба дурустӣ, ки вай чунин буд ва чунон буд ва ман аз ӯ фарзандон доштам!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки Оиша, (р), гуфт:

«وإنْ كان لَيَذْبَحُ الشَّاةَ، فَيُهْدي في خَلائِلِها مِنْها ما يَسَعُهُنَّ»

***"Чун гӯсфандеро сар мезад, саховатмандона ба дугонаҳои ӯ мебахшид."***

Дар ҳақиқат ин тимсоли садоқати исломист, ки бо он ягон садоқати дигарро наметавон муқоиса кард, зеро ин чиз чун то ба дӯстони дури волидон ва зани фавтида низ дахл дорад, чӣ ҷои сухан аз

хусуси дӯстони наздик, ки ҳоло дар қайди ҳаётанд?!

Тибқи муқарароти шариат ҳангоми ба бародари худ кӯмак расонидани инсон муҳаббат, самимият, меҳрубонӣ ва садоқат дар ҳама гуна шароит ҳатман бояд зоҳир шаванд. Дар айни замон ба бародар ҳангоми ҳақ будани ӯ низ кӯмак бояд кард, дар ин маврид дар мавқеи ӯ истодан, ӯро ҷонибдорӣ ва ҳимоя кардан шарт аст, ҳамчунин чунин кӯмак ҳангоми ҳақ набудани ӯ зарур мебошад, аммо дар ин маврид кӯмак ба ӯ аз додани маслиҳати хуб иборат буда, ӯро аз дурӯғ ва беадолатӣ боздорад. Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз ба ҳамин чиз одамонро даъват карда, гуфтааст:

«لِيَنْصُرِ الرَّجُلُ أَخَاهُ ظَالِماً أَوْ مَظْلُوماً؛ إِنْ كَانَ ظَالِماً فَلْيَنْهَهُ، فَإِنَّهُ لَهُ نَصْرٌ، وَإِنْ كَانَ مَظْلُوماً فَلْيَنْصُرْهُ»

***"Бигзор инсон бо бародари худ новобаста аз он ки ӯ золим аст ё мазлум кӯмак расонад. Агар ӯ золим бошад, бигузор ӯро боздорад, то ин барои ӯ кӯмак шавад, аммо агар бар ӯ зулм кунанд, бигузор ӯро кӯмак кунад"***

**Муслим.**

Мусулмони ҳақиқӣ бародари худро новобаста аз он ки золим аст ё мазлум тарк намекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ислом ӯро таълим додааст, то ӯ ба бародараш он чиро хоҳад, ки ба худ мехоҳад ва азбаски ӯ на золим будан мехоҳад ва на мазлум, пас ин чизро барои бародараш намехоҳад. Ана барои чӣ вай ҷонибдори бародараш мешавад, чун бародараш ҳадафи зулм қарор бигирад, ба ӯ кӯмак расонида ҳимоя мекунад ва чун бародараш нодуруст рафтор намояд, ӯро аз беадолатӣ бозмедорад. Ин аст самимияти воқеъӣ ва меҳрубонии ҳақиқии мусулмони асил, накӯкор ва садоқатманди зери таъсири ислом ташаккул ёфта. Инҳо ҳама ӯро дар куҷое бошад, тарк намекунанд.

## Вай бо бародарони худ меҳрубон аст

Мусалмони асил, ки муқарароти дини худро аз худ карда, арзишҳои ӯро ба инобат мегирад, бо бародарони худ дар муомила нарм аст, ба онҳо меҳрубон буда, ишонро дӯст медорад, чунонки ӯро дӯст медоранд. Вай дар чунин рафтори хеш фармоишоти исломро ба эътибор мегирад, ки одамонро ба қабули сифоти ахлоқи ҳамида

водор месозанд.

Аллоҳи Азза ва Ҷалла дар бораи мӯъминон гуфтааст:

﴿أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلْكَٰفِرِينَ﴾

***﴿...дар баробари мӯъминон фурӯтананд ва дар баробари кофирон сахтгир...﴾***

**"Моида", 54.**

Ин нармдилӣ, фурӯтанӣ ва кӯшиши муносибати хуб доштан бо бародарони ҳамдини худ ба ҳадди ниҳоии худ расида, аз рӯи моҳияташон ба чизе бештар аз фурӯтанӣ табдил меёбанд.

Дар баробари ин маълум аст, ки дастуроти олии пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам мусулмонро ба меҳрубонӣ боисрор водор сохта, ӯро зебу зиннати ҳама чизи ин зиндагӣ эълон доштаанд. Суханони зерини Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ба ин чиз далолат мекунанд:

«إِنَّ الرِّفْقَ لا يكونُ في شَيْءٍ إلاّ زانَهُ، ولا يُنْزَعُ مِنْ شَيْءٍ إلاّ شانَهُ»

***"Ба дурустӣ, меҳрубонӣ бо ҳар чизе, ки омехта нагардад, вай албатта бо худ ӯро зинат мебахшад, аммо ҳама чизе, ки аз меҳрубонӣ маҳрум аст, ҳатман бемаънӣ мешавад."***

**Муслим**

Дар бораи шахсияти Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам мусулмон бо саргузашти ӯ шинос шуда, метавонад тасаввуроти комил пайдо намояд. Аз ин саргузашт маълум мешавад, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам таҷассумгари меҳрубонӣ, фурӯтанӣ, олиҳимматӣ ва хушахлоқӣ буд, ҳаргиз сухани номақбул ба забон намеовард ва ягон мусулмонро лаънат намекарду дашном намедод. Анас, (р), ки хидматгори пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам буд ва муддати зиёде аз пайи ӯ рафтааст, аз хусуси ахлоқи олӣ доштани ӯ чунин мегӯяд:

«لَمْ يَكُنْ رسولُ الله ﷺ فاحِشاً ولا لَعَّاناً ولا سَبَّاباً، كان يقولُ عِنْدَ المَعْتَبَةِ: ما لَهُ تَرِبَ جَبِينُهُ؟»

***"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ҳаргиз сухани беадабона ба забон намеовард, касеро лаънат намекард ва дашном намедод, аммо чун касеро мазаммат кардан мехост, мегуфт: "Ӯро чӣ шудааст, бигузор ҷабинашро хок пӯшад?!"***

**Ал – Бухорӣ**

## Вай онҳоро ғайбат намекунад

Мусулмони асилу содиқ аз мазаммат намудани бародарону дӯстони худ худдорӣ мекунад, дар ҳаққи онҳо бедодӣ ва ғайбат намекунад, зеро медонад, ки ғайбат кардани одамон тибқи фармоишоти Қуръон мумкин нест:

﴿وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا ۚ أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُ ۚ وَاتَّقُوا اللَّهَ ۚ إِنَّ اللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ﴾

***﴿...ва якдигарро ғайбат макунед! Аз Аллоҳ битарсед, ба дурустӣ, Аллоҳ тавбапазиру меҳрубон аст!﴾***

**“Ҳуҷурот”, 12.**

Дар ҳақиқат, дили ҳассоси мусулмоне, ки тибқи муқаррароти ислом амал ва қоидаҳои олии ахлоқии онро риоя менамояд, вақте мебинад, ки Қуръони маҷид инсони ғайбаткунандаро чӣ гуна тасвир кардааст, албатта, ба ларза меояд, зеро аз паси дигарон бадгӯӣ карда, вай худреро анҷом медиҳад, ки бо хӯрдани гӯшти бародари фавтидаи худ баробар мебошад. Мусулмон ин манзараро тасаввур намуда, ҳамоно ба худотарсӣ бармегардад, ки дар поёни оят Аллоҳ қайд намудааст. Мусулмон агар чунин гуноҳ содир карда бошад, ба Аллоҳ бо тавбаи содиқона мурочиат мекунад ва минбаъд низ забони худро бозмедорад, то дар бораи бародарони худ ба ҷуз хубӣ чизи дигар нагӯяд, зеро вай суханони Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро низ дар хотир дорад, ки боре одамонро пурсида буд:

«أَتَدْرُونَ ما الغِيبَةُ؟ قالوا: اللهُ ورسولُه أَعْلَمُ، قالَ: ذِكْرُكَ أخاكَ بما يَكْرَهُ، قيلَ: أفرأيتَ إنْ كانَ في أخي ما أقولُ؟ قالَ: إنْ كان فيه ما تقولُ فقدِ اغْتَبْتَهُ، وإنْ لَمْ يَكُنْ فيهِ فقدْ بَهَتَّهُ»

***“Оё медонед, ки ғайбат чист?” Онҳо ҷавоб доданд: “Аллоҳу расули Вай дар ин бора беҳтар медонанд”. Вай гуфт: “Ин бародари худро тавре ба хотир овардани ту, ки ӯро писанд нахоҳад омад”. Кадоме пурсид: “Агар бародари ман дар ҳақиқат чунон бошад, ки ман гуфтам?” Вай гуфт: “Агар ӯ дар ҳақиқат чунон аст, ки ту мегӯӣ, пас ту дар ҳақи ӯ бадгӯӣ мекунӣ, агар чунин нест, пас ту бар ӯ тӯҳмат мезанӣ!”***

**Муслим**

Дар ҳақиқат мусулмони худотарс ҳам аз бадгӯии ошкоро ва ҳам

аз бадгӯии пинҳонӣ ҳазар мекунад, то ҳаргиз ба касе монанд нагардад, ки гӯшти бародари худро хӯрда бошад ва мекӯшад, ки дуртар бигрезад, то забонаш ӯро ба ҷаҳаннам наандозад. Аз чунин чиз Муъоз (р) огоҳ кардааст: *Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) боре забонашро бо ангуштонаш дошту гуфт:*

«كُفَّ عليكَ هذا»، فقال مُعاذ: يا نبيَّ الله، وإنا لَمُؤاخَذُونَ بما نتكلَّمُ بهِ؟ فقال النبي ﷺ «ثَكِلَتْكَ أُمُّكَ، وهَلْ يَكُبُّ النَّاسَ في النَّارِ على وُجوهِهِمْ، أو قال: على مَناخِرِهِمْ، إلاّ حَصائِدُ ألْسِنَتِهِمْ؟»

***"Инро боздоред!"*** *Муъоз пурсид: "Ё расулаллоҳ, оё барои ин чӣ, ки мо мегӯем, аз мо ситонида хоҳад шуд?" Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хитоб кард, ки:* ***"Модарат аз ту ҷудо бод, магар одамонро ба ҷуз суханони тӯҳматангезашон боз барои чизи дигаре ба оташ меандозанд?!"***

**Ибни Моҷа**

Дар ҳақиқат, ғийбат хислати бад мебошад, ки мардони ҳақиқиро хос нест. Ин хислати мардони буздил, аз қабили мардумони дурӯя аст, ки дар ҳақи дӯстону бародаронашон дар назди дигарон бадгӯӣ мекунанд, аммо чун бо худи эшон вомехӯранд, ба онҳо табассум карда, дӯстию муҳаббаташонро изҳор менамоянд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки мусулмони асил аз бадгӯиву дурӯягӣ худро аз ҳама дуртар бозмедорад, зеро ислом ӯро таълим додааст, ки ҷавонмарду росткор бошад, дар гуфтору кирдори ӯ муҳаббати парҳезгориро талқин намудааст. Ислом дар ӯ нисбат ба хислатҳои мунофиқӣ, дурӯягӣ ва беҷуръатӣ на фақат душманӣ, балки нафрат низ парваридааст, зеро одамони дурӯяро ислом аз ҷумлаи бадтаринҳо дар назди Аллоҳ ҳисобидааст. Дар ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мегӯяд:

«تَجِدُ مِنْ شِرارِ النَّاسِ يَوْمَ القِيامَةِ عِنْدَ اللهِ ذا الوَجْهَيْنِ، الذي يَأتي هؤلاءِ بِوَجْهٍ، وهؤلاءِ بِوَجْهٍ»

***"Рӯзи Растохез ту мебинӣ, ки миёни бадтарин одамон дар назди Аллоҳ дурӯя меистад. Вай ба назди яке бо як рӯ, ба назди дигаре бо дигар рӯ меояд."***

**Ал – Бухорӣ, Муслим ва дигар муҳаддисон**

Ба дурустӣ, ки мусулмони ҳақиқӣ фақат як рӯ дорад, на ду рӯ. Ва ин рӯ дурахшону муборак аст. Бо ин рӯ вай на фақат ашхоси

муайянеро, балки тамоми одамонро истиқбол мегирад, зеро вай хуб медонад, ки дурӯягӣ таҷассумгари мунофиқист. Исломy мунофиқӣ бо ҳам нестанд. Вай медонад, ки одами дурӯя мунофиқ асту ҷои мунофиқ қаъри ҷаҳаннам мебошад.

## Вай бо эшон ба баҳс намедарояд, аз ҳазли беҷо худдорӣ менамояд ва ба ваъда хилоф намекунад

Яке аз хислатҳои хоси мусалмони асил ин аст, ки вай бародарону дӯстони худро бо баҳсҳои бемаънӣ ба танг намеоварад, бо шӯхиҳои беҷо безор ва ба ваъдаҳои додааш хилоф намекунад. Дар ин маврид ӯ дастури Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ба инобат мегирад, ки гуфтааст:

«لا تُمارِ أخاكَ ، ولا تُمازِحْهُ ، ولا تَعِدْهُ مَوْعِداً فَتُخْلِفَهُ»

***"...Бо бародари худ баҳс макун[22], масхара накун[23] ва ба ваъдаи додаат хилоф макун".***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Ин аз он сабаб гуфта шудааст, ки чунин баҳсҳо бо хушӣ анҷом намепазиранд. Шӯхиҳои беҷо одатан ба нохушӣ мерасонанд, ки одамон якдигарро дигар эҳтиром нахоҳанд кард, ваъдахилофӣ бошад, қалбҳоро озурда месозаду муҳаббатро аз дилҳо берун мекунад. Мусулмони содиқ аз ин ҳама дур аст.

## Вай бародаронашро дар ҳузури худ бартарӣ медиҳад

Мусалмони бофаросат сахист, аммо саховатмандии ӯ бамаврид мебошад. Ин чунин маънидод карда мешавад, ки саховатмандӣ яке аз хислатҳои ҷудонопазири исломист. Ин хислат ба мусалмон зинат бахшида, дар одамон нисбат ба ин шахс муҳаббат мепарварад. Ин хислат дар қалби саҳобагон (р) решаҳои амиқ дошт. Саҳобагон саховатмандиро яке аз корҳои накӯву писандидаи худ меҳисобанд, ки ин дар суханони Алӣ (р) ифодаи худро дарёфтааст:

***"Ба дурустӣ, маро хуш меояд, ки чанд нафар бародарони худро ҷамъ оварам ва ҳамроҳи эшон як ё ду саъ[24] ғизоро ҳисса кунам, ба ҷои он ки ба бозор рафтану ғуломеро озод кардан!"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал - адабу-л-муфрад»**

Гап дар сари он ки чунин вохӯриҳои дӯстонаи самимизӣ миёни бародарони ҳамдин, ки бо якдигар дӯстӣ доранд, имкон медиҳад, то гиреҳи муҳаббат сахттар баста шавад, ин амал рӯҳияи ҳамдардиро миёнашон мустаҳкам мекунад ва ҳаёташон аз накҳати хуши ҳамдигарфаҳмӣ лабрез мегардад. Ба одаме, ки дар шароити чизпарастии имрӯза тарбия гирифта, фақат ғами худро мехӯраду аз паи таъмин кардани талаботи шахсияш аст, ин чиз намерасад ва аз ин сабаб ӯ як берӯҳӣ эҳсос намуда, аз беобурангии ҳаёт азият мекашад, нарасидани (эҳсоси) дӯстӣ ва набудани дӯстони содиқро ба сахтӣ таҳаммул мекунад.

Чунин бӯҳрони эҳсосот, ки инсон дар Ғарб аз сар мегузаронад ва дар қалби ӯ сарчашмаи ҳиссиёти инсониро мехушконад, дар навбати аввал диққати адибони мусулмон ва низ ғайримусулмони ба он ҷо ҳиҷраткардаро ба худ мекашад. Онҳо мебинанд, ки ҷараёни чизпарастии ҳаёт дар ҷамъиятҳои ғарбӣ ботини тарбиятёфтаи инсонро аслан шуста мебарад ва ӯро ба як махлуқи роботмонанде табдил медиҳад, ки дар зиндагӣ ба ғайр аз меҳнати вазнин, истеҳсолот ва рақобати сахте ба хотири неъматҳои моддӣ ба даст овардан, чизи дигареро намедонад. Дили вай барои дӯсташ шодӣ намекунад, дар лабонаш табассум нест, то барои рафиқаш муҳаббат изҳор намояд, зеро дар талотуми шитобу ташвишҳо бозмонда, ошуфта мешавад. Ин ҳама аз назари одамоне, ки аз маънавиёти ин дин нафас кашида, тавассути он қалбҳояшон аз муҳаббат нисбат ба инсоне, ки бародараш ҳисоб меёбад, лабрез шудааст, пинҳон намемонад. Онҳо инро дида, мардуми дар Ғарб зиндагикунандаро ба муҳаббат, бародарӣ ва шинохти якдигар даъват мекунанд. Масалан, ливои ин даъвати башардӯстонаро Насиб Арид баланд афрохта, ба одами ғарбӣ, ки дилашро занги чизпарастӣ пӯшидааст, чашмаш аз ин парастиш нобино шудааст ва гӯшаш ба ҷуз садои мошин чизи дигареро намешунавад, рӯ оварда, гуфтааст:

**Эй азизи ман, дӯсти ман, рафиқи ман,**

**муҳаббати ман бо найранг қалберо бо даст овардану бори гарони касе шудан нест!**

**Дӯстам, ба ман бо суханони "бародарам!" ҷавоб бигӯ ва такрор бикун ва аз ин гуворотар сухане нест!**

**Агар мехоҳӣ танҳо биравӣ,**

**агар ман туро дигар карда бошам,**

**бирав, вале ту овози баланди маро хоҳӣ шунид:**
**“Эй бародари ман!” – овози муждарасоне!**
**Акси садои муҳаббати ман то бар ту мерасад,**
**ҳар куҷо бошӣ ту,**
**ва ту зебоиву бузургии муҳаббатро дармеёбӣ!**

Ислом одамонро фақат ба мулоқоти бародарона водор накарда, боз талқин намудааст, ки онҳо дар олиҳиммативу саховатмандӣ бо якдигар мусобиқа кунанд, то риштаҳои бародарӣ миёни онҳо мустаҳкамтар гардад ва дар натиҷа одати саховат зоҳир намудан ва барои бародарон пулу мол сарф кардан як чизи доимии хислати онҳо шавад. Ба ғайр аз ин, ин дин эълон намудааст, ки мусулмон вазифадор аст даъвати бародари худро бипазирад ва ҳаргиз онро рад насозад. Саҳобагони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз ҳамин гуна рафтор мекарданд: ба даъвати бародарон ҳамсадо шуда, онро мепазируфтанд. Ба ғайр аз ин онҳо чунин меҳисобиданд, ки ҷавоб гуфтан ба даъват дар нисбати бародар қарз аст ва онро бояд адо кард. Дар ин кор ҳама гуна кӯтоҳиро сарфи назар бояд намуд, то гуноҳ нашавад. Аз ин хусус мазмуни ҳадисе далолат медиҳад, ки имом ал – Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад” овардааст:

Дар хабар аст, ки Зиёд ибни Анъом ал – Ифриҳ гуфт:

*“Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муъовия, (р), мо дар юриши баҳрие иштирок кардем, ки киштии мо ба киштии Абу Айюб ал – Ансорӣ, (р), наздик омад. Чун таъоми чошти мо тайёр шуд, мо барои ӯ қосид фиристодем ва ӯ ба назди мо омада, гуфт: “Шумо маро вақте даъват кардед, ки ман рӯзадорам, аммо ман вазифадор ҳастам, ки даъвати шуморо бипазирам, зеро шунидам, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«إنَّ لِلْمُسْلِمِ على أخيه سِتَّ خِصالٍ واجبةٍ، إنْ تَرَكَ مِنْها شَيْئاً فقَدْ تَرَكَ حَقّاً واجباً لأخيه عليْهِ: يُسَلِّمُ عليه إذا لَقِيَهُ، ويُجيبُه إذا دَعاهُ، ويُشَمِّتُهُ إذا عَطَسَ، ويَعودُهُ إذا مَرِضَ، ويحضُرُهُ إذا ماتَ، وينصحُهُ إذا اسْتَنْصَحَهُ»

***“Ба дурустӣ, шаш чиз ҳаст, ки мусулмон ҳуқуқ дорад аз бародари худ чашмдор бошад, аммо агар ӯ яке аз онҳоро рад кунад, ин чунин маъно дорад, ки вай аз иҷрои яке аз вазифаҳои худ нисбат ба бародараш даст кашидааст: ҳангоми вохӯрдан бояд салом гӯяд, агар ӯро даъват кунад даъвати ӯро бипазирад, чун атса мезанад, некӣ хоҳад, агар бемор бошад, аёдат кунад, агар бимирад, ҳозир шавад ва агар ӯ масли-***

*ҳат пурсад, маслиҳат диҳад".*

Зиёда аз ин онҳо чунин мешумориданд, ки агар мусулмон даъвати бародари худро беузр рад созад, ин чунин маъно дорад, ки ӯ ба амри Аллоҳ ва Расули Ӯ итоат намекунад. Ба ин чиз суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ишорат мекунанд, ки гуфтааст:

«شَرُّ الطَّعامِ طَعامُ الوَليمةِ، يُمْنَعُها مَنْ يأتيها، ويُدْعَى إلَيْها مَنْ يَأباها، ومَنْ لَمْ يُجِبِ الدَّعْوَةَ فقَدْ عَصَى اللَّهَ ورسولَهُ»

***Бадтарин таъом ҳамон аст, ки ба шахси дар тӯй ҳузурдошта дода нашавад ва даъват мекунанд онеро, ки онро рад мекунад, аммо оне ки даъватро рад кард, ӯ ба Аллоҳ ва Расули Вай итоат накардааст!"***

**Муслим**

Бародарӣ аз рӯи эътиқод шиор ё худнамоӣ ба хотири тарғибу ташвиқ нест. Ин пайванди муқаддас мебошад, ки иҷрои вазифаҳои муайяну риояи ҳуқуқҳои муайянро талаб менамояд. Ин чиз ба онҳое, ки ба Аллоҳу рӯзи Қиёмат имон оварда, ҳақиқати исломро ба таври бояду шояд аз худ кардаанд, маълум аст. Мо таъсири чунин эътиқод ва меваи чунин омӯхтанро дар рафтори ансориён мебинем. Онҳо намунаи олии муҳаббат доштан ва бартариву имтиёз бахшидан ба бародарони муҳоҷирро нишон додаанд – чун ба назди онҳо муҳоҷирон ба хотири ҳамдин будан ташриф оварданду аммо чизе надоштанд, ансориён ба онҳо ҳама чизи худро бахшиданд, баъзе ҳатто бо бародарашон гуфтанд: *"Инак пулҳои ман, нисферо ба худ бигир!"* Муҳоҷир бошад, ба чунин изҳори эҳсоси бародари ансории худ бо чизи беҳтар аз он ҷавоб гардонида, гуфт: *"Аллоҳ хайри чизу хонадони туро диҳад! Ман ба ин чиз тамоман ниёз надорам. Ба ман фақат роҳи бозорро нишон диҳанд, то ман ба кор оғоз кунам."*

Чунин ҳам воқеъ мешуд, ки ансоре агарчи худ дар хона ба ҷуз хӯроки фарзандон чизе надошт, бо вуҷуди ин бародарони муҳоҷири худро меҳмондорӣ мекард, онҳоро дар баробари худ ва фарзандонаш иззату икром намуда, ба занаш мегуфт: *"Фарзандонро бихобон, чароғро хомӯш кун ва ҳар чӣ дорӣ ба меҳмонон бидеҳ ва мо бо онҳо дар сари миз якҷо менишинем ва чунин вонамуд мекунем, ки мехӯрем, дар асл намехӯрем".* Ва зану шавҳар дар паси миз нишаста, бо меҳмон гӯё луқмае хӯрданд ва баъд гурусна хоб карданд. Рӯзи дигар ин ансор дар назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳозир шуд. Пайғ-

амбар салаллоху алайхи васаллам ба ӯ гуфт: «لَقَدْ عَجِبَ اللَّهُ مِنْ صَنِيعِكُما بِضَيْفِكُما اللَّيْلَةَ»

***"Аллоҳро хуш омад, ки шумо имшаб меҳмони худро чӣ тавр пешвоз гирифтед!"***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим**

Ансориён муҳоҷиронро ончунон иззату икром мекарданд ва он қадар тайёр буданд онҳоро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намоянд, ки боре ҳатто ба пайғамбар салаллоху алайхи васаллам гуфтанд: *"Нахлҳоро миёни мову бародаронамон тақсим намо"*. Вай гуфт: *"Не."* Он гоҳ ба муҳоҷирон гуфтанд: *"Шумо ба мо барои ғизо пайдо кардан кӯмак мерасонед, мо ҳосилро бо шумо тақсим мекунем"*, - ва онҳо гуфтанд: *"Фаҳмидем, итоат мекунем!"*

**Ал – Бухорӣ**

Муҳоҷирон ба рафтори ансориён баҳои баланд дода, ба пайғамбар салаллоху алайхи васаллам гуфтанд:

«يا رسولَ اللّهِ، ما رأَيْنا مِثْلَ قومٍ قَدِمْنا عليهِمْ أحسنَ مُواساةً في قَليلٍ ، ولا أحسنَ بَذْلاً مِنْ كثيرٍ، لَقَدْ كَفَوْنا المَؤُونَةَ، وأَشْرَكُونا في المَهْنَإِ، حتّى لقدْ خَشِينا أن يَذْهَبُوا بالأَجْرِ كُلِّه. قالَ: لا، ما أَثْنَيْتُمْ عليهِمْ، ودعَوْتُمُ الله لَهُمْ»

*"Ё расулаллоҳ, мо надидем, ки касе дар рӯзи тангдастӣ ин хел дастгирӣ кунад ва ин қадар зиёд саховатмандӣ зоҳир намояд. Онҳо моро аз меҳнат кашидан халос карданд ва ҳар чизе ки бе кӯшише ба даст омада буд, бо мо тақсим намуданд ва мо хавотир шудем, ки ҳамаи савоб онҳоро насиб хоҳад шуд!"* Вай гуфт: ***"Не, то замоне, ки шумо онҳоро ташаккур мегӯед ва барояшон бо дуо ба Аллоҳ муроҷиат мекунед (чунин нахоҳад шуд)"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал-адабу-л – муфрад",**
**Аҳмад, Абу Довуд, ат – Тирмизӣ ва ан – Нисоӣ**

Бояд гуфт, ки рафтори наҷиби ансориёнро қайд карда, худи Аллоҳ онҳоро таҳсин кардааст. Барои эшон порае аз Қуръони нозил кардаи худро бахшида, чунин ҳодисаи ҷолиби аз худ гузаштанро қайд намудааст ва онҳоро ба сифати намунаи зинда, воқеӣ ва олии аз хасисии қалб озод гардида ҷовидон кардааст.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَالَّذِينَ تَبَوَّءُو الدَّارَ وَالْإِيمَانَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ﴾

***﴿Касе ки то онҳо (дар Мадина) соҳиби хона буду имон овард, ба макони онҳо ташриф овардагонро дӯст медорад аз он чизе ки ба онҳо ризқу рӯзӣ дода шудааст, (ба ташрифовардагон) медиҳад, агарчи худ ниёзманд ҳастанд. Оне ки аз хасисӣ барҳазар аст, аз растагорон (наҷотёфтагон) хоҳад буд.﴾***

**"Ҳашр", 9.**

Нақши барҷастаи ансориён дар Қуръони маҷид барои инсониятe, ки дар пасқӯчаҳои нафсонияту худбиниву хасисӣ гумроҳ шудааст, ҳамеша чун сарчашмаи нур мемонад ва кори онҳо барои даъват кардани одамон ба саховату аз худ гузаштан хидмат хоҳад кард.

Ансориён *(разияллоҳу анҳум)* чун Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) онҳоро бо муҳоҷирон бародархонд кард, дарк карданд, ки бародарӣ дар имон чӣ маъно дорад ва боимонони воқеӣ ҳисоб меёфтанд. Онҳо ба бародарони худ он чиро хостанд, ки ба худ мехостанд, яъне ҳамон тавр рафтор карданд, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) фармуда буд.

Ансориён барои онҳо аз неъматҳои дунёӣ чизеро дареғ надоштанд ва нисфи он чизеро, ки соҳиб буданд, аз сидқи дилу қалби соф ба эшон бахшиданд. Дар оғози муҳоҷират онҳо муҳоҷиронро ҳатто меросхӯрони худ эълон карда, ба қатори онҳо баъзе хешовандонашонро дохил накарда буданд. Онҳо ба он сабаб чунин рафтор намуданд, ки пайванди хешутабориро мустаҳкам созанд. Ба чунин пайванд онҳоро Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) оварда буд. Аз ин хусус дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки ал – Бухорӣ аз суханони Ибни Аббос (р) нақл кардааст. Вай гуфтааст: "*Вақте ки муҳоҷирон ба Мадина омаданд, муҳоҷир баръакси хешовандони ҳамхун ба ансор меросхӯр шуд, зеро пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) онҳоро бо риштаи бародарӣ пайванд сохт, аммо чун ояти* ﴿وَأُولُوا الْأَرْحَامِ بَعْضُهُمْ أَوْلَىٰ بِبَعْضٍ﴾ ***"...хешовандони ҳамхун ба якдигар қаринанд..."* Аҳзоб», 6.** – *нозил гардид, чунин тартиби меросбарӣ бекор карда шуд, вале кӯмак, иззату икром ва дастгирии бародарона боқӣ монд."*

# Вай ба Аллоҳ барои бародаронаш дар ғайбашон низ дуо мекунад

Мусулмони воқеӣ ва асил, касе ки ба худ он чиро мехоҳад, ба бародари худ низ ҳамонро мехоҳад, дар ғайби эшон низ ба Аллоҳ бо дуо рӯ меоварад. Ин далели муҳаббати ӯст, далели софии қалб ва покии ниятҳои ӯ мебошад. Вай ба бародари худ баракат хоста, дар айни замон муҳаббати худро нисбат ба вай ба исбот мерасонад ва дар дилаш гиреҳҳои мавҷуд будаи бародарии беғуборро мустаҳкамтар мекунад. Дар як вақт ӯ хуб медонад, ки ба чунин дуоҳои гарму ҷӯшон маҳз аз он сабаб ҷавоб гардонида мешавад, ки онҳо бо самимияту покии худ фарқ мекунанд. Исботи ин фикр суханони Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) мебошанд. Вай гуфтааст:

«أَسْرَعُ الدُّعاءِ إجابَةً دُعاءُ غائِبٍ لِغائِبٍ»

***"Пештар аз ҳама ҳамон дуоҳо мустаҷоб мегарданд, ки барои ғоиббудагон ба Аллоҳ карда мешаванд."***

**Ал —Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Маҳз аз ин сабаб, вақте ки Умар (р) ба назди расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳозир шуд, то барои ҳаҷи умра иҷозати ӯро бигирад, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хоҳиш кард, ки вай барои ӯ низ ба Аллоҳ дуо кунад.

Дар хабар аст, ки Умар (р) гуфт:

«اسْتَأْذَنْتُ النبيَّ ﷺ في العُمْرَةِ، فأذِنَ، وقال: «لا تَنْسَنا يا أُخَيَّ مِنْ دُعائِكَ»، فقال كلمةً ما يَسُرُّني أنَّ لي بِها الدُّنيا»

*"Ман ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) муроҷиат кардам, ки барои ҳаҷи умра иҷозат диҳад ва ӯ иҷозат дода гуфт:* ***"Ё бародар, вақте ки ба Аллоҳ бо дуоҳои худ муроҷиат мекунӣ, моро фаромӯш масоз!"*** *– ва ман розӣ намешудам, ки бар ивази ин суханон тамоми дунёро соҳиб шавам."*

**Ат – Тирмизӣ**

Ин ғоя дар қалби саҳобагони мӯҳтарам (р) шавқу завқи зиёд пайдо кард ва онҳо аз бародарони худ хоҳиш мекарданд, ки чун дар ҳолате қарор бигиранд, барои онҳо низ дуо кунанд. Илова бар ин, бо чунин хоҳиш чӣ мардон ва чӣ занон муроҷиат менамуданд. Ин яке аз далелҳои сатҳи баланде мебошад, ки ҷамъият дар тӯли давраи оличаноби таърихи худ мушарраф шудааст. Ал – Бухорӣ дар "Ал –адабу-л – муфрад" нақлеро аз хабари Сафвон ибни Абдуллоҳ

ибни Сафвон, ки занаш духтари Абу –д-Дардо буд, меоварад.

Сафвон гуфтааст:

*“Ман ба назди онҳо ба Шом омадам, вале дар хона фақат Умм ад-Дардоро пайдо кардам. Абу Дардоро вонахӯрдам. Вай гуфт: “Пас ба Аллоҳ барои мо низ бо дуо муроҷиат намо ва барои мо хайру баракат овар, зеро ба дурустӣ, ки пайғамбар* (салаллоху алайхи васаллам) *ҳар замон мегуфт:*

«إنّ دعوةَ المَرْءِ المسلِمِ مُسْتَجابَةٌ لأَخِيهِ بِظَهْرِ الغَيْبِ، عندَ رَأْسِهِ مَلَكٌ مُوَكَّلٌ، كُلَّما دَعا لأَخِيهِ بخَيْرٍ قالَ: آمين، ولَكَ بِمِثْلٍ»

***“Ба дурустӣ, ки барои дуои мусулмон барои бародараш дар ғоиб будани ӯ фаришта қарор дорад, ки супориши махсус дорад ва ҳар гоҳ ӯ барои бародараш ба Аллоҳ бо дуо муроҷиат карда, барои вай баракат металабад, ин фаришта мегӯяд: “Омин, ба ту низ чунин бодо!”***

Сафвон гуфт:

*“Баъд ман Абу Дардоро дар бозор вохӯрдам ва ӯ ба ман чизе ба ҳамин монанд гуфт, ба суханони пайғамбар* (салаллоху алайхи васаллам) *истинод карда, ҳамон чизро нақл намуд.”*

Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) саҳобагони худро дар рӯҳи ҳамбастагӣ ва ғамхории беғаразона (алтруизм) тарбия намуда, дар ҳар мавриди мувофиқ кӯшиш ба харҷ медод, ки ба онҳо кӯмак расонад, то ғояи бародарии ҳамаро фарогирандаро қабул намоянд, аммо тавре қабул намоянд, ки дар шуури мусулмон ба худпарасти(эгоизм)-и чашмхиракунанда, дилро маҳкамкунанда ва қалбро зангзананда ҷое намонад.

Мисоли рӯшани усули тарбияе, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) барои одамонро ба рӯҳи бародарӣ одам кунонидан ва барои аз қалби эшон нишонаҳои нахустини худпарастиро дур афкандан аз он истифода мебурд, метавонад ин (ҳодиса) бошад: Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба шахсе, ки ба Аллоҳ фақат бо дуои ***“Ё Аллоҳ, фақат марову Муҳаммадро бубахш!”*** муроҷиат намуд, гуфт: «لَقَدْ حَجَبْتَها عَنْ ناسٍ كَثيرينَ»

***“Ту аз ин[27] бисёр касонро маҳрум кардӣ!”***

**Ал – Бухорӣ дар “Ал - адабу-л – муфрад”**

Ва барои ӯ фаҳмонид, ки кӯшиши мусулмоне, ки мехоҳад баракатро дар танҳоӣ ба даст оварад ё дар ҷамъият фақат барои Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) бихоҳад, бо рӯҳи ислом мувофиқ нест. Мӯъмин ҳар он чиро, ки барои худ мехоҳад, барои бародари худ низ бихоҳад.

# Эзоҳ ба боби 8

1. Яъне, оне ки дар қалби худ дар ҷойҳои ба Аллоҳ саҷдакунанда ҳамеша ҳозир аст.

2. Тибқи як тафсир зери мафҳуми ҷудоӣ ин ҷо мурдан дар назар дошта шудааст. Яъне, сухан аз хусуси муносибатҳоест, ки одамонро дар давоми умрашон алоқаманд месозад.

3. Ишора ба изҳори самимонаи эҳсосот аст, на ба эҳсосоти сохта.

4. Яъне, ҳасад бурдан бе бадӣ хостан.

5. Ат -Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳиҳи хуб аст."*

6. Ат -Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳиҳ аст."*

7. Табиист, ки ин ишорае ба он чиз бояд бошад, ки Ӯ ҳар замон табассум мекард.

8. Сухан аз дуоҳои иловагист.

9. *"Салом"* – сулҳ; дуруд. Ҳамин тавр, пайғамбар (Салаллоҳу алайҳи васаллам) мусулмононро ба зарурати нигоҳ доштани сулҳу салоҳ ишора мекунад, ин чиз дар қатори чизҳои дигар одамонро одат мекунонад, то ба якдигар дуруд фиристанд.

10. Яъне, кӯшиш накунед, ки айби дигаронро дониста гиред.

11. Боло бардоштани нархҳо дар ҳолате дар назар дошта шудааст, ки одам ин корро на бо мақсади дар ҳақиқат харидани чизе мекунад, балки ба хотири фиреб додан ё зарар расонидан анҷом медиҳад.

12. Ин ҷо канда шудани робита миёни мусулмонон дар назар дошта шудааст, ки дар натиҷаи он аъзои ҷамъияти мусулмонон аз иҷрои вазифаҳои муайяни худ нисбат ба якдигар даст мекашанд.

13. Мавридҳое дар назар дошта шудааст, ки бе иҷозати фурӯшанда ба савдои харидору вай шахси сеюм шарик шуда, ҳамин гуна маводро арзонтар ё ба ҳамин нарх чизи беҳтареро пешниҳод менамояд.

14. Худотарсӣ бояд дар иҷрои фармудаҳои Аллоҳ ва худдорӣ дар амалҳои манъкардаи Ӯ ифодаи худро дарёбад.

15. Яъне, ҳамин гуна амал, ки барои он чун кӯмак ба бечора савоб раво дида мешавад.

16. Ат – Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси номаълум"*.

17. Номи воҳаи яҳудинишин дар шимоли Мадина, ки соли 628 алорағми онҳо мусулмонон хуруҷ карда буданд.

18. "*Насиҳа*" – ихлос; самимият; хайрхоҳӣ.

19. Яъне падари Абдуллоҳ ибни Умар.

20. Ба Аллоҳ барои волидон дуо кардан дар назар дошта шудааст.

21. Дар як тафсири ин ифода қайд карда мешавад, ки пайғамбар (Салаллоҳу алайҳи васаллам) инчунин гуфта, ба Аллоҳ муроҷиат намудааст, аз Ӯ бо дуо дархостааст, то ин шахс бештар саҷда карда, ба роҳи дуруст бароянд.

22. Ин ҷо баҳси ба ҷанҷол ва душманӣ вобаста буда дар назар дошта шудааст.

23. Яъне, дар шӯхӣ ҳадди худро бояд донӣ.

24. Воҳиди ҳаҷм. Як саъ ба 4,2 литр баробар аст.

25. Яъне, дар нигоҳубини дарахтони нахл кӯмак кардан.

26. Ат – Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳиҳи хуб."*

27. Бахшиш дар назар дошта шудааст.

# 9

# МУСАЛМОН БО ҶАМЪИЯТИ ХУД

## Пешгуфтор

Мусалмоне, ки муқаррароти ин динро аз худ кардааст, табиатан узви фаъоли ҷамъият аст. Ин чунин маъно дорад, ки дар зиндагӣ ба ӯҳдаи ӯ иҷрои вазифаҳои муайяне вогузошта шудааст ва одамоне, ки ину он вазифаро иҷро мекунанд, бо одамони дигар бояд робита дошта бошанд, бо онҳо гуфтугӯ кунанд, муомилаи муайянеро анҷом диҳанд, чизе ба ишон диҳанд ва чизе аз онҳо бигиранд.

Мусалмон фақат бо шарофати ҳамон муқаррароти дини худ, ки аз худ кардааст ва ҳамон хислатҳои оливу наҷиби инсонӣ, ки барои омӯхтанашон ин дин ӯро даъват мекунад ва водор месозад, ки онҳоро [illegible] муҳити муносибатҳои иҷтимоӣ зоҳир нам[illegible] ба маънои томаш узви фаъоли ҷомеъа шуда метавонад.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ шахсияти мусулмоне, ки аз дастуроти Қуръони маҷид илҳом гирифта, аз сарчашмаи суннатҳои поки пайғамбар (саллаллоху алайхи васаллам), оби ҳаётро чашидааст, шахсияти бемислу монанд ҳисоб меёбад ва бо он шахсияте, ки системаҳои ҷамъиятии ҳозираи худи одамон барпонамуда, ташаккул додаанд ё қонунҳои замони кӯҳнаи барои тартиб доданашон файласуфону мутафаккирон заҳмат кашида, ҳисса гузоштаанд, ҳеҷ гуна муқоиса карда намешавад.

Зимни муносибатҳои иҷтимоӣ чунин шахсият дар ҳақиқат ҳам ташаккулёфта мебошад. Ин шахсиятро хислатҳои ахлоқии наҷиби зиёде, ки ислом тавассути оятҳои Қуръони маҷид ва ҳадисҳо нишон медиҳад, ташкил медиҳанд. Мувофиқи ин нишондодҳо аз худ кардани чунин хислатҳо дин ҳисоб меёбад ва эътиқодмандони он мукофот мегиранд. Мусулмоне, ки аз ин чиз рӯй мегардонанд, ҷавоб гуфтанаш лозим меояд. Маҳз бо шарофати дастурамалҳои дар боло қайд кардашуда мусулмони асилро ба як шахсияти намунавии парҳезгору хайрхоҳ ва узви поку бофарҳанги ҷамъият табдил додан имконпазир гардидааст.

Муҳаққиқе, ки ин нишондодҳоро дар нусхаҳои асл пайдо кардааст, фаровонӣ ва ғунҷоиши ҳудуди фаро гирифта ва дақиқии он-

ҳоро дарк намуда, ангушти ҳайрат хоҳад газид, зеро онҳо ягон соҳаи ҳаёти иҷтимоиро беэътибор нагузошта, дар маҷмӯъ ба он қуллаи дурахшону пок ишора карданд, ки фатҳи он қулларо ислом аз ҳар мусулмон интизор мебошад. Агар дар дили мусулмон моҳияти асили ислом тасдиқи худро дарёбад, ба тамоми гӯшаву канори қалби ӯ нишондодҳои оличанобӣ ин дин бирасанд ва ӯ саропо арзишҳои онро қабул намояд, ҳатман он баландиро фатҳ хоҳад кард.

Асоси ин ҳама чизе, ки ҷанбаи иҷтимоии шахсияти мусулмонро ташкил медиҳад, ин аст, ки амрҳои Аллоҳ вобаста ба ахлоқи кас дар ҷамъият ва муносибати ӯ бо одамон бегуфтугӯ бояд ба иҷро расонида шаванд. Меъёрҳои одобу ахлоқи мусулмон дар ҷамъият маҳз аз ҳамин асосҳои муҳимтарини таълимоти исломӣ сарчашма мегиранд. Ин меъёрҳо барои ӯ зебу зиннат мебошанд, мусулмони асил дар асоси мустаҳками онҳо бинои муносибатҳои худро бо одамон поягузорӣ мекунад.

## Ҳақиқатдӯст

Вай бо ҳамаи одамон бидуни истисно ростқавл мебошад, зеро ӯ тавассути дастуроти ислом, ки таъсири амиқи худро гузоштаанд, хуб медонад, ки ростқавлӣ асоси ҳама гуна сифат ва хислатҳои наҷиби ахлоқиро ташкил медиҳад. Бино бар ин ҳақиқатгӯиву садоқат ӯро ба парҳезгорӣ даъват намудааст, ки ҳамаи парҳезгорон ба биҳишт расидаанд. Дурӯғгӯй бошад, инсонро ба гунаҳкорӣ раҳнамун мекунад, ҳамаи нопокшудагон ба ҷаҳаннам мерасанд. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар додааст, ки:

«إنَّ الصِّدْقَ يَهْدِي إلى البِرِّ، وإنَّ البِرَّ يَهْدِي إلى الجَنَّةِ، وإنَّ الرَّجُلَ لَيَصْدُقُ حَتَّى يُكْتَبَ عندَ الله صِدِّيقاً، وإنَّ الكَذِبَ يَهْدِي إلى الفُجورِ، وإنَّ الفُجورَ يَهْدِي إلى النَّارِ، وإنَّ الرَّجُلَ لَيَكْذِبُ حَتَّى يُكْتَبَ عندَ الله كَذَّاباً»

***“Ба дурустӣ, ки ростқавлӣ ба парҳезгорӣ мерасонад, парҳезгорӣ ба биҳишт мебарад ва ба дурустӣ инсоне, ки ҳамеша сухани рост мегӯяд, дар назди Аллоҳ ба ҳайси ҳақиқатгӯтарин навишта мешавад, ба дурустӣ, ки дурӯғгӯӣ ба гунаҳкорӣ мерасонад, гунаҳкорӣ бошад – ба оташи ҷаҳаннам ва ба дурустӣ, инсоне, ки ҳамеша дурӯғ мегӯяд, дар назди Аллоҳ чун дурӯғгӯи ашаддӣ навишта мешавад”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ана барои чӣ мусулмони асил ҳамеша рост мегӯяд ва дар гуфтору рафтори худ аз ростӣ даст намекашад. Инсоне, ки чунин амал дорад, ба дараҷаи баланд мерасад ва сазовор мешавад, ки дар назди Аллоҳ ҳамчун ростқавлтарин инсон навишта гардад.

## Вай фиреб намедиҳад, қаллобӣ намекунад ва аҳди худро намешиканад

Мусулмони ростқавли ба ин дараҷаи олӣ соҳибгардида қаллобӣ намекунад, фиреб намедиҳад ва аҳди худро намешиканад, зеро муҳимтарин шарти ростқавлӣ самимияту адолат, тозагии ботинӣ ва садоқат зоҳир кардан аст, на фиреб додану ҳила кардан, беадолат будану аҳд шикастан.

Ба мусулмони хушфаросат ва ростқавл виҷдон имкон намедиҳад, ки фиреб диҳад ва фиребро таҳаммул кунад, зиёда аз ин фақат аз як худи ин фикр тарсида ба ларза меояд, зеро вай чунин мешуморад, ки ин гуна рафтор карда, ба ислом мансуб будани худро аз даст медиҳад. Мувофиқи таъиноти Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), дар ин хусус хабар дода мешавад, ки:

*Боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз назди маҳсулоти гузошташуда гузар карда, дасти худро ба он ҷо фурӯ андохт ва ангуштонаш эҳсоси намӣ карданд. Вай пурсид:*

«ما هذا يا صاحبَ الطّعام؟» قالَ: أصابَتْهُ السَّماءُ يا رسول الله، قالَ: «أفَلا جعلتَه فوقَ الطّعام حتّى يراهُ النّاسُ! مَنْ غَشَّنا فليسَ مِنّا».

***"Ё соҳиби таъом, ин чист?"*** *Ӯ ҷавоб дод: "Онҳоро борон вайрон кард, ё расулаллоҳ." Он гоҳ вай гуфт:* ***"Пас чаро ту инро аз боло нагузоштӣ, то ба одамон ҳамааш намудор бошад?! Оне, ки қаллобӣ мекунад ба ман нисбате надорад!"***

**Муслим**

Ҷамъияти мусулмонон чунин ҷамъиятест, ки он ҷо меҳру муҳаббат вуҷуд дорад ва миёни одамон самимият ҳукмфармо мебошад, аъзои ин ҷамъият парҳезгору ростқавлу вафодоронанд ва аз ин сабаб он ҷо ба қаллобию фиребу макр, ҳамчунин ба ашхоси ношукру аҳдшикан ҷой нест.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) қаллобӣ, фиреб ва аҳдшиканиро сахт маҳ-

кум карда, бо рад намудани қаллобону аҳдшиканон маҳдуд нашуда, ин гуна ашхосро аз ҳуқуқи мансуб будан ба ҷамъияти мусулмонон дар ин ҷаҳон маҳрум намуда, изҳор кардааст, ки дар Рӯзи Қиёмат ҳамаи аҳдшикастагон ливои аҳдшикании худро бардошта меоянд, садодиҳанда бошад, бо буди овоз ба онҳо ишора карда, диққати дигаронро ба аҳдшикании онҳо ҷалб намуда, дар бораи онҳо сухан мегӯяд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«لِكُلِّ غادِرٍ لِواءٌ يومَ القِيامَةِ، يُقالُ: هذِهِ غَدْرَةُ فُلانٍ»

***"Дар Рӯзи Қиёмат бо ҳар аҳдшикан ливои худаш хоҳад буд ва гуфта хоҳад шуд: "Вай ин гуна аҳдшикан аст"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аҳдшиканоне, ки гумон мекарданд вақт пардапӯши корҳо мешавад, дар Рӯзи қиёмат аҳдшиканиашон дар ҳузури шоҳидон эълон карда мешавад ва онҳо дар douашон ливояшонро бозмедоранду ин ливоҳо бар ин чиз ишора мекунанд, чӣ гуна шармандагӣ эҳсос хоҳанд кард.

Дар ин рӯз онҳо аз Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ки ба шафоаташ дар ин ҳолати даҳшатангез метавон умедвор буд, мешунаванд, ки раҳмати Парвардигор алорағми онҳост, зеро онҳо аҳдашонро шикаста, гуноҳи бузург содир кардаанд ва ин чиз бузургтарин ҷиноят буда, соҳиби гуноҳро аз раҳмати Аллоҳ бенасиб гардонидааст ва умеди ӯро аз шафоати Расули Худованд барбод додааст. Он гоҳ шармандагии эшон ба бадию бешарафии бештар табдил меёбад.

Дар хабар аст, ки расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«قال الله تعالى: ثَلاثَةٌ أنا خَصْمُهُمْ يومَ القِيامَةِ: رَجُلٌ أَعْطَى بِي ثُمَّ غَدَرَ، ورَجُلٌ باعَ حُرّاً فأَكَلَ ثَمَنَهُ، ورَجُلٌ استَأجَرَ أَجِيراً فاسْتَوْفَى منهُ ولَمْ يُعْطِهِ أَجْرَهُ»

***"Аллоҳи Таъоло гуфт: "Дар Рӯзи Қиёмат ман муқобили се нафар ҳастам: (муқобили) инсоне, ки ба номи Ман ваъда карда, хилофи ваъда амал намудааст, (муқобили) инсоне, ки (шахси) озодро фурӯхта, пули барои ӯ гирифтаашро хӯрдааст ва (муқобили) инсоне, ки коргаре киро карда, аз ӯ иҷрои ҳама чизро пурра талаб намуда, вале ҳақи вайро напардохтааст."***

**Ал – Бухорӣ**

Мусулмони асиле, ки ба шарофати ислом соҳиби фаросату маъ-

рифати баланд гардидааст, нисбат ба фиребу қаллобиву аҳд шикастан ва дурӯғ гуфтан ҳар манфиате, ки ваъда накунанд ва ҳар чиз барои инро ба даст овардан имконият гузошта бошад ҳам, ба ҷуз нафрат яғон чизи дигар эҳсос намекунад. Ин чунин маъно дорад, ки тибқи таълимоти ислом чунин сифот мунофиқонро хос аст, мунофиқон бошанд, бегуфтугӯ дар қаъри ҷаҳаннам ҷо мегиранд ва дар Рӯзи Қиёмат ба онҳо касе кӯмак намерасонад.

Аллоҳи Азимушшаън гуфтааст:

﴿إِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ فِي ٱلدَّرۡكِ ٱلۡأَسۡفَلِ مِنَ ٱلنَّارِ وَلَن تَجِدَ لَهُمۡ نَصِيرًا﴾

***﴿Ба дурустӣ, мунофиқон дар фурӯтарин табақоти оташ ҳастанд ва барояшон ҳаргиз ёваре намеёбем.﴾***

**"Нисо", 145.**

Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам бошад, гуфтааст:

«أَرْبَعٌ مَنْ كُنَّ فيه كانَ مُنافِقاً خالِصاً، ومَنْ كانَتْ فِيهِ خَصْلَةٌ منهنَّ كانَ فيه خَصْلَةٌ مِنَ النِّفاقِ حتّى يَدَعَها: إذا اؤْتُمِنَ خانَ، وإذا حدَّثَ كَذَبَ، وإذا عاهَدَ غَدَرَ، وإذا خاصَمَ فَجَرَ»

***"(Оне, ки) чаҳор хислатро соҳиб аст, ба маънои томи ин калима мунофиқ мебошад: аммо касеро, ки лоақал яке аз ин хислатҳо хос аст, яке аз хислатҳои мунофиқро то аз он ҷудо шудан соҳиб мебошад. (Чунин хислатҳоро) касе соҳиб аст, ки хиёнат мекунад, чун ба ӯ бовар мекунанд, дурӯғ мегӯяд, чун аз хусуси чизе қисса мекунад, аҳдшиканӣ мекунад, чун ваъда медиҳад ва (одоби муқаррарнамудаи шариатро) вайрон мекунад, дар ҳолате ки ба касе хилофи назар мекунад."***

**Ал – Бухорӣ ва Муслим**

## ҲАСАД НАМЕБАРАД

Бар хислатҳои нафратовари қайд кардашуда, ки мусалмони парҳезгорро намезебад, боз як хислат – ҳасад бурдан зам мешавад. Аз ин сабаб, Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам аз ҳасад бурдан одамонро огоҳ карда, ба ин чиз ишора намудааст, ки ҳасад дар дили мӯъмин бо имон ба ҳам омада наметавонанд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«لا يَجْتَمِعُ في جَوْفِ عَبْدٍ الإيمانُ والحَسَدُ»

***“Дар дили банда имон бо ҳасад якҷо шуда наметавонанд.”***

**Ибни Ҳаббон**

Нақл мекунанд, ки Дамура ибни Саълаб (р) гуфтааст:

*“Расулаллоҳ гуфт:*

«لا يَـزالُ النّاسُ بِخَيْرٍ ما لَمْ يَتَحاسَدوا»

***“То замоне, ки ба якдигар ҳасад намебаранд, бо одамон ҳама чиз дуруст хоҳад буд.”***

**Ат – Табаронӣ**

Як хислати мусулмони асил ин аст, ки вай қаллобӣ намекунад ва ҳасад намебарад, қалби ӯ аз аҳдшиканӣ ва кинаву адоват озод аст. Агарчӣ вай аз ҷумлаи он бандагон намебошад, ки шабҳоро бо ибодат ба субҳ мерасонанд ва рӯзҳо рӯза медоранд, яъне барои саҷда вақти зиёд сарф намекунад, аммо ҳамин покӣ ӯро ба биҳишт мерасонад.

Имом Аҳмад ва Нисоӣ ҳадисе меоваранд, ки Анас ибни Молик (р) гуфтааст:

*“Боре чун мо бо Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) нишаста будем, вай гуфт:*

«يَطْلُعُ الآنَ عليكُمْ رجـلٌ مِنْ أَهْلِ الجَنَّةِ»

***“Ҳозир ба назди шумо шахсе аз ҷумлаи биҳиштиён меояд” - , баъд аз ин ба назди мо дар ҳақиқат яке аз ансориён омад. Аз риши ӯ об мечакид, зеро ҳамин ҳозир таҳорат карда буд ва шиппакҳои худро дар дасти чапаш медошт. Дар рӯзи дигар низ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ҳамин монанд суханон гуфт ва баъд аз ин он шахс дар ҳузури мо чун бори аввал ҳозир шуд. Рӯзи сеюм пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бори сеюм ҳамин суханонро ба мо гуфт ва он шахс бо ҳамон андоми аввалааш бори дигар дар назди мо ҳозир шуд. Вақте ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) рафт, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос, (р), аз паси он шахс рафт ва бо ӯ гуфт: “Ман бо падарам ҷанҷол кардем ва қасам хӯрдам, ки дар тӯли се рӯз ба назди ӯ нахоҳам омад, агар ту метавонӣ маро дар ин муддат сарпаноҳ деҳ, то ман чунин кунам.” - ва ӯ гуфт: “Оре”.”***

Анас гуфт:

*“Баъд Абдуллоҳ қисса кард, ки бо он шахс се рӯзро гузаронд, аммо надид, ки вай шабҳо лоақал каме ибодат карда бошад. Фақат вақте ки хобидан мехост, дар ҷойгаҳи худ пичиррос зада, Аллоҳи Азза ва Ҷалларо ёд мекарду мегуфт: “Аллоҳу акбар” – ва ин*

*чиз то намози бомдод давом мекард."*

Абдуллоҳ гуфт:

*"Вале ман ба ҷуз шукр нашунидам, ки ӯ чизи дигаре гуфта бошад. Аммо чун се рӯз гузашт, ман ба он чизе, ки ӯ мекард, қариб бепарвоёна нигоҳ мекардагӣ шудам ва гуфтам: "Ё Абдуллоҳ, ман бо падари худ баҳс накардаам, хонаи ӯро низ тарк нагуфтаам, аммо ман шунидам, ки расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам се маротиба гуфт:*

«يَطْلُعُ عليكمُ الآنَ رجلٌ مِنْ أهْلِ الجنَّةِ»

***"Ҳозир ба назди шумо аз ҷумлаи биҳиштиён меояд."*** *Ва баъд се маротиба ту ҳозир шудӣ. Ман хостам, ки дар ҳузури ту шуда, ба корҳои ту назар андозам ва пайравӣ кунам. Лекин ман надидам, ки ту кори савоби зиёд карда бошӣ. Пас ту ба шарофати чӣ он чиро, ки Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт, сазовор шудӣ?" Вай гуфт: "Ман фақат ҳамонро мекунам, ки ту дидӣ." Аммо вақте ки тараддуди рафтан доштам, вай ба ман рӯ оварда, илова кард: "Ман ҳамонро мекунам, ки ту дидӣ, вале боз дар ман хоҳише нест, ки нафаре аз мусулмононро фиреб диҳам ва ман ба оне, ки ӯро Аллоҳ баракат медиҳад, ҳасад намебарам."*

Он гоҳ Абдуллоҳ гуфт:

*"Ин он чизест, ки туро мӯътабар гардонидаасту мо онро наметавонем бикунем!"*

Ин ҳадиси муборак ошкор ишора дорад, ки ҳангоми муайян намудани тақдири инсон дар он дунё набудани нафрат, ҳасад, кинаи ниҳонӣ ва аҳдшиканӣ нақши калон мебозад, инсонро дар назди Аллоҳ мӯътабар мегардонад. Ин нақш ҳангоми муқоиса кардани ин шахс, яъне шахсе, ки ҳатто камтар ибодат намудаасту аммо ба шарофати покизагии ботин ба биҳишт дохил гардидааст ва ба одамон ҳеҷ гуна зарар нарасонидааст, бо он зане, ки аз хусуси ӯ аз Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам суол кардаанд, басо барҷаста намоён мегардад. Ин зан шабҳоро бо ибодат рӯз карда, рӯзҳо рӯза гирифтааст, вале дар айни замон ҳамсоягони худро озор додааст. Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам дар бораи ӯ чунин гуфтааст: «لا خيرَ فيها، هي من أهل النار»

***"Вай манфиате надорад ва аз ҷумлаи дӯзахиён мебошад!"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад"**

Зеро инсоне, ки зарфи ӯ дар тарозуи ислом ҳамеша вазнинтар

аст, шахси оқилу пок буда, агарчи ба кори ибодат бештар вақт сарф наменамояд, қалбаш аз кўшиши фиреб додан, ба ваъда хилоф кардан, ҳасаду кина озод аст. Ин шахс мисли хишти тозаест, ки дар бинои ҷамъияти исломӣ бо дигар хиштҳо мустаҳкам пайваст шудааст. Аммо зарфи оне, ки ба одамон нафрат дорад, ҳасад мебарад, онҳоро меранҷонад ва фиреб мекунад, дар тарозуи ислом сабук мебошад, ҳарчанд вай барои ибодат вақти зиёд ба харҷ медиҳад, зеро чунин шахс дар бинои ҷамъият хишти зудшикану бекорaро мемонад ва дар якҷоягӣ бо чунин хиштҳои дигар барои вайрон шудани ин бино хидмат мекунад. Мусулмони ибратбахшу асил бошад, яъне ҳамон мусулмоне, ки ислом дидан мехоҳад, ба кори ибодат ба таври бояду шояд машғул гардида, қалби соф дорад, бо одамон хуб муносибат мекунад ва аъмоли ботинаш бо аъмоли зоҳираш шабеҳ менамояд. Бо шарофати ҳамин гуна мусулмон ва ҳаммонандони ў бинои ҷамъияти қавии исломӣ дуруст бунёд мешавад, чунонки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тасвир намудааст: ***"мисли бинои хушсохтест, ки қисматҳои ҷудогонааш якдигарро мустаҳкам менамоянд"***. Ана чӣ ҷамъияти пешрафта, пок, муттаҳид ва тараққикардаро дар худ таҷассум мекунад, ки сазовори ба одамон расонидани фармудаҳои Аллоҳ аст.

## Вай самимона муносибат мекунад

Барои мусулмони асил фақат аз хислатҳои манфури дар фавқ зикршуда орӣ будан кифоя нест. Бар иловаи ин ба хислати ў хусусиятҳои мусбиву қобили қабул хос мебошанд. Ин хусусиятҳо дар муносибати самимонаву сидқӣ нисбат ба ҳар як узви ҷамъияти мусулмон зоҳир мегарданд. Имони ў ин аст, ки худи дини вай ихлосу садоқат мебошад.

Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) динро маҳз ҳамин тавр таъриф кардааст:

«الدِّينُ النَّصِيحَةُ»، قال الصحابة الكرام: لِمَنْ؟ فقال: «للهِ، ولِكِتابِهِ، ولِرَسولِهِ، ولأَئِمَّةِ المُسلِمين وعامَّتِهِمْ»

***"Дин ин ихлос кардан мебошад."*** Одамон пурсидаанд, ки: *"Нисбат ба кӣ?"* Гуфт: ***"Нисбат ба Аллоҳ, Китоби Вай ва ба расули Вай ва пешвоёни мусулмонон ва умуман ба тамоми мусулмонон.»***

**Муслим**

Маълум аст, ки саҳобагони мӯҳтарам ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) барои ибодат кардан, закот додан ва бо ҳар як мусулмон самимӣ будан қасам хӯрдаанд. Аз ин хусус Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) хабар додааст. Ӯ гуфтааст:

«بايَعْتُ رسولَ الله ﷺ على إقامِ الصَّلاةِ وإيتاءِ الزَّكاةِ والنُّصْحِ لِكُلِّ مُسْلِمٍ»

*"Ман ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) қасам ёд кардаам, ки намоз мегузорам, закот медиҳам ва бо ҳар як мусулмон самимӣ муносибат мекунам."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Худи далели он ки дар қасами ин саҳобаи акрами Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) самимият ва садоқат баробар бо намозу закот ёд карда мешавад, ба он чиз ишорат мекунад, ки самимият дар қатори аъмоли дигари мусулмон мақоми баланд дорад ва аз он хусус гувоҳӣ медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани тақдири инсон дар ҷаҳони дигар ихлосу самимияти вай чандон нақши охиринро намебозад. Ин чунин маъно дорад, ки муносибати самимона нисбат ба ҳамаи мусулмонон яке аз хусусиятҳои ҷудонопазири хислати мусулмони содиқатманду парҳезгор, мусулмоне мебошад, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад то дар Рӯзи Ҳисоб оқибати кори Ӯ нек гардад.

Дар ҷаҳони боқӣ барои муайян кардани тақдири мусулмон дараҷаи самимияти ӯ нисбат ба дигарон ҳамчунин дар ҳолате бештар муҳим мегардад, ки агар вай бар мусулмонон ҳокимияте дошта бошад. Зеро дар ин маврид ин хислат калиде мешавад, ки тавассути он ӯ метавонад ба биҳишт дохил гардад. Агар инсон аз чунин хислат маҳрум бошад, дар ҷаҳони боқӣ дарҳо ба рӯи ӯ баста мешавад. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«ما مِنْ عَبْدٍ يَسْتَرْعِيهِ اللّهُ رَعِيَّةً، يَموتُ يومَ يَموتُ وهوَ غاشٌّ لِرَعِيَّتِهِ، إلاّ حَرَّمَ اللّهُ عليهِ الجَنَّةَ»

***"Аллоҳ барои ҳамон банда, ки раияти худро ба парастории ӯ додаасту ва то рӯзи мурдани худ онҳоро фиреб медиҳад, биҳиштро мамнӯъ мегардонад"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигар хабар дода мешавад, ки расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

وفي رواية: «فلَمْ يُحِطْها بنُصْحِهِ لَمْ يَجِدْ رائِحَةَ الجَنَّةِ»

*"...ва оне, ки бо онҳо муносибати самимона надорад, бӯи биҳиштро намешамад".*

Дар нусхаи ҳадис, ки Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ما مِنْ أميرٍ يَلي أُمُورَ المُسْلِمينَ، ثم لا يَجْهَدُ لهمْ ويَنْصحُ لهمْ إلاّ لم يَدْخُلْ معهمُ الجَنَّةَ»

***"Ягон нафари онҳое, ки корҳои мусулмононро идора мекунанд, аммо кӯшиш ба харҷ намедиҳанд, ки барои онҳо коре бикунанд, дар муносибати худ нисбат ба онҳо самимияте зоҳир наменамоянд, ҳамроҳи онҳо ба биҳишт намедароянд.»***

Чӣ қадар бузург аст масъулияте, ки ислом бар ӯҳдаи ҳоким гузоштааст, ҳамчунин масъулияти ҳар шахсе, ки роҳбарӣ кардан бар мусулмононро дар ҳар коре бошад бар ӯҳда мегирад, басо бузург аст. Муносибати самимона доштан ба қавм барои муайян кардани роҳбари мусулмонон дар он Рӯзе, ки одамон дар пешорӯи Парвардигори оламиён меистанд, чӣ қадар нақши муҳим мебозад. Э кошкӣ мо кӯшиш мекардем, то бифаҳмем, ки ҳар кадоми дар доираи муносибатҳои иҷтимоии худ чӣ масъулияте бар ӯҳда дорем. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«كُلُّكُمْ راعٍ وكُلُّكُمْ مسؤولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ»

***"Ҳар кадоме аз шумо шӯбоне мебошад ва ҳар кадоме аз шумо барои қавми худ масъулият дорад".*** Он гоҳ мо мефаҳмем, ки дар ҷамъияти мусулмонон масъулият хусусияти ҳаматарафа, гуногун дорад ва гумон аст одаме пайдо гардад, ки аз ин чиз озод бошад. Маҳз аз ин сабаб ҷамъияти ҳақиқии мусулмонон, ки дар асоси ин қоидаҳо ва арзишҳои аз боло нозилшуда, бунёд ёфтааст, бехатартарин, пок ва рост ҳисоб мееёбад.

## Вай ба масъулияту вазифаҳои худ содиқ аст

Бар замми ин мусулмони ҳақиқӣ, ки дар қалбаш нишондодҳои ислом ҷой гирифтааст, худро боз бо як хислати мусбат зинат мебахшад, ки муҳаббати дигаронро ба ӯ зиёда мегардонад. Ин хислат содиқ будан ба вазифаҳо ва одати ба ваъда вафо намудан мебошад.

Муҳобот нахоҳад шуд, агар бигӯем, ки ин хислат яке аз омилҳои муҳимтарини дар ҷамъияти худ мувофиқ гаштани мусулмон аст ва нисбат ба ҳама гуна хислатҳои дигар аз хусуси инкишофи инсон, мақоми волои ӯ ва дараҷаи тафаккури ҷамъиятии ӯ бештар шаҳодат медиҳад.

Ин гуна мусулмони намунаи олӣ ба ҷумлаи одамоне дохил мешавад, ки ҳамеша ба вазифаҳои худ содиқ мебошанд. Зиёда аз ин вай дар баробари мусулмони асил будан, боз дар ин кор аз дигарон як сару гардан боло меистад, зеро садоқат ба масъулиятҳои худ яке аз хислатҳои асосии ахлоқи исломӣ ба шумор меравад. Чунин хислатро соҳиб будан аз имони ҳақиқӣ доштани мусулмон гувоҳӣ медиҳад ва исботи он аст, ки ӯ исломро ба таври бояду шояд, зиёдтар аз дигарон тарғиб мекунад. Аз ин хусус дар бисёр ояту ҳадисҳо қайд карда шудаанд. Ин ояту ҳадисҳо аз як тараф одамонро ба қабули хислатҳои зикршуда водор намоянд ва ба ин чиз ишора кунанд, ки аз ҷумлаи аломатҳои имон мебошанд, аз тарафи дигар таҳдид бар онҳое ҳастанд, ки аз ин хислатҳо маҳруманд ва исбот бар онанд, ки аз набудани чунин хислатҳо нишонаи мунофиқӣ мебошад.

Масалан, Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَوۡفُواْ بِٱلۡعُقُودِۚ﴾

***﴿Эй онҳое, ки имон овардаед, ба қарордодҳо вафо кунед.﴾***
**“Моида”, 1.**

Аллоҳи Таъоло ҳамчунин гуфтааст:

﴿وَأَوۡفُواْ بِٱلۡعَهۡدِۖ إِنَّ ٱلۡعَهۡدَ كَانَ مَسۡـُٔولٗا﴾

***﴿Ба ваъдаи худ содиқ бошед, зеро барои ваъда пурсида мешавад.﴾***
**“Исро”, 34.**

Ҳамин тавр, ваъда кардан сухани холӣ нест, ки инсон тавонад ҳар гоҳ ки хост ба забон орад ва барои иҷрои он талош наварзад, чунонки бисёр мусулмонон имрӯз маҳз чунин амал мекунанд. Не! Ваъда бо масъулият алоқаманд мебошад ва барои масъулият ҷавоб додан лозим меояд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَأَوۡفُواْ بِعَهۡدِ ٱللَّهِ إِذَا عَٰهَدتُّمۡ﴾

***﴿Агар бо Аллоҳ паймон бастед, ба он вафо кунед...﴾***

**"Наҳл", 91.**

Ин ҷо сухан аз хусуси ваъдаи ба Аллоҳ додашуда мебошад, ки ба ин паймон ҷилои басо муҳим ва пок медиҳад ва ин чунин маъно дорад, ки ба ин ваъда дар ҳама гуна шароит содиқ ва бовафо будан зарур аст.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفْعَلُونَ ۝٢ كَبُرَ مَقْتًا عِندَ ٱللَّهِ أَن تَقُولُوا۟ مَا لَا تَفْعَلُونَ﴾

***﴿Эй онҳое, ки имон овардаед, чаро ба ваъдаи худ вафо намекунед? Бар он чӣ, ки мегӯед ва намекунед, нафрати беандозаи Аллоҳ меояд!﴾***

**«Саф», 2- 3.**

Ҳамин тавр, ба ваъда вафо накардан ва бемасъулиятӣ ғазаби сахти Аллоҳро меоварад. Ӯ дӯст намедорад, ки бандагони баимони Вай чунин бошанд ва намехоҳад, ки онҳо то ба ин дараҷа паст шаванд. Суоле, ки дар ин оят дода шудааст, мусулмони тақводорро водор менамояд, ки дар назди Худои худаш шармандагӣ эҳсос намояд.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бошад, гуфтааст:

«آيةُ المنافق ثلاثٌ: إذا حدَّث كذَب، وإذا وَعَدَ أخلَفَ، وإذا اؤتُمِنَ خانَ».

***"Мунофиқ се нишона дорад: агар чизе мегӯяд, дурӯғ мегӯяд, агар ваъда медиҳад, хилоф мекунад, агар бар ӯ чизеро амонат диҳанд, хиёнат мекунад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***"...агарчи ӯ рӯза мегирад, намоз мехонад ва тасдиқ менамояд, ки мусулмон аст".***

Табиист, ки на фақат иҷро кардани фарзҳои динӣ аз ҷумлаи рӯза, намоз ва ҳаҷ гузоштан барои инсон исботи он мебошад, ки ӯ исломро ба таври бояду шояд пайравӣ мекунад. Исботи ҳақиқии ин чиз сидқан, дар ботин аз худ кардани дастуроту нишондодҳои ислом мебошад. Дар натиҷаи ин вай огоҳи меъёрҳои ахлоқи олӣ, арзишҳо ва нишондодҳои ин дин шуда, амри Аллоҳро ҳаргиз вайрон

намекунад, иродаи ӯро ичро менамояд, аз он чӣ Ӯ манъ кардааст, дур мегурезад ва дар ҳама чиз ба фармоишоти Ӯ итоат менамояд.

Дар натиҷа дар ҳаёти мусулмони асил ва боихлос барои дурӯғ, ваъдахилофӣ ва аҳдшиканӣ ҷой намемонад, зеро ин ҳама хилофи меъёрҳои ахлоқи исломанд ва хоси мардумони мунофиқ мебошанд.

Чунин ҳақиқати талхро ба бисёр савдогарон, истеҳсолкунандагон ва мансабдорон, ки ба одамон дар муддати муайян иҷро карданӣ кореро медиҳанд, аммо ба ваъда хилоф мекунанд, хотиррасон бояд кард ва низ ба хотири онҳое расонд, ки қарордод ба имзо мерасонанду баъд қатъ мекунанд, ба хотири онҳое овард, ки ба онҳо пул, асрор, мерос ё чизи дигар бовар карда мешаванд, аммо онҳо ба чизҳои бовар кардашуда хиёнат менамоянд. Бигузор ин одамон донанд, ки аз ҷумлаи мунофиқонанд, агарчи онҳо рӯза мегиранд, намоз мехонанд ва тасдиқ мекунанд, ки мусулмонанд. Мунофиқон дар қаъри ҷаҳаннам ҷой мегиранд.

## Вай некухислат мебошад

Мусулмони асил хислати накӯ дорад, бо хоксорӣ, нармгуфториаш фарқ мекунад, дар рафтораш муқаррароти исломро сармашқ карда, мисли пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) амал менамояд. Мувофиқи шаҳодати хидматгузори пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) Анас, (р), расулаллоҳ "соҳиби ахлоқи беҳтарин аз тамоми одамон" буд.

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Суханони Анас муҳобот нестанд, вай инро аз рӯи муҳаббаташ ба пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) нагуфтааст. Анас худ шоҳиди ахлоқи бемислу монанди Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) буд. Аз суханони Анас (р) зебогии баъзе тарафҳои хислати ҷаноби пайғамбари исломро меорем. Масалан, вай гуфтааст:

«لقد خدمتُ رسولَ الله ﷺ عشرَ سنين، فما قالَ لي قَطُّ: أفٍّ، ولا قالَ لشيءٍ فعلتُه: لِمَ فعلتَه؟ ولا لشيءٍ لمْ أفعلْهُ: ألا فعلتَ كذا؟»

*"Ман даҳ сол дар хидмати Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) будам ва ӯ дар ин даҳ сол боре ҳам ба ман "Уф!" нагуфт ва ҳар коре, ки карда бошам, боре ҳам напурсид, ки:* ***"Чаро ин корро кардӣ?"*** *ва агар кореро накарда бошам, боре ҳам нагуфт, ки:* ***"Беҳтар мебуд ту ину онро мекардӣ"***.

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин чунин маъно дорад, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ҳаргиз сухани номақбул намегуфт ва кори номақбул намекард. Аз ин хусус Амр ибни Ос, (р), шаҳодат медиҳад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) барои саҳобагони худ ҳар замон ин суханро такрор менамуд:

«إِنَّ مِنْ خِيارِكُمْ أَحْسَنَكُمْ أَخْلاقاً»

***“Дар ҳақиқат беҳтарини шумоён хушахлоқони шумо мебошанд.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вай ҳамчунин мегуфт:

«إِنَّ الفُحْشَ والتَّفَحُّشَ لَيسا مِنَ الإِسلامِ في شَيْءٍ، وإِنَّ أَحسَنَ النَّاسِ إِسلاماً أَحسَنُهُمْ خُلُقاً»

***“Ба дурустӣ, ки суханону рафтори номақбул ба ислом ҳеҷ умумияте надоранд ва ҳар оина, дар ислом беҳтарин шахсон ҳамонҳое мебошанд, ки ахлоқи некӯ доранд”***

**Ат – Табаронӣ, Аҳмад ва Абӯ Аъло**

Дар хабар аст, ки боре пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«إن مِنْ أَحَبِّكُمْ إِليَّ وأَقْرَبِكُمْ مِنِّي مَجْلِساً يومَ القيامَةِ أَحاسِنَكُمْ أَخلاقاً، وإنَّ أَبْغَضَكُمْ إِليَّ وأَبْعَدَكُمْ مِنّي يومَ القِيَامَةِ الثَّرثارون والمُتَشَدِّقون والمُتَفَيْهِقون. قالوا: يا رسول الله، قد عَلِمْنا الثَّرثارُونَ والمُتَشَدِّقونَ، فما المُتَفَيهِقون؟ قال: «المُتَكَبِّرونَ»

***“Ба дурустӣ, ки беҳтарини шумоён барои ман ҳамоне мебошад ва дар Рӯзи Қиёмат бар ман наздиктар хоҳад буд, ки хушахлоқтарини шумо ҳисоб меёбад ва барои ман аз шумоён ҳамоне нафратангезтар ва дар Рӯзи Қиёмат аз ман ҳамоне дуртар хоҳад буд, ки пургӯй асту бо такаббур ҳарф мезанад ва суханфурӯшӣ мекунад.”***

Одамон пурсиданд: “Ё расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба мо “пургӯ” ва “бо такаббур ҳарф мезанад” маълум аст, аммо “суханфурӯшӣ” чист? Вай гуфт: ***“Инҳо мутакаббиронанд”***[1]

**Ат – Тирмизӣ**

Саҳобагон, (р), бошанд пандҳои наҷиби Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам)-ро ба гӯши худ шунида ва бо чашми худ дидаанд, ки пайғамбари ислом ҳангоми муносибат бо одамон чӣ гуна қоидаҳои ахлоқи олиро

риоя менамуд. Онҳо тибқи фармоишоти ӯ амал намуда, дар рафтори худ аз вай ибрат мегирифтанд. Тавассути ҳамин чиз пайравии ибратангези ҷамъияте ба амал омад, ки мисолаш дар таърихи башарият вуҷуд надошт.

Дар хабар аст, ки Анас (р) гуфтааст:

*"Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) инсони раҳмдил буд ва ҳар касе ки ба назди ӯ (бо хоҳише) меомад, вай албатта, қавл медод ва ба қавлаш, он чиро онҳо мепурсиданд агар ин чизро дошта бошад, вафо мекард. Боре, ҳангоме ки оғози ибодат эълон шуда буд, ба назди ӯ бадавие омада, аз бари ҷомааш кашида гуфт: "Аз он чизе, ки маро лозим аст, тамоман кам мондааст ва ман тарс дорам, ки аз ин хусус фаромӯш созам" – ва ӯ бо вай рафта, ҳар чизеро ки вайро зарур буд, анҷом дода, баргашт ва баъд намоз гузорид."*

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Ҳамин тавр, мо дидем, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар он, ки сухани ин бадавиро гӯш диҳад ва ҳар чӣ ӯро лозим аст, иҷро намояд, новобаста аз он ки оғози ибодат эълон шуда буд, ягон чизи бад надид ва новобаста аз он ки бадавӣ аз ҷомаи ӯ кашид ва исрор намуд, то ин кор барои ӯ қабл аз ибодат анҷом дода шавад, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) наранҷид. Гап дар сари он ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) дар асоси қоидаҳои олии ахлоқӣ ҷамъият бунёд карда, дар ибрати шахсии худ ба дигарон нишон дод, ки мусулмон бо бародари исломии худ чӣ гуна муносибат намояд ва барои эшон ҳамон меъёрҳои ахлоқро муқаррар намуд, ки дар ҷамъияти мусулмонон бояд ҳукмрон бошанд.

Агар барои ғайримусулмон хушхулқӣ тарбия ва маълумоти хуб ҳисоб ёбад, барои мусулмон ин мафҳуми қабл аз ҳама бо муқарароти ин дин алоқаманд мебошад, ки хушахлоқиро хислати ҷудонопазири сифоти мусулмон эълон кардааст. Бо шарофати ҳамин чиз мусулмон дар ин ҷаҳон мӯътабар мегардад ва дар ҷаҳони боқӣ ин чиз паллаи тарозуи аъмоли неки ӯро вазнин мекунад, зеро дар Рӯзи Қиёмат барои мӯъминон аз ахлоқи хуштар чизе дар тарозуи аъмолашон вазнинтар буда наметавонад. Дар ин хусус Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфтааст:

«ما مِنْ شَيْءٍ أَثْقَلَ في مِيزانِ العَبْدِ المُؤمِنِ يومَ القِيامَةِ مِنْ حُسْنِ الخُلُقِ، وإنَّ اللهَ يُبْغِضُ الفاحِشَ البَذِيءَ»

***“Дар Рӯзи Қиёмат дар тарозуи мӯъминон вазнинтар аз хушахлоқӣ чизи дигаре буда наметавонад, зеро ба дурустӣ, ки Аллоҳи Таъоло онҳоеро чашми дидан надорад, ки бадахлоқу озордиҳанда мебошанд!”***[2]

**Ат - Тирмизӣ**

Зиёда аз ин ислом хушахлоқиро аломати имони комил донистааст, зеро таъкид шудааст, ки имони комилро одамони бештар хушахлоқ соҳибанд. Дар ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

**«أكْمَلُ المؤمِنِينَ إيماناً أحْسَنُهُمْ خُلُقاً»**

***“Аз мӯъминон имони комилтарро хушахлоқтарини онҳо соҳибанд.”***[3]

**Ат – Тирмизӣ**

Дар ислом хушахлоқон бандагони дӯстдоштаи Аллоҳ эълон карда шудаанд. Аз ин хусус ҳадисе шаҳодат медиҳад, ки аз забони Усома ибни Шурайка нақл шудааст:

**كنا جلوساً عند النبي ﷺ كأنما على رؤوسنا الطير، ما يتكلم منا متكلم، إذ جاءه ناس فقالوا: مَنْ أحبُّ عباد الله إلى الله تعالى؟ قال: «أحْسَنُهُمْ أخْلاقاً»**

*“Мо боре бо пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) тамоман паҳлӯ ба паҳлӯ нишастаем ва ҳеҷ кадоми мо сухане намегуфт. Ногоҳ ба назди ӯ одамоне омада пурсиданд, ки: “Аллоҳи Таъоло кадом бандагонро бештар дӯст медорад?” Вай ҷавоб дод:* ***“Хушахлоқтарини онҳоро.”***

**Ат – Табаронӣ**

Ҷои тааҷҷуб нест, ки Аллоҳ бештар аз ҳама одамони хушахлоқро дӯст медорад, зеро чунонки мо аллакай дидем, ба хушахлоқӣ дар шариати ислом эътибори зиёд дода мешавад ва дар тарозуи банда дар Рӯзи Қиёмат чизе аз ахлоқи некӯ вазнинтар нахоҳад буд. Зиёда аз ин ахлоқи нек ба ибодату рӯза, ки сутуни ислом мебошанд, баробар дониста мешавад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар ин хусус гуфтааст:

**«لا يُوضَعُ في المِيزانِ أثْقَلُ مِنْ حُسْنِ الخُلُقِ، وإنَّ حُسْنَ الخُلُقِ لَيَبْلُغُ بصاحِبِهِ دَرَجَةَ الصَّوْمِ والصَّلاةِ». وفي رواية: «إنَّ العَبْدَ لَيُدْرِكُ بحُسْنِ خُلُقِه دَرَجَةَ الصَّائِمِ القائِمِ»**

***“Дар Тарозу чун аз хушахлоқӣ вазнинтар гузошта нашавад ва ба дурустӣ, хушахлоқӣ соҳиби худро ба дараҷаи рӯза (рӯзадор) ва намоз (намозгузор) мерасонад.”***

**Ат – Тирмизӣ ва ал – Баззор**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт: ***“Ба дурустӣ, ба шарофати хушахлоқӣ банда ҳатман ба дараҷаи рӯзадорону намозгузорон мерасад.”***

Ана барои чӣ Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам зарурати ахлоқи некӯро барои саҳобагони муборакӣ худ қайд менамуд ва аз усулҳои гуногун истифода бурда, онҳоро ба ин чиз водор ва дар қалби онҳо инро талқин мекард. Вай барои ин чӣ аз гуфтору чӣ аз рафтор истифода мебурд. Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам хуб мефаҳмид, ки хушахлоқ будан дар кори ислоҳи хислатҳо, тоза намудани қалб ва ташаккули одамон чӣ гуна нақши бузург мебозад. Ба ин муносибат вай салаллоҳу алайҳи васаллам боре Абу Зарро (р) пурсид:

«يا أبا ذَرّ، الا أَدُلُّكَ على خَصْلَتَيْنِ، هُما أَخَفُّ على الظَّهْر، وأَثْقَلُ في الميـزانِ مِنْ غَيْرِهِمـا؟ قالَ: بلى يـا رسولَ الله، قـالَ: «عَلَيْكَ بحُسْنِ الخُلُقِ، وطُولِ الصَّمْتِ. فَوَ الذي نَفْسي بِيَدِه ما تَجَمَّلَ الخلائِقُ بمثلِهما»

***“Ё Абу Зарр, оё бигӯям ду сифатеро, ки аз ҳар чизи сабук осонтар нигоҳ дошта хоҳанд шуд, ҳол он ки дар Тарозу онҳо аз ҳар чизи дигар ҳам басо вазнин хоҳанд буд?” Ӯ гуфт: “Албатта, Расулаллоҳ!” Вай гуфт: “Туро лозим аст, ки хушахлоқ ~~бошӣ ва бештар~~ хомӯш бошӣ, зеро қасам ба Оне, ки ҷони ман дар кафи Ӯст, чизе одамонро зинат намебахшад магар ин ду хислат.”***

**Абу Аъло ва ат – Табаронӣ**

Ба ғайр аз ин пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«حُسْنُ الخُلُقِ نَماءٌ، وسُوءُ الخُلُقِ شُؤْمٌ، والبِرُّ زِيادَةٌ في العُمُرِ، والصَّدقَةُ تَمنَعُ مِيتَةَ السُّوءِ»

***«Ахлоқи некӯ ба зиёд шудан (-и хайр) мусоидат мекунад, аммо ахлоқи бад бадбахтист, парҳезгорӣ умрро дароз мекунад, садақа аз марги бад нигоҳ медорад.»***

**Аҳмад**

Ба ғайр аз ин пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ба Аллоҳ бо чунин дуо муроҷиат

менамуд: «اللَّهُمَّ أَحْسَنْتَ خَلْقِي، فَأَحْسِنْ خُلُقِي»

***"Ё Аллоҳ, ту шакли маро хуб офаридӣ, акнун хулқи маро некӯ гардон!"***

**Аҳмад**

Дуои Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар бораи он ки Аллоҳ хулқи ӯро некӯ гардонад, ба ин муносибат Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ***"Ҳаройина турост хулқи азим"*** **"Қалам", 4.** – ба ин чиз ишорат мекунад, ки пайғамбар ба хушахлоқӣ чӣ қадар эътибори зиёд медод ва чӣ хел ӯ сахт мехост, ки мусулмонон дар ин бобат ҳамеша новобаста аз он ки чӣ қадар пок ҳастанд, бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд. Чунонки ин корро пайғамбари онҳо бо чунин дуо ба Аллоҳ мурочиаткунон мекард. Калимаи ***"хушахлоқӣ"*** ин номи умумии зинатбахш, поксозу инсонро некусиришткунанда мебошад, ки ҳар каси сазовори хислати наҷиб метавонад ба худ тасаввур намояд. Ба сифати мисол ба чунин нишонаҳои хулқ, аз қабили шармгинӣ, ҳалимӣ, меҳрубонӣ, бахшида тавонистан, нармдилӣ, хушаҳволӣ, ҳаққӯӣ, поквиҷдонӣ, самимӣ будан бо одамон, ростӣ, тозагии ботин ва дигар сифоти некӯ метавон ишорат кард.

## Вай шармгин аст

Мусулмони асил чун соҳиби чунин сифат мешавад, аз паи пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хоҳад рафт, ки ӯ тимсоли олии шармгинӣ ҳисоб меёфт. Аз ин хусус суханони саҳобаи машҳур Абу Саъид ал - Худрӣ (р) шаҳодат медиҳанд:

«كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ أَشَدَّ حَيَاءً مِنَ العَذْرَاءِ فِي خِدْرِهَا، فَإِذَا رَأَى شَيْئاً يَكْرَهُهُ عَرَفْنَاهُ فِي وَجْهِهِ»

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) зиёда аз духтаре, ки зери чодар нишастааст, соҳиби шарми баланд буд ва агар ӯ чизи ба худ маъқул набудаеро медид, мо инро аз ифодаи чеҳраи ӯ пай мебурдем."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мувофиқи таърифи уламо шарм сифати олии ахлоқи ҳамида ҳисоб ёфта, инсонро ҳамеша водор месозад, ки ҳама гуна беадабӣ ва номаъқулиро тарс созад ва ба ӯ имкон намедиҳад, ки ҳуқуқи дигаронро ба чизе поймол кунад. Маҳз аз ин сабаб, чуноне ки аз як

қатор ҳадисҳои муборак бармеояд, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин хислатро васф менамуд ва чунин мешуморид, ки ин чӣ барои инсони соҳиби ин сифат буда ва чӣ барои ҷамъияте, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, бегуфтугӯ хайриятест.

Дар хабар аст, ки Имрон бин Ҳусайн (р) гуфтааст:

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* «الحَياءُ خَيْرٌ كُلُّهُ»

***"Дар шарм ҷуз манфиате нест."[4]***

**Муслим**

Аз суханони Абу Ҳурайра (р) нақл мешавад, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«الإيمانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ أو بِضْعٌ وسِتُّونَ شُعْبَةً، فأفضَلُها قولُ لا إلَهَ إلاّ اللّهُ، وأدناها إماطَةُ الأذَى عَنِ الطَّريقِ، والحَياءُ شُعْبَةٌ من الإيمانِ»

***"Имон зиёда аз ҳафтод ё ...шаст шоха[5] ҳаст, ки беҳтарини онҳо суханони*** **"Ло илоҳа илаллоҳ!"** ***гуфтан аст, аммо камтаринашон аз сари роҳ дур афкандани чизест, ки одамонро зарар мерасонад ва шарм яке аз шохаҳои имон мебошад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони асил дар ҳақиқат соҳиби шарму назокат, ҳалимӣ ва фаросат аст ва аз ин сабаб ӯ ягон хел рафтори номақбул намекунад, то одамонро мабодо озор диҳад ва ҳуқуқи касеро поймол созад.

Аз чунин чизҳо ӯро шарм бозмедорад, шарм имкон медиҳад, ки вай аз ин корҳо худдорӣ кунад. Дар айни замон вай на фақат аз одамон, пеш аз ҳама аз Аллоҳи Таъоло шарм мекунад, намехоҳад, ки имони худро бо беадолатӣ омезиш диҳад. Вай аз ин сабаб чунин рафтор мекунад, ки шарм як шохаи имон мебошад ва ин чиз дараҷаи олист, ки инсон ба он тавассути шарм кардан мушарраф мешавад.

Дар ҳақиқат робитаи мусулмон ва шавқи ахлоқу имон ба Аллоҳ ва Рӯзи Охират дар миёни масъалаҳои дигар мақоми хосае дорад, зеро эътиқоди ӯ ба хислатҳои наҷиби хоси худаш басо чуқур аст ва ин сифатҳо новобаста аз вазъияти беруна мустаҳкаму доимиянд. Сухан дар сари он аст, ки сарчашмаи ахлоқи ҳамидаи ӯ виҷдони зиндаву бедори ӯст ва ба сабаби ин виҷдон вай аз хиёнат кардан шарм медорад, қабл аз ҳама аз Аллоҳ шарм медорад, ки аз асрори

ниҳонии ӯ огоҳ мебошад, фақат баъд аз ин аз одамон, ки танҳо ҳолати зоҳирии ӯро медонанд. Ин эҳсоси шарм дар назди Аллоҳ ахлоқи мусулмонро аз ахлоқи ғайримусулмон фарқ мекунонад.

## Вай меҳрубони одамон аст

Мусулмони асил дар муносибат бо дигарон ҳамон вақт ҳалиму сабуру меҳрубон аст, ки ҳалимӣ бамаврид, меҳрубонӣ дилхоҳ ва сабр сазовор бошад.

Ин чунин маъно дорад, ки ҳилму сабру меҳрубонӣ сифатҳои начибанд, Аллоҳро писанд мебошанд. Вай инҳоро дар бандагони Худ дӯст медорад, зеро ба одамоне, ки соҳиби чунин сифатҳоянд, онҳо имкон медиҳанд, ки хислати мӯътадил, зарофат ва истеъдоди бо одамон дуруст муомила карда тавонистанро омӯзанд. Ин чиз дар навбати худ онҳоро ба қалби дигарон наздик мекунад ва дар дилҳои онҳо муҳаббати онҳоро ҷо мекунад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَلَا تَسْتَوِي الْحَسَنَةُ وَلَا السَّيِّئَةُ ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ فَإِذَا الَّذِي بَيْنَكَ وَبَيْنَهُ عَدَاوَةٌ كَأَنَّهُ وَلِيٌّ حَمِيمٌ ﴿٣٤﴾ وَمَا يُلَقَّاهَا إِلَّا الَّذِينَ صَبَرُوا وَمَا يُلَقَّاهَا إِلَّا ذُو حَظٍّ عَظِيمٍ﴾

***﴿Хубиву бадӣ баробар нестанд, ба ҳамоне ҷавоб деҳ, ки некӯтар[6] аст, он гоҳ ҳамоне ки ту душманӣ дорӣ, дӯсти наздики ту мешавад. Аз ин бархӯрдор нест касе магар сабурон ва бархӯрдор намешаванд магар касоне, ки аз ишон баҳрае бузург дошта бошанд.﴾***

**"Фуссилат", 34 – 35.**

Бисёр ояту ҳадисҳое ҳастанд, ки бо якдигар аз ҷиҳати мазмун алоқаманд мебошанд. Онҳо одамонро ба меҳрабонӣ даъват карда, таъкид менамоянд, ки меҳрубонӣ сифати ахлоқи ҳамида аст ва ин сифат дар ҷамъияти мусулмонон бояд чизи асосӣ ҳисоб ёбад ва низ хоси ҳар мусулмоне бошад, ки дар он ҷамъият зиндагӣ дошта, муқаррароти дини худро аз бар ва нури таълимоти онро қабул намудаанд. Мусулмонро кифоя аст лоақал ин чизро донад, ки меҳрубонӣ аз ҷумлаи рамзҳои олитарини Аллоҳ Таъолост ва Ӯ дӯст медорад, ки бандагонаш онҳоро дар ҳар амали худ зоҳир намоянд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إِنَّ اللَّهَ رَفِيقٌ يُحِبُّ الرِّفْقَ فِي الأَمْرِ كُلِّهِ»

***“Ба дурустӣ, ки Аллоҳ меҳрубон аст ва Ӯ дар ҳама чиз меҳрубонироеписандад”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳақиқат меҳрубонӣ сифати олист, барои он Аллоҳи Таъоло ончунон саховатмандона мукофот медиҳад, ки барои ягон чизи дигар ин хел мукофот нахоҳад дод.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إِنَّ اللَّهَ رَفِيقٌ يُحِبُّ الرِّفْقَ، وَيُعْطِي على الرِّفْقِ مـا لا يُعْطِي على العُنْفِ وما لا يُعْطِي على ما سِواهُ»

***“Ба дурустӣ, ки Аллоҳ меҳрубон аст ва Ӯ меҳрубониро меписандад ва барои изҳори меҳрубонӣ он чизеро мебахшад, ки дар (изҳори) қаъият намебахшад ва на барои чизи дигар (ғайр аз меҳрубонӣ) хоҳад бахшид.”***

**Муслим**

Дар дастуроти муборакии худ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар бораи меҳрубонӣ таҳсиномез сухан мегӯяд, ин чизро зинати ҳар кор меҳисобад ва қайд мекунад, ки ба ҳар чизе меҳрубонӣ омехта гардад, онро зинат бахшида, дар қалбу назари одамон муҳаббаташро зиёда мегардонад. Некӯкорӣ дар ҳар чизе ки набошад, он чиз бемаънӣ гардида, қалбу рӯҳи одамонро (аз ҳамдигар) дур мекунад.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«إِنَّ الرِّفقَ لا يكونُ في شَيْءٍ إلا زانَهُ، ولا يُنْزَعُ مِنْ شَيْءٍ إلا شانَهُ»

***“Ба дурустӣ, ки раҳмат ба ҳар чизе, ки омехта гардад, онро ҳатман зинат мебахшад, агар чизе аз раҳмат маҳрум бошад, он гоҳ аз набудани вай он чиз бемаънӣ мегардад.”***

**Муслим**

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) мусулмононро ҳамеша таълим медод, ки нисбат ба дигарон дар муносибат меҳрубон бошанд ва ба одоби сазовор зоҳир кардан ҳидоят менамуд. Ин чиз мусулмонеро бештар муносиб мебошад, ки дигаронро ба дини Аллоҳ, ки ба бандагони худ раҳмону раҳим аст, даъват мекунад. Вай таъкид мекард, ки агар

дар атроф ҳама чиз инсонро ба хашму ғазаб водор созад ҳам, одобро бояд ҳамеша риоя намояд.

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра, (р), гуфт:

بـالَ أعرابـيٌّ في المسجـد، فقامَ الناسُ إليه ليقعوا فيه، فقال النبـي ﷺ : «دَعُوهُ وأريقوا على بَوْلِهِ سَجْلاً مِنْ ماءٍ أو ذَنوباً مِن ماءٍ، فإنّما بُعِثْتُمْ مُيَسِّرينَ، ولمْ تُبْعَثوا مُعَسِّرينَ»

*"Боре чун кадом бадавие дар масҷид шоша кард, ҳамаи ҳозирбудагон аз ҷойҳои худ бархестанд, ки бар ӯ дарафтанд. Аммо пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Ӯро бигзоред ва ба пешоби ӯ як сатил об резед, зеро ба дурустӣ, ки шумо[7] фақат барои он фиристода шудаед, ки ҳалли мушкилӣ кунед, на эҷоди мушкилот!"***

**Ал – Бухорӣ**

Ҳамин тавр, дилҳои одамонро кушодан ва онҳоро ба ҳақиқат даъват кардан фақат тавассути меҳрубонӣ, кӯшиши сабуктар гардонидан, нармӣ ва мусолиҳакорӣ анҷом дода мешавад, на ба роҳи дағалӣ, мушкилот пеш овардан, қатъият, маломат, дӯғу пӯписа. Аз ин хусус расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«بَشِّروا ولا تُنَفِّروا، و يَسِّروا ولا تُعَسِّروا»

***"Муждадиҳандагони хабари хуш бошед, аз худ дур накунед, сабук гардонед, на мушкилӣ пеш оваред"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин сухан барои он гуфта шуда буд, ки одамон табиатан ба бераҳмӣ, дағалӣ ва дуруштӣ нафрат дошта, ба назокату нармиву меҳрубонӣ моиланд. Аллоҳи Таъоло ба пайғамбари мубораки Худ муроҷиат карда, гуфта буд:

﴿وَلَوۡ كُنتَ فَظًّا غَلِيظَ ٱلۡقَلۡبِ لَٱنفَضُّواْ مِنۡ حَوۡلِكَۖ﴾

***﴿... агар ту тундхӯ ва сангдил мебудӣ, он гоҳ онҳо аз ту дур мегурехтанд.﴾***

**"Оли Имрон", 159**

Ин суханонро ҳамеша бояд дар хотир нигоҳ дошт ва онҳоро ҳар як шахси ба роҳи рост даъваткунанда сармашқи бебадали кори худ намояд, зеро вай ба дилҳои онҳо бояд роҳ ёфта тавонад ва ҳамеша

меҳрубонӣ, боадабӣ ва нармдилиро риоя кунад. Ана аз чӣ сабаб Аллоҳ пайғамбари Худ Мӯсо, (а), ва бародари ӯ Ҳорунро (а), ба назди фиръавниён бо чунин даъват фиристода буд:

﴿ اذْهَبَا إِلَىٰ فِرْعَوْنَ إِنَّهُ طَغَىٰ ۝٤٣ فَقُولَا لَهُ قَوْلًا لَّيِّنًا لَّعَلَّهُ يَتَذَكَّرُ أَوْ يَخْشَىٰ ﴾

***﴿ Ба назди Фиръавн биравед, вай туғён кардааст ва ба ӯ бо нармӣ сухан гӯед, то панд бигирад ё битарсад.﴾***

**"Тоҳо", 43-44.**

Ҷои таааҷҷуб нест, ки дастуроти ин динро неъмати тозаи накӯиҳо мегӯянд ва қайд кардаанд, ки ҳар касе инро дорад, тамоми неъматҳоро дарёфтааст, аммо оне, ки инро надорад, аз ҳама неъмат маҳрум аст. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки аз суханони Ҷарир ибни Абдуллоҳ, (р), овардаанд. Вай гуфтааст:

*"Ман шунидам, ки Расулаалоҳ* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *гуфт:*

«مَنْ يُحْرَمِ الرِّفْقَ يُحْرَمِ الخَيْرَ كُلَّهُ»

***"Аз меҳрубонӣ маҳрумбуда, аз хайр маҳрум аст".***

**Муслим**

Фармоишоти муборaки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин маънидод карда мешавад, ки ин хайру баракат мисли борон бар ашхоси алоҳида, оилаҳо ва халқиятҳои бутун, ки дар зиндагии эшон меҳрубонӣ нақши бузург дорад ва яке аз хислатҳои асосӣ ҳисоб меёбад, фурӯ хоҳад рехт. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки аз суханони Оиша, (р), нақл мешавад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«يا عائِشَةُ ارْفِقي فإنَّ اللَّهَ إذا أرادَ بأهلِ بَيْتٍ خيراً دَلَّهُمْ على الرِّفْقِ»

***"Ё Оиша, меҳрубон бош, зеро ба дурустӣ, ки чун Аллоҳ ба аҳли хонадон некӣ бихоҳад, Вай роҳи некӯкориро нишон медиҳад".***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар, (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«إذا أرادَ اللَّهُ بِقَوْمٍ خَيْراً أَدْخَلَ عليهِمُ الرِّفْقَ»

***"Чун Аллоҳ ба хонадоне некӣ бихоҳад, Вай ба аъзои ин хонадон талқин мекунад, ки некӯкориро нигаҳ доранд".***

**Аҳмад**

Ҷобир, (р), овардааст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أَلا أُخْبِرُكُمْ بِمَنْ يَحْرُمُ على النار، أو بِمَنْ تَحْرُمُ عَلَيْهِ النَّارُ؟ تَحـرُمُ على كُلِّ قَرِيبٍ هَيِّنٍ لَيِّنٍ سَهْلٍ»

***"Агар Аллоҳ ба одамон некӣ мехоҳад, Вай ба онҳо талқин мекунад, ки аз некӯкорӣ барнагарданд».***

**Ал – Баззор**

Оё аз чунин хислат, ки аз оташ барои одам сипар хоҳад шуд, чизи бештар ба худ тасаввур намуда, қабул кардан мумкин аст? Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз аз ҳамин хусус таъкид кардааст, ки дар ҳадиси дигар оварда шудааст:

«أَلا أُخْبِرُكُمْ بِمَنْ يَحْرُمُ على النار، أو بِمَنْ تَحْرُمُ عَلَيْهِ النَّارُ؟ تَحـرُمُ على كُلِّ قَرِيبٍ هَيِّنٍ لَيِّنٍ سَهْلٍ»

***"Оё ба шумо аз он хусус хабар диҳам, ки оташ бар ки ҳаром аст (ё... аз он хусус, ки барои кадом кас оташ ҳаром аст)? Барои ҳар каси наздик, сабук ва нарм"***[10]

**Ат – Тирмизӣ**

Ҳамин тавр, дастуроти пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) инсонро мӯътабар гардонида, ба сифатҳое аз ҷумлаи некӯкорӣ одат мекунонад. Ӯ меҳрубонӣ карданро ҳатто нисбати ҳайвоноти барои қурбонӣ муқарраршуда тақозо мекунад. Ин нишонаи софдилӣ мебошад, яъне дараҷаи олиест, ки тақводори парҳезгор ба даст меоварад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إِنَّ اللَّهَ كتبَ الإِحْسانَ على كُلِّ شَيْءٍ، فإذا قَتَلْتُمْ فأَحْسِنـوا القِتْلَةَ، وإذا ذَبَحْتُمْ فأَحْسِنوا الذِّبْحَةَ، ولْيُحِدَّ أَحدُكُمْ شَفْرَتَهُ، ولْيُرِحْ ذَبِيحَتَهُ»

***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳ дар ҳар кор раҳму шафқат зоҳир намуданро фармудааст ва агар шуморо (дар набарде) куштан лозим меояд, ин корро ба таври дуруст анҷом диҳед, агар вақте барои қурбонӣ меоваред, бигузор ҳар кадоми шумо корди худро тез кунад ва бигузор ҳайвонро аз азоб кашидан наҷот диҳад."***

**Муслим**

Ин суханон барои он гуфта шудаанд, ки меҳрубонӣ зоҳир кардан нисбат ба ҳайвони безабоне, ки қурбонӣ карда мешавад, аз нармдилии инсон гувоҳӣ медиҳад ва низ аз он хусус гувоҳӣ медиҳад,

ки ӯ нисбати тамоми ҳайвонот раҳмдил аст. Дар айни замон маълум аст, ки агар инсон мувофиқи эътиқоди ботинии худ ба ҳайвон чунин муносибат кунад, нисбат ба инсони дигар меҳрубонӣ ва нармии бештар зоҳир менамояд ва маҳз ҳамин мақсадҳои дурандешона таълимоти исломро ифода мекунанд, ки ба ҳар як мусулмон нигаронида шудаанд ва ӯро ба меҳрубон будан нисбати ҳайвонот водор месозанд.

## Вай раҳму шафқат дорад

Мусулмоне, ки муқаррарот ва дастурамалҳои дини худро фаро гирифтааст, на танҳо бо раҳму шафқат фарқ мекунад, инчунин дар ин бобат ба он сабаб махсус эътибор медиҳад, ки хуб медонад: шафқат зоҳир намудан ба бандагони Аллоҳ дар замин сабаб мешавад, то нисбат ба худи ӯ низ шафқат зоҳир карда шавад, зеро пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«اِرْحَمْ مَنْ في الأَرْضِ يَرْحَمْكَ مَنْ في السَّماءِ»

***"Нисбат ба онҳое, ки дар заминанд, раҳму шафқат зоҳир кардан, нисбат ба ту низ Оне, ки дар осмонҳост, раҳму шафқат зоҳир менамояд."***[11]

**Ат – Табаронӣ**

Ва мусулмон аз фармоишоти дини худ донист, ки:

«مَنْ لم يَرْحَمِ النَّاسَ لمْ يَرْحَمْهُ اللّهُ»

***"Аллоҳ ба касе, ки нисбат ба одамон раҳму шафқат надорад, раҳм намекунад."***

**Ат – Табаронӣ**

Ба ғайр аз ин вай донист, ки:

«الرَّحْمَة لا تُنْزَعُ إلاَّ مِنْ شَقِيٍّ»

***"Аз раҳму шафқат фақат бадбахт маҳрум аст".***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Зиёда аз ин, мусулмони асил ва ҳақиқии раҳму шафқатро ба маънои васият фаҳмида, бо раҳм кардан ба зану фарзанду хешовандону дӯстонаш маҳдуд нашуда, бо тамоми одамон чунин мекунад. Вай аз он сабаб чунин рафтор менамояд, ки фармоишоти пайғамбар(салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро аз хусуси зарурати раҳму шафқат нишон додан ба

ҳамаи одамон ва таъкиди ӯро вобаста ба он ки ин чиз яке аз шартҳои муҳими имон мебошад, мешунавад. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки аз забони Абу Мӯсо ал – Ашъарӣ (р) нақл мешавад. Яъне боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لَنْ تُؤْمِنـوا حتّى تَراحَمـوا، قالـوا يا رسـولَ الله ، كُلُّنا رَحيمٌ، قـال: إنَّه لَيسَ بِرَحْمَةِ أَحَدِكُمْ صاحِبَهُ، ولكنَّها رحمةُ الناسِ ، رحمةُ العامَّةِ»

***"Имон нс-есоусқук ''-Всф-ниқ ӡмтс 'ӡумҳсо оашфл исфвс 'В чимо нанамоед".*** Одамон пурсиданд, ки: *"Ё Расулаллоҳ, ҳар кадоми мо аз раҳму шафқат маҳрум нест".* Вай гуфт: ***"Ба дурустӣ, ин раҳм нест, ки ҳар кадоми шумо нисбат ба рафиқаш чунин мекунад, раҳму шафқат умуман нисбат ба одамон, раҳму шафқат нисбат ба ҳама!"***[12]

**Ат-Табаронӣ**

Ҳамин тавр, раҳму шафқати ҳамаҷониба ва ҳамафарогиранда нисбат ба тамоми одамоне дар назар дошта шудааст, ки ислом мефармояд дар дилҳои мусулмонон калиде бошад. Калиде бошад, ки ҳар узви ҷамъияти мусулмонон нисбат ба якдигар раҳмдил бошанд, то чунин ҷамъият аз муҳаббати асил, муносибати сидқӣ ва ҳисси амиқи ҳамдардӣ ҳаргиз маҳрум набошад.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бошад, намунаи беҳамтои инсони раҳмдил буд, он чӣ ки ин мафҳум дар худ ғунҷонида метавонад ва дар назар дорад, дар шахсияти ӯ таҷассум ёфта буд. Вай дар раҳмдилӣ нисбат ба одамон он қадар сахӣ буд, ки боре ҳангоми ибодат гиряи кӯдакеро шунида, намозро кӯтоҳ кард.[13] Ин корро дар ӯ ҳисси раҳм ба модари кӯдак, ки ба ҳаяҷон омада буд, бедор кард. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки Ал – Бухорӣ ва Муслим аз забони Анас (р) нақл кардаанд. Анас (р) мегӯяд, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إنّي لَأَدْخُلُ الصَّلاةَ، وأنا أُريدُ أَنْ أُطِيلَهَا، فأسمَعُ بُكاءَ الصَّبِـيِّ ، فَأَتَجَوَّزُ في صلاتي مِمَّا أَعْلَمُ مِنْ شِدَّةِ وَجْدِ أُمِّهِ مِنْ بُكائِهِ»

***"Дар ҳақиқат, вақте ман ба ибодат оғоз мекунам, мехоҳам, ки онро дароз бигирам, аммо чун овози гиряи кӯдакеро мешунавам, ба худ имкон медиҳам, ки нисбат ба қадри зарурӣ онро кӯтоҳ кунам, (зеро) медонам, ки аз ин гиря модари кӯдак чӣ қадар дар изтироб мебошад".***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки боре ба

назди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) кадом як бадавие омад ва гуфт:

«أَوَ أَمْلِكُ لَكَ أَنْ نَزَعَ اللَّهُ مِنْ قَلْبِكَ الرَّحْمَةَ؟»

***"Оё шумо фарзандони худро мебӯсед?*** *"Мо онҳоро намебӯсем!" Дар ҷавоб бо ин суол пайғамбар гуфт:* ***"Ман барои ту чӣ ҳам мекардам, чун Аллоҳ қалби туро аз раҳму шафқат маҳрум гардонидааст?!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аммо боре Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) Ҳасан ибни Алиро (р), дар ҳузури ал – Ақраъ ибни Ҳабис ат – Тамим бибӯсид ва ал – Ақраъ гуфт: *"Дар ҳақиқат ман соҳиби даҳ писарам, вале ман ягон нафари онҳоро набӯсидаам".* Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) инро шунида, ба ӯ нигоҳ кард ва баъд гуфт:

«مَنْ لا يَرْحَمْ لا يُرْحَمْ»

***"Ба касе раҳм карда намешавад, ки раҳму шафқат зоҳир намекунад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Дар хабар аст, ки дар замони худ Умар (р), шахсеро бар мусулмонон ҳоким намудан хост, вале ӯ чун шунид, ки ин шахс чунонки ал – Ақраъ ибни Ҳабис гуфт, фарзандони худро ҳаргиз набӯсидааст, аз қарори худ баргашт ва гуфт: *"Чун қалби ту нисбат ба фарзандони худат раҳму шафқат зоҳир наменамояд, ту чӣ тавр метавонӣ, ки нисбат ба (дигар) одамон инро зоҳир намоӣ?! Қасам ба Аллоҳ, ки ман туро ҳаргиз ҳоким таъин намекунам!"* – баъд аз ин сухан вай ҳукмномаро, ки оид ба тағйири интихоби ӯ буд, пора – пора намуд.

Дар натиҷаи ҷаҳду талоши Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар шуури мусулмонон доираи ашхосе, ки барои онҳо раҳмдилӣ зоҳир бояд кард, васеътар шуд ва маълум гардид, ки ба ин доира на фақат одамон, инчунин ҳайвонот низ дохил мешаванд. Ин чиз ба шарофати он мушарраф гардид, ки ӯ дастуроти пурҳикмати худро миёни одамон паҳн намуд.

Масалан, ду шайх яъне, ал-Бухорӣ ва Муслим ҳадисеро овардаанд, ки аз забони Абу Ҳурайра (р) чунин нақл мешавад:

*"Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:*

«بَيْنَما رَجُلٌ يَمْشي بِطَريقٍ اشتَدَّ بِهِ العَطَش، فَوَجَدَ بِئْراً، فَنَزَلَ فيها فَشَرِبَ، ثم خرجَ، فإذا كلبٌ يلهثُ، يأكُل الثَّرَى مِنَ العَطَشِ، فقالَ الرجلُ: لقد بَلَغَ هذا الكلبَ مِنَ العَطَشِ مثلُ الذي كانَ بلَغَني، فنزلَ البئرَ، فَمَلأَ خُفَّهُ ثُمَّ أَمْسَكَهُ بِفِيهِ، فسَقَى الكلبَ، فشكرَ اللّٰهُ لهُ، فَغَفَرَ لهُ». قالوا: يا رسولَ اللّٰهِ: أَوَلَنا في البهائِمِ لأَجْراً؟ قال: «في كُلِّ كَبِدٍ رَطْبَةٍ أَجْرٌ»

***"Боре як шахсе, ки дар роҳ буд, аз ташнагӣ азият кашид ва ӯ чоҳеро пайдо карда, поён фаромад, об нӯшид ва берун омад. Вай ногоҳ сагеро дид, ки забонашро бароварда, аз ташнагӣ замини намнокро мелесид. Он гоҳ ӯ ба худ гуфт: "Ташнагӣ ин сагро азоб медиҳад, чунонки пештар маро азият медод" – пас ӯ дубора ба чоҳ фуруд омад, дар кафши худ об гирифт, кафшро бо дандонҳояш дошта, то берун омадан аз чоҳ напартофт ва баъд сагро об дод. Аллоҳ ӯро сипосгузорӣ карда, аз гуноҳҳояш гузашт."*** Одамон пурсиданд, ки: *"Оё барои ҳайвонот низ ба мо савоб мерасад?"* Вай гуфт: ***"Барои ҳар чизе, ки ҷон дорад, савоб дода мешавад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин аз забони ибни Умар (р) нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«عُذِّبَت امرأةٌ في هِرَّةٍ حَبَسَتْها حتّى ماتَتْ جُوعاً، فدَخلَتْ فيها النَّارَ. يُقالُ والله أعلمُ: لا أنتِ أَطْعَمْتِها ولا سَقَيْتِها حينَ حَبَسْتِها، ولا أنتِ أَرْسَلْتِها، فأكَلَتْ مِنْ خَشاشِ الأَرْضِ»

***"Зане ба азоб гирифтор шуд – барои гурбае, ки то дами аз гуруснагӣ мурдан ҳабс карда буд, дар оташ афтод ва ба ӯ гуфта шуд: "Вақте ту гурбаро ҳабс кардӣ, онро хӯрок надодӣ, об надодӣ ва раҳо накардӣ, то вай худ тавонад аз он чӣ, ки дар замин ҳаст, бихӯрад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз ҳама зиёдтар раҳмдил буд. Дар хабар аст, ки боре ҳангоми ба яке аз ғазоҳо рафтан вай барои истироҳат кардан қарор гирифт. Ба назди ӯ паррандае омада, болои сараш давр зад, гӯё ба ӯ аз барои озоре шикоят овард, зеро кадом як ҷанговар тухми ӯро гирифта буд. Вай (ба саҳобагони худ) муроҷиаткунон гуфт:

«أيُّكمْ فجَعَ هـذه بِبَيْضَتِها؟ فقـال: رجلٌ: يـا رسـول الله، أنـا أخـذتُ بَيْضَتَها، فقالَ النبـيِ ﷺ «ارْدُدْها رَحْمةً لَها»

***"Кадоме аз шумо тухми ин паррандаро гирифта, ӯро ба озор дидан маҷбур кард?"*** *Як шахс гуфт:* "Ё расулаллоҳ, ман тухми онро гирифтам" *– ва он гоҳ пайғамбар* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:* ***"Раҳм овар бар вай, онро баргардон!"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам чунин рафтор карда, мехост, ки дар шуури ҳар як мусулмон ғояи шафқати ҳаматарафа ва ҳамаро фарогиранда мустаҳкам ҷо бигирад, тавассути ҳамин чиз мусулмон ба табиати худ мувофиқ раҳмдил шуда, ҳатто нисбати ҳайвонот раҳму шафқат зоҳир менамояд, зеро ҳамон инсоне, ки қалби ӯ ба ҳайвоне раҳм овардааст, нисбат ба бародари худ сахт нахоҳад шуд.

Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам худ ба одамону ҳайвонот раҳмдил буд ва инро ба мусулмонон монда нашуда меомӯзонид, то муваффақ шавад, ки раҳму шафқат ҳама ҷаҳони исломро фаро гирифта, он ҷойҳоеро низ пур бикунад, ки онҳо зиндагӣ мекунанд. Вақте шафқат дар ҳақиқат рӯи заминро фаро мегирад, аз осмон низ шафқат меборад, чунки инро суханони Расули акрам тасдиқ менамоянд:

«اِرْحَمْ مَنْ في الأَرْضِ يَرْحَمْكَ مَنْ في السَّماءِ»

***"Нисбат ба онҳое, ки дар заминанд, раҳму шафқат зоҳир бикун ва нисбат ба ту Зоте, ки дар осмонҳост, раҳм мекунад."***[15]

**Ат – Табаронӣ**

## Вай аз хатои дигарон дармегузарад

Мусулмони тақводор, ки ба фармоишоти дини худ итоат мекунад, қодир аст, авф бикунад. Ҳунари авф карда тавонистан яке аз сифоти ахлоқи ҳамида аст. Аз ин хусус Аллоҳи Таъоло дар бисёр оятҳои "Қуръон" бо ситоиш даъват менамояд. Дар ин оятҳо қайд карда мешавад, ки одамоне, ки соҳиби чунин хислат мебошанд, намунаи олии тақводорӣ дар исломанд, зеро Аллоҳ онҳоро аз ҷумлаи накӯкорон медонад, яъне онҳо муҳаббату илтифоти Аллоҳро дарёфтаанд.

Масалан, Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَٱلۡكَٰظِمِينَ ٱلۡغَيۡظَ وَٱلۡعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ﴾

***﴿...ва онҳое, ки хашми худро фурӯ менишонанд ва аз хатои одамон дармегузаранд, Аллоҳ накӯкоронро дӯст медорад!﴾***

**“Оли Имрон”, 134.**

Ин чунин маъно дорад, ки ин гуна одамон хашми худро фурӯ нишонда метавонанд ва аз заҳмати гарони қаҳру ғазабу нафрати ниҳонӣ озод шуда, ба фазои кушоди авф кардану нармдилӣ нисбат ба одамон баромадаанд. Тавассути ин чиз онҳо на фақат покӣ, шодӣ ва осудагии қалб ба даст овардаанд, ҳамчунин зиёдтар аз инҳо – муҳаббати Аллоҳу илтифоти Ӯро сазовор шудаанд.

Қудрати авф карда тавонистан ва бо дигарон бо нармӣ муомила карданро фақат онҳое метавонанд, ки дилҳои эшон ба қабули дастуроти ислом кушода аст ва қалбашон сифоти олии ахлоқи ҳамидаи онро аз худ кардааст. Дар натиҷаи ин онҳо волоияти ҳақиқатро аз дастболо шудану қасос гирифтан бартар мешуморанд, ки қалбҳояшон ба ин чиз водор месозанд ва онҳо бахшишу мукофоти Аллоҳро меписанданд.

Қуръони Маҷид қалби одамро барои фатҳи ин қуллаи баланду мушкил водор сохта, усулҳои оличанобро истифода мебарад. Масалан, дар Қуръон гуфта шудааст, ки касе ки мубталои бедодгариву зулм гардидааст, худро ҳифз бояд кунад, то аз беадолатӣ ва душманӣ эмин бошад. Ин чиз барои он гуфта шудааст, ки ба бадӣ баробари он ҷавоб гардонида шавад, вале ин чунин маъно надорад, ки Қуръон одамро даъват мекунад чун ӯ аз бародараш беадолатию озор дид, бояд барои баробар кардани ҳисобу қасос гирифтан бикӯшад, баръакс, ӯ он шахсро оҳиста аз дасташ гирифта, ба қуллаи сабр, авф кардан ва нармдилӣ мебарад, ӯро бовар мекунонад, ки фатҳи ин қулла аз мустаҳкамии ӯ дар корҳои муҳим гувоҳӣ медиҳад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَٱلَّذِينَ إِذَآ أَصَابَهُمُ ٱلۡبَغۡيُ هُمۡ يَنتَصِرُونَ ٣٩ وَجَزَٰٓؤُاْ سَيِّئَةٖ سَيِّئَةٞ مِّثۡلُهَاۖ فَمَنۡ عَفَا وَأَصۡلَحَ
فَأَجۡرُهُۥ عَلَى ٱللَّهِۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ٤٠ وَلَمَنِ ٱنتَصَرَ بَعۡدَ ظُلۡمِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ مَا عَلَيۡهِم مِّن سَبِيلٍ ٤١
إِنَّمَا ٱلسَّبِيلُ عَلَى ٱلَّذِينَ يَظۡلِمُونَ ٱلنَّاسَ وَيَبۡغُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّۚ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٤٢
وَلَمَن صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَٰلِكَ لَمِنۡ عَزۡمِ ٱلۡأُمُورِ﴾

***﴿...ва онон, ки чун ситаме расадашон, қасос мегиранд.***

***Ҷазои ҳар бадӣ бадиест ҳаммонанди он. Пас, касе ки авф кунад ва оштӣ шавад, муздашро Аллоҳ медиҳад, ба дурустӣ, ки Вай ситамкоронро дӯст надорад. Бар касоне, ки ситам дидаанд, чун қасос мегиранд, маломате нест. Маломат дархӯри касонест, ки ба мардум ситам мекунанд ва ба ноҳақ дар рӯи замин саркашӣ мекунанд. Барои онҳо азобест дардовар! Ва он ки сабр кунад ва аз хато даргузарад, ин аз корҳои писандида аст.﴿***

**"Шӯро", 39 – 43.**

Вақте Абубакр, (р), суханони тӯҳматомезеро шунид, ки аз ҷониби баъзе одамони гунаҳкор паҳн карда шуда буданд ва шаъни духтари ӯ, модари мӯъминон Оишаро, (р), паст заданд,[18] қалбашро андӯҳ фаро гирифт ва ӯ савганд ёд кард, ки ба он ношукрони чунин суханони пургунаҳро овозакунанда кӯмак расониданро қатъ намояд. Пас аз ин ояти зерин нозил гардид:

﴾وَلَا يَأْتَلِ أُولُوا الْفَضْلِ مِنكُمْ وَالسَّعَةِ أَن يُؤْتُوا أُولِي الْقُرْبَىٰ وَالْمَسَاكِينَ وَالْمُهَاجِرِينَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَلْيَعْفُوا وَلْيَصْفَحُوا أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغْفِرَ اللَّهُ لَكُمْ وَاللَّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ﴿

***﴾ Тавонгарон ва онон, ки кушоише дар кори онҳост, набояд савганд бихӯранд, ки ба хешовандону мискинон ва муҳоҷирон дар роҳи Аллоҳ чизе надиҳанд. Бояд бибахшанду бибахшоянд. Оё намехоҳед, ки Аллоҳ шуморо биёмурзад? Ва Аллоҳ Омурзандаи Меҳрубон аст.﴿***

**«Нур», 22.**

Дар ҳақиқат муносибати байни аъзои ҷамъияти мӯъминон на дар асоси таънаву маломат, ҳисоб баробар намудан, хоҳиши истодагарӣ кардан ва кӯшиши дар ҳар чизи хурду бузург қасос гирифтан барпо карда мешавад, ҳаргиз, асоси муносибати байни эшонро мусоҳилакорӣ зоҳир намудан, ҳунари чашм пӯшида тавонистан ба саҳву хатои аз ҷониби дигарон ба амал омада гузашт кардан ва сабр намудан ташкил медиҳад. Таълимоти ислом низ одамонро ба ҳамин чиз даъват мекунад ва дастуроти наҷибу дурусти он ба ҳамин чиз водор месозад. Масалан, Аллоҳи Таъло фармудааст:

﴾وَلَا تَسْتَوِي الْحَسَنَةُ وَلَا السَّيِّئَةُ ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ فَإِذَا الَّذِي بَيْنَكَ وَبَيْنَهُ عَدَاوَةٌ كَأَنَّهُ وَلِيٌّ حَمِيمٌ ﴿٣٤﴾ وَمَا يُلَقَّاهَا إِلَّا الَّذِينَ صَبَرُوا وَمَا يُلَقَّاهَا إِلَّا ذُو حَظٍّ عَظِيمٍ﴿

***{Хубиву бадӣ баробар нестанд. Ҳамвора ба некӯтарин ваҷҳе посух деҳ, то касе ки миёни туву ӯ душманӣ аст, дӯсти меҳрабони ту гардад. Бархӯрдор нашаванд аз ин магар касоне, ки шикебо бошанд ва касоне, ки аз имон баҳрае бузург дошта бошанд.}***

**«Фуссилат», 34-35.**

Дар ҳақиқат, агар ба бадӣ ҳамеша бо бадӣ ҷавоб гардонида шавад, ин ба он оварда мерасонад, ки дар одамон эҳсоси душманӣ нисбат ба якдигар пайдо мешавад ва нафрату адовати ботиниро тавлид мекунад. Агар ба бадӣ бо некӣ ҷавоб бигӯӣ, ин ғазабро хомӯш карда, қалбро ором намуда, аз адовати пинҳонии разилона тоза месозад ва бо шарофати сухани хуш ё як табассуми ҳамдардонаи яке аз онҳо душманони собиқ ба дӯстони ҷонӣ табдил меёбанд. Баргардонидани бадӣ бо некӣ ин муваффақияти бузург аст, зеро чунонки дар ояти мубораки зикршуда ишора гардид, ба ин кор фақат онҳое қодиранд, ки онҳоро чунин қисмати бузург насиб шудааст, зеро фақат эшон метавонанд бадиро бо ёрии сабр ва тавассути ба ивази бадӣ некӣ кардан ҷавоб диҳанд.

Дар ҷамъияти мӯъминон мӯъмин маҳз ҳамин гуна меъёрҳои ахлоқиро бояд риоя кунад. Бисёр оятҳои муборак барои он нозил шуда буданд, ки дар қалби одамон асоси чунин меъёрҳоро бигузоранд. Ана аз ҳамин сабаб онҳо ба мӯъминон талаб пеш мегузоранд, ки ғазаби худро фурӯ нишонанд, узр хоҳанд ва дар ин гуна мавридҳо дигаронро саховатмандона авф кунанд, зеро баъд аз ин аз нафрат, асабоният ё адовати пинҳонӣ ному нишон намемонад.

Аллоҳи Азимушаън фамудааст: {فَٱصۡفَحِ ٱلصَّفۡحَ ٱلۡجَمِيلَ}

***{...пас олиҳимматона гузашт кун.}***

**«Ҳиҷр», 85.**

Ба ин сифоти бузурги ахлоқи инсонӣ, яъне ба гузашт кардан ва мусолиҳакор будан бо одамон дар ҳадисҳои муборак нисбат ба оятҳои Қуръон эътибори зиёд дода мешавад. Инҳо низ ба он нигаронида шудаанд, ки дар қалбҳои одамон онро ҷо созанд. Қисми зиёди ин ҳадисҳо аз хусуси он ки ин сифат дар Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чӣ гуна зоҳир мешуданд, нақл мекунанд. Ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин сифатҳо хос буданд ва ӯ барои мусулмонон, ки имому тарбиятдиҳандаашон ҳисоб меёфт, намунаи ибрат буд.

Ҳадисҳо одамонро даъват мекунанд, то пайрави пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)

бошанд ва дар роҳи рости ӯ қадам зананд.

Масалан, дар хабар аст, ки Оиша (р) гуфт:

«ما ضَرَبَ رسولُ الله ﷺ شيئاً قَطُّ بيده، ولا امرأةً ولا خادماً، إلا أن يُجاهِدَ في سبيلِ الله، وما نِيلَ منهُ شيءٌ قطُّ، فَيَنْتَقِمَ مِنْ صاحِبِهِ، إلا أن يُنتَهَكَ شيءٌ من محارِمِ اللهِ تَعالى، فَيَنْتَقِمُ للهِ تعالى»

*"Агар он мавридҳоеро ба эътибор нагирем, ки расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) дар мубориза̄ҳо дар роҳи Аллоҳ иштирок дошт, ӯ касеро ҳаргиз ба даст назадааст, аз ҷумла занону хидматгоронро ва ҳар озоре, ки ба ӯ расонида бошанд, вай ҳаргиз ба онҳое, ки озораш доданд, қасос нагирифтааст, дар ин мавридҳо ӯ барои Аллоҳи Таъоло қасос гирифтааст».*

**Муслим.**

Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ҳамеша ҳамон фармудаҳоеро ба иҷро мерасонид, ки Худованди азимушшаън амр медод. Вай фармудааст:

﴿خُذِ ٱلۡعَفۡوَ وَأۡمُرۡ بِٱلۡعُرۡفِ وَأَعۡرِضۡ عَنِ ٱلۡجَٰهِلِينَ﴾

***﴿Авфро пеша кун, ба некӣ фармон деҳ ва аз ҷоҳилӣ дурӣ гузин.﴾***

**«Аъроф», 199.**

Ва ӯ ҳамеша бо дигар амри Аллоҳи Таъоло пайравӣ менамуд, ки фармудааст: ﴿ٱدۡفَعۡ بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُ﴾

***﴿... ба он чӣ ки беҳтар аст, ҷавоб бидеҳ...﴾***

**"Фуссилат", 34.**

Ҳамин тавр, хислати ӯ нишонаи беҳамтой гардид, аз ҷумлаи он нишонаҳое шуд, ки Парвардигори ӯ сохтааст. Вай худро нисбат ба ҳамаи одамон як хел зоҳир менамуд ва ба бадӣ бо бадӣ посух намедод, гузашт мекард, кӯшиш мекард, ки кор бо сулҳ анҷом пазирад, аз дағалӣ дурӣ меҷуст, ба бадӣ бо некӣ ҷавоб медод.

Дар хабар аст, ки Анас (р) гуфт:

«كنتُ أمشي مع رسول الله ﷺ، وعليه بُرْدٌ نَجْرانِيٌّ غليظُ الحاشية، فأدركه أعرابيٌّ فجبذه جَبْذَةً شديدة، فنظرتُ إلى صفحة عاتق النبي ﷺ، وقد أثَّرَتْ بها حاشيةُ البُرد من شدّة جَبْذَتِه، ثم قال: يا محمدُ مُرْ لي مِنْ مالِ اللهِ الذي عندَكَ، فالتفتَ إليه، فضحكَ، ثم أمرَ له بعطاءٍ»

*"Ҳангоме ки бо Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба ҷое мерафтем ва ӯ либоси наҷронӣ (як ноҳияи Ямап) ба бар карда буд, ки астари дуруште дошт. Ба ӯ як бадавӣ расид (ва бо зӯрӣ аз бари либоси ӯ кашид). Ман ба китфи пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) нигоҳ карда, дидам, ки дар он аз кашидани ӯ осоре бозмондааст. Бадавӣ гуфт: "Ё Муҳаммад, бифармой, то ба ман аз сарвати Аллоҳ, ки дар ту ҳаст, чизе бидиҳанд!" – Пайғамбар ба ҷониби вай рӯ оварда, хандид ва огоз кард, то ба ӯ чизе бидиҳад".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Одати авф дар қалби муборакӣ ӯ он қадар чуқур реша давонда буд, ки вай ҳатто яҳудизанеро, ки барои ӯ гӯшти заҳролудшударо ба сифати тӯҳфа оварда буд, авф кард. Аз ин хусус мазмуни ҳадисе шаҳодат медиҳад, ки ҳар ду шайх (Ал-Бухорӣ ва Муслим) ва дигар муҳаддисон овардаанд. Дар ин ҳадис хабар медиҳанд, ки:

**أن امرأة يهودية أهدت رسول الله ﷺ شاة مسمومة، فأكل منها رسول الله ﷺ، وأكل رهطٌ من أصحابه معه ثم قال لهم رسول الله ﷺ: «أَمْسِكُوا فإنَّها مَسْمومَة». وجيءَ بالمرأة إلى رسول الله ﷺ، فقال لها: «ما حَمَلَكِ على ما صَنَعْتِ؟» قالتْ: أردتُ أن أعلمَ إن كنتَ نبياً فَسَيُطْلِعُكَ اللَّهُ عليه، ولن تَضُرَّك. وإنْ لم تكنْ نبيّاً استرَحْنا منكَ. قالوا: ألا نقتلُها؟ قال: «لا»، وعَفا عنها**

Як яҳудизан ба Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба сифати тӯҳфа гӯшти заҳролудшудаи гӯсфандеро фиристод ва ӯ бо якчанд саҳобаи худ ин гӯштро тановул карданд. Аммо баъд аз чанд лаҳза вай гуфт: *"Нахӯред, зеро дар ҳақиқат ин заҳрнок карда шудааст!"* Пас ин занро ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) оварданд ва ӯро пурсид: *"Ба ин кор туро чӣ водор намуд?"* Вай ҷавоб дод: *"Ман хостам бифаҳмам, ки оё ту дар ҳақиқат пайғамбарӣ, зеро агар чунин бошӣ, Аллоҳ аз ин хусус ҳатман ба ту башорат ва ин (гӯшт) туро зарар намерасонид, дар акси ҳол мо аз ту халос мешудем".* Он гоҳ одамон пурсиданд: *"Оё ӯро бикушем?"* Вале ӯ гуфт: *"На"* - , ва ӯро авф кард.

Ва чун қабилаи Давс исён кард – аъзои он аз итоат ба иродаи Аллоҳ ва пайғамбари Ӯ саркашӣ намуданд, ба назди пайғамбар ат – Туфайл ибни Амр ад – Давсӣ (р) омада гуфт: *"Дар ҳақиқат давсиён исён карда, аз итоат саркашӣ намуданд, барои онҳо лаънати Аллоҳро талаб бикун!"* Он гоҳ Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) рӯ ба қибла овар-

да, дастонашро ба ҷониби осмон кард. Одамон гуфтанд: *"Онҳо талаф шуданд!"*[19] Вале расули Аллоҳ салаллоху алайҳиу васаллам, ки ба мардум раҳмдил ва мусолиҳакор буд ва хавф дошт, ки Аллоҳ ба ин бандагон ҷазои худро хоҳад дод, барои онҳо ба Аллоҳ бо дуо муроҷиат намуд:

«اللَّهمَّ اهْدِ دَوْساً وائتِ بهمْ، اللَّهمَّ اهْدِ دَوساً وائتِ بهمْ، اللهم اهْدِ دَوْساً وائتِ بهمْ»

***"Ё Аллоҳ, давсиёнро ба роҳи рост раҳнамун шав ва онҳоро ҳидоят бикун[20], ё Аллюҳ, давсиёнро ба роҳи рост раҳнамун шав ва онҳоро ҳидоят бикун, ё Аллоҳ, давсиёнро ба роҳи рост раҳнамун шав ва ҳидоят бикун!»[21]***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Пайғамбар салаллоху алайҳиу васаллам ҳамеша мекӯшид, ки дар қалби мусулмонон чунин сифатҳоро, аз қабили авф кардану нармдил будан нисбат ба хатои одамон, ҳатто дар мавриде, ки онҳо аз ӯ рӯ тофта, риштаи муносибаташонро мекананд, ба ҳукми одат даровардa, ҷо диҳад. Ин чунин шарҳ дода мешавад: пайғамбар салаллоху алайҳиу васаллам, ки мураббӣ ва соҳиби дурандешие буд ва инро Аллоҳ ба ӯ додааст, мефаҳмид, ки олиҳимматӣ ва нармдилӣ назар ба дағалӣ, зӯрӣ ба кор бурдан ва муомиларо қатъ намудан ба қалби одамон зудтар роҳ меёбад. Маҳз аз ин сабаб Уқба ибни Амр (р) аз ӯ хоҳиш намуд, ки: *"Ё расулаллоҳ, ба ман бигӯ, ки кадом корҳо сазовортаранд?"* Пайғамбар салаллоху алайҳиу васаллам ба ӯ чунин дастур дод:

«يـا عُقْبَةُ، صِـلْ مَنْ قَطَعَـكَ، وأَعْطِ مَنْ حَرَمَـكَ، وأَعْـرِضْ عَمَّنْ ظَلَمَـكَ»

وفي روايـة : «واعْفُ عَمَّنْ ظَلَمَكَ»

***"Ё Уқба, ба онҳое, ки робитаашонро бо ту қатъ мекунанд, муносибат бикун, ба оне, ки ба ту намедиҳад, бидеҳ, аз оне, ки туро фишор мебиёрад, дур рав."***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғамбар салаллоху алайҳиу васаллам гуфт: «واعْفُ عَمَّنْ ظَلَمَكَ»

***"...ва авф кун онеро, ки туро тазйиқ (фишор) меоварад."***

**Аҳмад ва ат – Табаронӣ**

## Вай олиҳиммат аст

Мусулмоне, ки муқаррароти дини худро азбар кардааст, нисбат ба одамон олиҳимматӣ зоҳир менамояд. Вай медонад, ки ин сифат ба ҳар ҳол инсонро ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират баракат меоварад. Бо шарофати олиҳимматӣ, нармдилӣ ва хайрхоҳӣ вай ба дилҳои одамон роҳ меёбад ва онҳо ӯро дӯст хоҳанд дошт. Тавассути ҳамин хислат ӯ лутфу мағфирату марҳамати Аллоҳро сазовор мешавад. Маҳз ба ҳамин нукта суханони зерини Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) бе духӯрагӣ ишорат мекунанд:

«رَحِمَ اللّهُ رَجُلاً سَمْحاً إذا باعَ، وإذا اشْتَرى، وإذا اقْتَضى»

***"Аллоҳ касеро биёмурзад, ки ҳангоми фурӯхтану харидан ва тақозои баргардонидани қарз кардан, олиҳимматӣ зоҳир менамояд!"***

**Ал – Бухорӣ**

Дар хабар аст, ки Абу Масъуд ал – Ансорӣ (р) гуфт:

قال رسـول الله ﷺ: «حُوسِبَ رَجُـلٌ مِمَّنْ كـان قَبْلَكُمْ، فلَمْ يُوجَـدْ لَهُ مِنَ الخَيْـرِ إلاّ أنَّهُ كـانَ رَجُلاً يُخـالِطُ النّـاسَ، وكانَ مُوسِراً، فكانَ يأمُرُ غِلْمانَهُ أنْ يَتجاوَزوا عَنِ المُعْسِر. قالَ اللّهُ عزّ وجـلّ: فَنحنُ أحَقُّ بذلكَ منهُ، فتَجاوزوا عنهُ»

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***Яке аз шахсоне, ки то шумо зиста буд, пас аз маргаш ҳисоби аъмоли ӯро карданд, вай ҷуз амали хайре ғайр аз он ки бо одамон дар муомала буду маъмуронашро барои бахшидани қарзҳое, ки одамон пардохт карда наметавонанд, амр менамуд, дигар амале анҷом намедод, аммо Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуфт: "Мо охир назар ба ӯ имтиёзи бештаре дорем,[22] ӯро ба ҳоли худ бигузоред!"***

**Муслим**

Ин хислат дар таразуи инсон чӣ қадар вазнин хоҳад буд ва инсон ба он дар лаҳзаҳои мушкилу дардноки Рӯзи Қиёмат, вақте ки одамон дар баробари Аллоҳ қарор мегиранд, чӣ қадар сахт мӯҳтоҷ мешавад!

## Вай хандонрӯст

Яке аз нишонаҳои ҳатмии зуҳури олиҳимматӣ ва нармдилӣ аз он иборат мебошад, ки инсони дорои чунин сифатҳо хандонрӯст ва ҳар замон табассум мекунад, аз чеҳраи ӯ нури шодмонӣ мере-

зад. Ин ҳама аз ахлоқи некӯ дарак медиҳанд, ислом бошад, одамонро ба ин чиз даъват менамояд.

Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ ҳадисе овардааст, ки дар он хабар дода мешавад: *пайғамбар* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

«ما حَجَبَني رسولُ الله ﷺ منذُ أسْلَمْتُ، ولا رآني إلا تبسَّمَ»

***"Ҳаргиз аз он чизе, ки пазируфта шудааст, ҳазар макун, агарчи сухан аз он хусус аст, ки туро лозим аст, бародари худро бо чеҳраи хуш пешвоз бигирӣ."***

Ба ғайр аз ин ҳар ду шайх ҳадисе меоваранд, ки дар он хабар дода мешавад: *саҳобаи машҳур Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) гуфт:*

«ما رآني رسولُ الله ﷺ منذُ أسْلَمْتُ إلا تبسَّمَ في وَجهي»

*"Аз он лаҳзае, ки ман исломро пазируфтам, Расулаллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *воҳӯриро бо ман ягон маротиба ҳам рад накарда буд ва маро дида, ҳамеша табассум менамуд".*

Дар ҳақиқат, ҷамъияте, ки дар он олиҳимматӣ ва муҳаббат зоҳир мешавад ва ба якдигар табассум мекунанд, ҷамъияти башардӯст, мутараққӣ ва муттаҳид мебошад, он ҷо инсон эҳтиром шуда, асосҳои ахлоқ вайрон намешаванд ва арзишҳои олии инсонӣ ҳукмронӣ мекунанд. Воқеан, ин худи ҷамъияти исломист, ки ба сохтмони он фармоишоту қоидаҳои ба тарбия вобаста будаи ислом одамонро водор месозанд. Мақсади ин аз он иборат мебошад, ки ин ҷамъият дар миёни дигар ҷамъиятҳои инсонӣ фарқ бикунад. Ва мо дар миёни ҷамъияте, ки мувофиқи таълимоти Худованд бунёд ёфтааст ва ҷамъияти материалистӣ, ки он ҷо инсон дар шароити марговари танқисии ҳамдардӣ зиндагӣ мекунад, аз ҷумла ҳангоми воҳӯрдани ҳамсоя ё хешованд, барои як навъ изҳори муҳаббати худ ба дӯсташ табассум намекунад, дар ҳақиқат тафовути бузургест.

## Вай мулоимтабиат аст

Мусулмон дар муносибат бо одамон мулоимтабиат аст ва аз онҳо худро канор намегирад. Ҳангоми гуфтугӯ вай бо онҳо шӯхиҳои нарм мекунад, аммо агар шӯхӣ бамаврид бошад ва дар ин кор ҳадди ақлу эътидолро таҷовуз накунад, ба касе озор нарасонад. Аз дигар тараф, ҷиддӣ бошад ҳам, дағалӣ, такаллуф ва беаҳамиятӣ зоҳир на-

кунад. Вай чунон шӯхӣ мекунад, ки инро ислом нишон додааст, яъне дар шӯхиҳояш ҷавонмардӣ зоҳир намуда, аз ҳақиқат дур намеравад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) чун бо саҳобагони мубораки худ шӯхӣ мекард, маҳз ҳамин тавр рафтор менамуд. Аз забони саҳобагони зиёде нақл карда мешавад, ки боре онҳо ба расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) гуфтанд: *"Ба дурустӣ, ки ту бо мо ҳазл мекунӣ!"* Ба ин сухан вай ҷавоб дод: «إنّي لا أقولُ إلاّ حقّاً»

***"Ба дурустӣ, ман ба ҷуз ҳақиқат чизи дигар намегӯям!"***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад".**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ҳар замон ҳазл мекард, аммо дар ҳазлҳои худ аз ҳақиқат ҳаргиз дур намешуд. Саҳобагони мӯҳтарами ӯ низ маҳз ҳамин тавр рафтор менамуданд ва аз хусуси он ки онҳо бо Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) чӣ тавр ҳазлҳо мекарданд, ахбори аҷиби зиёде ҳаст.

Масалан, дар бисёр маҷмӯаҳои ҳадис ва зиндагиномаҳо хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) бо Абу Умайр ном писараки яке аз саҳобагонаш зуд – зуд ҳазл менамуд. Ин писарак мурғаке дошт ва одат карда буд, ки бо он мурғак бозӣ кунад. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) боре дид, ки ӯ аз чӣ сабабе ғамгин аст ва одамонро пурсид: ***"Чаро ман Абу Умайрро ғамгин мебинам?"*** Онҳо гуфтанд: *"Ё Расулаллоҳ, мурғаке, ки ӯ бо он бозӣ мекард, мурд"* – он гоҳ пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) бо шӯхӣ ба писарак гуфт: «يا أبا عُمير، ما فعَل النُّغير؟»

***"Ё Абу Умайр, мурғак чӣ кард?"***

**"Зиндагонии саҳобагон", 3\149.**

Дар хабар аст, ки боре ба назди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) шахсе омада, хоҳиш кард, ки ӯро ба уштур савор бикунад. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) бо ҳазл гуфт:

«إنّا حامِلوكَ على وَلَدِ ناقَةٍ» فقال: يا رسول الله، ما أصنعُ بِوَلَدِ ناقَة؟ فقالَ الرسولُ ﷺ: «وهَلْ تَلِدُ الإبلَ إلاّ النوقُ؟»

***"Мо туро ба бачаи шутур савор мекунем".*** Он шахс хитоб кард, ки: *"Ё Расулаллоҳ, ман бо бачаи шутур чӣ мекунам?!"*[24] Он гоҳ Расул (салаллоху алайхи васаллам)

гуфт: ***“Магар бачаи уштурро ба ҷуз уштур чизи дигар мезояд?”***

**Ал – Бухорӣ дар “Ал – адабу-л – муфрад”.**

Имом Аҳмад аз забони Анас (р) ҳадиси дигаре меоварад, ки дар он хабар дода мешавад: бадавие бо номи Зоҳир ҳамеша барои пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) аз биёбон тӯҳфаҳо меовард. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) бошад, ӯро ҳангоми баргаштанаш бо хӯрокаву таҷҳизот таъмин менамуд ва мегуфт:

**«إنَّ زاهراً بـادِيتُنا ونحنُ حـاضروه»**

***“Зоҳир биёбони мост, мо шаҳри ӯстем”.***

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ӯро дӯст медошт. Ин шахс чандон хушнамуд набуд. Боре чун бо савдои моли худ машғул буд, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба ӯ аз пас чунон наздик омада ӯро оғӯш гирифт, ки вай надид. Гуфт: *“Маро бигузор! Ин кист?”* Чун ба ақиб рӯ оварда, пайғамбарро (салаллоху алайхи васаллам) дид, қафаси синаи ӯро бо тахтапушти худ сахт пахш кард. Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) бошад, чанд бор такрор кард, ки: **«مَنْ يَشتَري العَبْـدَ؟»** ***“Ин ғуломро кӣ мехарад?”*** Инро шунида бадавӣ гуфт: *“Ё расулаллоҳ! Ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ки тавре худ мебинӣ, ман моли бозоргир нестам!”* Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

**«لكنْ عنـدَ اللهِ لَسْتَ بِكاسِدٍ»، أو قال: «لكنْ عندَ اللهِ أنتَ غالٍ»**

***“Аммо ту дар назди Аллоҳ чунин нестӣ!”*** (ё ӯ гуфт: ***“Аммо дар назди Аллоҳ қимати ту баланд аст!”***)

Нақл мекунанд, ки боре ба назди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) як пиразане омада, гуфт: *“Ё Расулаллоҳ, аз Аллоҳ хоҳиш бикун, ки маро ба биҳишт дохил кунад!”* Вай бо ҳазл ҷавоб дод:

**«يا أمَّ فُلان، إنَّ الجنّة لا تدخُلُها عَجوزٌ»**

***“Эй модари фалонӣ, ба дурустӣ, кампир ба биҳишт дохил намешавад!”*** – баъд аз ин кампир гирён шуда, ба роҳи худ рафт. Он гоҳ пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) фармуд:

**«أخبروها أنّها لا تدخُلُها، وهي عجوز؛ إنّ الله تعالى يقول: «إنّا أنشأناهُنّ إنشاءً فجعلناهُنّ أبْكاراً»**

***“Ба вай бигӯед, ки ҳамчун кампир ӯ ба биҳишт дохил наме-***

***шавад, зеро ба дурустӣ, ки Аллоҳи Таъоло гуфт: "Ба дурустӣ, ки Мо онҳоро (дубора) офаридем ва онҳоро (ба сурати) духтар овардем..."*[25] **"Қиёмат", 35 – 36.**

**Ат – Тирмизӣ**

Аз ҷумлаи ҳадисҳое, ки аз хусуси хислати зиндадилӣ доштан ва ҳазлро дӯст доштани Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гувоҳӣ медиҳанд, ҳадисе низ тааллуқ дорад, ки Имом Аҳмад аз забони Оиша (р) нақл менамояд. Вай гуфтааст: *"Боре чун ман ҷавон ва духтараки наҳифе будаму пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро дар як сафараш ҳамроҳӣ мекардам, вай ба одамон гуфт:* **«تقدموا»** ***"Пеш гузаред!"*** *Онҳо пеш гузаштанд. Вай ба ман рӯ оварда, гуфт:* **«تعالي حتى أسابقك»** ***"Наздиктар биё, ман бо ту мусобиқа мекунам!"***[26] *Ман бо ӯ мусобиқа карда, пеш гузаштам. Баъд аз ин вай чизе нагуфт. Аммо пас аз чанд вақт, чун ман вазнинтар шудам, аз ин хусус фаромӯш карда, дубора бо ӯ ба роҳ даромадам. Вай ба одамон гуфт:* **«تقدموا»** ***"Пеш гузаред!"*** *Онҳо пеш гузаштанд. Пас ба ман рӯ оварда гуфт:* **«تعالي حتى أسابقك»** ***"Наздиктар биё, ман бо ту мусобиқа мекунам!"*** *Ман бо ӯ мусобиқа кардам, вале дар ин дафъа ӯ аз ман пеш гузашт ва хандида гуфт:* **«هذه بتلك»** ***"Ин ба ту барои ҳамон дафъа!"***

Аз ин сабаб, саҳобагони мӯҳтарам дар ҳазлу шӯхӣ чизи бад намедиданд, зеро онҳо шоҳид буданд, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки имом, доҳӣ ва муаллимашон буд, чӣ гуна рафтор менамуд ва чӣ гуна ҳар замон ҳазлу шодӣ мекард. Ривоятҳо дар бораи чӣ хел шӯхӣ кардан ва шуғл доштани саҳобагон низ машҳуранд. Ин чиз ба муҳити созгоре, ки дар ислом дар давраҳои аввали инкишофи он фароҳам буд, ишора мекунад, яъне ба ин муҳит такаллуфу тирадиливу маъюсӣ бегона буд.

## Вай ҳалим аст

Мусалмони тақводор, ки қалбаш аз фармоишоти ислом пур гардидааст, худро ҳамеша ба ҳалимӣ ва фурӯ нишондани ғазаб одат мекунонад. Вай бо ин амали худ суханони Аллоҳи Азза ва Ҷалларо дар амал татбиқ менамояд:

﴿وَٱلۡكَٰظِمِينَ ٱلۡغَيۡظَ وَٱلۡعَافِينَ عَنِ ٱلنَّاسِۗ وَٱللَّهُ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ﴾

***﴿...ва онҳое, ки хашми худро фурӯ менишонанд ва гузашт мекунанд. Аллоҳ накӯкоронро дӯст медорад!﴾***

**"Оли Имрон", 134.**

Ин аз он сабаб гуфта шуда буд, ки аз нуқтаи назари ислом пурзӯр касе нест, ки мушакҳои бақувват дорад ва метавонад бо одамон ҷангида, ғолиб ояд. Пурзӯр онест, ки ботамкин ва фурӯтан аст, дар лаҳзаи омадани хашм худро идора карда метавонад.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«لَيْسَ الشَّدِيدُ بِالصُّرَعَةِ ، إِنَّمَا الشَّدِيدُ الَّذِي يَمْلِكُ نَفْسَهُ عِنْدَ الغَضَبِ»

***"Пурзӯр он шахс нест, ки бар бисёр касон ғолиб мешавад, пурзӯр фақат он шахсест, ки чун хашмгин шавад, худро боздошта тавонад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Нишонаи дараҷаи мардонагӣ чунин одат нест, ки ба ғазаб дода шавӣ, ба эҳсосоти зудгузар итоат бикунӣ, балки он аст, ки худдорӣ бикунӣ ва нагузорӣ, ки ғазаб аланга бизанад. Худдорӣ карда, дар лаҳзаи асабоният бехуд нашуда, инсон имконият пайдо мекунад, ки вазъиятро зери назорати худ бигирад, ба пайдо шудани баҳс роҳ надиҳад, ба мақсадҳои худ ноил гардад ва лутфу марҳамати Аллоҳ ва одамонро сазовор шавад. Маҳз аз ин сабаб, вақте ки як шахс ба Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) бо хоҳише муроҷиат намуд, ки ба ӯ дастуре диҳад, вай ба ӯ як сухани кӯтоҳ гуфт: ***"Хашмгин машав!"*** Пас аз ин ҳам чун он шахс хоҳиши худро чанд карат такрор намуда, гуфт: *"Ба ман панде бидеҳ"*, Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) якзайл ба ӯ ҳамон суханонро ҷавоб дод, ки моҳияти аслии тамоми сифоти ахлоқи ҳамидаро фаро мегирад: ***"Хашмгин машав!"***

Нақл мекунанд, ки Ибни Аббос (р) гуфт:

"(Боре) *Расулаллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *ба Ашаҷ Абдулқайс гуфт:*

«إِنَّ فِيكَ خَصْلَتَيْنِ يُحِبُّهُمَا اللَّهُ : الحِلْمُ والأَنَاةُ»

***"Ба дурустӣ, туро ду сифат хост аст, ки Аллоҳ онҳоро меписандад: ҳилм ва сабр."***

**Муслим**

Бо вуҷуди ин мусулмони асилро гоҳо лозим меояд, ки ба хашм ояд, аммо ӯ на барои худ, балки барои Аллоҳ хашмгин мешавад. Ин ҳолат ҳангоме воқеъ мешавад, ки яке аз манъкардаҳои (наҳйи) Вайро нодуруст риоя мекунанд ё яке аз фармудаҳои Ӯ ғалат маънидод мешавад ё ягон таъиноташро инкор мекунанд. Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам маҳз ҳамин тавр рафтор менамуд. Аз ин хусус дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки ал – Бухорӣ ва Муслим овардаанд. Оиша (р) гуфт:

«ما انتَقمَ رسولُ الله ﷺ لِنَفسِهِ، إلاّ أنْ تُنْتَهَكَ حُرْمَةُ اللّهِ، فَيَنْتَقِمُ لِلّهِ بِها»

*"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам барои худ қасос намегирифт, аммо барои Аллоҳ дар мавридҳое, ки ягон поҳурматӣ ба зоти Аллоҳ зоҳир мешуд, интиқом мегирифт".*

Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам хашмгин мешуд, аммо ранги чеҳраи ӯ ҳамон вақт тағйир меёфт, ки касе бо аъмоли худ ба шаъни дин зарар мерасонд ё дар истифодаи муқаррароти он хато мекард ё барои истифодаи ҷазоҳои шариат муқаррар намуда сустӣ зоҳир менамуд.

Масалан, вай боре вақте ба ғазаб омад, ки як шахс ба наздаш омада, гуфт: *"Ба дурустӣ, ки ман дар намози бомдод ба сабаби он, ки онро фалонӣ бо мо (басо) дароз мегузорад, дер мемонам".* Ва касе надид, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам дар он рӯзе, ки амри маъруф мекард, ягон вақти дигар ин қадар сахт хашмгин шуда бошад. Он вақт гуфт:

يا أيُّها النّاسُ، إنَّ مِنْكُمْ مُنَفِّرينَ، فأيُّكُمْ أمَّ النّاسَ فَلْيُوجِزْ، فإنَّ مِنْ وَرائِهِ الكَبيرَ والصَّغيرَ وذا الحاجةِ»

***"Эй мардум, дар ҳақиқат дар миёни шумо шахсоне ҳастанд, ки (ба дин) кароҳат мерасонанд! Бигузор касе, ки намозро бо дигарон мегузорад, кӯтоҳ кунад, зеро дар паси ӯ метавонанд, ки пирон, хурдсолон ва онҳое бошанд, ки кори зарур доранд!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ӯ он рӯз низ хашмгин шуд, ки баъд аз як сафараш ба назди Оиша (р) баргашт ва дар хонаи ӯ пардаи нафисе дид, ки сурате дошт.[27] Ин суратро ӯ пора – пора кард ва ранги рӯяш тағйир ёфту хитоб кард:

«يا عائِشَةُ، أشَدُّ النّاس عَذاباً عندَ الله يومَ القِيامَةِ الذينَ يُضاهونَ بِخَلْقِ الله»

***“Ё Оиша, дар Рӯзи Қиёмат ба азоби сахттарин дар назди Аллоҳ онҳое гирифтор хоҳанд шуд, ки дар офариниш ба Аллоҳ тақлид мекунанд!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ӯ дар он рӯз хашмгин шуд, ки Усома ибни Зайд ба вай бо хоҳише барои як зан аз қабилаи бани Махзум мурочиат намуд. Ин зан дуздӣ карда буд. Пас аз ин Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) фармуд, ки дасти ӯро тибқи қонунҳои шариъат бибуранд. Аз ин ҳодиса огоҳ шуда, одамон пурсиданд, ки: *“Дар бораи ӯ (зан) кӣ бо Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфтугӯ хоҳад кард?”* Пас гуфтанд: *“Кӣ ҳам ҷуръат мекард, ба ҷуз Усома ба ӯ дар ин хусус гуфтугӯ кард».* Дар ҷавоб Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) хашмгинона гуфт: ***“Ту чӣ хел тавонистӣ, ки аз хусуси манъ кардани ҷазое, ки Аллоҳи Таъоло муқарар кардааст, тавсиа бидиҳӣ?!”.*** Баъд ӯ аз ҷо бархост ва ба одамон рӯ оварда амри маъруф карду гуфт:

«أَتَشْفَعُ في حدٍّ مِنْ حُدود الله تَعالى»؟. ثم قـام فَاخْتَـطَبَ، ثم قال: «إنّما أَهلَكَ مَنْ قَبْلَكمْ أنّهم كـانوا إذا سَـرَق فيهمُ الشَّريفُ تَـركوهُ، وإذا سـرقَ فيهمُ الضعيفُ أقامـوا عليـه الحدَّ! وَايْمُ اللّهِ لَوْ أَنَّ فاطمةَ بنتَ محمدٍ سَرَقَتْ لَقطعتُ يَدَها»

***“Ба дурустӣ, ки Ӯ онҳоеро, ки қабл аз шумо зиста буданд, барои он нобуд сохт, ки дуздиро дар миёни онҳо машҳуртаринашон содир кард ва онҳо ба ӯ даст нарасониданд, вале чун заифе дуздӣ кард, ӯро ба ҷазои мувофиқ гирифтор карданд! Ва қасам ба Аллоҳ, ки агар Фотима, (духтари Муҳаммад) чизе медуздид, ҳатман дасти ӯро низ мебуридам!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳамин мавридҳо Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) хашмгин мешуд ва ҳаминҳо барои зоҳир намудани ғазаб дар шариати исломӣ асос шуда метавонанд. Шариати исломӣ нишон медиҳад: дар ҳолатҳое хашмгин шудан мумкин аст, ки агар ин кор барои Аллоҳ бошад, на барои худ.

## Вай аз бадзабонӣ

### ва ҳама гуна фаҳш ҳазар мекунад

Мусулмон агар инчунин одобро дар мавридҳое, ки ӯро ғазаб фаро мегирад, риоя бикунад, маълум, ки ҳаргиз наметавонад суханони

носазо бигӯяд ва ягон кори бетарафона анҷом диҳад. Чун вай барои худ риояи бечунучарои меъёрҳои ахлоқии исломро вазифа мекунад ва ин чиз ба дашном додану ҳақорат кардан ва лаънат хондан нафрати инсонро бедор месозад, он гоҳ хислатҳои накӯ дар вуҷуди ӯ пурзӯр мешаванд ва ӯро аз бадзабонию кулли фаҳш бозмедоранд. Мусулмон дигар наметавонад, ки чунин суханонро бишунавад.

Дар хабар аст, ки Абу Масъуд (р) гуфт: *"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:*

«سِبابُ المُسْلِمِ فُسوقٌ، وقتالُه كُفْرٌ»

***"Таҳқир кардани мусулмон ин фисқ аст, куштани ӯ бошад, беимонист!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамчунин дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«إنَّ اللهَ لا يُحِبُّ كُلَّ فاحِشٍ مُتَفَحِّشٍ»

***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳ кулли содиркунандагону гӯяндагони фаҳшро дӯст намедорад"***

**Аҳмад ва ат – Табаронӣ**

Ҳамчунин дар хабар аст, ки ӯ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«إنَّ اللهَ تعالى يُبغِضُ الفاحِشَ البَذيءَ»

***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳи Таъоло гӯяндагони фаҳшу бадзабононро бад мебинад!"***

**Ат – Табаронӣ**

Ҳамчунин дар хабар аст, ки ӯ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«ليسَ المُؤْمِنُ بالطَّعّانِ ولا اللَّعّانِ ولا الفاحِشِ ولا البَذيءِ»

***"Дуруст нест, ки мӯъмин дашном диҳад, лаънат кунад, фаҳш гӯяд, бадзабон бошад".***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-адабу-л-муфрад".**

Дар ҳақиқат ин хислатҳо ба шахсияти мусулмоне, ки насими тозаи имонро нафас кашида, бо навозиши оличанобӣ ислом шинос шудааст, тамоман мувофиқ нестанд. Аз ин сабаб ӯ аз ин чизҳо дур мебошад.

Вай ҳар гоҳ, ки дар рӯбарӯи худ намунаи хуберо дучор ояд, ки

тимсолаш Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мебошад, аз ин одатҳо боз ҳам дуртар меравад. Ҳазрати пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар тамоми умри худ ягон сухане ба забон наовардааст, то гӯшу ҳуши онеро озор диҳад, эҳсосашро сахт расад ё таҳқир кунад, ки ӯро гӯш медод.

Анас (р), чунин ҳадисро меоварад:

«لَمْ يَكُنْ رسـولُ الله ﷺ فاحِشـاً، ولا لَعّانـاً، ولا سَبّاباً، كان يقولُ عندَ المَعْتَبَة: ما لَهُ؟ تَرِبَ جَبِينُهُ»

*Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳаргиз сухани фаҳш ба забон наовардааст ва одат надошт, ки лаънат кунад ва дашном диҳад, агар касеро мехост сарзаниш кунад, мегуфт:* ***"Ба ӯ чӣ шуда?! Ҷабинашро хок пӯшад!"***[28]

**Ал-Бухорӣ**

Зиёда аз ин вай ҳатто кофиронро, ки дилҳояшон барои даъвати ӯ пӯшида буд, аз лаънат кардан худдорӣ менамуд. Нисбати онҳо суханони ношоиста ва озордиҳанда истифода намебурд. Аз ин хусус саҳобаи машҳур Абу Ҳурайра (р) чунин мегӯяд:

«إني لَمْ أُبعَثْ لَعّاناً، ولكنْ بُعِثْتُ رَحْمَةً»

"(Боре одамон) *пурсиданд: "Ё Расулаллоҳ, кофиронро лаънат бикун!"* Бар хилофи онҳо ӯ гуфт: ***"Ба дурустӣ, ки ман барои лаънат кардан фиристода нашудаам, ман барои раҳму шафқат (кардан) фиристода шудаам!"***

**Муслим**

Ва Абу Ҳурайра (р) ба хотир меоварад, ки боре ба назди пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) шахсеро оварданд, ки май нӯшида буд ва ӯ ба одамон гуфт: *«Ӯро бизанед!"*

Онҳо чунин ҳам карданд. Баъд кадоме нидо кард: *"Аллоҳ туро шарманда созад!"* Он гоҳ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا تقولـوا هذا، لا تُعينوا عليه الشّيطان»

***"Чунин нагӯ, ба шайтон кӯмак нарасон, ки ӯро мағлуб созад!"***

**Ал-Бухорӣ**

Ин гуна муносибат агарчӣ барои гумроҳшуда ва гунаҳкор аст чӣ қадар башардӯстонаву раҳмдилона мебошад.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) барои аз қалби одамон решакан кардани

нафрату душманӣ кӯшиш ба харҷ дода, вақте ба ҳадди ниҳоии имконият мерасид ва барои мусулмонон тақдири талхи онеро қайд мекунад, ки забонашро дошта наметавонад, одамонро дашном медиҳад ва ишора менамояд, ки инсон метавонад бо дашном, таҳқири бемаврид ва аъмоли як замон содирнамудаи душманонааш тамоми аъмоли накӯи дар зиндагӣ анҷом додаашро барбод диҳаду аз ҳама гуна ҳимояи оташи Рӯзи Қиёмат ҳангоми ҳисоб худро маҳрум созад ва бечора гардонад.

Дар хабар аст, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро пурсид:

«أَتَـدْرُونَ مَنْ الْمُفْلِسُ؟ قـالـوا: المفلِسُ فينـا مَن لا درهَمَ لَهُ ولا مَتاعَ، فقال إنَّ الْمُفْلِسَ مِنْ أمّتي مَنْ يأتي يـومَ القِيامَـة بصلاةٍ وصيامٍ وزكاةٍ، يأتي وقد شَتَمَ هذا، وقَذَفَ هـذا، وأكَلَ مـالَ هذا، وسَفَـكَ دَمَ هذا، وضَرَبَ هـذا. فيُعْطى هـذا مِنْ حَسَناتِـهِ، وهذا مِنْ حَسَنـاتِه، فإن فَنِيَتْ حَسَناتُهُ قبلَ أن يُقضَى ما عليهِ أُخِذَ مِنْ خَطاياهمْ فَطُرِحَتْ عليه، ثمّ طُـرِحَ في النّار»

***"Оё медонед, ки "бечора" чӣ кас аст?"*** Дар ҷавоб онҳо ба ӯ гуфтанд: *"Бечора дар миёни мо касест, ки ягон дирҳам ва моле надорад".* Он гоҳ вай гуфт: ***"Ба дурустӣ, дар қавми ман бечора ҳамонест, ки дар Рӯзи Қиёмат ибодату рӯзаву закот[29] бо худ меоварад, аммо дар айни замон маълум мешавад, ки вай касеро дашном додаву касеро наҳ задааст, моли касеро аз худ карда, ё хӯрдааст, хуни касеро рехтаву касеро задааст, он гоҳ қисме аз аъмоли неки ӯ ба яке дода мешавад, қисме ба дигаре ва агар ҳасаноти ӯ тамом шуд, қабл аз ҳисоб баробар кардан гуноҳҳояшро гирифта ба ӯ мепартоянд ва баъд аз ин ӯ ба ҷаҳаннам андохта мешавад!"***

**Муслим**

Бо назардошти ин ҳама ҷои тааҷҷуб нест, ки дар зиндагии мусулмони асил барои чунин чизҳои бемаънӣ мақоме намемонад ва дар ҷамъияти асили мусулмонӣ, ки арзишҳои ин дин ҳукмронӣ ва одамон меъёрҳои ахлоқии олии онро риоя менамоянд, чунин низоъҳое, ки ба дашном додан водор кунанд ва обрӯ резонанд, хеле кам воқеъ мешаванд.

Вале агар гардиши рӯзгор чун узви ҷамъияти асили исломиро

бо вуҷуди ин ба зиддияте рӯ ба рӯ месозад, он гоҳ дар қаъри дили худ ӯ ҳамеша эҳсос менамояд, ки рӯзе барои ҳар сухане, ки гуфтааст, аз ӯ пурсида хоҳад шуд ва аз ин сабаб вай аъмолу сухани худро дар ҳолати ҳаяҷон назорат мебарад. Вай бо хотир меоварад, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфтааст:

«المُتسابَّانِ ما قالا، فعلى البَادي منهما حتى يَعتَدِيَ المَظْلومُ»

***"Ду шахси ҳамдигарро дашномдиҳанда ҳар чизе нагӯянд, гуноҳ бар ҳамоне хоҳад буд, ки аввал огоз кардааст, аммо агар ҷабрдида аз ҳад нагузарад[30]".***

**Муслим**

Бо назардошти ҳамаи он чизе, ки дар боло қайд карда шуданд, вай забони худро аз дашном додан бозмедорад. Ҳатто агар ӯро чизе бо ин кор водор созад ҳам, ӯ ҷӯши ғазаби худро фурӯ менишонад, то гунаҳкор ва яке аз онҳое нашавад, ки аз ҳад гузаштааст.

Таъсири ин дархости ахлоқӣ дар шууру зиндагии воқеии мусулмон барои фавтидагон низ дахл дорад, зеро онҳоро ӯ ҳақорат намедиҳад ва ба ҳамин чиз аз мардумони ҷоҳил, беақл ва бефаросат, ки зиндагонро ҳақоратборон карда, мурдагонро ором намегузоранд, фарқ мекунад. Мусулмон бошад, тибқи нишондодҳои Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) амал менамояд. Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) фармудааст:

«لا تَسُبُّوا الأمْواتَ، فإنَّهمْ قَدْ أفضَوْا إلى ما قَدَّموا»

***"Мурдагонро дашном мадиҳед, зеро дар ҳақиқат онҳо ба он чӣ ки содир карда буданд, сазовор шудаанд!"***

**Ал-Бухорӣ**

## Вай касеро ба бешарафӣ ё беимонӣ гунаҳкор намекунад, то ба ин чиз асоси қонунӣ надошта бошад

Мусулмоне, ки ба худ иҷозат намедиҳад, то ҳақорату дашном ба забон оварад, суханони носазо гӯяд, афтодан ба гуноҳи боз ҳам вазнинтарро ба шаъни худ муносиб намедонад. Ин гуноҳ гунаҳкор донистани одамон ба бешарафиву беимонӣ дар ҳолатҳоест, ки барои ин кор ягон асоси ҷиддӣ надорад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) онҳоеро, ки дар ин кор одамони бегуноҳро гунаҳкор меҳисобанд, чунин

таҳдид намудааст, ки гунаҳкор карданашон ба худашон бармегардад ва онҳо бори вазнин ин гуноҳро бо худ мебаранд. Вай гуфтааст:

«لا يَرْمي رجلٌ رَجُلاً بالفِسْقِ أو الكُفْرِ إلاَّ ارْتَدَّتْ عليهِ، إنْ لمْ يكُنْ صاحبُه كذلِكَ»

***"Агар ягон шахсе шахси дигарро дар бешарафию куфр беасос гунаҳкор шуморад, он гоҳ ин гуноҳ ҳатман ба худи ӯ бармегардад".***

**Ал-Бухорӣ**

## Шармгин ва айбпӯш

Аз ҷумлаи ахлоқи ҳамидаи мусулмони асил ин аст, ки вай шармгин мебошад ва айбҳои дигаронро пинҳон медорад. Вай намехоҳад, ки хабари номақбул дар ҷамъияти исломӣ паҳн гардад, зеро фармоишоти Қуръони Маҷид ва суннатҳои асилро дарк кардааст. Онҳо касеро, ки расонидани хабарҳои бадномкунандаи дигарон ва овоза кардани нуқсонҳои дигаронро меписандад, бо ҷазои вазнинтарин дар ҳар ду ҷаҳон таҳдид намудаанд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلْفَٰحِشَةُ فِى ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ﴾

***﴿ Барои касоне, ки дӯст медоранд то барои мӯъминон фаҳш шоеъ шавад, дар дунёву охират азоби дардовар муҳайёст!﴾***

**"Нур", 19.**

Ин чунин маъно дорад, ки онҳое, ки дар ҷамъият чизи ношоистаро овоза мекунанд, мисли онҳое, ки ин кори ношоистаро содир намудаанд, гунаҳкоранд. Нақл мекунанд, ки Алӣ ибни Абу Толиб (р) гуфт:

*"Гӯяндагони носазо ва қиссакунандагоне, ки инро шахсе ба иҷро расонид, як хел гуноҳ содир менамоянд".*

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Инсоне, ки узви ҷамъияти исломист, кӯшиш ба харҷ диҳад, ки нуқсони дигаронро пинҳон дорад ва ӯ бо шарму ҳаёи худ фарқ ме-

кунад. Вай ба хатои ночиз ва гуноҳи андаки дигарон эътибор доданро дар шаъни худ сазовор намебинад. Сабаби ин он аст, ки ислом дар ӯ хислати худдорӣ карданро омӯзонидааст ва ин чиз ӯро аз паст задани шаъну эътибори дигарон бозмедорад, ба ӯ имкон намедиҳад, ки аз хусуси гуноҳҳои худ, аз хусуси он ки чӣ шуниду ба чашми худ чӣ дид, ҳарф занад. Дар айни замон вай дар рафтори худ суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба эътибор мегирад, ки гуфтааст:

«كُلُّ أُمَّتِي مُعافَى إلاّ المُجاهِرِينَ، وإنَّ مِنَ المُجاهَرَةِ أَنْ يَعْمَلَ الرَّجلُ بالليل عَمَلاً، ثُمَّ يُصْبحَ وقَدْ سَتَرَهُ اللَّهُ عليه، فيقولُ: يا فُلانُ، عَمِلْتُ البارِحَةَ كَذا وكَذا، وقد باتَ يَسْتُرُهُ رَبُّهُ، ويُصْبحُ يَكْشِفُ سِتْرَ اللَّهِ»

***"Тамоми аъзои қавми ман раҳо хоҳанд ёфт[33], ба ҷуз онҳое, ки бо овози баланд эълон медоранд. Мисоли чунин чиз рафтори шахсе метавонад бошад, ки шабона кореро анҷом додаасту Аллоҳ пинҳон намудааст, аммо пагоҳӣ худ мегӯяд: "Эй, фалонӣ, шабона ман чунину чунон кардам" – ва чунин мешавад, ки вай дар паноҳи чодари Худои худ пинҳон монд, вале пагоҳӣ ин чодарро (аз рӯи худ) афканд".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамчунин гуфт:

«لا يَسْتُرُ عَبْدٌ عَبْداً في الدُّنيا إلاّ سَتَرَهُ اللَّهُ يومَ القِيامَةِ»

***"Агар бандае дар ин дунё дигар бандаро пинҳон медорад, Аллоҳ ӯро дар Рӯзи Қиёмат ҳатман пинҳон медорад".***

**Муслим**

Сухан дар сари он аст, ки ислоҳи ҷиҳатҳои сусти инсонро тавассути ҷуста ёфтани нуқсу хатои одамон ва баъд онро дар маърази тамошои дигарон гузоштан ислоҳ намудан имконнопазир аст. Ба ин чиз ҳамон вақт метавон мушарраф шуд, ки агар то ба эшон ҳақиқатро ба таври бояду шояд бирасонӣ ва ба онҳо муҳаббати расму русуми итоат кардан ба Аллоҳро талқин намоӣ, дар онҳо нисбат ба саркашӣ кардан аз амри Аллоҳ нафрат парварида тавонӣ. Дар айни вақт набояд ба овоза кардану ба зиддият намудан бо он шахс роҳ дод, балки ин корро тавассути нармӣ, меҳрабонӣ ва муносибати хуб бояд анҷом дод, ки дили ӯ кушода, ҷисмаш таслим ва рӯҳаш нарм гардад. Маҳз аз ин сабаб ислом мусулмононро манъ кардааст, ки аз паи якдигар шуда, хатои дигаронро ҷустуҷӯ намоянд.

Зеро Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿...وَلَا تَجَسَّسُوا﴾

﴿*...ва таҷассус накунед...*﴾

**"Ҳуҷурот", 12.**

Моҳияти ин ҳама гуфтаҳо аз он иборат мебошад, ки ҷустуҷӯи хатоҳои мусулмонон, таъқиби онҳо, кӯшиши дар сари содир кардани хатое дарёфтани эшон ва аз ин хусус ба дигарон ҳикоя кардан ба ҳамаи мусулмонон ва дар айни замон ба ҷамъияте, ки онҳо дар он зиндагонӣ мекунанд, зарар мерасонад.

Дар ҳақиқат ҳам, агар дар ҷамъият аз хусуси ягон палидӣ маълумоте паҳн гардад ва дар бораи аъзои он овозаҳо расанд, ин чиз ҳатман ба пастравӣ мусоидат мекунад, дар ин ҷамъият гуноҳе содир намудан осонтар мешавад, нафрати миёни ҳамдигар ва ҳасисабозӣ зиёда мегардад, адовати ниҳонӣ ҷо меёбад ва бадахлоқӣ домани худро густурда мегардонад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз ҳамин чизро дар назар дошта, гуфта буд:

«إنَّكَ إن اتَّبعتَ عَوْراتِ المُسْلِمينَ أفْسَدْتَهُمْ، أو كِدْتَ أن تُفْسِدَهُمْ»

***"Ба дурустӣ, ки агар ту (ҷиҳатҳои) сустии мусулмононро пайваста назорат мебарӣ, ё онҳоро вайрон мекунӣ ё ба вайрон кардани онҳо наздиктар хоҳӣ шуд!"***

**Абу Довуд**

Ана, аз ҳамин сабаб Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) пайваста ба он чӣ, ки одамонро бадном мекунад ва хатарнок будани овозаҳо аз хусуси овоза карда шудани нуқсонҳои эшон ҷалб менамуд, онҳоеро, ки ба чунин хатар беэътиноӣ мекунанд, бо ҷазои он ки худи онҳо ба чизе фош ва дар хонаи худашон расво хоҳанд шуд, таҳдид менамуд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا تُؤذوا عِبادَ الله، ولا تُعَيِّروهُمْ، ولا تَطْلُبوا عَوْراتِهم، فإنَّه مَنْ تَطَلَّبَ عَوْرَةَ أخيهِ المُسْلِمِ طَلَبَ اللهُ عَوْرَتَهُ حتّى يَفضَحَهُ في بَيْتِهِ»

***"Бандагони Аллоҳро наозоред, онҳоро таъна назанед ва нуқсонҳои онҳоро ҷустуҷӯ накунед, зеро дар ҳақиқат, агар касе нуқсонҳои бародари исломии худро ҷустуҷӯ мекунад, Аллоҳ нуқсонҳои худи ӯро ҷустуҷӯ мекунад ва дар хонаи худ ӯро шарманда месозад!"***

**Аҳмад**

Дар нусхаи дигари ҳадис, ки аз забони Ибни Аббос(р) нақл мешавад, ғазаби расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ва қатъияти ӯ ба онҳое, ки шаъни одамонро паст мезананд, тасвир шудааст. Дар ҳадис меояд:

«خطب رسول الله ﷺ خطبة حتى أسمع العواتق في خدورهنّ فقال: يا معْشَرَ مَنْ آمَنَ بِلِسانِهِ، ولَمْ يَدخُلِ الإيمانُ قَلبَهُ، لا تُؤذوا المُؤْمِنين، ولا تَتْبِعوا عَوْراتِهِم، فإنّه مَنْ تَتَبَّعَ عَوْرَةَ أخيهِ المُسْلِمِ هَتَكَ اللّهُ سِتْرَهُ، ومَنْ يَتَتَبَّعْ عَوْرَتَهُ يَفضَحْهُ، ولَو في جوفِ بَيْتِهِ»

*"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам боре ба одамон он қадар бо овози баланд амри маъруф кард, ки ӯро ҳатто духтараконӣ дар паси чодарҳо[35] нишаста низ шуниданд. Дар ин амри маъруфи худ вай гуфт:* ***"Эй онон, ки фақат дар сухан имон овардаеду то дили шумо имон нарасидааст! Мӯъминонро маранҷонед ва аз паи ҷустуҷӯи айбҳои онҳо набошед, зеро ба дурустӣ, ки Аллоҳ онеро, ки ҳамеша аз паи ҷустуҷӯи айбҳои бародари исломияш мебошад, дар маърази тамошо қарор медиҳад ва чунин шахсро Ӯ шармсор мекунад, агарчӣ ӯ дар хонааш ҳам бошад!"***

**Ат – Табаронӣ**

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки ғазаби Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам ба шахсоне, ки сабукандешӣ карда, ба ҳама шунавонида, дигаронро бадном намуданд, он қадар зиёд аст, ки вай ба онҳо бо чунин суханон муроҷиат намудааст:

«يا معشَرَ مَنْ آمَنَ بِلِسانِهِ، ولَمْ يَدخُلِ الإيمانُ قَلْبَهُ»

***"Эй онон, ки фақат дар сухан имон овардаеду то дили шумо имон нарасидааст!"***

Онҳо чун аз ҷумлаи онҳое ҳастанд, ки дилашон аз баракати имон маҳрум аст, чӣ қадар гуноҳи кабира содир кардаанд! Дар ҳақиқат, онҳо ин гуноҳи вазнинро ночиз ангоштаанд, аммо ин гуноҳ дар назди Аллоҳ бузург мебошад!

## Вай ба он чӣ, ки ӯро дахл надорад, даҳолат намекунад

Мусулмони бофаросате, ки дар ҳақиқат дини худро ба дараҷаи зарурӣ пайравӣ менамояд ва мехоҳад, ки раҳмати Парвардигори худро дарёбад, ба он чӣ, ки ӯро дахл надорад, даҳолат намекунад,

ба корҳои шахсии ашхоси дигар худро шарик намекунад ва ба он чӣ, ки вобаста ба дигар одамон гуфта мешавад, ба мунокишаву баҳс намедарояд. Агар ӯ аз ин ҳама худро канор бигирад, метавонад бовар дошта бошад, ки ба ӯ яке аз сифатҳои ахлоқи исломӣ, сифате, ки инсонро аз чизҳои наарзанда, аз доду фарёд ва сафсатагӯӣ раҳоӣ мебахшад, хос аст.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«مِنْ حُسْنِ إِسْلامِ المَرْءِ تَرْكُهُ ما لا يَعْنِيه»

***"Яке аз нишонаҳои он, ки инсонро ислом некӯст, эътибор надодани ӯ ба он чиз аст, ки ӯро дахл надорад".***

**Ат – Тирмизӣ ва Ибни Моҷа**

Нақл мекунанд, ки Абу Ҳурайра (р) гуфт:

«إنَّ اللَّهَ تَعَالى يَرْضَى لكُمْ ثَلاثاً ويَكْرَهُ لكُمْ ثَلاثاً. يَرْضَى لكُمْ: أن تَعْبُدوهُ، ولا تُشْرِكوا بِهِ شَيْئاً، وأنْ تَعْتَصِموا بحَبْلِ اللَّهِ جَميعاً ولا تَفَرَّقُوا. ويَكْرَهُ لكُمْ: قِيلَ وقَالَ، وكَثْرَةَ السُّؤالِ، وإضاعَةَ المالِ»

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳи Таъоло мехоҳад шумо се чизро риоя бикунед ва намехоҳад, ки шуморо се чизи дигар хос бошад. Вай мехоҳад, ки шумо Ӯро парастиш кунеду ба Ӯ чизеро шарик насозед, шумо аз банди (шариати) Аллоҳ[36] устувор доред ва ҷудо нашавед. Аммо Вай намехоҳад, ки шумо ғайбат кунед, зиёд пурсед ва маблағҳои худро беҳуда харҷ намоед".***

**Муслим**

Дар ҳақиқат, дар он ҷамъияте, ки дастуроти Худовандро ба эътибор гирифта, ислом бунёд ёфтааст, ба ғайбат, зиёдапурсӣ ва даҳолат кардан ба корҳои шахсии диҷарон ба сабаби он ки аъзои он ҷамъият ба ягон кори басо муҳимтар ва зарууртар машғул мебошанд, ҷой нест. Онҳо ба татбиқи суханони Аллоҳ дар замин машғул мебошанд, дар гӯшаҳои гуногуни замин ливои Ӯро баланд мекунанд ва арзишҳои Ӯро дар миёни одамон густариш медиҳанд ва барои одамоне, ки бо чӯнин корҳои муҳим машғуланд, фурсати содир намудани чунин гуноҳҳо намемонад.

# Вайро ғайбату мубҳамӣ бегона аст

Мусулмон аз ғайбату бӯҳтон задан дур аст, зеро вай дар зери таъсири арзишҳо ва принсипҳои ахлоқии ислом ташаккул ёфтааст у тарбият гирифтааст. Вай зери таъсири ин ҳама аз чунин чизҳои нафратангез худро канор гирифта, дар ҳаёт ба корҳои нисбатан муҳимтар машғул мешавад. Ба ғайр аз ин вай пайваста ба фармоишоти Китоби Аллоҳ ва суннатҳои расули Вай диққат медиҳад, ҳамон корҳоро риоя мекунад, ки онҳо мефармоянд ва аз он корҳо, ки онҳо манъ кардаанд, худро канор мегирад.

Чун мусулмон чунин суханони Аллоҳи Азза ва Ҷалларо мехонад:

﴿وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضًا أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوهُ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ﴾

***﴿...ва бигузор касе аз шумо дигареро ғайбат накунад. Оё яке аз шумо гӯшти бародари фавтидаи худро чашидан мехоҳад?! Охир шумо ба он нафрат мекунед, пас аз Аллоҳ битарсед, ба дурустӣ, ки Аллоҳ тавбапазир, меҳрубон аст!﴾***

**«Ҳуҷурот», 12.**

Дили ӯ аз ҳисси нафрат ба ғайбат кардан пур мешавад, зеро вай ба худ мазамматкунандаеро тасаввур мекунад, ки гӯшти бародари фавтидаи худро мехӯрад. Ва ӯ чун ин манзараро ба худ тасаввур мекунад, ҳамоно мешитобад, то тавба кунад, ки инро Аллоҳ дар охири оят қайд намудааст, то онҳоеро, ки дар ғайбат гунаҳкоранд, водор созад, ки зудтар тавба кунанд.

Ва ӯ ба дастуроти муборакии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) эътибор медиҳад, ки (аз ҷумла) омадааст: *шахсе ӯро пурсид: "Ё Расулаллоҳ, кадоме аз мусулмонон беҳтарин аст?" Ба ин суол пайғамбар* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *маслиҳат дод*: «مَنْ سَلِمَ الْمُسْلِمونَ مِنْ لِسَانِهِ وَيَدِهِ» ***"Ҳамоне ки зарар намерасонад (дигар) муслимонро бо забону дасти худ".***

**Муслим**

Мусулмони тақводор бо ин дастуроти олӣ ва фармоишоти пурҳикмат ошно шуда, ба худ ғайбат карданро муносиб намебинад, атрофиёни худро чӣ касе набошад, намеранҷонад. Зиёда аз ин ғайбатро шунида, бо он мубориза мебарад, бародари исломии худро,

агар дар бораи ӯ ягон чизи дилозордиҳанда ва бад гуфта шавад, ҳимоят мекунад. Вай бо ин кори худ мувофиқи нишондоди Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) рафтор менамояд, ки фармудааст:

«مَنْ ذَبَّ عَنْ عِرْضِ أخيهِ بالغَيْبَةِ كانَ حَقّاً على الله أنْ يُعْتِقَهُ مِنَ النّارِ»

***"Аллоҳ барои Худ муносиб медонад, ки аз оташ касеро наҷот диҳад, ки шаъну шарафи бародари худро аз бадгӯӣ ҳимоя кардааст".***

**Аҳмад**

Ба ғайр аз ин мусулмони тақводор ҳаргиз суханчинӣ намекунад, зеро ба шарофати дастуроти муборакки дини худ вай хуб мефаҳмад, ки ҳар кас чунин карда, як инсони пасттарин хоҳад шуд, инсоне, ки фақат аз хусуси чӣ тавр тухми низоъ коридан миёни дигарон ва баркандани пайванди муҳаббати миёни дӯстонро фикр мекунад.

Аз забони Асмо бинти Язид (р) нақл мекунанд, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) пурсид:

«ألا أُخبِرُكُمْ بخِيارِكُمْ؟ قالوا: بَلى يا رسولَ الله. قالَ: الّذينَ إذا رُؤُوا ذُكِرَ اللّهُ عزّ وجلّ. ثم قالَ: ألا أُخبِرُكُمْ بِشِرارِكُمْ: المَشّاؤُونَ بالنّميمة، المُفْسِدونَ بينَ الأحِبّةِ، الباغونَ لِلْبُرآءِ العَنَتَ»

***"Оё ба шумо нагӯям, ки кадоми шумо беҳтаринед?"*** Одамон гуфтанд: *"Бале, ё Расулаллоҳ!"* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Инҳо шахсоне ҳастанд, ки фақат як зоҳирашон дигаронро водор месозад, ки Аллоҳи Таъолоро ба хотир биёранд"*** – пас ӯ боз пурсид: ***"Оё ба шумо нагӯям, ки кадоме аз шумо бадтарин мебошанд? Ин суханчинонанд, ки миёни онҳое, ки якдигарро дӯст медоранд, низоъ меандозанд ва кӯшиш мекунанд, то онҳоро бадном кунанд, ки ба ин чиз сазовор нестанд".***

**Аҳмад**

Барои суханчине, ки миёни одамон тухми низоъ мекорад, ин изҳороти бечунучаро кифоя мебошад, то ӯ бифаҳмад, ки дар ин ҷаҳон ӯро бешарафӣ, дар ҷаҳони боқӣ ҷазо мунтазир аст ва агар ӯ ба гуноҳ кардан давом диҳад, тамоми дарҳои умед ба рӯяш баста мешаванд. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا يَدْخُلُ الجَنّةَ نَمّام»

*“Суханчин ба биҳишт дохил намешавад”.*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Тарсу даҳшат барои оқибати суханчинӣ қалби инсонро боз аз он сабаб лабрез мекунад, ки ба суханчину низоъандоз ҷазои сахти Аллоҳ ҳамоно баъди марг чун ӯро ба қабр мегузоранд, фурӯ мерезад. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки ал-Бухорӣ ва Муслим ва муҳаддисони дигар овардаанд:

Ибни Аббос (р) гуфт:

«مَرَّ رسول الله ﷺ على قَبْرَينِ، فقال: أما إنّهما لَيُعَذَّبَانِ، وما يُعذّبانِ في كَبيرٍ. أمّا أحَدُهُما فكانَ يَمْشي بالنميمة، وأمّا الآخر فكان لا يَسْتَبْرِئ مِنْ بَوْلِهِ. قال: فدَعا بِعَسيب رَطْب، فشقّه اثنين، ثم غرَس على هذا واحداً، وعلى هذا واحداً، ثم قال: لعلّهُ أن يُخَفَّفَ عنهُما ما لَمْ يَيْبَسا»

*“ Боре Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз назди ду қабр гузашта гуфт:* ***“Ба дурустӣ, ин ду шахс ба азоб гирифтор шудаанд ва онҳоро на барои гуноҳони кабира азоб медиҳанд: яке суханчин буд, дигаре пешоби худро тоза намекард”.***

Ибни Аббос (р) гуфт: *“Пас ӯ фармуд, ки навдаи тару тозаи хурмо биёваранд. Онро шикаста ду ҳисса кард, ба ҳар ду гӯр то нисфашон халид ва гуфт:* ***“Шояд инҳо то хушкиданашон азоби онҳоро сабуктар мегардонанд”.***

## Вай аз дурӯғ гуфтан худдорӣ мекунад

Яке аз хислатҳои мусулмони асилу бофаросат ин аст, ки ӯ дурӯғ намегӯяд, зеро дурӯғ манъ шудааст.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿وَٱجۡتَنِبُواْ قَوۡلَ ٱلزُّورِ﴾

***﴿...ва аз сухани дурӯғ худдорӣ кунед.﴾***

**“Ҳаҷ”, 30.**

Шаҳодати дурӯғ бошад, на ин ки манъ аст, балки мардро паст мезанад, аз боварӣ ва эҳтиром ӯро маҳрум месозад, ба қадру қиматаш зарар мерасонад, ин чунин маъно дорад, ки мӯъминон ҳаргиз ба ин амалҳо роҳ намедиҳанд. Ана аз чӣ сабаб Аллоҳ нишон додааст, ки баргузидагон ва беҳтарин бандагонаш кадом гуноҳҳоро со-

дир намекунанд ва фармудааст, ки чунин сифатҳо эшонро хос нест.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَالَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ وَإِذَا مَرُّوا بِاللَّغْوِ مَرُّوا كِرَامًا﴾

***﴿...ва онҳое, ки шаҳодати дурӯғ намедиҳанд, аммо чун бо ночизе[37] пешорӯ меоянд, бо сарбаландӣ аз назди он мегузаранд.﴾***

**"Фурқон", 72.**

Аз хусуси беандоза будани ин гуноҳ он чиз шаҳодат медиҳад, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) онро ҳамоно пас аз ду гуноҳи вазнинтар хотиррасон намудааст, яъне бисёрхудоӣ ва беэҳтиромӣ нисбати волидон ва баъд барои мусулмонон суханони худро якчанд маротиба такрор намуд, то онҳоро аз содир намудани ин гуна гуноҳҳо нигаҳ дорад ва худ дар ҳадди ниҳоии ҳаяҷон монда буд.

Нақл мекунанд, ки боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба одамон бо суоле муроҷиат намуд:

«ألا أُنَبِّئُكُمْ بأكبَرِ الكَبَائِرِ؟ قُلْنا: بَلَى يا رسولَ الله، قالَ: الإشْـراكُ بالله، وعُقوقُ الوالِدَيْنِ، وكانَ مُتَّكِئاً فجلَسَ، فقال: ألا وقَوْلُ الزُّورِ، فما زالَ يُكرِّرُها حتى قُلْنا لَيْتَهُ سَكَتَ»

***"Ба шумо хабар диҳам, ки кадом гуноҳҳо бештар вазнин мебошанд?"*** Онҳо гуфтанд: *"Бале, ё Расулаллоҳ!"* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Ин, бо Худованд шарик донистан ва беэҳтиромӣ нисбат ба волидон".*** Инро гуфта, ӯ ба дасташ такя карда каҷпаҳлӯ зад ва баъд нишасту гуфт: ***"Ба дурустӣ, ки суханони дурӯғ ва шаҳодати дурӯғ!"*** ва ӯ ин суханонро он қадар такрор намуд, ки одамон гуфтанд: *"Кош ӯ хомӯш мешуд".*[38]

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Вай аз хаёли бад дар бораи одамон дурӣ меҷӯяд

Як хислати мусулмони асил ин аст, ки вай дар бораи одамон андешаи бад намекунад, ба худ имконият намедиҳад, ки ба одамон ягон хел камбудӣ ё гуноҳеро аз ягон хусус нисбат диҳад, ҳол он ки онҳо ба ин чиз сазовор нестанд. Вай мувофиқи иродаи Аллоҳи Таъоло амал менамояд, ки гуфтааст:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱجۡتَنِبُواْ كَثِيرٗا مِّنَ ٱلظَّنِّ إِنَّ بَعۡضَ ٱلظَّنِّ إِثۡمٞۖ ﴾

***﴾ Эй онон, ки имон овардаед! Аз гумону шубҳа дурӣ ҷӯед, (зеро) ба дурустӣ, ки баъзе гумону шубҳаҳо гуноҳанд. ﴿***

**«Ҳуҷурот», 12.**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба одамон дастуроти худро дода, онҳоро аз гумону шубҳаҳои асоси воқеӣ надошта ва бовcovарибахш набуда огоҳ намудааст. Масалан, вай гуфтааст:

«إِيَّاكُمْ والظَّنَّ، فَإِنَّ الظَّنَّ أَكْذَبُ الحَدِيثِ»

***"Ҳаргиз шубҳа накунед, зеро шубҳа дурӯғтарин сухан аст".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин мешуморид, ки шубҳа дурӯғтарин сухан мебошад, зеро мусулмони асилу воқеӣ, ки ҳатто таъми дурӯғро начашидааст, метавонад суханеро ба забон оварад, ки аз дурӯғ ҳам бадтар аст.

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро аз гумону шубҳа огоҳ карда, гумону шубҳа карданро аз дурӯғ бадтар шуморида, мусулмононро ҳидоят намудааст, то онҳо одамонро бо он корҳояшон қазоват кунанд, ки метавонанд бубинанд ва аз гумону шубҳа ва бофтану тахмин кардан дуртар бошанд. Ин чунин маъно дорад, ки мусулмон кӯшиш накунад, то ба ниҳонхонаи қалби одамон роҳ ёфта маълум кунад, ки он чӣ хусусияте дорад ва ба андешае биравад, ки метавонад ба шаъну шарафи дигарон зарар расонад, зеро аз он чӣ ки дар қаъри қалби одамон ҷо дорад, Аллоҳро рӯшан аст, Аллоҳ аз хусуси асрор ва чизҳои пинҳон намудаи одамон огоҳ аст ва ҳамаро ошкор намуда, барои ҳамааш ҳисоб баробар мекунад. Инсон бошад, аз хусуси бародари худ фақат аз рӯи ҳамон кораш ҳукм мекунад, ки мебинад ва гузаштагони тақводори мо аз ҷумлаи саҳобагон ва пайравоне, ки нафаси тозаи ин дастуроти муқаддаси аз ҳама гуна олудагиҳо покро эҳсос намудаанд, маҳз чунин рафтор мекарданд.

Абдурраззоқ (р) аз забони Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд чунин нақл мекунад:

"Ман шунидам, ки Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: *"Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар бораи одамон асоси мо-*

*ҳияти ваҳӣ ҳукм мекарданд, аммо ҳоло ваҳӣ намеояд ва мо шуморо ба корҳои кардаатон, ки мебинем, ҳукм мекунем. Агар касе дар назди мо чизи хуберо пайдо менамояд, ба ӯ бовар мекунем ва ӯро ба худ наздиктар меоварем, аммо ба он чӣ ки дар қалби ӯст, кордор намешавем, зеро барои ин ба ӯ Аллоҳ ҳисоб баробар мекунад. Вале касе, ки дар назди мо чизи бадеро пайдо мекунад, мо бовар намекунем ва ба ӯ низ бовар надорем, агарчи ӯ мегӯяд, ки дар дили ман ягон чизи бад нест".*

**"Зиндагиномаи саҳобагон", 2/151.**

Аз ин сабаб мусулмони худотарсу бофаросат ҳар суханро дуруст андешида, пас мегӯяд. Вай суханони зерини Аллоҳи Азза ва Ҷалла, ки ба ӯ нигаронида гуфтааст, ҳаргиз фаромӯш намекунад:

﴿وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۚ إِنَّ ٱلسَّمْعَ وَٱلْبَصَرَ وَٱلْفُؤَادَ كُلُّ أُو۟لَٰٓئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْـُٔولًا﴾

***﴿Ва аз паи чизе марав, ки дар бораи ӯ чизе намедонӣ, ба дурустӣ, ки гӯшу чашму дилро аз ин хусус пурсида хоҳанд шуд!﴾***

**"Исро", 36.**

Хуллас, ба ин амали манъкардашудаву пурҳикмат то тасдиқи суханонро дар асоси маълумоти дақиқ надошта бошад, пайравӣ нанамояд.

Ва тарсу хавотири бо ғайбату шубҳа гунаҳкор шудан, ки шаъни дигар одамонро паст мезанад, дар ӯ вақте зиёд мешавад, чун бо чашми дил мебинад, ки фаришта - посбони зирак супориш гирифтааст то аз болои ӯ назорат бубарад ва ҳар сухани аз забони ӯ берун шударо бинависад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿مَّا يَلْفِظُ مِن قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ﴾

***﴿Ҳар сухане, ки нагӯяд, посбони зирак онро назорат мекунад.﴾***

**"Қоф", 18.**

Мусулмоне, ки моҳияти фармоишотро сарфаҳм рафтааст, барои ҳар чизе, ки мегӯяд, аз тарси масъулият меларзад ва аз ин сабаб ӯ дар сухангӯиҳои худ ҳамеша худдорӣ мекунад ва аз он сабаб чунин рафтор мекунад, ки тавассути дастурамалҳо дини худро хуб

омӯхтааст, ягон сухани ба забон овардаи ӯ метавонад лутфи Парвардигорро нисбати ӯ боло барад ва метавонад паст занад, ки дар ин ҳолат ӯ дар худ тамоми қудрат хашму ғазаби Худовандро эҳсос менамояд. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин фармудааст:

«إنَّ الرَّجلَ لَيتكلَّمُ بالكَلِمَةِ مِنْ رِضْوانِ اللَّهِ، ما كان يظُنُّ أنْ تبلغَ ما بَلَغتْ، يكتُبُ الله له بها رِضْوانَه إلى يَوْمِ يَلْقاهُ، وإنَّ الرجلَ لَيتكلَّمُ بالكلِمةِ مِنْ سَخَطِ الله، ما كانَ يظنُّ أنْ تبلغَ ما بلغَتْ، يكتُبُ اللَّهُ لهُ بها سَخَطَهُ إلى يَوْمِ القيامَةِ»

***"Ба дурустӣ, ки инсон гоҳо сухани хубе мегӯяд, ки Аллоҳро писанд ояд, вале ба худ тасаввур карда наметавонад, ки ин суханон то ба куҷоҳо мерасанду Аллоҳ барои онҳо ӯро ба сифати яке аз ононе қайд менамояд, ки то худи вохӯрӣ бо Ӯ дар Рӯзи қиёмат лутфу марҳамат мекунад! Ба дурустӣ, ки инсон гоҳо сухани бад мегӯяд, ки Аллоҳро писанд намеояд, вале ба худ тасаввур карда наметавонад, ки ин суханон то ба куҷоҳо мерасанду Аллоҳ барои онҳо ӯро ба сифати яке аз ононе қайд менамояд, ки то худи вохӯрӣ бо Ӯ дар Рӯзи қиёмат қаҳру ғазаб мекунад!"***

**Имом Молик**

Барои суханон чӣ масъулияти бузургест ва сухани беэҳтиётонаи барои ғайбат ва бадном кардани дигарон аз забони одамон гуфташуда аз паси худ чӣ оқибати вазнин метавонад биёрад!

Дар ҳақиқат, мусалмони худотарс, ки ботини пок дорад, сафсатаҳои одамонро гӯш ва ба ғайбату овозаву қазовати онон, ки ғайри хоҳиши мо шунидан лозим меояду дар ҷамъият имрӯз зиёд шудааст, эътибор намедиҳад. Аз ин ҳама бармеояд, ки вай ҳаргиз бо он чӣ ки аз одамон мешунавад, дода намешавад, то ба дурустии суханони онон комилан бовар надошта бошад. Зиёда аз ин ҷои шубҳа нест, ки вай ин гуна тахминҳо ва овозаҳоро бе боварии комил ба дуруст буданаш, бо дурӯғи манъшуда ба дигарон расониданро нодуруст мешуморад. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) фармудааст:

«كَفَى بالمَرءِ كَذِباً أنْ يُحَدِّثَ بكُلِّ ما سَمِعَ»

***"Барои дурӯғгӯ шудан инсон кифоя аст, ки ҳар чӣ мешунавад, ба дигарон нақл кунад".***

**Муслим**

## Вай асрорро пинҳон дошта метавонад

Яке аз хислатҳои мусалмони асил ин аст, ки вай метавонад асрореро, ки ҳар кас ба ӯ бовар кардааст, пинҳон дорад. Истеъдоди ниҳон доштани асрор аз лаёқату иқтидори шахсӣ ва хислати инсон дарак медиҳад. Ин чиз мусулмонро, чӣ марду чӣ зан, ки дастуроти пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) қабул намудааст ва ба ӯ пайравӣ мекунад, хос мебошад. Дар натиҷаи ин чунин ҳунар яке аз беҳтарин сифатҳои хос ва одоби хуб хоҳад шуд.

Яке аз мисолҳои боварибахши ба саҳобагони нахустин хос будани чунин хислат – пинҳон доштани асрор ва онро ҳаргиз вайрон накардани онҳо метавонад рафтори Абубакр ва Усмон дар вазъияте бошад, ки чун Умар ба ҳар кадоми онҳо духтари бевамондаи худ Ҳафсаро ба занӣ додан хост, онҳо асрори Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) -ро пинҳон доштанд.

Имом Бухорӣ аз забони Абдуллоҳ ибни Умар (р) нақл мекунад, ки аз хусуси ин ҳодиса баъди бева мондани духтараш Умар (р) чунин ҳикоя кард:

*"Ман Усмон ибни Аффон (р)- ро вохӯрда, Ҳафсаро ба занӣ додан хоста, гуфтам: "Агар бихоҳӣ, ман ба ту Ҳафса бинти Умарро ба занӣ медиҳам". Вай ҷавоб дод, ки: "Ман фикр мекунам". Ва ман чанд рӯз мунтазир шудам. Пас ӯ маро вохӯрда гуфт: "Ман қарор додам, ки ӯро ҳоло ба занӣ нагирам." Баъд аз чанд вақт ман Абубакри Сиддиқро (р) вохӯрда, гуфтам: "Агар бихоҳӣ ман ба ту Ҳафса бинти Умарро ба занӣ медиҳам". Вале Абубакр (р) низ хомӯш монд ва дар ҷавоб ба ман тамоман чизе нагуфт. Ман аз ӯ назар ба он ки аз Усмон ранҷида будам, зиёдтар ранҷидам ва пас аз чанд рӯз Ҳафсаро пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) хостгорӣ карду ман ӯро ба шавҳар додам.*

*Баъд маро Абубакр вохӯрда, гуфт: «Ту эҳтимол вақте Ҳафсаро ба ман ба занӣ додан мехостӣ ва ман чизе ҷавоб надодам, аз ман ранҷидӣ?» Ман гуфтам: "Бале!" Он гоҳ ӯ гуфт: "Ман медонистам, ки дар бораи ӯ пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ёдрас шуда буд ва фақат ҳамин чиз ба ман халал расонд, ки ба таклифи ту ҷавоб гардонам. Ман наметавонистам, ки асрори Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам)-ро ошкор созам. Аммо агар пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) рад мекард, ман ӯро ҳатман мегирифтам!"**

Вале ҳунари пинҳон доштани асрор на танҳо мардони ниёгони моро хос буд, балки занону кӯдакон низ ба пуррагӣ дастуроти исломро қабул намуда буданд. Дар натиҷа дилҳои онҳо ва ақлашон аз нури он равшан шуда буд. Исботи инро дар ҳадисе хоҳем дид, ки имом Муслим аз забони Анас (р) нақл кардааст: *"Боре ман бо дигар бачаҳо машғули бозӣ будам*[39]*, ба назди ман Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) омад ва маро ба коре фиристод. Аз ин сабаб ман ба назди модарам бевақт баргаштам. Чун ба хона расидам, ӯ пурсид: "Чаро дер омадӣ?" Ман гуфтам: "Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) маро коре фармуд". Вай пурсид: "Ӯро чӣ даркор буд?" Ман гуфтам: "Ин асрор аст". Он гоҳ ӯ гуфт: "Асрори Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро ба касе ошкор макун!""**

Анас гуфт: *"Қасам ба Аллоҳ, ки агар ман ин асрорро ба касе ошкор мекардам, ба ту низ ошкор мекардам, ё Собит!"*[40]

Модар дид, ки писараш асрори Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро пинҳон медорад, ин хоҳишро бо фармудани он ки ин асрорро ба касе ошкор насозад, дар ӯ қавитар гардонид. Ва мо мебинем, ки Анас ин асрорро ба касе, аз ҷумла ба Собити Бунон, ки ин ҳадисро аз забони ӯ нақл кардааст, ошкор насохтааст. Ин зан (модари Анас) бошад, писари кунҷкови худро аз хусуси ягон чиз пурсуҷӯ накард, то он асрорро, ки аз ӯ пинҳон доштанд, берун оварад. Ин аст мисоли ҳақиқии тарбияи исломӣ ва он дараҷаи баланд, ки инсон, ҳам марду ҳам зан ё кӯдак ба даст овардаанд.

Дар ҳақиқат овоза кардани асрор яке аз одатҳои бади инсон ҳисоб меёбад, зеро дар зиндагӣ аз хусуси на ҳар чизе метавон сухан гуфт, ки туро ошкор аст. Бисёр чизҳое ҳастанд, ки махфӣ нигоҳ доштани онҳоро мардӣ, номус ё рашк тақозо мекунад, бахусус агар онҳо ба зиндагии занушавҳарӣ дахл доранд, ин чунин маъно дорад, ки аз ин хусус фақат ҳамонҳое ошкоро мегӯянд, ки ақлашон тира гардидааст ё аз неруи ботинӣ тамоман маҳрум шудаанд ва нокасанд. Ана барои чӣ он гуна лаққиён ба шумори одамони аблаҳ дохил мешаванд. Чунонки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) фаҳмонидааст, онҳо пеши Аллоҳ бадтаринанд:

«إن مِنْ أشرِّ النّاس عندَ اللهِ مَنْزِلَةً يومَ القِيامَةِ الرَّجلَ يُفضي إلى المرأةِ، وتُفْضي إليْهِ، ثم يَنْشُرُ سِرَّها»

***"Ба дурустӣ, дар Рӯзи Қиёмат аз одамон дар назди Аллоҳ дар вазъияти бадтарин ҳамон шахс низ хоҳад буд, ки бо занаш шабро гузаронида, баъд аз хусуси он ҳикоят мекунад, ки миёни онҳо чӣ буд".***

**Муслим**

## Дар ҳузури шахси дигар гӯшакӣ намекунад

Мусалмони худотарс муқарраротн дини худро хуб аз худ карда бо зиракии худ машҳур аст, ҳиссиёти дигаронро эҳтиром мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки онҳоро озоре нарасонад. Дар натиҷаи ин ҳангоми сӯҳбат вай ҳамеша боодобӣ зоҳир менамояд. Яке аз талабҳои асосии одоб аз он иборат мебошад, ки бо ҳамсӯҳбати худ дар ҳузури ягон шахси сеюм пичиррос назанад. Ин талаботи меъёрҳои олии ахлоқист, ки ислом аз оғоз ба одамоне, ки пайрави ин динанд, омӯзонидааст. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки аз забони ибни Масъуд (р) нақл мешавад, гуфта шудааст. Вай хабар додааст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا كُنتُمْ ثَلاثَةً، فَلا يَتَناجَ اثنانِ دونَ الآخَرِ، حتَّى تَخْتَلِطُوا بِالنَّاسِ، من أَجْلِ أنَّ ذلك يُحْزِنُهُ»

***"Агар се нафар бошед, бигузор ду кас то дами ба дигарон ҳамроҳ шудан пинҳонӣ аз шахси сеюм пичиррос назананд, зеро ин ӯро маҳзун мекунад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусалмоне, ки бо шарофати ислом соҳиби эҳсосот, назокат, дурандешӣ, фаросат ва одоб гардидааст, дар ҳузури гурӯҳи сенафара бо яке ҳаргиз пичиррос намезанад, то саввумиро дар вазъияти ногувор қарор надиҳад. Ӯро фақат зарурати беандоза метавонад ба ин кор водор созад ва дар ҳамин ҳолат ҳам аз шахси сеюм бояд иҷозат пурсида, кӯтоҳ сухан кунад ва бояд узр пурсад.

Саҳобагони муборак, ки қалбашон пур аз дастуроти ислом буд ва дар натиҷаи ин меъёрҳои ахлоқии ислом ва дастуроти ин дин ба мағзи ҷону хуни онҳо ҷо гирифта буд, бо чунин чиз дар муносибат бо дигар одамон ҳаргиз беэътиноӣ накардаанд. Аз ин хусус ахбори зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо аз хусуси чӣ тавр дар ҷамъият мувофиқ рафтор кардан ва бо дигарон чӣ гуна эҳтиром зоҳир намудани онҳо ҳикоя менамоянд. Яке аз чунин хабарҳо қиссае мебошад, ки

Имом Молик дар "Ал – Муватта" аз забони Абдуллоҳ ибни Динор нақл кардааст:

*"Боре вақте ки бо ибни Умар дар хонаи Холида ибни Уқба, ки дар шафати бозор аст, ҳозир будем, як шахс омада, хост бо ӯ дар танҳоӣ сӯҳбат кунад. Дар хона ба ҷуз ману ибни Умар дигар касе набуд ва он гоҳ ӯ боз як шахсро даъват намуд, то мо чор нафар бошем. Пас ба ман ва ба он шахс, ки даъват карда буд, гуфт: "Каме дуртар равед, зеро ман шунидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* **«لا يَتناجَ اثنانِ دونَ واحِدٍ»** ***"Бигузор ду кас дар ҳузури шахси сеюм пичиррос назанад"***.*

## Ӯро такаббур хос нест

Мусулмони асил худписанд нест, ба одамон бо нишони ҳазар кардан абрӯ барҳам намезанад ва ба онҳо бо хоҳиши нишон додани бартарии худ баланд назар намеандозад, то онҳоро аз худ дуртар ронад, зеро қалби вай аз фармоишоти Қуръон, лабрез шудааст. Қуръон таълим медиҳад, ки агар дар ин ҷаҳони бебақо бо такаббур ва худнамоӣ мағрур гардӣ, фахр кунӣ ва мисли хурӯс бо пару боли худ фаххак шавӣ, он гоҳ барои ин аз ҷаҳони боқӣ маҳрум мемонӣ, зеро онро Аллоҳи Таъоло барои мутакаббирон пӯшида гардонидааст.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿تِلْكَ ٱلدَّارُ ٱلْءَاخِرَةُ نَجْعَلُهَا لِلَّذِينَ لَا يُرِيدُونَ عُلُوًّا فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فَسَادًا وَٱلْعَٰقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ﴾

***﴾Ин ҷаҳони боқиро Мо барои онҳо таъин кардем, ки дар замин на хоҳони бартариҷӯӣ ҳастанд ва на хоҳони фасод, ва фарҷоми нек аз парҳезгорон аст.﴿***

**"Қассас", 83.**

Ва дар гӯшу ҳуши ӯ суханони Аллоҳ аз хусуси он ки Ӯ ҳар гуна мағрурону лофзанон, абрӯбарҳамзанандагон аз нафрат ба одамон ва дарзамон бо фахр қадамзанонро дӯст намедорад, зеро Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَلَا تُصَعِّرْ خَدَّكَ لِلنَّاسِ وَلَا تَمْشِ فِى ٱلْأَرْضِ مَرَحًا إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ مُخْتَالٍ فَخُورٍ﴾

***﴾Ва дар ҳузури мардум абрӯ бар ҳам мазан[41] ва дар за-***

***мин бо фахр қадам мазан – ба дурустӣ, ки Аллоҳ ҳар кадоми фахрфурӯшону нозкунандагонро дӯст намедорад!»***

**"Луқмон", 18.**

Муҳаққиқ, бо фармоишоти суннатҳои софи пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро фаро гирифта, аз он ба тааҷҷуб меояд, ки барои решакан кардани такаббур аз қалби одамон дар он чӣ қадар эътибор дода мешавад. Суннат ин сифатро маҳкум мекунад, дар одамон нисбат ба он нафрат мепарварад ва мубталои ин маризиро ҳушдор медиҳад, ки агар дар қалбҳои ишон лоақал як зарраи такаббур, ки шайтон талқин кардааст, бозмонад, он гоҳ онҳо аз ҷаҳони боқӣ маҳрум мегарданд ва роҳи онҳо ба боғи биҳишт баста мешавад.

Ишора ба ин суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аст, ки гуфтааст:

«لا يَدْخُلُ الجَنَّةَ مَنْ كانَ في قَلْبِهِ مِثْقَالُ ذَرَّةٍ مِنْ كِبْرٍ، فقال رجلٌ: إنَّ الرجلَ يحبُّ أن يكونَ ثوبُهُ حَسناً ونَعلُه حسنةً. قالَ: «إنَّ الله جَميلٌ يُحِبُّ الجَمَالَ. الكِبْرُ بَطَرُ الحَقِّ، وغَمْطُ النَّاسِ»

***"Ба биҳишт дохил намешавад касе, ки дар дили ӯ ба қадри як гард такаббур боқӣ монад".*** Як шахс гуфт: *"Аммо охир одам мехоҳад, ки либоси хубу пойафзоли хуб дошта бошад!"* Вай гуфт: ***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳ зебост ва Ӯ зебогиро дӯст медорад[42], аммо такаббур ин қабул накардани ҳақиқат аст ва нисбат ба одамон таҳқир мебошад".***

**Муслим**

Нақл мекунанд, ки Ҳорис ибни Ваҳб (р) гуфт: *"Ман шунидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«ألا أُخْبِرُكُم بأهلِ النَّارِ: كُلُّ عُتُلٍّ، جَوَّاظٍ مُسْتَكْبِرٍ»

***"Ба шумо нагӯям, ки кӣ дар оташ месӯзад? Инҳо ҳама гуна (ашхоси) дағал, фахрфурӯшон ва мутакаббиронанд"***

**Муслим**

Мутакаббирон ба дараҷаи кифоя дар ҷаҳони дигар лаззати шармандагиро мечашанд, зеро Аллоҳи Таъоло дар Рӯзи Қиёмат ба онҳо назар намекунад, бо онҳо сухан намегӯяд ва онҳоро намеомурзад. Ин подоши мувофиқест барои он ки онҳо дар замин такаббур кардаанд ва кӯшиш ба харҷ додаанд аз дигар одамон болотар бошанд. Ва ин пастзании ахлоқ барои қалбҳои ҳассос аз он азобе, ки ҷисмҳо дар ҷаҳаннам хоҳанд дид, сахттар хоҳад буд.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфтааст:

«لا يَنْظُرُ اللهُ يومَ القِيامَةِ إلى مَنْ جَرَّ إزارَهُ بَطَراً»

***"Дар Рӯзи Қиёмат Аллоҳ ба касе, ки аз такаббур эзорашро* (либосашро то бар замин) *дароз намудааст, назар намекунад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки боз пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«ثلاثةٌ لا يُكَلِّمُهُمُ اللهُ يومَ القِيامَةِ، ولا يُزَكِّيهِمْ، ولا يَنْظُرُ إليهم، ولهمْ عذابٌ أليمٌ: شَيْخٌ زانٍ، ومَلِكٌ كَذّابٌ، وعائِلٌ مُستَكْبِرٌ»

***"Дар Рӯзи Қиёмат Худованд бо се шахс сухан намегӯяд, ба онҳо назар намекунад ва онҳоро пок намесозад ва онҳоро азоби сахттарине подош хоҳад буд. (Онҳо) пирамарди зинокор, ҳокими дурӯғгӯй ва камбағали мутакаббир".***

**Муслим**

Ин чунин маъно дорад, ки фахр аз ҷумлаи рамзҳои Худост ва он ба одамоне, ки офарида шудаанду заифанд, ягон хел муносибат надорад. Ҳамин тавр, ашхоси мутакаббир ва фахрфурӯш даъвои табиати худовандӣ дошта, мекӯшанд то яке аз рамзҳои олии Офаридгори Бузургро соҳиб шаванд, яъне онҳо сазовори ҷазои мудҳиштаринанд. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфтааст:

«قالَ اللهُ عزَّ وجلَّ: العِزُّ إزاري، والكِبْرياءُ رِدائي، فَمَنْ يُنازِعُني في واحِدٍ مِنْهُما فَقَدْ عَذَّبْتُه»

***"Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуфтааст: "Иззату Бузургӣ эзори ман аст, кибр ридоъи Ман ва Ман касеро, ки яке аз инҳоро аз ман ситонидан[43] мехоҳад, ба азоби сахт гирифтор мекунам!"***

**Муслим**

Ана барои чӣ суннати пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) зуд-зуд ва бо усулҳои зиёду гуногун мӯъминонро аз хусуси он ки дар лаҳзаи сустии одамизод ҳаргиз ба такаббур дода нашаванд, огоҳӣ медиҳанд. Мақсад ин аст, ки мӯъминон худотарс бозмонанд ва онҳоро дарди ҷонкоҳи такаббур таҳдид накунад.

Мисоли ин гуна беэҳтиётӣ суханони зерини Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) метавонанд бошанд:

«مَنْ تَعظَّمَ في نَفْسِه، أو اختالَ في مِشْيَتِهِ، لَقِيَ اللَّهَ عزّ وجلّ، وهُـوَ عليهِ غَضْبانُ»

*"Чун касе, ки бо худ мефахрад ё дар замин бо фахр қадам мезанад, Аллоҳи Азза ва Ҷалларо вомехӯрад, Вай ба ӯ ғазаб мекунад".*

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад".**

## Вай хоксор аст

Фармоишоте ҳамчунин хеле зиёданд, ки одамонро аз фалокати такаббур ва хатари фахрфурӯшии шармандавор ва ҳама гуна ҷазои сахттарин огоҳ мекунанд, ба мисли фармоишоте, ки дар одамон муҳаббати фурӯтаниро талқин менамоянд, онҳоро ба ин чиз водор месозанд ва бовар мекунонанд, ки ҳар қадар онҳо хоксор буда, ба иродаи Аллоҳ тобеъ бошанд, он қадар дар пеши Аллоҳ мӯътабартар мешаванд.

Яке аз чунин фармоишот суханони расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мебошад, ки гуфтааст: «ما تَواضَعَ أحدٌ للَّهِ إلاّ رَفَعَهُ اللَّهُ»

*"Аллоҳ касеро бемайлон мӯътабар мекунад, ки барои Аллоҳ фурӯтанӣ зоҳир менамояд".*

**Муслим**

Вай ҳамчунин гуфтааст:

«إنَّ اللَّهَ أوحَى إليَّ أنْ تَواضَعوا حتّى لا يَفخَـرَ أحَدٌ على أحَـدٍ، ولا يَبْغِيَ أحَدٌ على أحَد»

*"Ба дурустӣ, ки Аллоҳ ба ман ваҳӣ нозил кард ва моҳияти он аз ин иборат мебошад, ки ягон нафар аз шумо набояд дар назди дигари шумо худро таъриф кунад ва ягон нафар аз шумо набояд дигареро зулм кунад".*

**Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бошад, бо тамоми тарзи зиндагонии худ тимсоли зиндаву бемисли фурӯтанӣ, мулоимтабиатӣ ва олиҳимматӣ буд ва ин то ба дараҷае расида буд, ки чун ӯ аз назди бачаҳои машғули бозӣ буда мегузашт, на мартабаи пайғамбариаш, на мақоми баландтарини ӯ, ки миёни одамон бо иродаи Аллоҳ ишғол намуда буд, халал намерасониданд, то ӯ ин бачаҳоро салом гуфта, кушодачеҳра бошад ва бо онҳо беихтиёр гуфтугӯ кунад.

Нақл мекунанд, ки боре Анас (р) аз назди бачаҳо гузашт ва онҳоро салом дода, гуфт:

*"Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ҳамеша чунин рафтор мекард".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мувофиқи шаҳодати Анас (р) пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) чунон фурӯтан буд, ки ҳар як канизаки Мадина метавонист аз дасти ӯ бигирад ва ҳар куҷо хоҳад, бубарад ва кореро анҷом диҳад, ки оң канизак эҳтиёҷ дорад.[44]

**Ал – Бухорӣ**

Чун Тамим ибни Усайд ба Мадина омад, то аҳкоми исломро бифаҳмад, ба ин шахси он ҷо бегона чизе халал нарасонд, то ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам), ки шохаи аввали ислом буд, бемониа ворид шавад. Вай дар минбар меистоду ба одамон амри маъруф мекард. Вақте ки Тамим ба ӯ наздик рафта, суол доду ҷавоб талабид, Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ба надиктари ӯ омад ва ҳар ҷавоберо, ки ӯро зарур буд, бидод.

Вале мо суханро ба худи Тамим медиҳем ва ӯро имкон медиҳем, ки аз ин хусус ҳамаро нақл бикунад. Дар ҳадисе, ки имом Муслим меоварад, ӯ гуфтааст:

*"Ман ба Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) вақте наздик рафтам, ки ӯ амри маъруф мекард ва гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, аз кишварҳои бегона шахсе омадааст, то аз хусуси дини худ бипурсад, зеро ӯ намедонад, ки динаш чӣ гуна аст". Ва Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) амри маъруфро мавқуф гузошт, ба тарафи ман омад ва баъд кадоме курсӣ оварду ӯ нишаста, маро он чӣ ки ӯро Аллоҳ омӯзонидааст, омӯзонд ва пас аз ин ба амри маъруфи худ баргашт ва онро ба поён расонд".*

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, ки ба қалби саҳобагони худ чунин сифатеро, ба мисли фурӯтанӣ одат кунонад. Асоси ин сифат олиҳимматӣ, мулоимтабиатӣ ва нармии хислат мебошад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) мегуфт:

«لَوْ دُعِيتُ إِلَى كُرَاعٍ أو ذِرَاعٍ لأَجَبْتُ، ولَوْ أُهْدِيَ إِلَيَّ ذِرَاعٌ أو كُرَاعٌ لَقَبِلْتُ»

***"Агар маро ба чошнӣ, пой ё суми гӯсфанд таклиф кунанд, ҳатман ин даъватро қабул менамоям ва агар ба ман пой ё суми гӯсфандеро тӯҳфа меоранд, ман албатта (онро) қабул мекунам."***

**Ал – Бухорӣ**

Чӣ қадар тааҷҷубангез буд фурӯтании ин шахс ва бо чи хел бузургӣ ба маънои олии ин сухан сазовор буд!

## Вай касеро масхара намекунад

Мусулмоне, ки қалбаш аз фурӯтанӣ лабрез аст, аз беэътиноӣ кардан ба одамон ё таҳқир намудани онҳо дур мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки қалби ӯ чун ба хоксорӣ одат кардааст ва ба кибру ғуруру кӯшиши ҳавобаландӣ кардан нафрат парваридааст, дар айни замон таҳқири одамон ва нафрат ба онҳоро низ манъ мекунад.

Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَسۡخَرۡ قَوۡمٞ مِّن قَوۡمٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُونُواْ خَيۡرٗا مِّنۡهُمۡ وَلَا نِسَآءٞ مِّن نِّسَآءٍ عَسَىٰٓ أَن يَكُنَّ خَيۡرٗا مِّنۡهُنَّۖ وَلَا تَلۡمِزُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَلَا تَنَابَزُواْ بِٱلۡأَلۡقَٰبِۖ بِئۡسَ ٱلِٱسۡمُ ٱلۡفُسُوقُ بَعۡدَ ٱلۡإِيمَٰنِۚ وَمَن لَّمۡ يَتُبۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ﴾

***﴿Эй касоне, ки имон овардаед! Бигузор нафаре аз одамон дигар одамонро масхара накунад: шояд инҳо аз онҳо беҳтар бошанд. Ва занон занонро масхара накунанд: шояд онҳо аз онҳо беҳтар бошанд. Айбҷӯӣ накунед бар якдигар[45] ва якдигарро лақаб надиҳед[46]. Бад аст унвони фисқ додан пас аз он ки (инсон) соҳиби имон шуд, ки (аз ин кӣ) тавба намекунанд, золим ҳастанд.﴾***

**"Ҳуҷурот", 11.**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) шарҳ додааст, ки беэътиноӣ кардани мусулмон нисбат ба бародари худ ба маънои аслияш бадист. Вай гуфтааст: «بِحَسْبِ امْرِئٍ مِنَ الشَّرِّ أَنْ يَحْقِرَ أخاه الْمُسْلِمَ»

***"Барои бадӣ содир кардан, инсонро кифоя аст, ки нисбат ба бародари исломии худ таҳқир зоҳир кунад"***

**Муслим**

## Вай калонсолонро ва онҳоеро, ки дорои сифате ҳастанд, эҳтиром мекунад

Дастуроти ислом мусулмонро водор месозад, ки одамонро таҳқир накунад, бо онҳо ба эҳтиром муносибат намояд, бахусус дар мавридҳое, ки онҳо инро махсусан сазоворанд. Зиёда аз иң дар ис-

лом эҳтироми калонсолоне, ки ин ё он гуна ҳунару истъдоди махсус доранд, яке аз меъёрҳои асосии ахлоқ шуморида мешавад. Риояи онҳо ба одам ҳуқуқ медиҳад, ки худро узви комилҳуқуқи ҷамъияти исломӣ ҳисобад, риоя накардани ин ӯро нафақат аз ин ҳуқуқ, балки аз чунин ифтихор низ маҳрум месозад, ки суханони зерини Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) маҳз ба ҳамин масъала ишора мекунанд:

«لَيْسَ مِنْ أُمَّتِي مَنْ لَمْ يُجِلَّ كَبِيرَنَا، وَيَرْحَمْ صَغِيرَنَا، وَيَعْرِفْ لِعَالِمِنَا حَقَّهُ»

***"Уммати ман нест касе, ки калонсолонро дар миёни шумо эҳтиром намекунад, ба хурдсолон раҳм намекунад ва донишмандонро қадршиносӣ намекунад".***

**Аҳмад ва ат – Табаронӣ**

Эҳтироми калонсолон дар ҷамъият ва гиромӣ доштани хурдсолон нишонаи дараҷаи пешрафти ин ҷамъият, шаҳодати аз ҷониби аъзои он аз худ кардани ахлоқ, аломати тарбиятнокӣ ва олиҳимматии онҳо мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки асосҳои ҷамъияти исломиро бунёд гузошта, аҳкоми ахлоқии онро мустаҳкам сохта, Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамеша кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар қалби мусулмонон ин сифатҳоро ҷой диҳад.

Яке аз чунин мисолҳо ин аст, ки чун вақте дар ҳузури ӯ Абдурраҳмон ибни Саҳл, ки хурдсолтар аз ҳамаи онҳое буд, ки ба назди Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) омада буданд, нахустин шуда сухан оғоз кард, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: «كَبِّرْ، كَبِّرْ» ***"Ба калонсолон, ба калонсолон!"***[47] – пас аз ин Абдурраҳмон хомӯш шуд ва ҳамоне сухан кард, ки калонсолтар буд.

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба масъалаи гиромӣ доштани калонсолон ва ҳунармандон он қадар аҳамият медод, ки ҳатто эҳтироми эшонро яке аз аломатҳои эҳтироми Аллоҳ эълон кард. Вай гуфт:

«إِنَّ مِنْ إِجْلَالِ اللَّهِ تَعَالَى إِكْرَامَ ذِي الشَّيْبَةِ الْمُسْلِمِ، وَحَامِلِ الْقُرْآنِ غَيْرِ الْغَالِي فِيهِ وَالْجَافِي عَنْهُ ، وَإِكْرَامَ ذِي السُّلْطَانِ الْمُقْسِطِ»

***"Ба дурустӣ, ки нишонаи эҳтироми Аллоҳи Таъоло ба мусулмони мӯйсафед, ба шахсе, ки Қуръонро аз бар кардааст ва аз сарҳадҳои он намегузараду дурӣ намеҷӯяд***[48] ***ва ба ҳокими одил эҳтиром зоҳир намудан мебошад".***

**Абу Довуд**

Чунин тарбия таъсири неки худро ба қалби насли аввали мусулмонон бозгузошт ва дар миёни онҳо одамоне пайдо шуданд, ки ин сифатҳои ҳамидаро бо пуррагӣ қабул намуданд, бо рафтори худ намунаи бемислу монанди чӣ тавр эҳтиром кардани калонсолону одамони ҳунармандро нишон доданд. Барои мисол метавон, ки Абу Саид Самур ибни Ҷундубро (р) овард, ки гуфтааст:

*"Ҳангоми зиндагии Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ман ҳанӯз наврасе будам ва дар ёд дорам, ӯ гуфт, ки маро ба гуфтан он чӣ халал мерасонд, ки дар шафати ман одамоне буданд, ки аз ман калонсолтаранд".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мисоли дигари эҳтиром зоҳир намудан ба калонсолон ва мардуми соҳибҳунарро, ки ҳамаи мусулмонон бояд пайравӣ намоянд, Абдуллоҳ ибни Умар (р) нишон дод. Дар хабар аст, ки боре чун ӯ дар маҷлиси Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳузур дошт ва он ҷо Абубакру Умар низ ҳозир буданд, Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) як суол дод. Ҷавоби ин суолро ибни Умар медонист, аммо ӯ аз рӯи эҳтиром ба Абубакру Умар хомӯшӣ ихтиёр кард. Аз ин хусус худи ибни Умар (р) чунин мегӯяд:

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«أخبِروني بشَجَرةٍ مثلُها مَثَلُ المسْلِمِ ، تُؤْتِي أُكُلَها كلَّ حينٍ بإذنِ رَبِّها، و لا تَحُتُّ وَرَقَها»

***"Бигӯ, ки кадом дарахт мисли мусулмон бо иродаи Парвардигораш ҳамеша мева меоварад ва баргаш хазон нашавад?"*** *Ман ҳамоно фикр кардам, ки ин хурмост, аммо нахостам, ки чизе бигӯям, зеро он ҷо Абубакр ва Умар ҳозир буданд. Чун онҳо низ нагуфтанд, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) худ ҷавоб дод:* ***"Ин хурмост".*** *Вақте ки ман бо падарам берун рафтам, ба ӯ гуфтам:*[49] *"Эй падар, ман ҳамоно фикр кардам, ки ин хурмо буд". Вай пурсид: "Пас чӣ чиз ба ту халал расонд то ҷавоб гӯӣ? Агар ту ҷавоб медодӣ, маро назар ба фалону фалон хуштар меомад". Ман гуфтам:* «هِيَ النَّخْلَةُ» *"Маро фақат он чиз халал расонд, ки на ту ва на Абубакр чизе нагуфтед ва аз ин сабаб ман низ нахостам".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҷамъияти исломӣ ислом ба одамон мувофиқи арзишашон ҷой нишон додааст, ки тибқи фармоишоти расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам)

амалӣ карда мешавад. Аз ин хусус имом Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ чунин навиштааст:

"Ва нақл мекунанд, ки Оиша (р) гуфт:

«أمرَنا رسولُ الله ﷺ أنْ نُنزِلَ النّاسَ منازِلَهمْ»

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба мо мефармуд, ки одамонро мувофиқи арзишашон ҷой диҳем".*

Одамонро мувофиқи қадру қиматашон ҷой додан ин қадршиносӣ кардани онҳост ва олимону донишмандону қориёни Қуръон, ҳамчунин соҳибони ақли расо ва хидмати сазовор кардаро гиромӣ доштан аст.

Ин чунин маъно дорад, ки дар ҷамъияти исломӣ олимон мақоми баландеро то он замоне ишғол хоҳанд кард, ки нигоҳдорандагони шариати Аллоҳ буда, ҳақиқатро рӯйрост гуфта, посбонони оинҳои дини ислом мебошанд. Ин мақомро ба онҳо Худи Аллоҳи Таъоло муқаррар намуда, гуфтааст:

﴿قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾

***﴿Бигӯ: "Оё онҳое, ки медонанд ва онҳое, ки намедонанд миёни ҳамдигар баробаранд? Фақат хирадмандон пандпазиранд!﴾***

**"Зумар", 9.**

Дар ҷамъияти исломӣ мақоми баландро инчунин донандагону қориёни Қуръон ишғол менамоянд, ки дар ҳадисҳои саҳиҳ аз ин хусус ишора мешавад: онҳоро ҳангоми ибодат имом интихоб бояд кард, мақоми баланд бояд дод ва дар ҷамъомадҳо гиромӣ бояд дошт.

Масалан, дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«يَؤُمُّ القَوْمَ أَقْرَؤُهُمْ لِكتابِ اللّهِ، فإنْ كانوا في القِراءَةِ سَواءً، فأَعْلَمُهُمْ بالسُّنَّةِ، فإنْ كانوا في السُّنَّةِ سَواءً، فأَقْدمُهمْ هِجْرةً، فإنْ كانوا في الهِجْرَةِ سَواءً، فأَقْدَمُهمْ سِنّاً، ولا يَؤُمَّنَّ الرَّجُلُ الرَّجُلَ في سُلْطانِه ، ولا يَقْعُدْ في بَيْتِهِ على تَكْرِمَتِهِ إلّا بِإذْنِه»

***"Имоми одамон ҳангоми намози ҷамоа бояд ҳамон шахс бошад, ки Китоби Аллоҳро зиёдтар аз ёд медонад, агар дар ин чиз онҳо баробар***

***бошанд, он гоҳ ҳамоне, ки суннатро хубтар медонад, агар дар ин чиз онҳо баробар бошанд, он гоҳ ҳамоне ки аз дигарон пештар ҳиҷрат[50] кардааст, аммо агар онҳо дар ин низ мувофиқ бошанд, калонсолтарини онҳо (имом хоҳад шуд) ва бигузор ҳаргиз зердаст бар оне имом нашавад, ки ба ӯ зердаст аст ва бигузор дар хонаи ӯ вай ба ҷои соҳибхона агар барои ин кор иҷозати соҳибхона нашуда бошад, нашинад".***

**Муслим**

Каме болотар мо аллакай ҳадисе овардем, ки дар он аз Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар дода мешавад, ки гуфт:

«إنَّ مِنْ إجلالِ الله تَعالَى إكْرَامَ ذي الشَّيْبَةِ المُسْلِمِ وحامِلِ القُرْآنِ غيرِ الغالي فيه والجَافي عَنْهُ»

***"Ба дурустӣ, ки нишонаи эҳтироми Аллоҳи Таъоло ба мусулмони мӯйсафед, бо шахсе, ки Қуръонро аз бар кардааст ва аз сарҳадҳои он намегузараду дурӣ намеҷӯяд ва ба ҳокими одил эҳтиром зоҳир намудан мебошад".***

**Абу Довуд**

Инчунин дар хабар аст, ки вақте Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба гӯручӯби шаҳидони ислом, ки дар майдони ҳарб ҳангоми ҷанги Уҳуд ҷон гудода буданд, машғул буд, аз рӯи зарурат ба як қабр ду ҷасадро гузошта, дар сари ҳар гӯр меистоду мепурсид: «أيُّهما أكثرُ أخذاً لِلقرآن ؟» ***"Кадоми инҳо Қуръонро зиёдтар медонист?"*** ва чун ба ӯ якеро нишон медоданд, ӯро аввалтар ба қабр мегузошт.

**Ал — Бухорӣ**

Аз ҷумлаи дастуроти оличанобн пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки бо қадршиносӣ кардан ва гиромӣ доштани одамон муносибат дорад, ин суханон низ мебошанд, ки ӯ боре ҳангоми рост кардани сафи намозгузорон ба забон оварда буд:

«لِيَلِني مِنْكُمْ أُولو الأحلامِ والنُّهَى»

***"Бигузор пас аз ман ҳамоне биистад, ки сазовортару боақлтар аст".***

**Муслим**

## Вай бо одамони дуруст мулоқот мекунад

Новобаста аз мақоми баланди ишғол намудааш як хислате, ки мусулмони худотарсро хос аст, ин мебошад, ки ӯ бо одамони тақводор муносибат мекунад, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба эшон

наздиктар бошад ва аз онҳо хоҳиш менамояд, ки барои ӯ бо дуое ба Аллоҳ муроҷиат кунанд ва дар ин кор бешармие набинанд.

Бо ин рафтораш ӯ амри Аллоҳи Таъолоро ба иҷро мерасонад, ки фармудааст:

﴿وَاصْبِرْ نَفْسَكَ مَعَ الَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِالْغَدَوٰةِ وَالْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُۥ وَلَا تَعْدُ عَيْنَاكَ عَنْهُمْ تُرِيدُ زِينَةَ الْحَيَوٰةِ الدُّنْيَا وَلَا تُطِعْ مَنْ أَغْفَلْنَا قَلْبَهُۥ عَن ذِكْرِنَا وَاتَّبَعَ هَوَىٰهُ وَكَانَ أَمْرُهُۥ فُرُطًا﴾

***﴿Ва ба онҳое, ки Парвардигори худро субҳу шом мехонанд ва хушнудии Ӯро меҷӯянд[51], сабр пеша кун ва бо нияти зебу зиннатҳои ин зиндагӣ аз онҳо нигоҳи худро магир ва дар итоати онҳое мабош, ки дили онҳо бо иродаи Мо аз бегамияшон аз зикри Мо бозмондаасту аз паи ҳавову ҳаваси худ меравандва исроф мекунанд[52].﴾***

**"Қаҳф", 28.**

Сухан дар сари он аст, ки мулоқот бо парҳезгорон имкон медиҳад, ки соҳиби хайру баракат шавӣ, худотарс бошӣ ва тавонӣ, ки аз гуфтору рафтори онҳое, ки бо онҳо мулоқот мекунӣ, дар роҳи рост бошӣ, онҳо кӯмак мерасонанд, ки кас дар дарки дин ва талоши ҳақиқат бештар муваффақ шуда, ба дараҷае бирасанд, ки худи онҳоро ба қатори парҳезгорон дохил намоянд.

Шоир гуфтааст:

**Бо шарофати мулоқоти мӯътабаршудагон туро низ**
**яке аз онон хоҳанд гуфт,**
**Пас бигузор касе надонад, ки ту ба касе наздикӣ**
**ҷустаӣ магар бо мӯътаборон.**

Пайғамбари Аллоҳ Мӯсо (а) аз паси бандаи парҳезгори[53] Аллоҳ рафт, то аз ӯ омӯзад ва бо ӯ ба фурӯтанӣ ва боадабона муомила карда, гуфт: ﴿هَلْ أَتَّبِعُكَ عَلَىٰٓ أَن تُعَلِّمَنِ مِمَّا عُلِّمْتَ رُشْدًا ؟﴾

***﴿Оё маро зарур нест, ки ба ту пайравӣ кунам, то ту ба ман он чиро биёмӯзӣ, ки туро дар бораи роҳи рост омӯзонида шуд?﴾***

**"Қаҳф", 66.**

Он гоҳ он бандаи парҳезгор дар ҷавоб ба ӯ гуфт:

﴿إِنَّكَ لَن تَسْتَطِيعَ مَعِيَ صَبْرًا﴾

***﴿Ба дурустӣ, ки туро намерасад сабр ба ҳамроҳӣ бо ман.﴾***

**“Қаҳф”, 67.**

Мӯсо (а) ба ӯ бо муҳаббату назокат муроҷиат намуда, гуфт:

﴿سَتَجِدُنِيٓ إِن شَآءَ ٱللَّهُ صَابِرًا وَلَآ أَعْصِي لَكَ أَمْرًا﴾

***﴿Агар дар ин иродаи Аллоҳ бошад, ту хоҳӣ дид, ки ман сабурам ва дар ҳеҷ чиз аз фармони ту берун намеравам!﴾***

**“Қаҳф”, 69.**

Мусулмони асилу бофаросат фақат бо ашхоси беҳтарин дӯстӣ мекунад, зеро тавассути дастуроти дини худ вай фаҳмидааст, ки одамон амсоли дарёҳоянд ва дар қаъри дилҳои онҳо чизҳои пурарзиш ҳам ҳасту беқурб низ ва некон фақат бо некон дӯстӣ мекунанд.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«النَّاسُ مَعادِنُ كَمعادِنِ الذَّهَبِ والفِضَّةِ، خِيارُهُمْ في الجاهِلِيَّةِ خِيارُهُمْ في الإِسْلامِ إذا فَقِهوا، والأَرْواحُ جُنودٌ مُجَنَّدَةٌ، فما تَعارَفَ مِنْها ائْتَلَفَ، وما تَناكَرَ مِنْها اخْتَلَفَ»

***“Одамон маъданҳоянд мисли зару нуқра. Онҳое, ки дар замони ҷоҳилият[54] беҳтаринҳо буданд, дар ислом низ чун фақеҳ шуданд, беҳтарин бозмонданд, қалбҳо бошанд, ҷанговарони даъватшуда мебошанд ва агар якдигарро шинохтанд, бо ҳам меоянд ва агар якдигарро нашинохтанд, аз ҳам ҷудо мешаванд”.***

**Муслим**

Бо шарофати дини худ мусулмон медонад, ки дӯстон ду тоифаанд: парҳезгорон ва аблаҳон. Шарики парҳезгор мисли мушкфурӯшест, мулоқот бо ӯ имкон медиҳад, ки бӯи хушк бишамӣ, тӯҳфаҳо мебахшад ва ба хушнудиҳо мерасонад. Шарики аблаҳ бошад, мисли фишордиҳандаи дами оҳанггархона аст, мулоқот бо ӯ ҳамеша бо забонаи оташ, дуд, бӯи дуд ва рӯҳафтодагӣ вобаста мебошад.

Аз ин хусус сухан ронда, Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) мисоли аҷибе овардааст:

«إنما مَثَلُ الجليسِ الصَّالِحِ و الجليسِ السُّوءِ: كَحامِلِ المِسْكِ ونافِخِ الكِيرِ، فحامِلُ المِسْكِ: إمّا أنْ يُحْذِيَكَ، وإمّا أنْ تَبْتَاعَ مِنْهُ، وإمّا أنْ تجدَ منهُ ريحاً طَيِّبَةً. ونافِخُ الكِيرِ: إمّا أنْ يُحْرِقَ ثِيابَكَ، وإمّا أن تجدَ منهُ ريحاً خَبِيثَةً»

***"Ба дурустӣ, ки шарики тақводор ва шарики аблаҳ ба фурӯшандаи мушк ва дами кӯраи оҳангархона монанд мебошанд. Фурӯшандаи мушк ба ту ё тӯҳфае мебахшад, ё ту аз ӯ чизе мехарӣ, ё бӯи хуши ӯро мешамӣ. Дами кӯра бошад ё либосатро месӯзад ё ту бӯи бади онро ба димоғ мекашӣ".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ана аз чӣ сабаб саҳобагони мӯҳтарам якдигарро ба зиёрати инсонҳои нек, ки аз Аллоҳ ёд карда, дилҳоро нарм менамоянд ва бо амри маъруфи худ дидагони дигаронро пурашк месозанд, водор мекарданд. Аз ин хусус як ҳодисаро Анас (р) хабар дода, мегӯяд:

*"Боре пас аз он ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) фавтида буд, Абубакр (р), Умарро (р) гуфт: "Биё ба назди Умми Айман[5] равем ва ӯро зиёрат кунем, чунонки расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) мекард". Чун онҳо ба назди Умми Айман омаданд, ин зан гиря кард ва онҳо ӯро пурсиданд: "Чаро гиря мекунӣ? Барои Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам), ки барои Аллоҳ беҳтарин (аз ҳама мавҷудот) аст. Дар ҷавоб ӯ гуфт: "Ман гиря мекунам на барои он, ки инро намедонам, барои он ки ваҳйи аз осмонҳо нозилшаванда қатъ шуданд!" -, ва суханони ӯ онҳоро он қадар ба ҳаяҷон овард, ки баробари ӯ ба гиря даромаданд".* **Муслим**

Бо шарофати ҳамин гуна вохӯриҳо, ки иштирокчиёнашро фариштаҳо фаро мегиранд ва онҳоро Аллоҳи Таъоло дар сояи Худ паноҳ медиҳад, имони инсон мустаҳкам мегардад, рӯҳу қалби ӯ покиза мешавад, дилаш нур мегирад ва ӯ барои худу оилаи худ, ҷамъияти худ манфиатнок мешавад. Ислом вақте ки ба ашхоси алоҳида, ҳамчунин ба ҷамъияти комили одамон муроҷиат менамояд, маҳз барои ҳамин чиз талош меварзад.

## Вай кӯшиш мекунад, ки ба одамон манфиат оварад ва аз онҳо бадиро дур созад

Мусулмоне, ки тибқи дастуруламалҳои ислом тарбият ёфтааст ва аз чашмаи софи он ташнагии худро шикастааст, аз дилу ҷон мек-

ӯшад, ки ба одамон манфиат расонад ва аз он чизҳое, ки зарар хоҳанд овард, ӯро ҳифз мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ӯ тибқи қоидаҳои ҳақиқат, накӯкорӣ ва хайрхоҳӣ тарбият ёфта, шахси зарурӣ ва фаъоли ҷамъияте мешавад, ки агар имкон дошта бошад, наметавонад ягон кори хуб накунад, зеро ӯ хуб медонад: хубӣ кардан ба комёбӣ мерасонад, чунонки Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَافْعَلُوا الْخَيْرَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾

***﴿...ва некӣ кунед, то растагор бошед.﴾***

**"Ҳаҷ", 77.**

Ӯ воқеан ба мукофоти Аллоҳ барои ҳар қадами дар роҳи амали нек партофтааш шубҳа накарда, мешитобад, то некӣ кунад.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«كُلّ يَوْمٍ تَطْلُعُ فيه الشَّمْسُ تَعْدِلُ بَيْنَ الاثْنَيْنِ صَدَقَةٌ، وتُعِينُ الرَّجُلَ في دابَّتِهِ فتَحْمِلُهُ عَلَيْها، أوْ ترفَعُ لهُ عَلَيْها مَتاعَهُ صَدَقةٌ، والكَلِمَةُ الطَّيِّبَةُ صَدَقَةٌ، وبكلِّ خُطْوَةٍ تَمْشيها إلى الصَّلاةِ صَدَقَةٌ، وتُمِيطُ الأَذى عنِ الطَّريقِ صَدَقَةٌ»

***"Ҳар рӯз, чун офтоб тулӯъ мекунад, ту ду нафарро ба сулҳ меоварӣ, ин садақа мешавад[56] ва агар ту ба шахсе кӯмак кунӣ, ки савор шавад ё ба ҳайвони савориаш бореро бор кунад, ин садақа мешавад ва сухани нек садақа аст ва ҳар як қадаме, ки барои ибодат кардан гузошта мешавад,[57] садақа аст ва агар ту аз роҳ чизеро бартараф созӣ, ки ба одамон зарар овараданаш мумкин аст, ин ҳам садақа мешавад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Чӣ хуб аст, ки ин ҷо кори неки мусулмон барои манфиати ҷамъият аз он коре, ки ӯ ҳангоми ба масҷид рафтан мекунад, ҷудо карда намешавад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тавассути ин чиз тасдиқ менамояд, ки ин дин барои ба тартиб овардани шароити инсон дар маҷмӯъ барои ҳар ду ҷаҳон дода шудааст, зеро ислом корҳои дунявию диниро аз якдигар ҷудо намесозад, чунонки фаъолияти иҷтимоиву зиндагонии рӯҳониро ҷудо накардааст. Аз ин сабаб дар тасаввури мусулмоне, ки фармоишоти ин динро аз худ кардааст, тамоми аъмоли инсон як навъ ибодат мебошад, аммо ба шарте ки ӯ ин ҳамаро барои Аллоҳ ва ба хотири сидқи муборакӣ Ӯ анҷом диҳад.

Ана аз чӣ сабаб дарвозаҳо барои мусулмони тақводор ҳамеша кушодаанд ва ӯ аз онҳо ҳар вақте ки мехоҳад, дохил мешавад, то

лутфи ҳамаро фарогирандаи Аллоҳро ва мукофоти саховатмандонаи Ӯро бештар зиёда гардонад.

Аз забони Ҷобир (р) нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт: «كُلُّ مَعروفٍ صَدَقَةٌ»

*"Ҳар кори (шариат) пазируфта, садақа аст".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Абу Ҳурайра (р) нақл кардааст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«الكَلِمَةُ الطَّيِّبَةُ صَدَقَةٌ»

***"Сухани нек садақа аст".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Зиёда аз ин лутфи Аллоҳ дар ҳар ҳолат инсонеро, ки ба Аллоҳ таслим шуда, дар баробари Ӯ дар нақшаҳои худ садоқат нишон медиҳад, сарфи назар намекунад, ба шарофати ҳамин чиз ӯ на фақат барои корҳои ба хотири некӣ кардан анҷом додааш мукофот мегирад, ҳамчунин барои он корҳое, ки аз бадӣ худдорӣ намуда, анҷом намедиҳад, низ мукофот мегирад.

Дар хабар аст, ки Абу Мӯсо ал – Ашъарӣ (р) гуфт: *"Боре пайғамбар* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

«على كُـلِّ مُسْلِمٍ صَدَقَةٌ»، قال: أرأيتَ إنْ لم يَجِدْ؟ قال: «يَعْمَلُ بِيَـدَيْهِ فَيَنْفَـعُ نَفْسَه ويَتَصَـدَّقُ»، قال: أرايتَ إن لم يستطعْ؟ قال: «يُعينُ ذا الحاجَةِ الملهوفَ»، قال: أرأيتَ إن لم يستطع؟ قال: «يأمرُ بالمَعْروف أو الخير»، قال: أرأيتَ إن لم يفعـلْ؟ قال: «يُمسِكُ عنِ الشَّرِّ فإنَّها صَدَقَةٌ»

***"Ҳар як мусулмон садақа бояд диҳад".*** *Одамон пурсиданд: "Ё Расулаллоҳ, агар дар ӯ чизе пайдо нашавад?" Вай гуфт:* ***"Бигузор бо дастонаш коре карда, ҳам ба худ манфиат оварад ва ҳам садақа диҳад".*** *Одамон пурсиданд: "Агар ӯ инро ҳам карда натавонад?" Вай гуфт:* ***"Он гоҳ бигузор ба аъмоли пазируфташуда[58] ё манфиатбахш ташвиқ кунад".*** *Одамон пурсиданд: "Агар ӯ инро низ натавонад?" Вай гуфт:* ***"Он гоҳ бигузор аз содир кардани бадӣ худдорӣ намояд, зеро ин чиз барои ӯ ҳамчун садақа навишта мешавад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр мо мебинем, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам аз он оғоз кард, ки ***"Ҳар як мусулмон садақа бояд диҳад"*** – ва баъд аз ин корҳои нек ва аъмоли неки шариат пазируфтаро номбар кард, ки барои

онҳо мусулмон чун садақа кардан савоб мегирад. Қисса кӯтоҳ, суханони мусулмон бояд садақа диҳад, чунин маъно дорад, ки ӯ бояд ягон кори ободкунандаи ба манфиати ҷамъият равонашудаеро анҷом диҳад. Агар ӯ чунин карда натавонад, ё бо сабабе карда натавонад, ҷои онро метавонад ин чиз бигирад, ки ӯ худро аз сухани бад гуфтан ё аъмоли бад зоҳир намудан боздорад, зеро барои ин низ ӯ ҳамон мукофотеро хоҳад гирифт, ки аз додани садақа мегирад. Ин ҳама чунин маъно дорад, ки тарафҳои манфиву мусбати шахсияти мусулмон барои хидмат кардан ба ҳақиқате нигаронида шудаанд, ки дар ҷамъияти мусулмон ҳукмрон аст ва мусулмон

«مَنْ سَلِمَ الْمُسْلِمونَ مِنْ لِسانِهِ ويدِهِ»

***"Ҳамон аст, ки ба* (дигар) *мусулмонон бо забону дасти худ зарар намерасонад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам дар ин масъала боз ҳам дуртар рафта, дар ҷамъияти мусулмонӣ онҳоеро мусулмони беҳтарин гуфтааст, ки одамон аз онҳо манфиате чашмдор ҳастанд ва аз шарри онҳо эмин мебошанд. Аз ин хусус дар ҳадисе оварда шудааст, ки имом Аҳмад хабар медиҳад. Боре пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам дар назди одамони сари роҳ нишаста бозистод ва онҳоро пурсид:

«أُخْبِرُكُمْ بِخَيْرِكُمْ مِنْ شَرِّكُمْ؟»، فسكت القوم، فأعادها ثلاث مرات، فقال رجل من القوم: بلى يا رسول الله، قال: «خَيْرُكُمْ مَنْ يُرْجَى خَيْـرُهُ ويُؤْمَنُ شَرُّهُ، وشَرُّكُمْ مَنْ يُرجَى خَيْرُهُ ولا يُؤْمَنُ شَرُّهُ» .

***"Ба шумо нагӯям, ки беҳтарини шумо аз бадтарини шумо чӣ фарқ дорад?"*** Онҳо чизе ҷавоб надоданд ва баъди он ки ӯ суоли худро се маротиба такрор кард, як шахс гуфт: *"Бале, ё Расулаллоҳ!"* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Беҳтарини шумо касест, ки аз ӯ дигарон манфиате мунтазир ҳастанд ва аз шарри ӯ онҳо эмин мебошанд, бадтарини шумо касест, ки аз ӯ дигарон манфиате мунтазир ҳастанд, вале аз шарри ӯ эмин намебошанд".***

Ба дурустӣ, ки мусулмон ба ҷамъияти худ ба ҷуз манфиат чизи дигар намебахшад, вале чун ин корро намекунад, лоақал аз бадӣ худро бозмедорад ва ба касе ягон хел зарар намерасонад. Мусулмони асил бошад, ҳамон аст, ки ҳамеша манфиат меоварад, бадие содир намекунад, зеро қуллаи баландтарини амали ӯ суханони Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам аст, ки гуфтааст:

«لا يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حتَى يُحِبَّ لِأَخيهِ ما يُحِبُّ لِنَفْسِهِ»

***"Ҳеҷ кас имон намеоварад, то ба бародари худ он чиро нахоҳад, ки бо худ мехоҳад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Барои мусулмон ба бародари худ хостани он чӣ ки ба худ мехоҳад, қабл аз ҳама чунин маъно дорад, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ба ӯ некие кунад ва ӯро аз бадӣ ҳимоя намояд. Ҳамчунин дар назар дошта шудааст, ки бо ҷидду ҷаҳд ба бародарони исломияш хизмат кунад. Илҳомбахши ин чиз суханони Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мебошад, ки гуфтааст:

«لا يزالُ اللّهُ في حاجَةِ العَبْدِ ما دامَ العَبْدُ في حاجَةِ أخيهِ»

***"Аллоҳ ба бандааш ҳангоми тангдастӣ кӯмак карданро дарег намедорад, то даме ки худи банда дар тангдастӣ ба бародараш кӯмак мерасонад".***

**Ат – Табаронӣ**

Ҳамин чиз ба дигар суханони расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дахл дорад, ки гуфтааст:

«المُسْلِمُ أخو المُسْلِم، لا يَظْلِمُهُ ولا يُسْلِمُهُ، مَنْ كانَ في حاجَةِ أخيهِ كانَ اللّهُ في حاجَتِهِ، ومَنْ فَرَّجَ عَنْ مُسْلِمٍ كُرْبَةً فَرَّجَ اللّهُ عنهُ كُرْبَةً مِن كُرَبِ يومِ القيامَةِ، ومَنْ سَتَرَ مُسْلِماً سَتَرَهُ اللّهُ يومَ القيامَةِ»

***"Мусулмон бародари мусулмон аст ва ӯ набояд ӯро зулм кунад, ӯро бе дастгирӣ (ба ҳоли худ) вогузорад. Онеро, ки ҳангоми тангдастӣ ба бародари худ кӯмак мерасонад, Аллоҳ ӯро ҳангоми тангдастияш кӯмак мекунад, онеро, ки мусулмонро аз ягон мусибат раҳо мебахшад, Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат ӯро аз як мусибат халос мекунад, паноҳдиҳандаи мусулмонро[59] Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат паноҳ медиҳад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«مَنْ نَفَّسَ عَنْ مُؤْمِنٍ كُرْبَةً مِنْ كُرَبِ الدُّنيا نَفَّسَ اللّهُ عَنْهُ كُرْبَةً مِنْ كُرَبِ يومِ القيامَةِ، ومَنْ يَسَّرَ على مُعْسِرٍ يَسَّرَ اللّهُ علَيهِ في الدُّنيا والآخرَةِ»

***"Аллоҳ барои касе, ки яке аз мусибатҳои дунёии мӯъминеро бартараф мекунад, рӯзи қиёмат яке аз мусибатҳои ухравии ӯро бартарф мекунад, аммо барои касе, ки аҳволи ба тангдастӣ афтодаеро сабук-***

***тар мегардонад, Аллоҳ ҳам дар ин ҷаҳон ва ҳам дар ҷаҳони боқӣ аҳволи ӯро сабук мегардонад".***

**Муслим**

Мақсади панди пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) он аст, ки рӯҳияи ҳамдигарфаҳмиро дар ҷамъияти исломӣ густариш диҳад ва дар яке аз чунин дастуроташ вай ишора мекунад, ки агар инсон ба ҷое сафар кунад, то ба бародари худ дар тангдастӣ кӯмак расонад, аз он ки ӯ дар масҷид дурударозу ҳамеша бозистад, беҳтар аст.

Аз ин хусус дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки аз суханони ибни Аббос (р) нақл шудааст. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنْ مَشَى في حاجَةِ أخيهِ كانَ خيراً لَهُ مِن اعتكافِهِ عشرَ سِنين، ومَنِ اعتَكَفَ يوماً ابتغاءَ وَجْهِ اللّهِ جَعَلَ اللّهُ بينَهُ وبينَ النّارِ ثلاثَ خَنادِقَ، كُلُّ خَنْدَقٍ أبعدُ ممّا بينَ الخافِقَيْنِ»

***"Барои касе, ки ба ҷое сафар мекунад, то ба бародари худ дар дар тангдастиаш кӯмак кунад, аз он ки ӯ дар масҷид дар тӯли даҳ сол бинишинад, беҳтар аст, аммо касе, ки ба силки Аллоҳ талош меварзад, агар дар масҷид*** **(лоақал)** ***як рӯз биистад, Аллоҳ ӯро аз оташи дӯзах се хандақ дур месозад, ки дарозии ҳар кадомаш ба масофаи аз ғарб то шарқ баробар меояд".***

**Ат – Тирмизӣ дар "Ал – Авсат"**

Агар шахсе дар хизмат кардан ба мардум агарчи имкон дошт, вале танбалӣ зоҳир намуд, он гоҳ ин метавонад ба маҳрум шудани ӯ аз лутфу марҳамат боис шавад. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки низ аз суханони ибни Аббос (р) нақл шудаанд. Вай гуфтааст: *"Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:*

«ما مِنْ عَبْدٍ أنعَمَ اللّهُ عليْهِ نِعْمَةً فأسبَغَها عَلَيْهِ، ثُمَّ جُعِلَ مِنْ حَوائِجِ النّاسِ إليهِ فَتَبَرَّمَ، فَقَدْ عَرَّضَ تلكَ النِّعْمَةَ لِلزوالِ»

***"Агар Аллоҳ ягон нафар аз бандагон (-и худ)- ро ба лутфи худ сарфароз медонад, пас чунин мекунад, ки одамон ба ӯ барои кӯмак муроҷиат менамоянд, аммо ӯ норозигӣ изҳор кунад, ин метавонад ба он оварда расонад, ки лутф қатъ гардад"***

**Ат-Табаронӣ дар "Ал – Авсат"**

Дар ҳадисҳои саҳиҳ метавон мисолҳои ҷолибе пайдо кард, ки аҳволи ба биҳишт дохилшудагонро тасвир менамоянд. Яке аз чунин манзараҳо ин аст, ки инсони ба биҳишт дохил шуда, ҳама гуна

ҳаловатро барои аз сари роҳ дур афкандани дархосте, ки ба равуои мусулмонон халал мерасонад, подош мегирад.

Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин мегӯяд:

«لَقَدْ رَأيتُ رَجُلاً يَتَقَلَّبُ في الجَنَّةِ في شَجَرَةٍ قَطَعَها مِنْ ظَهْرِ الطَّريقِ، كانَتْ تُؤذي المُسْلمينَ»

***"Ман шахсеро дар биҳишт дар ҳаловат дидам, ки барои дарахтеро аз рӯи роҳ гирифтанаш, чун ин дарахт ба одамон халал мерасонд, соҳиби мукофот шудааст"***

**Муслим**

Ҳамин тавр, бартараф сохтани чизе, ки мусулмононро озор мерасонад, навъи дигари некист ва ин ба онҳо манфиат мебахшад. Хуллас, инсоне, ки чизи ба мусулмонон озордиҳанда ва халалрасонандаро бартараф месозад, ба касе монанд аст, ки ба онҳо манфиат меоварад, зеро ҳар дуи онҳо барои одамон некӣ мекунанд ва ҳар дуи онҳо ба мукофоти Аллоҳ, лутфу марҳамти Ӯ сарфароз мешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) мусулмононро на фақат ба содир кардани кори манфиатбахш, ҳамчунин ба бартараф кардани зарар талқин кардааст, зеро бо шарофати якҷоя кардани ҳар дуи инҳо қавм метавонад комёб шавад, ҷамъият гул –гул шукуфад ва гиреҳи муҳаббати риштаи дилҳо мустаҳкам гардад.

Дар бораи яке аз дастуроти ҷаноби пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки инсонро водор месозад, то чизи озордиҳандаи мусулмононро бартараф намояд, Абу Барза (р) хабар медиҳад, ки гуфтааст:

«اعْزِلِ الأَذَى عَنْ طَرِيقِ المُسلِمينَ»

***"Боре ман гуфтам: "Ё расулаллоҳ, маро чизе биёмуз, ки манфиат дошта бошад". Ӯ гуфт: "Аз роҳи мусулмонон он чиро бартараф намо, ки (онҳоро) халал мерасонад""***

**Муслим.**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис меояд, ки ӯ гуфт: *"Ё расулаллоҳ, ба ман кореро нишон деҳ, ки ман онро анҷом дода, ба биҳишт дохил шавам"*. Дар ҷавоб ба ӯ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أَمِطِ الأَذَى عَنِ الطَريقِ فَهُوَ لَكَ صَدَقَةٌ»

***"Аз роҳ он чиро, ки халал мерасонад, бартараф кун ва ин чиз барои ту садақа навишта мешавад".***

**Аҳмад**

# Вай мусулмонро оштӣ медиҳад

Яке аз аломатҳои зоҳир шудани эътибор ба корҳои мусулмононе, ки мехоҳанд манфиат расонанд ва онҳоро аз зарар дидан эмин доранд, ҳангоме, ки онҳо ба якдигар душманӣ кардан мехоҳанд, кӯшиши онҳоро оштӣ додан аст. Фармоишот ба заурати оштӣ додани мусулмон миёни ҳамдигар он қадар зиёд аст, ки на ҳама дар саҳифаи китоби мо хоҳанд ғунҷид ва аз ҷумлаи онҳо суханони Аллоҳ Таъолост, ки гуфтааст:

﴿وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱقۡتَتَلُواْ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَاۖ فَإِنۢ بَغَتۡ إِحۡدَىٰهُمَا عَلَى ٱلۡأُخۡرَىٰ فَقَٰتِلُواْ ٱلَّتِي تَبۡغِي حَتَّىٰ تَفِيٓءَ إِلَىٰٓ أَمۡرِ ٱللَّهِۚ فَإِن فَآءَتۡ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَا بِٱلۡعَدۡلِ وَأَقۡسِطُوٓاْۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُقۡسِطِينَ﴾

***﴿Ва агар ду гурӯҳи мӯъминон бо ҳам биҷанганд, онҳоро оштӣ диҳед. Агар яке аз онҳо нисбат ба дигар таъаддӣ кунад, он гоҳ бо оне, ки таъаддӣ кард, биҷангед, то ӯ ба итоати Аллоҳ[6 0] баргардад. Чун он баргашт, онҳоро одилона оштӣ диҳед ва боадолат бошед: ба дурустӣ, ки Аллоҳ одилонро дӯст медорад!﴾***

**"Ҳуҷурот", 9.**

Ҳамин тавр, ба сабаби ин амри бечунучарои Худованд бояд ду гурӯҳи ба якдигар ҷангкунандаро оштӣ дод, ҳатто агар лозим шавад, ки бо яке аз онҳо, ки истодагарӣ ва пофишорӣ мекунад, ҷангидан пеш оят, то дар ҷамъияти мӯъминон адолат тантана кунад ва миёни онҳо дубора муносибати бародарона барқарор шавад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ إِخۡوَةٞ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَ أَخَوَيۡكُمۡۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ﴾

***﴿Ба дурустӣ, ки мӯъминон бародаронанд ва аз ин сабаб миёни ду бародари худро оштӣ бияфканед ва аз Аллоҳ битарсед, ки шуморо раҳмат кунад.﴾***

**"Ҳуҷурот", 10.**

Ба вуҷуди банд будан бо корҳои даъвати ислом Расули Аллоҳ (Салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, онҳоеро, ки бо якдигар баҳс кардаанд, оштӣ диҳад ва ин бори дигар ба мусулмонон зарурати кӯшиши оштӣ додани хусуматдоштагонро нишон ме-

диҳад. Масалан, аз суханони Абулаббос Саҳл ибни Саъд ас – Саид (р) накл мекунанд, ки боре чун ба Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам хабар расид, ки бани Амр ибни Авф[61] бо якдигар соз намегиранд, пайғамбар салаллоху алайхи васаллам бо ҳамроҳии чанд тан ба назди онҳо рафт, то онҳоро оштӣ диҳад ва ӯ он ҷо то расидани вақти намоз бозистод. Аз ин хусус дар ҳадиси дарозе хабар дода мешавад, ки ал – Бухорӣ ва Муслим овардаанд.

Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам тамоми нерӯи худро харҷ мекард, то дар ҷамъияти мӯъминон бародарӣ ҳукмфармо бошад ва зиндагии онҳоро ризоияту садоқат ва ҳамдигарфаҳмӣ фаро бигирад ва ӯ ҳаргиз аз талқини зоҳир намудани олиҳимматӣ ва меҳрубонӣ дар кору сухан даст намекашид. Ва ба ин тарафи кори тарбиявии худ басо зиёд эътибор медод, мекӯшид, ки ҷои оташи ғазаб, душманӣ ва саркаширо хандаи ризоият, оромӣ ва нармдилӣ бигирад. Мисоли ин чиз ҳикояти модари мӯъминон Оиша (р) мебошад, ки гуфтааст:

*"Боре Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам дар пеши дари хонааш садои баланди ду шахси бо якдигар баҳскунандаро шунид. Яке аз онҳо хоҳиш мекард, ки як қисмати қарзи ӯро бубахшаду раҳм кунад, дигаре мегуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки ман ин корро намекунам!" Ва Расулаллоҳ, салаллоху алайхи васаллам ба назди онҳо рафта, гуфт:*

«أينَ المُتألّي على الله لا يَفْعَلُ المَعْروفَ؟»

***"Кучост касе, ки ба Аллоҳ қасам хӯрд, то некӣ накунад?",*** *пас аз ин он шахс, овози Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам-ро, ки ӯро маломат кард, шунида, шарм дошт ва ӯ аз он чӣ ки ба ӯ тааллуқ дошт, бо суханони "Ин ман, ё расулаллоҳ, бигузор ҳамон тавр шавад, ки ӯ мехоҳад!", даргузашт."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

Барои соҳиб шудан ба сулҳу оштӣ миёни одамон пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ирода мекард аз он чиз ки одамон муҳобот менамуданд, бештар бигӯяд. Вай кӯшиш мекард, ки қалбҳои нафратзада ва сангдилтаро ба тарафи худ бикашад. Вай инро дурӯғи пинҳоншуда намеҳисобид ва одамони чунин суханонро ба забон овардаро ба ҷумлаи дурӯғгӯёни осӣ мансуб намедонист. Аз ин хусус мазмуни ҳадисе далолат медиҳад, ки аз забони Умм Кулсум бинти Уқбо ибни Абу Мӯъайт (р) нақл шудааст. Вай гуфтааст:

*"Ман шунидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«ليسَ الكَـذّابُ الذي يُصْلِحُ بينَ النّـاسِ ، فَيَنْمي خيـراً ، أو يقـولُ خيـراً» .
وفي روايـة لمسلم زادت:  ولم أسمعــه يرخّص في شيء مما يقوله الناس
إلا في ثلاث:  تعني الحـربَ و الإصلاحَ بين الناس وحديثَ الرجل امرأتَه،
وحديثَ المرأة زوجَها .

***"Дурӯғгӯй он нест, ки одамонро бо мақсади ба якдигар оштӣ додан мекунад ё сухани нек мегӯяд.»***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Муслим овардааст, ҳамчунин хабар дода мешавад, ки Умм Кулсум гуфт: *"Ман нашунидам, ки ӯ агар се мавридро ба назар нагирем, аз он қабил суханоне гуфта бошед, ки одамон мегӯянд»*[62], - вай ҳарб, кӯшиши одамонро оштӣ додан, ҳамчунин он чиро ки шавҳар ба зан мегӯяду зан ба шавҳарро дар назар дошт.[63]

## Вай ба ҳақиқат даъват мекунад

Мусулмони асил ҳамеша дар ҳаракат буда, фаъол аст, вай дар амал татбиқ намудани даъватҳои исломиро ҳадафи худ қарор дода, сабаб ё мавриди мувофиқеро мунтазир намешавад, то ӯро ба накӯкорӣ водор созанд, ӯ худ низ барои даъват кардани одамон, барои мукофоти саховатмандонаи Аллоҳ мешитобад, Аллоҳ онро барои онҳое тайёр намудааст, ки ба кори даъват машғуланд. Ба ин чиз суханони ба Алӣ (р) гуфтаи пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) низ ишора мекунанд:

«فواللّهِ لأَن يَهْدِيَ اللّهُ بِكَ رَجُلاً واحِداً خَيْرٌ لَكَ مِنْ حُمْرِ النَّعَمِ»

***"Ман ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ки агар Аллоҳ тавассути ту ба роҳи рост лоақал як инсонро ҳидоят намояд ин аз соҳиби як уштури сурх шудан барои ту беҳтар мебошад!"***

**Ал-Бухорӣ**

Дар ҳақиқат сухани неки даъваткунандаи асил ба роҳгумзада, ки ба шарофати он дар дили ин гуна шахс донаи шинохтани роҳи рост кишта мешавад, ба даъваткунанда дар шакли муко-

фоте бармегардад, ки аз уштури сурхи дар он замон барои арабҳо чизи басо қиматбаҳо ҳисоб меёфта, қимматтар аст. Аммо ба ғайр аз ин ба он савоби дигаре зам мешавад, ки ба савоби он шахсоне, ки бе иштироки даъваткунанда роҳи ҳақиқатро пайрав шудаанд, баробар мебошад. Ба ин маънӣ Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ишора намуда гуфтааст:

«مَنْ دَعا إلى هُدًى كانَ لَهُ مِنَ الأَجْرِ مِثْلُ أُجورِ مَنْ تَبِعَهُ، لا ينقُصُ ذلك مِنْ أُجورِهِم شَيْئاً»

***"Барои оне, ки ба роҳи рост даъват мекунад, баробари савоби онҳое, ки аз паи ӯ мераванд, дода мешавад, вале савоби инҳоро як сари мӯе кам намекунад".***

**Муслим**

Аз ин сабаб сабри дурудароз ва истодагарии даъваткунандагон дар роҳи Аллоҳ сазовори ибрат аст, зеро онҳо маблағу вақти худро ба даъвати онҳое сарф карданд, ки аз роҳи рост гумроҳ шудаанд. Ҳамчунин ҷои тааҷҷуб нест, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин гуна ҳасад бурдани дилхоҳро таъриф карда, фармудааст:

«لا حَسَـدَ إلاّ في اثْنَتَيْنِ: رَجُـلٌ آتـاهُ اللّهُ مـالاً فَسَلَّطَهُ على هَلَكَتِـهِ في الحَقّ، ورَجُلٌ آتاهُ اللّهُ الحِكْمَةَ فهُوَ يَقْضي بها ويُعَلِّمُها»

***"Набояд ба касе ҳасад бурд, магар ба ду шахс: ба оне, ки Аллоҳ ӯро сарват ва имконияти онро ба таври бояду шояд сарф кардан додааст[64] ва ба шахсе, ки Аллоҳ ӯро дониш додааст ва бо дониш ҳукм мекунад ва онро*** (донишро) ***ба дигарон медиҳад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вале бигузор касе, ки одамонро ба тарафи Аллоҳ мехонад, худро камсавод наҳисобад, зеро аз ӯ талаб карда мешавад, ки ба дигарон ҳамон қисмати ҳақиқатро расонад, ки ӯро ошкор мебошад, ҳатто агар сухан аз хусуси як ояти китоби Аллоҳ бошад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба саҳобагони худ маҳз ҳамин тавр амал карданро амр менамуд. Вай мегуфт: «بَلِّغوا عَنّي ولَوْ آيَةً»

***"Аз номи ман бирасонед, агар ҳатто як ояте ҳам бошад..."***

**Як ҳиссаи ҳадиси дароз аст, ки Ал – Бухорӣ нақл кардааст.**

Дарвоқеъ мумкин аст, ки одам ба роҳи рост бо шарофати ҳатто як сухани ояте меравад, ки дили ӯро ба ларзиш меоварад ва дар он як ҷоеро пайдо мекунад, ки имон нуҳуфтааст ва дар натиҷаи ин он ҷо чароғи роҳи рост мунаввар шуда, ҳам зиндагӣ ва ҳам дили ин шахсро рӯшан мегардонад. Он гоҳ ин шахс махлуқи дигар мешавад.

Мусулмони асилро тамоман хос аст, ки нисбат ба худ бештар аз хусуси дигарон андешад ва аз ин сабаб ӯ ба шахсе, ки бародари худ меҳисобад, он чиро мехоҳад, ки ба худ мехоҳад ва аз хусуси мусулмонон пайваста ғамхорӣ намуда, нисбат ба Аллоҳ, расули Ӯ, ба сарварони мусулмонон ва тамоми мусулмонон дар маҷмӯъ чунонки дар ин бора дар як ҳадиси қаблан зикр намудаамон гуфта шудааст, садоқат изҳор мекунад.

Ана аз чӣ сабаб вай бо он чиз қаноатманд намешавад, ки худ дар роҳи дуруст мебошад ва аҳли байташро низ ба он роҳ овардааст. Вай ҳамчунин кӯшиш мекунад, ки дастуроти исломро дар миёни дигар одамон низ густариш диҳад. Вай биҳиштро фақат барои худ ва аҳли оилааш не, онро барои ҳамаи одамон мехоҳад ва аз ин сабаб ӯ онҳоро ба он чиз даъват менамояд, ки ба биҳишт бурда, аз оташ дур мекунад. Чунинанд сифатҳои ахлоқии даъваткунанда, ки ӯро аз дигарон фарқ медиҳанд ва дар ҳақиқат ин сифатҳо он қадар муборак ва олиянд, ки сазовори таҳсини Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ва муноҷоти ӯ дар дуо шудаанд:

«نضَّرَ اللَّهُ امرَءاً سَمِعَ مِنَّا شَيْئاً فبلَّغه كمَا سَمِعَهُ، فَرُبَّ مُبَلَّغٍ أَوْعَى مِنْ سامِعٍ»

***"Аллоҳ онро хушнуд гардонад, ки аз мо чизе мешунавад ва онро*** **(бо дигарон)** ***тавре мерасонад, ки шунида буд, зеро гоҳе оне, ки чизеро нақл мекунад, нисбат ба оне, ки гӯш мекунад, бештар дарк менамояд".***[65]

**Ат-Тирмизӣ**

Ҷамъияти исломӣ ҷамъияти масъулиятноки муттаҳид мебошад. Ҳама аъзои он маънои пурраву дурусти ин калимаро бояд бештар дарк кунанд. Агар ҳамаи мусулмонон бифаҳманд, ки масъулияти эшон дар назди Аллоҳ аз чӣ иборат мебошад ва ҳар узви солимақли ҷамъият вазифаи худро вобаста ба амали сохтани даъватҳои исломӣ дар ҷамъияти худ ба иҷро расонад, он гоҳ корҳои онҳо бо нокомӣ анҷом намепазируфтанд ва онҳо аз роҳи рости дини худ берун намерафтанд, мисли он ки оқибат

онҳо ба ҳолате расиданд, ки имрӯз қарор доранд.

Ана аз чӣ сабаб таҳдидҳои даҳшатангез равона шудаанд ба унвони одамоне, ки имконияти даъват ва амал овардан доранду аммо бепарвоӣ зоҳир менамоянд ва дониши худро, ки Аллоҳ ба онҳо бахшидааст, ба воситаи ҳавобаландӣ ва ба даст овардани неъматҳои индунёӣ қарор дода, пинҳон мекунанд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«مَنْ تعلَّمَ عِلْماً يُبْتَغى بِهِ وَجْهُ اللهِ عَزَّ وجَلَّ، لا يتَعَلَّمُهُ إلاَّ لِيُصِيبَ بِهِ عَرَضاً مِنَ الدُّنيا لَمْ يَجِدْ عَرْفَ الجَنَّةِ يومَ القِيامَةِ»

***"Агар одам соҳиби дорише мешавад, ки онро танҳо дар роҳи Аллоҳи Азза ва Ҷалла бояд омӯзад, вале онро дар ин дунё воситаи ба даст овардани чизе мекунад, он гоҳ дар Рӯзи Қиёмат вай бӯи биҳиштро намешамад".***

**Абу Довуд**

Нақл мекунанд, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ҳамчунин гуфт:

«مَنْ سُئِلَ عنْ عِلْمٍ فكَتَمهُ أُلْجِمَ يومَ القِيامَةِ بِلِجامٍ مِنْ نارٍ»

***"Агар шахсеро хоҳиш кунанд, ки дониш омӯзонад, вале ӯ онро пинҳон дорад, он гоҳ дар Рӯзи Қиёмат ӯро бо оташ лаҷом мезананд".***[67]

**Абу Довуд ва ат – Тирмизӣ**

## Вай одобу амри шариатро талқин карда, наҳйи мункар мекунад

Одамонро ба одобу шариат талқин намудан ва онҳоро аз наҳйи мункар (чизе, ки Худованд манъ кардааст) боздоштан яке аз шартҳои амалӣ намудани даъват ба сӯи Аллоҳ мебошад. Ана аз чӣ сабаб мусулмоне, ки бо кори даъват ба ислом машғул аст, дигаронро ба чизҳои писандида талқин намуда, аз наҳйи мункар бозмедорад. Вай барои ин кор аз ақлу фаросат ва ҳикмат истифода бурда, ба ин чиз худро ба тавре бояду шояд омода месозад. Вақте ки чунин имконият пайдо мешавад, вай шахсан мазамматро бартараф месозад, аммо ба шарте ки амали ӯ ба вазнин шудани вазъият оварда нарасонад. Агар вай бо дастони худ кори маҷмӯъро бартараф кардан натавонад, он гоҳ ӯ

ҳақиқати ҳолро мефаҳмонад, агар ин корро ҳам карда натавонад, ба он (кор) дар қалби худ норозигӣ изҳор менамояд. Чунин рафтори ӯ мувофиқи фармоишоти Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам аст, ки гуфтааст:

«مَنْ رَأى مِنكُمْ مُنكَراً فَلْيُغَيِّرْهُ بِيَدِهِ، فإنْ لمْ يَسْتَطِعْ فَبِلسانِهِ، فإنْ لَمْ يَسْتَطِعْ فَبِقَلْبِهِ، وذلكَ أَضْعَفُ الإيمانِ»

***“Бигузор ҳамоне аз шумо ки кори бадро бубинад, шахсан онро бартараф созад, агар натавонад, ин корро бо забони худ бикунад, агар инро натавонад, бо дили худ бикунад, ки (чунин муносибат) заифтарин зоҳиршавии имон мешавад”.***

**Муслим**

Мусулмон дигаронро ба чизҳои писандида талқин намуда, аз наҳйи мункар боздошта, бо ин амали худ муносиботи содиқонаи худро ба онҳо муайян менамояд, зеро дин ин зоҳир кардани садоқату самимият мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки амри маъруфро талқин намудан ва аз наҳйи мункар боздоштан баҳри он зарур аст, ки самимият дар амал низ татбиқ шуда тавонад. Ба самимият бошад, Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам таърифи худро додааст:

Дар хабар аст, ки боре ӯ гуфт:

«الـدِّيْنُ النَّصِيحَةُ» قلْنـا: لِمَنْ؟ قـالَ: «لِلّهِ ولِكِتـابِهِ ولِـرَسـولِهِ ولأَئِمَّـةِ المُسْلمينَ وعامَّتِهِمْ»

***“Дин ин самимият аст”.*** Одамон пурсиданд: *“Нисбат ба кӣ?”* Вай ҷавоб дод, ки: ***“Нисбат ба Аллоҳ, ба Китоби Ӯ ва Расули Ӯ ва сарварони мусулмонон ва умуман ба ҳамаи мусулмонон”.***[71]

**Муслим**

Ин самимият ва дарки зарурати талқин намудани одамон ба чизҳои писандида ва онҳоро аз корҳои номақбул боздоштан мусулмони асилро водор месозад, ки ҳақиқатро ба ноодилон рӯирост бигӯяд. Агар ҷамъият аз чунин ашхос маҳрум гардад, ин чунин маъно дорад, ки вай аз манфиат дидан маҳрум шудааст, зеро Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам мегӯяд:

«إذا رأيْتَ أُمَّتي تَهابُ الظَّالِمَ أنْ تقولَ لَهُ: أنتَ ظالِمٌ، فقَدْ تُوُدِّعَ مِنْهُمْ»

***"Агар бубинӣ, ки уммати ман аз гуфтани "Ту ҳақ нестӣ!" ба беадолатон метарсад, ин чунин маъно дорад, ки (хайру баракат) онҳоро тарк кардааст!"***[68]

**Аҳмад**

Дастуроти пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) мусулмононро водор месохт, ки ба ҳама гуна дурӯғ бурдборона муқовимат кунанд, ашхоси ҷасурро талқин менамуд, мардонагие, ки алорағми беадолатӣ зоҳир мекунанд, ризқи онҳоро кам намесозад ва аз умрашон кам намекунад.

Масалан, дар хабар аст, ки расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا يَمْنَعَنَّ أحدَكُمْ رَهْبَةُ النَّاسِ أنْ يقولَ بحَقٍّ إذا رَآهُ ويُذَكِّرَ بعَظيمٍ ،
فإنَّهُ لا يُقَرِّبُ مِنْ أَجَلٍ ، ولا يُباعِدُ مِنْ رِزْقٍ»

***"Барои ҳақро гуфтан одам дар тарсу ҳарос набошад, агар ӯ онро бинад, хотиррасон кунад, зеро ба дурустӣ, ки ин мӯҳлати марги*** **(шуморо)** ***наздик намесозад ва ризқи*** **(шуморо)** ***нобуд намекунад".***[69]

**Ат – Тирмизӣ**

Мувофиқи хабари дигар, боре чун пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар минбар буд, ба назди ӯ шахсе омада, пурсид: *"Ё расулаллоҳ, кадоме аз одамон беҳтар аст?"* Вай ҷавоб дод:

«خَيْرُ النَّاسِ أَقْرَؤُهُمْ وأَتْقاهُمْ وآمَرُهُمْ بالمَعْروفِ وأَنْهاهُمْ عنِ المُنْكَرِ ،
وأَوْصَلُهُمْ لِلرَّحِمِ»

***"Беҳтарини одамон ҳамонест, ки Қуръонро хуб аз ёд медонад,***[70] ***парҳезгортар аст, аз ҳама зиёдтар ба*** **(корҳои)** ***писандида талқин ва наҳйи мункар мекунад ва бо хешовандонаш робитаи мустаҳкамтар дорад"***[71]

**Аҳмад ва Ат – Табаронӣ**

Барои он ки дар ҷамъияти мусулмонон талқин ба (аъмоли) писандида ва боздоштан аз наҳйи мункар ба қоидаи ҳамагонӣ табдил ёбанд, қалбҳои мусулмонон ба ҷасорату мардонагӣ омӯхта шаванд, одати ба дурӯғ муқовимат кардан ва ба мазлумон кӯмак расонидан ба ҳукми одат дароянд.

Дастуроти пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба он равона шудаанд, ки ин сифоти наҷибу хоси қаҳрамонон пурзӯр гарданд. Онҳо одамонро бовар мекунониданд, ки Аллоҳ ҷавонмардонеро, ки барои

ҳақиқат мубориза мебаранд, кӯмак мекунад ва буздилонро, ки дар ҳақиқат хомӯш меистанд, дастгир нест.

Масалан, пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) фармудааст:

«ما مِن امْرِئٍ يَخْذُلُ مُسْلِماً في مَوْطِنٍ يُنْتَقَصُ فيهِ مِنْ عِرْضِهِ، ويُنْتَهَكُ فيهِ مِنْ حُرْمَتِهِ، إلاّ خَذَلَهُ اللّهُ في مَوْطِنٍ يُحِبُّ فيهِ نُصْرَتَهُ، وما مِنِ امْرِئٍ يَنْصُرُ مُسْلِماً في مَوْطِنٍ يُنْتَقَصُ فيهِ مِنْ عِرْضِهِ، ويُنْتَهَكُ فيهِ مِنْ حُرْمَتِهِ إلاّ نَصَرَهُ اللّهُ في مَوْطِنٍ يُحِبُّ فيهِ نُصْرَتَهُ»

***“Агар касе мусулмонро дар ҷое, ки қадру қимати ӯ паст зада мешавад ва шаъну шарафашро таҳқир мекунанд, бе дастгирӣ вогузорад, Аллоҳ дар он ҷое, ки ӯ ин дастгириро гирифтан мехоҳад албатта бепаноҳ мегузорад. Аммо агар касе аз одамон мусулмонро дар он ҷое, ки қадру қимати ӯ паст зада мешавад ва шаъну шарафашро таҳқир мекунанд, дастгирӣ намояд, Аллоҳ дар он ҷое, ки ӯ инро гирифтан мехоҳад, албатта ба ӯ кӯмаки Худро мерасонад”.***

**Аҳмад ва Абу Довуд**

Аз ин сабаб мусулмони асил бо қатъияти худ (аз дигарон) фарқ мекунад, тоқати беадолатӣ надорад ва аз ҷонибдорӣ кардани ҳақиқат дурӣ намеҷӯяд, намехоҳад, ки беадолатӣ ва он чӣ ки шариат намеписандад, дар ҷамъияти ӯ густариш ёбад. Биноан ӯ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо номақбулӣ ба дараҷаи даркорӣ мубориза барад, кӯшиш мекунад аз ҷазои Аллоҳ дуртар бошад, зеро ин ҷазо бегумон бар сари онҳое, ки аз кӯшиши тағйироти зарурӣ дохил кардан худро канор мегиранд, буздиланд ва ҳақиқатро намегӯянд, фурӯ мерезад. Аз ин хусус Абубакри Сиддиқ (р) нақл карда, суханони Расули акрамро (салаллоху алайхи васаллам) овардааст.

Дар хабар аст, ки боре чун ҳукумат ба Абубакр (р) расид, ба минбар баромада, Аллоҳро ҳамд фиристод ва баъд гуфт:

يـايها الناس، إنكم تقرأون هـذه الآيـة: ﴿يـاأيها الـذينَ آمَنـوا عَلَيْكُمْ أَنْفُسَكُمْ،لا يَضُـرُّكُمْ مَنْ ضَلَّ إذا اهْتَـدَيْتُم﴾ وإنّكم تضعونهـا في غير مـواضعهـا. وإني سمعت رسول الله ﷺ يقول: «إنّ الناسَ إذا رَأَوُا المُنْكَرَ ولا يُغَيِّرونَهُ أَوْشَـكَ أَنْ يَعُمَّهُمُ اللّهُ بِعِقابٍ»

*“Ё мардум, ба дурустӣ, ки шумо ояти: “**Эй онон , ки имон***

***овардаед! Шуморо лозим аст нафсҳои худро[72] ҳифз кунед ва шуморо гумроҳшуда зарар намерасонад, чун шумо дар роҳи рост қарор гирифтаед"*** **"Моида", 105** *–ро мехонед, шояд онро намефаҳмед, аммо ман, ба дурустӣ, шунидам, ки Расулаллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *гуфт:* ***"Ба дурустӣ, ки агар одамон номаъқулиеро бубинанду тағйир надиҳанд, Аллоҳ таъхир намекунад, то ҳамаи онҳоро ҷазо диҳад!"***[73]

**Абу Довуд ва ат – Тирмизӣ**

Мусулмоне, ки ба ислом аз сидқи дил эътиқод дорад ва соҳиби имони зинда аст, аз номуайянӣ, беҳаракатӣ ва бефарқӣ дур мебошад. Вай ба корҳои динӣ ҳаргиз бепарвоӣ зоҳир намекунад, аз тарғиб кардани дигарон ба чизҳои пазируфташуда дур намешавад, ба номаъқулие роҳ намедиҳад, ин ҳамаро дӯст намедорад ва аз маҳкум кардани номақбулиҳо ва тағйир додани онҳо агар чунин имконият пайдо шавад даст намекашад, зеро ҳама чизе, ки ба дин алоқа дорад, басо ҷиддист, ҷои шӯхӣ надорад, вале аз онҳое, ки ақидаашон шахшуда аст, қатъиятро талаб намуда, ягон гузаште намекунад. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) моро аз он чиз огоҳ кардааст, ки метавонем шабеҳи яҳудон шавем, онҳо дар кори дини худ бепарвоӣ ва ба он беаҳамиятӣ зоҳир намуданд ва он гоҳ ба ғазаби Аллоҳ ва қасоси Ӯ гирифтор мешавем, чунонки ба онҳо рух дода буд. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки аз забони Абу Мӯсо ал-Ашъарӣ (р), нақл мешавад. Ӯ хабар додааст, ки Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

**«إنَّ مَنْ كانَ قبلَكُمْ مِنْ بَني إسْرائيلَ إذا عَمِلَ فيهمُ العامِلُ الخَطيئَةَ فَنهاهُ النَّاهي تَعْذيراً، فإذا كـانَ منَ الغَدِ جـالَسَهُ وواكَلَهُ وشـارَبَهُ، كـأنَّهُ لمْ يَـرَهُ على خَـطِيئَةٍ بـالأمْسِ . فلمّا رأى اللّهُ تعـالى ذلكَ منهمْ ضَـرَبَ قلوبَ بَعْضِهِمْ على بَعْضٍ على لِسـانِ داودَ وعيسَى بنِ مَرْيَمَ، ذلـكَ بِما عَصَـوْا وكـانـوا يَعْتَـدون . والذي نفْسي بيَدِهِ لَتَأْمُرُنَّ بالمَعْروفِ، ولَتَنْهَوُنَّ عَنِ المُنْكَرِ، ولَتَأْخُذُنَّ على أيْدي المُسِيءِ، ولَتَـأْطُـرُنَّـهُ على الحَقِّ أطْـراً، أوْ لَيَضْـرِبَنَّ اللّهُ بقُلوبِ بَعْضِكمْ على بَعْضٍ ، ويَلْعَنَكُمْ كَما لَعَنَهُمْ»**

***"Дар ҳақиқат, вақте ки миёни исроилиёне, ки то шумо мезистанд, касе агар гуноҳе содир мекард, шахсе пайдо мешуд, ки ӯро аз ин гуноҳ***

***бозмедошт, аммо дар рӯзи дигар вай аллакай бо ӯ ҳамнишаст мешуд, бо ӯ менӯшид, таъом мехӯрд, гӯё дирӯз гуноҳи ӯро надида буд. Ва чун Аллоҳи Таъоло дид, ки онҳо ин гуна рафтор мекунанд, Вай дар миёни дилҳои онҳо душманӣ овард ва бо воситаи Довуд ва Исои писари Марям онҳоро барои тавбагузорӣ накардан ва аз ҳадди муайяншуда гузаштан лаънат хонд. Ман бо Оне, ки ҷони ман дар кафи Ӯст, қасам мехӯрам,*** ки шумо бояд іатман ба чизіои писандида **(амри маъруф)** ***талқин кунед, аз наҳйи мункар боздоред, аз дасти бадкорон гирифта, онҳоро водор намоед, ки ба ҳақиқат сар фуруд оваранд, вагарна Аллоҳ дилҳои шуморо бечунучаро ба душманӣ оид мекунад ва чунончи онҳоро лаънат мефиристад!"***[74]

**Ат - Табаронӣ**

## Вай боадабона ва ҳакимона даъват ба амал меоварад

Мусулмони бофаросат, ки ба кори даъват ба ислом машғул аст, одамонро моҳирона ва боадабона панд медиҳад. Чун онҳоро ба ҳақ даъват мекунад, хирадмандӣ зоҳир намуда, онҳоро тадриҷан бо дастуроти дин ошно месозад ва ба иродаи Аллоҳи Азза ва Ҷалла тобеъ мекунад. Аллоҳ фармудааст:

﴿ٱدۡعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِٱلۡحِكۡمَةِ وَٱلۡمَوۡعِظَةِ ٱلۡحَسَنَةِۖ﴾

***﴿ Бо ҳикмату андарзи некӯ ба сӯи Парвардигори худ бихон...﴾***

**"Наҳл", 125.**

Ин чунин маъно дорад, ки даъватгар қабл аз ҳама ба дилҳои одамон дуруст роҳ ёфта, дар онҳо муҳаббати имон ва хоҳиши ба дин рӯ оварданро талқин кунад ва эҳтиёт бошад, то коре накунад, ки одамонро аз ин чиз дур созад, онҳоро ранҷонад ё ғазабашонро оварад. Ин қоидаҳоро риоя намуда, вай на ҳама чизеро, ки ӯро маълум аст бар сари онҳо ҳамоно таҳмил мекунад, балки онҳоро тадриҷан меомӯзонад, ба онҳо бо насиҳату андарз ҳар замон муроҷиат мекунад, кӯшиш менамояд, ки он чиро ки дар дили онҳост, бифаҳмад ва онҳоро дилтанг насозад, малоли хотир нашавад ва дурудароз гуфтугӯ накунад. Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам маҳз ҳамин тавр рафтор менамуд, чун одамонро панд медод. Аз ин хусус ба мо аз суханони саҳобаи машҳур Абдуллоҳ

ибни Масъуд (р), маълум шудааст. Худи Абдуллоҳ ибни Масъуд одате дошт, ки рӯзҳои панҷшанбе одамонро аёдат кунад ва боре як шахс ӯро гуфт: *"Ё Абу Абдурраҳмон, ман бисёр мехостам, ки ту маро ҳар рӯз дастур бидиҳӣ!"* Дар ҷавоб ӯ гуфт: *"Ба дурустӣ, ки ман ин корро ба он сабаб кардан намехоҳам, ки шуморо дилтанг созам. Маҳз аз ин рӯ ман бо андарз дар пайравии Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам мурочиат мекунам, ки аз хавфи малоли хотир нашудан бо панду андарз ба мо ҳар гоҳ мурочиат мекард.*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Даъватгар агар баодоб бошад ва даъвати худро бо роҳи дуруст анҷом диҳад, вай талқини худро ҳаргиз, бахусус вақте ки дар ҳузури одами зиёд сухан мегӯяд ва миёни онҳо пирамардону заифону беморон бошанд, дурудароз кашол намедиҳад. Мӯъҷаз будани амри маъруф аз он шаҳодат медиҳад, ки моҳияти масъала ва чӣ гуфтанашро хуб мефаҳмад ва ҳолати руҳии шунавандагонашро хуб мефаҳмад. Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам таблиғгаронро маҳз ба ҳамин чиз даъват менамуд, ки аз ин хусус Аммор ибни Ёсир (р), хабар медиҳад:

«إِنَّ طولَ صَلاةِ الرَّجُلِ وقِصَرَ خُطْبَتِهِ مَئِنَّةٌ مِنْ فِقْهِهِ ، فأَطِيلوا الصَّلاةَ وأقْصِروا الخُطْبَةَ»

***"Дар ҳақиқат намози тӯлонии инсон ва мухтасар будани амри маъруфи ӯ аз маърифати вай гувоҳӣ медиҳанд, ҳамин тавр намозҳои худро тӯлонӣ кунед ва дар амри маъруф кӯтоҳтар бошед."***

**Муслим**

Таблиғгари ҳаким, боодоб, ботадбир ва моҳир нисбат ба он одамоне, ки бо даъват мурочиат менамоянд, ҳамеша меҳрубонӣ зоҳир мекунад, ҷаҳолати эшон, хато, суолҳои дилгиркунанда ва ҳунари зуд аз худ карда натавонистани онҳоро шоҳид шуда, сабру қарорро гум намекунад. Дар ин кор вай аз устоди даъваткунандагон, пайғамбари охирин салаллоҳу алайҳи васаллам ибрат мегирад, ки ба одамон чун ба ӯ суол мекарданд, имкони пурраи озод амал карданро медод, бо нармӣ ҷавоб мегуфт, ва онҳоро меомӯзонд, бо эшон чун мураббии меҳрубон, дӯст ва муаллим муносибат мекард ва фаҳмондани он чиро ки онҳо мепурсиданд, то лаҳзае ки

онҳо моҳияти онро сарфаҳм нараванд, аз наздаш қаноатманд, босурур ва фаҳмидаву розӣ нараванд, қатъ намекард.

Мисоли ин чиз дар хабари яке аз саҳобагон бо номи Муовия бин ал-Ҳакам ас-Сулам (р), оварда мешавад, ки гуфтааст:

«بَيْنا أنا أُصَلِّي مـعَ رسولِ الله ﷺ إذْ عَـطَسَ رجلٌ من القـوم ، فقلتُ: يرحَمُكَ الله ، فرَماني القومُ بأبْصارِهِمْ، فقلتُ: واثُكْلَ أُمِّيَاهُ ما شأنُكُمْ تَنْظُرونَ إليَّ؟ فجعلوا يَضْربون بأيديهم على أفخاذِهِمْ، فلمّا رأيتُهم يُصَمِّتُونَني ، لكنني سَكَتُّ، فلمّا صلّى رسولُ الله ﷺ، فبِأبي هُوَ وأمّي ، ما رأيتُ مُعَلِّماً قبلَه ولا بعدَه أحسنَ تعْليماً منهُ، فواللهِ ما كَهَرَني ولا ضَرَبَني ولا شَتَمَني، قالَ: «إنَّ هذه الصَّلاةَ لا يَصْلُحُ فيها شيْءٌ مِنْ كَلامِ النّاسِ ، إنما هيَ التَّسْبيحُ والتَّكبيرُ، وقِراءَةُ القُرْآنِ» أو كما قالَ رسولُ الله ﷺ. قلتُ: يا رسولَ الله إني حَديثُ عَهْدٍ بجاهِلِيَّةٍ، وقد جاءَ اللّهُ بالإسلامِ ، وإنَّ منّا رِجالاً يأتون الكُهّانَ ! قال: «فَلا تَأْتِهِمْ»، قلتُ: ومِنّا رجالٌ يَتَطيَّرون! قالَ: «ذاك شيْءٌ يَجِدونَهُ في صُدورِهِمْ فلا يَصُدَّنَّهُمْ»

*“Боре чун бо Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) намоз мегузоридам, кадоме аз ҳозирон[75] атса зад ва ман гуфтам: “Ярҳамукаллоҳ!” Пас аз ин одамон ба ман нигоҳ (-и маломатомез) афканданд ва ман хитоб кардам: “Аз модар маҳрум шуда бошам![76] Чаро ба ман ин тавр нигоҳ мекунед?” Ин вақт онҳо каф ба зонуҳои худ заданд ва ман чун дидам, ки онҳо маро ба хомӯш истодан водор мекунанд, аз онҳо озурда шудам, аммо ба ҳар ҳол хомӯш шудам. Ва чун Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), ба ҷои падару модарам бошад, ки то ӯ ва баъд аз ӯ чунин мураббиеро надидам, ибодатро ба поён расонд, ба ман рӯ овард. Ба номи Аллоҳ қасам, ки вай маро маломат накард ва дашном надоду фақат гуфт:* ***“Ба дурустӣ, дар вақти ин намоз чизеро аз он, ки (одатан) одамон мегӯянд, ба забон овардан дуруст нест! Намоз ин фақат тасбеҳ ва такбир гуфтан ба Аллоҳ ва Қуръон хондан аст”.*** *– Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тақрибан чунин гуфт. Пас аз ин ман гуфтам: “Ё Расулаллоҳ, то ба қарибӣ ман ҷоҳил будам, баъд Аллоҳ маро ислом бахшид, аммо дар миёни*

*мо ашхосе ҳастанд, ки ба назди фолбинон*[77] *меравандǃ" Вай гуфт: "Аммо ту ба назди онҳо наравǃ" Ман ҳамчунин гуфтам: "Ва дар миёни мо ашхосе ҳастанд, ки ба нишонаҳои бад бовард доранд." Вай гуфт:* ***"Онҳо инро дар дилҳои худ эҳсос мекунанд, аммо бигузор ин онҳоро дар ҳеҷ ҳолат бознадорадǃ"***[78]

**Муслим**

Меҳрубонии Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) нисбат ба одамоне, ки ӯ ба некӯкорӣ даъват менамуд, он қадар беандоза буд, ки ҳатто шахси ошкоро ягон номаъқуликардаро низ маломат наменамуд, иззати эҳсосоти ӯро ба ҷо оварда, намехост ӯро паст занад, агар мехост, ки сарзаниши худро изҳор намояд ё диққати ӯро ба он чӣ ки он шахс ба таври дуруст анҷом дода натавонист, ҷалб созад, аз ишора истифода мебурд. Ин усул таъсирӣ бештаре ба дил ва қалбҳо дорад, барои ислоҳи ҳама гуна нуқсонҳо натиҷаҳои беҳтарин медиҳад.

Дар хабар аст, ки ҳазрати Оиша (р), гуфт:

«كان النبي ﷺ إذا بلغَـهُ عن رجل شيءٌ لم يقـل : ما بـالُ فلانٍ يقـول؟ ولكنْ يقولُ: مـا بالُ أقْـوامٍ يقولـونَ كَـذا وكَذا. . .»

*"Чун пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) мефаҳмид, ки ягон шахс чизе* (номақбул) *гуфтааст, намегуфт, ки* ***"Аз ин хусус меандешад чун сухан мегӯяд?ǃ"****-балки мегуфтанд:* ***"Аз чӣ меандешанд мардум, чун ину он мегӯянд".***

**"Зиндагиномаи саҳобагон", 3/129**

Барои он ки дар кори худ ба муваффақият ноил гардад, даъватгар суханони худро ба онҳое, ки мурочиат менамояд, шарҳ диҳад ва сухани гуфтаашро такрор намояд, зеро Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) низ маҳз чунин рафтор мекард.

Аз ин хусус Анас (р), хабар дода, мегӯяд:

«كانَ رسولُ الله ﷺ إذا تَكلَّمَ بِكَلِمَـةٍ أعادَهـا ثلاثـاً حتى تُفْهَمَ عَنْهُ، وإذا أتى عَلى قَوْمٍ فسَلَّمَ عليهم سَلَّمَ عليهمْ ثلاثاً»

***"Вақте ки Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) чизе мегуфтанд, сухани худро се маротиба такрор менамуданд, то ки шунаванда дарк кунад ва чун ба назди***

***ягон шахс меомаданду салом мегуфтанд, саломи худро се маротиба такрор менамуданд.”***

**Ал-Бухорӣ**

Ҳазрати Оиша (р), гуфтааст:

«كان كلامُ رسولِ الله ﷺ كَلاماً فَصْلاً ، يَفْهَمُهُ كُلُّ مَنْ يَسْمَعُهُ»

*“Сухани Расулаллоҳ* (салаллоху алайхи васаллам) *фаҳмо ва рӯшан буд ва он касро ҳар касе, ки гӯш медод, мефаҳмид.”*

**Абу Довуд**

## Вай мунофиқ нест

Мусулмони асил бештар аз ҳар кас аз дурӯягӣ тамаллуқ, хушомади манъшуда ва таърифи дурӯғ ҳазар мекунад, зеро дастуроти дини вай ӯро аз фурӯ рафтан ба он вартаи ҳалокатовар нигоҳ медоранд, ки дар замони мо аллакай бисёр одамон афтодаанд, бехабар аз худ дар ҳолати дурӯягии ҳалокатовару нафратангез қарор доранд.

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба мо нишон додаанд, ки аз афтодан ба ботлоқи мунофиқӣ ва хушомад чӣ тавр метавон наҷот ёфт, зеро чун одамон аз бани амир он касро таъриф карда, гуфтанд, ки: “Шумо аълоҳазрати мо ҳастед!”,-вай гуфт: «السَّيِّدُ اللَّهُ» “Аълоҳазрат Аллоҳ аст!” Чун онҳо гуфтанд, ки: “Шумо беҳтарини беҳтаринҳоед ва пурқудраттарини мо ҳастед!”-дар ҷавоб вай гуфт:

«قُولوا بقَوْلِكُمْ أو بَعْضِ قَوْلِكُمْ، ولا يَسْتَجْرِيَنَّكُمُ الشَّيْطانُ . إنِي لا أريـدُ أَنْ تَرْفَعوني فوقَ مَنْزِلَتِي التي أَنْـزَلَنِيها اللَّهُ تَعـالى ، أنا محمـدُ بنُ عبدِ اللَّهِ، عَبْـدُهُ ورَسُولُهُ»

***“Ҳамон чизро гӯед, ки ба ақлатон дуруст меояд (ё.. қисмеро аз он чӣ ки ба ақлатон дуруст меояд гӯед) аммо ҳаргиз роҳ надиҳед, ки шайтон шуморо дастёри худ гардонад!***[79] ***Ба дурустӣ, ки ман намехоҳам, то шумо маро аз он дараҷа болотар бардоред, ки Аллоҳи Таъоло маро сазовор донистааст! Ман –Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, банда ва расули Вай ҳастам.”***

**“Зиндагиномаи саҳобагон”, 3/99.**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) таърифкунандагонро аз аълоҳазрат гуф-

тани худ ва аз ҳад зиёд таъриф кардани шаъну эътибор ва қудрати худашон онҳоеро, ки одамонро таърифи ифроткорона мекунанд, манъ кард. Албатта, дар миёни таърифшудагон метавонанд ашхосе бошанд, ки сазовори таъриф нестанд, агарчи худи пайғамбар салаллоху алайхи васаллам бегуфтугӯ, дар воқеъ ҳам ҷаноби мусулмонон ва бузургтарину сазовортарини онҳо буданд. Он кас чунин амал намуда, медонистанд, ки агар дари ситоишгарӣ калон кушода шавад, ин чиз ба зуҳуроти хатарноки мунофиқӣ мерасонад ва он бо рӯҳи поки ислом мутобиқ нест ва қобили қабули ҳақ, ки ин дин асос ёфтааст, намебошад. Ба ғайр аз ин пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ситоиши инсонро ба рӯяш ҳамеша манъ мекарданд, то ин чиз ситоишгарро ба мунофиқӣ ва ситоишшударо ба мастии шӯҳрат, такаббур ва худбинӣ нарасонад.

Ал-Бухорӣ ва Муслим ҳадисеро меоваранд, ки дар он хабар дода мешавад: Абубакр[80] гуфт:

أَثْنَى رجلٌ على رجلٍ عندَ النبيِّ ﷺ، فقال: «وَيْلَكَ! قَطَعْتَ عُنُقَ صاحِبِكَ، قَطَعْتَ عُنُقَ صاحِبِكَ» ثلاثاً. ثم قال: «مَنْ كانَ مِنْكُمْ مادِحاً أخاهُ لا مَحالَةَ فَلْيَقُلْ: أحسِبُ فُلاناً، واللهُ حَسِيبُهُ، ولا يُزَكِّي على اللهِ أَحَداً، أحسِبُ كذا وكذا، إنْ كانَ يَعْلَمُ ذلِكَ مِنْهُ»

*"Боре як шахс дар ҳузури пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ходимеро таъриф намуд. Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам хитоб кард:* ***"Бадбахтӣ ту, ту гулӯи рафиқи худро буридӣ, ту гулӯи рафиқи худро буридӣ!"****-ва инро се карат такрор намуд ва баъд гуфт:* ***"Агар касе аз шуморо лозим меояд бародари худро ситоиш кунад, бигузор гӯяд: "Ман фалониро ин гуна меҳисобам, аммо вай ба Аллоҳ ҳисобот медиҳад, ман охир касеро дар назди Аллоҳ ситоиш намекунам, аммо фақат ин тавр ва ин тавр меҳисобам, - ба шарте ки вай ба он чӣ ки дар бораи ин ё он шахс мегӯяд, бовар дорад."***

Хуллас, агар шахсро зарур ояд, ки кадомеро ситояд, вай бояд ростқавл бозмонда, ба таърифшаванда фақат ҳамон чизро бигӯяд, ки ба ҳақиқат мувофиқ бошад, ҳадди ақаллро риоя намуда, аз ҳад нагузарад. Фақат бо шарофати ҳамин чиз ҷамъият метавонад аз заҳри вабои мунофиқӣ, дурӯғ, тамаллуқ, дурӯягӣ ва созишкорӣ покиза гардад.

Ал – Бухорӣ дар “Ал – адаб ал – муфрад” хабареро аз Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) меорад, ки ӯ аз Маҳҷон ал-Аслам (р), овардааст:

**أن رسول الله ومحجن كانا في المسجد، فرأى رسول الله ﷺ رجلاً يصلي ويسجد ويركع، فقال الرسول ﷺ: «مَنْ هذا؟» فأخذ محجن يُطريه، ويقول: يا رسولَ الله هذا فلان، وهذا فلان، فقال: «أَمْسِكْ، لا تُسْمِعْهُ، فتُهْلِكَهُ!»**

*“Боре чун Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ва Маҳҷон дар масҷид буданд, Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) шахси намозгузореро дид, ки рукӯъ ва суҷуд мекард. Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) пурсид:* ***“Ин кист?”*** *- , Маҳҷон ӯро таърифкунон гуфт: “Ё Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ӯ ин гуна ва ин гуна шахс аст!”, ба ин пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:* ***“Бас кун ва инро ба ӯ магӯ, зеро ту ӯро нобуд мекунӣ!”***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Аҳмад овардааст, хабар дода мешавад, ки Маҳҷон (р) гуфт:

**يا نَبِيَّ اللَّهِ، هذا فلان من أحسن أهل المدينة، أو قال: أكثرُ أهلِ المدينة صلاةً، قال: «لا تُسْمِعْهُ، فتُهْلِكَهُ – مرتين أو ثلاثاً – إنَّكُمْ أُمَّةٌ أُريدَ بِكُمُ اليُسْر»**

*“Ё Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ин фалонист, ӯ яке аз беҳтарин одамони Мадина мебошад!”* (Ё ӯ гуфт: ... *ва ӯ дар Мадина аз ҳама зиёдар ибодат мекунад!”)* -, ва Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ду ё се маротиба ба ӯ гуфт: ***“Фақат аз ин хусус ба худаш магӯ, вагарна ӯро нобуд мекунӣ! Дар ҳақиқат, шумо одамонед, ки Аллоҳ шуморо компронӣ мехоҳад!”***

Ҳамин тавр, Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) ситоиши рӯиростро нобудшавӣ номидааст, зеро чунин чизҳо ба қалби инсон таъсири сахт мегузоранд, инсон бошад, тибқи табиати худ ба ситоиш шудан майл дорад. Дар айни замон дар натиҷаи ин шахси таърифшаванда аз дигарон худро як сару гардан боло хоҳад гирифт, бинии худро ба нишони ҳазар нисбат ба дигарон боло ва рӯи худро каҷ мекунад. Агар ситоиши мунофиқон ва дурӯғи хушомадгӯён, ки дар атрофи одамони машҳур ва соҳибмансаб зиёд аст, зуд-зуд садо диҳад, ба ҳукми одат мегузараду дар қалби инсон хоҳиши раднопазирро ба амал меоварад, он гоҳ ӯ маслиҳатҳои

муфид ва эроду мулоҳизаҳоро шунидан ҳам намехоҳад ва ба ҷуз таъриф чизи дигареро намепазирад. Ва ҷои тааҷҷуб нест, ки ин ҳама ба барҳам хӯрдани ҳақиқату адолат ва накӯкорӣ ва пош хӯрдани ҷамъият оварда мерасонад.

Ана аз чӣ сабаб Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам ба саҳобагони худ фармуд, ки ба рӯи ҳамаи ситоишгарон хок пошанд, то миқдори онҳо дар ҷамъияти мусулмонон зиёд нашаванд, зеро чун онҳо зиёд гарданд, дурӯғгӯӣ ва тамаллуққорӣ густариш меёбаду ҷамъиятро бадбахтӣ фаро мегирад.

Ал-Бухорӣ ва Муслим, ҳамчунин Аҳмад ва ат-Тирмизӣ, аз забони ноқилони зиёд хабареро меоваранд, ки боре чун як шахс ҳукуматдоронро ситоиш кард, ал-Молик (р), ба рӯи ӯ хок пошида, гуфт: *"Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам гуфтааст:*

«إذا رَأَيْتُمُ المَدّاحِينَ فَاحْثُوا في وُجوهِهِمُ التُّرابَ»

***"Агар ситоишгареро бубинед, ба рӯи ӯ хок пошед!"***

Аз ин сабаб саҳобагони мӯҳтарам (р), чун одамон онҳоро зиёд васф мекарданд, худро ногувор ҳис менамуданд, агарчи онҳо сазовортар аз ҳар каси дигар ба таъриф буданд. Онҳо аз оқибати ногувори ин чиз ҳазар мекарданд ва метарсиданд, ки таъриф онҳоро нобуд месозад, онҳо бемайлон принсипҳои ахлоқии исломро риоя менамуданд, ки бо чунин чизҳои сабуку ночиз умумияте надоранд.

Нафиъ (р), ҳамчунин дигарон нақл кардаанд, ки боре чун як шахс ба ибни Умар (р), муроҷиат карда гуфт: ***"Эй беҳтарини одамон!"*** (ё ***"Эй писари инсони беҳтарин!***)-, вай ба ӯ гуфт: ***"Ман на аз беҳтарини одамонам ва на фарзанди одами беҳтаринам, балки як бандаи Аллоҳам ва аз Аллоҳи Таъоло умедвораму аз Ӯ метарсам, шумо бошед, қасам ба Аллоҳ, ки то инсонеро нобуд накунед,*** **(аз таъриф)** ***худдорӣ намекунед!"***

**"Зиндагиномаи саҳобагон", 3/103.**

Ин аст намунаи гуфтори ҳакимонаи яке аз саҳобагони машҳур, ки исломро сахт дарк намуда, тибқи нишондоди пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ошкору пинҳон риоя мекунад!

Саҳобагони мӯҳтарам моҳияти ин суханони пайғамбар салаллоху алайхи васаллам-ро басо амиқ дарк карданд, ки онҳоро пайваста барои тоза шудан аз мунофиқӣ чӣ дар сухану чӣ дар кор ҳидоят менамуд ва

онҳоро тафовути бузург миёни ҳақиқате, ки барои Аллоҳ ба забон меоваранд ва мунофиқию тамаллуқкорӣ ошкор шуда буд.

Аз забони ибни Умар (р), нақл мекунанд, ки боре одамон ба ӯ гуфтанд: *"Ба дурустӣ, чун мо ба назди ҳокимони худ меоем, ба онҳо тамоман на он чиро мегӯем, ки вақте аз назди онҳо берун шуда мегӯем,"*-, ба ин ибни Умар гуфт: *"Дар замони зиндагии Расулаллоҳ* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *мо инро мунофиқӣ меҳисобидем!"*

## БА Ӯ ХУДНАМОИВУ МАНМАНӢ БЕГОНА АСТ

Мусулмони асилу содиқ некиро ҳаргиз барои худнамоӣ намекунад, зеро барои ин кор инсон подош намегирад ва амали ӯ беҳуда мемонад ва дар Рӯзи Қиёмат чун одамон дар баробари Парвардигор меистанд, ӯро шармандагӣ фаро мегирад.

Моҳияти аслии ин дин самимият нисбат ба Аллоҳ дар суханну дар амал ва ибодат кардан ба Аллоҳ мебошад. Ба ҳамин хотир ҷинҳову одамон офарида шуда буданд. Суханони зерини Аллоҳи Таъоло ба ҳамин чиз ишора мекунанд:

﴿وما خلقتُ الجنَّ والإنسَ إلاَّ ليَعْبُدونِ﴾

***﴿ Ман ҷинҳо ва одамонро фақат барои он офаридам, ки онҳо ба Ман ибодат кунанд.﴾***

**"Аз-Зориёт", 56**

Аммо фақат саҷдаи мутлақо самимона барои Аллоҳ қабул мешавад, зеро Аллоҳи Таъоло фармудааст:

﴿وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ﴾

***﴿... онҳоро ҷуз ин фармон надоданд, ки Худоро бипарастанд, дар ҳоле ки дар дини ӯ ихлос меварзанд.﴾***

**"Байина", 5.**

Агар ин саҷда барои худнамоӣ анҷом дода шавад ва ба он шӯҳратталабӣ ва кӯшиши мартабаи худро дар чашми одамон афзудан илова гарданд, он гоҳ вай ҳақиқӣ нахоҳад буд ва сазовори мукофот нахоҳад шуд. Ба ин чиз ҳушдоре ишора менамояд, ки Аллоҳ ба одамон, ки моли худро барои бечорагон сарф карда, пас онҳоро коҳиш медиҳанд, додааст, онҳо мегӯянд, ки ин камбағалонро сарватманд намуданд ва аз ниёзмандӣ раҳо-

ниданд. Ба ҳамин гуна таънаҳо инҳоро таҳқир мекунанд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تُبْطِلُوا صَدَقَاتِكُمْ بِالْمَنِّ وَالْأَذَىٰ كَالَّذِي يُنْفِقُ مَالَهُ رِئَاءَ النَّاسِ وَلَا يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ فَمَثَلُهُ كَمَثَلِ صَفْوَانٍ عَلَيْهِ تُرَابٌ فَأَصَابَهُ وَابِلٌ فَتَرَكَهُ صَلْدًا لَا يَقْدِرُونَ عَلَىٰ شَيْءٍ مِمَّا كَسَبُوا وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْكَافِرِينَ ﴾

***﴿ Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳаммонанди он кас, ки амволи худро аз рӯи риё ва худнамоӣ инфоқ* (садақа) *мекунад ва ба Аллоҳу Рӯзи Қиёмат имон надорад, садақаҳои худро бо миннат ниҳодан ва озор расонидан ботил макунед. Ин мисли санги суфтаест, ки бо хок пӯшида шудааст: борон бар рӯи он борида* (ин сангро) *урён мекунад. Онҳоро он чӣ рӯёнидаанд,*[82] *дастрас нест ва Аллоҳ кофиронро ба роҳи рост ҳидоят намекунад!﴾***

**“Бақара”, 264.**

Миннат ба камбағалон мукофоти садақаро мисли он борон бо худ мебарад, ки аз осмон борида, хокро аз рӯи санги суфташуда мешӯяд. Ин оят дар худ суханони ваҳмангезро дар бар гирифта, ба он ишора менамояд, ки одамони кори некеро барои худнамоӣ анҷом дода, сазовори ҳидояти Аллоҳ нестанд ва аз ҷумлаи кофиронанд: ***“... ва Аллоҳ кофиронро ба роҳи рост ҳидоят намекунад!”***

**“Бақара”,264.**

Аз он сабаб чунин гуфта шудааст, ки ашхоси дурӯя ба ҷуз нишон додани корҳои тақводоронаашон ба одамон чизи дигаре намехоҳанд ва барои соҳиб шудан ба лутфу марҳамати Аллоҳи Азза ва Ҷаллла талош намеварзанд.

Ба ғайр аз ин Аллоҳи Таъоло чунин гуфтааст:

﴿ يُرَاءُونَ النَّاسَ وَلَا يَذْكُرُونَ اللَّهَ إِلَّا قَلِيلًا ﴾

***﴿... онҳо инро барои намоишкорӣ ба одамон мекунанд ва Аллоҳро фақат андак ёд мекунанд.﴾***

**“Нисо”, 142.**

Ва ин сабаб корҳои чунин одамон рад карда мешаванд, зеро

онҳо ба Аллоҳ шарик меоранд, аммо Аллоҳи Таъоло танҳо ҳамонеро мепазирад, ки мутлақо барои силки муборақи Ӯ анҷом дода мешавад. Ба ин дар ҳадисе ишора карда шудааст, ки аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл мешавад. Вай хабар додааст, ки боре шунид чӣ тавр Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«قالَ اللّهُ تعالى: أنا أَغْنَى الشُّرَكاءِ عن الشِّرْكِ، مَنْ عَمِلَ عَمَلاً أَشْرَكَ فيهِ معي غَيْري، تَرَكْتُهُ وشِرْكَهُ»

***"Аллоҳи Таъоло гуфт: "Ман тамоман эҳтиёҷ надорам, ки ба Ман шарике биёваранд, агар касе чизе фақат ба хотири Ман намекунад,[83] Ман аз ӯ ва бисёрхудоии ӯ рӯ мегардонам!"***

**Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) моҳияти ин масъаларо басо муфассал ва ҳаматарафа баён намуда, фаҳмондааст, ки дар Рӯзи Қиёмат, чун одамон дар назди Аллоҳ қарор мегиранд, ва ***"вақте ки сарвату фарзандонашон, ба ҷуз барои онҳое, ки дар баробари Аллоҳ бо дили соф қарор мегиранд, бефоида мешаванд."*** **"Шуаро", 89,** некӯкорони худбин бо ғубори шустанашаванда шармандагӣ пӯшида мешаванд. Аз ин хусус дар ҳадиси ҳамчунин аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл карда шуда, хабар дода мешавад, ки ӯ шунид чӣ тавр Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إنَّ أوَّلَ الناسِ يُقْضَى يومَ القِيامَةِ عَلَيْهِ رَجُلٌ اسْتُشْهِدَ فأُتِيَ بِهِ، فَعَرَّفَهُ نِعْمَتَهُ فَعَرَفَها، قالَ: فما عَمِلْتَ فيها؟ قالَ: قاتَلْتُ فيكَ حتّى اسْتُشْهِدْتُ، قالَ: كَذَبْتَ، ولكنَّكَ قاتلتَ لِأَنْ يُقالَ: جَرِيءٌ! فقَدْ قِيلَ، ثُمَّ أُمِرَ بِهِ فَسُحِبَ علَى وَجْهِهِ حتّى أُلْقِيَ في النّارِ. ورَجُلٌ تَعَلَّمَ العِلْمَ وعَلَّمَهُ، وقَرَأَ القُرْآنَ، فأُتِيَ بِهِ، فَعَرَّفَهُ نِعَمَهُ فَعَرَفَها، قالَ: فَما عَمِلْتَ فيها؟ قالَ: تَعَلَّمْتُ العِلْمَ وعَلَّمْتُهُ،

«إنَّ أوَّلَ الناسِ يُقْضَى يومَ القِيامَةِ عَلَيْهِ رَجُلٌ اسْتُشْهِدَ فأُتِيَ بِهِ، فَعَرَّفَهُ نِعْمَتَهُ فَعَرَفَها، قالَ: فما عَمِلْتَ فيها؟ قالَ: قاتَلْتُ فيكَ حتّى اسْتُشْهِدْتُ، قالَ: كَذَبْتَ، ولكنَّكَ قاتلتَ لِأَنْ يُقالَ: جَرِيءٌ! فقَدْ قِيلَ، ثُمَّ أُمِرَ بِهِ فَسُحِبَ علَى وَجْهِهِ حتّى أُلْقِيَ في النّارِ. ورَجُلٌ تَعَلَّمَ العِلْمَ وعَلَّمَهُ، وقَرَأَ القُرْآنَ، فأُتِيَ بِهِ، فَعَرَّفَهُ نِعَمَهُ فَعَرَفَها، قالَ: فَما عَمِلْتَ فيها؟ قالَ: تَعَلَّمْتُ العِلْمَ وعَلَّمْتُهُ،

*"Ба дурустӣ, шахси нахустин, ки тақдири ӯ дар Рӯзи Қиёмат ҳал хоҳад шуд, касе хоҳад буд, ки барои имон ҷон додааст. Ӯро меоваранд ва Аллоҳ ӯро аз он хусус, ки Вай чӣ меҳрубоние барои ӯ кардааст, огоҳ менамояд ва пас Ӯ мепурсад:* **"Ту барои ин чӣ коре кардӣ?"** *Вай ҷавоб медиҳад, ки: "Ман барои ту ҳарб кардам, то қурбон шудам." Он гоҳ Ӯ мегӯяд:* **"Ту дурӯғ мегӯӣ! Ту барои он ҳарб кардӣ, ки бигӯянд: "Ҷасур!"-,** *ва онҳо чунин низ гуфтанд! Ва нисбат ба ӯ амр карда мешавад, то дар оташ сарнагун партоянд. Баъд шахсеро меоранд, ки дониш ғундоштааст ва онро ба дигарон додааст ва Қуръон хондааст. Ва Аллоҳ ӯро аз хусуси он, ки Вай барои ӯ чӣ меҳрубоние кардааст, огоҳ менамояду ӯ тасдиқ мекунад. Пас Вай мепурсад:* **"Ту барои ин чӣ кор кардӣ?"** *Вай ҷавоб медиҳад: "Ман дониш ғундоштам ва онро ба дигарон додам ва Қуръон хондам барои ту!" Он гоҳ Вай мегӯяд:* **"Ту дурӯғ мегӯӣ, зеро ту барои он омӯхтӣ, ки бигӯянд: "Донишманд!"** *ва Қуръон хондӣ, ки бигӯянд:* **"Қорӣ!"** *ва онҳо чунин ҳам гуфтанд!" Он гоҳ нисбати ӯ амр мешавад ва ӯро сарнагун мекунанд, то ба оташ афкананд. Баъд шахсеро меоранд, ки Аллоҳ ӯро насиби зиёд ва ҳар гуна неъматҳо додааст. Ва Аллоҳ ӯро аз хусуси он ки чӣ меҳрубоние ба ӯ зоҳир намудааст, огоҳ карда, пас мепурсад:* **"Ту барои ин чӣ кор кардӣ?"** *Вай ҷавоб медиҳад: "Ман ягон имконияти сарф кардани пулро, тавре ки ин туро писанд аст, аз даст надодам ва онҳоро барои ту кардам." Он гоҳ Ӯ мегӯяд:* **"Ту дурӯғ мегӯӣ, зеро ту ин корро барои он кардӣ, ки бигӯянд: "Ту сахӣ мебошӣ!-** *ва онҳо чунин ҳам гуфтанд!"-, баъд нисбати ӯ амр дода мешавад, ки ӯро сарнагун овезанд, то ба ҷаҳаннам дарояд."*

**Муслим**

Дар ин ҳадиси муборак аз ин хусус гуфта мешавад, ки беш аз ҳама барои қаноатманд шудану такаббур манманӣ мекунанд ва аз хусуси ҷасорату донишмандӣ ва саховатмандӣ лоф мезананд. Ва дар ҳадис гуфта мешавад, ки дар Рӯзи Қиёмат чунин ашхос шарманда мегарданд, дар пеши назари дигар одамон аз ин мақоми баланде маҳрум мешаванд, ки барои он ҷидду ҷаҳд намуда, амал карда буданд. Дар ин ҳадис ҳамчунин аз хусуси он зарари азиме гуфта мешавад, ки чунин ашхос хоҳанд расонд, зеро ба онҳо аз он мукофоти Аллоҳ ба мӯъминон барои корҳои бузурги содир намудаашон тайёр намуда чизе намерасад ва бар ивази он ки сарбаландона ба боғҳои ҷовидона дохил гарданд, дар оташ сарнагун афканда мешаванд.

Ва аз ин сабаб мусулмони асили муқаррароти дини худро аз бар карда ва дастуроти пурҳикмати онро қабул намуда, аз худна-

мой дар ҳама кори худ ҳазар мекунад, мекӯшад, ки дар рафтори худ барои силки муборакаи Парвардигори худ самимӣ бошад ва ҳамеша дар хотир мегирад, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«مَنْ سَمَّعَ سَمَّعَ اللَّهُ بِهِ، وَمَنْ يُرائِي يُرائِي اللَّهُ بِهِ»

***“Аллоҳ ҳамонеро, ки қисса мекунад[84] ва ҳар techniкореро, ки анҷом медиҳад, нишон медиҳад,[85] шарманда месозад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Вай ростиро меписандад[86]

Мусулмони асилу ҳақиқӣ ҳақгӯву кушодадил аст. Вай нověбаста аз он ки бо он мушкилоту номувофиқатӣ, ки инсон метавонад дар муносибат бо дигар одамон аз ростқавлии худ рӯ ба рӯ мешавад, аз як сӯ ба сӯи дигар намекалавад, сухани номафҳум намегӯяд ва фиреб намедиҳад.

Ин чунин маъно дорад, ки дар зиндагиву рафтори мусулмон ростӣ на танҳо сифати ахлоқи ҳамида мебошад, то ӯ бояд риоя кунад ё ба назардошти худ риоя накунад, балки тарзи фаъолияти ҳатмӣ барои ӯ ба амри Аллоҳ ва расули Ӯст, ки ин чиз пас аз имон овардан ба Аллоҳ дар бисёр оятҳои Қуръон аз рӯи воҷиботаш дар мавқеи дуюм қарор дорад.

Масалан, Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُواْ
وَلَا تَحۡزَنُواْ وَأَبۡشِرُواْ بِٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي كُنتُمۡ تُوعَدُونَ ٣٠ نَحۡنُ أَوۡلِيَآؤُكُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ
ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَكُمۡ فِيهَا مَا تَشۡتَهِيٓ أَنفُسُكُمۡ وَلَكُمۡ فِيهَا مَا تَدَّعُونَ ٣١
نُزُلٗا مِّنۡ غَفُورٖ رَّحِيمٖ﴾

***﴿Ба дурустӣ, ба онон, ки гуфтанд: “Худои мо Аллоҳ аст!” - ва бояд дар ин накалаванд, фариштаҳо фуруд меоянд: “Натарсед ва ғамгин мабошед ва бо биҳишти ба шумо ваъда шуда шодмонӣ кунед!*** **(Ба иродаи Аллоҳ)** ***мо дӯстони шумо дар ин дунё будем ва дар охират низ, ки барои шумо он чӣ ки қалбҳоятон мехоҳад,*** **(мешавад)** ***ва барои шумо он чӣ, ки талаб мекунед,*** **(дода мешавад)**, ***ба сифати меҳмоннавозӣ аз ҷониби***

***Худованди Бахшояндаву Меҳрубон.***﴿

**"Фуссилат", 30-32.**

Мукофоти дар назар дошташуда барои мӯъминоне, ки аз ростӣ барнамегарданд, чӣ қадар бузург аст! Дар Рӯзи Қиёмат онҳоро чӣ қабули сазовор дар пеш аст! Ва фариштагони фурудоянда барои ӯ чӣ муждаи фараҳангезе мерасонанд!

Ин ҳама онҳоро аз он сабаб интизор аст, ки ростӣ қуллаи баланду мушкилписандест ва ба он фақат худотарсони боимони ба Аллоҳ сидқан саҷда намуда мерасанд ва аз саҷда кардан ба ҳар чизи дигар ҳатто, ки он чиз сарват, мақоми баланд, ҳукумат, ҳаловат ва дигар чизҳо бошанд, чашм пӯшидаанд, зеро инҳо дар ин зиндагӣ муҳаббати одамиро ҷалб менамоянд. Ва аз ин сабаб ҷои тааҷҷуб нест, ки мукофоти Аллоҳ ба ин тоифа бузург мебошад ва худи онҳо дар ҳузури Аллоҳ мақоми хеле баландеро ишғол хоҳанд кард.

Исботи равшани мақоми баланд доштани ростӣ ва мушкилписанд будани фатҳи ин қулла таъсироти бузурги нозил шудани оятҳо аз хусуси ростӣ ба расул, ки соҳиби эҳсосоти қавӣ ва дили бедор буд, мебошад, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар худ азамати ростӣ ва аҳамияти бузургу зарурати онро дар муайян намудани тақдири инсон тасаввур карда метавонист. Аз ин хусус ибни Аббос (р), дар тафсири ин суханони Аллоҳи Таъоло:

﴿فَاسْتَقِمْ كَمَا أُمِرْتَ﴾

﴿ ***Ва ростиро пеша намо, чунонки туро амр шудааст...*** ﴿

**"Ҳуд", 112.**

мегӯяд: *"Ягон ояти ба Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) нозил шудаи Қуръон ин қадар вазнин ва мушкил набуд барои ӯ магар ҳамин (оят)."*

**Муслим**

Ана аз чӣ сабаб чун ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) саҳобагон гуфтанд, ки *"Мӯи сари ту барвақт сафед шуд,"*- вай ба онҳо чунин ҷавоб дод: «شَيَّبَتْنِي هُودٌ وَأَخَوَاتُهَا»

***"Мӯи маро сураи "Ҳуд" ва сураҳои ҳаммонанди он сафед карданд!"*** Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ояти ***"Ва ростиро пеша намо, чунонки туро амр шудааст..."*** **"Ҳуд, 112**-ро дар назар дошт.

**Муслим**

Дастуре, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба Сӯфиён ибни Абдуллоҳ ас-Сақаф (р), дод ва суханони зерини Аллоҳи Азза ва Ҷалла:

﴿إِنَّ الَّذِينَ قَالُوا رَبُّنَا اللَّهُ ثُمَّ اسْتَقَامُوا﴾

***﴿ Ба дурустӣ, ба онон, ки гуфтанд: "Худои мо Аллоҳ аст!" - ва баъд ростиро пеша карданд...﴾*** **"Фуссилат", 30,** - аз ҷумлаи дастуроти мухтасар, вале маънии бузургеро дар худ ғунҷоиш дода мебошанд.

Овардаанд, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: «قُلْ آمَنْتُ بِاللهِ ثم اسْتَقِمْ»

***"Бигӯ: "Ба Аллоҳ имон овардам!"-ва баъд ростиро пеша кун."***

Ин суханонро ӯ вақте гуфт, ки Суфиён аз ӯ чунин хоҳиш намуд:

*" Ё Расулаллоҳ, ба ман аз ислом чизе бигӯ, ки пас аз ин касеро ба ғайр аз ту аз ин хусус суол накунам."*

**Муслим**

Ин чиз имом Муслимро водор сохт, ки боби ростиро чунин номгузорӣ кунад: "Фасли тамоми заруроти ислом", зеро ростӣ, ки бо табиати худ ба имон овардан ба Аллоҳ мансуб мебошад, дар худ ҳама қадру қимат ва ҳама сифати ахлоқи ҳамидаро муттаҳид намудааст ва аз ӯ тамоми хислатҳои накӯ ва корҳои нек сарчашма мегиранд.

Ростӣ қабл аз ҳама аз мусулмон талаб менамояд, ки ҳамеша як қоидаву тартибро нисбат ба одамон пеша намуда, аз дурӯягӣ, ки хоси фиребгарон аст, барҳазар бошад. Ба дурӯягон Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) бо ин гуна таҳдид муроҷиат намудааст:

«إِنَّ شَرَّ النَّاسِ ذو الوَجْهَيْنِ، الَّذي يَأْتِي هؤلاءِ بِوَجْهٍ وهؤلاءِ بوَجْهٍ»

***"Ба дурустӣ, ки бадтарини одамон мунофиқонанд, ки ба яке бо як рӯ ва ба дигаре бо рӯи дигар наздик мешаванд!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Вай беморонро аёдат мекунад

Мусулмони асил беморро аёдат мекунад, ин аёдатро яке аз фарзҳои исломӣ меҳисобад, ӯро ба ин кор дини яккахудоии ӯ

талқин менамояд, на ҷавоби қарз ё амали ихтиёрӣ. Ба аёдати бемор омада, вай бовар дорад, ки фармудаи Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ҷо меоварад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«أَطْعِموا الجائِعَ ، وعُودوا المَرِيضَ، وفُكُّوا العَانِي»

***"Гуруснаеро нон диҳед, беморро хабар гиред ва асиршударо озод кунед."***

**Ал-Бухорӣ**

Ба ғайр аз ин дар хабар аст, ки ал-Бара ибни Азиб (р), гуфт:

«أمَرَنا رسولُ الله ﷺ بِعِيادَةِ المَريضِ ، واتِّبَاعِ الجَنَازَةِ! وتَشْمِيتِ العاطِسِ ، وإبْرارِ المُقْسِمِ ، ونَصْرِ المَظْلومِ ، وإجابَةِ الدّاعي ، وإفشاءِ السَّلامِ»

***"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба мо амр мекард, ки беморро хабар бигирем, аз паси тобут биравем, атсазадаро ҷавоби некӯ диҳем,[87] қасамхӯрдаро мусоидат кунем барои иҷрои қавлаш, бечораеро кӯмак кунем, даъватро бипазирем[89] ва саломро байни худ паҳн кунем.[90]***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ва ин одат, ки дар ҳаёти мусулмонон Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) бунёд гузошт, дар ҷамъияти мусулмонӣ он қадар амиқ реша гирифт, ки ба воҷиботи ҳар мусулмон нисбат ба бародараш табдил ёфт ва ӯ ҳуқуқ дорад, ки иҷрои онро аз вай, агар вай аз иҷрои он худро канор бигирад ё ба хатое роҳ диҳад, талаб намояд, зеро оне, ки аз иҷрои ҳуқуқҳои бародари худ худро канор мегирад ё онҳоро пурра риоя намекунад, аз нуқтаи назари шариати соф гуноҳ мекунад, бепарвоӣ зоҳир намуда, қабл аз ҳама худро ранҷ медиҳад.

Дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«حَقُّ المُسْلِم على المُسْلِم خَمْسٌ: رَدُّ السَّلامِ ، وعِيادَةُ المَريضِ ، واتِّباعُ الجَنائِزِ، وإجابَةُ الدَّعْوةِ، وتَشْميتُ العاطِسِ»

***"Панҷ чиз аз ҷумлаи қарзи ҳар мусулмон нисбат ба мусулмони дигар мебошад: ҷавоби салом гуфтан, бемореро аёдат кардан, аз паси ҷаноза рафтан, даъватро пазируфтан ва ҷавоби атсаро додан".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки боре Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«حَقُّ المُسْلِمِ على المُسْلِمِ خَمسٌ، قيلَ: وما هِيَ؟ قالَ النبيُّ ﷺ: «إذا لَقِيتَهُ فَسَلِّمْ عَلَيْهِ، وإذا دَعاكَ فأَجِبْهُ، وإذا اسْتَنْصَحَكَ فَانْصَحْ لَهُ، وإذا عَطَسَ فحَمِدَ اللَّهَ فَشَمِّتْهُ، وإذا مَرِضَ فَعُدْهُ، وإذا ماتَ فَاصْحَبْهُ»

***“Панҷ чиз аз ҷумлаи қарзи ҳар мусулмон нисбат ба якдигарашон мебошанд”*** Одамон пурсиданд, ки: ***“Ин кадом қарзҳоянд?”*** Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ҷавоб дод: ***“Агар ба ӯ рӯ ба рӯ омадӣ, салом бигӯ, агар ӯ туро даъват кунад, даъвати ӯро қабул фармо, агар аз ту маслиҳат бипурсад, маслиҳат бидеҳ, агар атса занад ва Аллоҳро ҳамду сано гӯяд, баракат талаб намо, агар бемор шавад, аёдат бикун, агар бимирад, ӯро*** **(ба роҳи охират)** ***гусел бикун.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар бисёр оятҳои Қуръон ва ҳадисҳое, ки мардумро ба аёдати бародар ҳангоми бемориаш даъват мекунанд, аз ин хусус гуфта шудааст. Ин ояту ҳадисҳо дар одамон нисбат ба якдигар эҳсоси бародариро бедор намуда, имкон медиҳанд, ки инсон барои аёдати бемор зарурату ниёзи ботинӣ ҳис кунад.

Масалан, дар хабар аст, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«إنَّ المُسْلِمَ إذا عادَ أخاهُ المُسْلِمَ لَمْ يَزَلْ في خُرْفَةِ الجَنَّةِ حَتَّى يَرْجِعَ»

***“Ба дурустӣ, мусулмоне, ки бародари бемори худро аёдат мекунад то баргаштанаш*** **(аз назди ӯ)** ***дар мевазори биҳишт мешавад.”***

**Муслим**

Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам дар ин маврид боз гуфтааст:

«ما مِنْ مُسْلِمٍ يَعودُ مُسْلِماً غُدْوَةً إلاَّ صَلَّى عَلَيْهِ سَبْعونَ ألْفَ مَلَكٍ حَتَّى يُمْسي، وإنْ عادَهُ عَشِيَّةً إلاَّ صَلَّى عليهِ سَبْعونَ ألفَ مَلَكٍ حتى يُصْبِحَ، وكان لَهُ خَرِيفٌ من الجَنَّةِ»

***«Агар мусулмон мусулмони беморро пагоҳӣ аёдат кунад, ҳафтод ҳазор фаришта ҳатман ба Аллоҳ бо дуо аз барои ӯ то бегоҳӣ муроҷиат менамоянд, аммо агар вай ӯро бегоҳ аёдат кунад, ҳафтод ҳазор фаришта ҳатман ба Аллоҳ бо дуо аз барои ӯ то субҳидам муроҷиат менамо-***

***янд ва барои ӯ меваҳои биҳиштӣ мегундоранд”***[91]

**Ат-Тирмизӣ**

Бо шарофати фаросати худ ва хуб донистани хусусиятҳои қалби инсон Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мефаҳмид, ки чунин аёдат ҳам ба худи бемор, ҳам ба наздикони ӯ чӣ таъсири амиқе мегузорад ва аз ин сабаб имконияти аёдати беморон, барои онҳо ба Аллоҳ дуо кардан ва ба онҳо суханони беҳтарин гуфтанро ҳаргиз аз даст намедод. Ҳиммати ӯ он қадар бузург буд, ки вай ҳатто ҷавони яҳудии беморро, ки ба ӯ хизмат менамуд, низ аёдат кард. Аз ин хусус Анас (р), хабар дода мегӯяд:

«كانَ غُلامٌ يَهـوديٌّ يخدمُ النبـيَّ ﷺ، فمـرِضَ، فأتـاهُ النبـيُّ ﷺ يَعودُهُ، فقَعَدَ عندَ رأسِه، فقالَ لَـهُ: أسْلِمْ، فنظَرَ إلى أبيـهِ وهوَ عنـدَهُ، فقالَ: أطِـعْ أبا القـاسِمِ، فأسْلَمَ، فخـرَجَ النبـيُّ ﷺ، وهوَ يقـولُ: الحمدُ للهِ الـذي أنقذَهُ مِنَ النّارِ»

*“Чун ҷавони яҳудӣ ба пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) хидмат намуда бемор шуд, пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба аёдати ӯ омад, болои сари ӯ нишаст ва гуфт:* ***“Исломро бипазир!”*** *Ин ҷавон ба падараш, ки дар наздаш буд, нигарист. (Падараш) гуфт: “Ба Абу-л-Қосим итоат намо!”*[92] *Ва ӯ дар ҳақиқат исломро қабул кард, пас аз ин пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо суханони* ***“Алҳамдуллоҳ, ки ӯро аз оташ наҷот дод!” берун рафт.”***

**Ал-Бухорӣ**

Ҳамин тавр мо дидем, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба назди ин ҷавони бемор омада, имконияти ба дини ислом даъват намуданро низ аз даст надод. Вай медонист, ки ташрифи ӯ ба ин ҷавон, ба падари ӯ нисбат ба онҳое, ки ӯ олиҳимматӣ ва меҳрубонӣ зоҳир намуд, таъсири амиқ мегузорад ва онҳо дар ҳақиқат ба амри расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) итоат намуданд. Як аёдати муқаррарии бемор бо он анҷом ёфт, ки инсон ба роҳи рост ҳидоят ёфт. Вақте ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) беморро тарк гуфт, вай Аллоҳро барои он ҳамд гуфт, ки Ӯ қалберо аз оташ наҷот дод. Чӣ инсони бузурге буд расул ва одамонро ба роҳи рост чӣ гуна нозук ва ҳакимона даъват менамуд!

Исботи он ки Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) ба аёдати беморон чӣ қадар зиёд аҳамият медод, ин аст, ки ӯ ин русумро ҷорӣ ва риоя кард, қоидаҳои муайянро ба иҷро расонид, ки дар хотири саҳобагонаш боқӣ монда, чун суннати муаккада қайд гардид.

Масалан, ӯ фақат болои сари бемор менишаст. Аз ин хусус ба мо аз ҳадисе, ки аз хусуси ҷавони яҳудиро аёдат кардани ӯ сухан меравад, маълум аст. Аз ин хусус ибни Аббос (р), низ хабар дода, мегӯяд:

«كان النبيُّ ﷺ إذا عادَ المريضَ جَلَسَ عندَ رأسِـهِ، ثمَّ قالَ سبـعَ مِرارٍ: أسألُ اللّهَ العظيمَ، ربَّ العَرْشِ العَظيمِ، أنْ يَشْفِيَكَ»

*"Вақте ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) беморро аёдат мекард, вай ҳамеша болои сари ӯ менишаст ва баъд ҳафт маротиба такрор мекард: "Аллоҳи Таъолоро таваллло мекунам, Парвардигори Арши азимро то туро Ӯ шифо диҳад!"*

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адабу-л-муфрад"**

***"Асъалу-Аллоҳа-лъазим, Рабба-л-ъаршил айюшфийка."***

Ва яке аз қоидаҳое, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) риоя менамуд, ин буд, ки ӯ тани беморро бо дасти рост ламс мекард ва дар айни замон ба Аллоҳ бо дуо барои ӯ муроҷиат менамуд. Аз ин хусус ҳазрати Оиша (р), хабар дода, мегӯяд:

«كانَ النبيُّ ﷺ يَعودُ بعضَ أهْلِهِ فَيَمْسَحُ بيَدِهِ اليُمْنَى ويقولُ: اللّهُمَّ ربَّ النّاسِ أذْهِبِ البَأْسَ، اِشْفِ، أنْتَ الشّافي، لا شِفاءَ إلّا شِفاؤكَ، شِفاءً لا يُغادِرُ سَقَماً»

*"Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамеша аз аъзои бемори оилаи худ хабар мегирифт ва беморро бо дасти рости худ ламс намуда, мегуфт:* ***"Ё Аллоҳ, Парвардигори одамон, дардро дур кун, чунон шифое деҳ, ки дард намонад. Ту Шифодиҳандаӣ ва нест шифое ба ҷуз шифои Ту!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим.**

***"Аллоҳумма, Рабба-н-нос азҳиб ал-баъс, ишфи Анта-ш-Шофи, ла шифаъа илла шифаъи-ка, шифаъан ла югадиру сақман."***

Аз забони ибни Аббос (р), нақл мекунанд, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам боре як бадавии беморро аёдат кард ва чун ӯ ба назди бемор медаромад, пайваста мегуфт: «لا بأسَ، طَهورٌ إنْ شاءَ اللّهُ»

***"Боке нест, тоза мешавӣ[93] бо хости Аллоҳ"***

**Муслим**

***"Ла баъса, таҳурун иншоаллоҳ."***

Ва одати муборакаи аёдати беморон аз як насли мусулмонон ба дигараш гузашта, дар ҷамъияти исломӣ мустаҳкам шуд, ба рамзи робитаи ҳамдигарии мусулмонон, ҳамчунин ба муҳаббати якдигарашон, ҳамдардӣ ва муттаҳидии онҳо табдил ёфт, ки имкон медиҳад дардро паси сар кунанд, ғамзадагонро тасалло мебахшад, водор месозад, ки аз хусуси андӯҳу парешонҳолӣ фаромӯш созанд, гиреҳҳои кайфияту бародариро сахттар мекунад, ба тарбияи садоқат мусоидат намуда, хандаи умед мебахшад.

## Вай ба ҷанозаҳо меравад

Мусулмони худотарсу бофаросат ба ҷанозаҳо рафта, ба амри Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам итоат намуда, шахси фавтидаро ба роҳи охират мегуселонад. Расули Акрам салаллоҳу алайҳи васаллам гуфтааст:

«حَقُّ المُسْلِمِ على المُسْلِمِ خَمْسٌ: رَدُّ السَّلام، وعِيادَةُ المَريضِ، واتِّباعُ الجَنائزِ، وإجابَةُ الدَّعْوَة، وتَشْمِيتُ العاطِس»

***"Панҷ чиз аз ҷумлаи вазоифи як мусулмон нисбат ба дигаре ҳастанд: ҷавоби салом додан, аёдати бемор, аз паси тобут доштан, даъватро пазируфтан ва ҷавоби атсаро додан".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вай дар ҷанозаҳо ширкат варзида, танҳо анъаноти исломиро, ки ҳангоми ин (амалҳо) одатан ҳар гуна навигарию душвориҳо (бидъат) ҷой доранд, маъқул шуморида, густариш медиҳад. Мисоли чунин бидъатҳо дар ҷаноза, навҳа кардан, доду афғон ва ҳамин гуна чизҳо метавонанд бошанд, ки ислоҳи онҳо ба одамон дар омода кардани майит, бурдани ӯ ба гӯристон, кӯшишҳои сабук гардонидани бори андӯҳи оилаи мотамзада

халал мерасонанд.

Агар ӯ бар сари шахси миранда дар лаҳзаи ҷон додан ҳозир мешавад ё мебинад, ки бемор аллакай дар дами марг аст, он гоҳ ба ӯ мувофиқи фармоиши Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) амал намдуда, калимаи шаҳодатро арза мекунад, ки **ло илоҳа иллаллоҳ** мебошад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст: «لَقِّنُوا مَوْتَاكُمْ لا إِلَهَ إِلاَّ اللَّهُ»

***"Ба фавтандагони худ ло илоҳа иллаллоҳу гуфтанро талқин кунед".***

**Муслим**

Пас аз он ки инсон ҷон месупорад, мусулмон ба Аллоҳ чунон ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба Ӯ баъд аз марги Абу Салом намуда буд, бо чунин дуо муроҷиат намояд:

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِأَبِي سَلَمَةَ، وارْفَعْ دَرَجَتَهُ فِي الْمَهْدِيِّينَ، واخْلُفْهُ فِي عَقِبِهِ فِي الغَابِرِينَ، واغْفِرْ لَنا ولَهُ يا رَبَّ العالَمِينَ، وافْسَحْ لَهُ فِي قَبْرِهِ ونَوِّرْ لَهُ فِيهِ»

***" Ё Аллоҳ, Абу Саломро биёмурз, дараҷаи ӯро дар миёни дастуроти дуруст гирифтагон баланд бардор, ӯро барои онҳое, ки пас аз ӯ мемонанд, иваз намо ва моро ва ӯро биёмурз, ё Парвардигори оламҳо қабри ӯро васеъ гардон ва онро барои ӯ равшан намо!"***

**Муслим**

***"Аллоҳумма — гфир ли — Аби Салами, ва —рфаъ дараҷатаҳу фи-л- маҳдийна, ва-хлуф-ҳу фи ъақиби-ҳи фи-л-габрика, вагфир лана ва ла-ҳу, ё Раббал —ъоламина, ва фсаҳ лаҳу фи қабриҳи, ва наввир лаҳу фиҳи".***

Баъд аз ин вай барои аҳли оилаи майит якчанд ҳадиси муборакро мегӯяд, ки метавонанд мусибати бар сари онҳо омадаро сабуктар гардонанд. Ӯ шарҳ медиҳад, ки бо талафот бояд муросо кард, ба умеди подоши Аллоҳ, ки барои сабру тоқат ваъда додааст, сабур бояд буд. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл карда шудаанд, гуфта мешавад. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«يَقُولُ اللَّهُ تَعالَى: ما لِعَبْدِي المُؤْمِنِ عِنْدِي جَزاءٌ إِذا قَبَضْتُ صَفِيَّهُ مِنْ أَهْلِ الدُّنْيا ثُمَّ احْتَسَبَهُ إِلاَّ الجَنَّةُ»

***“Аллоҳи Таъоло мегӯяд: Барои он бандаи мӯъмини Ман, ки ба умеди подоши Ман, агар Ман аз ӯ касеро ки аз ҷумлаи дӯстдоштагони ӯ дар ин ҷаҳон мебошад, мегирам, сабр пеша мекунад, дар Ман ба ҷуз биҳишт дигар подоше нест.»***

**Ал- Бухорӣ**

Ва ӯ ба хотири онҳо мерасонад, ки мусулмон дар сурати марги ягон нафар наздиконаш чӣ гуна рафтор бояд кунад, таъкид менамояд, ки ӯро лозим аст тибқи дастуроти пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) амал намояд. Дар хабар аст, ки Усома ибни Зайд, (р), гуфт:

«أَرْسَلَتْ إِحْدَى بَنَاتِ النَّبِيِّ ﷺ إِلَيْهِ تَدْعُوهُ وَتُخْبِرُهُ أَنَّ صَبِيّاً لَهَا ـ أو ابناً ـ فِي المَوْتِ، فَقَالَ لِلرَّسُولِ: «ارْجِعْ إِلَيْهَا فَأَخْبِرْهَا أَنَّ للهِ تَعَالَى مَا أَخَذَ وَلَهُ مَا أَعْطَى، وَكُلُّ شَيْءٍ عِنْدَهُ بِأَجَلٍ مُسَمًّى، فَمُرْهَا فَلْتَصْبِرْ، وَلْتَحْتَسِبْ»

*“Дар замони худ яке аз духтарони пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ба назди ӯ шахсеро фиристод, то ӯро даъват намояд ва хабар диҳад, ки писари ӯ (яъне, набераи Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам))дар дами марг аст. Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ба қосид гуфт: **“Ба назди ӯ баргард ва бигӯ, ки ба Аллоҳи Таъоло дахл дошт он чӣ, ки Ӯ гирифт ва онро, ки бахшида буд ва ҳамаро Ӯ мӯҳлат муқаррар намудааст, хуллас, ба ӯ бирасон, ки сабр пеша кунад ва талафотро итоаткорона ба умеди подоши Аллоҳ таҳаммул намояд!”****

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин мусулмони бофаросатро лозим аст, ки дар ин гуна лаҳзаҳои вазнин аз хусуси мамнӯъ будани навҳаҳои баланд, либос дар тан пора кардан, ба сару рӯи худ задан, ба ҳаяҷон омадан ва оби дида рехтан ҳушдор диҳад. Вай ба одамон бояд фаҳмонад, ки ҳамон амалҳо бемаврид буда, майитро дар қабр азият мебахшанд ва оне, ки чунин рафтор мекунад, гуноҳи вазнин содир менамояд. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) панд додааст: «المَيِّتُ يُعَذَّبُ فِي قَبْرِهِ بِمَا نِيحَ عَلَيْهِ».

***“Аз барои навҳагарӣ бар болои майит ӯро дар қабр ба азоб гирифтор мекунанд.”***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки пайғам-

бар салаллоху алайхи васаллам гуфт: «ما نِيحَ عَلَيْهِ»

***"Ҳама вақт, то даме ки барои майит навҳа мекунанд..."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ҳамчунин гуфт:

«ليسَ مِنَّا مَنْ ضَرَبَ الخُدودَ، وشَقَّ الجُيوبَ، ودَعا بِدَعْوَى الجاهِلِيَّةِ»

***"Аз мо нест касе, ки ба сару рӯи худ мезанад, пироҳанаишро дар танаш пора мекунад ё бо Аллоҳ тавре муроҷиат мекунад, ки дар замони ҷоҳилият[94] чунин мекарданд!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Умм Атийа Нусайба, (р), гуфтааст:

«أَخذَ علَيْنا رسولُ الله ﷺ عندَ البَيْعَةِ ألاّ نَنُوحَ»

*"Вақте ки мо қасам ёд кардем[95], Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам моро барои он чиз қасам дод, ки мо дар болои майит навҳа намекунем".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам гуфтааст:

«النَّائِحَةُ إذا لمْ تَتُبْ قبلَ مَوْتِها تُقامُ يومَ القِيامَةِ، وعَلَيها سِرْبالٌ مِنْ قَطِرانٍ ودِرْعٌ مِنْ جَرَبٍ»

***"Агар навҳагар дар болои майит дар ин чиз то дами марги худ тавба намекунад, он гоҳ дар Рӯзи Қиёмат дар либосе аз қатрони сиёҳ ва ҷавшане аз карахш зинда мешавад"***

**Муслим**

Резандагони оби дида бошанд, дар худ оташи дарди дар дилҳояшон алангазанандаро хомӯш мекунанд ва агар гирякунандагон навҳа мекунанд, аз доду афғон худдорӣ намоянд ва умуман ягон амали манъшуда содир накунанд, онҳоро дар коре маломат кардан лозим нест. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки аз забони Ибни Умар (р) нақл шудааст, гуфта мешавад. Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки дар замони худ Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам, ки ӯро Абдурраҳмон ибни Ауф, Саъд ибни Абу Ваққос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд, (р), ҳамроҳӣ мекарданд, Саъд бин Убайди

беморро аёдат карданд. Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) бошад, гуфт:

**«ألاَ تَسْمَعون؟ إنَّ الله لا يُعَذِّبُ بِدَمْعِ العَيْنِ، ولا بِحُزْنِ القَلْبِ، ولكنْ يُعَذِّبُ بهَذا أوْ يَرْحَمُ» وأشارَ إلى لِسانِهِ»**

***"Оё шумо намешунавед? Ба дурустӣ, Аллоҳ барои оби дида, барои андӯҳи дил ба азоб гирифтор намекунад, аммо барои ин чиз азоб медиҳад ё раҳм мекунад" -, ва ӯ ба забонаш ишора намуд.***

Аз суханони Усома ибни Зайд (р) нақл мекунанд, ки чун ба дасти расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) писараки дар дами марг будаи духтарашро доданд, дидагони Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) аз ашк пур шуданд ва он гоҳ Саъд пурсид: *"Ё Расулаллоҳ, ин чист?"* Дар ҷавоб ӯ гуфт:

**«هذِهِ رَحْمَةٌ جَعَلَها اللَّهُ تَعالَى في قُلوبِ عِبادِهِ، وإنَّما يَرْحَمُ اللَّهُ مِنْ عِبادِهِ الرُّحَماءَ»**

***"Ин раҳму шафқат аст, ки Аллоҳи Таъоло дар дили бандагони худ ҷо кардааст ва ба дурустӣ, ки Аллоҳ аз бандагони худ фақат раҳмдилонро мебахшад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аз суханони Анас, (р), нақл мекунанд, ки чун Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ба назди писараш Иброҳими дар дами марг буда даромад, гиря оғоз намуд ва Абдураҳмон ибни Авф пурсид: *"Ва ту низ* (мегирйӣ), *ё Расулаллоҳ?"* Вай ҷавоб дод:

**«يا بنَ عَوْفٍ، إنَّها رَحْمَةٌ» ثُمَّ أتْبَعَها بأُخْرَى، فقالَ: «إنَّ العَيْنَ تَدْمَعُ، والقَلْبَ يَحْزَنُ، ولا نقولُ إلاَّ ما يُرْضِي رَبَّنا، وإنّا لِفِراقِكَ يا إبراهيمُ لَمَحْزونونَ»**

***"Ба дурустӣ, ки раҳм аст, ё ибни Авф"*** -, ва баъд гуфт: ***"Бале чашм мегиряд, аммо дил андӯҳгин аст, вале мо фақат ҳаминро мегӯем, ки Худои моро хуш аст, агарчи мо аз ҷудоӣ бо ту, ё Иброҳим, мотамзада ҳастем!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони тақводор дар маросими ҷаноза кӯшиш мекунад, ки то худи гӯруҷӯб иштирок намояд, зеро барои ин кор ӯро мукофоти бузурге хоҳад буд. Аз ин хусус Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) моро маълум намуда, боре гуфтааст:

«مَنْ شَهِدَ الجِنازَةَ حتّى يُصَلّى عليها فَلَهُ قيراطٌ، ومَنْ شَهِدَها حَتّى تُدْفَنَ فَلَهُ قِيراطانِ»، قِيلَ: وما القيراطان قال: «مِثْلُ الجَبَلَيْنِ العَظِيمَيْنِ»

***"Касее, ки дар маросими гӯру ҷӯб то хондани ҷаноза иштирок менамояд, як маротиба савоб, аммо касеро, ки то худи ба хок супурдан меистад, ду баробар савоб мегирад"*** Одамон пурсиданд: *"Ин ду маротиба чӣ гуна аст?»* Вай ҷавоб дод, ки: ***"Онҳо мисли ду кӯҳанд".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ислом одамонро бо иштирок намудан дар маросими ҷаноза то худи ба хок супурдан (-и майит) водор сохта, миёни мусулмонон робитаҳои дӯстиро мустаҳкам менамояд ва дар онҳо ҳиссиёти садоқатмандиро тарбия мекунад. Ба ғайр аз ин чиз ба наздикони майит кӯмак мекунад, то сабр пеша намоянд ва онҳоро тасаллӣ мебахшад, ба хусус агар онҳоро маълум бошад, ки гувоҳии одамоне, ки дар намози ҷаноза барои майити онҳо саф задаанд, қабул мешавад. Аз ин хусус Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар додааст:

«ما مِنْ رَجُلٍ مُسْلِمٍ يَموتُ فيقومُ على جِنازَتِه أَرْبعونَ رَجُلاً لا يُشْـرِكونَ باللهِ شَيْئاً إلاّ شَفَّعَهُمُ اللّهُ فيهِ»

***"Агар касе аз мусулмонон бимирад ва дар ҷанозаи ӯ чил каси[96] фақат ба Аллоҳ итоаткарда биистанд, Аллоҳ шафоати онҳоро барои ӯ ҳатман қабул мекунад"***

**Муслим**

Мусулмонро ҳатман лозим аст, ки маросими намози ҷанозаро бидонад ва дар хотир бигирад, ки ҳангоми ин намоз дар пайравии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба Аллоҳ бо кадом дуоҳо бояд мурочиат кунад. Вақте ки тобутро ба замин мегузоранд ва мардум барои адои намоз саф мекашанд, имом бори аввал суханони ***"Аллоҳу акбар"***-ро ба забон оварда, ба Аллоҳ аз хусуси паноҳ бурдан мурочиат менамояд ва сураи **"Фотиҳа"**-ро мехонад. Пас ӯ ду-

бора суханони ***“Аллоҳу акбар”***-ро ба забон оварда, ба Аллоҳ барои пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) дуо мекунаду салавот Иброҳимро[97] мефиристад. Пас ӯ бори сеюм ***“Аллоҳу акбар”*** гуфта, ба Аллоҳ аз барои майит ва тамоми мусулмонон дуо мекунад. Дар хабар аст, ки Авф ибни Молик. (р), гуфт:

«صَلَّى رسـولُ الله ﷺ على جنازة، فحفـظْتُ من دُعـائِـه، وهـو يقـولُ: «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وارْحَمْهُ، وعافِهِ واعْفُ عَنْهُ، وأَكْرِمْ نُزُلَهُ، ووسِّعْ مُـدْخَلَهُ، واغْسِلْهُ بالماءِ والثَّلْجِ والبَرَدِ، ونَقِّهِ من الخَطايا كَما نَقَّيْتَ الثَّوْبَ الأبيضَ مِنَ الـدَّنَسِ، وأَبْدِلْـهُ داراً خَيْراً مِنْ دَارِهِ، وأَهْـلاً خَيْراً مِنْ أَهْلِهِ، وزَوْجـاً خَيْراً مِنْ زَوْجِهِ، وأَدْخِلْهُ الجَنَّةَ، وأَعِذْهُ مِنْ عَذابِ القَبْـرِ ومِنْ عَذابِ النَّـارِ» حتَّى تمنيتُ أنْ أكونَ أنا ذلك المَيِّتَ». ثم يكبِّر التكبيرة الرابعـة، ويدعـو بهذا الـدعاء: «اللَّهُمَّ لا تَحْرِمْنا أَجْرَهُ، ولا تَفْتِنّا بَعْدَهُ واغْفِرْ لَنا ولَهُ»، ثم يُسَلِّمُ.

“(Боре) *Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) намози ҷаноза хонд ва ман ёд гирифтам, ки ӯ ба Аллоҳ барои майит дуокунон гуфт:* ***“Ё Аллоҳ, ӯро биёмурз ва раҳм намо ва ӯро наҷот деҳ[98] ва ба ӯ лутф намо ва ӯро хуб бипазир[99] ва қабри ӯро васеъ кун ва ӯро бо обу барфу жола[100] бишӯй ва ӯро аз гуноҳ тоза бикун, чунонки Ту пироҳани сафедро аз чирк тоза мекунӣ ва бар ивази хонааш хонаи беҳтаре деҳ ва оилаи беҳтаре аз оилаи ӯ ва зани беҳтаре аз зани ӯ деҳ ва ӯро ба биҳишт дохил гардон ва аз азоби қабр ва ранги оташ халос бикун!”****

**Муслим**

***“Аллоҳумма — ғфир лаҳа, ва-рҳам-ҳу (ҳа), ва ъафиҳи, ва-ғфу ъанҳу, ва акрим нузула-ҳу, ва вассиъ мудхалаҳу, ва-ғсил-ҳу бил-маъи, вал-салҷи вал-баради ва наққи-ҳи мин ал-хатайа ка-ма наққайта-с- саубал-л-абйада мин ад-данаси, ва абдал-ҳу даран хайран мин дори-ҳи, ва аҳлан хайран мин аҳлиҳи, ва завҷан хайран мин завҷи-ҳи, ва адхил-ҳу-л-ҷанната ва аъиз-ҳу мин ъазаби-л-қабри ва ғазаби-н-нори!”***

Ва Авф ибни Молик ин суханони пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро шунида, гуфт: *“Ва ман худ хостам, ки дар ҷои майит бошам!”*

Баъд имом суханони ***“Аллоҳу акбар”***-ро бори чорум ба за-

бон оварда, ба Аллоҳ бо чунин дуо мурочиат менамояд: ***“Ё Аллоҳ, барои ӯ моро аз мукофот маҳрум макун*[101] *ва моро пас аз ӯ васваса маандоз ва морову ӯро биёмӯрз”*** ***(Аллоҳумма, ло таҳримна аҷраҳу, ва ло тафтин –на баъдаҳу вағфир ла-на ва ла-ҳу)*** -, пас суханони ***“Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ!”***-ро ба забон меоварад.

Баъд аз ин мусулмон дар маросими гӯручӯб иштирок менамояд, бо тобути майит то онро гузоштан ба замини назди қабр ҳамроҳ меравад ва то поён ёфтани гӯручӯб мағфирати гуноҳони майитро металабад ва ба Аллоҳ бо дуо мурочиат менамояд, ки ӯро мустаҳкам созад[102]. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) худ ҳамин тавр рафтор мекард ва мефармуд, ки дигарон низ чунин рафтор кунанд. Аз ин хусус Усмон ибни Аффон, (р), хабар дода мегӯяд:

*“Пас аз гӯру чӯби майит пайғамбар* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *дар сари қабри ӯ истода, гуфт:*

«اِسْتَغْفِرُوا لِأَخِيكُمْ، وَسَلُوا لَهُ التَّثْبِيتَ، فَإِنَّهُ الآنَ يُسْأَلُ»

***“Барои мағфирати гуноҳони бародари худ дуо кунед ва*** (аз Аллоҳ) ***хоҳиш намоед, ки ӯро қавӣ*[103]*гардонад, зеро, ба дурустӣ, ки ҳозир ба ӯ суолҳо медиҳанд!”***

**Абу Довуд**

Дар хабар аст, ки чанде қабл аз маргаш Амр ибни Ос, (р), гуфтааст:

*“Вақте ки маро ба хок месупоред, дар гирди қабри ман он қадар биистед, ки ин муддат барои забҳ кардани ҳайвони қурбонишуда ва ҳисса кардани гӯшти он кифоя бошад, то ман аз шумо розӣ буда тавонам ва донам, ки ба фиристодагони Худои ман чӣ ҷавоб гӯям!”*

**Муслим**

Аш – Шафиъӣ (р), бошад, гуфтааст:

*“Хуб аст агар дар сари қабр чизе аз Қуръон қироат шавад, агар Қуръонро пурра бихонанд, бисёр хуб мешавад”.*

Иштирок кардани мусулмон дар ҷаноза чунин маъно дорад, ки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятие, ки дар он зиндагӣ дорад, комилан иштирок менамояд. Зеро ҳаёт фақат аз шодкомиҳо ва ҳодисоти начотбахш иборат нест. Дар ҳаёт хурсандиҳо бо ғамҳо иваз мешаванду шодиҳо бо мусибатҳо, барор бо нобарориву ханда бо гиря. Мусулмони асил, ки бо ин ҳама чӣ гуна муносибат кар-

данашро медонад, аз ягонтои онҳо худро канор намегирад, зеро ӯро лозим аст, дар ҳар ҳолат ки вазифаи муайянеро иҷро намояд, суханони муайянеро бигӯяд ва қарзи муайянеро адо созад.

## Вай хубиро қадр мекунад ва ба он ташаккур мегӯяд

Некиро қадр кардан ва барои он шукр гузоридан ва онро фаромӯш накардан аз ҷумлаи сифоти писандида ва ҷолиби мусулмон ҳисоб меёбад. Чунин рафтори ӯ мувофиқи чунин суханони Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) мебошад:

«مَنْ صُنِعَ إِلَيْهِ مَعْرُوفٌ فقالَ لِفَاعِلِهِ: جَزاكَ اللَّهُ خيراً، فقد أبْلَغَ في الثَّناءِ»

***“Агар касе, ки ба ӯ некӣ карда мешавад, ба некӣ бигӯяд: “Ҷазакаллоҳу хайран!”-, ин беҳтарин шукргузорӣ мебошад.”[104]***

**Ат – Тирмизӣ**

Ҳамчунин дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنِ اسْتَعاذَ باللَّهِ فأعِيذُوهُ. . . ومَنْ أتَى إلَيْكُمْ مَعْروفاً فكافِئُوهُ»

***“Барои касе, ки аз барои Аллоҳ паноҳ металабад, паноҳгоҳ диҳед... ва ӯро қадр кунед, ки шуморо некӣ кард”.***

**Абу Довуд, ан-Нисоӣ ва Аҳмад**

Одати ба некӣ ташаккур гуфтан мусулмонро мувофиқи талаботи динаш хос аст, ки раҳи онро ба ӯ дастуроти расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) нишон додаанд, ин на ҳамту зоҳир кардани хушмуомилагӣ ва одоб вобаста ба кайфияти рӯҳу нозунузи шахсӣ ё имконияти ба даст овардани фоидае мебошад.

Инсоне, ки некӣ мекунад, барои он сазовори қадршиносӣ мебошад, агарчӣ ӯ наметавонад шахсан барои дигаре ягон хубие бикунад. Агар ӯ хубие кард, аллакай барои ҳамин амали нек сазовори қадршиносии самимона мегардад. Ислом аз мусулмон ҳаминро тақозо дорад.

Кӯшиши ислом барои дар қалби мусулмон ҷо кардани ин хислатҳо он қадар бузург аст, ки дар ин дин агар одам дар баробари ба Аллоҳ шукргузорӣ кардан ба он одамон низ, ки барои ӯ ягон кори хубу нек анҷом додаанд, изҳори миннатдорӣ

нанамояд, шукр нокомилу ноқис эълон мешавад. Аммо касе, ки одати одамонро барои некиашон шукр гуфтан надорад ва чунин суханонро намегӯяд, ки накӯкардаро хурсанд созанд ва ӯро барои зоҳир намудани олиҳимматӣ ва саховатмандӣ минбаъд низ ҳавасманд гардонанд, ӯ ношукр аст ва наметавонад, ки некиро қадршиносӣ кунад, ӯ шахсест, ки наметавонад Аллоҳи некӯкирдорро шукр гӯяд. Аз ин хусус расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мегӯяд:

«لا يَشْكُرُ اللَّهَ مَنْ لا يَشْكُرُ النَّاسَ»

***"Аллоҳро шукр намегузорад касе, ки одамонро шукр намегӯяд".***

**Ал – Бухорӣ дар "Ал – адабу-л – муфрад"**

Сухан дар сари он аст, ки ба одаме шукр гуфтан, ки туро некӣ кардааст, ба густариш ёфтани некӣ ва тарғиби муҳаббат ва накӯкорӣ мусоидат менамояд. Ва ғайр аз ин чиз инсонро одат мекунонад, то ба хотир бигирад, ки кӣ ӯро некӣ кард ва ин гуна муносибатро дар худ низ қадр намояд ва ба он бо миннатдорӣ ҷавоб гардонад. Ин дар миёни аъзои ҷамъият укдаҳои ҳамдигарфаҳмиро мустаҳкам менамояд, дилҳоро ба муҳаббат зоҳир намудан мувофиқ месозад ва қалбҳоро ба накӯкорӣ водор мекунад, мустаҳкам шудани ҳамаи инҳо дар ҷамъияти исломӣ мақсади ислом аст.

## Вай ба одамон робитаҳо дорад ва озоре, ки онҳо мерасонанд бо таҳаммул паси сар менамояд

Мусалмони асил ва фаъол бо одамон робитаҳо дорад ва озоре, ки онҳо ба ӯ мерасонанд, ӯ бо таҳаммул паси сар менамояд. Вай дарк мекунад, ки аз паи иҷрои вазифаи муҳиме ҳаст, супориши муайянеро адо ва даъвати исломиро дар амал татбиқ мекунад. Инсоне, ки барои ҳалли чунин масоили мураккаб дасту остин бар задааст, дар ин роҳ бояд ба худфидоӣ, ба зоҳир намудани сабру таҳаммул дар ҷараёни ба амал татбиқ намудани ин вазифа ва аз сар гузаронидани ҳамаи он чӣ, ки ба одамон бо даъвати исломӣ муроҷиат намудан тақозо мекунад, омода бошад. Ин ҷо зоҳир намудани сабру тоқат нисбат ба суханони беандешаи одамон, муносибати бад аз ҷониби онҳо, шубҳаҳо ва намоишкориҳои аблаҳонаи онҳо, дағалӣ, ин ки онҳо шитоб

надоранд то ҳақиқатро бипазиранд, ноӯҳдабароии онҳо, шавқу завқашон фақат бо он ки чӣ чиз худи онҳоро муфид мебошад ва дигар чизҳо, ки аз мақсадҳои пасти инсонӣ бармеоянд, дар назар дошта шудаанд. Баъзан ин чиз қувваи даъватгаронро суст мекунад ва онҳо чун мушкилие ҳис менамоянд ва хастагӣ эҳсос мекунанд, он гоҳ аз одамон дурӣ ҷуста, аз воҳӯрӣ бо онҳо худро канор мегиранд. Маҳз аз ин сабаб дастуроти наҷиби пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба қавӣ гардонидани қатъият дар қалби мӯъминон равона шудаанд ва дар онҳо зоҳир намудани сабру таҳаммул дар роҳи дарозу пурмашаққати даъват беҳтар аз онҳоест, ки сабру таҳаммул надоранд.

Масалан, дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

***“Мӯъмине, ки бо одамон муносибат карда, ранҷу озори онҳоро таҳаммул мекунад, беҳтар аз онҳоест, ки бо онҳо муносибате надорад ва ранҷу озори онҳоро таҳаммул намекунад”.***

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-адабу-л-муфрад”**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) бошад ҳамчунин дигар пайғамбароне, (а), ки то ӯ зиндагонӣ кардаанд, дар сабр кардан мӯъҷиза нишон медоданд, онҳо бемулоҳизагӣ, дурӯғҳои бофтаю сохта ва беақлиҳои одамонро таҳаммул менамуданд ва ҳамин гуна истодагарӣ бештар аз ҳама даъваткунандагонро хос аст, вақте кифоя намекунад, ки сабру қарорашон ба поён мерасаду наметавонанд ранҷу озор ва душманиро таҳаммул намоянд.

Аз хусуси зоҳир намудани чунин сабри бузург дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки шайх Ал-Бухорӣ ва шайх Муслим овардаанд. Дар ин ҳадис гуфта мешавад, ки боре пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ғанимати ҳарбиро чунонки ҳар дафъа тақсим мекард, ҳисса менамуд ва яке аз ансориён гуфт: *“Ба Аллоҳ қасам, ки вай на барои силки Аллоҳи Азза ва Ҷалла тақсим намуд!”*[105] Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) чун ин суханони ношукронаро фаҳмид, ӯро сахт расид, ранги чеҳрааш тағйир ёфт ва ӯ (дар оғоз) ба ғазаб омад, аммо баъд гуфт:

«قَدْ أُوذِيَ مُوسَى بِأَكْثَرَ مِنْ ذَلِكَ فَصَبَرَ»

***“Мӯсоро сахттар ранҷонида буданд, вале ӯ сабр кард!»***

Бо шарофати ин суханони камназир ғазаби Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) фурӯ нишаст ва қалби поку муборакаш тасаллӣ ёфт.

Ин сифат, яъне ранҷу озори одамонро таҳаммул кардан ва суханони сохтаву бофта ва тӯҳмати онҳоро шунида тоқат кардан, пайғамбарон ва даъваткунандагони асилро ҳамеша ва дар ҳар ҷо хос буд, зеро бе ин чиз давом додани даъват имконнопазир мешуд ва даъваткунандагон истодагарӣ карда наметавонистанд.

Дар айни замон мусулмони бофаросату хушақл эҳтироми одамонро бо роҳҳои қобили қабул соҳиб шуда, одобро фаромӯш намекунад ва чун онҳо бешармона рафтор намоянд, тамоми чораҳоро меандешад, ки аз шарру беадабии онҳо худро ҳимоя намояд. Ҳангоми муносибат кардан бо одамон мӯъмин ҳушёрӣ зоҳир менамояд, ба онҳо сухан гуфта, бофаросату боназокат мешавад, дар натиҷаи ин онҳо аз ҷониби ӯ ягон дуруштӣ ва дағалӣ намебинанд. Дастуроти Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро ба ҳамин чиз водор менамуданд. Мисоли рӯшани ин фикр мазмуни ҳадисе буда метавонад, ки имом ал-Бухорӣ аз суханони ҳазрати Оиша (р), нақл кардааст. Ҳазрати Оиша хабар додааст, ки боре кадом шахс иҷозати ба назди Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) ворид шудан пурсид. Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ائذَنو لَهُ فبِئسَ ابنُ العَشِيرَةِ، أو بِئسَ أَخُو العَشِيرَةِ. فلمّا دَخَلَ أَلانَ لَهُ الكلامَ»، فقلتُ لَهُ يا رسولَ اللّهِ قلتَ ما قلتَ ثمّ أَلَنْتَ لهُ فى القَوْلِ، فقالَ: «أيْ عائِشَةُ: إنَّ مِنْ شَرِّ النّاسِ مَنْزِلَةً عندَ اللّهِ مَنْ تَرَكَهُ، أوْ وَدَعَهُ النّاسُ اتِّقاءَ فُحْشِهِ».

***"Иҷозат диҳед ӯро, (аммо) ӯ рафиқи бад аст!"***-, ва чун он шахс ворид гардид, бо ӯ басо ба нармӣ сухан гуфт. Оиша гуфт: *"Баъд ман гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, ту чунин гуфтӣ, ки гуфтӣ, аммо баъд бо ӯ ба нармӣ сухан гуфтӣ!" Дар ҷавоб вай ба ман гуфт:* ***"Ё Оиша, ба дурустӣ дар назди Аллоҳ он одамон ҳоли бад доранд, ки дигарон аз тарс дар баробари ахлоқи ношоистааш ӯро тарк мекунанд!"***

Дар ҳақиқат одамон гуногун мешаванд ва на ҳама вақт рафтори эшон бо хислат, одату хоҳиши онҳое, ки онҳо ба он чӣ ки ӯ дӯст медораду барои он кӯшиш ба харҷ медиҳад, мухолифат мекунанд. Аз ин сабаб даъваткунандагонро лозим аст, ки тавас-

сути сабр аз зарбаҳои онҳо худро ҳимоя карда тавонанд ва тавассути боназокат будан дар муносибат бо онҳо онҳоро ба ҳақиқат расонанд, ки ба он даъват мекунанд.

## Вай ба осон кардани кор мекӯшад, на барои эҷоди мушкилӣ

Мусулмони худотарсу бофаросат мекӯшад то кореро осон кунад ва дар ақли худ мушкил пеш оварданро ҷо намедиҳад, зеро ин хислати хоси мӯъминон аст ва Аллоҳи Азза ва Ҷалла инро дар бандагони Худměписандад.

Аллоҳ фармудааст:

﴿يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلْعُسْرَ﴾

***﴾ Аллоҳ барои шумо осоиш мехоҳад ва барои шумо сахтиро раво намебинад...﴿***

**«Бақара», 185.**

Мутобиқи ҳамин (оят) пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) мусулмононро ба осудагӣ даъват намуда, ба онҳо мушкилӣ пеш овардан барои дигаронро манъ кардааст.

Дар хабар аст, ки вай гуфт:

«عَلِّموا ويَسِّروا ولا تُعَسِّروا، وإذا غَضِبَ أَحَدُكُمْ فَلْيَسْكُتْ»

***"Омӯзонед, осон кунед ва сахтӣ ба амал наоваред, аммо кадоме аз шумоёнро ғазаб фаро бигирад, бигузор сукут варзад!"***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адабу-л муфрад"**

Дар ҳақиқат кӯшиши сахтӣ пеш овардан ва корҳоро мушкил кардан фақат онҳоеро хос мебошад, ки аз ин ё он ахлоқи ҳамида дур, аз фасеҳӣ маҳрум шудаанд ва ба дараҷаи кофӣ тарбият надидаанд. Инсони ботамкин ва тарбияти воқеии исломиро гирифта бошад, намедонад, ки корҳоро мушкил кунад ва кӯшиш ба харҷ намедиҳад то корҳо чигил гардаанду бар зарари умум анҷом пазиранд. Вай кӯшиш мекунад ҳамон хислатҳои накӯро зоҳир намояд, ки расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро хос буданд, чунонки ҳазрати Оиша (р), модари мӯъминон нақл кардааст:

«ما خُيِّرَ رسولُ اللَّهِ ﷺ بينَ أمْرَيْنِ قطُّ إلاّ اختارَ أيسرَهما ما لَمْ يَكُنْ إثْماً، فإنْ كانَ إثْماً كانَ أبعدَ النّاسِ مِنْهُ، وما انْتَقَمَ رسولُ اللَّهِ ﷺ لنفسِهِ في شيْءٍ قطُّ إلاّ أنْ تُنْتَهَكَ حُرْمَةُ اللَّهِ، فَيَنْتَقِمَ للَّهِ تعالى»

*"Вақте ки Расули Аллоҳро* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *имконияти интихоби яке аз ду кор пеш меомад, вай ҳамеша сабуктари онҳоро интихоб менамуд, ба шарте, ки дар он гуноҳе набошад, аммо агар дар он гуноҳе бошад, он гоҳ вай нисбат ба ҳар шахси дигар худро аз он дуртар мегирифт. Расулаллоҳ* (салаллоҳу алайҳи васаллам) *ҳаргиз ва барои ягон чиз барои худ қасос намегирифт, вале дар сурати вайрон карда шудани фармудаҳои Аллоҳ барои Аллоҳи Таъоло қасос мегирифт."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Чунин буд нуқтаи назари пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам), ки соҳиби ақли солим буду аз баландии мавқеи худ ҷиҳатҳои сусти одамонро ва гуногунии дараҷаҳои тайёрии онҳоро ба поктинатӣ ва сабру таҳаммул зоҳир намудан, ки барои онҳо беҳтарин роҳи осоиш бахшидан мебошад, медид, аммо ҳисси зиёди нафрат онҳоро ба ҳар гуна сахтӣ пеш овардан водор месозад. Маҳз аз ин сабаб пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) осоишу оромӣ бахшиданро дар доираи корҳои шариат писандида ва қабул намуда талқин кардааст ва ин амалро барои мусулмонон ба ҳукми одат даровардааст, то зиндагии онҳо аз сардиҳои мушкилӣ сохтан ва сахтӣ овардан бар қалби одамон озод бошад.

## Вай боинсофона ҳукм мекунад

Мусулмони бофаросат, ки дар роҳи рост қадам мезанад, дар муҳокимарониҳои худ адолатмандиро пеш карда, ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҳақиқат дур намешавад, зеро адолат ва даст кашидан аз ҳамаи он чизҳо, ки бо он (адолат) номувофиқанд, аслу моҳияти дин ва имони ӯ мебошанд. Маҳз аз ин хусус дар бисёр оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои муборак таъкид шудаанд, онҳо пеша кардани адолатнокиро амр намуда, дар ин кор ба ягон хел сустӣ роҳ намедиҳанд ва ё дигар шарҳу тафсирро намепазиранд.

Масалан, Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُكُمۡ أَن تُؤَدُّواْ ٱلۡأَمَٰنَٰتِ إِلَىٰٓ أَهۡلِهَا وَإِذَا حَكَمۡتُم بَيۡنَ ٱلنَّاسِ أَن تَحۡكُمُواْ بِٱلۡعَدۡلِۚ﴾

***﴿ Ба дурустӣ, ки Аллоҳ ба шумо амр медиҳад, то амонатро ба соҳибаш баргардонед, аммо агар шумо чун дар миёни одамон доварӣ мекунед, бо адолат доварӣ кунед.﴾***

**"Нисо",58.**

Адолат дар идроки мусулмони алоҳида ва умуман ҷамъияти исломӣ чизи покиза, аз ҳама гуна ғашу омехтаҳо озод буда, то майдатарин ҷузъиёташ адолат аст, тарозуи он муҳаббат ё нафратро ба ин ё он ҷониб наметавонад баргардонад ва ба покизагии он робитаҳои хешутаборӣ низ наметавонанд, ки таъсир расонанд.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُونُواْ قَوَّٰمِينَ لِلَّهِ شُهَدَآءَ بِٱلۡقِسۡطِۖ وَلَا يَجۡرِمَنَّكُمۡ شَنَـَٔانُ قَوۡمٍ عَلَىٰٓ أَلَّا تَعۡدِلُواْۚ ٱعۡدِلُواْ هُوَ أَقۡرَبُ لِلتَّقۡوَىٰۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ﴾

***﴿ Эй он касоне, ки имон овардаед! Барои Аллоҳ бар пой бошед, холисона гувоҳӣ диҳед, (ва бигузор) нафрати шумо нисбат (ба яке аз) одамон шуморо ба дараҷае наоварад, ки шумо аз адолат дур равед. Боадолат бошед, (зеро) ин ба тақво наздиктар аст ва аз Аллоҳ битарсед, зеро ба дурустӣ, ки Аллоҳ аз ҳар коре ки шумо мекунед, огоҳ аст!﴾***

**"Моида", 8.**

Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿وَإِذَا قُلۡتُمۡ فَٱعۡدِلُواْ وَلَوۡ كَانَ ذَا قُرۡبَىٰۖ﴾

***﴿ Ва ҳар гоҳ сухан мегӯед, одилона гӯед, агарчи бар зарари хешовандон бошад...﴾***

**"Анъом", 152.**

Намунаи олии адолатмандиро ба одамон Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам нишон додааст. Вақте ки Усома ибни Зайд (р), ба назди ӯ амалӣ накардани ҷазо барои зане даромад, ки дуздӣ содир карда буд, Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам қатъӣ изҳор намуд, ки дасти он занро буридан лозим аст ва гуфт:

«أَتَشْفَعُ فِي حَدٍّ مِنْ حُدودِ اللهِ يا أُسامَةُ؟ واللهِ لَوْ أَنَّ فاطِمَةَ بِنتَ مُحَمَّدٍ سَرَقَتْ لَقَطَعْتُ يَدَها»

***"Ту чӣ хел аз хусуси манъ кардани ҷазое хоҳиш мекунӣ, ки Аллоҳ муқаррар намудааст?! Ба Аллоҳ қасам, ки агар дуздиро Фотимаи духтари Муҳаммад содир мекард, ман ҳамон замон дасти ӯро низ мебуридам!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Чунин аст адолати умумӣ ва мутлақ, адолате, ки таъсираш пиру барно, шоҳу банда, мусулмону ғайримусулмонро фаро мегирад, ба дигар маънӣ, вай барои ҳама як хел аст ва ҷамъияти исломӣ аз дигар ҷамъиятҳо бо ҳамин чиз фарқ мекунад.

Яке аз далелҳои таърихии то ба замони мо аз қаъри асрҳо расида, далеле, ки сазовор аст барои ҳама намунаи олии риояи адолат бошад, ин мурофиаи одил мебошад, ки бо иштироки қози Шурайҳ, амири мӯъминон Алӣ ибни Абутолиб (р), баргузор шудааст ва дар он амирулмӯъминин бо рақиби худ, яҳудие ҳозир шуда буд, ки ҷавшани ӯро дуздида буд. Иззату эҳтироме, ки Шурайҳ ба амри мӯъминон дошт, ба вай халал нарасонд, ки исботи раднашаванда талаб намояд, то маълум гардад, ки дуздиро маҳз яҳудӣ содир кардааст ва азбаски амири мӯъминон исбот оварда натавонист, қозӣ ба фоидаи яҳуд ва бар зидди амири мӯъминон ҳукм баровард. Аз таърихи ислом чунин мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст, ки ба ҳақиқати адолат тобеъ будани ҷамъияти исломиро нишон медиҳанд. Маҳз аз ин сабаб мусулмони асил дар сухану кори худ аз адолат рӯ наметобад, зеро ҳақиқат мероси қадимии ӯст, адолат дар ҷамъияти ӯ решаҳои амиқ рондааст ва беғаразӣ барои ӯ як навъ муқаддасот мебошад.

## Вай касеро зулм намекунад

Ба сабаби эътиқодманд будани худ бар адолат мусулмони асил аз ҷабру зулм кардан худро канор мегирад, зеро зулм ба торикӣ табдил мееёбад ва ҷабркунандагон бар он палмосида роҳ мееёбанд. Ба ин чиз суханони Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ишора мена-

моянд, ки гуфтааст: «اِتَّقُوا الظُّلْمَ، فإنَّ الظُّلْمَ ظُلُماتٌ يَوْمَ القِيامَةِ. . .»

***“Аз зулм кардан битарсед, зеро дар Рӯзи Қиёмат ба зулмат табдил меёбад..”***

**Муслим**

Дар ҳадиси зерин ҷабру зулм кардан чӣ қадар зебо манъ карда шудааст.[106] Дар ин ҳадис тафсири амри Аллоҳ қатъиян манъ шудааст ва ба ягон хел шарҳу эзоҳи худсаронаи он роҳ дода намешавад. Дар он хабар дода мешавад, ки Аллоҳи Таъоло гуфт:

«يـا عِبادي إنّي حَـرَّمْتُ الظُّلْمَ على نَفْسي، وجَعَلْتُـهُ بينَكمْ مُحَرَّمـاً، فلا تَظالَموا»

***“Ё бандаи Ман, ба дурустӣ, ки ман ҷабру зулмро барои Худ манъ кардаам ва инро дар миёни шумо низ манъ намудам, аз ин сабаб якдигарро зулм накунед!”***

**Муслим**

Ҳамин тавр Аллоҳ, ки Офаридгор, Ҳоким, Пок, Қодир, Тавоно ва Олист, ҳамд бар Ӯ, ҷабру зулмро аз ҷониби Худ барои Худ манъ кард ва инро барои бандагони Худ низ манъ намуд. Магар баъд аз ин мусулмоне, ки дар дини худ мустаҳкам аст, ҷабр кунад?!

Мусулмони асил ҳаргиз, ба ҳеҷ ваҷҳ ҷабру тазйиқ намекунад. Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) ӯро ба ҳамин чиз даъват намуда, аз хусуси сифатҳои мусулмони асил чунин мегӯяд:

«المُسْلِمُ أخو المُسْلِمِ ، لا يَظْلِمُهُ، ولا يُسْلِمُهُ ، ومَنْ كـانَ في حَاجَـةِ أخيهِ كانَ اللّهُ في حاجَتِه، ومَنْ فَـرَّجَ عَنْ مُسْلِمٍ كُرْبَـةً فَرَّجَ اللّهُ عَنْـهُ كُرْبَـةً مِنْ كُرُباتِ يومِ القِيامَةِ، ومَنْ سَتَرَ مُسْلِماً سَتَرَهُ اللّهُ يومَ القِيامَةِ»

***“Мусулмон бародари мусулмон аст, вай набояд бародари худро зулм кунад, ӯро бепаноҳ вогузорад. Аллоҳ ҳоҷати ҳамон шахсро мебарорад, ки ӯ ҳоҷати бародари худро баровардааст, дар Рӯзи Қиёмат Аллоҳ як андӯҳи ҳамон шахсро сабукӣ медиҳад, ки андӯҳи бародари худро сабукӣ додааст, онеро, ки мусулмонро паноҳ додааст, Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат паноҳ медиҳад.”***

**Ал-Бухорӣ**

Ҳамин тавр, Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) фақат бо рад кардани им-

конпазирии ҷабру зулм аз ҷониби мусулмони асил маҳдуд нашуда, эълом медорад, ки инро ҳатто ба худ тасаввур наменамояд, зеро ҳеҷ як зулм бо ин зулм баробар нест. Пас вай даъват ба амал овардааст, ки мусулмон ба бародари худ кӯмак расонад, тасаллӣ диҳад ва айбу хатои ӯро бипӯшад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба он чӣ ишора намудааст, ки аз ин ҳама корҳои накӯ даст кашидан зулм, хато кардан ва маҳдуд сохтани ҳуқуқҳои бародараш ҳисоб меёбад, ҳол он ки мусулмононро ба якдигар риштаҳои бародарӣ пайванд месозанд.

Дар боби гузашта мо оятҳои Қуръон ва ҳадисҳоро оварда будем, ки мусулмононро ба риояи адолати мутлақ талқин менамуданд ва ба ин чиз набояд муҳаббат, нафрат, таваҷҷӯҳ, пайванди хешутаборӣ таъсир расонад, ин ҷо бошад, мо амри шариатро овардем, ки ҷабру зулмро мутлақо манъ мекунад. Ин ҳама зарурати нисбат ба ҳар инсон адолат зоҳир карданро ифода намуда, зулм карданро нисбат ба ҳар каси дигар, ҳатто агар ӯ мусулмон набошад, манъ кардааст. Аллоҳи Таъоло фармудааст, ки нисбат ба тамоми одамон адолат карда шавад, чунонки Вай маҳз ҳамин тавр ҷабр кардани ҳар як шахс ва зулму бадӣ кардани ҳар як инсонро манъ намуда, фармудааст:

﴿لَا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمْ يُقَٰتِلُوكُمْ فِى ٱلدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوٓا۟ إِلَيْهِمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ﴾

***﴿ Аллоҳ шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан нисбат ба онҳое, ки бо шумо аз барои дин наҷангидаанд ва шуморо аз хонаҳоятон берун нарондаанд, бознамедорад, ба дурустӣ, ки Аллоҳ адолатмандонро дӯст медорад.﴾***

**“Мумтаҳана”, 8**

## ВАЙ КОРҲОИ ШОИСТАРО ДӮСТ МЕДОРАД

Дар муҳити робитаҳои иҷтимоии худ мусулмони асил ба корҳои сазовор машғул мегардад. Вай ин робитаҳоро барои расидан ба мақсадҳои ночиз ва амалӣ намудани манфиатҳои пасту қабеҳ асос намекунад, зеро вай ба ҳар гуна кори беҳудаю майда

чуйда вақт надорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки мусулмон дар зери таъсири таълимоти Китоби Аллоҳ ва суннатҳои расули Ӯ салаллоху алайхи васаллам ташаккул ёфтааст ва аз ин сабаб вай ҳама чизи ҷиддиро меписандад ва нисбат ба ҳама гуна кори беҳуда нафрат дорад, вай ба инкишоф ёфтану тараққӣ кардан кӯшиш ба харҷ дода, ба пастравиву завол ёфтан нафрат мекунад. Маҳз ҳамин хислатҳоро Аллоҳ Азза ва Ҷалла дар одамон меписандад, ки аз ин хусус расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам хабар дода мегӯяд:

«إِنَّ اللَّهَ عَزَّ وَجَلَّ كَرِيمٌ يُحِبُّ الْكُرَمَاءَ، وَيُحِبُّ مَعَالِي الْأُمُورِ وَيَكْرَهُ سَفْسَافَهَا»

***"Ба дурустӣ, ки Аллоҳи Азза ва Ҷалла сахист ва Ӯ саховатмандонро дӯст медорад, Вай корҳои сазоворро меписандад ва (корҳои) беҳударо нафрат мекунад[107]"***

**Ат-Табаронӣ дар "Ал-Кабир"**

## Вай ҳангоми талаффузи калимаҳо аз ҳад зиёд ҷидду ҷаҳд ба харҷ намедиҳад

Бо сабаби навиштаҷоти фавқ мусулмони бофаросат аз ҷидду ҷаҳди беҳудаи қатъӣ кардани тамоми қоидаҳои талаффуз худдорӣ мекунад.[108] Ба дигар маънӣ, вай аз сари шавқи худнамоӣ ва кӯшиши ба худ ҷалб кардани таваҷҷӯҳи одамон калимаҳоро ғайритабиӣ талаффуз намекунад, зеро аз ҳад зиёд муносибати ҷиддӣ кардан ба ин чиз сафсатаи холист ва хоси хислати мусулмон нест, ки фаъол буда, корҳои некуро меписандад ва беҳудагиро дӯст намедорад. Дар ҳақиқат ин ҳама хоси инсони разил мебошад, хоси инсоне мебошанд, ки фақат дар ғами худнамоишдиҳист, дар паи ба шахсияти худ ҷалб намудани таваҷҷӯҳи дигарон аст ва аз ин сабаб Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам нисбат ба онҳое, ки барои риояи тамоми талаботи талаффузи намунавӣ ҷидду ҷаҳди аз ҳад зиёд ба харҷ медоданд, манфӣ муносибат менамуд. Саҳобагони вай Абубакр (р) ва Умар (р), ки ҷонишинонаш шуда буданд, бо ин гуна одамон маҳз ҳамин тавр муносибат менамуданд. Аз ин хусус Абдуллоҳ ибни Масъуд (р), ҳатто гуфтааст:

*"Ба Аллоҳ, ки ҷуз Ӯ худое нест, қасам, ки ман касеро ба ғайр аз расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), нисбат ба онҳое, ки калимаҳоро бо ҷидду ҷаҳди беандоза талаффуз мекунанд, басо сахтгир надидам, пас аз ӯ касеро сахтгиртар нисбат ба чунин ашхос аз Абубакр надидам. Ва ба дурустӣ, фикр мекунам, ки ин гуна одамон бештар аз ҳама аз Умар метарсиданд."*[109]

**Абу Яъло ва ат-Табаронӣ**

## Вай аз бадбахтии касе шодӣ намекунад

Ба ғайр аз он ҳама мусулмони асил аз шодӣ кардан ба бадбахтӣ ва таҳқири дигарон худдорӣ мекунад, зеро бадхоҳӣ хислати паст буда, ба зарар расонидан ба одамон алоқаманд мебошад. Ислом онро манъ ва одамонро аз ин чиз огоҳ кардааст. Аз ин хусус дар ҳадисе, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст, хабар дода шудааст:

«لا تُظهِرِ الشَّماتَةَ لِأَخِيكَ، فَيَرْحَمَهُ اللهُ ويَبْتَلِيكَ»

***"Аз бадбахтии бародари худ шодӣ накун, зеро он гоҳ Аллоҳ бар ӯ лутф зоҳир намуда, туро мавриди азоб қарор медиҳад!"***[110]

**Ат-Тирмизӣ**

Дар қалби мусулмони асил, ки руҳи ислом ва таълимоти онро дар худ ҷо додааст, барои бадхоҳӣ ҷой нест, баръакс, қалби ӯ нисбат ба шахси мавриди санҷиш ва ранҷ қарор гирифта, ҳисси ҳамдардӣ дорад, вай ин гуна шахсро дастгирӣ менамояд, афсӯс мехӯрад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки вазъияти ӯро сабуктар гардонад. Аммо бадхоҳӣ фақат дар қалбҳои бемор, аз руҳи ислом ва таълимоти он дур, дар қалбҳое, ки дар роҳи қасос гирифтан фитна, андешаҳои бад, бадгӯӣ ва озоррасонӣ парварида шудаанд, ҷои худро пайдо мекунад.

## Вай олиҳиммату саховатманд аст

Мусулмони асил, ки таълимоти дини худро аз худ намудааст ва онро аз сари сидқ дар амал татбиқ менамояд, олиҳиммату саховатманд мебошад, дасти ӯ ҳамеша барои дигар аъзои ҷамъияте, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, дароз карда шудааст, зеро вай кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба эшон дар ҳама гуна ҳолат некие кунад.

Вай маблағҳои худро бо як саховатмандии мӯъминонро хос харҷ намуда, бовар дорад, ки тӯҳфаҳои бахшидааш барбод намераванд, балки дар назди Аллоҳи Огоҳу Бино маҳфуз дошта мешаванд, зеро Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ اللَّهَ بِهِ عَلِيمٌ﴾

﴿***Аммо аз он хусус ки шумо аз дороии худ (садақа) сарф мекунед, Аллоҳро ошкор аст!***﴾

**"Бақара", 273.**

Вай дороии худро саховатмандона сарф карда, ҳамчунин бовар дорад, ки ин кор ӯро манфиати зиёдтар мерасонад ва ба ӯ дар шакли неъмати фаровон бармегардад, зеро Аллоҳ барои ин амал ӯро дар ҳар ду дунё чандин баробар зиёд медиҳад. Охир Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуфтааст:

﴿مَّثَلُ الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِي كُلِّ سُنبُلَةٍ مِّائَةُ حَبَّةٍ وَاللَّهُ يُضَاعِفُ لِمَن يَشَاءُ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾

﴿***Мисоли онон, ки моли худро дар роҳи Аллоҳ харҷ мекунанд, мисоли донаест, ки ҳафт хӯша бароварад ва дар ҳар хӯшае сад дона бошад. Аллоҳ подоши ҳар киро ки бихоҳад, чанд баробар зиёд мекунад. Аллоҳ кушоишдиҳанда ва доност!***﴾

**"Бақара", 261.**

Аллоҳи Таъоло ҳамчунин гуфтааст:

﴿وَمَا أَنفَقْتُم مِّن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُ﴾

﴿***... он чӣ ки сарф (инфоқ) кардаед, Вай ивазашро медиҳад.***﴾

**"Сабо", 39.**

Аллоҳи Таъоло ҳамчунин гуфтааст:

﴿وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيْرٍ فَلِأَنفُسِكُمْ وَمَا تُنفِقُونَ إِلَّا ابْتِغَاءَ وَجْهِ اللَّهِ وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيْرٍ يُوَفَّ إِلَيْكُمْ وَأَنتُمْ لَا تُظْلَمُونَ﴾

﴿***Аммо ҳар чизе шумо аз дороии худ сарф*** (инфоқ) ***мекунед, барои худ низ мекунед,*** (зеро) ***шумо фақат ба хотири хушну-***

***дии Аллоҳ [111] сарф мекунед. Ҳар чӣ ки шумо аз дороии худ сарф мекунед, ба шумо дода мешавад ва шуморо ситам карда нахоҳад шуд.***﴿

**"Бақара", 272.**

Мусулмони асил сарвати худро харҷ намуда, бовар дорад, ки Аллоҳи Некӯкирдору Азимушшаън аллакай дар ин дунё ҷавоби он чиро ки ӯ харҷ кардааст, барои ӯ неъмат, баракат ва подоши мувофиқ фиристода, бармегардонад. Аз дигар ҷиҳат мусулмон бовар дорад, ки агар ӯ хасисӣ кунад, хайру садақа надиҳад, Аллоҳ сарвати ӯро кам мекунад ва онро ба нестию нобудӣ мерасонад. Аз ин хусус дар ҳадиси зерин равшан баён карда шудааст.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«ما مِنْ يَوْمٍ يُصْبِحُ العِبادُ فيهِ إلاّ مَلَكانِ يَنْـزِلانِ، فيقولُ أحَـدُهُما: اللَّهُمَّ أعْطِ مُنْفِقاً خَلَفاً، ويقولُ الآخَرُ: اللَّهُمَّ أعْطِ مُمْسِكاً تَلَفاً»

***"Ҳар субҳ чун бандагони Аллоҳ аз хоб бармехезанд, аз осмон албатта ду фаришта поин меоянд ва яке мегӯяд: "Ё Аллоҳ, подоши хайркунандаро бозгардон!"-, дигаре ба Аллоҳ бо чунин дуо муроҷиат мекунад: "Ё Аллоҳ хасисро ба зиён бозрасон!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳадисе Қуддусӣ хабар додааст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз Аллоҳи Таъоло нақл мекунад, ки Вай гуфт:

«أَنْفِقْ يابْنَ آدَمَ يُنْفَقْ عَلَيْكَ»

***"Харҷ бикун, эй фарзанди Одам, он гоҳ барои ту низ харҷ карда мешавад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Қалби мусулмоне, ки имон ба Парвардигори худ дорад, ба он чӣ ки харҷи дар роҳи Аллоҳ кардаи ӯ дороияшро ҳаргиз кам нахоҳад кард, заррае шубҳа надорад, зеро садақа сарватро фақат афзун мегардонад, на кам. Аз ин хусус пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) чунин гуфтааст: «ما نَقَصَتْ صَدَقَةٌ مِنْ مالٍ . . . »

"*... садақа молро* (боигариро) *кам намекунад.*"

**Муслим**

Мукофоте бошад, барои он чӣ ки одам ба хотири хушнудии Парвардигори худ сарф кардааст, бо навиштан ва баҳо додан баён карда намешавад, чунки Аллоҳ харҷҳои кардаи ӯро чандин маротиба афзунтар менамояд. Маҳз аз ин сабаб расули Аллоҳ ﷺ гуфтааст, ки барои ӯ фақат ҳамон чиз боқӣ мемонад, ки дар роҳи Аллоҳ сарф шудааст. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки аз суханони ҳазрати Оиша (р), нақл мешавад: боре чун онҳо[1 12] гӯсфандеро забҳ карданд, пайғамбар ﷺ пурсид: «ما بَقِيَ مِنْها؟» ***"Аз он чӣ боқӣ монд?"*** Онҳо ҷавоб доданд, ки: *"Чизе ба ҷуз сумҳояш"*, баъд аз ин ӯ гуфт: «بَقِيَ كُلُّها غيرَ كَتِفِها»

***"Ҳамааш боқӣ мондааст, ба ҷуз сумҳояш!"***[1 13,114]

**Ат-Тирмизӣ**

Расули Аллоҳ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, ки ба қалби мусулмонон хислатҳои муборак, аз ҷумлаи саховатмандиро одат кунонад ва онро ба дараҷае сазовор гардонад, ки мусулмонон барои зоҳир намудани он бо якдигар мусобиқа кунанд. Аз ин хусус суханони зерини ӯ гувоҳӣ медиҳанд:

«لا حَسَدَ إلاّ في اثْنَتَيْنِ: رجُلٌ آتاهُ اللّهُ مالاً فَسَلَّطَهُ على هَلَكَتِهِ في الحَقِّ، ورجُلٌ آتاهُ اللّهُ حِكْمَةً فهُوَ يَقْضي بِها ويُعَلِّمُها»

***"Ба касе ҳасад бурдан лозим нест, магар ба ду нафар: ба оне, ки Аллоҳ ӯро боигарӣ ва имконияти дуруст сарф кардани онро додааст ва ба одаме, ки Аллоҳ дониш додааст ва ӯ дар асоси донишаш ҳукм мекунад ва онро*** (донишро) ***ба дигарон медиҳад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, Расули Аллоҳ ﷺ ҳунари дуруст харҷ кардани мол ва донишро бо якдигар баробар кардааст. Ҳар шахс ин ҳадисро ба эътибор гирифта, мулоҳиза меронад ва ба дигарон медиҳад, зеро пайғамбар ﷺ гуфтааст, ки фақат нисбат ба он одамоне метавон ҳасад бурдан (ба маънои хуби ин калима), ки ин ду хислатро соҳиб мебошанд. Ин чунин маъно дорад, ки дар роҳи Аллоҳ харҷ кардани онҳо кори бузург ҳисоб меёбад, аз ҳунари он шахс, ки ӯро дониш дода шудааст, камаҳамияттар ва барои одамон камманфиаттар нест.

Мусулмони бофаросат медонад, ки маҳз аз харҷҳои кардаи ӯ ба ӯ манфиату подош мерасад ва ин ӯро водор месозад, ба харҷҳое бартарӣ бидиҳад, ки подошро кафолат медиҳанд. Дар айни замон вай нисбат ба меросхӯрони худ беадолатона рафтор намекунад, онҳоро аз ҳама чиз маҳрум намесозад. Аммо дар як вақт барои харҷ кардан дар корҳои савоби имконпазир хасисӣ низ намекунад. Дар ҳар думаврид вай ҳадди эътидолро риоя ва ҳолати мӯътадилро интихоб менамояд, дар ин кор таълимоту арзишҳои волои шариатро мавриди эътибор қарор медиҳад. Мақсади он таълимоту арзишҳо ин аст, ки барои инсон сарвати худро дар роҳи Аллоҳ сарф кардан беҳтар аз онро барои фарзандон вогузоштан набуда, балки баръакс, боигарии дар роҳи Аллоҳ сарфкардаашро ӯ нисбат ба меросе, ки бозмегузорад, бештар дӯст дорад. Ин чунин маъно дорад, ки сарвати дар корҳои савоб харҷ гардида, дар китоби аъмоли ӯ ҷовидонӣ сабт карда мешавад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) мардумро маҳз ба ҳамин чиз ҳидоят менамуд.

Дар хабар аст, ки боре пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро пурсид:

«أَيُّكُمْ مالُ وارِثِهِ أَحَبُّ إِلَيْهِ مِنْ مالِهِ؟ قالوا: يا رسولَ الله، ما مِنّا أَحَدٌ إلا مالُهُ أحبُّ إِلَيْهِ. قالَ: فإنَّ مالَهُ ما قَدَّمَ ، ومالَ وارِثِهِ ما أَخَّرَ»

***"Кадоме аз шумо сарвати меросхӯри худро нисбат ба сарвати шахсии худ бештар дӯст медорад?"*** Одамон ҷавоб доданд, ки: *"Дар миёни мо чунин шахсе нест, ки сарвати шахсии худро зиёдтар дӯст надошта бошад".* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Аммо ба дурустӣ, ки сарвати ҳар шахс ҳамон аст, ки ӯ бахшид[1 16], вале он чӣ ки боздошт, сарвати меросхӯри ӯ мебошад!".***

**Ал-Бухорӣ**

Саховатмандӣ ба ҷумлаи зуҳуроти наҷибтарини ислом тааллуқ дошта, яке аз хислатҳои беҳтарини мусулмон, ҳамчун узви ҷамъият ҳисоб меёбад ва маҳз аз ҳамин сабаб ба суоли як шахс аз хусуси он, ки ***"Кадоме аз зуҳуроти ислом беҳтарин мебошад?"***, расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«تُطْعِمُ الطَّعامَ، وتَقْرَأُ السَّلامَ على مَنْ عَرَفْتَ ومَنْ لَمْ تَعْرِفْ»

"(Беҳтарин он аст, ки ту) ***мардумро таом бидиҳӣ ва салом бигӯӣ ҳам онҳоеро, ки мешиносӣ ва ҳам онҳоеро, ки намешиносӣ."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Вале ин ҳама чунин маъно надорад, ки саховатмандӣ инсонро водор созад то сарҳадҳои ақлро паси по карда, тамоми сарвати худро харҷ намояд ва барои меросхӯронаш чизе боқӣ нагузорад, ҳол он ки ҳама чиз дар ислом ҳамдигарро пурра мекунанд ва бо мукаммал буданашон тавофут доранд, ҳеҷ чиз бар зарари дигаре анҷом дода намешавад. Харҷ кардан барои корҳои савоб дар ҳақиқат вазифа ҳисоб меёбад, аммо ба ҳамин дараҷа он амали инсон низ ҳатмӣ мебошад, ки барои ҳимояи фарзандонаш, барои ҳимояи шаъну номуси онҳо аз гадоӣ ва қашшоқшавӣ равона шуда бошад.

Нақл мекунанд, ки вақте пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба аёдати Саъд ибни Абу Ваққос (р) омад ва ӯро дар дами марг дарёфт, ӯ пурсид:

**يـا رسول الله إن لي مـالاً كثيراً، وليس يَرِثُني إلا ابْنَتي، أفَأتَصَـدَّقُ بِثُلُثَيْ مالي؟ قـال: لا، قال: فـالشَّطْر؟ قـال: لا، قــال: الثُّلُث؟ قـال: «الثُّلُث، والثُّلُثُ كثيـرٌ» ثم عقَّبَ النبي ﷺ على ذلــك بقوله: «إنَّكَ إنْ تَرَكْتَ وَلَدَكَ أغْنِيَاءَ خَيْرٌ مِنْ أنْ تَتْرُكَهُمْ عـالَةً يَتَكَفَّفـونَ النَّاسَ، وإنكَ لنْ تُنفِقَ نَفَقَةً إلا أُجِرْتَ عَلَيْها، حتَّى اللُّقْمَةَ تَرْفَعُها الى في امْرَأتِكَ»**

*"Ё Расулаллоҳ, ба дурустӣ, ки сарвати ман бузург аст ва ман меросхӯр надорам ба ҷуз духтарам. Оё ду ҳиссаи онро барои кӯмак ба бечорагон садақа накунам?" Вай гуфт: "Не". Саъд пурсид: "Нисферо чӣ?"* Вай гуфт: ***"Не".*** Саъд пурсид: *"Сеякашро чӣ?"* Он гоҳ вай гуфт: "(Чӣ илоҷ бигузор) ***сеякашро ва сеякаш низ зиёд аст!"*** -, пас аз ин пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба он чӣ гуфт илова намуд, ки: ***"Ҳар оина, фарзандони худро сарватманд вогузоштан нисбат ба бечора вогузоштани онҳо, ки*** (маҷбур шаванд) ***аз одамон бипурсанд, беҳтар аст ва ба дурустӣ, ҳар чӣ ки ту сарф мекунӣ, ҳатман барои ин подош мегирӣ, ҳатто агар сухан аз хусуси он як пора*** (-и таъом) ***бошад, ки ту ба даҳони ҳамсари худ мегузорӣ"***

**Ал-Бухорӣ ва дигар муҳаддисон**

Худи Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) намунаи зиндаи саховатмандии олӣ ва пок буд ва ҳаргиз чунин нашудааст, ки хасисӣ ё хоҳиши онеро, ки ба ӯ мурочиат кардааст, рад карда бошад. Аз ин хусус

суханони саҳобаи ӯ Ҷобир (р) гувоҳӣ медиҳанд, ки гуфтааст:

«ما سُئِلَ رسولُ اللّهِ ﷺ شَيْئاً قطُّ، فقالَ: لا»

*"Аз Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ҳар чӣ хоҳиш кардаанд, вай ягон маротиба дар ҷавоб "Не" нагуфтааст"*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) хуб мефаҳмид, ки пул ба қалбҳои одамон чӣ гуна таъсир мегузорад ва аз ин сабаб вай пулро ҳамчун воситаи ром кардани дилҳои эшон ва ба ислом таслим намудани онҳо истифода мебурд, вай ба хотири ба сафи даъваткунандагони Аллоҳ ҷалб намудани одамони нав ягон хел хароҷотро ба эътибор намегирифт. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) медонист, ки вақте одами ба пул таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар худ таъсири таълимоти исломро ҳис мекунад, ислом ӯро мафтун намуда, ба шахсе табдил медиҳад, ки чӣ ба имони худ ва чӣ ба исломи худ яке аз беҳтаринҳо мешавад.

Аз ин хусус ба мо саҳобаи машҳур Анас ибни Молик (р) хабар дода мегӯяд:

«ما سُئِلَ رسولُ الله ﷺ على الإسلام شَيْئاً إلا أعْطاهُ، ولَقَدْ جاءَهُ رجلٌ فأعْطاهُ غَنَماً بينَ جَبَلَيْنِ، فَرَجَعَ إلى قَوْمِهِ فقالَ: يا قوم أَسْلِموا! فإنَّ مُحَمَّداً يُعْطِي عَطاءَ مَنْ لا يَخشى الفَقْرَ. وإنْ كان الرجلُ لَيُسْلِمُ ما يُريدُ إلا الدُّنيا، فما يَلْبَثُ إلا يَسيراً حتّى يكونَ الإسلامُ أحبَّ إليْهِ مِنَ الدُّنْيا وما عَلَيْها»

*"Ҳар кӣ аз Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ба хотири ислом чизе ки напурсад, вай ҳамеша онро ба ӯ медод. Боре ба назди ӯ шахсе омад ва фармуд, ки ба ӯ он қадар зиёд гӯсфанди ба сифати закот супоридашударо бидиҳад, ки гумон мерафт, онҳо масоҳати ду кӯҳро пур мекарданд. Ва ин шахс ба назди ҳамқавмонаш баргашта мегӯяд: "Ё мардум, исломро бипазиред, зеро, ба дурустӣ, бахшишҳои Муҳаммад бахшишҳои шахсе мебошад, ки аз ниёзманд шудан наметарсад!" Ҳатто агар ин шахс исломро фақат ба хотири неъматҳои дунёвӣ пазируфт, аммо чун фурсати кӯтоҳ сипарӣ гашт, ислом барои ӯ аз ин ҷаҳон ва ҳама чизе, ки дар он ҳаст, азизтар шуд".*

**Муслим**

Аз ин сабаб Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) ҳама чизеро ки ба ӯ мерасид, сарф мекард, ин сарватро ба одамон тақсим менамуд, аммо

на барои худ ва на барои оилаи худ чизе захира намекард.

Барои ӯ ҳамин чиз кифоя буд, ки ин боигариҳоро ба ниёзмандон бозмегардонд, тавассути онҳо дили маҳкамгардидаи онҳоро мекушод, ба қалбҳо хислати саховатмандиро ворид менамуд ва ба дигарон дар саховатмандӣ намунаи олӣ нишон медод.

Аз суханони Ҷубайра ибни Мутъам (р) нақл мекунанд, ки вақте ӯ ба ҳамроҳии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз ҷанги Ҳунайн (ба Мадина) бармегашт, бадавиҳо ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) бо хоҳишу илтимосҳои худ дарафтоданд ва дар натиҷа ӯро бар танаи дарахте танг карданд. Хилъати Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар шохае дармонд. Он гоҳ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) бозистод ва хитоб кард:

«أعْـطُوني رِدائي، فلَوْ كـانَ لي عَدَدُ هـذه العِضاهِ نَعَمـاً لَقَسَمْتُهُ بينكمْ، ثُمَّ لا تَجِـدُوني بَخيـلاً ولا كَذّاباً ولا جَباناً»

***"Хилъатамро баргардонед! Наход, ки маро дар хасисӣ гумонбар мешавед?! Ба Аллоҳ қасам, ки агар дар ман он қадар чорво мебуд, ки он қадар ин ҷо буттаи олуча ҳаст, ман ҳатман онро миёни шумо тақсим мекардам ва он гоҳ шумо маро на хасис мегуфтед, на тарсончак, на дурӯғгӯ!"***

**Ал-Бухорӣ**

Дар ҳақиқат саховатмандие, ки Расули Аллоҳро (салаллоҳу алайҳи васаллам) хос буд, намунаи олии саховат мебошад, ки аз ҳама гуна қасд, манфиат ва шакку шубҳа орӣ аст. Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар зиндагӣ ҳамеша саховатмандӣ зоҳир менамуд, то ин чиз барои дигарон намуна гардад ва онҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки то ба ин дараҷа бирасанд. Вай тасдиқ менамуд, ки вақте моҳияти бузурги имон дар қалби инсон дурахшон мегардад, ӯ то ба ин дараҷаи олӣ қудрати расидан дорад, он гоҳ вай бештар саховатмандӣ зоҳир намуда, ба Аллоҳ наздиктар мешавад. Вай ҳар қадар мефаҳмад, ки Аллоҳ барои мардумони сахӣ ва олиҳиммат, барои онҳое, ки дороии худро дар роҳи Ӯ сарф мекунанд, чӣ ҳаловате омода намудааст, ҳамон қадар саховатмандтар мешавад. Ба ғайр аз ин робитаи вай ҳар қадар бо Аллоҳ қавитар мегардад, вай ҳамон қадар амиқтар дарк мекунад, ки саховат чӣ меваҳои ши-

рин дорад, он гоҳ Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам, вақте ки Ҷабраил дар моҳи рамазон бо ӯ мулоқот кард, маҳз ҳамин тавр рафтор кард ва чун дар рӯзҳои ин моҳи шарифи муборак саховатмандии ҳамешагӣ расулро хос буда, дар зери таъсири мулоқотҳои ҳарлаҳзаина бо фаришта боз бештар зоҳир мешуд. Зеро дар ин давра Ҷабраил ба пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ҳар шаб мулоқот мекард. Дар натиҷа қалби неки ӯ аз ҳисси накӯкорӣ лабрез гардида, хислатҳои нав ба навро ба худ мегирифт ва барои зоҳир намудани саховатмандӣ ва олиҳимматии нав ба нав қодир мешуд.

Дар хабар аст, ки ки ибни Аббос (р) гуфт:

«كانَ رسولُ اللّهِ ﷺ أجـودَ النّاسِ بـالخَيْرِ، وكـانَ أجودَ ما يكونُ في رَمضانَ حينَ يَلْقاهُ جِبْريـلُ، وكانَ جِبْـريلُ يَلْقـاهُ في كُلِّ لَيْلَةٍ من رَمضان، يَعْرِضُ عليهِ رسولُ الله القرآنَ فإذا لَقِيَهُ جِبْريلُ كانَ رسولُ اللّهِ ﷺ أجودَ بالخيْرِ مِنَ الرِّيحِ المُرْسَلَة»

*"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам дар зоҳир намудани* (корҳои) *хайр саховатмандтарини мардумон буд, аммо дар моҳи рамазон вақте ки бо ӯ Ҷабраил вохӯрда, ҳар шаб мулоқот мекард ва Расулаллоҳ ба ӯ Қуръонро мехонд,*[118] *зиёдтар саховатмандӣ зоҳир менамуд. Ва чун Ҷабраил бо Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам мулоқот мекард, вай одамонро аз насими соҳибихтиёр зиёдтар хайру саховат менамуд".*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҷои тааҷҷуб нест, ки дар миёни онҳое, ки насли нахустини мусулмононро ташкил медоданд, ашхосе пайдо мешуданд, ки ба чунин зуҳуроти олии саховатмандӣ басо наздик мерафтанд. баъзе дар роҳи Аллоҳ тамоми дороии худро харҷ мекарданд, чунонки Абӯбакр (р) кард, сеюмиҳо як лашкари бутунро таъмин менамуданд, чунонки Усмон (р) мекард, чорумиҳо қимматарин ҳиссаи дороии худро мебахшиданд, чунончи Абу Даҳдаҳ (р) чунин рафтор кард, ба манфиати камбағалон беҳтарин боғҳои худро тӯҳфа кард. Вақте ки аз ин кори Абу Даҳдаҳ, ҳамсараш хабар ёфт, бо хушнудӣ гуфт: *"Ё Абу Даҳдаҳ ин кори манфиатнок аст!"* Метавон бисёр одамони дигари сахиро мисол овард, ки ба чизи ҷовидона нисбат ба чизи муваққатӣ афзалият медоданд ва ба хотири ҳаловат бурдан дар роҳи Аллоҳ аз до-

рой рӯ гардониданд.

Онҳо фақат ба он хотир чунин рафтор мекарданд, ки нисбат ба Аллоҳи Азза ва Ҷалла самимӣ буданд ва ба Ӯ ҳамеша робита доштанд. Ҳамин чиз ба онҳо имконият медод, ки ин ғояҳои олиро фақат бо ба хотир овардани онҳо қонеъ нашуда, чунонки ин чиз имрӯз бисёр сарватмандонро хос аст, дар амал низ татбиқ намоянд.

Дар ҳақиқат, агар сарватмандоне, ки имрӯз соҳиби миллион ва миллиард мебошанд, аз ин маблағҳо лоақал закоти фарзиро месупориданд, ҳоло аз хайру саховате, ки онҳо метавонанд кард, сухан нагӯем, дар ҷамъият аз бенавоӣ ному нишон намемонад. Вале дасти ин сарватмандон лоақал барои супоридани закот дароз намешавад, дар сурате, ки онҳо хуб медонанд: закот на фақат вазифаи онҳо ҳисоб меёбад, балки яке аз аҳкоми ислом аст. Агар онҳо чизе садақа бикунанд ҳам, аз луқмаи ночизе иборат мебошад, ки ҳангоми идҳо ё тақсими мавод ба шумораи ками ниёзмандон дар баъзе мамолики исломӣ дода мешавад. Дар айни замон вақте одамони соддадил ва покният мебинанд, ки дар пеши дари ин ашхос тӯдаи ниёзмандон барои гирифтани ҳиссаи андак истодаанд, олиҳимматии ишонро васф карда, чунин мешуморанд, ки онҳо аз ҷумлаи беҳтарину саховатмандтарини мардумон мебошанд. Ин соддадилон пай намебаранд, ки харҷи ин луқмадиҳиҳо як ҳиссаи ночизи он бахшише ҳам нест, ки сарватмандон дар асл бояд бидиҳанд. Ва ин луқма доданҳои онҳо ба чашми ниёзмандон фақат хок мепошанд, чунин вонамуд мекунанд, ки ба Аллоҳ аъмоли эшон аз Парвардигори тамоми олам, ки Парвардигори ҳам сарватмандон ва ҳам бечорагон аст, пинҳон намемонад, онҳо аз ҷазои Аллоҳ ҷои гурез надоранд, зеро чунин суханони Таъоло маҳз ба онҳо дахл дорад:

﴿وَٱلَّذِينَ يَكْنِزُونَ ٱلذَّهَبَ وَٱلْفِضَّةَ وَلَا يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٣٤﴾ يَوْمَ يُحْمَىٰ عَلَيْهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَىٰ بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنُوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ هَٰذَا مَا كَنَزْتُمْ لِأَنفُسِكُمْ فَذُوقُوا مَا كُنتُمْ تَكْنِزُونَ﴾

*﴿...аммо онҳоеро, ки симу зар захира мекунанд ва инро дар роҳи Аллоҳ харҷ намекунанд, аз азоби сахт хабар деҳ. Дар*

***он Рӯз, ки дар оташи ҷаҳаннам*** (симу зарашон) ***гудохта шавад ва пешониву паҳлӯ ва тахтапушташонро бо он доғ мекунанд,*** (ба онҳо гуфта хоҳад шуд)***: "Ана барои худ шумо чӣ захира кардаед, инак таъми он чиро ки андӯхта будед, бичашед!"***

**Тавба, 34-35.**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) саҳобагони худро саховатмандӣ меомӯзонд ва ба ин чиз водор мекард, аз қалби онҳо (ҳисси) сарватпарастиро решакан менамуд, кӯшиш ба харҷ медод, ки инҳо ҳама серу пур зиндагӣ кунанд ва сарвати ба даст овардашуда барои соҳибонаш ба бадбахтӣ, азобу ғазаби Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат табдил меёбад. Дар ин кор Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) барои онҳо намунаи барҷастае ҳисоб меёфт.

Дар хабар аст, ки боре ӯ ба ал-Боқӣ[120] ҳамроҳи Абу Зар равона гардид ва ба ӯ дар роҳ гуфт:

«إنَّ المُكْثِـرِينَ هُمُ المُقِلُّونَ يومَ القِيـامَةِ، إلاَّ مَنْ قـالَ هكذا وهكـذا في حَقٍّ»، ثم عَـرَضَ لهما أُحُـدٌ، فقالَ النبـي ﷺ: «يـا أبا ذر»، فـأجـابـه: لبَّيْـكَ رسولَ الله وسَعْدَيْكَ وأنا فداؤُكَ، قالَ: «ما يَسُرُّني أنَّ أُحُـداً لآلِ مُحَمَّدٍ ذَهَبـاً، فيُمْسي عندَهُمْ دينارٌ، أو قالَ، مِثْقالٌ....»

***"Ҳар оина, дар Рӯзи Қиёмат сарватмандон бенаво хоҳанд буд, магар онҳое, ки моли худро ба таври дуруст саховатмандона харҷ кардаанд"***[121] Чун дар рӯ ба рӯи онҳо кӯҳи Уҳуд падидор омад, пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: ***"Ё Абу Зар!"*** Вай ҷавоб дод: *"Ман дар ҳузури туям, ё расулаллоҳ, ҷонам фидои ту бод!"* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Маро хушбахт намекунад агар дар хонадони Муҳаммад (ба вазни) кӯҳи Уҳуд тилло пайдо мешавад, аммо бегоҳ барои онҳо лоақал диноре боқӣ мемонад!" (*** ё ӯ гуфт: ***"...мисқоле)***[122]***".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони асил новобаста аз он ки чӣ қадар ниёзманд аст ва дороии ӯ чӣ қадар ночиз аст, саховатмандӣ зоҳир мекунад, зеро барои ислом кифоя аст, ки ӯ нисбат ба онҳое, ки аз ӯ ниёзмандтар мебошанд, ҳамдардӣ эҳсос мекунад ва қудрати дарки ғаму дарди дигар шахсро дорад. Ва як қатор оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо камбағалонро водор месозанд, ки лоақал ҳамон як ҳиссаи камеро ба андозаи тавоноии хеш низ харҷ бисозанд, то қалбҳои

онҳо аз ҳисси ҳамдардӣ кардан ба бародаронашон бегона нашаванд. Аллоҳ бошад, ба чунин ашхос ваъда кардааст, ки дороии онҳоро то ба дараҷаи баробар шуданаш ба кӯҳи баланд зиёд мегардонад, аммо агар он дороӣ бо роҳи дуруст ба даст оварда шуда бошад.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«مَنْ تَصَدَّقَ بعَدْلِ تَمْرَةٍ مِنْ كَسْبٍ طَيِّبٍ، ولا يَقْبَلُ اللَّهُ إلَّا الطَّيِّبَ، فإنَّ اللَّهَ يَقْبَلُها بيَمِينِهِ، ثُمَّ يُرَبِّيها لِصاحِبِها كما يُرَبِّي أحدُكُمْ فُلُوَّهُ ، حتى تكونَ مثلَ الجَبَلِ»

***“Барои касе, ки ба андозаи*** (лоақал) ***як дона хурмои аз касби поку ҳалол ба даст овардашуда садақа медиҳад-Аллоҳ ба ҷуз покиву ҳалолӣ чизи дигарро қабул надорад, - Аллоҳ онро ба дасти рости Худ мегирад, баъд мисли он ки нафаре аз шумо тойчаеро ба воя мерасонад, онро зиёда мегардонад барои касе, ки додааст, то вақте ки ба андозаи кӯҳе бузург нашавад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Барои он ки қалбҳо дар худ баста нашаванд ва ҳисси ҳамдардӣ нисбат ба дигарон дар онҳо бегона нагардад, ҳамчунин барои он ки сарчашмаи некӣ ва тараҳҳум дар қалбҳо нахушкад, Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) онҳоро даъват мекард, ки новобаста аз ҳама гуна мушкилот бигузор ҳатто андак харҷ бикунанд ва онҳоро аз коҳилӣ, дамдуздӣ ва хасисӣ огоҳ намуда, нишон медод, ки ин чиз ба нобудӣ ва ҷазо мерасонад. Вай ба онҳо мегуфт:

«اتَّقوا النّارَ ولَوْ بِشِقِّ تَمْرَةٍ»

***“Худро аз оташ лоақал бо ними хурмое наҷот диҳед!”***

**Ал-Бухорӣ**

Аллоҳ мехост, ки мусулмон ба он ҷамъияте, ки дар он зиндагӣ мекунад, манфиату некӣ биоварад, новобаста аз он ки ӯ доро ё бечора аст ба одамон ҳамеша некӣ кунад ва аз ин сабаб дастуроти пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) инсонеро, ки исломро пазируфтааст, илҳом медиҳанд, ки ба қадри тавон ва имконияти худ некӣ бикунад, ин дастурот нишон медиҳанд, ки ҳар як некии ӯ ба садақа баробар аст.

Дар хабар аст, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт:

«على كُلِّ مُسْلِمٍ صَدَقَةٌ، فقالوا: يا نَبِيَّ اللهِ، فَمنْ لَمْ يَجِدْ؟ قالَ: يَعْمَلُ بِيَدِهِ، فَيَنْفعُ نفسَهُ ويَتصَدَّقُ. قالوا: فإنْ لَمْ يَجِدْ؟ قالَ: يُعِينُ ذا الحاجَةِ المَلْهُوفَ. قالوا: فإنْ لَمْ يَجِدْ؟ قالَ: فَلْيَعْمَلْ بالمَعْروفِ، ويُمْسِكْ عَنِ الشَّرِّ، فإنَّ لَهُ صَدَقَةٌ»

***"Ҳар як мусулмон вазифадор аст, ки садақа бидиҳад."*** Одамон пурсиданд, ки: *"Ё Расули Аллоҳ, агар ӯ тавони кардани ин корро надошта бошад чӣ?"* Вай гуфт: ***"Бигузор бо дастони худ чизе пайдо карда, манфиат гирад ва садақа диҳад."*** Одамон пурсиданд: *"Аммо агар ӯ тавони ин чизро надошта бошад чӣ?"* Вай гуфт: ***"Бигузор ба ниёзманде кӯмак кунад, ки ба мусибат афтодааст."*** Одамон пурсиданд: *"Аммо агар ӯ тавони инро низ надошта бошад чӣ?"* Вай гуфт: ***"Он гоҳ бигузор некӣ бикунад ва аз бадӣ кардан худро боздорад, ин чиз ӯро мисли садақа мешавад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, ислом доираи корҳои савобро васеътар мекунад, то ба он ҳар мусулмон дохил шуда тавонад ва камбағали бечора ҳис кунад, ки фақат ба хотири чизе надоштан барои ҷамъият ягон кори манфиатбахш анҷом дода наметавонад. Ислом барои вай дар ҳаёти ҷамъиятӣ дарҳоро во кардааст ва эълон намудааст, ки ҳар кадом кори манфиатноки ӯ барояш садақа мешавад ва барои ин вай ҳамон подошро мегирад, ки одами сарватманд барои ниёзмандон сарф мекунад, чунонки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«كُلُّ مَعْروفٍ صَدَقَةٌ»:

***"Ҳама гуна кори нек садақа мебошад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин ба маъниест, ки ислом барои ширкати тамоми одамон дар бунёди ҷамъияти худ, хидмат расондан ба он ва ин ки чунин ширкат ба ҳамаи аъзои он шодкомӣ ва эҳсоси қаноатмандӣ меорад ва бо ин восита ба инсон эҳтироми худро бозмегардонад, шарафи ӯро ҳифз мекунад, барои ӯ мукофот медиҳад.

Ислом дар амал нисбат ба мусулмонон раҳму шафқат зоҳир менамояд, зеро ин дин онҳоро ба ягон чизи аз иқтидорашон берун вазифадор намекунад, фақат талаб мекунад, ки онҳо барои кори хайр танҳо ҳиссаи зиёдатии моли худро харҷ намоянд, онҳоеро, ки барои худ чизи зарурияшонро бозмедоранд, мазам-

мат намекунад, вай маъқул мешуморад, ки ниёзмандон он чизеро, ки доранд, барои қонеъ гардондани зарурати худ харҷ созанд. Аз нуқтаи назари ислом дасти боло аз дасти поиншуда[123] бартар мебошад, аммо онеро ки меъёри заруриро зиёдтар мегардонад, барои ӯ дар саховатмандӣ имкониятҳо зиёданд. Мусулмони асил дар ягон кори манфиатбахш хасисӣ намекунад, зеро бо шарофати дастуроти динаш ӯро маълум аст, ки харҷ барои кори хайр савоб аст, вале хасисӣ дар ин ҷо бадист. Дар як ҳадис хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«يا بْنَ آدَمَ إنَّكَ إنْ تَبْذُلِ الفَضْلَ خَيْرٌ لَكَ، وإنْ تُمْسِكْهُ شَرٌّ لَكَ، ولا تُلامُ على كَفافٍ، وابْدَأْ بِمَنْ تعولُ، واليدُ العُلْيا خَيْرٌ مِنَ اليَدِ السُّفْلَى»

***"Ё фарзанди Одам, ба дурустӣ, агар ту зиёдтар сарф бикунӣ,[124] барои ту беҳ шавад, агар ту инро бигзорӣ, бароят бад мешавад. Ту барои он чӣ ки туро дар зиндагӣ зарур аст, мазаммат карда намешавӣ, аз оне огоз бикун, ки нигоҳубин мекунӣ,*** (ва дар хотир дор) ***дасти боло аз дасти поиншуда бартар аст."***

**Муслим**

Мусулмони бофаросату боақл агар соҳиби мояи барзиёди мавриди ниёзи худ ва онҳое шуда бошад, ки дар парастории ӯ қарор доранд, вай ҳамеша саховатмандӣ зоҳир менамояд ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки камбағалонро кӯмак расонад, ҳол он ки одамон онро одатан барои рӯзи мабодо захира мекунанд ё барои афзунтар гардонидани дороии худ истифода мебаранд. Вай барои он чунин рафтор менамояд, ки аз таълимоти дини худ огоҳ аст: садақаи дар ин мавридҳо додашуда, ба ҷумлаи беҳтарин намудҳои он мутааллиқ мебошад ва ба он бештар подош дода мешавад, чунонки аз ин хусус дар ҳадисе аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл шудааст. Вай гуфтааст:

«جاءَ رجلٌ إلى رسولِ الله ﷺ، فقالَ: يا رسولَ اللّهِ، أيُّ الصَّدَقَةِ أفضلُ أجراً؟ قالَ: «أنْ تَصدَّقَ وأنْتَ صَحيحٌ شحيحٌ تَخْشَى الفَقْرَ، وتأمُلُ الغِنَى. ولا تُمْهِلْ حتّى إذا بَلَغَتِ الحُلْقومَ قُلْتَ لِفُلانٍ كذا ولِفُلانٍ كذا، وقَدْ كانَ لِفُلانٍ»

*"Боре ба назди Расулаллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *як шахс омада пурсид: "Ё Расулаллоҳ, барои кадом садақа беҳтарин подош дода хоҳад шуд?"* Вай ҷавоб дод, ки: ***"Барои ҳамоне, ки ту тандурусту мумсик буда, аз камбағал шудан тарсида, бо умеди сарватманд шудан ҳастиву медиҳӣ. Ва ба таъхир маандоз то ба лаҳзае, ки ҷони ту бар гулӯят[125] меояду хоҳӣ гуфт: "Онро ин қадар, инро ин қадар!", он вақт ки ин (ҳисса) ба фалон кас тааллуқ дорад.[126]"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмони асилу саховатманд хайру саховати худро зоҳир менамояд ва тӯҳфаҳои худро медиҳад барои онҳое, ки ба кӯмаку дастгирӣ сазовор мебошанд, қабл аз ҳама ба чунин ашхоси бечора кӯмак мерасонад, ки хоксоранд ва бо талабу дархостҳои худ ба одамон часпида, гаранг намекунанд, аммо ин гуна одамони бечораро ба сабаби хоксориашон дорою сарватманд ҳисоб мекунанд.

Мусулмони асил худ ба назди ин гуна одамон рафта, ҳалқа ба дар мезанад ва ба онҳо ҳамин чизро тӯҳфа мекунад, ки талаботи эшонро қонеъ мегардонад ва имкон медиҳад, ки онҳо шаъну эътибори худро гум накунанд. Вай аз он сабаб ин тавр рафтор мекунад, ки чунин ашхоси камбағал бештар сазовори дастгириву тӯҳфаҳо мебошанд ва Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам маҳз онҳоро дар назар дошта, гуфтааст:

«ليسَ المِسْكِينُ الّذي تَرُدُّهُ التَّمْرَةُ والتَّمْرتانِ، ولا اللُّقْمَةُ واللُّقْمَتـانِ، إنَّما المِسْكِينُ الّذي يَتَعَفَّفُ»

***"Камбағал ҳамон шахс нест, ки ба ӯ як ё ду дона хурмо ё пораи дигар*** (таъом) ***дода шудааст, камбағали воқеӣ ҳамон шахс аст, ки аз талабидан худдорӣ мекунад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки дар "Саҳеҳайн" оварда шудааст, пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам мегӯяд:

«ليس المِسْكِينُ الّذي يَطُوفُ علَى النّاس تَرُدُّهُ اللُّقْمَةُ واللُّقْمَتانِ، والتَّمْرَةُ والتَّمْرَتانِ، ولكنَّ المِسْكِينَ الّـذي لا يَجدُ غِنىً يُغْنِيـهِ، ولا يُفْطَنُ بِـهِ فَيُتَصَـدَّقَ عَلَيْهِ، ولا يَقومُ فَيَسْأَلُ النّاسَ»

***"Камбағал он нест, ки ба назди одамон рафта, пораи*** (таъом) ***ё як-ду***

***хурмо мегирад, камбағал ҳамонест, ки чизеро, ки ӯро аз гуруснагӣ наҷот медиҳад, надорад, аммо дигарон инро пай намебаранд ва аз ин сабаб ба ӯ чизе надодаанд, ӯ бошад худ бо талабу дархост ба назди онҳо намеравад."***

Дар баробари ин мусулмони олиҳимматӯ саховатманд кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бахшишҳои худро бо ятимон низ ҳисса бикунад, аммо агар тавонад, ӯро таҳти сарпарастии худ қарор медиҳад, молу маблағи худро барои ӯ харҷ мекунад ва новобаста аз он ки ин ятим бо ӯ хешутабор аст ё на, корҳои ӯро сомон мебахшад. Вай маблағҳои худро бо ин мақсад сарф намуда, ба мукофоти Аллоҳ умед мебандад. Барои ҳомии ятимон дар ислом чунон мақому мартабаи баланд муқаррар гардидааст, ки фақат метавон орзу кард - яъне мақоми ӯ маҳз дар биҳишт, дар паҳлуи Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам).

Аз забони Саҳл ибни Саъд (р), нақл мекунанд, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«أنا وكافِلُ اليَتيمِ في الجَنَّةِ هكَذا» وأشار بالسَّبَّابَةِ والوُسْطى، وفَرَّجَ بينَهما شيئاً

***"Ману сарпарасти ятим дар биҳишт мешавем*** (дар ин маврид)[1 27]" - , вай ин тавр гуфта, ангушти ишоратӣ ва вустои худро каме ба ду тараф дур карду ишора намуд.

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин мусулмони худотарси накӯкору сахӣ ба дастуроти дини ҳақи худ риоя намуда, барои сазовор шудан ба лутфу марҳамати Парвардигори худ ба беваю бечорагон кӯмак мекунад, вай кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамон мукофоти саховатмандонаи Аллоҳи Таъолоро соҳиб шавад, ки барои кӯмаккунандагони беваю бечорагон Аллоҳ тайёр намудааст, зеро ин мукофот он қадар бузург мебошад, ки аз мукофоти рӯзадорони шабҳоро бо ибодат рӯз карда, ё дар роҳи Аллоҳ мубориза бурдагон зиёдтар аст. Аз ин хусус расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) хабар дода мегӯяд:

«السَّاعِي على الأَرْمَلَةِ والمِسْكِينِ كالمجاهِدِ في سَبِيلِ اللهِ» وأَحْسَبُهُ قالَ: «وكالْقائِمِ لا يَفْتُرُ، وكالصَّائِمِ لا يُفْطِرُ»

***“Барои беваю бечорагон*** (шахси) ***ғамхорӣ зоҳир намуда, ба оне монанд аст, ки дар роҳи Аллоҳ ҷангидааст”.*** Ровии ин ҳадис мегӯяд: *“Ман фикр мекунам, ки ӯ гуфт:* ***“... ҳамчунин ба шахси шабҳоро бо ибодат гузаронида, ки заиф намешавад ва рӯзадор, ки пайваста рӯза медорад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Чунин аст расми тақводорӣ, ки мусулмон маблағу моли худро ба умеди фуруд овардани раҳмати Парвардигори худ ва соҳиб шудан ба мукофоти Ӯ сарф мекунаду саховатмандӣ зоҳир менамояд. Чунин аст кори ҳақ, ки он назар ба зиёфатҳое, ки барои сарватмандон ва одамони мансабдор доир карда мешаванду фақат ба хотири шӯҳрат, обрӯ ё ба даст овардани манфиатҳои муваққатӣ маблағҳои калонро тақозо менамоянд, бандаро ба Худои худаш наздик месозад. Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам чунин зиёфатҳоро маҳкум кардааст, зеро онҳо ба хотири хушнудии Аллоҳи Таъоло доир нагарданд. Пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфтааст:

«بِئْسَ الطَّعَامُ طعامُ الوليمَةِ، يُدْعَى إلَيْها الأغْنياءُ ويُتْرَكُ الفُقَراءُ»

***“Таъоми бад хӯроки ҳамон зиёфатест, ки дар он дороён даъват мешаванду камбағалон сарфи назар.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки ғамхорӣ нисбат ба беваю бечорагон ва сарпарастии ятим ба инсон на фақат имтиёзи гирифтани подоши бузургеро тақозо медиҳад, инчунин қалби ӯро пок месозад, инсонӣ мекунад, дилашро бошад, нармтар карда, имкон медиҳад, ки ба шарофати накӯкорӣ лаззати бахшиданро бичашад, аз ҳисси ҳамдардӣ ҳаловат бубарад ва хушбахтӣ эҳсос намояд. Маҳз аз ин сабаб Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам дилҳои сахтгаштаро ба накӯкорӣ одат кунонидааст, то онҳо нарм гарданд ва ба онҳо ҳисси ҳамдардӣ, саховат ва меҳрубонӣ дохил шавад. Аз забони Абу Ҳурайра (р), нақл мекунанд, ки вақте як шахс ба Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам аз сахтии қалби худ шикоят бурд, ӯ гуфт:

«اِمْسَحْ رَأْسَ اليَتِيمِ ، وأَطْعِمِ المِسْكِينَ»

***“Сари ятимеро сила кун ва бечораеро таъом деҳ.”***

**Аҳмад**

## Вай онеро, ки инъом додааст, таъна намезанад

Агар Аллоҳ мусулмони худотарсу бофаросатро ҳидоят менамояд, то ӯ инъомҳои худро биёвараду дар роҳи Аллоҳ сарф кунад, он гоҳ вай чизи бахшидаашро миннат намекунад, аз ҷумлаи онҳое бошад, ки Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿ الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ثُمَّ لَا يُتْبِعُونَ مَا أَنفَقُوا مَنًّا وَلَا أَذًى لَّهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴾

***﴿ Музди онҳое, ки сарвати худро дар роҳи Аллоҳ харҷ мекунанд ва бо он чӣ харҷ намуданд миннат ва озоре зам намекунанд, аҷри онҳо дар назди Парвардигорашон маҳфуз аст. Онҳоро ҷои ҳарос нест ва на андӯҳгин бошанд. ﴾***

**"Бақара", 262.**

Аз ӯ пӯшида нест, ки миннату озор некиро бефоида ва подошеро, ки барои садақа муқаррар шудааст, нобуд мекунанд. Зиёда аз ин мурочиати Аллоҳи Азза ва Ҷалла ба мӯъминон аз хусуси мамнӯъ будани миннат кардан ва эҳтиёт шудан аз ин чиз, ки инъомро нобуд месозад ва корҳои савобро барбод медиҳад, дар гӯши мусулмон садо медиҳад, вуҷуди ӯро ба ларза меоварад ва ӯро водор месозад, ки ҳатто фикри миннат кардану озор расониданро аз сар дур созад, зеро Аллоҳи Таъоло гуфтааст: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تُبْطِلُوا صَدَقَاتِكُم بِالْمَنِّ وَالْأَذَىٰ ﴾

***﴿ Эй касоне, ки имон овардаед! Инъомҳои худро бо миннат гузоридану озор расонидан барбод надиҳед... ﴾***

**"Бақара", 264.**

Таъна бар шахсе, ки ӯро зарурат водор сохтааст, то аз дигарон чизе бигирад, номуси ӯро таҳқир мекунад, шаъни ӯро паст мезанад ва нисбат ба ӯ беҳурматӣ зоҳир намудан ҳисоб меёбад. Аммо ин ҳамаро шариат, ки ҳам хайркунанда ва ҳам хайргирандаро бародарон меҳисобад, манъ кардааст. Фарқи ягонаи миёни онҳо дар дараҷаи тақво ва миқдори корҳои савоби кардаи эшон аст, аммо бародар бародарро набояд таъна кунад, озор диҳад, шаъни ӯро паст занад. Аз ин сабаб Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба миннатгузорон бо таҳдиди сахт мурочиат намудааст. Аз ин

хусус дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки Муслим аз суханони Абузар (р) нақл намудааст. Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) миннаткунандагонро ба ҷумлаи сиёҳбахтоне мансуб медонад, ки бо онҳо Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат ҳарф намегӯяд, нигоҳ намекунад, онҳоро пок намесозад ва барои онҳо азоби сахт омода шудааст.

Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

ثلاثَةٌ لا يُكَلِّمُهُمُ اللَّهُ يَوْمَ القِيامَةِ، ولا يَنْظُرُ إِلَيْهِمْ، ولا يُزَكِّيهِمْ، ولَهُمْ عَذابٌ أَلِيمٌ، قَرَأَها رسولُ اللَّهِ ﷺ ثلاثَ مَرّاتٍ، قال أبو ذَرٍّ: خَابُوا وخَسِرُوا، مَنْ هُمْ يا رسولَ اللَّهِ؟ قالَ: «المُسْبِلُ، والمَنّانُ، والمُنْفِقُ سِلْعَتَهُ بالحَلِفِ الكاذِبِ»

***"Аллоҳ дар Рӯзи Қиёмат бо се нафар сухан намегӯяд, ба онҳо нигоҳ намекунад, онҳоро пок намесозад,[128] барои онҳо азоби сахт тайёр карда шудааст!"***- ва инро се маротиба такрор кард. Абу Зар ин суханонро шунида, хитоб кард, ки: *"Инҳо бадбахтанд ва зарар мебинанд, аммо кистанд онҳо, ё Расулаллоҳ?"* Вай гуфт: ***"Поинкунанда,[129] миннатгузоранда ва онҳое, ки тавассути қасами бардурӯғ моли худро ба савдо мезананд".***

## Вай меҳмоннавоз аст

Худ аз худ маълум аст, ки мусулмони асили қалбаш аз ғояҳои саховатмандӣ лабрез гардида, меҳмоннавоз низ ҳаст, меҳмонро бо чеҳраи кушода пешвоз гирифта, барои гиромӣ доштану эҳтиром кардани ӯ мекӯшад. Вай маҳз аз таъсири як хислати исломии бо қалбаш хос буда рафтор мекунад, ки аз имон доштан ба Аллоҳ ва Рӯзи Қиёмат иборат мебошад, зеро Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфтааст:

«مَنْ كانَ يُؤْمِنُ بِاللَّهِ واليَوْمِ الآخِرِ فَلْيُكْرِمْ ضَيْفَهُ»

***"Бигузор касе, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи Қиёмат имон овардааст, меҳмони худро гиромӣ дорад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, меҳмони худро гиромӣ дошта, инсон ба исбот мерасонад, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи Қиёмат имон дорад. Маҳз аз ин сабаб дар чунин ҳолатҳо гиромӣ доштани меҳмон барои миз-

бон ифодаи шукргузорӣ мебошад, яъне меҳмон ба мизбон имконият дод, ки амали неке содир карда, бо ҳамин имон доштани худро ба исбот расонад ва кореро анҷом диҳад, ки Аллоҳро писандида аст.

Дар хабар аст, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«مَنْ كان يُؤمِنُ باللهِ واليَوْمِ الآخِرِ فَلْيُكْرِمْ ضَيْفَهُ جائِزَتَهُ»، قالوا: وما جائِزَتُهُ يا رسولَ اللهِ؟ قالَ: «يَوْمُهُ ولَيْلَتُهُ، والضِيافَةُ ثَلاثَةُ أيّامٍ، فما كانَ وراءَ ذلكَ فَهُوَ صَدَقَةٌ»

***“Бигузор оне, ки ба Аллоҳ ва Рӯзи Қиёмат имон дорад, ба сифати мукофот барои ӯ меҳмони худро гиромӣ дорад”.*** Одамон пурсиданд, ки: *“Ё Расулаллоҳ, мукофоти ӯ чӣ гуна аст?”* Вай гуфт: ***“Шаб ва рӯз бояд муддати се рӯз меҳмондорӣ бикунӣ, аммо ҳар чизе, ки зиёда аз ин аст, аллакай садақа мешавад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳақиқат гиромӣ доштани меҳмон кори писандидаи мусулмони асил ҳисоб меёбад, вай барои ҳамин чиз мукофот мегирад. Ислом одоби меҳмондориро ба низом даровардааст ва барои ин кор ҳадду ҳудуди муайян муқаррар намудааст. Масалан, меҳмон шаб ва рӯз мукофот ҳисоб меёбад, баъд меҳмондории ҳатмӣ оғоз мешавад, ки мӯҳлаташ то ба се рӯз аст ва ҳар чизе, ки аз ин муддат зиёдтар аст, ҳамчун садақа ба эътибор гирифта шуда, дар китоби аъмоли неки инсони некукирдору меҳмоннавоз навишта мешавад.

Дар ислом гиромӣ доштани меҳмон кори ихтиёрӣ ё аз кайфияти рӯҳию нуқтаи назари шахсӣ вобаста нест. Ин вазифаи мусулмон мебошад, агар банохост бар дари хонаи ӯ ҳалқа зананд ё дар саҳни ҳавлияш меҳмоне пайдо шавад, вай бояд барои иҷрои вазифаи худ чунон ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) фарҳмудааст, шитоб кунад:

«لَيْلَةُ الضَّيْفِ حَقٌّ واجِبٌ على كُلِّ مُسْلِمٍ، فَمَنْ أَصْبَحَ بِفِنائِهِ فَهُوَ دَيْنٌ عَلَيْهِ فإنْ شاءَ اقْتَضاهُ، وإنْ شاءَ تَرَكَهُ»

***“Пазируфтани меҳмон вазифаи бечуну чарои ҳар кадом мусулмон***

***мебошад, аммо касе, ки дар остонаи хонаи ӯ пагоҳӣ ҳозир шудааст, барои мизбон мисли қарз аст ва агар меҳмон бихоҳад ҳақ дорад, ки пардохтани ин қарзро талаб намояд, ва агар не, ӯ метавонад аз ин чиз даст бикашад."***

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адаб-л-муфрад"**

Аммо онҳое, ки дар худ қудрати қабули меҳмонро пайдо намекунанд ва дарро ба рӯи онҳо мепӯшанд, хайре нест. Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт: «لا خَيْرَ فِيمَنْ لا يُضِيفُ»

***"Барои касе, ки меҳмонро пазироӣ намекунад, хайр нест."***

**Муслим**

Ҳамин тавр ислом меҳмоннавозиро вазифаи ҳар як мусулмон эълон карда, онро ба ҷумлаи ҳуқуқҳои бечунучарои меҳмон дохил намудааст, мусулмонро ҳазар кардан аз он мутлақо мумкин нест. Вале дар ҳолати ба қалби одамон басо амиқ реша давониданаи мумсикӣ, ки дар натиҷа онҳо ба он чӣ ки меҳмон ба он ҳақ дорад, розӣ намешаванд, ислом иҷозат додааст, ки меҳмон аз ин гуна одамон он чиро ки ӯро бояд раво дида мешуд, бигирад. Ба ин чиз хабари Уқба ибни Амир, (р), ишора мекунад, ки гуфтааст: *"Боре ман гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, ба дурустӣ, ки ту моро мефиристӣ[130], мо дар (хонаҳои) одамон қарор мегирем, аммо онҳо нисбат ба мо ягон хел меҳмоннавозӣ зоҳир намекунанд, пас ту дар ин хусус чӣ мефармоӣ?" Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:*

«إِنْ نَـزَلْتُمْ بِقَوْمٍ فَـأُمِرَ لَكُمْ بِمـا يَنْبَغِي لِلضَّيْفِ فـاقْبَلوا، فـإِنْ لَمْ فَخُذوا مِنْهُمْ حَقَّ الضَّيْفِ الَّذِي يَنْبَغِي لَهُمْ»

***"Агар шумо дар хонаи кадоме қарор мегиред, он чиро, ки меҳмонро дода шавад,[131] бигиред, аммо агар онҳо[132] чунин накунанд, он гоҳ худ аз онҳо бигиред он чизеро, ки ба меҳмон тибқи ҳуқуқҳояш чӣ чиз бояд дода шавад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Меҳмоннавозӣ қисми ҷудонашавандаи хислатҳои мусулмон мебошад ва аз ин сабаб ту мусулмони хуберо вонамехӯрӣ, ки нисбат бо меҳмонаш новобаста аз ҳолати моддии худ мумсикӣ зоҳир намояд. Ин чунин маъно дорад, ки ислом ба ӯ чунин таъ-

лим додааст: таъоме, ки барои ду кас тайёр карда шудааст, барои се нафар низ кифоя аст, аммо таъоме, ки барои се нафар тайёр карда шудааст, барои чор нафар мерасад ва аз ин рӯ аз ногаҳон омадани меҳмон ҳаргиз набояд тарсид.

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра (р), гуфтааст: *Расули Аллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

«طَعامُ الاثْنَيْنِ، كافي الثَّلاثَةِ، وطَعامُ الثَّلاثَةِ كافي الأَرْبَعَةِ»

***“Таъоми ду нафар се нафарро низ мерасад ва таъоми се нафар чор нафарро мерасад.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Нақл мекунанд, ки Ҷобир (р), гуфтааст:

*“Ман шунидам, ки Расулаллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

«طعـامُ الـواحـد يَكْفي الاثْنين، وطَعـامُ الاثْنَيْن يَكْفي الأَرْبَعَـةَ، وطَعـامُ الأَرْبَعَةِ يَكْفي الثَّمانِيَةَ»

***“Таъоми як нафар ду нафарро кифоя аст, таъоми ду нафар барои чор нафар мерасад, аммо таъоми чор нафар ҳашт нафарро кифоя мебошад.”***

**Муслим**

Мусулмони асил аз он, ки дар атрофи миз одами зиёд гирд хоҳад омад, наметарсад. Ин чиз ғарбиро хос аст. Онҳо меҳмони ногаҳон омадаро, ки барои ӯ таъом пешакӣ тайёр карда нашудааст, намепазиранд. Мусулмон, баръакс, ҳамеша меҳмони ногаҳониро қабул ва бо хурсандӣ таъоми худро бо ӯ ҳисса мекунад. Вай заррае эътибор намедиҳад, ки ба ӯ чанд лукма камтар хоҳад расид, зеро гуруснагиро нисбат ба рӯ тофтан аз меҳмон, ки вай вазифадор аст ӯро мувофиқи иродаи Аллоҳ ва расули Ӯ гиромӣ дорад, авлотар медонад. Ба ғайр аз ин Аллоҳ ҳатман таъоми як нафарро баракат медиҳад ва дар натиҷа он таъом барои ду нафар низ кифоят мекунад, таъоми ду нафарро бошад, Вай он қадар баракат медиҳад, ки барои чор нафар мерасад ва ғайраҳо.

Ниёгони тақводори мо намунаи олии меҳмондориро нишон медоданд. Аз он ки баъзе меҳмонро чӣ тавр пазируфта бу-

данд,[133] ҳатто Аллоҳи Азза ва Ҷалла таaҷҷуб намуда буд. Дар ин хусус дар ҳадисе, ки ал-Бухорӣ ва Муслим аз суханони Абу Ҳурайра (р), нақл кардаанд, гуфта шудааст.

Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки боре, вақте ки ба назди пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) шахсе омад, ӯ кадомеро ба назди занони худ[134] фиристод. Аммо ҳамаи онҳо гуфтанд, ки *"Мо ба ҷуз об чизе надорем."* Он гоҳ Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) пурсид: ***"Кӣ ӯро пазирой мекунад?"*** (Ё ***"Кӣ ӯро меҳмондорӣ мекунад?"***) Яке аз ансориён гуфт: *"Ман!"*-, пас аз ин ӯ меҳмонро бо хонааш бурд ва ба занаш гуфт: *"Меҳмони Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам)-ро таъом бидеҳ."* Занаш гуфт: *"Мо ба ғайр аз таъоми кӯдакон чизи дигар надорем."* Вай гуфт: *"Таъомро тайёр бикун, чароғро омода бисоз ва кӯдаконро, агар онҳо таъом хӯрдан бихоҳанд, бихобон."* Ва занаш таъом тайёр кард, чароғро омода сохт, кӯдаконро хобонид, аммо баъд бархест, гӯё барои дуруст кардани чароғ ва онро хомӯш намуд. Пас вай бо шавҳараш худро чунон вонамуданд, ки нон мехӯранд ва баъд гурусна хоб карданд. Субҳидам ин ансорӣ ба назди Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) омад ва ӯ гуфт:

«لَقَدْ عَجِبَ اللَّهُ مِنْ صَنِيعِكُمَا بِضَيْفِكُمَا اللَّيْلَةَ، وأَنْزَلَ اللَّهُ تعالَى: ﴿وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ﴾

***﴿Аллоҳ аз он ки шумо имшаб бо меҳмонатон чӣ гуна рафтор кардед, тааҷҷуб намуд!"***-, пас Аллоҳи Таъоло ин оятро нозил кард: "*.. **ва дигаронро нисбат ба худ бартар медонанд, агарчи худ ниёзмандӣ эҳсос мекунанд. Растагоранд онҳое, ки аз мумсикии хеш дар амон бошанд!﴿***

**"Ҳашр",9.**

Аз дигар тараф мусулмони асил рамузфаҳму зирак мебошад, агар вай худ меҳмони бародараш бошад, ба вазъияти ӯ баҳо дода, дар хонаи ӯ дурудароз намеистад, ба худ меандешад, ки барои ӯ метавонад чунин мушкилӣ пеш оварад, ӯро он қадар нороҳат созад, ки дар аламу афсӯс бозмонад. Яъне мусулмони асил нисбат ба дастуроти расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) басо ҷиддӣ муносибат мекунад. Пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) барои мусулмонон малолу заҳмат додани одамро ба тарзи нафратовар манъ кардааст, ин чиз

бо рӯҳи ислом мувофиқ нест. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки Муслим овардааст. Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки боре пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«لا يَحِلُّ لِمُسْلِمٍ ، أَنْ يُقِيمَ عِنْدَ أخيهِ حَتّى يُؤْثِمَهُ ، قالوا: يا رسولَ اللهِ، وكَيْفَ يُؤْثِمُهُ؟ قالَ: «يُقيمُ عندَهُ ولا شَيْءَ لَهُ يَقْرِيهِ بِهِ»

***"Мусулмонро иҷозат дода намешавад, то дар хонаи бародари худ он қадар зиёд биистад, ки ӯро дар гуноҳ мононад."*** Одамон пурсиданд: *"Ё Расулаллоҳ, чӣ тавр вай метавонад, ки ӯро дар гуноҳ мононад?"* Вай ҷавоб дод,ки: ***"Агар ӯ дар хонаи ӯ боз ҳам бозмонад, нововбаста аз он ки мизбонро дигар чизе нест то ӯро зиёфат диҳад."***

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки ал-Бухорӣ овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:

«ولا يَحِلُّ لَهُ أنْ يَثْوِيَ عندَهُ حَتّى يُخْرِجَهُ»

***"Ӯро иҷозат дода намешавад, ки дар хонаи вай он қадар дурудароз биистад, то вайро дар ҳолати ногувор қарор бидиҳад."***

Ин гуноҳ чӣ қадар ки хурд ва ин мушкилӣ чӣ қадар ки ночиз набошад, мусулмони асил худдорӣ мекунад, то бародари меҳмоннавози худро ба ин дараҷа наоварад.

Мусулмоне, ки дар меҳмонии касе ҳаст, ахлоқи накӯ зоҳир менамояд, зеро ислом ӯро одоби меҳмонӣ омӯзондааст ва ӯ ин ҳамаро бо тамоми ҷузъиёташ риоя мекунад, мекӯшад одамонеро, ки ӯро қабул кардаанд, ҳеҷ гуна ташвиш надиҳад, тамоми дархосту эроди эшонро ба эътибор мегирад.

## Вай дигаронро дар баробари худ бартарӣ медиҳад

Мусалмони асили қалбаш аз оби ҷонбахши чашмаи ислом нӯшида, дигаронро дар баробари худ имтиёз медиҳаду афзал мешуморад, агарчи он шахс бечораесту ниёз дорад. Вай аз он сабаб чунин рафтор мекунад, ки ислом аз оғоз мусулмононро тарбият додааст, то қабл аз ҳама дар бораи дигарон бианде-

шанд ва дар ниҳояти кор ин чиз як хислати ҷудонопазири мусулмони асил шуда, ӯро дар миёни дигар мардумон маълум мегардонад.

Пас аз Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) намунаи чунин афзалият доданро ансориён (р) нишон доданд. Баъд аз ин ба дигарон афзалият додани онҳоро, ки амсолаш вуҷуд надошту ситораи раҳнамое барои ҳамаи наслҳои минбаъда шуд ва ба онҳо нишон дод, ки олиҳимматии ҳақиқию бар дигарон афзалият додан чӣ гуна бояд бошад, оятҳои Қуръон нозил шуда, васф карданд. Онҳо бародаронашонро аз ҷумлаи муҳоҷирон, ки чизе надоштанд, пазируфта, ба ҳама чиз таъмин намуданд.

Аллоҳи Таъоло гуфт:

﴿وَالَّذِينَ تَبَوَّءُو الدَّارَ وَالْإِيمَانَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ﴾

﴿***Ва касоне, ки то омадани онҳо* (дар Мадина) *соҳиби хонаҳо буданд ва имон оварданд, муҳоҷиронро дӯст медоранд ва аз он чӣ ки онҳоро дода мешавад, ҳеҷ гуна эҳсоси ҳасад намекунанд ва ба онҳо нисбат ба худ бартарӣ медиҳанд, агарчӣ худ ниёзманданд. Растагоронанд онҳое, ки аз мумсикии хеш дар онон бошанд!***﴾

**"Ҳашр", 9.**

Аммо он чӣ ки ба зиндагии пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) мутааллиқ аст: ҳаёти ӯ худ як намунаи пайваста бартарӣ додан дигаронро дар баробари худ буд. Ин чиз имконият дод, ки ин сифат бар қалбҳои насли аввали мусулмонон реша бигираду онро ба як сифати ҷудонопазир ва одати ҳамешагии онҳо табдил диҳад.

Аз забони Саҳл ибни Саъуд (р) нақл мекунанд, ки боре як зан барои Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) хилъате оварду гуфт: *"Ин хилъатро ман худ бофтам, то ба ту тӯҳфа кунам."* Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ин тӯҳфаро қабул кард, зеро ба хилъат эҳтиёҷ дошт ва баъд худро дар он чун ба эзор печида назди одамон баромад. Шахсе гуфт: *"Чӣ қадар зебост! Онро ба ман ҳадя бикун!"* Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***"Бале!"*** -, бо одамон сӯҳбат кард ва баргашта, он хилъатро печонанду ба он шахс фиристод. Одамон ба ӯ гуфтанд: *"Ту кори хуб накардӣ! Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) онро ба бар кард, зеро ба он*

*эҳтиёҷ дошт, ту бошӣ дидаву дониста ба ӯ бо чунин хоҳиш мурочиат намудӣ, ки ӯ ба хоҳишкунанда не гуфта натавонист!"* Вай дар ҷавоб ба онҳо гуфт: *"Ба Аллоҳ қасам, ки ман аз ӯ на барои он хоҳиш мекардам, ки ба бар кунам, балки барои он ки баъдтар ин чиз барои амал кафан бошад!"*

Саҳл гуфт:

***"Ва он дар ҳақиқат барои ӯ кафан шуд".***

**Ал-Бухорӣ**

Дар қалби пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) чӣ қадар меҳрубонӣ буд, ҳунари афзалият додан, ки ӯ мусулмононро меомӯзонд, то ба ҳанӯз натиҷаҳои худро дар зиндагии онон мебахшад ва бар ин чиз онҳоро қаҳтӣ ё эҳтиёҷ водор месохт. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) моҳияти инро чунин ифода мекард:

«إنَّ الأشعَرِيِّينَ إذا أرْمَلُوا في الْغَزْوِ أو قَلَّ طَعامُ عِيالِهِمْ بالمَدِينَةِ جَمَعوا ما كانَ عندَهمْ في ثَوْبٍ واحِدٍ، ثُمَّ اقْتَسَموهُ بينَهمْ في إناءٍ واحِدٍ بالسَّوِيَّةِ، فهُمْ مِنِّي وأنا مِنْهُمْ»

***"Вақте ки ашъариёнро ҳангоми юришҳо мушкилие пеш меомад ё дар шаҳр барои фарзандонашон хӯрок кифоя намекард, онҳо ҳама чизе ки дар худ доштанд, ба як матоъ меафкананд ва баъд чизи ғуншударо тавассути як зарф миёни якдигар баробар тақсим мекарданд. Онҳо ҳамон хел ҳастанд, ки ман ҳастам, ман ҳамон хел ҳастам, ки онҳо."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Вай онҳоеро ки мушкиле доранд, тасалло медиҳад

Мусулмони асил олиҳиммат мебошад, бо одамон хуб муносибат мекунад, хислати писандида дорад ва ҳамеша мекӯшад, ки одамони дар мушкилӣ дармондаро тибқи суханони Аллоҳи Таъоло амал карда, тасалло диҳад: ﴿وَإِن كَانَ ذُو عُسْرَةٍ فَنَظِرَةٌ إِلَىٰ مَيْسَرَةٍ﴾

***﴿Ва агар ӯ дар вазъияти мушкил қарор дошта бошад, мӯҳлат диҳед, то аҳволаш беҳтар гардад.﴾***

**"Бақара", 280.**

Ин дастур чунин маъно дорад, ки мақсади ислом аз он иборат мебошад, ки мусулмон қабл аз ҳама ҳамчун инсони ҳақиқӣ

рафтор мекунад ва баъд риояи ҳуқуқҳои худро тақозо менамояд. Табиист, ки чун бародари аз ӯ қарздоршудаи худро дар вазъияти вазнин мебинад, ӯро лозим аст, ки худро дар ҳолати ӯ тасаввур намояд ё ба ӯ мӯҳлат диҳад ё як ҳиссаи қарзро бубахшояд. Ва агар ӯ чунин рафтор кунад, он гоҳ иродаи Парвардигори худро ба иҷро мерасонад ва кори савоб мекунад ва тавассути ин аз ғашу озори Рӯзи Қиёмат раҳоӣ ёфта, дар сояи Арши Аъло, ки дар он Рӯз сояи дигаре нахоҳад буд, қарор мегирад.

Дар хабар аст, ки Абу Қатода (р), гуфт:

سمعتُ رسولَ الله ﷺ يقولُ: «مَنْ سَرَّهُ أنْ يُنَجِّيَهُ اللَّهُ مِنْ كُرَبِ يَوْمِ القِيَامَةِ، فَلْيُنَفِّسْ عَنْ مُعْسِرٍ أوْ يَضَعْ عَنْهُ»

*"Ман шунидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Бигузор оне, ки хоҳад хурсанд шавад, то Аллоҳ ӯро аз андӯҳи Рӯзи Қиёмат наҷот диҳад, шахси ба вазъияти мушкил афтодаро тасалло диҳад ё як ҳиссаи қарзи ӯро бубахшад".***

**Муслим**

Нақл мекунанд, ки Абу Ҳурайра (р), гуфт:

«مَنْ أَنْظَرَ مُعْسِراً، أوْ وَضَعَ لَهُ، أظَلَّهُ اللَّهُ يومَ القِيَامَةِ تَحْتَ ظِلِّ عَرْشِهِ يَوْمَ لا ظِلَّ إلاَّ ظِلُّهُ»

"Расулаллоҳ ҳ гуфт: ***"Касе, ки барои шахси дар вазъияти мушкил афтода мӯҳлате медиҳад ё як ҳиссаи қарзи ӯро мебахшад, дар Рӯзи Қиёмат Аллоҳ дар сояи Арши Худ, ки ба ҷуз ин соя сояи дигар нахоҳад буд, паноҳ медиҳад."***[135]

**Ат-Тирмизӣ**

Ба ин мавзӯъ бисёр оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо бахшида шуда, тасдиқ менамоянд, ки дар назди Аллоҳ шафқати қарздиҳанда бар қарздор барабас нарафта, дар китоби аъмоли ӯ сабт мешавад ва Аллоҳи Раҳмону Раҳим ҷавоби ин амали ӯро баргардонида, бар ӯ чизе хоҳад дод, ки аз он чи ки вай барои бародараш карда буд, зиёдтар аст ва хатоҳои ӯро ислоҳ карда, гуноҳҳояшро омурзида, аз даҳшати Рӯзе, ки дар он Рӯз одамон дар баробари Парвардигори оламҳо қарор мегиранд, наҷот медиҳад.

Аз забони Абу Ҳурайра (р), нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

**«كان رجلٌ يُداينُ النّاسَ، وكان يقولُ لِفَتاهُ: إذا أتيتَ مُعْسِراً فتجاوَزْ عَنْهُ، لَعَلَّ اللّهَ أنْ يَتجاوَزَ عَنّا، فَلَقِيَ اللّهَ فتجاوَزَ عنهُ»**

***"Замоне як шахс умр ба сар мебурд, ки ба одамон пул қарз медод ва ба хидматгори худ ҳамеша мегуфт: "Агар ба назди шахсе меравӣ, ки дар вазъияти вазнин қарор дорад, бо умеде, ки Аллоҳ бар мо низ гузашт хоҳад кард, бар ӯ гузашт кун!"-, ва чун ин шахс бо Аллоҳ воҳӯрд, Аллоҳ дар ҳақиқат ӯро биёмурзид.»***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аз забони Абу Масъуд ал-Бадр (р), нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

**«حُوسِبَ رجلٌ مِمَّنْ كانَ قبلَكمْ، فلَمْ يُوجَدْ لَهُ مِنَ الخَيْرِ شَيْءٌ إلاّ أنّهُ كانَ يُخَالِطُ النّاسَ، وكانَ مُوسِراً، وكانَ يَأْمُرُ غِلْمَانَهُ أنْ يَتجاوَزوا عَنِ المُعْسِرِ. قالَ اللّهُ عَزَّ وجَلَّ: «نحنُ أَحَقُّ بذلكَ مِنْهُ، تَجاوَزُوا عَنْهُ»**

***"Вақте ки яке аз шахсоне, ки то замони шумо умр ба сар бурда буд, барои суолу ҷавоб[136] қарор бигрифт ва ӯ ягон кори накӯ накарда буд, магар ин ки шахси сарватманде буду бо савдо шуғл меварзид ва ба одамон пул қарз медод, аммо ба хидматгорони худ мефармуд, ки бар онҳое, ки азият мекашанд, гузашт бикунанд. Ва Аллоҳи Азза ва Ҷалла гуфт:*** **"Мо аз ӯ сазовортар ҳастем, пас ӯро биёмурзед!"**

**Муслим**

Дар хабар аст, ки Ҳузайф (р), гуфт:

**أَتَى اللّهُ تَعالَى بِعَبْدٍ من عِبادِهِ آتاهُ اللّهُ مالاً، فقالَ لَهُ: ماذا عَمِلْتَ في الدُّنيا؟ قالَ: ــ ولا يكْتُمونَ اللّهَ حَدِيثاً ــ قالَ: يا ربِّ آتَيْتَنِي مالَكَ، فكنتُ أُبايِعُ النّاسَ، وكانَ مِنْ خُلُقِي الجَوازُ، فكنتُ أَتَيَسَّرُ على المُوسِرِ، وأُنْظِرُ المُعْسِرَ، فقالَ اللّهُ تَعالى: «أنا أَحَقُّ بِذا مِنْكَ، تَجاوَزوا عَنْ عَبْدي»، فقالَ عُقْبَةُ بنُ عامِرٍ، وأبو مَسْعود الأنصاريُّ رضيَ اللّهُ عَنْهما: «هكذا سَمِعْناه مِنْ في رَسُولِ الله ﷺ»**

*"Ба назди Аллоҳ яке аз бандагонашро оварданд, ки Аллоҳ ӯро сарват дода буд ва Ӯ, агарчи одамон наметавонанд аз Аллоҳ ягон калимаро пинҳон дорад, пурсид:* **"Ту дар ин дунё чӣ кор кардӣ?"** Вай гуфт: *"Ё*

*Парвардигори ман, Ту маро сарват додӣ ва ман бо одамон муомила мекардам. Маро хислати гузашт кардан бар онҳо хос буд, аз ин сабаб ман кӯшиш ба харҷ медодам, ки сарватмандонро гузашт бикунам ва бар онҳое, ки дар вазъияти вазнин қарор доранд, мӯҳлате бидиҳам." Аллоҳи Таъоло гуфт:* ***"Ман инро зиёдтар сазовартарам назар ба ту, аз ин сабаб бандаи Маро биёмурзед!"***

Уқба ибни Амир ва Абу Масъуд ал-Ансор (р), гуфтаанд: *"Мо инро аз худи Расули Аллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *шунидаем."*

**Муслим**

## Вай хоксор аст ва аз талабидан худдорӣ мекунад

Дар баробари ин мусулмони асил хоксор аст, вай кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо он чӣ ки дар худ дорад, қаноат кунад ва барои талабидан наравад, аммо агар бо мушкилот сар ба сар шавад, сабру қарорро пеша мекунад ва қудрати худро дучанд намуда, кӯшиш мекунад, ки дар ҳолати шахси талабанда қарор нагирад ва ба накӯкорон тавалло накунад. Ин чунин маъно дорад, ки бисёр дастуроти дини ислом барои он равона гардидаанд, ки мусулмон худро дар ин гуна вазъият қарор медиҳад ва ин дастурот ӯро водор месозанд, ки хоксорӣ зоҳир намояд, бо он чӣ ки дорад, қаноат кунад ва ишора менамоянд, ки Аллоҳ ҳатман ӯро кӯмак мекунад, сарват, нерӯи сабру тоқат карда тавонистан мебахшад.

Масалан, дар хабар аст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфтааст:

«مَنْ يَسْتَعْفِفْ يُعِفَّهُ اللَّهُ، وَمَنْ يَسْتَغْنِ يُغْنِهِ اللَّهُ، وَمَنْ يَتَصَبَّرْ يُصَبِّرْهُ اللَّهُ، وما أُعْطِيَ أَحَدٌ عطاءً هُوَ خَيْرٌ وأَوسَعُ مِنَ الصَّبْرِ»

***"Аллоҳ касонеро, ки барои худдорӣ намудан талош меварзанд, сабур мекунад, касонеро, ки (бо он чӣ доранд) қаноат мекунанд, Аллоҳ наҷот медиҳад*** (аз тавалло кардан ба дигарон)***, аммо касонеро, ки тоқат зоҳир менамоянд, Аллоҳ тоқатпазирӣ мебахшад ва ҳеҷ касе ҳанӯз неъмате накӯтар ва саховатноктар аз сабру тоқат нагирифтааст."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар ҳақиқат ислом, як қисми сарвати дороёнро ҳиссаи қону-

нии камбағалон эълон намудааст ва онҳо метавонанд, ки ин ҳиссаро тавассути суд ситонида, аз таънаю озору таҳқир халос гарданд, вале ислом дар як вақт аз камбағалон талаб менамояд, ки онҳо кўшиш кунанд то бе талбидани ҳамин ҳиссаи қонунии худ зиндагонӣ бикунанд. Ислом эълон намудааст, ки дасти боло аз дасти дарозшуда бартар мебошад. Мусулмони асил ҳамеша кўшиш мекунад, ки дасташ (барои талабидан) дароз нашавад, маҳз ҳамин чиз вазъияти ўро муносиб мебошад ва беҳтар аст. Чунин даъватҳо камбағалонро водор месозанд, ки қувваи худро дучанд намоянд, ба садақаю тўҳфаҳо умедвор нашаванд, дастурҳои зерин камбағалонро огоҳ месозанд, ки дар як рўзи рўшан онҳо метавонанд таҳқир шаванд ва маҳз аз ин сабаб боре расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чун дар минбар буду аз садақа ва худдорӣ кардан аз талабидан сухан мекард, гуфт:

«اليَـدَ العُلْيا خَيْـرٌ مِنَ اليَـدِ السُّفْلَى، واليَـدُ العُلْيـا هيَ المُنْفِقَـةُ، والسُّفْلَى هيَ السَّائِلَةُ»

***“Дасти боло аз дасти поиншуда беҳтар аст ва дасти боло дастест, ки харҷ мекунад, дасти поиншуда дасти талабгор аст.”***

**Муслим**

## Дўстдоранда ва дўстдошташуда аст

Мусулмони асил, ки қалби худро бо нури дастуроти дини худ мунаввар гардонидааст, нармдил буда, дигаронро дўст медорад ва дигарон низ ўро дўст медоранд. Вай дигаронро дўст медорад, бо онҳо робита мекунад ва таваҷҷўҳи худро зоҳир менамояд. Ин ҷиҳати беҳтарини инсон ҳамчун як узви ҷомеа ба шумор меравад. Чунин сифатҳо хоси мусулмони ташаккулёфта мебошанд, ки моҳияти таълимоти дини худро аз бар кардааст ва фаҳмидааст, ки бо дигар одамон алоқа дошта, сазовори боварии онҳо гардидан ба ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мусулмон тааллуқ дорад. Вай ҳамчунин мефаҳмад: ин чиз воситаи пуртаъсирест, ки ба одамон сухани ҳақро бирасонад ва онҳоро бо арзишҳои олие, ки дар худ дорад, ошно созад. Ин чунин маъно дорад, ки одамон фақат ба касе гўш медиҳанд, ки

ӯро дӯст медоранду бовар мекунанд ва фақат бо сухан ҳамфикр мешаванд, ки ба он лоақал каме боварӣ, таваҷҷӯҳ ва илтифот доранд. Маҳз аз ин сабаб бисёр оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо нисбат ба одамон дар худ даъватҳое доранд, ки истеъдоди дӯст доштан ва нисбат ба худ бедор кардани муҳаббати дигаронро талқин менамоянд, то онҳо ба ҷумлаи писандидагон, одамони дӯстдошташуда барои Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ва аз ҷумлаи онҳое бошанд, ки дар Рӯзи Қиёмат аз ҳама касони дигар бар ӯ наздиктар қарор бигиранд.

Дар хабар аст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро боре пурсид:

«ألا أُخْبِرُكُمْ بأَحَبِّكُمْ إِلَيَّ، وأَقْرَبِكُمْ منّي مَجْلساً يومَ القِيامةِ؟ فأعادَها ثَلاثاً أو مَرَّتَيْنِ، قالوا: نَعَمْ يا رسولَ ﷺ، قالَ: أَحْسَنُكُمْ خُلُقاً»

***"Оё ба шумо хабар надиҳам, ки кадоме аз шуморо беш аз ҳама дӯст медорам ва кадоми шумо дар Рӯзи Қиёмат аз ҳама ба ман наздиктар хоҳад буд?*** – ва суоли худро се ё ду маротиба такрор кард. Онҳо гуфтанд: *"Бале, ё Расулаллоҳ!"* Он гоҳ ӯ гуфт: ***"Хушахлоқтарини шумоён".***

**Аҳмад**

Дар баъзе нусхаҳои ин ҳадис бо ин суханон илова шудаанд:

«المُوَطَّؤونَ أَكْنافاً الّذين يَأْلَفونَ ويُؤْلَفونَ»

***"...тавозӯъкунандагон, ки худ дӯст медоранд ва муҳаббати дигаронро ба худ меоваранд".***

Яке аз хислатҳои мӯъмин ин аст, ки ӯ худро дӯст медорад ва муҳаббати дигаронро ба худ мекашад. Вай одамонро, одамон ӯро дӯст медоранд, ӯ ба одамон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад ва одамон низ ба ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, агар ҳмин тавр намешуд, вай вазифаи худро адокарда ҳисоб намеёфт, ба ӯ бовар кардан намешуд ва ӯ наметавонист чунин вазниниро таҳаммул намояд. Дар чунин ашхос хайре нест. Аз ин хусус Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«المُؤْمِنُ يَأْلَفُ ويُؤْلَفُ، ولا خَيْرَ فيمَنْ لا يَأْلَفُ ولا يُؤْلَفُ»

***"Мӯъмин худ дӯст медорад ва ба худ муҳаббат (-и дигаронро) мекашад, аммо барои касе, ки худ дӯст намедорад ва онеро, ки дигарон дӯст намедоранд, хайре нест".***[137]

**Аҳмад ва ал-Баззор**

Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) барои ҷамъияти худ намунаи олии муносибат намудан бо одамон ва ҳунари ром кардани дилҳоро омӯзонид. Вай ҷамъияти худро даъват кард, то дар кору сухан ба ӯ пайравӣ намоянд ва ба дили одамон роҳ ёбанду муҳаббату таваҷҷӯҳи онҳоро ба даст оваранд. Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ҳамеша хушҳолу ҳалим ва аз дағалӣ бегона буд. Чун ба хонаи касе меомад, дар ҷои холӣ менишаст ва дигаронро амр мекард, ки чунин кунанд. Вай ба ҳамаи ҳозирон эътибор медод ва ҳеҷ кадоми онҳо ҳис наменамуд, ки ба дигаре бештар эътибор медиҳад ва агар касе аз ӯ хоҳиш мекард, ки вай ё хоҳиши ӯро ба иҷро мерасонд ё ба ин монанд сухане мегуфт. Вай ба ҳама саховатмандӣ ва меҳрубонӣ зоҳир менамуд, падаре буд, ки барояш ҳама баробар буданд. Дар ҳузури ӯ одамон фақат бо тақво тавофут доштанд, хоксорӣ зоҳир менамуданд, калонсолонро эҳтиром, хурдсолонро раҳм мекарданд, дар баробари худ ба ниёзмандон бартарӣ дода, бегонагонро ба ғамхорӣ фаро мегирифтанд.

Ҳар касе ки ба пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) умед мебаст, пушаймону навмед намешуд, зеро ӯ, Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) аз се чиз дур буд: аз баҳс, серсуханӣ ва аз ҳар чизи дигаре, ки ба ӯ тааллуқ надошт. Агар аз хусуси он чӣ сухан гӯем, ки аз пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) нисбат ба одамон тааллуқ дошт, ин буд, ки ӯ ҳаргиз ба се чизи дигар роҳ намедод: одамонро ҳаргиз маҳкум намекард, касеро маломат наменамуд ва дар касе камбудӣ намеҷуст, вай фақат аз он хусус сухан мекард, ки барои он подош гирифтан мумкин буд. Вақте ки ӯ сухан мегуфт, мусоҳибонаш хомӯш мешуданд ва ҳатто аз ҷунбидан метарсиданд, аммо чун пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) сухан мегуфт, онҳо бе мунокиша ҳарф мезаданд. Вай барои он чиз механдид, ки дигарон барои он механдиданд, барои он чиз тааҷҷуб мекард, ки дигарон барои он тааҷҷуб мекарданд, дағалии дигаронро дар сухан ва хоҳишҳояшон таҳаммул намуда мегуфт: ***“Агар ниёзмандеро бубинед, ба ӯ кӯмак кунед.”***

**Ниг: “Зиндагиномаи саҳобагон”, 1/22, 23**

Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) таърифро фақат дар бораи онҳое гӯш мекард, ки ба онҳо некӣ карда шудааст, сухани касеро намебурид, то худи он шахс суханашро кӯтоҳ намекард ё ба охир на-

мерасонд ё аз ҷои худ барнамехест.

Ҳазрати Оиша (р), ба мо хабар додааст, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз ашхоси бад эҳтиёт мешуд, онҳоро ба худ тавассути нармгуфторӣ ва муомилаи хуб мутеъ менамуд. Вақте як шахс иҷозат пурсид, то ба назди ӯ дарояд, вай гуфт: ***“Иҷозат диҳед ӯро, вай ҳамқавми бад мебошад!”***, аммо чун он шахс ворид шуд, вай бо ӯ басо хушгуфтор буд. Оиша (р), гуфт: *“Ё Расулаллоҳ, дар оғоз ту он чиро гуфтӣ, ки гуфтӣ, аммо баъд бо ӯ хушгуфтор будӣ!”* Дар ҷавоб ӯ гуфт: ***“Ё Оиша, ба дурустӣ, ки дар назди Аллоҳ бадтарини одамон ҳамонест, ки дигарон аз тарси он ки суханни қабеҳ хоҳанд шунид, ӯро тарк мекунанд.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҷои шубҳа нест, ки дар муносибат бо одамон, новобаста аз он ки ҳақанд ё ноҳақанд, мусулмони асил аз паи пайғамбари худ меравад, то комёб шавад, ки ӯро ҳама дӯст доранду бипазиранд.

## Вай одатҳои худро ба доираи одоби исломӣ мувофиқ мекунад

Яке аз хислатҳои муҳимтарину фарққунандаи мусулмони асилу бофаросат риояи расму оинҳо мебошад, ки ҷамъияти ӯ дар доираи ҳудудҳои ислом пазируфтааст. Дар натиҷаи ин тасаввуроти ӯ дар зери таъсири мафҳуму тасаввуроти исломӣ дар бораи арзишҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Масалан, вай ангуштарини тилло намегирад, зеро ин чиз дар ислом барои мардон манъ карда шудааст. Аз ин хусус расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро хабар додааст –вай дар дасти шахсе ангуштарии тилло дида, мегӯяд: «أَيَعْمَدُ أَحَدُكُمْ إِلَى جَمْرَةٍ نَارٍ فَيَضَعُهَا فِي يَدِهِ؟»

***“Магар нафаре аз шумо мехоҳад, ки ангишти сӯзонро гирифта, бар дасти худ гузорад?!”***

**Муслим**

Баъд аз ин вай ангуштаринро аз дасти ӯ гирифта, ба замин афканд ва ҳамоно итоати комили ин шахс ба амри Аллоҳу Расули Ӯ зоҳир гашт, зеро чун ба он шахс рафиқонаш гуфтанд, ки

*“Ин ангуштарии афкандашударо бигиру бифурӯш”*,- вай гуфт: *“Ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ки он чиро Расулаллоҳ афкандааст, ман намебардорам!”*

Мусулмони асил барои хӯрдану ошомидан зарфи заррину нуқрагинро истифода намебарад ва либосеро аз шоҳию зарбофт ба бар намекунад, зеро аз хусуси он ки ин ҳамаро расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам манъ кардааст, дар бисёр ҳадисҳо гуфта шудаанд. Масалан, дар ҳадисе, ки Ҳузайфа (р), хабар додааст, омадааст, ки:

**«إنَّ النبيَّ ﷺ نهانا عَنِ الحَريرِ والدِّيباجِ والشُّرْبِ في آنِيَةِ الذَّهَبِ والفِضَّةِ، وقالَ: «هِيَ لهمْ في الدُّنيا، وهيَ لكمْ في الآخِرَةِ»**

*“Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам барои мо* (ба бар кардани) *шоҳиву зарбофт ва нӯшидан аз зарфи заррину нуқрагинро манъ карда, гуфт:* ***“Ин ҳама барои онҳо[1 38] дар ин дунёст, аммо барои шумо дар дунёи абадист.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Умм Салама (р), хабар додааст, ки Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам гуфт:

**«الَّذي يَشْرَبُ في آنِيَةِ الفِضَّةِ إنَّما يُجَرْجِرُ في بَطْنِهِ نارَ جَهَنَّمَ»**

***“Ба дурустӣ, дар шиками оне, ки аз зарфи нуқрагин менӯшад, оташи дӯзах аланга мезанад!”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки вай салаллоху алайхи васаллам гуфт:

**«إن الَّذي يَأْكُلُ أوْ يَشْرَبُ في آنِيَةِ الفِضَّةِ والذَّهَبِ»، وفي روايةٍ له أيضاً: «مَنْ شَرِبَ في إناءٍ مِنْ ذَهَبٍ أوْ فِضَّةٍ فإنَّما يُجَرْجِرُ في بَطْنِهِ ناراً مِنْ جَهَنَّمَ»**

***“... касе, ки барои хӯрдан ва ошомидан зарфи тиллогину нуқрагинро истифода мебарад...”*** Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки низ Муслим овардааст, хабар дода мешавад, ки пайғамбар салаллоху алайхи васаллам гуфт: ***“Дар шиками касе, ки аз зарфи заррин ва нуқрагин менӯшад, оташи дӯзах аланга мезанад!”***

Дар хабар аст, ки Умар ибни Хаттоб (р), гуфт: “Ман шунидам, ки Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам гуфт:

**«إنَّما يَلْبَسُ الحَريرَ مَنْ لا خَلاقَ لَهُ في الآخِرَةِ»**

***“Ба дурустӣ, фақат ҳамон шахс*** (либоси) ***шоҳӣ ба бар мекунад, ки дар олами боқӣ ӯро насиб нест!”***

**Ал-Бухорӣ**

Дар хабар аст, ки Алӣ (р), гуфт:

رأيت رسـول الله ﷺ أخذ حـريراً فجَعَلهُ في يمينه، وذهباً فجعَلهُ في شِمالِهِ، ثم قال: «إنَّ هذَيْنِ حَرامٌ على ذُكورِ أُمَّتي»

*“Ман дидам, ки чӣ тавр Расулаллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *(пораи) шоҳиро ба дасти рост ва (пораи) тиллоро ба дасти чап гирифт, баъд гуфт:* ***“Ба дурустӣ, ки ин ва ин барои мардони уммати манъ карда шудаанд!”***

**Абу Довуд**

Аз забони Абу Мусо ал-Ашъарӣ (р), нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:

«حُرِّمَ لِباسُ الحَريرِ والذَّهَبِ على ذُكورِ أُمَّتي، وأُحِلَّ لإناثِهِمْ»

“(Ба бар кардани) ***либоси шоҳӣ ва тилло барои мардони уммати ман манъ карда шудаанд ва барои занон иҷозат дода шудаанд.”***[1 39]

**Ат-Тирмизӣ**

Дар хабар аст, ки Ҳузайфа (р), гуфт:

نَهـانـا النبيُّ ﷺ أنْ نشـربَ في آنِيَـةِ الـذَّهَبِ والفِضَّةِ وأنْ نَـأْكُـلَ فيهـا، وعن لُبْسِ الحَـريـرِ والـدِّيبـاجِ وأنْ نَجْلِسَ علَيْهِ

*“Пайғамбар* салаллоҳу алайҳи васаллам *барои мо нӯшидан аз зарфи заррин ва нуқрагин, ба бар кардани шоҳиву зарбофтро ва нишастан бар онҳоро манъ кард.”*

**Ал-Бухорӣ**

Ба ғайр аз ин мусулмони бофаросат дар девори хонаи худ суратеро намеовезад, ки дар он чизҳои ҷондор акс ёфтаанд ва он ҷо ягон хел ҳайкал намегузорад, аммо агар дар хона саг нигоҳ дорад, чунонки ин чиз имрӯз расм шудааст, фақат барои ҳифзу ҳимоя мебошад. Ислом ба чунин одатҳо ҳамеша мубоӣзаи оштинопазир бурдааст. Метавон дастуроти зиёдеро овард, ки чунин чизҳоро қатъиян ва бечунучаро барои мӯъминон манъ кардаанд.

Аз забони Абу Талҳа (р), нақл мекунанд, ки:

«لا تَـدخُـلُ المَلائِكَةُ بَيْتاً فيهِ كَلْبٌ ولا صُورَةٌ»

***«Дар он хонае, ки саг ва сурат аст, фариштагон дохил намешаванд".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар хабар аст, ки Оиша (р), гуфт:

واعَـدَ رسولَ الله ﷺ جبريـلُ عليـه السلام في ساعةٍ يأتيه فيها فجاءَتْ تلكَ الساعةُ ولم يَأْتِه! قالتْ: وكانَ بيدِهِ عصاً فطَرَحَها مِنْ يَده، وهو يقولُ: «ما يُخْلِفُ اللّهُ وَعْدَهُ ولا رُسُلُهُ»، ثم الْتَفَتَ، فإذا جَرْوُ كَلْبٍ تَحْتَ سَرِيـرِهِ، فقـالَ: «متى دَخَـلَ هـذا الكَلْبُ؟» فقلتُ: واللّهِ مـا دَرَيْتُ بـهِ، فـأمـرَ بـهِ فـأُخْـرِجَ، فجـاءَهُ جِبْـريـلُ عليـهِ السَّـلامُ، فقـالَ رسـولُ اللّهِ ﷺ: «وَعَـدْتَني فَجَلَسْتُ لَـكَ ولَمْ تَـأْتِني». فقـال: «مَنَعَني الكَلْبُ الّذي كانَ في بَيْتِكَ، إنّا لا نَدْخُلُ بَيْتاً فيهِ كَلْبٌ ولا صُورَةٌ»

*"Боре Ҷабраил (а), ба Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҷавл дод, ки дар вақти муайяншуда ба назди ӯ ташриф меоварад, аммо чун он вақт расид, пайдо нашуд.*

Оиша гуфт: *"Ва ӯ асои худро, ки дар даст дошт, афканда гуфт:* ***"На Аллоҳ, на Расули Ӯ ба ваъда хилоф намекунанд!"****-ва баъд баргашту банохост дар зери кати худ сагчаеро дид. Пурсид, ки:* ***"Ин кай даромад?"*** *Гуфтам: "Ба Аллоҳ қасам мехӯрам, ки дар хусуси ин намедонистам!" Ба фармони ӯ ин сагчаро берун burданд, пас аз ин ба назди ӯ Ҷабраил (а), ташриф овард. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:* ***"Ту ба ман ҷавл додӣ, ман туро мунтазир шудам, аммо ту ба назди ман наомадӣ!"*** *Вай гуфт: "Ин саг, ки дар хонаи ту буд, ба ман имкон надод, ки чунин кунам, зеро ба дурустӣ, ки мо ба ягон хонае, ки он ҷо саг ва сурат ҳаст, дохил намешавем."*

**Муслим**

Ҳамин гуна дастуроти зиёди дигар мавҷуд мебошанд, ки паҳн кардани сурат ва ҳайкалгузориро манъ мекунанд. Моҳияти ин манъ карданҳо фақат бо мурури замон ошкор гардиданд. Ин чиз бештар ба асри мо тааллуқ дорад, чун ҳар гуна мунофиқону лаганбардорон ва ҳамин гуна ашхоси дигар аз сари ҷӯшу хурӯши хоҳишҳо ва рағбатҳояшон ба золимон дар шакли хубу хуш тарафдории боисрори онҳоро ба зулму ситам мусобиқакунон нишон медиҳанд. Яке аз чунин усулҳо ҳайкалгузорӣ ба онҳост

дар замони зиндагиашон ё баъд аз маргашон, то аз онҳо худо ё нимхудо созанд, ки дар тахти шӯҳрат бовиқорона нишаста, ба тахтапушти муздурон бераҳмона тозиёна мезананд.

Ба дурустӣ, исломе, ки бо худ имоне ба Худои яккаву ягона оварда, понздаҳ аср қабл бутҳои бисёрхудоӣ ва ҷаҳолатро бишкастааст, дар ҳақиқат, зуҳури тозаи он бутҳоро дар ҳаёти мусулмон қабул надорад. Гоҳо бо баҳонаи зарурати абадӣ гардонидани хотири ягон пешво ё ҷашнгирии ину он ҳунарманд ё машҳур гардонидани ягон олим, шоир, нависанда ё ягон каси дигар чунин ҳодисаҳо воқеъ мешаванд. Ҷамъияти исломӣ ҷамъияте мебошад, ки дини яккахудоӣ тарғиб карда мешавад ва фақат Аллоҳро васф, парастиш ва таърифу сано карда мешавад. Яъне дар ин ҷамъият ба чунин бутҳову ҳайкалҳо ҷой нест.

Аммо сагро нигоҳ доштан манъ нашудааст, ба шарте, ки ин кор ба хотири шикор ё ҳимояи чорвою замин бошад. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки ибни Умар (р), хабар додааст. Вай мегӯяд: *"Ман шунидам, ки Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:*

«مَنِ اقْتَنَى كَلْبًا إلاَّ كَلْبَ صَيْدٍ أَوْ مَاشِيَةٍ، فَإِنَّهُ يَنْقُصُ مِنْ أَجْرِهِ كُلَّ يَوْمٍ قِيرَاطَانِ».

***"Ба дурустӣ, подоши касе, ки на барои шикор ва на барои*** (ҳифзи) ***чорво саг нигоҳ медорад, ҳар рӯз ба микдори ду қирот кам мешавад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

## Вай ҳангоми хӯрдану нӯшидан меъёрҳои ахлоқи исломро риоя мекунад

Яке аз нишонаҳои асосию фарққунандаи мусулмони асил ин одоби ӯ ҳангоми тановул мебошад ва аз ин сабаб вай агар дар сари миз бошад, метавонӣ ки ӯро аз чӣ тавр хӯрдану ошомиданаш бишносӣ, зеро дар ин кор ӯ дастуроти наҷиби пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам, ки ҳар як мусулмонро ба риояи ин чиз водор месозад, пайравӣ менамояд.

Аз ҷумла, вай ***"Ба номи Аллоҳ!"*** нагуфта, ба таъом хӯрдан машғул намешавад, бо дасти рост мехӯрад ва аз миз (дастурхон) ҳамон чизро мегирад, ки ба ӯ наздиктар аст. Вай ба ин

дастури Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) пайравӣ мекунад, ки гуфтааст:

«سَمِّ اللَّهَ، وكُلْ بِيَمِينِكَ، وكُلْ مِمَّا يَلِيكَ»

***"Бигӯ: "Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим",- бо дасти рост бихӯр ва ҳамон чизро бигир, ки дар назди ту қарор дорад."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Агар ӯ дар оғози таъом хӯрдан ба хотир овардани номи Аллоҳи Таъолоро фаромӯш кунад, баъд хатои худро ислоҳ карда, мегӯяд: ***"Ба номи Аллоҳ дар оғоз ва дар анҷом".*** Ба зарурати ин корро ҳадисе ишора менамояд, ки аз забони Ҳазрати Оиша (р), оварда шудааст. Вай хабар додааст, ки расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا أَكَلَ أَحَدُكُمْ فَلْيَـذْكُرِ اسْمَ اللَّهِ تَعـالى، فإنْ نَسِيَ أنْ يَـذْكُرَ اسمَ اللَّهِ تَعالَى في أَوَّلِهِ فَلْيَقُلْ: بِسْمِ اللَّهِ أَوَّلَهُ وآخِرَهُ»

***"Бигузор ҳар кадоми шумо ба таъом хӯрдан оғоз карда, номи Аллоҳи Таъолоро ба забон бигирад, аммо агар ӯ инро дар оғоз фаромӯш кунад, бигузор гӯяд: "Ба номи Аллоҳ дар оғоз ва дар анҷом."***[1 40]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ёд кардани номи Аллоҳи Таъоло қабл аз таъом хӯрдан зиёд аҳамият медод ва ба ин чиз саҳобагони худро водор мекард, зеро чунин ёд кардан ба онҳое, ки ба хӯрдан оғоз мекунанд, манфиати зиёд дорад ва шайтонро дур ронда, зарари ӯро аз таъом ва тановулкунандагон бартараф месозад.

Дар хабар аст, ки Ҳузайфа (р), гуфт:

كنّا إذَا حضَرْنا معَ رَسولِ الله ﷺ طعاماً لم نضعْ أَيْدِينا حتّى يَبْدأَ رسولُ اللَّهِ ﷺ فيَضَعَ يَدَهُ. وإنّا حضَرْنا معَهُ مرّةً طَعاماً، فجاءَتْ جاريةٌ كأنّها تُدْفَعُ، فَذَهبَتْ لِتَضَعَ يَدَها في الطَّعامِ، فأخذَ رسولُ اللَّهِ ﷺ بيدِها، ثم جاءَ أعْرابِيٌّ كَأَنّما يُدْفَعُ، فأخذَ بيده، فقالَ رسولُ اللَّهِ ﷺ: «إنَّ الشَّيْطانَ يَسْتَحِلُّ الطَّعامَ أنْ لا يُذْكَرَ اسمُ اللَّهِ تَعالَى عَلَيْهِ، وإنّهُ جاءَ بهذه الجارِيَةِ لِيَسْتَحِلَّ بها فأخَذْتُ بِيَدها، فجاءَ بهذا الأعْرابِيِّ لِيَسْتَحِلَّ به فأخَذْتُ بيدِهِ، والّذي نَفْسي بيده إنَّ يَدَهُ في يَدي مَعَ يَدَيْهِما، ثُمَّ ذَكَرَ اسْمَ اللَّهِ تَعالى وأَكَلَ»

*"Вақте ки мо бо Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар сари миз менишастем, чизеро ҳаргиз аввал намегирифтем, то расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чизе намегирифт. Боре, чун боӯ таъомро ҳисса мекардем, духтараке пайдо шуд, ки гӯё ӯро таъқиб доштанд, ҳамоно ба сари таъом расид ва ба он даст бурд, вале Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз дасти вай боздошт. Баъд кадом як бадавӣ ҳозир шуд ва ҳамчунин гӯё кадоме ӯро таъқиб дошт ва Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз дасти ӯ низ боздошту гуфт:* ***"Ба дурустӣ, шайтон барои худ ҳамон таъомро раво медорад, ки дар сари он (таъом) Аллоҳи Таъоло ёд карда нашудааст ва ӯ ин духтаракро овард, то ин таъомро барои худ раво кунад, вале ман аз дасти ӯ боздоштам, баъд вай ба ин ҷо ин бадавиро овард, то бо кӯмаки худ ин таъомро барои худ раво созад, вале ман аз дасти ӯ низ боздоштам! Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Вай аст, ба дурустӣ дасти*** (шайтон) ***дар дасти ман буд, вақте ки ман дасти ин ду нафарро боздоштам!"***-, *пас аз ин вай номи Аллоҳи Таъолоро ба забон оварда, ба хӯрдан пардохт."*

**Муслим**

Аммо он чӣ ки ба суоли дуюм дахл дорад, ин зарурати бо дасти рост хӯрдан мебошад. Мусулмоне, ки тибқи оинҳои ислом тарбият ёфтааст, бо дасти рост хӯрда, ҳаргиз барои ин кор дасти чапи худро истифода намебарад, зеро як қатор нишондоде машҳур ҳастанд, ки бо дасти рост тановул карданро дастур додаанд, дар тановул истифодаи дасти чапро манъ кардаанд. Аз ин хусус дар бисёр ҳадисҳо равшан баён шудааст.

Масалан, Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«إذا أكَلَ أحَدُكُمْ فَلْيَأكُلْ بِيَمِينِهِ، وإذا شَرِبَ فَلْيَشْرَبْ بِيَمِينِهِ فإنَّ الشَّيْطانَ يَأكُلُ بِشِمالِهِ ويشربُ بِشِمالِهِ»

***"Вақте ки касе аз шумо ба хӯрдан мепардозад, бигузор дасти росташро истифода кунад ва чун ба ошомидан мепардозад, бигузор дасти росташро истифода кунад, зеро ба дурустӣ, ки шайтон барои хӯрдан ва ошомидан дасти чапро истифода мекунад."***

**Муслим**

Ҳамчунин нақл мекунанд, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«لا يَـأْكُلْ أَحَـدُكُمْ بِشِمالِـهِ، ولا يَشْرَبَنَّ بِشِمـالِهِ، فَـإِنَّ الشَّيْطانَ يَـأْكُـلُ بِشِمالِهِ، ويَشْرَبُ بِشِمالِهِ»

***“Бигузор ҳеҷ кадоми шумо ҳаргиз бо дасти чап нахӯрад ва нанӯшад зеро, ба дурустӣ, ки бо дасти чап шайтон мехӯрад ва менӯшад!”***

Нофиъ ба ин ҳадис илова кардааст: «ولا يَأْخُذْ بِها ولا يُعْطِ بِها»

***“... ва бигузор ҳеҷ кас ба он чизеро нагирад ва надиҳад!”***

**Муслим**

Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) чун медид, ки касе чизеро бо дасти чап мехӯрад, вай ба он шахс ин корро манъ мекард, насиҳат ва талқин мекард, ки чунин ҳам воқеъ мешуд, ки вай нисбат ба ӯ қатъият зоҳир менамуд ва агар он шахс ин корро аз сари ғурур содир намуда дар гумроҳияш исрор мекард, Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) аз Аллоҳ хоҳиш мекард, ки он шахсро ҷазо бидиҳад.

فعن سَلَمـة بن الأكـوعِ رضي الله عنـه أن رجـلاً أكَـلَ عنـدَ رسـولِ الله بشمالِهِ، فقالَ: «كُلْ بيمينك» قالَ: لا أَسْتَطيعُ. قَالَ: «لا اسْتَطَعْتَ»! مـا مَنَعَهُ إلاّ الكِبْرُ! فما رَفَعَها إلى فيهِ

Салам ибни Ақва (р), хабар додааст, ки боре як шахсе дар ҳузури Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам), бо дасти чап ба хӯрдан оғоз кард ва ӯ ба он шахс гуфт: ***“Бо (дасти) рост бихӯр!”*** Ва гуфт: *“Наметавонам!”*-, он гоҳ пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт: ***“Ту наметавонӣ! Ба ӯ ҷуз ғурур чизи дигар халал намерасонад!”***- ва ӯ дигар натавонист, ки дасти чапашро ба даҳон бубарад.

**Муслим**

Машҳур аст, ки Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) дар ҳама чиз умуман ба тарафи рост бартарӣ медод ва дигаронро низ водор мекард, ки ҳамаро аз рост оғоз кунанд. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта шудааст, ки ал-Бухорӣ, Муслим ва имом Молик аз забони Анас (р), нақл кардаанд. Вай хабар додааст, ки боре ба Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) шир оварданд, ки бо оби чоҳ омехта карда шуда буд. Ин лаҳза дар

тарафи рости ӯ як бадавӣ ҳозир буд, аз чап Абубакр ас-Сиддиқ (р), менишаст. Ва Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) нӯшид, пас ба он бадавӣ дода гуфт: «الأَيْمَنَ فالأَيْمَنَ» ***“Бигузор ҳар кас ба рост бидиҳад.”*** Бори дигар, чун ба ӯ нӯшидание оварданд, дар тарафи рости ӯ наврасе[141] нишаста буд, аз чап-пирамардон. Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) нӯшид ва баъд ба он наврас гуфт: ***“Ҳоло навбати нӯшидан аз ту мебошад, аммо оё онро*** (навбатро) ***барои ин пирамардон вомегузорӣ?”*** Наврас гуфт: *“Ба Аллоҳ қасам, ки не! Он чиро, ки баъд аз ту боқӣ мондааст, ба касе вонамегузорам!”*

Дар ҳамин мавзӯъ ҳадиси дигаре аз забони Суҳайл ибни Саъд (р), нақл шудааст, ки вай мегӯяд:

«أُتِيَ رسولُ الله ﷺ بشَراب، فشَرِبَ منه، وعَنْ يمينِهِ غُلامٌ وعَنْ يَسارِهِ أشياخٌ، فقالَ لِلْغُلام : «أَتأْذَنُ لي أَنْ أُعْطِيَ هؤلاءِ؟» فقال الغُلامُ: لا واللّهِ، لا أُوثِرُ بنَصِيبِي مِنْكَ أَحداً، فَتَلَّهُ رسولُ الله ﷺ في يَدِهِ

*“Боре ба Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) нӯшиданӣ оварданд ва ӯ (аз зарф) нӯшид. Дар ин вақт аз тарафи рости ӯ наврасе нишаста буд, аз тарафи чап-пирамардон. Ва ба наврас гуфт:* ***“Ту ба ман иҷозат медиҳӣ, ки инро ба онҳо диҳам?”*** *Дар ҷавоб наврас гуфт: “Ба Аллоҳ қасам, ки не! Ман он чиро, ки аз ту ба ман расидааст ба касе вонахоҳам гузошт!”-, ва расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) зарфро ба ӯ дод.”*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ин ва ҳамчунин ба ин монанд далелу нишондодҳои зиёд, ошкоро ба он чиз ишора мекунанд, ки афзалият додан ба тарафи рост меъёри муҳими ахлоқи ислом буда, мусулмони асил пайваста ва бе ягон коҳилӣ онҳоро риоя мекунад. Ҳамин тавр саҳобагон ва пайравони онҳо амал менамуданд ва касе аз онҳо аз ин кор даст накашидааст. Машҳур аст, ки бо риояи ин меъёри ахлоқ амиралмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р), зиёд эътибор медод ва аз наздики онҳое гузар намекард, ки дар ин кор коҳил буданд. Дар хабар аст, ки ҳангоми як сафари худ барои огоҳ шудан аз он ки раъияташ чӣ зиндагие доранд, Умар шахсеро дид, ки бо дасти чап таъом мехӯрд ва ба ӯ гуфт: *“Ё бандаи Ал-*

*лоҳ, бо дасти рост бихӯр!"* Ва чун дид, ки он шахс дубора бо дасти чап мехӯрад, ӯро бо тозиёна тела дода дубора гуфт: *"Ё бандаи Аллоҳ, бо дасти рост бихӯр!"* Аммо баъд вай бори сеюм дид, ки ӯ бо дасти чап мехӯрад, ӯро бо тозиёна зад ва ғазаболуд хитоб кард: *"Ё бандаи Аллоҳ, бо дасти рост бихӯр!"* Ин дафъа он шахс дар ҷавоб гуфт: *"Ё амиралмӯъминин, ба дурустӣ, вай (даст) банд аст!"* Умар пурсид: *"Ба чӣ* (кор) *банд аст?"* Ва ҷавоб дод: *"Бо ҷанги Муъта"*[142] Он гоҳ Умар гиря кард, аз ин шахс маъзарат хост, тасалло дод ва пурсид, ки: "*Кӣ ба ту кӯмак мерасонад, то шустушӯ бикунӣ? Кӣ ба ту ғамхорӣ мекунад? Кӣ ба корҳои ту ёрӣ мерасонад?"*-, ва баъд амр кард, ки ӯро аз рӯи адолат таъмин бикунанд ва дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ зоҳир намоянд.

Ба рафтори ҷузъии як нафар аз раъияти худ эътибор додани амиралмӯъминин Умар (р), то чи андоза аҳамият доштани ин чизи майдаро тасдиқ намуда, дар хусуси шахсияти фарди мусулмон ва махсусиятҳои шахсияти ӯ чизи зиёде ифшо мекунад. Ҳамин тавр, Умар (р), мехост, ки ин талабҳо дар амал татбиқ шаванд ва маҳз аз ин сабаб чашм пӯшидан аз чунин чизҳо нораво мебошад.

Суоли сеюм ба он дахл дошт, ки аз рӯи меърҳои ахлоқи ислом ҳар кас бояд он чизро бигирад, ки дар назди ӯ қарор дорад. Чунин дастури Расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам дар баробари дастури **"Ба номи Аллоҳ"** гуфтан ва ё бо дасти рост хӯрдан дар бисёр ҳадисҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар хабар аст, ки Умар ибни Абу Салама (р), гуфтааст: *"Дар бачагӣ ман зери назорати Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам қарор доштам ва боре чун ман дасти худро ба ҳар тарафи таъом бурдам, Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт:*

«يا غُلامُ، سَمِّ اللّهَ، وكُلْ بِيَمِينِكَ، وكُلْ مِمَّا يَلِيكَ»

***"Ё писар,бигӯ "Ба номи Аллоҳ", бо дасти рост бихӯр ва онро бигир, ки дар наздиктари ту мебошад!"***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Мусулмон вақте таомро бо дастонаш мегирад, ин корро боодобона ва боэҳтиёт мекунад, чунонки ҳамин тавр расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам рафтор мекард, яъне ӯ луқмаеро бо се ангушт гирифта, ба

таъом дасти худро фурӯ намезад, ба ин чиз нигаристан нохуш аст ва дар қалби одамон таассуроти нохуш мегузорад. Аз ин хусус Каъб ибни Молик (р), хабар дода, мегӯяд:

«رَأَيْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ يَأْكُلُ بِثَلاثِ أَصابِعَ، فإذا فَرَغَ لَعِقَها»

*"Ман дидам, ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) чӣ тавр бо се ангушт мехӯрд ва баъди хӯрда шудан онҳоро мелесид."*

**Муслим**

Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) амр мекард, ки ангуштон лесида шаванд ва баъди тановул зарф тоза карда шавад. Аз ин хусус Ҷобир (р), хабар додааст, ки боре Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) онҳоро фармуд, то ангуштонашонро лесида, зарфро тоза кунанд.

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) мегӯяд: «إِنَّكُمْ لا تَدْرُونَ في أَيِّ طَعامِكُمُ البَرَكَةُ»

***"Ба дурустӣ, ки шумо намедонед дар кадом (пораи) таъоми шумо баракат нуҳуфтааст".***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки Анас (р), гуфт:

كـان رسول الله ﷺ إذا أكَـلَ طَعَامـاً لَعِقَ أصـابعَه الثَّـلاثَ، وقال: «إذا سَقَـطَتْ لُقْمَةُ أَحَـدِكُمْ فَلْيَأْخُـذْهـا، وَلْيُمِطْ عَنْهـا الأذى، وَلْيَأْكُلْها، ولا يَدَعْها لِلشَّيْطانِ» وأمَرَنا أن نَسْلُتَ القَصْعَةَ، وقالَ: «إنَّكُمْ لا تَدْرونَ في أيِّ طَعامِكُمُ البَرَكَةُ»

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) тановул карда шуда, ангушти худро мелесид ва мегуфт:* ***"Агар луқмаи (таъоми) кадоме аз шумо биафтад, бигузор вай онро бигирад, аз чизи зиёдатӣ тоза кунад ва онро ба шайтон вонагузошта, бихӯрад."*** *Ва ӯ ба мо мефармуд, ки зарфро тоза кунем[143] ва мегуфт:* ***"Ба дурустӣ, шумо намедонед, ки дар кадом*** (пораи) ***таъоми шумо баракат нуҳуфтааст."***

**Муслим**

Пас аз тановул мусулмон суханони зебои ҳамд ба Аллоҳи Азза ва Ҷалларо ба забон меоварад, ки моро Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) омӯзондааст, шукри Аллоҳ ва лутфу меҳрубонии Вайро мекунад ва ба мукофоти Ӯ умедвор мешавад, ки онро Аллоҳ барои гӯяндагони ҳамд ва шукргузорон тайёр намудааст.

Аз забони Абу Умам (р), нақл мекунанд, ки пайғамбар салаллоху алайхи васаллам хӯрок хӯрданро ба анҷом расонида, мегуфт:

«الْحَمْـدُ للهِ كَثِيراً طَيِّبـاً مُبارَكـاً فِيهِ، غَيْـرَ مَكْفِيٍّ ولا مُـوَدَّعٍ ولا مُسْتَغْنىً عَنْهُ، رَبَّنا»

***"Ҳамду сипоси беҳисоб ба Аллоҳ ва муборак ҳамде, ки ҳар замон бояд гуфт, ҳамди ҳамешагӣ, ҳамде, ки мо ба он доимо мӯҳтоҷем! Парвардигори мо!"***

**Ал-Бухорӣ**

Аз забони Муъоз ибни Анас (р), нақл мекунанд, ки Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам гуфт:

«مَنْ أَكَلَ طَعاماً فقالَ: الْحَمْـدُ للهِ الَّذي أَطْعَمَني هـذا ورَزَقَنِيهِ مِنْ غَيْـرِ حَوْلٍ منِّي ولا قُوَّةٍ، غُفِرَ لَهُ ما تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ»

***"Барои оне, ки баъд аз таъом мегӯяд: "Ҳамд ба Аллоҳе, ки маро ин*** (неъмат)***-ро хӯронид ва ба ман ин*** (неъмат)***-ро бахшид, чун ман худ инро на бо зӯри бозу ва на бо қувва ба даст оварда наметавонам» - гуноҳҳои гузаштааш мағфират карда мешавад"***[144]

**Абу Довуд ва ат –Тирмизӣ**

Мусулмоне, ки меъёрҳои ахлоқи исломро риоя менамояд, таъомро чӣ гунае, ки набошад мазаммат намекунад, дар ин кор ба дастури пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ва ибрати шахсии ӯ пайравӣ менамояд.

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра (р), гуфт:

«ما عابَ رَسولُ اللهِ ﷺ طَعاماً قَطُّ: إنِ اشْتَهاهُ أَكَلَهُ، وإنْ كَرِهَهُ تَرَكَهُ»

*"Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам ягон таъомро ягон вақт мазаммат намекард, агар онро мехост, мехӯрд, аммо агар он* (таъом) *ба вай маъқул намешуд, онро бозмегузошт."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аммо он чӣ ки ба нӯшидан таалluқ дорад: ин ҷо мусулмон меъёрҳои ахлоқи исломро ки инсонро ба он чӣ ки дар зиндагиаш дучор меояд, ба эътибор мегирад.

Вай нӯшокиро пас аз ба забон овардани ***"Ба номи Аллоҳ"***, ду ё се маротиба нӯшида, ба зарф нафас намеафканад, агар имкон бошад аз лаби зарф наменӯшад, ба нӯшокӣ пуф намекунад

ва то имкон ҳаст, нишаста менӯшад.

Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам), чунон ки Анас (р), аз ин хусус хабар додааст, ҳамин тавр рафтор мекард:

«كــان رســول الله ﷺ يتنفس في الشراب ثلاثاً»

*"Ҳангоми нӯшидан Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) одатан се (маротиба) нафас мекашиду нафас мебаровард."*[145]

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Расули Аллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) якбора нӯшиданро манъ карда буд, чунонки машҳур аст, ӯ гуфта буд:

«لا تَشْرَبُوا واحِداً كَشُرْبِ البَعير، ولكن اشْرَبوا مَثْنى وثُلاث، وسَمُّـوا إذا أَنْتُمْ شَرِبْتُمْ، واحْمَدوا إذا أَنْتُمْ رَفَعْتُمْ»

***"Якбора нанӯшед ба монанди уштур, аммо ду ё се маротиба нӯшед ва қабл аз ҳар нӯшидан суханони "Ба номи Аллоҳ"-ро ба забон оваред ва баъд аз ҳар бори нӯшидан ба Ӯ шукру ҳамду сано фиристед"***[146]

**Ат-Тирмизӣ**

Ба ғайр аз ин вай ба нӯшокӣ нафас афканданро манъ кардааст. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки аз забони Абу Саид ал - Ҳудрӣ (р), нақл шудааст. Вай мегӯяд:

أن النبـي ﷺ نهى عن النفخ في الشـراب، فقال رجـل: أرى القَذاة فيـه، قال النبـي ﷺ: «فـأَهْرِقْهـا» قال: إني لا أَرْوَى مِنْ نَفَسٍ واحِـدٍ، فقـالَ الرسولُ ﷺ: «فَأَبِنِ القَدَحَ عَنْ فِيكَ ثُمَّ تَنَفَّسْ»

"Пайғамбар ба нӯшокӣ нафас афканданро манъ намуд, пас аз ин як шахс гуфт: "(Мешавад, ки) *ман дар он малахеро мебинам."* Пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: ***"Онро бирез"***. Он шахс гуфт: *"Ба дурустӣ, ман як бор нафас кашида, онро наменӯшам"*. Он гоҳ Расулаллоҳ (салаллоху алайхи васаллам) гуфт: ***"Он гоҳ ҷом (пиёла)-ро аз даҳонат дур бурда, нафас барор."***[147]

**Ат-Тирмизӣ**

Аз хулосаи ҳадисҳое, ки вобаста ба нӯшидан шудаанд, маълум мешавад, ки то имкон ҳаст аз лаби зарф нӯшидан мумкин нест ва ин корро нишаста бояд анҷом дод. Чунонки аз мазмуни ҳадисҳо бармеояд, маҳз ҳамин тарзи рафъ намудани ташнагӣ беҳ-

тарин ва писандидатарин мебошад. Агар инсонро зарур ояд, ки аз лаби зарф рост истода бинӯшад, ин мумкин аст, зеро Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам)-ро лозим омадааст, ки ҳамин тавр низ бикунад.

## Вай одамонро дуруд мефиристад

Яке аз нишонаҳои фарқкунандаи мусулмон ҳамчун узви ҷомеа аз он иборат мебошад, ки вай ба одамон салом мегӯяд. Салом дар ислом ягон хел одати иҷтимоӣ нест, ки бо муқаррар карда шудан ва ба тартиб оварда шудани он одамон бо навбат дар лаҳзаҳои гуногун машғул мешаванд ва ё вобаста аз шароити иҷтимоӣ аз он даврае, ки он муқаррар шуда буд, такмил меёфта бошад. Салом дар ислом меъёри ахлоқии муайян, ба тартиб овардашуда ва аз оғоз ин динро махсус мебошад, риояи онро Аллоҳи Азимушшаън дар Китоби пурҳикмати Худ фармудааст ва Расули акрам (салаллоху алайхи васаллам) бунёди онро гузошта, ба низом даровардааст. Аз ин хусус дар ҳадисҳои зиёде гуфта шудааст, ки муҳаддисони гуногун дар боби алоҳида оварда, "Китоби салом", "Китобе аз хусуси салом" номгузорӣ кардаанд.

Аллоҳи Таъоло дар Китоби муборакаи Худ мӯъминонро амр кардааст, ки ба якдигар салом гӯянд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ بُيُوتِكُمۡ حَتَّىٰ تَسۡتَأۡنِسُواْ وَتُسَلِّمُواْ عَلَىٰٓ أَهۡلِهَاۚ﴾

***﴾ Эй касоне, ки имон овардаед! Ба хонаҳое ҷуз аз хонаи худ иҷозат наталабида ва бар сокинонаш салом нагуфта дохил нашавед.﴿***

**"Нур", 27.**

Ва Ӯ амр кардааст, ки ҷавоби салом аз худи салом беҳтар, ё ҳаммонанди он бошад ва аз ин сабаб ҳар касе, ки сухани саломро мешунавад, ҳатман ба он бояд ҷавоб гӯяд ва аз ин вазифа ҳаргиз ҳазар накунад.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿وَإِذَا حُيِّيتُم بِتَحِيَّةٖ فَحَيُّواْ بِأَحۡسَنَ مِنۡهَآ أَوۡ رُدُّوهَآۗ﴾

***﴾Чун ба шумо бо салом муроҷиат карданд, бо саломе беҳтар аз он ё ҳаммонанди он ҷавоб гӯед.﴿***

**"Нисо", 86.**

Дастуроти зиёди Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) одамонро боисрор водор менамоянд, ки ба ҳамдигар бо салом муроҷиат кунанд ва ба онҳое, ки мо мешиносем ё на, салом гӯем.

Масалан, Абдуллоҳ бин Амр бин ал-Ос (р), хабар додааст, ки боре як шахс аз Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) пурсид:

**أيُّ الإسلام خيْرٌ؟ قال: «تُطْعِمُ الطَّعامَ، وتَقْرَأُ السَّلامَ على مَنْ عَرَفْتَ ومَنْ لَمْ تَعْرِفْ»**

*"Кадом (зуҳуроти) ислом беҳтарин мебошад?"* Вай гуфт: ***"Беҳтарин ҳамон аст, ки ту одамонро меҳмондорӣ кунӣ ва онҳоеро,***[148] ***ки мешиносӣ ва намешиносӣ салом бигӯӣ".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Зарурати салом гуфтан ба ҷумлаи он ҳафт даъвате дохил мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба саҳобагонаш дода, онҳоро ва баъд тамоми ҷамъияти исломиро ҳидоят намуд, ки босубот ин ҳамаро дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқ намоянд. Ин даъватҳоро ал-Бара ибни Озиб (р), номбар карда, гуфтааст:

**«أَمَرَنا رَسولُ اللهِ ﷺ بِسَبْعٍ : بِعِيادَةِ المَريضِ ، واتِّباعِ الجَنائِزِ، وتَشْمِيتِ العاطِسِ ، ونَصْرِ الضَّعِيفِ، وعَوْنِ المَظْلُومِ ، وإفْشاءِ السَّلامِ ، وإبْرارِ المُقْسِمِ»**

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) моро ҳафт* (кор) *фармуд: бемореро аёдат кардан, дар ҷаноза иштирок кардан, бо диҳандаи атса хайр хостан, заиферо дастгирӣ кардан, мазлумеро кӯмак расондан, одамонро салом гуфтан ва ба қасамёдкарда мусоидат намудан, ки онро ба иҷро расонда тавонад."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба масъалаи зарурати гуфтан эътибори ҷиддӣ медод ва дар бисёр ҳадисҳо хабар дода мешавад, ки вай одамонро дар ин роҳ ба амал намудан водор месохт, ба онҳо муҳаббати ин чизро талқин мекард, зеро ӯ медонист, ки салом ба дараҷаи баланд барои пайдо шудани му-

ҳаббати қалбҳо мусоидат менамояд, дилҳоро пайванд месозад, гиреҳҳои таваҷҷӯҳу қарибиву дӯстии миёнаи одамони алоҳида ва умуман таълимотҳоро мустаҳкамтар мекунад. Вай инро ҳатто муҷиби муҳаббате номидааст, ки имон ато мекунад ва имон дар навбати худ ба биҳишт мерасонад. Ин суханони Расул (салаллоҳу алайҳи васаллам) исботи чунин гуфтаҳоянд:

«والَّذي نفسي بِيدِهِ لا تَدْخُلُوا الجَنَّةَ حَتَّى تُؤْمِنُوا، ولا تُؤْمِنُوا حَتَّى تَحابُّوا، أوَ لا أدُلُّكُمْ على شَيْءٍ إذا فَعَلْتُموه تَحابَبْتُمْ؟ أفْشُوا السَّلامَ بينَكُمْ»

***"Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар кафи Ӯст, шумо ба биҳишт дохил намешавед, то имон намеоваред ва имон намеоваред, то замоне ки шумо якдигарро дӯст намедоред, пас, ман оё ба шумо нишон надиҳам он чиро ки бо шарофати он шумо якдигарро дӯст хоҳед дошт, чун ин корро мекунед? Байни ҳамдигар саломро паҳн кунед!"***

**Муслим**

Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамон одамонро ба Аллоҳ наздиктарин ва сазовори лутфу марҳамати Вай гуфтааст, ки дигаронро нахустин шуда салом мегӯяд. Вай гуфтааст:

«إنَّ أوْلَى النَّاسِ باللَّهِ مَنْ بَدَأهُمْ بِالسَّلامِ»

***"Ба дурустӣ, ба Аллоҳ ҳамонҳое наздиктар мебошанд, ки одамонро нахустин шуда салом мегӯянд."***[1 50]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

Маҳз аз ин сабаб, вақте ки Абдуллоҳ ибни Умар (р), дар бозор пайдо мешуд, ҳар шахсеро, ки вомехӯрд, ҳатман салом мегуфт. Боре ӯро пурсиданд: *"Дар бозор ту чӣ кор мекунӣ, охир ту бо тиҷорат машғул нестӣ ва ба мол таваҷҷӯҳ надорӣ, нархгузорӣ намекунӣ ва дар гуфтугӯҳое, ки одамон дар бозор мекунанд, шарик намешавӣ?"* Вай ҷавоб дод, ки: *"Ба дурустӣ, мо ба он ҷо фақат барои он меравем, ки онҳоеро салом гӯем, ки вомехӯрем!"*

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адабу-л-муфрад"**

Аммо шакли салом гуфтан дар ҷамъияти исломӣ барои ҳама як хел аст. Мусулмоне, ки ба талаботи одобу ахлоқи дини худ шинос аст ва барои татбиқи таълимоти он талош меварзад, ба дигарон маҳз ҳамин тавр муроҷиат мекунад. Чунин салом ин

гуна суханонанд: **“Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу!”** Одаме, ки ба дигарон салом мегӯяд, саломро маҳз ҳамин тавр ба забон меоварад, яъне агарчи ба як нафар низ салом гӯяд, исми шумораи ҷамъро истифода мебарад. Аммо он чӣ ки ба ҷавоби салом тааллуқ дорад, чунин мебошад: ***“Ваалайкумуссалом ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.”***

Ин саломест, ки ислом қонунӣ кардааст ва Аллоҳи Таъоло барои одамон аз замони офарида шудани Одам интихоб намудааст. Аллоҳ онро ба Одам омӯзонд, фармуд, ки ӯ ба фариштаҳо ҳамин тавр муроҷиат кунад ва хоҳони он шуд, ки авлоди Одам ба якдигар ҳамеша ва дар ҳама ҷо маҳз ҳамин тавр муроҷиат кунанд, зеро ин салом ғояи сулҳхоҳӣ дорад, сулҳро бошад, одам ҳамеша ва дар ҳар ҷо аз ҳама чизи дигар бештар меписандад. Ҳоло ин саломе, ки Аллоҳ бо он ба якдигар муроҷиат намуданро ба одамон амр карда буд, фақат дар ҷамъияти исломӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ин ҷамъият аз дини яккахудоӣ рӯ нагардондааст, дар ин дин чизеро тағйир надода ва дигар накардааст ва аз таълимоти ӯ дар чизе бероҳа нашудааст. Аз ин хусус Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) чунин хабар додааст:

«لَمَّا خَلَقَ اللهُ آدَمَ ﷺ قَالَ: «اذْهَبْ فَسَلِّمْ على أُولئِكَ ــ نَفَرٍ مِنَ الملائِكَةِ جُلوسٍ ــ فاسْتَمِعْ ما يُحَيُّونَكَ، فإنَّها تَحِيَّتُكَ وتَحِيَّةُ ذُرِّيَّتِكَ، فقالَ: السَّلامُ عليْكُمْ، فقالوا: السَّلامُ عَلَيْكَ ورَحْمَةُ اللهِ، فزادُوهُ: ورَحْمَةُ اللهِ»

***“Вақте ки Аллоҳ Одам (а)-ро офарид, Вай гуфт: “Бирав ва ба онҳо-гурӯҳи фариштагони барнишаста салом бигӯ ва гӯш фаро деҳ, ки онҳо туро чӣ тавр (ҷавоби) салом мегӯянд ва ин барои ту ва авлоди ту салом хоҳад шуд.” Ва ӯ гуфт: “Ассалом!”-, онҳо дар ҷавоб гуфтанд: “Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи!”-, ва илова карданд: “... ва баракотуҳу.”***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ҳамин тавр, ҷои тааҷҷуб нест, ки маҳз ҳамин суханон саломи мубораку некӯ мебошанд, охир вай ба мо аз Аллоҳи Таъоло расидааст ва Ӯ ба мо фармудааст, ки ҳамдигарро фақат ҳамин тавр, на ба таври дигар салом гӯем.

Аллоҳи Таъоло гуфтааст:

﴿فَإِذَا دَخَلْتُم بُيُوتًا فَسَلِّمُوا عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمْ تَحِيَّةً مِّنْ عِندِ ٱللَّهِ مُبَٰرَكَةً طَيِّبَةً﴾

***﴿Чун шумо ба хонаҳо ворид мешавед, ҳамдигарро саломе муборак ва некӯ аз Аллоҳ бигӯед.﴾***

**"Нур",61.**

Аз ин сабаб Ҷабраил (а), чун ба Оиша салом гуфт, маҳз ҳамин шаклро писандид ва Оиша (р), ҳамин тавр ба ӯ ҷавоби салом гуфт. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки ал-Бухорӣ ва Муслим овардаанд:

Дар хабар аст, ки Оиша (р), гуфт:

قالَ لي رسولُ الله ﷺ: «هذا جِبْرِيلُ يَقْرَأُ عَلَيْكِ السَّلامَ» قالَتْ قُلْتُ: وعَلَيْهِ السَّلامُ ورَحْمَةُ اللهِ وبَرَكاتُهُ»

*"Боре Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ман гуфт: "Инак туро Ҷабраил салом фиристод."* Оиша гуфт: *"Ваалайкумуссалому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин салом муроҷиат кардан дар ислом риояи қоидаҳои муайянеро тақозо менамояд ва мусулмони асил кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ин қоидаҳоро дар муносибат ба дигар одамон бемайлон ва айнан риоя кунад. Моҳияти ин қоидаҳо дар ҳадисе ифода ёфтаанд, ки ал-Бухорӣ ва дигар муҳаддисон аз забони Абу Ҳурайра (р), нақл намудаанд. Дар хабар аст, ки вай гуфт: *"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«يُسَلِّمُ الرَّاكِبُ على الماشي، والماشي على القاعِدِ، والقَليلُ على الكَثيرِ»

***"Савора бояд пиёдаро салом гӯяд, роҳрав нишастаро, аммо гурӯҳи камтари одамон гурӯҳи зиёдтарро."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар он нусхае, ки ал-Бухорӣ овардааст, чунин суханон илова шудаанд: «والصَّغيرُ على الكبيرِ»

***"... ва хурд бузургро."***

Ҳам мардон ва ҳам занон бояд салом гӯянд. Ба ин чиз хабари Асмо ибни Язид (р), ишорат менамояд, ки чунин нақл карда-

аст: боре Расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам аз назди гурӯҳи занон, ки дар масҷид нишаста буданд, гузашта, бо даст ишора намуду[151] салом гуфт.

**Ат-Тирмизӣ**

Ба ғайр аз ин кӯдаконро низ салом гуфтан зарур аст, онҳоро омӯзонидан лозим аст, то чӣ тавр салом гуфтанро ёд бигиранд.

فعن أنس رضي الله عنه أنه مَرَّ على صِبيانٍ فسَلَّمَ علَيْهِمْ، وقال: كانَ رسولُ الله ﷺ يَفْعَلُهُ

Нақл мекунанд, ки боре Анас (р), аз назди бачаҳое, ки дар кӯча ҷамъ омада буданд гузашта, салом гуфт ва афзуд: *“ Расуллаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам ҳамеша ҳамин тавр мекард.”*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Ба ғайр аз ин яке аз қоидаҳои исломии бо салом муроҷиат кардан аз он иборат мебошад, ки саломро дар шаб паст ва оҳиста ба забон меоваранд, ба дигар маънӣ, яъне ин суханонро шахси бедор шунавад, аммо шахси хобида бедор нагардад. Расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам маҳз ҳамин тавр амал мекард. Аз ин хусус дар ҳадиси дарозе, ки аз забони ал-Миқдод (р), нақл шудааст, хабар дода мешавад, ки аз ҷумла он ҷо чунин меояд:

«كُنّا نَرْفَعُ للنَّبيِّ ﷺ نَصِيبَهُ مِنَ اللَّبنِ، فيجيءُ مِنَ اللَّيْلِ فَيُسَلِّمُ تَسْليماً لا يُوقِظُ نائِماً، ويُسْمِعُ اليَقْظانَ، فجاءَ النبيُّ ﷺ فَسَلَّمَ كما كانَ يُسَلِّمُ»

*“Мо ҳамеша барои пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам ҳиссаи ширашро мебурдем, ӯ шабона меомад ва бо чунон саломе муроҷиат менамуд, то хобидаеро бедор насозад, аммо бедорбударо шунаво буд. Ва боре пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам бозомада суханони саломро чун одат ба забон овард.”*

**Муслим**

Суханони саломро ҳангоми вохӯрдан ва ҳамчунин ҷудо шудан бояд ба забон овард. Аз ин хусус Расули Аллоҳ салаллоху алайҳи васаллам чунин мегӯяд:

«إذا انْتَهى أَحَدُكُمْ إلى المَجْلِسِ فَلْيُسَلِّمْ، فإذا أرادَ أنْ يَقومَ فَلْيُسَلِّمْ، فلَيْسَتِ الأُولَى بِأَحَقَّ مِنَ الآخِرَةِ»

***“Чун яке аз шумоён ба гурӯҳе ҳамроҳ мешавед, бигузор салом гӯяд ва агар рафтан низ мехоҳад, бигузор салом гӯяд, зеро саломи дуввум дар зарурат аз аввалӣ камтар намебошад”.***[152]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

## ВАЙ БЕ ИҶОЗАТ БА ҶОЕ ДОХИЛ НАМЕШАВАД, МАГАР БА ХОНАИ ХУД

Мусулмоне, ки меъёрҳои ахлоқи дини худро азбар кардааст, ба ягон хона иҷозат напурсида ворид намешавад, магар ки ба хонаи худаш. Иҷозат хостанро бар ӯ Парвардигор фармудааст. Ин чунин маъно дорад, ки чунин амрро ҳаргиз набояд сарфи назар кард.

Аллоҳи Таъоло гуфт:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتًا غَيۡرَ بُيُوتِكُمۡ حَتَّىٰ تَسۡتَأۡنِسُواْ وَتُسَلِّمُواْ
عَلَىٰٓ أَهۡلِهَاۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَذَكَّرُونَ ٢٧ فَإِن لَّمۡ تَجِدُواْ فِيهَآ أَحَدٗا فَلَا تَدۡخُلُوهَا حَتَّىٰ
يُؤۡذَنَ لَكُمۡۖ وَإِن قِيلَ لَكُمُ ٱرۡجِعُواْ فَٱرۡجِعُواْۖ هُوَ أَزۡكَىٰ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ عَلِيمٞ ٢٨﴾

***﴿Эй он касоне, ки имон овардаед! Ба хонаҳое ҷуз аз хонаи худ иҷозат наталабида ва бар сокинонаш салом нагуфта дохил нашавед. Ин барои шумо беҳтар аст, то шумо панд бигиред. Ва агар дар хона касеро пайдо накардед, дохил машавед, то даме, ки шуморо рухсат диҳанд, аммо агар ба шумо гӯянд, ки: “Баргардед!”-, бозгардед. Ин бароятон покизатар аст. Аллоҳ аз ҳар коре, ки шумо мекунед, огоҳ аст.﴾***

**“Нур”, 27-28.**

﴿وَإِذَا بَلَغَ ٱلۡأَطۡفَٰلُ مِنكُمُ ٱلۡحُلُمَ فَلۡيَسۡتَـٔۡذِنُواْ كَمَا ٱسۡتَـٔۡذَنَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ . . .﴾

***﴿Аммо вақте ки фарзандони шумо ба балоғат расиданд, бояд иҷозат бипурсанд, чунонки*** (ба воя расидагон) ***иҷозат мепурсанд...﴾***

**“Нур”, 59.**

Дар ҳақиқат ба хонаи мардум ҳозир шудан, агар ин кор бе иҷозати соҳибони хона шуда бошад, аз ҳар гуна ғашу ғараз холӣ

ва гумону шубҳа дур намебошад ва аз ин сабаб касеро лозим нест, ки пинҳонӣ аз саҳлангорию хатои касе сӯиистифода кунаду поида ва номаълум ба куҷое, ки набошад ворид гардад, бар хилофи муқарраротн шариат амал намояд ва барои пайдо шудани ҳама гуна шакку шубҳа баҳона диҳад. Ин чиз ҳам барои меҳмон ва ҳам барои касе, ки ӯ ба назди вай равона аст, мувофиқ мебошад ва Аллоҳ аз бандагони боимони Худ ҳамин чизро амр кардааст.

Иҷозат пурсида, бояд баъзе қоидаҳоро риоя намуд ва ислом кӯшиш мекунад, ки онҳоро барои мусулмон шарҳ бидиҳад, вай амр медиҳад, ки ӯ дар ҳар ташриф овардонаш ба хонаҳои дигарон пайваста ин қоидаҳоро риоя намояд.

**ЯКУМ**: на дар назди дар, балки каме росттар ё чаптар аз дар бояд қарор гирифт. Расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) маҳз ҳамин тавр рафтор мекард.

Дар хабар аст, ки саҳобаи Расул (салаллоху алайҳи васаллам) Абдуллоҳ ибни Буср (р), гуфт:

«أن النبي ﷺ إذا أتى باباً يـريد أن يستـأذن لم يستقبلْه، جاء يميناً أو شِمالاً، فـإن أُذِن له، وإلا انصَرَفَ»

*"Вақте ки Расул (салаллоху алайҳи васаллам) ба даре наздик меомад, иҷозати* (ворид шудан) *пурсида, вай дар ростии дар не балки аз рост ё чапи он қарор мегирифт ва агар ба ӯ иҷозат медоданд,* (он гоҳ ворид мешуд) *дар акси ҳол дур мешуд."*

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адабу-л-муфрад"**

Ин чунин маъно дорад, ки амри иҷозат талабидан аз сабаби нигоҳ афкандан[153] дода шудааст, чунонки аз ин хусус дар ҳадиси аз забони Саҳл ибни Саъд (р), овардашуда гуфта мешавад. Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки Саҳл ибни Саъд гуфт:

*" Расулаллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам) гуфт:* «إنَّما جُعِلَ الاسْتِئذانُ مِنْ أَجْلِ البَصَرِ»

***"Ба дурустӣ,*** (амри) ***иҷозат пурсидан фақат ба сабаби нигоҳ дода шуд."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Маҳз аз ин сабаб касе, ки иҷозати ворид шудан мепурсад, набояд дар ростии дар биистад, зеро вақте дар кушода мешавад, ӯ метавонад он чиро бубинад, ки диданаш мумкин нест.

**ДУЮМ**: нахуст суханони саломро бояд ба забон овард ва бояд иҷозати ворид шудан пурсид, зеро салом нагуфта бо хоҳиш муроҷиат кардан дуруст нест.

Инро ба одамон Расул салаллоху алайҳи васаллам омӯзондааст, аз ин хусус дар ҳадисе хабар дода мешавад, ки аз суханони Рибъӣ ибни Ҳираш нақл шудааст:

**«حـدَّثنا رجـلٌ من بنيْ عـامِـر أنـه استـأْذَنَ على النبـيِّ ﷺ، وهـوَ في بيت، فقـال: أألِـجُ؟ فقـالَ رسـولُ الله ﷺ لخادِمِـه:**

**«اخرُجْ إلى هـذا فَعَلِّمْهُ الاسْتِئْـذانَ، فقُلْ لـهُ: قُـلْ: السَّلامُ عَلَيْكُمْ، أأدْخُلُ؟» فسَمِعَهُ الرجلُ فقالَ: السَّلامُ عليكمْ أأدْخُلُ؟ فاذِنَ لهُ النبـيُّ ﷺ، فَدَخَلَ»**

*"Як шахс аз бани Амир ба мо қисса кард, ки боре вай Расул салаллоху алайҳи васаллам - ро дар хонааш дарёфта, иҷозати ворид шудан пурсида гуфт: "Ман метавонам, ки ворид шавам?" Он гоҳ Расулаллоҳ салаллоху алайҳи васаллам ба хидматгори худ гуфт:* ***"Ба назди ӯ баро, ба ӯ чӣ тавр иҷозат пурсиданро ёд деҳ, бигӯ, ки ӯ "Ассалому алайкум, мумкин аст, ки ман ворид шавам?"-гӯяд."*** *Ин шахс ӯро шунида, баъд мегӯяд: "Ассалому алайкум, мумкин аст, ки ман ворид шавам?"-, пас аз ин Расул салаллоху алайҳи васаллам ба ӯ иҷозат дод, ки дохил шавад ва ӯ дохил шуд."*

**Ал-Бухорӣ дар "Ал-Адабу-л-муфрад"**

**СЕЮМ**: чун ӯро бипурсанд, ки: *"Кист?"* - ӯ бояд ном ё насаби худро, ки одамон ӯро ҳамон тавр ном мебаранд, бигӯяд, на ҷавоби номафҳуми *"Ман"*, ё ҳаммонанди он бидиҳад. Машҳур аст, ки пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам дӯст намедошт чун шахс ҳалқа ба дар зада, дар ҷавоби суоли соҳиби хона *"Ман"* бигӯяд, зеро ин гуна ҷавоб дар бораи одам ягон маълумот дода наметавонад ва аз ин сабаб вай амр кардааст, ки дар ҷавоби суоли додашуда номи худро равшан ба забон овардан зарур мебошад.

Дар хабар аст, ки Ҷобир (р), гуфт:

**«أتيتُ النبـيَّ ﷺ، فَدَقَقْتُ البابَ، فقـالَ: «مَنْ هذا؟» فقُلْتُ: أنا، فقالَ: «أنا أنا؟!» كأنَّهُ كَرِهَها»**

*"Боре ман ба назди пайғамбар* (салаллоху алайҳи васаллам) *омада, дарро задам (ангушт) задам. Вай пурсид:* ***"Кист ӯ?"*** *Ман ҷавоб додам: "Ман.". Аммо вай гуфт:* ***"Ман, ман!"****-, ва инро тавре такрор кард, ки гӯё ба ӯ писанд наомада буд."*

**Ал - Бухорӣ ва Муслим**

Расули акрам (салаллоху алайҳи васаллам) муносибати нисбат ба ин чиз баён намуда, моро омӯзондааст, ки барои ба хонае ворид шудан иҷозат пурсида, бояд номи худро равшан ба забон оварӣ, худ ва саҳобагони мӯҳтарамаш ин чизро ҳамеша риоя мекарданд.

Нақл мекунанд, ки Абузарр (р), гуфт:

خـــرجتُ ليلةً منَ اللّيـــالي، فـــإذا رســولُ اللّهِ ﷺ يَمْشي وَحْدَهُ، فجعلتُ أمْشي في ظِـلِّ القَمَرِ، فَـالْتَفَتَ فرآني، فقالَ: «مَنْ هذا؟» فقلتُ: أبو ذَرٍّ»

*"Боре аз хона берун омада, ман нохост расулаллоҳро* (салаллоху алайҳи васаллам) *дидам, ки кӯҷое ба танҳоӣ мерафт. Ман дар шунаҳи маҳтоб* (номаълум) *аз пасаш рафтам,*[1 54] *аммо вай баргашту маро дида, пурсид:* ***"Кистӣ?"****-, ман ҷавоб додам, ки "Абузарр."*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

**ЧАҲОРУМ**: агар ба одам гӯянд, ки *"Бозгард"*-, вайро лозим аст, ки бозгардад ва худро ҳаргиз таҳқиршуда гумон набарад, зеро дар Китоби Бузурги Худ Аллоҳ маҳз ҳамин тавр фармудааст:

﴿وَإِن قِيلَ لَكُمُ ٱرْجِعُوا۟ فَٱرْجِعُوا۟ ۖ هُوَ أَزْكَىٰ لَكُمْ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ﴾

***﴿... ва агар ба шумо гӯянд, ки "Бозгардед!", бозгардед. Ин барои шумо покизатар аст, Аллоҳ аз ҳар коре, ки анҷом медиҳад, огоҳ аст!﴾***

**"Нур", 28.**

Ба ин чиз дар як насиҳати оличанобӣ пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам), ки иҷозати ворид шуданро бояд се маротиба пурсид низ таъкид карда мешавад ва агар пурсандаро рухсат бидиҳанд, метавонад ворид гарад, дар акси ҳол ӯро лозим аст, ки бозгардад. Аз ин хусус дар ҳадисе гуфта мешавад, ки аз забони Абу Мӯсо ал-Ашъарӣ (р), оварда шудааст. Вай гуфтааст:

*"Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:*

«الاسْتِئْذانُ ثَلاثٌ، فإنْ أُذِنَ لَكَ ، وإلاّ فَارْجِعْ»

***"Се маротиба рухсат пурсидан лозим аст, то ба ту рухсат дода шавад,[1] [55] дар акси ҳол бозгард."***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Нақл мекунанд, ки боре Абу Мӯсо аз Умар рухсат пурсид, ки ба хона ворид гардад, аммо ӯ рухсат надод ва Абу Мӯсо рафт, аммо баъд барои ӯ қосид фиристод ва онҳо аз хусуси пурсидани иҷозати ворид шудан ва бозгаштан сӯҳбат оростанд. Ба фикри мо мазмуни ин сӯҳбатро комилан овардан аз манфиат холӣ намебуд, то хонанда бифаҳмад, ки саҳобагони мӯҳтарам дастуроти Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро чи қадар дақиқ риоя менамуданд ва чӣ тавр кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар амал татбиқ намоянд.

«اِسْتَأْذَنْتُ عَلَى عُمَرَ فلَمْ يُؤْذَنْ لي ــ ثلاثاً ــ فأَدْبَرْتُ، فأرسَلَ إليَّ فقالَ: يا عبدَ اللّهِ، اشتدَّ عليكَ أن تحتبسَ عَلَى بابي؟ اِعلَمْ أنَّ الناسَ كذلكَ يشتدُّ عليهمْ أنْ يحتَبِسُوا على بابِكَ، فقلتُ: بَلِ اسْتأذنتُ عليكَ ثلاثاً، فلمْ يُؤْذَنْ لي، فرجعتُ [وكُنّا نُؤْمَرُ بذلكَ]. فقالَ: مِمَّنْ سمعتَ هذا؟ فقلتُ: سمِعْتُه منَ النبيِّ ﷺ، فقالَ: أسمعتَ منَ النبيِّ ﷺ ما لمْ نسمَعْ؟ لئِنْ لَمْ تأتِني على هذا بِبيِّنَةٍ لأَجْعَلَنَّكَ نكالاً، فخرجتُ حتّى أتيتُ نَفَراً مِنَ الأنْصارِ جُلوساً في المسجد، فَسَأَلْتُهمْ، فقالوا: أَوَيَشُكُّ في هذا أحدٌ؟ فأخبرتُهمْ ما قالَ عمرُ، فقالوا: لا يَقُومُ معَكَ إلاّ أصْغَرُنا. فقامَ معي أبو سعيد الخُدْرِيِّ ــ أو أبو مسعود ــ إلى عمرَ، فقالَ: خرَجْنا مع النبيِّ ﷺ، وهو يريدُ سعدَ بنَ عُبادَةَ، حتى أتاهُ، فسلَّمَ، فلَمْ يُؤْذَنْ له، ثم سلَّمَ الثانيةَ ثم الثالثةَ، فلم يُؤْذَنْ له، فقالَ: قضَيْنا ما علَيْنا. ثم رجعَ، فأدركَهُ سَعْدٌ، فقالَ: يا رسولَ الله، والذي بعثَكَ بالحقِّ ما سلَّمتَ مِنْ مرَّةٍ إلا وأنا أسمعُ وأردُّ عليكَ، ولكنْ أحْبَبْتُ أن تُكْثرَ مِنَ السّلامِ عليَّ وعلى أهْلِ بيتي. فقال أبو موسى: واللّهِ إنْ كنتُ لأميناً على حديثِ رسولِ اللّهِ ﷺ، فقالَ: أجلْ، ولكنْ أحببتُ أنْ أستَثْبِتَ»

*"Ман се маротиба аз Умар иҷозати ворид шудан пурсида, нагирифтам ва рафтам, аммо баъд ӯ аз паси ман (қосид) фиристод ва гуфт: "Ё Абдуллоҳ, шояд туро дар паси дари ман истодан нохуш буд? Бидон, ки одамонро низ мисли ҳамин дар паси дари ту истодан нохуш мебошад!" Ман гуфтам: "Вале ман аз ту се маротиба рухсат пурсидам, лекин маро рухсат дода нашуд ва ман рафтам"-, вале моро ба ҳамин тавр рафтор кардан фармуда буданд. Вай пурсид: "Аз кӣ дар ин хусус шунидӣ?" Ман* гуфтам: "Ман аз ин хусус аз пайғамбар салаллоху алайҳи васаллам *шунидам." Вай хитоб кард, ки: "Наход, ки ту аз пайғамбар* салаллоху алайҳи васаллам *чизеро шунидӣ, ки мо нашнида бошем?! Ба дурустӣ, агар ту ба ман барои ин чиз далеле ҳаққонӣ наёварӣ, туро ҷазо медиҳам!" Он гоҳ ман ӯро тарк карда, ба масҷид омадам. Он ҷо фақат ансориён нишаста буданд. Ман аз онҳо пурсидам. Онҳо гуфтанд: "Оё касе ба ин чиз шубҳа дорад?" Он гоҳ ман ба онҳо аз хусуси он чӣ ки ба Умар гуфта будам, ҳикоя кардам ва онҳо гуфтанд: "Бо ту фақат хурдтарини мо хоҳад рафт." Ва бо ман ба назди Умар Абу Саид ал-Худрӣ* (ё... *Абу Масъуд) рафт ва (ба Умар) гуфт: "Боре мо ҳамроҳи пайғамбар* салаллоху алайҳи васаллам *ба назди Саъд ибни Убода, ки пайғамбарро дидан мехост, равона шудем. Ба назди ӯ расида, вай салом гуфт, аммо касе иҷозати* (ворид шудан) *надод. Пас ӯ дубора гуфт:* **"Ассалому алайкум!"** *баъд бори сеюм низ, аммо баъд аз ин низ касе ба ӯ ҷавоб надод. Он гоҳ вай гуфт:* **"Мо кореро ки зарур буд, анҷом додем"-**, *ва бозгаштем. Вале пас аз муддате ба ӯ Саъд расиду хитоб кард: "Ё Расулаллоҳ, қасам ба Касе, ки ба ҳақиқат туро фиристодааст, чун ҳар дафъа ту салом мегуфтӣ, ман онро мешунидам ва ба он ҷавоб мегуфтам, аммо ман мехостам, ки ту маро ва хонадони маро бештар салом бигӯӣ!" Баъд аз ин Абу Мӯсо гуфт: "Ба Аллоҳ қасам, ки ман суханони Расулаллоҳ* салаллоху алайҳи васаллам*-ро дуруст расонидам!"* (Умар) *гуфт: "Бале, аммо ман барои ин чиз исбот мехостам!"*

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Дар нусхаи дигари ин ҳадис, ки Муслим овардааст, хабаре дода мешавад: чун ин суханон исботи худро дарёфтанд, Умар худро маломаткунон гуфт:

«أَخَفِيَ عليَّ مِنْ أمرِ رسول الله ﷺ؟ أَلْهاني الصَّفْقُ بالأسواقِ؛ يعني الخروجَ إلى التِّجارة».

*"Наход ки ман ягон чизро аз хусуси Расулаллоҳ* салаллоху алайҳи васаллам *намедонистам?! Наход ки савдои бозор маро аз ин машғул дошт?!* (Яъне вай кори савдои худро дар бозор дар назар дошт.)

## Вай дар он ҷое менишинад, ки холист

Ба ғайр аз ин нишонии фарқкунандаи мусулмони асилу бофаросату маърифатнок хушодобии ӯ мебошад, ки дар ҳама гуна ҷамъияте, ки ӯро лозим меояд ҳозир бошад, ҳамеша зоҳир меёбад. Дараҷаи тарбияти олӣ бо шарофати донистани дастуроти аъмоли пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ба даст оварда мешавад ва ҳар касе, ки талаботи ин гуна тарбиятро риоя мекунад, узви намунавии ҷамъият шуда, хислати басо нармро соҳиб мегардад.

Ин дастуроти наҷиб ба мусулмон қабл аз ҳама меомӯзанд, ки ӯ бояд дар ҷое нишинад, ки холист, на аз болои сари одамон бигзарад ва нишастагонро ташвиш диҳад, то дар миёни эшон барои худ ҷое пайдо намояд. Бо ин рафтори худ вай тибқи одоби дурусти мусулмон дар ҷамъият амал мекунад, риояи ин одобро Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам ба саҳобагони мӯҳтарами худ бо ҳузур доштани худ омӯзонидааст.

Масалан, дар хабар аст, ки Ҷобир ибни Самур (р), гуфтааст:

«كُنّا إذا أَتَيْنـا النبيَّ ﷺ جَلَسَ أَحَدُنا حيثُ يَنْتَهي»

*"Вақте ки мо ба назди пайғамбар салаллоху алайхи васаллам меомадем, ҳар кадоми мо дар он ҷое менишаст, ки холӣ буд."*[156]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

Мусулмоне, ки ин гуна қоидаҳои одобро риоя мекунад, ба худ муносиб намебинад, ки худро ба миёни одамон тела диҳад. Агар ӯ ин корро кардан хоҳад ҳам фақат бо иҷозати онҳо ва фақат ҳамон вақт анҷом медиҳад, ки барои ин дар ҳақиқат заруpате вуҷуд дорад, зеро Расули Аллоҳ салаллоху алайхи васаллам манъ кардааст, ки бе иҷозат дар миёни ду нафари нишастагӣ биншинӣ ва пешакӣ огоҳ карда гуфтааст:

«لا يَحِلُّ لِرَجُلٍ أَنْ يُفَرِّقَ بينَ الاثْنَيْنِ إلاّ بِإذْنِهِما»

***"Инсонро рухсат дода мешавад, ки ду нафарро фақат бо иҷозати онҳо ҷудо кунад."***[157]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

Ба ин чиз бисёр ҳадисҳо ва дигар ахбор ишора мекунанд, хабари Саъд ал-Мақбурӣ низ аз ҷумлаи ин ахбор аст. Вай гуфтааст:

*“Боре ман аз назди ибни Умар, ки бо ӯ шахсе гуфтугӯ дошт, гузаштам. Ман ба онҳо наздиктар омадам ва ӯ ба қафаси синаи ман зада гуфт: “Чун дидӣ, ки ду нафар гуфтугӯ доранд, ба онҳо наздик наё ва то иҷозати онҳоро напурсӣ, ба онҳо ҳамроҳ машав!”-, ман гуфтам: “Аллоҳ корҳои туро муназзам гардонад ё Абу Абдурраҳмон, ба дурустӣ, ки ман фақат аз шумоён сухани некӯе шунидан мехостам!”*

**Ал-Бухорӣ дар “Ал-Адабу-л-муфрад”**

Аммо агар яке аз нишастагон аз ҷои худ бархезад, ки шахси омадаро ба ҷои худ биншонад, ба ӯ дар ин чиз ҷавоби рад бояд дод ва ин беҳтар буда, мувофиқи рафтори саҳобагони акрам (р), мешавад.

Дар хабар аст, ки ибни Умар (р), гуфт: *“Расулаллоҳ* салаллоҳу алайҳи васаллам *гуфт:*

**«لا يُقيمَنَّ أَحَـدُكُمْ رَجُـلاً مِنْ مَجْلِسِـه، ثُمَّ يَجْلِسُ فيـهِ، ولكنْ تَـوَسَّعـوا وتَفَسَّحوا». وكان ابن عمر إذا قام له رجل من مجلسه لم يجلس فيه**

***“Бояд ҳеҷ каси шумо нафареро набояд аз ҷои худ бархезонад, то ба ҷои ӯ худ биншинад!*** (Чунин накунед) ***аммо зичтар шинед”.***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

***Худи ибни Умар бошад, дар ҷамъомаде ба ҷое, ки дигар шахс барои ӯ холӣ мекард ҳаргиз наменишаст.***

**Муслим**

Вақте ки одам ба худ ҷое пайдо мекунад, он гоҳ дар гуфтору рафтор ба қадри имкон худро тавре нигоҳ дорад, ки Расули акрам салаллоҳу алайҳи васаллам дар ҷамъияти дигар одамон худро ҳамин тавр нигоҳ медошт. Вай ба ҳар кас таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд ва ягон нафар аз мусоҳибони ӯ ҳис намекарданд, ки ӯ ба дигаре бештар эътибор медиҳад. Вай ҳаргиз нафареро таъна намезад, маломат намекард, айби эшонро намеҷуст, фақат аз хусуси он чиз мегуфт, ки барои он (кор) мукофоти Аллоҳро гирифтан мумкин буд ва сухани касеро намебурид, то он шахс худ сухан гуфтанро тамом намекард ё аз ҷои худ бархеста намерафт.

**Нигаред: “Зиндагиномаи саҳобагон”, 1/22-23.**

## Вай то имкон дорад,
## дар ҳузури дигарон ҳамёза намекашад

Мусулмони тарбиятдида, қоидаҳои одоби ҷамъиятиро азхудкарда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳузури дигарон ҳамёза накашад, агар ҳамёза бар ӯ ғолиб омадан хоҳад, мубориза барад. Ба ин чиз Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) мардумро ҳидоят мекард. Вай гуфтааст:

«إذا تثاءب أحدكم فليكظم ما استطاع»

***"Агар нафаре аз шумо ҳамёза кашидан мехоҳад, то метавонад бояд худдорӣ кунад".***

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Аммо агар ӯ метавонад, ки ҳамёзаашро боздорад, чунонки расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) фармудааст, бояд даҳонашро бо дасташ пӯшад. Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфтааст:

«إذا تثاءب أحدكم فليمسك بيده على فيه فإن الشيطان يدخل»

***"Агар нафаре аз шумо хамёза кашидан мехоҳад, бо даст даҳонашро бояд пӯшад, ба дурустӣ, ки шайтон ба дарун роҳ меёбад".***

**Муслим**

Дар асл низ ҳамёза дар ҷамъомад нафратовар мебошад ва ин чиз одами боадабро зебанда нест, аз ин сабаб онро бояд фурӯ нишонад, ё ҳеҷ набошад, даҳони кушодаро бо даст пӯшад, то онро ҳозирон набинанд. Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ба ҳамин чиз дастур медод, ки худро дар ҷамъият бояд тавре нигоҳ дошт, ки аъмоли ту дигаронро ба нафрат парваридан водор насозанд ва онҳо фикр накунанд, ки ту дар ҷамъияти онҳо дилгир шудаӣ ва мехоҳӣ, ки онҳоро тарк созӣ ё онҳо туро тарк созанд.

## Вай ҳангоми атса задан меъёри ахлоқи исломиро риоя мекунад

Дар ислом қоидаҳои махсус на фақат барои хамёзакашандагон, ҳамчунин барои атсазанандагон низ муқаррар карда шудаанд. Ин дин одоби дар ин мавридҳо чӣ гуна амал карда, чӣ гуфтани атсазананда, чӣ гуфтан ба атсазананда ва бо кадом дуо барои ӯ ба Аллоҳ муроҷиат карданро ба мусулмон меомӯзонад.

Аз забони Абу Ҳурайра (р), нақл мекунанд, ки пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إنَّ اللّهَ يُحِبُّ العُطاسَ ويَكْرَهُ التَّثاؤُبَ، فإذا عَطَسَ أَحَدُكُمْ وحَمِدَ اللّهَ تعالَى كانَ حَقّاً على كُلِّ مُسْلِمٍ سَمِعَهُ أنْ يقولَ لَهُ: يَرْحَمُكَ اللّهُ. وأمّا التّثاؤُبُ فإنّما هُوَ مِنَ الشَّيْطانِ، فإذا تثاءَبَ أَحَدُكمْ فَلْيَرُدَّهُ ما اسْتَطاعَ، فإنَّ أحدَكمْ إذا تَثاءَبَ ضَحِكَ منْهُ الشَّيْطانُ»

***“Ба дурустӣ, Аллоҳ атсаро railменписандад, аммо ҳамёзаро намеписандад ва агар нафаре аз шумо атса мезанад ва Аллоҳи Таъолоро ҳамд мегӯяд. Пас ба ҳар мусулмоне, ки онро мешунавад, лозим аст, ки бигӯяд: “Аллоҳ туро раҳм кунад!” Аммо он чӣ ки ба ҳамёза таллуқ дорад -, ба дурустӣ, ки ин аз шайтон аст ва агар нафаре аз шумо ҳамёза кашидан мехоҳад, то метавонад бояд онро фурӯ нишонад, вагарна чун кадоме аз шумо ҳамёза мекашад,[158] шайтон бар шумо механдад.”***

**Ал-Бухорӣ**

Ҳамин тавр, ҳатто ҳамин гуна як зуҳуроти ғайриихтиёрӣ дар ҳаёти мусулмон бояд ба қоидаҳову муқаррароти муайян итоат намояд. Ин чиз инсонро водор месозад эҳсос намояд, ки ин дин барои ӯ дода шудааст, то дар ҳама кор барои манфиат гирифтан мусоидат намояд, зеро ин дин на чизи хурд ва на чизи бузургро сарфи назар намекунад ва ҳама чизро ба низом дароварда, инсонро бо Аллоҳ, бо Парвардигори оламҳо ҳамеша пайванд месозад.

Агар шахсе атса мезанад, ӯро лозим аст, ки бигӯяд: ***“Ҳамд Аллоҳро!”*** Дар айни замон шунавандаи атса бояд бигӯяд: ***“Аллоҳ туро раҳм намояд!”-,*** ва шахси атса задаро лозим аст, ки чунин ҷавоб гӯяд: ***“Туро Аллоҳ ба роҳи рост ҳидоят намояд ва Ӯ корҳои туро ба салоҳ сомон диҳад!”*** Ҳадисе, ки ал-Бухорӣ овардааст, одамонро ба ҳамин чиз ҳидоят мекунад. Дар ин ҳадис хабар дода мешавад, ки Расули Аллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) гуфт:

«إذا عَطَسَ أحدُكم فَلْيَقُلْ: الحَمْدُ للهِ، وَلْيَقُلْ لَهُ أخوهُ أوْ صاحِبُهُ: يَرْحَمُكَ اللّهُ. فإذا قالَ له: يَرْحَمُكَ اللّهُ فَلْيَقُلْ: يَهْديكمُ اللّهُ ويُصْلِحُ بالَكُمْ»

“Агар нафаре аз шумо атса мезанад, бояд бигӯяд: ***“Ҳамд Аллоҳро!”***-, ва бародари ӯ (ё.. ҳамсафараш) ба ӯ бояд бигӯяд: ***“Аллоҳ туро омурзад!”***-, аммо агар ӯ бигӯяд, ки: ***“Аллоҳ туро раҳм намояд!”***-, (диҳандаи атса) бояд бигӯяд: ***“Аллоҳ туро ба роҳи рост ҳидоят намояд ва Ӯ корҳои туро ба салоҳ сомон диҳад!”***

**Ал-Бухорӣ**

Ин гуна тарзи мурочиат ба Аллоҳ, ба қавли дигар, ба забон овардани калимоти ***“Аллоҳ раҳм намояд!”*** “ташмит” ном гирифтааст ва агар шахсе атса дода Аллоҳро ҳамд фиристад, он калимотро барои ӯ бояд гуфт. Агар ӯ чунин накард, он гоҳ барои ӯ чизе гуфтан зарур нест. Аз ин хусус пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) чунин мегӯяд:

**«إِذا عَطَسَ أَحَدُكُمْ فَحَمِدَ اللّهَ فَشَمِّتُوهُ، فَإِنْ لَمْ يَحْمَدِ اللّهَ فَلا تُشَمِّتُوهُ»**

***“Агар нафаре аз шумо атса доду Аллоҳро ҳамд гуфт, он гоҳ барои ӯ ба Аллоҳ дуо кунед, аммо агар Аллоҳро ҳамд нагуфт, ин корро накунед”***

**Муслим**

Дар хабар аст, ки Анас (р) гуфт:

**«عَطَسَ رَجُلانِ عِنْدَ النَّبِيِّ ﷺ، فَشَمَّتَ أَحَدَهُمَا، ولم يُشَمِّتِ الآخَرَ، فقالَ الَّذي لم يُشَمِّتْهُ: عَطَسَ فُلانٌ فَشَمَّتَّهُ، وعَطَسْتُ فلَمْ تُشَمِّتْني؟ فقال: «هذا حَمِدَ اللّهَ، وإنَّكَ لَمْ تَحْمَدِ اللّهَ»**

*“Боре ду нафар дар ҳузури пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) атса доданд ва якеро ӯ гуфт:* ***“Аллоҳ туро раҳм намояд”****, аммо барои дигаре чунин нагуфт. Он шахс гуфт: “Чун фалонӣ атса дод, ту гуфтӣ:* ***“Аллоҳ туро раҳм намояд”,*** *аммо барои ман чунин нагуфтӣ!” Дар ҷавоб пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) бар ӯ гуфт:* ***“Ӯ ба Аллоҳ ҳамд фиристод, аммо ту чунин накардӣ!”****

**Ал-Бухорӣ ва Муслим**

Хулоса, тарзи изҳори ташаккур, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) одамонро водор намудааст, то дар мавриди атса додани нафаре ба забон оваранд, нишон медиҳад, ки ин ҳама як ҳадафи бузург до-

ранд. Моҳияти он ҳадаф аз ин иборат мебошад, ки Аллоҳро ба хотир оварда, Ӯро ҳамду сано фиристӣ, ҳамчунин ба хотири мустаҳкам кардани пайванди бародарӣ, эҳтироми якдигар ва дӯстии самимонаи миёни мусулмонон аст.

Ҳамин тавр, атсазананда Аллоҳро барои халосӣ ёфтан аз он эҳсосоту ҳаяҷоне, ки ӯро ташвиш додаанд, бояд ҳамд гӯяд, аммо шунавандаи ин суханон барои ӯ лутфи Аллоҳро бояд талаб намояд, зеро вай шунид, ки ӯ Аллоҳро ҳамд гуфт. Гӯяндаи ҳамд Аллоҳро ҳамеша лутфу марҳамати Ӯро сазовор мебошад. Атсадода бошад, ба ин ҷавоб, дар навбати худ, ҷавоби боз ҳам дарозтар ва пур аз хайрхоҳӣ гардонда, муҳаббату эҳтирому дӯстии худро изҳор намояд.

Ҳамин тавр, ислом ҳатто зуҳуроти ночизи табиии дар ҳаёти мусулмон рухдодаро ба он равона месозад, ки онҳо барои ёд кардани Парвардигорашон хидмат кунанд ва Ӯро ҳамд фиристанд ва дар қалби онҳо укдаи бародарӣ, эҳтироми тарафайн, раҳму шафқат нисбат ба якдигар мустаҳкамтар гардад.

Ба ғайр аз ин, қоидаҳои одобе, ки ислом қабул намудааст, талаб мекунанд, ки атсадиҳанда даҳони худро бо дасташ пӯшонад ва кӯшиш ба харҷ диҳад, ки ҳарчӣ оҳистатар атса занад. Дар ин гуна мавридҳо Расули акрам (салаллоҳу алайҳи васаллам) ҳамин тавр рафтор мекард.

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра (р) гуфт:

«كـان رسـولُ اللّهِ ﷺ إذا عَـطَسَ وَضَــعَ يَـدَهُ أَوْ ثَــوْبَـهُ على فِيــهِ، وخَفَضَ ـ أو غَضَّ ـ بهـا صَــوْتَـهُ»

*"Вақте ки Расулаллоҳ (салаллоҳу алайҳи васаллам) атса медод, даҳони худро бо даст ё либос мепӯшид ва бо ин садо (-и атса)-ро оҳистатар мекард".*[159]

**Абу Довуд ва ат-Тирмизӣ**

## ВАЙ БА ХОНАИ БЕГОНА БОДИҚҚАТ НИГОҲ НАМЕКУНАД

Аз ҷумлаи одобе, ки мусулмон дар ҷамъият риоя мекунад, ин аст, ки ӯ ба хонаи ҳамсӯҳбати худ бодиққат нигоҳ намекунад ва дар он айбу хато намеҷӯяд, зеро ин чиз ба симои мусулмони боҳаёву айбпӯшонанда[160] ва тарбиятдида мувофиқ наме-

бошад. Расули акрам салаллоху алайхи васаллам бошад, ба онҳое, ки дар ҳузури ҷамъияти дигар ба нигоҳи худ ихтиёри озодӣ медиҳанд ва ҳар гуна нуқсонро аз мадди назар мегузаронанд, ба таҳдид мурочиат намуда, иҷозат додааст, ки чашмони ин гуна одамон кофта гирифта шаванд. Дар хабар аст, ки ӯ гуфт:

«مَنِ اطَّلَعَ في بَيْتِ قَوْمٍ بغَيْرِ إِذْنِهِمْ، فَقدْ حَلَّ لهمْ أنْ يَفْقَؤوا عَيْنَهُ»

***"Шахсонеро, ки хонаи онҳоро бе ризоияти онҳо нафаре аз назар мегузаронад, иҷозат дода мешавад чашмони ӯро кофта бигиранд".***

**Ал-Бухорӣ**

## Вай худро ба занон монанд намекунад

Дар ҷамъияти солими исломӣ ягон мусулмонро дучор омадан мушкил аст, ки ба занон ва занеро дучор омадан мумкин аст, ки худро ба мардон монанд кунад. Дар ҷамъияти исломӣ мардон ҳамчун мард бо тамоми хосияту хислат ва вазифаҳои ба худ хос боқӣ мемонад.

Худи ҳамин чизро нисбат ба занон низ метавон гуфт ва тавофути миёни онҳо, бигузор ки ин тавофути зоҳирӣ бошад ё дигар, набояд бартараф шавад. Маҳз аз ин сабаб ислом нисбат ба мардоне, ки ба занон тақлид мекунанд ва нисбат ба заноне, ки ба мардон тақлид екунанд, бо таҳдиди даҳшатангез мурочиат кардааст.

Дар хабар аст, ки ибни Аббос (р) гуфт:

«لَعَنَ رسـولُ اللَّهِ ﷺ المُخَنَّثِينَ مِنَ الـرِّجـالِ ، والمُتَـرَجِّـلاتِ مِنَ النِّسـاءِ». وفي رواية: «لَعَنَ رسـولُ اللَّهِ ﷺ المُتَشَبِّهِينَ مِنَ الرِّجـالِ بـالنِّسـاءِ، والمُتَشَبِّهاتِ مِنَ النِّساءِ بالرِّجالِ»

*"Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам мардони ба занон шабеҳшударо ва занони ба мардон шабеҳшударо лаънат кардааст"*[1 61]. Дар нусхаи дигари ин ҳадис хабар дода мешавад, ки ӯ мегӯяд: *"Расулаллоҳ салаллоху алайхи васаллам мардонеро, ки худро ба занон шабеҳ мекунанд ва занонеро, ки худро ба мардон шабеҳ мекунанд, лаънат хондааст".*

**Ал-Бухорӣ**

Дар хабар аст, ки Абу Ҳурайра (р) гуфт:

«لَعَنَ رسـولُ اللهِ ﷺ الرَّجُـلَ يَلْبَسُ لِبْسَـةَ المَـرْأةِ، والمـرأةَ تَلْبَسُ لِبْسَـةَ الرَّجُلِ»

*"Расулаллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам мардеро, ки либоси занонаро ба бар кардааст, лаънат кардааст ва занеро, ки либоси мардонаро ба бар кардааст, (низ) лаънат хондааст".*

**Абу Довуд**

## Эзоҳоти боби 9

1. **Ат – Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадисе хубест".***

2. **Ат – Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хубу саҳеҳ аст".***

3. **Ат – Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хубу саҳеҳ аст".***

4. **Сухан аз хусуси духтарони ба синни балоғат расида аст, ки волидонашон аз чашмони бегона дар хонаҳои худ дар паси пардаҳо пинҳон кардаанд.**

5. **Зери мафҳуми "фаръ" аъмоли муайяне дар назар дошта шудаанд, ки содир кардани онҳо аз он хусус дарак медиҳад, ки инсон соҳиби имон мебошад, яъне зуҳур ёфтани имон аст.**

6. **Яъне, барои касе, ки ба ту ягон бадӣ кардааст, бо некӣ ҷавоб бидеҳ.**

7. **Яъне, тавассути ман барои мардум аз амри Аллоҳ фиристода шудаанд.**

8. **Ҳамаи наклкунандагони ҳадис дар "Ас-Саҳеҳ" ёд шудаанд.**

9. **Ҳамаи наклкунандагони ҳадис дар "Ас-Саҳеҳ" ёд шудаанд.**

10. **Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хуб."***

11. **Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси хуб."***

12. **Ҳамаи наклкунандагони ҳадис дар "Ас-Саҳеҳ" ёд шудаанд.**

13. **Дар назар дошта шудааст, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам назар ба одаташ камтар оят мехонд.**

14. **Яъне, ӯ ба ҷаҳаннам афканда шуд.**

15. **Ҳамаи наклкунандагони ҳадис дар "Ас-Саҳеҳ" ёд шудаанд.**

16. **Дар ин маврид аз хусуси қобилияти муқарраротн шариатро қатъӣ риоя карда, дар чизе ҳадди эътидолро таҷовуз накардани инсон сухан меравад.**

17. **Ҷуръати инсон барои иҷро кардани он чӣ ки Аллоҳ фармудааст дар назар дошта шудааст.**

18. **Ин ҷо овозаҳои мунофиқон аз хусуси хиёнати заношӯии Оиша дар назар дошта шудааст.**

19. **Одамон чунин меҳисобиданд, ки расули Аллоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам дар ҳақиқат даюсонро лаънат мекунад ва баъд аз ин онҳоро Аллоҳ нобуд месозад.**

20. **Яъне, ... ва онҳоро ба ислом биёвар.**

21. **Ҳамаи онҳое, ки дар ҳадиси Аҳмад оварда ёд карда мешаванд, сазовори боварианд.**

22. **Омӯрзиш дар назар дошта шудааст.**

23. **Яъне, аз он чӣ, ки шариат писандида ва тавсия додааст.**

24. Ин шахс гумон кард, ки ба ӯ ба уштурбача нишастанро таклиф доранд.

25. Пас аз марг занони тақводорро дубора офаридан ва онҳоро ҷавонӣ бозгардонида шудан дар назар дошта шудааст.

26. Ин ҷо уштурпойга дар назар дошта шудааст.

27. Тасвир шудани чизҳои зинда дар назар дошта шудааст.

28. Яъне, ӯ бояд ҷабини худро ба замин расонида, саҷда кунад ва бештар намоз хонад.

29. Ба дигар маънӣ, шахсе, ки дар зиндагияш намоз хондааст, рӯза гирифтааст ва закот додааст.

30. Яъне, вазнинии гуноҳ барои ҷанҷолу дашном додан, ба шарте ки озордида зиёдтар (дашном) нагӯяд.

31. Дар назар дошта шудааст, ки фавтидагон барои аъмоли худ дар зиндагиашон подош гирифтаанд.

32. Ин ҷо ҳам пахн кардани ҳама гуна гуноҳ, масалан, фиску фасод, ҳам пахн кардани овозаҳо аз ин хусус дар назар дошта шудааст.

33. Аз ҳама гуна бадӣ дар ин ҷаҳон ва ҷаҳони дигар раҳоӣ ёфтан дар назар дошта шудааст.

34. Санади ҳадис талаботи ал-Бухорӣ ва Муслимро қонеъ намудааст.

35. Яъне, духтаре, ки волидонаш аз чашми бегона ниҳон кардаанд.

36. Ислом дар назар аст.

37. Ин ҷо ҳама гуна сухан ва амале, ки аз нуқтаи назари ислом асоси қонунӣ надоранд, дар назар дошта шудааст.

38. Ба ҳоли пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам), ки ин суханонро ба забон оварда, сахт дар ҳаяҷон буд, дили одамон сӯхт.

39. Дар ин вақт Анас (р) худ хурдсол буд.

40. Чунон ки қайд карда шуд, ин ҳадисро Муслим овардааст, аммо ал-Бухорӣ онро қисман овардааст. Собит ба касе пайравӣ намудааст, ки Анас ба ӯ аз ин хусус ҳикоя кардааст.

41. Яъне, аз мардум аз ҳавобаландӣ худро канор магир.

42. Ба дигар маънӣ, пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) ба он чӣ ишора кардааст, ки хоҳиши либоси хуб ё пойафзоли хуб доштан ҳанӯз аз такаббур дарак намедиҳад.

43. Дар назар дошта шудааст, ки шӯҳрат ва азамат рамзҳои Аллоҳанд, дар ин хусус одамон ба Ӯ набояд монанд шудан хоҳанд.

44. Ин ҷо сухан аз хусуси ғуломдухтаракон аст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам)-ро бо худ бурдаанд, то ӯ ба онҳо дар ҳалли ину он масъала кӯмак кунад.

45. Яъне, ҳамдигарро таъна назанед, *(бадном накунед)*.

46. Лақабҳое, ки дилро озор медиҳанд, дар назар аст.

47. Яъне, нахуст ба калонсол имкони сухан гуфтан деҳ.

48. Одаме дар назар дошта шудааст, ки ба қадри тавону имконият, худро то ба дараҷаи бемадорӣ наоварда, Қуръон мехонад, аммо аз ин хусус фаромӯш накарда, тамоми муқаррароти Қуръонро риоя мекунад.

49. Яъне, бо Умар.

50. Яъне, аз Макка ба Мадина бо сабаби ақидаҳои динӣ муҳоҷират кардааст.

51. Яъне, кӯшиш кардан, ки лутфу марҳамати Аллоҳро соҳиб гардад.

52. Ҳангоми иҷрои амри Аллоҳ саҳлангорӣ кардан дар назар дошта шудааст.

53. Сухан аз хусуси яке аз бандагони тақводори Аллоҳ бо номи Хизр аст.

54. Яъне, то замони ислом, дар замони ҷоҳилият.

55. Умм Айман мураббия ва хидматгори Расули Аллох салаллоху алайхи васаллам дар овони кўдакияш буд. Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам ба воя расида, ўро озод намуд ва ба Зайд ибни Ҳорис ба занӣ дод. Расул салаллоху алайхи васаллам ҳамеша ба ў бо як эҳтиром муносибат мекард ва мегуфт: "Умм Айман модари ман аст".

56. Дар назар дошта шудааст, ки барои содир кардани ин чиз ҳамон гуна подош муқаррар шудааст, ки барои садақа-бахшиши ихтиёрӣ ба бечорагон.

57. Ба дигар маънӣ, ҳар қадам дар роҳи масчид.

58. Яъне, писандидаи шариат.

59. Яъне, ба овозаҳои аъмоли бади ў бовар намекунад.

60. Яъне, то замоне, ки ў ба хотима додани чанчол розӣ шуда, ҳалли масъалаҳои баҳснокро мувофиқи шариат ихтиёр намекунад.

61. Номи қабила.

62. Ҳама гуна муҳобот дар назар дошта шудааст.

63. Ин чо ҳамон суханон дар назар дошта шудаанд, ки ҳамсарон метавонанд ба хотири муросо кардан ба якдигар баъди баҳс мегўянд, аммо дар айни замон ба баъзе муболиғаҳо роҳ медиҳанд.

64. Яъне, мувофиқи иродаи Аллоҳ.

65. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб"*.

66. Яъне, донише, ки ба хотири мукофоти Аллоҳро соҳиб шудан бояд ба даст оварда шавад.

67. Ат-Тирмизӣ гуфтааст, ки: *"Ҳадиси саҳеҳи хуб"*.

68. Ҳамаи нақлкунандагони ҳадис дар "Ас-Саҳеҳ" ёд шудаанд.

69. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест"*.

70. Ҳамоне дар назар дошта шудааст, ки аз дигарон зиёдтар Қуръон мехонад ва беҳтар аз ёд медонад.

71. Ҳамаи нақлкунандагон, ки Аҳмад номбар кардааст, сазовори боварианд.

72. Ин чунин маъно дорад, ки бояд барои ташаккул ёфтани шахсияти худ кўшиш ва фармудаҳои шариатро бечунучаро риоя кард.

73. Ат-Тирмизӣ гуфтааст: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест"*.

74. Ҳамаи нақлкунандагон дар "Ас-Саҳеҳ" номбар шудаанд.

75. Сухан аз хусуси одамонест, ки дар намози чамоъа дар масчид ҳозир мебошанд.

76. Яъне, беному нишон гардам.

77. Дар Арабистони тоисломӣ одамон зуд-зуд ба коҳинони касбӣ, ки ба хотири пешгўӣ кардани оянда ва чавоб гуфтан ба ҳар гуна савол ба ҳолати вачд меафтоданд, мурочиат мекарданд.

78. Яъне, бояд ин чиз ба онҳо барои расидан ба мақсад халал нарасонад, зеро ин на фоида меоварад, на зарар.

79. Пайғамбар салаллоху алайхи васаллам инро гуфта, дар назар дошт, ки одамон аз тумтароқӣ ва ғайритабиӣ будан худдорӣ намуда, набояд ягон хел калимоти махсус чустучў кунанд.

80. Ин чо Абу Бакри Нуфайъ ибни Қилода дар назар дошта шудааст, на Абубакри Сиддиқ (р).

81. *"Ҳаниф"* шахсест, ки ба ҳақиқат сачда мекунад, бо роҳи рост меравад ва самимист.

82. Дар назар дошта шудааст, ки ин гуна ашхос барои ҳадяҳои худ мукофоти Аллоҳро соҳиб намешаванд.

83. Ба дигар маънӣ, агар ў бо гуноҳи бисёрхудоӣ муртакиб шавад.

[84] Касоне дар назар дошта шудаанд, корҳои хайрро барои худнамоӣ ба одамон нишон дода анҷом медиҳанд.

[85] Дар назар дошта шудааст, ки Аллоҳ он чиро ки одамон дар худ пинҳон дошта кореро ба хотири худнамоӣ ва соҳиб шудан ба эҳтироми мардум анҷом додаанд, нишон медиҳад.

[86] *"Истиқома"*. Ба маънои ҳақиқияш ба яккахудоӣ катъӣ ва ҳамеша эътиқод доштану пайравӣ намудан ва ба тамоми он чӣ ки дин амр ё манъ кардааст, комилан итоат намудан дар назар дошта шудааст.

[87] Яъне ба ӯ мегӯяд: "Аллоҳ туро биёмурзад!"-, агар ӯ атса зада, "Аллоҳро ҳамд!" гӯяд.

[88] Масалан, даъватро дар мавриде пазируфт, ки шахс гӯяд: "Ба Аллоҳ қасам, ки ту зиёфати моро бояд бичашӣ!"

[89] Масалан, даъват ба ягон тантана.

[90] *"Ас-салом"*-сулҳ. Ин калимотро ҳамчун фармоиш ба якдигар ҳангоми вохӯрӣ бояд пазируфт, ки мегӯӣ: *"Ас-салому алайкум"* ва амре мебошанд барои нигоҳ доштани муносибатҳои нек бо якдигар барои мусоидат намудан ба нигоҳ доштани сулҳу оштӣ дар ҷамъият.

[91] Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси хубест."*

[92] Абулқосим кунияи (тахаллуси ифтихории) пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам мебошад.

[93] Дар назар дошта шудааст, ки маризӣ барои тоза шудан аз гуноҳ мусоидат мекунад.

[94] Сухан аз фиғони баланд ва навҳа кашидан аст, ки инсони ягон шахси наздикаш фавтида ба худ низ марг мехоҳад ва эҳсосоти худро басо пурҷӯшу хурӯш ифода менамояд.

[95] Қасами занон ба пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам барои вафодорӣ ба ислом дар назар дошта шудааст.

[96] Ба мақсади анҷом додани намози ҷаноза.

[97] Ба дигар маънӣ, ӯ мегӯяд: *"Ё Аллоҳ, бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад дуруд фирист, ҳамчуноне, ки дуруд фиристодӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим ҳамоно ту бар сутудан сазоворӣ ва боазаматӣ. Ё Аллоҳ, бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад баракат деҳ, ҳамчуноне, ки баракат додӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим, ҳароина ту бар сутудан сазоворӣ ва боазаматӣ."* Ин ҷо зери мафҳуми *"дуруд бифиристед (салли)"* ва *"баракат деҳ (борик)"* чизҳои гуногун дар назар дошта шудаанд. Дар мавриди аввал *"дуруд бифирист"* чунин маъно дорад: *"дар миёни фариштагон ӯро чун сутудашуда ном бубар"*, аммо *"баракат деҳ"* маънои *"ӯро афзалият бидеҳ ва мӯътабар шумор"*-ро дорад.

[98] Аз азобу имтиҳони қабр.

[99] Яъне, насиби ӯро дар биҳишт зиёда намо, мақомашро баланд дор.

[100] Ин ҷо маҷозан хоҳиши ба майит ҳама гуна раҳму шафқат зоҳир намудан ва мағфирати тамоми гуноҳону хатоҳои содир кардаи ӯ дар назар дошта шудааст.

[101] Подоше дар назар дошта шудааст, ки баъд аз фавтидани ин шахс барои зоҳир намудани сабру таҳаммул дода хоҳад шуд.

[102] Яъне, тақвият ба ҷавобҳои ӯ барои суолҳои фариштагон аз хусуси дину Худову пайғамбари вай.

[103] Суолҳои вобаста ба дин дар назар дошта шудааст.

[104] Ин ҳадиси хуб буда, фақат аз забони як ровӣ оварда шудааст (ин гуна ҳадисро "ғариб" мегӯянд).

[105] Дар ин ҳадис сухан аз хусуси тақсими ғанимати бузурги ҳарбӣ, пас аз ғалабаи мусулмонон дар ҷанги наздики Ҳунайн мебошад, ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам ҳиссаи бузургтари онро ба сарварони қабилаҳо барои батамом ба тарафи худ кашидани

эшон ва мустаҳкам кардани мавқеи ислом дода буд. Вале ба ансориён қариб чизе нарасид ва ин чиз боиси қаҳру ғазаби ин шахс шуд, зеро ӯ моҳияти аслии рафтори расули Аллоҳ (салаллоху алайҳи васаллам), нафаҳмида буд.

106. "*Қудсӣ*" ҳадисест, ки дар он суханони Аллоҳ тавассути пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) оварда шудааст.

107. Ҳамаи ровиёни ҳадис сазовори боварианд.

108. Ин ҷо талаффузи овозҳои халқӣ гӯё аз қаъри халк дар назар дошта шудааст.

109. Ҳамаи ровиён сазовори бовариaнд.

110. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

111. Яъне, барои ба подоши Аллоҳ сазовор шудан кӯшиш кардан.

112. Сухан аз аъзои оилаи пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) аст.

113. Оиша (р).

114. Тамоми гӯшти ин гӯсфандон ба бенавоён тақсим карда дода шуда буд, ки барои онҳое, ки ин корро кардаанд, захира шуда, савобашро дар дунёи ҷовидона дарёфт хоҳад кард. Ба ин чиз суханони пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ишора менамоянд, аз ин нуқтаи назар суме, ки барои онҳо бозмондааст, дар ҷаҳони ҷовидона аздастрафта ҳисоб меёбад.

115. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

116. Яъне, барои кори савоб сарф кард.

117. Ҷанги наздики Ҳусайн (водие, ки сад километр шимолу шарқтари Макка воқеъст), ки 30 январи соли 630 рӯй дода буд. Дар ин ҷанг мусулмонон нерӯҳои назар ба нерӯи худ зиёдтари қабилаи ҳавазин ва сақифро торумор карда, ғаниматӣ зиёде ба даст оварда буданд.

118. Ҷабраил (а), бояд бовaрӣ ҳосил кард, ки пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) ҳамаи чизҳои бар ӯ нозилшударо ба хотир гирифт.

119. Садақаи бузурги Усмон (р), дар назар аст, ки барои омодагӣ гирифтан ба юриши Табук (ноябр-декабри соли 630) карда буд.

120. Номи қабристон дар Мадина, дар наздики масҷиди пайғамбар (салаллоху алайҳи васаллам) воқеъ мебошад.

121. Пайғамбар (с) тибқи фармоишоти Аллоҳ саховатмандона сарф кардани маблағҳоро дар назар дошт.

122. Мисқол - 4, 68 грамм.

123. Дар назар дошта шудааст, ки дасти диҳанда аз дасти талабанда бартар мебошад.

124. Зиёд кардани меъёри зарурироро барои худи шахс ва онҳое, ки нонхӯри ӯ мебошанд, дар назар дошта шудааст.

125. Яъне, соати маргро мунтазир мабош.

126. Яъне, корро ба дараҷае марасон, ки то фавтиданат ҳама чизе, ки меросхӯрони туро тааллуқ дорад, ба хотири ҳар чӣ бештар ва пештар анҷом додани корҳои савоб, тақсим карда бидиҳӣ.

127. Яъне, мо ба якдигар он қадар наздик ҳастем, ки ба ҳадди ин ду ангушт.

128. Аз гуноҳ тоза шудан дар назар аст.

129. Мардоне дар назар дошта шудаанд, ки аз такаббур бори эзор (либос)-и худро то ба буҷулаки пойҳо дароз кардаанд.

130. Ин ҷо сафарҳо бо мақсади даъвати мардум ба ислом дар назар аст.

131. Дар назар дошта шудааст амри сардори қабила ба тобеъони худ барои таъмини меҳмон бо ҳар чиз зарурӣ ва пазироии ӯ ҳатмист.

132. Ба дигар маънӣ, кадоме, ки фармоиши дахлдор гирифтааст.

133. "Аҷаб" яке аз рамзҳои Аллоҳ аст. Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки Аллоҳ қаноатмандии худро аз рафтори ин мардум изҳор доштааст.

134. Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки ӯ (шахсеро) ба назди занони худ фиристод, то бифаҳмад, ки оё дар (хонаи) онҳо таъоме пайдо мешавад, то шахсеро, ки ба назди ӯ омадааст, зиёфат диҳад.

135. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

136. Яъне, фавтид ва дар баробари Аллоҳ барои он қарор гирифт, ки Ӯ ба вай барои аъмолаш суолу ҷавоб кунад.

137. Ҳамаи ровиён, ки Аҳмад ба онҳо истинод кардааст, дар "Ас-Саҳеҳ" номбар шудаанд.

138. Кофирон дар назаранд.

139. Ат-Тирмизӣ мегӯяд, ки: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

140. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

141. Ин наврас ибни Аббос (р), буд.

142. Мазмуни суханони ин шахс ишора ба он аст, ки ӯ дасти худро дар ҷанги наздики Муъта гум кардааст. Ҷанги наздики Муъта, ки он ҷо гурӯҳи камшумори мусулмонон тавонистанд, ки ба фишори нерӯҳои даҳҳо маротиба зиёдтари румиҳо тоб оваранд, соли 629 дар ноҳияҳои ҷануби Шом ба амал омада буд.

143. Яъне, то охир хӯрдан.

144. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."* Ин ҷо ҳар гуна гуноҳони хурд дар назар дошта шудаанд, ки барои омӯрзида шудани гуноҳҳои кабира тавба ва риояи шартҳои дигар лозиманд.

145. Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам) на дар зарф, балки берун аз он нафас мебаровард.

146. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

147. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

148. Яъне, калимоти "Ассалому алайкум"-ро ба забон оварда, дуруд фиристод.

149. Ин ҷо мавридҳое дар назар дошта шудаанд, ки одам мегӯяд: "Қасам ба Аллоҳ, ки ту бояд зиёфати маро бичашӣ!" ва ба ин монанд.

150. Ба ҳамин монандро ат-Тирмизӣ нақл карда, гуфтааст: *"Ҳадиси хуб аст."*

151. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

152. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

153. Ба дигар маънӣ, нигоҳи одам тасодуфан ба чизе наафтад, ки диданаш мумкин нест.

154. Абу Зар (р), мехост, ки бехатарии пайғамбар (салаллоху алайхи васаллам)-ро таъмин намояд, дар ҳолати пайдо шудани хатаре ӯро ҳимоя кунад.

155. Дар назар дошта шудааст, ки агар ба ту рухсат диҳанд, ворид шав.

156. Ат - Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳ ва номаълум (яъне аз забони фақат як ноқил нақл шудааст)."*

157. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси хубест."*

158. Яъне, даҳонро напӯшида хамёза кашидан.

159. Ат-Тирмизӣ мегӯяд: *"Ҳадиси саҳеҳи хубест."*

160. Сухан аз пӯшидани айбу хатоҳои дигарон аст.

161. Мардоне дар назар дошта шудаанд, ки мисли занон қадам мезананду сухан мегӯянд.

# МУНДАРИҶА


*САРСУХАН* ........................................................................ 3

## 1. МУСУЛМОН БО ПАРВАРДИГОРИ ХУД

Мӯъмини бофаросат........................................................................ 9
Вай ба фармудаи парвардигори худ итоат мекунад........................................ 10
Вай дар назди ҳамқавмони худ масъулият эҳсос мекунад .................................. 11
Вай аз қазову қадари Аллоҳ розӣ мебошад ................................................ 11
Тавбагар ........................................................................ 12
Вай мекӯшад то Парвардигори Худро мақбул бошад ........................................ 13
Вай на фақат аҳкоми шариатро ба ҷо меоварад ва аркони онро риоя мекунад, балки кори аз ин зиёдтареро анҷом медиҳад........................................ 14
Вай таҷассумгари ақидаҳои ибодати Аллоҳ мебошад........................................ 30
Ӯ Қуръонро зиёд мехонад........................................................................ 32

## 2. МУСУЛМОН БО ХУДИИ ХУД

Муқаддима ........................................................................ 35
А - Ҷисми ӯ........................................................................ 36
Б - Шуури ӯ ........................................................................ 46
В - Рӯҳи ӯ ........................................................................ 52
Вай бо рафиқони парҳезгор ҳамеша муомила мекунад ва дар мулоқоти мӯъминон ширкат меварзад........................................ 53
Ӯ ҳар замон суханону дуои пайғамбар (салаллоҳу алайҳи васаллам)-ро такрор мекунад........................................ 55

## 3. МУСУЛМОН БО ВОЛИДОНАШ

Вай нисбат ба онҳо эҳтиром зоҳир менамояд ........................................ 58
Вай медонад, ки онҳо чӣ мақом ва нисбат ба ӯ чӣ масъулияте бар ӯҳда доранд ........................................ 58
Ӯ онҳоро эҳтиром мекунад, агарчи мусулмон ҳам набошанд........................................ 64
Вай сахт метарсад, ки саркашӣ аз онҳо кунад........................................ 65
Вай қабл аз ҳама нисбат ба модари худ эҳтиром зоҳир менамояд ва баъд ба падари худ ........................................ 66
Вай онҳоро низ эҳтиром мекунад, ки онҳоро волидонаш дӯст медоранд..... 68

## 4. МУСУЛМОН БО ҲАМСАРИ ХУД

Муносибати ислом бо никоҳ ва зан........................................ 71
Зане, ки мусулмон ҷустуҷӯ мекунад........................................ 72
Дар ҳаёти оилавии худ вай ҳамеша фармоишоти исломро иҷро мекунад.. 74

Мусулмони асил шавҳари намунавӣ мебошад .................... 80
Вай ҳамсари худро дарк мекунад.................... 87
Вай ба дараҷаи зарурӣ барои ҳамсари худ ғамхорӣ зоҳир мекунад........... 88

## 5. МУСУЛМОН БО ФАРЗАНДОНАШ

Сарсухан .................... 96
Вай масъулияти худро дар баробари фарзандон эҳсос мекунад.................... 97
Вай барои тарбияи онҳо беҳтарин усулҳоро истифода мебарад.................... 98
Фарзандонро имкон диҳед дарк созанд, ки ӯ дӯстдори ғамхорашон мебошад .................... 100
Вай сарвати худро саховатмандона сарф мекунад ва аз ин мамнун мешавад.................... 103
Миёни писарону духтаронаш фарқ нагузошта нисбати онҳо меҳрубонӣ зоҳир менамояд ва дороии худро харҷ мекунад.................... 105
Вай ҳар чиро, ки барои ташаккулу тавҷеҳи онҳо зарур аст, ба эътибор мегирад.................... 107
Вай бо ҳамаи фарзандонаш як хел муносибат мекунад.................... 109
Вай фарзандонро ба хислатҳои олии ахлоқӣ одат мекунонад.................... 111

## 6. МУСУЛМОН БО ХЕШУ АҚРАБОИ ХУД

Акрабо.................... 113
Эҳтироме, ки дар ислом бо хешовандони ҳамхун карда мешавад.................... 113
Мусулмон одоби хешутабориро тибқи дастуроти ислом риоя мекунад.................... 121
Вай аз хешовандони худ, ҳатто агар онҳо ғайри мусулмон бошанд ҳам робитаашро қатъ намекунад .................... 125
Вай пайванди хешутабориро ба маънои васеъи ин сухан дарк мекунад.................... 127
Вай пайванди хешутабориро нигоҳ медорад, ҳатто агар хешовандонаш ин корро накунанд.................... 127

## 7. МУСУЛМОН БО ҲАМСОЯГОНИ ХУД

Вай нисбат ба ҳама дигар одамон бо ҳамсоягони худ хубтар муносибат мекунад .................... 131
Он чиро, ки ислом водор месозад то ба ҳамсояи худ некӣ бикунӣ, вай нек медонад.................... 131
Мусулмони ҳақиқӣ нисбат ба ҳамсояи худ олиҳиммат мебошад.................... 133
Вай ба ҳамсоя ҳамонро мехоҳад, ки ба худ мехоҳад.................... 134
Сабаби фақри инсоният набудани мусулмони хушахлоқ аст.................... 136
Мусалмон ба ҳамсоягони худ ба қадри тавонаш накӯӣ мекунад.................... 136
Вай ба ҳамсоягони мусулмон ҳамчунин, ғайримусулмони худ некӣ мекунад .................... 138
Вай қабл аз ҳама ба оне некӣ мекунад, ки дар наздики ӯ зиндагонӣ дорад.. 139
Мусулмони асил ҳамсояи беҳтарин мебошад.................... 140

Ҳамсояи бад одамест, ки аз хайрияти имон маҳрум шудааст........................ 141
Ҳамсояи бад одамест, ки корҳои вай барабасрафта мебошанд..................... 142
Мусулмони асил шарафу номуси ҳамсояи худро ҳимоя мекунад................ 143
Вай некӣ карда ба хатос роҳ намедиҳад.................................................... 145
Вай ба нохушиҳои хурду ночиз ва озоре, ки ҳамсояаш ба ӯ мерасонад, тоқат мекунад ..................................................................................... 147
Вай ба ҳамсояи худ барои бадӣ бо бадӣ ҷавоб намегӯяд.............................. 148

## 8. МУСАЛМОН БО БАРОДАРОН ВА ДӮСТОНИ ХУД

Вай онҳоро барои Аллоҳ дӯст медорад..................................................... 150
Ҷои бародарон дар назди Аллоҳ.............................................................. 151
Таъсири муҳаббат ба Аллоҳ дар ҳаёти мусулмон........................................ 155
Вай аз бародарони исломии худ ҷудо намешавад ва онҳоро тарк намекунад........................................................................................................ 157
Вай гуноҳи бародаришро мебахшад ва нисбат ба онҳо олиҳиммат аст.......... 162
Вай бародарону дӯстонашро бо чеҳраи кушода пешвоз мегирад.................. 163
Вай бо бародарону дӯстонаш самимист..................................................... 165
Вай табиатан накӯкору содиқ аст............................................................... 168
Вай бо бародарони худ меҳрубон аст........................................................ 170
Вай онҳоро ғайбат намекунад.................................................................... 172
Вай бо эшон ба баҳс намедароянд, аз ҳазли беҷо худдорӣ намояд ва ба ваъда хилоф намекунад.................................................................................. 174
Вай бародаронашро дар ҳузури худ бартарӣ медиҳад.................................. 174
Вай ба Аллоҳ барои бародаронаш дар ғайбашон низ дуо мекунад............... 180

## 9. МУСАЛМОН БО ҶАМЪИЯТИ ХУД

Пешгуфтор................................................................................................ 183
Ҳақиқатдӯст .............................................................................................. 184
Вай фиреб намедиҳад, қаллобӣ намекунад ва аҳди худро намешиканад......... 185
Ҳасад намебарад......................................................................................... 187
Вай самимона муносибат мекунад ............................................................. 190
Вай ба масъулияту вазифаҳои худ содиқ аст ............................................... 192
Вай некӯхислат мебошад............................................................................. 195
Вай шармгин аст......................................................................................... 200
Вай меҳрубони одамон аст.......................................................................... 202
Вай раҳму шавқат дорад ............................................................................. 207
Вай аз хатои дигарон дармегузарад ............................................................ 211
Вай олиҳиммат аст ..................................................................................... 218
Вай хандонрӯст .......................................................................................... 218
Вай мулоимтабиат аст ................................................................................ 219
Вай ҳалим аст ............................................................................................ 222
Вай аз бадзабонӣ ва ҳама гуна фаҳш ҳазар мекунад.................................... 225
Вай касеро ба бешарафӣ ё беимонӣ гунаҳкор намекунад, то ба ин чиз

асоси қонунӣ надошта бошад........ 229
Шармгин ва айбпӯш........ 230
Вай бо он чӣ, ки ӯро дахл надорад, дахолат намекунад........ 233
Вайро ғайбату мубҳамӣ бегона аст........ 235
Вай аз дурӯғ гуфтан худдорӣ мекунад........ 237
Вай аз хаёли бад дар бораи одамон дурӣ меҷӯяд........ 238
Вай асрорро пинҳон дошта метавонад........ 242
Дар ҳузури шахси дигар гӯшакӣ намекунад........ 244
Ӯро такаббур хос нест........ 245
Вай хоксор аст........ 248
Вай касеро масхара намекунад........ 250
Вай калонсолонро ва онҳоеро, ки дорои сифате ҳастанд, эхтиром мекунад........ 250
Вай бо одамони дуруст мулоқот мекунад........ 254
Вай кӯшиш мекунад, ки ба одамон манфиат оварад ва аз онҳо бадиро дур созад........ 257
Вай мусулмонро оштӣ медиҳад........ 264
Вай ба ҳақиқат даъват мекунад........ 266
Вай одобу амри шариатро талқин карда, наҳйи мункар мекунад........ 269
Вай боадабона ва ҳакимона даъват ба амал меоварад........ 274
Вай мунофиқ нест........ 278
Ба ӯ худнамоиву манманӣ бегона аст........ 282
Вай ростиро меписандад........ 286
Вай беморонро аёдат мекунад........ 288
Вай ҷанозаҳо меравад........ 293
Вай хубиро қадр мекунад ва ба он ташаккур мегӯяд........ 301
Вай бо одамон робитаҳо дорад ва озоре, ки онҳо мерасонанд ба таҳаммул паси сар менамояд........ 302
Вай ба осон кардани кор мекӯшад, на барои эҷоди мушкилӣ........ 305
Вай боинсофона ҳукм мекунад........ 306
Вай касеро зулм намекунад........ 308
Вай корҳои шоистаро дӯст медорад........ 310
Вай ҳангоми талаффузи калимаҳо аз ҳад зиёд ҷидду ҷаҳд ба харҷ намедиҳад........ 311
Вай аз бадбахтии касе шодӣ намекунад........ 312
Вай олиҳиммату саховатманд аст........ 312
Вай онеро, ки инъом додааст, таъна намезанад........ 329
Вай меҳмоннавоз аст........ 330
Вай дигаронро дар баробари худ бартарӣ медиҳад........ 335
Вай онҳоеро, ки мушкиле доранд, тасалло медиҳад........ 337
Вай хоксор аст ва аз талабидан худдорӣ мекунад........ 340
Дӯстдоранда ва дӯстдошташуда аст........ 341
Вай одатҳои худро бо доираи одоби исломӣ мувофиқ мекунад........ 344
Вай ҳангоми хӯрдану нӯшидан меъёрҳои ахлоқии исломро риоя мекунад........ 348

Вай одамонро дуруд мефиристад.................................................................. 357
Вай бе иҷозат ба ҷое дохил намешавад, магар ба хонаи худ......................... 363
Вай дар он ҷое менишинад, ки холист................................................................ 369
Вай то имкон дорад, дар ҳузури дигарон хамёза намекашад......................... 371
Вай ҳангоми атса задан меъёри ахлоқи исломиро риоя мекунад................. 371
Вай ба хонаи бегона бодиққат нигоҳ намекунад............................................. 374
Вай худро ба занон монанд намекунад............................................................. 375

«Инак, зиёда аз даҳ сол мешавад, ки ҳушу ёди маро масъалаи рӯшанӣ андохтан ба шахсияти мусалмон аз нуқтаи назари ислом ба худ машғул медорад. Ин хоҳиш дар ман вақте пайдо шуд, ки дар коре беэҳтиётӣ зоҳир намудан ва дар коре ба хато роҳ додани мусулмонони зиёдеро мушоҳида кардам. Ба дигар маънӣ, пай бурдам, ки эшон ба як чиз бештар эътибор дода, нисбат ба чизи дигар аз ҳад зиёд саҳлангорӣ мекунанд. Масалан, мебинӣ, ки шахсе ба Аллоҳ итоаткориву тобеъият зоҳир менамояд, вале барои нигоҳ доштани пайванди хешутаборӣ бо наздикони худ камтар эътибор медиҳад. Ё шоҳид мешавӣ, ки ӯ ба тоату ибодат машғул буда, ба дониш андӯхтан саъю талош дорад, аммо ба кори тарбияти фарзандонаш ба таври бояду шояд эътибор намедиҳад, барои вай чӣ хондан ва бо кӣ дӯстӣ доштани фарзандонаш аҳамият надорад. Ё шахсе ба тарбияти онҳо машғул аст, лекин нисбат ба волидонаш беитоатӣ ва хунукназарӣ зоҳир мекунад. Ё мебинӣ, ки фармонбардори волидонаш аст, аммо ҳамсари худро озор медиҳад, бо ӯ муомилаи бад дорад. Ё вай бо ҳамсаришу фарзандонаш хуб муносибат мекунад, вале муносибати ӯ бо ҳамсоягонаш ончунон нест, ки хуб гуфта тавонӣ. Ё ин шахс он қадар ба кору бори худ ва ба он чӣ ки маҳз ӯро манфиат мебахшад, банд аст, ки барои робита пайдо кардан бо ҷамъият фурсат намеёбад, ӯро зиндагии мусалмонон заррае ба ташвиш намеоварад. Ва ниҳоят, шоҳид мешавӣ, ки ӯ ба дини худ эътиқоди қатъӣ дорад, вале нишондодҳои исломро вобаста ба одоби салом, хӯрдану ошомидан, муносибату муомила дуруст риоя намекунад ва ҳоказо...»

*Муҳаммад Алӣ ал-Ҳошимӣ*

НАШРИЁТИ «НОДИР»